ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

*(Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ)*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

***Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни***

*(Серия 2. Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин)*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

*(Series 2: pedagogy and Phychology, Theory and teaching methods)*

**№4 (14)**

**Душанбе – 2022**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022 таҳти № 230/ЖР – 97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

***ISSN 2708 - 5759***
**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Почтаи электронӣ:**
**vestnik. tgpu@gmail. com**

**Сомонаи маҷалла:**
**http: //pedagog.tgpu.tj**
**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинов Дониёр Шомаҳмадович*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Котиби масъул: Холов С.С.***
*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary.ru*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Маҷидова Б.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуъмонов М.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Нуров А.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022***

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 27 января 2022 года за № 230/ЖР-97*

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Электронная почта:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сайт журнала:**
http: // **pedagog.tgpu.tj**

***Главный редактор*: *Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло* -** *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*
***Зам. главного редактора*: *Сангинов Дониёр Шомахмадович*** - *доктор юридических наук,профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

***Ответственный редактор*: *Холов С.С.***

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru*

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
***Маджидова Б.*** - *доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов М.*** - *доктор педагогических наук, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** – *доктор педагогических наук, профессор*
***Иматова Л.М.*** - *доктор педагогических наук, доцент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** – *доктор педагогических наук, доцент*
***Нуров А.*** - *доктор педагогических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2022***

*The magazine is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from January 27, 2022 under No. 230 / JR-97*

**Phone:** (+992 37) 224-20-12

**Fax:** (+992 37) 224-13-83

**E-mail:** vestnik. tgpu@gmail. com

**Journal website:** http: // **pedagog.tgpu.tj**

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of historical sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief*: Sanginov Doniyor Shohmamadovich*** *- Doctor of Low sciences, professor, scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

***Executive Editor: Kholov S.S.***

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova B.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nugmonov M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Sharipova D.Y.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Imatova L.M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Saifulloev H.G.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Aliev S.N.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nurov A.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*

***© Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2022***

## МУНДАРИҶА /СОДЕРЖАНИЕ
## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАУК

***Маҷидова Б.*, *Раҳмонова Н.Ҳ.***
Мутобиқшавии кӯдакони синни барвақти бачагӣ ба шароити муассисаи томактабӣ ...... 8
***Абзалов И.А.***
Конфликтология спорта его аспекты и анализы ........................................................... 14
***Намозов Т.Б.***
Формирования здорового образа жизни у учащихся старших классов
в педагогической науки ...................................................................................................... 19
***Разоқов Х.С.***
Хусусиятҳои анъанаҳои миллӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии
насли наврас ....................................................................................................................... 24
***Ёров А.Б., Маҷидова Б.***
Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар ташаккули салоҳиятнокии техникии мураббиён ................................................................................................................ 29
***Баротова Г.Ю.***
Профессиональная деятельность как сформированное
социально-культурное явление ........................................................................................ 33
***Ҷомиев Ҳ.Н., Умаров У.С.***
Самтҳои асосии фаъолияти омӯзгори физика оид ба касбинтихобкунии
хонандагон........................................................................................................................... 39
***Ҳасанов Х.Р.***
Вайроншавии қобилият ва малакаи хондан ва навиштан дар хонандагони синфҳои
ибтидоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ................................................................ 48
***Суриева Ш.***
Роҳҳои ташаккули ифтихори ватандории наврасон дар муассисаҳои
таҳсилоти умумӣ ................................................................................................................. 52
***Назарова Р.А.***
Роҳҳо ва усулҳои истифодабарии афсона дар инкишофи зеҳнии кӯдакон ...................... 56
***Абдуназарзода Ш.А., Курбонзода Х.***
Роль теоретических исследований в развитии профессиональных компетенций учителей общеобразовательный школ ......................................................................................... 60
***Кадамов К.Х.***
Процесс воспитания в инновационном вузе ..................................................................... 68
***Хайруллоев Б., Рамазонов Д.***
Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои суруд ва
мусиқӣ.................................................................................................................................... 71
***Нурзода М.А.***
Особенности формирования нравственных качеств у учащихся
средних общеобразовательных учреждений..................................................................... 77
***Нуров Н.А.***
Нақши таҷрибаи омӯзгорӣ дар тайёрии касбии муаллимони оянда
забонҳои хориҷӣ.................................................................................................................... 83
***Исмонов Ф.Ҳ.***
Асосҳои методӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълими як ғазали
Ҳофизи Шерозӣ дар синфи 9 .............................................................................................. 88
***Шоимардонов Д.А.***
Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таҳсилотии муассисаи
таҳсилоти олии ҳарбӣ .......................................................................................................... 94

***Мӯминова И.С.***
Фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва мавқеи усулҳои фаъоли таълим дар рушди он ........ 102
***Одинаев К.Б.***
Таълими интерактивии забони хориҷӣ: мазмун ва муҳтавои мафҳумҳои асосӣ ........ 107
***Қодирзода Р.Қ.***
Нақш ва ҷойгоҳи анъанаҳои миллӣ дар тарбияи меҳнатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ........ 115
***Абдулхонов У.Ш.***
Интихоб ва ташкили самараноки мундариҷаи таълим бо унсурҳои байнифарҳангӣ ........ 121
***Файзалиев Дж.Дж.***
Файзулло Шарифзода о дидактических требованиях в процессе реализации интегрированного обучения ........ 126

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ НАУК

***Маҷидова Б., Рустамова З.Т.***
Нақши калонсолон дар шаклгирии ҳисси дилбастагӣ дар кӯдакони синни барвақти бачагӣ ........ 134
***Норова З.И., Каримзода М.Б..***
Ҷанбаҳои психологӣ дар фаъолияти педагогии марказҳои инкишофи кӯдакон ........ 141
***Худойдодова Ф.С., Фарида К.***
Таъсири гормонҳо ва роҳҳои пешгирӣ кардани ҳолатҳои стрессӣ ........ 146
***Сафарова Д.Б.***
Талаботҳои шахс ҳамчун омили ташаккулёбии қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синни хурди мактабӣ ........ 153
***Курбонов Н.Х.***
Образовательное пространство как фактор, определяющий уровень психологического здоровья педагогов ........ 158
***Латифзода С.З., Бозоров А.***
Ҷанбаҳои психологии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ........ 164

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ТАБИӢ / МЕТОДИКИ ПРЕПОДОВАНИЯ ГУМАНИТАРНЫХ И ЕСТЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН

***Нугмонов М***., ***Назаров А.П., Умедҷони Х.***
Методикаи ба хонандагон омӯзонидани барномасозии “Сатри равон” дар графикаи компютерӣ ........ 168
***Қаюмов А.Ч., Сухроби Р.С.***
Кори мустақилонаи ҳатмии муаллимони оянда факултети забони англисӣ дар низоми кредитии таҳсилот дар донишгоҳи омӯзгорӣ ........ 174
***Рахматова Ш.И., Гургулиева О.Х.***
Межпредметные связи в процессе формирования профессиональной компетенции на занятиях по русскому языку (на примере естественно-научных направлений) ........ 180
***Бозоров Х***.
Мусоидати методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол ........ 183

***Баротзода К.А.***
Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотии омӯзгорони оянда дар раванди таҳия кардани корҳои курсӣ ва рисолаи хатм ................................ 190
***Ибрагимова М.А., Умаров У.С.***
Арзёбии ташаккулдиҳанда ва методҳои амалигардонии он.......................................... 198
***Чариева С.А.***
Изучение темы витаминов при помощи кейс метода в 10 классе как средства развивающего научного мировоззрения учащихся ....................................................... 207
***Гадоев К.Х., Шамсова Б.Қ.***
Хусусиятҳои ташаккули салоҳияти лексикӣ ҳангоми таълими забони англисӣ ............ 212
***Собиров А.Ш.***
Обсуждение проведённых экспериментов для повышения качества успеваемости студентов и учеников ............................................................................................. 219
***Сайдаҳмадзода Д.Л., Раҷабова Б.В.***
Баъзе масъалаҳои тарбия ва маърифати экологии ҷомеа дар замони истиқлолият ....... 238
***Бегимов Ҳ.Х.***
Таҳлил ва рафъи мушкилот ба ташаккули донишҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ....... 243
***Баротзода К.А.***
Асосҳои назариявӣ ва методии ташкил кардани фаъолияти тадқиқотии омӯзгорониояндаи биология дар Донишгоҳи омӯзгорӣ ...................................................................... 254
***Собиров А.Ш.***
Один логический вывод из обсуждения проведённых экспериментов........................... 271
***Иброҳимов Э.Д.***
Усули таълими як ғазали Саъдии Шерозӣ вобаста ба муносибати босалоҳият дар курси таърихи адабиёт ................................................................................................................ 278
***Назаров Д.А.***
Ташаккул додани маҳорати графиксозии хонандагони синфи VII ҳангоми омӯзиши мавзӯи «функсияҳо ва графикҳои онҳо» тавассути компютер ...................................... 284
***Ҷабаров М.М.***
Хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳои математикӣ дар синфҳои 5-6................................ 288
***Сулаймонова Н. С.***
Машқҳо ва усулҳои муосири таълими луғати забони англисӣ дар синфҳои болоии макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ .................................................................................. 296
***Суфибекова М.А.***
Структура и семантика безличных предложений в русском и таджикском языках ....... 302
***Раҳимов Ҷ.Х.***
Роҳҳои ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ................................................................................................................. 306
***Бобоқулов М. А.***
Омӯзиши математика тавассути мисолу масъалаҳои таърихӣ ....................................... 312
***Норов Р.***
Масоили методологии истифодаи маводи таърихӣ дар таълими геометрия ................. 317
***Гадоева И.С.***
Методи гомотетӣ дар созиши масъалаҳои геометрӣ ...................................................... 323

УДК:891.550-1+37

# МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ СИННИ БАРВАҚТИ БАЧАГӢ БА ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТОМАКТАБӢ

***Маҷидова Б., Раҳмонова Н.Ҳ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Мутобиқшавӣ ин одаткунонидани организм ба шароити нав мебошад ва барои кӯдак бошад муассисаи томактабӣ бе шубҳа фазои нав бо муҳит ва муносибатҳои нав аст. Тағйир додани тарзи зиндагӣ пеш аз ҳама ба вайрон шудани ҳолати эмотсионалии ӯ оварда мерасонад. Шарти зарурии мутобиқшавӣ бомуваффақият ҳамоҳангсозии амали волидон ва мураббиён мебошад. Ҳатто пеш аз ворид шудани кӯдак ба гурӯҳ, мураббия бояд бо оила робита барқарор кунад. Вазифаи мураббия аз он иборат аст, ки калонсолонро бовар кунонда онҳоро даъват кунанд, ки хуҷраҳои гурӯҳро аз назар гузаронанд, ҷевон, кат, бозичаҳоро нишон диҳанд, бигӯянд, ки кӯдак чӣ кор мекунад, чӣ бозӣ мекунад, реҷаи ҳаррӯзаро муаррифӣ мекунад ва чӣ гуна ба мутобиқшавӣ мусоидат карданро якҷоя муҳокима кунанд. Дар навбати худ падару модарон бояд ба маслиҳатҳои мураббия бодиққат гӯш диҳанд, мушоҳидаҳо ва хоҳиши ӯро ба назар гиранд. Агар кӯдак дар байни волидон ва мураббия муносибати хуб ва дӯстонаро бинад, вай ба муҳити нав хеле зудтар мутобиқ мешавад. Ҳамин тавр, мутобиқ намудани кӯдаки хурдсол ба шароити муассисаи томактабӣ сафарбар намудани қувваҳои касбии тамоми коллективӣ педагогиро равона кунанд.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши кӯдакони синни барвақти бачагӣ, (то 3солаҳо) ки ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта мешаванд, зиёд шудаанд. Маълум аст, ки барои бисёре аз падару модарон масъалаи мутобиқшавии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ хеле вазнин мегузарад ва кӯдакон бори аввал аз олами пӯшидаи оилавӣ ба ҷаҳони васеъи робитаҳои иҷтимоӣ мегузаранд. Ин ба хусусиятҳои синну солии барвақти бачагӣ хос аст.

Дар ин синнусол кӯдакон аз ҷиҳати эмотсионалӣ ноустуворанд. Ҷудоӣ аз наздикон ва тағйирот дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо эҳсосоти манфӣ ва тарсу ҳаросро ба вуҷуд меорад. Муддати дароз дар ҳолати изтироб (стресс) мондани кӯдак метавонад сабаби асабоният, бемории невроз, гар.дида ба сустшавии суръати рушди психофизикӣ оварда расонад. Оила кӯдакро бояд ба муассисаи томактабӣ омода намояд, чунки ба рафти мутобиқшавӣ ва инкишофи минбаъда ба давраи мутобиқшавӣ алоқаманд аст. Барои осон кардани давраи мутобиқшавии кӯдакон ба оила ёрии касбии тиббӣ, психологӣ-педагогӣ лозим аст.

Мутобиқшавӣ пеш аз ҳама ҳамчун як масъалаи тиббию педагогӣ муайян карда мешавад, ки ҳалли он фароҳам овардани шароит, қонеъ кардани талаботи кӯдак ба муошират, ҳамкории зичи оила бо муассисаи томактабӣ, нигоҳубини хуби тиббӣ ба кӯдакон ва ташкили дурусти раванди тарбияро талаб мекунад, ки онро таҳилотҳои илми (Н.М. Аксарина, Н.М. Шелованов, М.Ю. Кистяковская) ва таҷрибаи амалӣ исбот намудааст.

Масъалаи мутобиқшавии кӯдакони синни барвақти бачагӣ боқӣ мемонад, зеро роҳҳои беозори мутобиқшавии кӯдакон, фароҳам овардани шароит барои кӯдакони сатҳи гуногуни мутобиқшавӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳоро ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Албатта, кор бо мутобиқсозӣ бояд бо волидайни онҳо дар якҷоягӣ ба роҳ монда шавад ва ворид шудани кӯдак ба муассисаи томактабӣ аллакай дар оила оғоз шавад.

Таҳлили таҳқиқотҳои А.Н.Аксарина, Н.Д.Ватутина, Г.Г. Григорьева, Р.В. Тонкова-Ямпольская ва дигарон нишон медиҳад, ки дар педагогикаи томактабӣ ва психологияи бачагона масъалаи ба шароити муассисаи томактабӣ мутобиқ гардонидани кӯдак ҳаматарафа омӯхта шуда истодааст.

Дар татқиқотҳо вобастагии сатҳи мутобиқшавии кӯдаконро ҷудо намудаанд; ошкор намудани омилҳое, ки ба характер ва давомнокии давраи мутобиқшавӣ таъсир меравсонанд; коркарди тавсияҳо ба мураббиён ва волидайн оид ба тайёр намудани кӯдак барои воридшавӣ ба муҳити муассисаи томактабӣ; ташкили давраи мутобиқшавӣ ба муасисаи томактабӣ; таъмин намудани ёрии психологӣ а) кӯдак б) волидон дар давраи мутобиқшавӣ. [1]

Пас аз ба дунё омадан, кӯдак бо муҳити зист муносибати махсус пайдо мекунад, чунки он сарчашмаи асосии инкишофи вай баромад намуда як навъ ангезаеро амалӣ мекунад, ки равандҳои дохилию берунии инкишофро таъмин менамояд. Аз ин сабаб Л.С. Виготский рушди кӯдакро ба муҳит вобаста дониста характери фарҳангӣ-таърихӣ доштани тафаккури инсонро таъкид кардааст. [4]

Қабули кӯдак ба муассисаи томактабӣ ҳамеша бо мушкилоти бузурги равонӣ алоқаманд аст, ки он гузаштан аз муҳити ошно ва оддии оила ба муҳити муассисаи томактабиро дар бар

мегирад. Дар ин ҷо ҳама чиз нав, ғайриоддӣ ва баъзан ҳатто даҳшатовар мегардад: ҳуҷраи дохилии ғайриоддӣ, вохӯрӣ бо кӯдакон ва калонсолони ношинос, шумораи зиёди ҳамсолон, шаклҳои нави муошират, бозиҳои дастаҷамъӣ ва машғулиятҳо, хоб дар як ҳуҷраи умумӣ ва ғайраро барои кӯдакон ғайриоддӣ ба назар мерасанд. Кӯдакон бо тарзҳои гуногун мушкилоти мутобиқшавӣ ба муассисаи томактабиро аз сар мегузаронанд. Дар вақтҳои аввал баъд аз ба муассисаи томактабӣ ворид шудан кӯдаки асабонӣ, таассуротчӣ гардида, метавонад хоб ва иштиҳояшро гум кунад, хоҳиши бо ҳамсолон бозӣ карданро намекунад, аксар вақт пинҳон шудан мехоҳад, ба гӯшаи ором меравад.

Волидон бояд донанд, ки ҳолати нороҳатии эмотсионалии кӯдак метавонад боиси коҳиши муқовимати бадан бо барангезандаҳо гардад. Ин аст, ки кӯдакон дар давраи мутобиқшавӣ метавонанд бемор шаванд. Баъзе кӯдакон малакаҳои мавҷударо гум мекунанд. Масалан, дар хона кӯзаро барои қазои ҳоҷат (горшок) истифода мебаранд, аммо дар муассисаи томактабӣ онро рад мекунад. Дар чунин ҳолатҳо волидайн бояд кӯдакро сарзаниш накунанд. Зеро ҳамаи вайронкориҳои дар боло зикршуда дар рафтори кӯдак дар давраи мутобиқшавӣ оҳиста-оҳиста мегузараду тамоми маҳораташ барқарор мешавад. Волидайн дар якҷоягӣ бо муассисаи томактабӣ бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд, то кӯдак ба шароити нав мутобиқ шавад, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳи камтарин осеб ёбад. Яке аз шартҳои тез мутобиқшавии кӯдак ба муҳити нави муассисаи томактабӣ ин пешакӣ огоҳ кардани ӯ оид ба ивазшавии муҳити нави иҷтимоӣ, ки дар он мураббия, ҳамсолон, талаботҳои реҷаи рӯз вуҷуд доранд ва ҳатман таъкид намудани он, ки ӯ хеҷ гоҳ дурудароз аз модару аҳли хонавода дур намегардад. Ин амал бо кӯдак имконият медиҳад ба мураббия ва ҳамсолон муошırату муносибат барқарор намуда барои мустақил будан кӯшиш намояд. Муҳим он аст, ки дар кӯдак хоҳиш ва шавқу рағбати барои бо ҳамсолон муошırату муносибат кардан, якҷоя бозӣ намудан, бовар кардан ба қувваю имкониятҳои мусбати шахсӣ, (бартараф карда тавонистани монеаҳо, мушкилотҳо дар муошират ва ғайраҳо) тарбия карда шавад.

Кормандони муассисаи томактабӣ ба оила дасти ёрӣ дароз менамоянд. Муассисаи томактабӣ дар ҳамаи масъалаҳои инкишоф ва тарбия бояд дар робита бо волидон бошад. Волидон метавонанд пеш аз ба муассисаи томактабӣ бурдани кӯдак мураббияро ба манзил даъват намуда дар муҳити хонавода ӯро бо фарзанди худ шинос намоянд. Кӯдак ҳис намояд, ки мураббия шахси наздики хонавода буда эътирофу эҳтироми шахсияти ӯ чун шахси арзишманд муҳим аст. Дар навбати худ мураббия бо волидон сӯҳбат намуда оид ба хусусиятҳои фардии кӯдак, муҳити тарбиявии оила шинос шуда дар муассисаи томактабӣ дар давраи мутобиқшавӣ аз онҳо истифода мебарад.

Волидон метавонанд пешакӣ кӯдакро ба кӯдакони гурӯҳ, мураббия, муҳити кӯдакони дигар бо сӯҳбати ҳаловатбахш ҷалб намоянд. Муҳим аст, ки кӯдак пеш аз ба дунё омадани укочаю хоҳарчааш ба муассисаи томактабӣ раванд. Дар ин ҳолат ӯ худро одами нодаркор, маҳрумшуда аз меҳру навозиши волидон ҳис намекунад ва бо оила ворид шудани кӯдаки навро хушҳолона қабул намуда ӯро пазироӣ менамояд. Пас аз ду соли аввали ҳаёт мутобиқшавӣ ба шароити нав каме зудтар ба амал меояд, зеро рушди равандҳои асаб ба вуҷуд меояд. Кӯдакон бештар ҳаракаткунанда мешаванд, ба бозичаҳои нав, машғулиятҳо шавқу ҳавас пайдо мекунанд, сухани калонсолонро хуб мефаҳманд, онҳо нисбатан оромáнд, таҷрибаи муоширатро бо одамони гуногун пайдо намудаанд.

Вале набояд фаромуш кард, ки кӯдакони ҳамин синнусол ба шароити нав бо роҳҳои гуногун одат мекунанд. Ин ба хусусиятҳои инфиродии системаи асаби онҳо вобаста аст. Барои осон кардани мутобиқшавии кӯдак ба муассисаи томактабӣ, ӯро ба ин марҳилаи душвори ҳаёт пешакӣ омода кардан лозим аст. Пешакӣ, бояд тамоми реҷаи рӯзе, ки кӯдак дар хона риоя мекунад барвақт аз хоб хестан, машқҳои пагоҳирӯзӣ кардан, наҳорӣ кардан, хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан, чойи нӯшидан, хӯроки шом хӯрдан ба реҷаи рӯзи муассисаи томактабӣ наздик кардан лозим аст.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ ва биологии кӯдак аёми гузаштан аз хонавода ба муассисаи томактабӣ, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигари синнусолӣ талаб карда мешавад. Барои ин аз мудир, мушовири муассисаи томактабӣ, мураббияи гурӯҳ, равоншинос ташкилу роҳбарии махсуси педагогӣ ба фаъолияту зиндагии кӯдаконро таъмин менамоянд. Вобаста ба вазъият, муносибатҳои байниҳамдигари кӯдакон гузаштан аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигари синнусолӣ дар ҳайати якчанд нафари гузаронида мешаванд, то ҳам ба мураббия ва ҳам ба худи кӯдакон мувофиқ бошад. Муҳим он аст, ки теъдод, синнусол ва сатҳи инкишофи кӯдакон бо талаботҳои барномавӣ ва меъерҳои гурӯҳбандии кӯдакон (мувофиқи синнусол) ҷавобгӯӣ бошад. Кӯдакон бояд бо малакаҳои худхизматрасонӣ ба муассисаи томактабӣ ворид шаванд: ба ҳоҷатхона раванд ё аз ҳоҷатхонаи ҳавлии муассиса мустақилона истифода баранд, либос пӯшанд ва кашанд (калонсолон танҳо кӯмак карда метавонанд), аз асбобҳои хӯрокхӯрӣ ва

сачоқ истифода баранд, аз пиёла нӯшиданд ва ғайра. Ғайр аз ин, дар кӯдак ҳисси коллективизм, қобилияти бо дигар кӯдакон муросо кардан, итоаткориро сари вақт тарбия кардан лозим аст. Дар муассисаи томактабӣ ҳамаи бозичаҳо умумианд ва кӯдак бояд талаботи умумиро риоя кунад.

Ҳангоми бори аввал ба муассисаи томактабӣ супоридани кӯдак руҳияи волидон хурсандию хушҳолиро ифода намуда диққати ӯро бо бозичаҳо, ҳамсолон, бозиҳои якҷоя ҷалб намуда бо ҳамдигар ҳатман дӯст доштан ва мунтазир шуданро таъкид намоянд. Ду-се рузи аввал кӯдакро баъди 2-3 соат, беҳтараш пеш аз хоб нисфирузӣ, ба хона баранд. Махсусан, ҳафтаҳои аввал кӯшиш намудан лозим аст, ки кӯдак охирон дар муассисаи томактабӣ намонад, то ки худро аз хотир фаромушшуда, нодаркор ҳис накунад. Дар давоми чанд рӯз, волидон метавонанд кӯдакро то нисфирӯзи ба муассисаи томактабӣ баранд, тадриҷан ӯро ба мураббия одат кунонанд. Дар моҳҳои аввали тирамоҳ, кӯдакро ба муассисаи томактабӣ фиристодан ба мақсад мувофиқ аст чунки кӯдакон вақти зиёдеро дар берун мегузаронанд. Дар бораи лаҳзаҳои хубу гуворо, ки аёми ҳузур надоштани кӯдак дар муҳити хонавода баргузор гардиданд, бо таври эмотсионалӣ нақл накунанд, то кӯдак худро маҳрумшуда аз хурсандию хушҳолӣ ҳис накунад. Хуб мешуд агар кӯдакро бо навбат падар ва модар ба муассисаи томактабӣ оварда доир ба пешрафту мушкилотҳои давраи мутобиқшавӣ бо мураббия маслиҳату машварат намоянд. Муҳим он аст, ки баъди ба муассисаи томактабӣ омадани кӯдак ба ӯ вақт, меҳру навозиш ва дӯстдориро модар дареғ надорад, то кӯдак пазмонии худро аз дил барорад.

Волидайн бояд ба дархости мураббиён гӯш кунанд, аз хона бозичаҳо, китобҳои дӯстдоштаи кӯдаконро биёранд. Ашёҳои шинос аз муҳити оилавӣ ба кӯдак барои осонтар мутобиқ шудан ба муассисаи томактабӣ кӯмак мекунанд. Волидайн низ бояд ба мураббиён ва кӯдакон дар омода кардани идҳо, шабнишиниҳо, дар тарҳрезии чорабиниҳои гурӯҳҳи кӯмак расонанд. Кӯдак набояд худро аз дигар кӯдакҳо фарқ карда ба дигар кӯдакҳо ҳасад барад.

Волидайн дар ягон ҳолат наметавонанд бо мураббия дар ҳузури кӯдак оид ба ягон масъала гуфтугӯ намоянд. Алоқаи доимӣ бо мураббия ба волидайн имкон медиҳад, ки дар тарбия ва таълими кӯдак ба хатогиҳо роҳ надиҳанд. Барои осон кардани мутобиқшавии кӯдак ба муассисаи томактабӣ, ӯро ба ин марҳилаи душвори ҳаёт пешакӣ омода кардан лозим аст. Барои он ки давраи ба муассисаи томактабӣ мутобиқ шудани кӯдак бомуваффақият анҷом ёбад, падару модарон ба рафтори кӯдак мушоҳида мекунанд ва муайян менамоянд, ки дар ӯ дар кадом вақт кайфияташ хуб мешавад, камтар инҷиқӣ мекунад, хобаш ором мегардад. Минбаъд ба ӯ шахсе лозим нест, ки ӯро ғамхорӣ намояд, ӯ дӯстони нав пайдо карда, бо онҳо дар муассисаи томактабӣ бозӣ мекунад. Вақте ки кӯдак ба муассисаи томактабӣ одат мекунад, барои ӯ ҳаёти ҷолиб оғоз меёбад. Дар он ҷо вай бисёр чизҳои наву фоиданокро ёд мегирад. Кӯдаконе, ки дар муассисаи томактабӣ ба воя расидаанд, нисбат ба кӯдаконе, ки дар хона тарбия ёфтаанд, дар ҷомеа робитаҳои гуногунро барқарор карда метавонанд.

Онҳо амалҳои худро бо рафтори дигар кӯдакон ва калонсолон хубтар мувофиқ карда, эҳсосоти худро идора карданро ёд мегиранд ва ба талаботи мактаб мутобиқ шудан осонтар мешавад. Мунокишаҳое, ки тарбиятгирандагони муассисаи томактабӣ аз сар мегузаронанд, аксар вақт ҳатто ба онҳо фоида меоранд, онҳо ҳимояи манфиатҳои худро ёд мегиранд.

*Як чанд марҳилаи шадиди давраи мутобиқшавӣ вуҷуд дорад:*

*Мутобиқшавии осон*, ки он дар давоми 10-15 рӯз ба анҷом мерасад, кӯдак вазн мегирад, дар коллектив ба таври кофӣ рафтор мекунад, аз муқаррарӣ бештар бемор намешавад.

*Меъёри физиологӣ ва меъёри психологию эмотсионалӣ,* дар давраи мутобиқшавӣ - беморӣ на бештар аз як маротиба дар тӯли 10 рӯз мушоҳида мешавад. Иштиҳо дар рӯзҳои аввал метавонад коҳиш ёбад, баъд ба эътидол ояд. Даст кашидан аз хӯрок мушоҳида карда намешавад.

Дар ҳафтаи аввал мушкилот дар хоб рафтан имконпазир аст ва он метавонад кӯтоҳмуддат бошад. Баъди рӯзи 20 рӯзи мутобиқшавӣ хоб ба ҳолати муқаррарӣ бармегардад.

*Мутобиқшавии миёна,* ки дар он давоми як моҳ ба эътидол омадани кӯдакро таъмин мекунад. Ӯ дар муддати кӯтоҳ вазни худро гум мекунад, беморӣ метавонад 5-7 рӯз давом кунад, аломатҳои фишори равонӣ (стресс) ба назар мерасад.

*Меъёри физиологӣ ва психологию эмотсионалии***,** дар ин давра кӯдак на бештар аз 2 маротиба то 10 рӯз бемор мешавад. Тағйирот дар системаи асаби кӯдак имконпазир аст. Вазн метавонад кам шавад, сояҳо дар зери чашмҳо, арақкунӣ пайдо шавад. Иштиҳо кам мешавад, дар рӯзҳои аввал рад кардани хӯрок ба вуҷуд меояд. Кӯдак нағз хоб намекунад, хоб кӯтоҳмуддат аст, дар хоб фарёд мезанад, бо ашк бедор мешавад. Хоб дар муддати 20-40 рӯз барқарор мешавад.

*Мутобиқкунии шадид,* ки он аз 2 то 6 моҳ давом мекунад. Дар ин марҳила кӯдак аксар вақт бемор мешавад, малакаҳои мавҷударо гум мекунад, хастагии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба амал меояд.

*Меъёри физиологӣ ва психологию эмотсионалӣ кӯдакон дар инҳо ифода мегардад:* аксар вақт бемор мешаванд, макалаҳои худро гум мекунанд, аз ҷиҳати равонию ҷисмонӣ хасташавии организм ба назар мерасад, тағйирот дар системаи асаб ба амал меояд, аломатҳои аксуламалҳои невротикӣ зоҳир мегарданд, ранги пӯст тағйир меёбад, диатез, арақкунӣ, сояҳо дар зери чашм пайдо мешаванд, вазни худро гум мекунад. Иичунин дар ин марҳила вайрон шудани ихроҷ, ихроҷи беназорат, қайкуниҳои невротикӣ имконпазир аст. Иштиҳо тамоман кам мешавад, радкунии доимӣ аз хӯрокхурӣ ба амал меояд, мутобиқшавӣ ба хӯрокҳои нав мушкилотро ба вуҷуд меорад, ва ҳатто кӯдак метавонад аз хӯрок хӯрдан даст кашад. Хоби кӯдак бад мешавад, хобаш кӯтоҳмуддат мегардад, ҳангоми хоб нороҳатӣ мушоҳида мешавад, онҳо метавонанд дар хоб гап зананд. Барқароршавии ҳолати муътадил ва мутобиқшавӣ тақрибан аз 60 то 80 рӯзро дар бар мегирад.

Аксарияти кӯдакон ба муассисаи томактабӣ тез одат мекунанд, дар он ҷо дӯстон пайдо намуда ва дар машғулиятҳо аз омӯхтани чизҳои нав лаззат мебаранд. Аммо ба ҳар як кӯдак вақт лозим аст, то ба шароити тағйирёбанда мутобиқ шавад. Волидон бояд донанд, ки давраи мутобиқшавӣ инфиродӣ буда, метавонад аз чанд ҳафта то чанд моҳ тӯл кашад. Раванди мутобиқшавӣ чӣ қадар дароз давом кунад, кӯдак ҳамон қадар ба модари худ вобастагии зиёд дорад, ӯ ба тағйироти ҳаёти ҳаррӯза ҳассостар мешавад ва одат кардан ба чизи нав мушкил мегардад, системаи асаби ӯ ҳаяҷони мешавад. Кӯдаконе, ки таҷрибаи муошират бо гурӯҳҳои кӯдакони синнусоли гуногун ва калонсолони зиёд доранд, бештар аз оилаҳои серфарзанд ҳастанд онҳо ба муассисаи томактабӣ осонтар мутобиқ мешаванд.

Як қисми кӯдакон ба гурӯҳ дилпурона меоянд, гирду атрофи худро бодиққат аз назар мегузаронанд, бо онҳо чӣ тавр амал карданро интихоб мекунанд ва ба бозӣ шурӯъ менамоянд. Қисми дигари кӯдакон бо боварии кам ин амалҳоро иҷро мекунанд ва зиёдтар мураббияро мушоҳида мекунанд ва амалҳои пешниҳод кардаи ӯро иҷро мекунанд. Баъзеи онҳо бошанд, нисбат ба мураббия ҳисси бадбини зоҳир мекунанд, ҳама пешниҳодҳоро рад мекунанд, барои аз модар дур шудан метарсанд, зиёд ва баланд гиря мекунанд. Чунин намудҳо рафтори кӯдаконро чӣ шарҳ додан мумкин аст? Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд: набудани реҷаи рӯз дар оила, ки он бо реҷаи рӯзи муассисаи томактабӣ мувофиқат намекунад; доштани одатҳои манфӣ; бо бозикунӣ машғул нашудан; набудани малакаҳои зарурии фарҳангию гигиенӣ ва ғайра.

Мушовир ва равоншиносӣ муассисаи томактабӣ бояд дар ҳамдастагӣ бо ҳамшираи тиббӣ, духтур ба мураббия доир ба истифодаи варақаи мутобиқшавии иҷтимоӣ ва биологии кӯдак маслиҳатҳои тиббӣ, педагогӣ-психологӣ дода, дар кори бақайдгирии натиҷаи мушоҳидаҳо, ташкили кори фардӣ мадад расонанд. Онҳо волидонро бо донишҳои тиббӣ, психологӣ ва педагогӣ мусаллаҳ намоянд.

Ҳангоми мутобиқшавии кӯдакони синни барвақти бачагӣ ба муассисаи томактабӣ баҳисобгирӣ назорат ва баҳодиҳӣ ба инкишофи ҷисмонӣ, асабу психикии кӯдак амалӣ карда шаванд. Мувофиқи нишондоди татқиқотҳои илмии Н.М.Шелованов, Н.М.Аксарина, К.Л. Печора, Г.В. Пантюхина, Л.Г.Голубева ва дигарон, ҳангоми назорат ва муайянкунии дараҷаи инкишофи кӯдакони то 3 сола, махсусан, дар давраи мутобиқшавии онҳо ба раванди педагогӣ дар муассисаи томактабӣ, дар навбати аввал ба чунин рафтору амали кӯдак диққати ҷиддӣ дода мешавад:

1. Иштиҳо ва хӯрокхӯрии мустақилона.
2. Ҳолати бардами ё худ ҳаракаткунӣ дар бозӣ-машғулиятҳо, муошырату муносибат.
3. Хусусияти фардии фарққунанда.

Бояд кайд кард, ки рафтору амалҳои дар боло зикр гардида барои мураббия ҳангоми ташкили кор бо волидон оид ба таъмин намудани ҳамкорӣ дар кори таълиму тарбиявӣ ва пешгирии ноқисии инкишофи ҷисмонӣ, асабу-психикии кӯдак зарур аст.

Муассисаи томактабӣ мувофиқи талаботи барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» (2012) бо баробари ташкилу роҳбарӣ ба корҳои таълиму тарбиявӣ, инчунин вазифадор аст дар гурӯҳҳои якуми хурдсолон (аз 1солу 6 моха то 2 сола) ва гурӯҳи дуйуми хурдсолон (аз 2 то 3 солахо) назорат ва баҳисобгирии инкишофи ҷисмонӣ ва асабу психикӣ кӯдаконро роҳандозӣ намояд.

Назорат ва баҳисобгирии инкишофи ҷисмонӣ ва асабу- психикии кӯдак имконият медиҳад муайян карда шавад: 1) мувофиқат кардани дараҷаи инкишоф ба қонуниятҳои синнусолии кӯдак; 2) сари вақт дахолат намудан ба самти инкишоф ва пешгирӣ намудани ноқисӣ, ақибмонӣ дар инкишоф; 3) таъмин намудани ҳамкорӣ бо духтур осебшинос (вобаста

ба хусусияти иллатҳо дар инкишофи ақлию зеҳнӣ, азхудкунии нутқ, ҳолати асабу руҳӣ, узвҳои такягоҳӣ- ҳаракатӣ, рафтори девиантӣ ва ғайраҳо) ва роҳандозӣ намудани кори фардӣ.

Барои таъмин намудани назорат ва ба ҳисобгирии инкишофи кӯдак нишондиҳанда-Стандарти аниқ вуҷуд надорад. Чунки ҳар як кӯдак шахсияти нотакрор буда, он хусусиятҳои ба худ хос ва фардии инкишоф дорад, ки аз заминаҳои биологии инкишоф-хусусиятҳои модарзодӣ баҳрабардорӣ намуда, муҳит, таъсирии тарбиявии волидон бетаъсир намемонад. Масалан, ба инкишофи нутқи кӯдак, тез-тез ба беморӣ гирифторшавӣ, норасоии меҳру муҳаббат ва навозишу дӯстдории калонсолон, душворӣ дар мутобиқшавӣ ба гурӯҳи кӯдакон, худи муҳити муассисаи томактабӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонад.

Мутобиқшавӣ ин раванди ҳамоҳангӣ бо олами беруна мебошад. К.Л.Печера дар раванди мутобиқшавӣ баъзе қонуниятҳоро мушоҳида мекунад. Аввалан, кӯдак то 2-3 солагӣ эҳтиёҷ ба муошират бо ҳамсолон эҳсос намекунад, он ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Дар ин синну сол калонсолон ҳамчун шарики бозӣ, намунаи ибрат баромад карда, талаботи кӯдакро ба таваҷҷӯҳ ва ҳамкории меҳрубонона қонеъ мегардонад. Ҳамсолон инро наметавонанд мубодила кунанд, зеро худи онҳо ба калонсолон ниёз доранд. Бинобар ин кӯдак тез, бемушкилот ба муассисаи томактабӣ зуд мутобиқ шуда наметавонад. [10]

Кӯдаке ки ба модар сахт мечаспад, дуршавӣ аз ӯ боиси эътирози шадиди вай мегардад ва сабаби зуҳуроти инҷиқӣ, якравӣ, гиря, дағалӣ мешавад. Кӯдакони 2-3 сола тарсу ҳаросро аз одамони бегона ва ҳолатҳои нави муошират эҳсос мекунанд, ки дар муассисаи томактабӣ зиёдтар зоҳир мегардад. Тарс яке аз сабабҳои мушкили мутобиқшавии кӯдак ба муассисаи томактабӣ мегардад, Аксар вақт, рӯ ба рӯ шудан бо одамони нав ва муошрату ҳамкорӣ бо онҳо дар муассисаи томактабӣ ба он оварда мерасонад, ки кӯдак бештар ҳаяҷоновар, осебпазир, ашковар мегардад. Дар натиҷа вай бештар бемор мешавад, зеро изтироб қувваҳои муҳофизатии баданро хароб мекунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраи мутобиқшавӣ сатҳи иҷтимоишавӣ, аз ҷумла мавҷудият ё набудани муошрати кӯдак бо ҳамсолон, нақши муҳимро дар ташаккули чунин хислатҳои шахсият, ба мисли ташаббускорӣ, мустақилият, маҳорати бартараф кардани мушкилотҳо дар бозӣ, ёдгирии иҷрои амалҳои мусбат, иҷрои қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ, инкишоф ёфтани нутқ мегардад.

Дар хотима мехоҳем бори дигар қайд намоем, ки давомнокии давраи мутобиқшавӣ аз хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак вобаста аст. Агар кӯдак фаъол, хушмуомила, кунҷкоб бошад, давраи мутобиқшавии ӯ нисбатан осон ва зуд мегузарад. Кӯдаки суст, номутаносиб инкишофёфта бо бозичаҳою ҳамсолон таваҷҷуҳ зоҳир намекунад, якҷоя бозӣ карданро дӯст намедорад аз гуфтугӯӣ ҳамсолон бо овози баланд асабонӣ мешавад. Агар худаш тавонад ҳам хӯрок хӯрдан, либоспӯширо оҳиста анҷом медиҳад, аз ҳама ақиб мемонад. Ҳамаи ин дар муносибати ӯ бо дигарон осори худро мегузорад. Ба чунин кӯдак барои давраи мутобиқшавӣ муддати дарозтар лозим аст. Барои он ки давраи мутобиқшавӣ ба муассисаи томактабӣ тезтар ва оромтар гузарад, усулҳои гуногуни мутобиқкуниро дар якҷоягии волидайн ва кормандони муассисаи томактабӣ истифода бурдан лозим аст. Пеш аз ҳама, бояд муҳити табиии ҳавасмандкунанда фароҳам оварда шавад, ки дар он кӯдак худро бароҳат ва муҳофизатшуда ҳис кунад ва фаъолияти эҷодӣ нишон диҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Аксарина Н.М. Воспитание детей раннего возраста. / Н.М.Аксарина-М.: Просвещение, 1991.-228с.
2. Аксарина Н.М. Воспитание детей раннего возраста в детских учреждениях. / Н.М.Аксарина, Н.М. Щелованов М.: Просвещение, 1949. - 342 с.
3. Божович Л.Н. Личность и ее формирование в детском возрасте. / Л.Н. Божович - М.: Проспект, 2002. - 414 с.
4. Ватутина Н.Д. Ребенок поступает в детский сад. / Н.Д. Ватутина - М.: Просвещение, 1993. - 170 с.
5. Выготский Л.С. Младенческий возраст. Собр. Соч. в 6т. / Л.С. Выготский М.: Педагогика, 1984. - 356с.
6. Григорьевой Г.Г. Педагогика раннего возраста /Под ред. / Г.Г. Григорьевой, Н.П. Кочетковой, Д.В. Сергеевой - М., 1998. - 342с.
7. Козлова С.А. Дошкольная педагогика. / С.А. Козлова, Т.А. Куликова - М.: Владос, 2004. - 416 с.
8. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. / Б. Маҷидова - Душанбе-2015
9. Маҷидова Б. Банақшагирии раванди педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ. / Б. Маҷидова, Ш.Муҳиддинова - Душанбе-2018.
10. Печора К.Л. Дети раннего возраста в дошкольных учреждениях. / К.Л. Печора, Г.В.Пантюхина, Л.Г.Голубева. - Москва «Просвещение» 1986.
11. Соколовская Н.В. - Волгоград: Адаптация ребенка к условиям детского сада: управление процессом, диагностика, рекомендации / Н.В. Соколовская Сост. Учитель, 2008. - 188 с.

## МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ СИННИ БАРВАҚТИ БАЧАГӢ БА ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТОМАКТАБӢ

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои мутобиқшавии кӯдакони синни барвақти бачагӣ (то 3 солаҳо) ба муассисаҳои томактабӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.*

*Ҳадафи мақола. Масъалаи мутобиқшавии кӯдакон ба муҳити нави иҷтимоӣ-гурӯҳи суннусолии муассисаи томактабӣ барои кӯдак, волидону мураббия давраи ҳассос, мураккаб ва масъулиятнок буда он ба ҳисобгирии хусусиятҳои фардии психологию физиологии ҳар як кӯдакро талаб менамояд. Инчунин ин табақаи кӯдакон осебпазир буда барои таъмин намудани инкишофи муътадили онҳо ҳамкории волидону мураббиён талаб карда мешавад. Омода намудани кӯдакон барои мутобиқшавӣ ва аёми мутобиқшавӣ зарурияти истифодаи роҳу усулҳои гуногуни ҳамкорӣ, чорабиниҳои махсуси гигиенӣ, психологӣ, педагогӣ ва тиббиро талаб менамояд.*

*Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки ба масъалаи мутобиқшавии кӯдакони синни барвақти бачагӣ (то 3 солаҳо) ба муассисаи томактабӣ дар татқиқотҳои илмии мутахассисон, таҷрибаи амалии кормандон диққати махсус дода шудааст. Дар шароити кунунӣ низ дар назария ва амалияи тарбияи кӯдакон дар оила ва муассисаи томактабӣ вобаста ба шароиту имкониятҳо ва иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия он муҳим буда чунин омили муҳими муҳофизати саломатии равонию ҷисмонӣ, беҳдошти кори таълиму тарбиявӣ ба кӯдакон боқӣ мондааст.*

***Калидвожаҳо:*** *мутобиқшавӣ, синни барвақти бачагӣ, муассисаи томактабӣ, волидон, мураббия, инкишоф, маслиҳати тиббӣ-педагогӣ, дараҷа, меъёр, иҷтимоишавӣ.*

## АДАПТАЦИЯ ДЕТЕЙ РАННЕГО ВОЗРАСТА К УСЛОВИЯМ ДОШКОЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ

*В данной статье рассматриваются и анализируются особенности адаптации детей с раннего возраста (до 3 лет) к дошкольному учреждению.*

***Цель статьи.*** *Вопрос адаптации детей к новой социальной среде – возрастной группе дошкольного учреждения для ребенка, родителей и воспитателей является деликатным, сложным и ответственным периодом, требующим учета индивидуальных психологических и физиологических особенностей каждого ребенка. Эта группа детей также уязвима и требует сотрудничества родителей и воспитателей для обеспечения их устойчивого развития. Подготовка детей к адаптации и дням адаптации требует применения различных методов взаимодействия, специальных гигиенических, психолого-педагогических и лечебных мероприятий.*

***По результатам исследования,*** *показали, что вопросу адаптации детей раннего детства (до 3 лет) к дошкольному учреждению в исследованиях специалистов, практическому опыту персонала уделяется особое внимание. В современной ситуации в теории и практике воспитания детей в семье и дошкольном учреждении в зависимости от условий и возможностей реализация воспитательных задач является важным и остается важным фактором охраны психического и физического здоровья, совершенствования воспитательной работы с детьми.*

***Ключевые слова:*** *адаптация, раннее детство, дошкольное учреждение, родители, воспитатель, развитие, медико-педагогическое консультирование, степень, норма, социализация.*

## ADAPTATION OF EARLY CHILDHOOD CHILDREN TO PRESCHOOL CONDITIONS

*This article discusses and analyzes the features of the adaptation of children from an early age (up to 3 years) to preschool.*

***Purpose of the article.*** *The issue of children's adaptation to a new social environment - the age group of a preschool institution for a child, parents, and educators is a delicate, difficult and responsible period that requires taking into account the individual psychological and physiological characteristics of each child. This group of children is also vulnerable and requires the cooperation of parents and caregivers to ensure their sustainable development. Preparing children for adaptation and adaptation days requires the use of various methods of interaction, special hygienic, psychological, pedagogical, and therapeutic measures.*

***According to the results of the study,*** *it was shown that the issue of adaptation of children of early childhood (up to 3 years old) to a preschool institution in the studies of specialists and the practical experience of the staff is given special attention. In the current situation in the theory and practice of raising children in the family and preschool institution, depending on the conditions and*

*opportunities, the implementation of educational tasks is important and remains an important factor in protecting mental and physical health, improving educational work with children.*

***Keywords:*** *adaptation, early childhood, preschool institution, parents, educator, development, medical and pedagogical counseling, degree, norm, socialization.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Маҷидова Бибиҳафиза*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе кӯчаи Т. Пӯлоди 3, Тел: (+992) 985831902, E-mail: bibihafiza@mail.ru;*

***Раҳмонова Насима Ҳумроновна*** *- ассистенти кафедраи педагогика ва психалогияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе кӯчаи Л.Шералӣ 4, тел: (+992) 918750990, E-mail: rahmonovan86@gmail.com.*

***Сведение об авторах:***

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогический и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Адрес: Республика Таджикистан город Душанбе улица Т. Пулоди 3 Тел: (+992) 985831902, E-mail: bibihafiza@mail.ru;*

***Рахмонова Насима Хумроновна*** *- ассистент кафедры педагогики и дошкольная психология и социальная работа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Л. Шерали 4, тел (+992) 918750990, E-mail: rahmonovan86@gmail.com.*

***About the authors:***

***Madjidov Bibihafiza*** *- doctor of pedagogical sciences, professor of the Department of Social Pedagogical and Inclusive Education Tajik State Pedagogical Universitynamed after Sadriddin Aini, Address: Republic of Tajikistan Dushanbe city, T. Pulodi street 3, Phone: (+992) 985831902, E-mail: bibihafiza@mail.ru*

***Rakhmonova Nasima Humronovna*** *- assistant of the Department of Pedagogy and preschool psychology and social work Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, L. Sherali street 4, Phone: (+992) 918750990, E-mail: rahmonovan86@gmail.com.*

**УДК: 796.071.43(575.3).**

## КОНФЛИКТОЛОГИЯ СПОРТА ЕГО АСПЕКТЫ И АНАЛИЗЫ

***Абзалов И.А.***

*Таджикский государстенный педагогический университет имени С. Айни*

Как уже отмечалось в настоящее время, достаточно четко обозначались тенденции нашего общества в области многочисленных проявлениях конфликтов таджикских спортсменов и тренеров в спорте, о его структуре в соответствии научного знания.

Во многих образовательных учреждениях спортивного профиля, а также в Таджикском институте физической культуры имени С.Рахимова – это проблема не является предметом исследования психологической службы. Данный факт можно объяснить тем, что конфликтно - стресс логический компонент структуры профессиональной деятельности осознается ни всеми участниками спортивно образовательного учреждения.

При исследовании определились ни мало стресс генных раздражителей, которые сопровождают профессиональную деятельность спортсменов в повседневной их жизни. Стресс ни что иное, как нарушение естественного равновесия спортсмена и среды, она в полнее доступно, что подобного рода события естественно возникают и в условиях взаимоотношений спортсмена с тренерами. Спортивная конфликтология – представляет собой совокупность различных теорий спортивного конфликта, который содержит в себе компонентность которые подразделяются на два класса :

-общая спортивная конфликтование,

-частные теории спортивного конфликта.

У.Джонсон рассматривает спорт как средство смягчения и разрешения конфликтов и агрессивности, проявляемых в социальной деятельности. [3, с.69].

Анализ социально – биологических аспектов проявления агрессивности в спорте осуществлен В.Н.Томиловым, не вызывает сомнений позиции автора, что одной из причин агрессивных проявлений является изменение гормонального баланса в организме спортсменов. [2, с.127].

Острые психологические проблемы спортсменов составляют проблемы межличностного характера, где каждый спортсмен хочет показать своё «Я». Эти явления наиболее ярко проявляются на начальных стадиях тренировок, при формирования группы в состав сборную, в процессе взаимодействия спортсмены проявляет низкий уровень психологической культуры, не знают элементарных правил эффективного взаимодействия, не владеют конструктивными стратегиями поведения в конфликтных ситуациях.

Чтобы определить и выявить наличие характерологических особенностей был определен набор методик, с помощью которых предполагалось качественные и количественные прогнозы межличностных отношений среди кандидатов в сборную.

Компилируя исследованные научные труды в области спортивного конфликта можно представить в виде следующей системы:

-общая теория спортивного конфликта.

-эмпирическое знание о спортивном конфликте.

-частные теории спортивного конфликта.

-методология спортивного конфликта.

Спортивное конфликтоведение – это познания конфликтов между спортсменов проявившиеся себя в сфере спорта. Основными под системные спортивные конфликтоведения являются:

-эмпирические знания о спортивном конфликте.

-методология спортивного конфликта.

Спортивная конфликтоведение – это ядро составляющие совокупность различных значений теория спортивного конфликта в разновидности психологического процесса

Возникновение и развитие источников конфликта в экономическом кризисе обусловлено в различных системах современного общества, в том числе в высших учебных спортивных заведениях. Конфликты между тренерами и, не только отбивает тренироваться, но главное дезадоптируют их личность, что в конечном счете очень сильно влияет и отражает на подготовку спортсмена.

Вследствие конфликтных отношений со спортсменами и сами тренера испытывают сильнейшие эмоциональные напряжения и неудовлетворенности тренировок то есть отпадает желание на продолжение и выполнение каких либо упражнений. Конфликт между тренером и спортсменом легче предупредить, чем разрешить и главное его не допустит, что она не перешла в другую стадию (4). [1, с.215].

Спортсмены и тренера при возникновении конфликтных ситуациях ведут себя не всегда достойно и оптимально каждый из них теряется доказать сваю правоту путем эмоциональных действий. Но под воздействия психика реакционной и психика терапевтической работы, как показывает практика можно изменить поведение спортсмена и тренера в конфликте, это прежде всего успокоение стрессовых состояний (ведение спокойной речи и отвлекание спортсмена и тренера от конфликта). [8, с.223].

Составная часть спортивного конфликтоведение это эмпирическое знание о спортивном конфликте, его отличительная особенность данного знания -это раскрытие внешних необобщенных характеристик конфликтных проявлений в процессе спортивной деятельности и общения. Эмпирические знания -преимущественно работает на частные теории спортивного конфликта, а через них на общую теорию не исключая прямое использование эмпирического знания для разработки общей теории спортивного конфликта.

Отличительная ососбенность в том, что особенности данного знания это раскрытие лишь внешних, необобщенных характеристикконфликтьных проявлений в процессе спортивной деятельности и его общения. Данное эмперическое знание выевляет преимущественно на частные теории спортивного конфликта, а через их на общию теорию. В то же время не

исключенно что эмперическое знание разрабатывается для общей теории спортивного конфликта.

**Структура содержания общей теории спортивного конфликта.**




Мы в своём расследовании разделили конфликтные отношений спортсменов и пассивность тренеров на группы:

Например: мы провели эксперимент с участием 25 спортсменов по спортивной гимнастике в спортивной школе интернат №1города Душанбе. Данную группу занимающих спортсменов по спортивной гимнастике мы разделили на три возрастные группы с тренерами. Первая группа спортсмены до 12 лет, вторая возрастная группа до 15 лет и третья возрастная группа свыше 16 лет. Цель проведенного эксперимента - это определить особенности поведение спортсменов на специфику с установкой на конфликт.

Были поставлены следующие задачи:

-первое выявить формы агрессивности на конфликт;

-второе определить влияние установки на конфликт;

-третье установить особенности характера взаимосвязи на конфликт.

Данное исследование показало, что спортсмены с установкой на конфликт и спортсменами с установкой неконфликтной по-разному смотрят на конфликтные ситуации, спортсмены по-разному их понимают и неодинаково оценивают допустимость применения физической силы или словестных угроз в качестве разрешения возникающих проблем.

Для сбора и выявления анализа данного материала важно применить разные методики, с использованием некоторых комплексных мероприятий, что обеспечивает надёжность и достоверность получаемых информаций.

В нашем эксперименте учитывалось положительные оценки применения и надежность методики по данным отечественных и зарубежных исследований, доступных для изучения контингента спортсменов. Для обследования пригодности данной методики возможны математические обработки и его результаты.

В связи с этим наиболее удачным представляется опросник Басса-Дарки, который был применен в нашем исследовании. После была использована методика изучения фрустрационных реакций С.Розенцвега, на основании этих обследований были сделаны относительные эмоциональные реакций на различные конфликтные ситуации, которые встают на пути поведения спортсменов.

**Анализ средних показателей по методике Басса-Дарки.**

| **Показатели.** | $X_{(1\ гр.)}$ | $X_{(2\ гр.)}$ | $X_{(3\ гр.)}$ |
|---|---|---|---|
| Физическая агрессия. | 0.966 | 0,998 | 0,986 |
| Косвенная агрессия. | 1,000 | 1,000 | 0,986 |
| Раздражительность. | 0,953 | 0,988 | 0,929 |
| Негатив. | 0,978 | 0,957 | 0,930 |
| Обида. | 0,969 | 0,982 | 0,964 |
А.В. Усова пешниҳод намуд, ки ҳангоми омӯхтани равандҳои технологии дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсифшуда, нақшаи умумии таҳиякардаи ӯ истифода карда шавад. Дар он сифатҳои касбии мутахассисоне, ки дар раванди муайяни технологӣ иштирок мекунанд, талабот ба дониш, малакаву маҳоратҳои онҳо пешниҳод шудаанд [23, с.24].

Намунаи чунин нақшаро меорем:

1. Таъиноти раванди технологӣ.
2. Аҳамияти раванди технологӣ дар хоҷагии халқ.
3. Кадом ҳодисаҳову қонунҳои физикӣ дар раванди технологӣ татбиқ мегарданд?
4. Нақшаи раванди технологӣ (марҳилаҳои асосии он).
5. Омилҳои ба сифати маҳсулоти дар раванди технологӣ ҳосилшуда, таъсиркунанда.

6. Талабот ба дониш ва маҳорати коргароне, ки раванди технологиро амалӣ мегардонанд ва ба сифати он назорат мекунанд.

7. Талаботи техникаи бехатарӣ доир ба татбиқи раванди технологӣ, асосноккунии илмии онҳо.

8. Талабот ба сифатҳои шахсии коргарон, технологҳо, роҳбарият ба раванди технологӣ.

Ба омӯзгорон тавсия дода шуд, ки ҳангоми баёни маълумот доир ба ҳар як ҷараёни технологӣ ва хонандагон мавриди таҷдиди онҳо низ, аз ин нақшаи умумӣ истифода баранд.

Ба андешаи муаллиф, дар натиҷаи ин фаъолият, хонандагон доир ба касбҳои гуногуни оммавии одамоне, ки дар ҳар як раванди технологӣ иштирок мекунанд ва аҳамияти онҳо дар хоҷагии халқ маълумот пайдо мекунанд.

Ю.И. Дик, А.Т. Глазунов, О.Ф. Кабардин ва дигарон [19] чунин мешуморанд, ки омӯзиши объектҳои мушаххаси техникӣ ва таъинот ё ин ки технологияи онҳо дар курси физика, хонандагонро ба асосҳои истеҳсолот ва шаклҳои фаъолияти меҳнатии одамон, ки дар ин ё он соҳаи истеҳсолот кор мекунанд, шинос намуда, онҳоро ба интихоби касбҳои муҳандисӣ – техникӣ равона месозад [19, с. 7].

Муаллифони дигар [1, 2, 4, 16, 21] ҳангоми таҳлили маводи таълим пешниҳод мекунанд, ки «масъалаҳои аз ҷиҳати политехникӣ ва касбинтихобкунӣ муҳим муайян карда шаванд, ки амалиёти меҳнатӣ ва равандҳои технологии мутахассисони касбҳои оммавӣ ба истифодаи онҳо, асос ёфтаанд» [21, с. 39]. Масалан, ҳангоми омӯхтани мавзӯъҳои «Молекулаҳо», «Диффузия дар моеъҳо, газҳо ва ҷисмҳои сахт. Таъсироти мутақобилаи молекулаҳо» (синфи VII) аҳамияти онҳоро дар фаъолияти касбии челонгарон ҳангоми бо карбон коркард кардани сатҳи болоии пӯлод ё оҳан ба мақсади ҳосил намудани қабати сатҳии устувор, кафшеркунӣ ва кафшери хунук бояд нишон дод. Ҳангоми омӯхтани ҳолатҳои агрегатии моддаҳо, гудозиш ва сахтшавии ҷисмҳо, бухоршавӣ ва конденсатсия ба хонандагон нишон додани аҳамияти онҳо дар иҷрои чунин амалиёти касбӣ, аз қабили гарм кардан, обутобдиҳии металлҳо, рехтани маснуот, хунуккунии ҳавогию моеъгии муҳаррикҳо ва ғайраҳо мувофиқи матлаб мебошад.

Дар татбиқи ин самт омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гаштаанд. Масалан, У.Х. Раҷабов омӯзгори физика дар Литсейи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар дарсҳояш ҳангоми омӯхтани мавзӯи “Намии ҳаво” хонандагонро ба касби андовачӣ ошно менамояд. Дар баробари ин ба хонандагон маълумот медиҳад, ки ҳангоми ба охир расонидани ороиши ҳаммом, хонаи ҷомашӯйӣ ва буғхонаҳое, ки ҳангоми истифодаашон намии ҳаво зиёда аз 60 фоизро ташкил медиҳад, барои қабати якуми андова маҳлули семент ё сементу оҳак ва барои андова кардани хонаҳои хушки мӯътадил маҳлули оҳаку гач истифода карда мешавад. Дуруст тайёр кардан ва истифода бурдани омехта барои андова рукни муҳими кори андовачиён мебошад. Агар омехта ба девори хиштин молида шавад, он тавассути капиллярҳои девор зуд хушк мешавад. Сахт шудани омехтаи обаш кам онро каме ноустувор мегардонад. Аз ин рӯ, омехтаи молидашударо ҳангоми андова кардан давра ба давра нам бояд кард.

В.Г. Аликперов [3, с. 40-44] пешниҳод кардааст, ки хонандагон ба таҷҳизоти нави техникӣ, ки дар фаъолияти мушаххаси касбӣ истифода мешаванд, бояд шинос карда шаванд. Тавсифи чунин дастгоҳҳо дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дода нашудаанд, вале донишҳои физикии хонандагон ҳангоми омӯзиши ягон мавзӯъ имкон медиҳад, ки ин кор анҷом дода шавад. Хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Механизмхои содда» (синфи VII) ба мошини насосие, ки аз чоҳ нефт мебарорад, шинос мешаванд. Ин дастгоҳҳо ба танзимгарони (операторони) нефтистихроҷкунанда ва истифодабарандагони чоҳҳо нағз маълуманд.

Мавриди омӯзиши қувваи муқовимате, ки ҳангоми ҳаракати ҷисм дар моеъ ё газ ба он таъсир мекунад, метавон қувваҳои соишеро, ки ҳангоми тамоси моеи ҳаракаткунанда бо ҷисмҳои сахти ором, аз ҷумла ҳангоми ҳаракати нефт тавассути лӯлаи нефтгузарон ба вуҷуд меояд, баррасӣ намудан мумкин аст. Формулаҳои $F_1 = \beta_1 \cdot \vartheta$ (барои суръатҳои хурд) ва $F_2 = \beta_2 \cdot \vartheta^2$ (барои суръатҳои калон) истифода карда, ба хонандагон фаҳмонидан осон аст, ки чаро нефтро бо суръати баланд кашидан мумкин нест: дар ин ҳолат қувваи соиш мутаносибан ба $\vartheta^2$ зиёд мешавад ва чуноне ки маълум аст ҳар гуна соиш боиси гармшавии лӯлаҳо мегардад, ки ин барои нефткашӣ хатарнок аст, зеро нефт ва маҳсулоти аз он ҳосилшаванда, оташангезанд. Бинобар ин, суръати ҳаракати нефт тавассути лӯлаҳои нефтгузарон набояд аз 3-5 м/с зиёд бошад. Ин

маҳдудиятро танзимгарони шоҳроҳи лӯлаҳои нефтгузару истихроҷи нефт, ҷамъоварандаи нефт ва насосҳо бояд дар хотир дошта бошанд [3, с. 40].

Омӯзгори физика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и шаҳри Душанбе Б.У. Умаров барои ташаккул додани шавқу хаваси шогирдонаш ба илми тиб ва ба касбҳои соҳаи тиббӣ аҳамияти омӯзиши донишҳои физикиро нишон медиҳад. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи “Ултрасадо ва татбиқи он” (синфи IX) мисолҳои зер меорад. Ултрасадо (УС) бо босамади 800 кГс - 3 МГс тақрибан ростхатта паҳн мешавад; аз сабаби босамади баланд доштану дарозии мавҷаш кӯтоҳ будан, он хуб ба қайд гирифта мешавад. Энергияи онро бофтаҳои бадан хуб фурӯ мебаранд ва дар натиҷа он таъсироти механикӣ, ҳароратӣ ва асабӣ-рефлекториро ба вуҷуд меорад, шиддатнокии равандҳои мубодилаи моддаҳоро меафзояд, гардиши хун ва лимфаро зиёд мекунад. Мавҷҳои ултрасадо таъсироти пасткунандаи дард, зидди илтихоби ва рагвасеъкунанда доранд. Ултарсадо бофтаҳои устухонро “ҷудо” ва “пайваст” мекунад. Он барои ташхиси баъзе бемориҳои чашм, муоинаи майнаи сар (ба ном эхоскоп) истифода мешавад, барои ошкор сохтани “сахтшавӣ”-ҳо дар бофтаҳои нарм (ё дар зери пӯст) ва лахташавии хун дар рагҳои хунгард мусоидат мекунад; барои муолиҷаи таҳшиншавии намак дар буғумҳо истифода мешавад. Таъсироти механикии ултрасадо барои микромассажи бофтаҳои чуқур истифода шуда, бо ёрии оинаи параболӣ ба як самт равона кардани шуои ултрасадо имкон медиҳад, ки пайдошавии бемориҳои дар онҳо ниҳонбуда интихобан нест карда шаванд.

Ашӯров А.Ҳ.–омӯзгори физика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и шаҳри Душанбе дар дарсҳояш исботи зарурати донишҳои мавзӯи мавриди омӯзишро дар ҳама гуна фаъолияти касбӣ, методи асосии татбиқи ин самт медонад. Вай дар ҳар як машғулияташ бо баробари мақсадҳои таълимӣ боз мақсадҳои касбинтихобкуниро низ ба миён мегузорад: аз ҷониби одамони касбу кори муайян истифода бурдани маводи мавзӯи омӯхташавандаро нишон медиҳад. Дар охири дарс, чун қоида, аз шогирдонаш мепурсад, ки «Одамони кадом касбу кор ба донишҳои ҳангоми омӯхтани мавзӯи мазкур андӯхташуда ниёз доранд?».

Дар бораи аввалин дарси физика (хонандагон нав ба омӯзиши физика оғоз мекунанд), ки онро Ф.Т. Мирзозода гузаронидааст, мисол меорем: «Дар дарси аввалини физика (синфи 7-ум) ман кӯшиш мекунам ба хонандагон нишон диҳам, ки донишҳои физикӣ баҳри ҳамаи одамон зарур аст ва барои ин ман аз сӯҳбат, мисолҳои мушаххас, таҷрибаҳо, масъалаҳои сифатӣ ба таври васеъ истифода мебарам. Барои ин дарс бо баробари таҷрибаҳои дар барнома пешбинишуда, ман овезаи «Физика ва касб»-ро мураттаб менамоям. Дар овеза навиштаҷоти вазифаҳоеро, ки одамони касбу кори гуногун бояд иҷро кунанд, тасвири рангаи касбҳо (аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ тартиб дода шудаанд), инчунин расмҳои китобҳои тавсифдиҳандаи ин ё он касбро мегузорам. Дар худи ҳамин дарс, ман хонандагонро бо шаклҳои гуногуни фаъолият доир ба омӯзиши физика (синфҳои VII – XI), шинос менамоям. Барои ин аз овезаи ородашуда истифода мекунам”.

Методикаи кори ин омӯзгор доир ба касбинтихобкунии хонандагон дар синфҳои болоӣ на танҳо аз ҷиҳати шакли гузаронидан, балки аз ҷиҳати мазмун ҳам фарқ мекард. Омӯзгор дар дарси якуми физика (синфи X) диққати хонандагонро ба аҳамияти ин курси физика барои фаъолияти амалии инсон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ: техникаи гармӣ, хоҷагии кишоварзӣ, сохтмон, электротехника, радиотехника ва ғайраҳо ҷалб менамояд.

Инчунин, минбаъд дар ҳар як дарс доир ба татбиқи донишҳои омӯхташуда барои фаъолияти касбии мутахассисони соҳаҳои гуногун кор мебарад. Масалан, дониши физикӣ доир ба мавзӯи «Ғунҷоиши электрӣ, конденсаторҳо» барои одамони чунин касбҳо ба монанди: насбкунандаи дастгоҳу асбобҳои радиоэлектронӣ ва микросхемаҳо; устои таъмиркунандаи радиову телевизион; танзимгари равандҳои диффузӣ ва таҷҳизоти радиоэлектронӣ. Ҳангоми омӯхтани маводи нав Мирзозода Ф.Т. чунин тавсия медиҳад: ҳар як хонанда доир ба касбе, ки дар он донишҳои ин ё он мавзӯъ татбиқ мешаванд, муаррифӣ (презентатсия) таҳия намояд. Шакли асосии ташкили кори касбинтихобкунии хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкилу гузаронидани конференсияи таълимӣ ба ҳисоб меравад. Он одатан омӯзиши мавзӯъ ё боби алоҳидаи курси физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузор карда мешавад. Боиси зикр аст, ки аҳамияти донишҳои физикиро барои иҷрои фаъолияти касбии мутахассисони гуногун ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикии мазмуни

истеҳсолию техникидошта низ бомуваффақият нишон додан мумкин аст [19]. Барои тартиб додани чунин масъалаҳо мо муқарраротеи зеринро пешниҳод мекунем:

- масъалаҳо бо назардошти муҳити истеҳсолӣ-техникии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо назардошти донишҳои дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва саёҳатҳо андӯхтаи хонандагон тартиб дода шаванд;

- маълумоти техникиву далелҳои дигари дар шарти масъалаҳо овардашуда, бояд боэътимод ва ба сатҳи муосири илму техника мувофиқ бошанд.

- нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодиро на тақрибан, балки аниқ нишон додан лозим аст, то ки дар хонандагон доир ба дастгоҳҳо, мошинҳо, асбобҳо ва таҷҳизот захираи маълумоти техникӣ пайдо шавад.

Намунаҳои чунин масъалаҳоро пешниҳод менамоем.

**Масъалаи 1.** Тавоноии муҳаррики электрии дастгоҳи харротии 1К62 ба 10 кВт ва ККФ-и он ба 0,8 баробар аст. Қувваи буришро муайян кунед, агар диаметри маснуот 30 мм буда, бо басомади 16 гардиш / сония чарх занад.

**Масъалаи 2**. Дефектоскопи ултрасадоӣ, ки маснуоти пӯлодиро тафтиш мекунад, ду сигнали инъикосшударо ба қайд гирифт: сигнали аввал пас аз $t_1$=12 мкс-и афканишот ва сигнали дуюм баъд аз $t_2$=30 мкс. Баландии маснуот ва чуқурие, ки дар он норасоӣ ошкор шудааст, муайян кунед. Суръати ултрасадоро дар пӯлод ба 5000 м/с қабул намоед.

**Масъалаи 3.** Шиддати имконпазири милаи арматурии лавҳаи оҳану бетонӣ чӣ қадар аст, агар масофаи байни такяҳо 6,1 м, дарозшавии калонтарини милаи $10{\cdot}10^{-3}$ м, дарозшавии хурдтарини он $9{,}8{\cdot}10^{-3}$ м буда, модули чандирии пӯлоди арматура ба E = 0,2 ТПа баробар бошад?.

Ба андешаи А.Т. Глазунов, В.Г. Разумовский, Ю.И. Дик ва дигарон [19] ҳалли чунин масъалаҳо яке аз воситаҳои дохил намудани маводи касбинтихобкунӣ ба раванди таълими физика мебошад. Онҳо пешниҳод кардаанд, ки чунин масъалаҳои маълумоти пурра ва нопуррадошта истифода карда шаванд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои маълумоти нопуррадошта ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки қиматҳои бузургиҳои физикӣ ва техникии намерасида ва тавсифоти миқдории онҳоро худашон аз маълумотномаҳо муайян намоянд. Масалан, ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот чунин масъала пешниҳод кардан мумкин аст: *«Дар шароитҳои якхела кадом трактор дар замини корам тезтар ҳаракат карда метавонад: трактори Т – 150 ё ДТ – 75?»*. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки аз маълумотномаҳо маълумоти заруриро пайдо намоянд. Омӯзгор дар дарс ҳалҳои пешниҳодшударо муҳокима карда, тавсифоти асосии муқоисавии ин тракторҳоро пешниҳод менамояд.

Ба ақидаи ин муаллифон, масъалаҳои физикие, ки дар шарти онҳо доир ба истеҳсолоти маҳалӣ маълумот пешниҳод гардидааст, маводи гуногуни касбинтихобкунӣ доранд. Дар шарти ин гуна масъалаҳо маводи истеҳсолие, ки ба хонандагон хуб маълуманд ва маълумоти иловагиро талаб намекунанд, истифода бурда мешаванд. Масъалаҳои дигар далелҳоеро дарбар гирифта метавонанд, ки онҳо ба хонандагон ношиносанд ё кам маълуманд. Омӯзгор ҳангоми ҳалли ин гуна масъалаҳо бояд ба хонандагон маълумоти иловагӣ пешниҳод намояд ё аз куҷо пайдо кардани онро нишон диҳад.

Тартиб додан ва ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои физикӣ аз ҷониби омӯзгор аз мақсади дарс, синнусол ва тайёрии хонандагон, инчунин аз хусусиятҳои маводи маҳал вобаста аст. Якчанд намунаи чунин масъалаҳоро ба сифати мисол меорем.

**Масъалаи 1.** Аз чоҳи чуқуриаш 300 м ва масоҳати буриши арзиаш 0,63 м, бо суръати 15 м/с дар як сония 20 литр нафт ба рӯйи замин мебарояд. Қувваи фишор ва фишори обанбори нафтро муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Ҳангоми бо кран ба боло бардоштани бор чӣ қадар кори фоиданок иҷро мешавад? Массаи бор ба 700 кг ва баландии болобардорӣ ба 4 м баробаранд.

Масъалаҳое, ки шарҳи иловагии омӯзгорро тақозо менамоянд, назар ба масъалаҳои навъи якум маълумоти бештари касбинтихобкуниро дарбар мегиранд, вале вақти бештар талаб мекунанд. Бинобар ин, омӯзгор бояд чунин масъалаҳоро бодиққатона тартиб диҳад ва ё интихоб намояд: мазмуну мӯҳтавои истеҳсолии машқу масъалаҳо бояд ба самти касбиинтихобкунии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқ бошад.

Намунаи чунин масъаларо пешниҳод менамоем:

**Масъалаи 5.** ККФ-и танӯри туннелӣ барои сӯзондани изоляторҳо 50% мебошад. Барои дар ин танӯр аз ҳарорати 20°С то 132°С гарм кардани як вагон изолятор (массаи умумиашон 900 кг) чӣ қадар мазут лозим аст?.

Омӯзгор пеш аз ҳал кардани масъалаи мазкур ба хонандагон доир ба таъинот ва принсипи амали танӯри туннелӣ, ки он барои сӯзонидани изоляторҳои чинигин пешбинӣ шудааст, нақл мекунад. Танӯр шакли туннелӣ дошта, ба панҷ минтақа тақсим карда шудааст, ки дар онҳо гармкунӣ, оксидшавӣ, сӯзонидан, барқарор ва хунукшавии изоляторҳои чинигин ба амал меояд. Дар чор минтақаи аввал ҳарорат дар фазои танӯр тадриҷан баланд мешавад (аз 20 то 1300 $^0$С), дар минтақаи панҷум қариб то ҳарорати мӯътадил паст мешавад. Дар танӯр ба сифати сӯзишворӣ мазут истифода мешавад.

Омӯзгор ҳангоми тартиб додани масъалаҳои мазмуни касбинтихобкунидошта, шарти онҳоро бояд тавре пешниҳод намояд, ки дар он доир ба ҷараёни муайяни истеҳсолӣ, асбобҳои техникӣ, маълумот оид ба касбҳои мухталиф ҷой дошта бошанд.

Диққати хонандагон бештар ба саволи масъала бояд нигаронида шавад, матн бошад, маълумотест, ки аз он эшон ба саволи гузошташуда ҷавоб пайдо мекунанд. Дар матн хонандагон асосан ба бузургиҳои физикӣ таваҷҷӯҳ мекунанд. Худи объекти техникӣ бошад, дарк карда намешавад. Тасодуфӣ нест, ки равоншиносон як қонуниятро мураттаб сохтаанд: одам фақат дарк мекунад, ки мақсади фаъолияташ чиро ташкил медиҳад.

Хуллас, гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои 70-ум оид ба самти касбинтихобкунии хонандагон дар таълими физика корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст. Шаклҳо, методҳои гуногуни таълими касбӣ ва муайян кардани аҳамияти донишҳои физикӣ дар фаъолияти касбии мутахассисон ошкору коркард карда шуданд, солҳои минбаъда ин кор тадриҷан аз байн рафт ва иҷро нашуд. Бо вуҷуди ин, дар назди ҳар як хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи интихоби касб ба миён меояд ва ҳалли он дар шароити имрӯзаи тараққиёти мамлакатамон муфидтар мегардад. Бинобар ин, боз зарурати тайёр кардани хонандагон ба интихоби бошууронаи касб ба миён меояд.

**АДАБИЁТ**


1. Атутов П. Р. Связь трудового обучения с основами наук: Кн. для учителя / П.Р. Атутов. - М.: Просвещение, 1983.- 128 с.
2. Атутов П. Р. Политехническое образование школьников: сближение общеобразовательной и профессиональной школы / П.Р. Атутов. - М.: Педагогика, 1986.-176 с.
3. Аликперов В.Г. Из опыта профориентационной работы на уроках физики / В.Г. Аликперов // Физика в школе. -№6. -1975. – С. 40-44.
4. Васильев Ю.К. Политехническая подготовка учителя средней школы /Ю.К. Васильев. -М.: Педагогика. -1978. – 175 с.
5. Гавриленкова И. В. Возможности школьного курса физики для профессиональной ориентации учащихся / И.В. Гаврилиенкова// Тезисы докладов седьмой международной конференции «Физика в системе современного образования» (ФССО-03) РГПУ им. А. И. Герцена. - С-Пб: изд-во РГПУ, 2003.- С.41.
6. Гаджиев Ф. И. Главная предпосылка трудовой подготовки учащихся практическая направленность учебного материала /Ф.И. Гаджиев// Физика в школе. -№6. -1980.-С. 44-45.
7. Георгиев Г. Ф. Особенности интересов к профессиям и их воспитания у подростков. канд. дис. пед.наук. / Г.Ф. Георгиев. – М., 1975. - 153 с.
8. Гецадзе А. Е. Профессиональная ориентация в системе внеклассной и внешкольной работе: автореф. дис. ... канд. пед. наук./А.Е. Гецадзе. - Тбилиси, 1979. – 37 с.
9. Голомшток А. Е. Выбор профессии и воспитание личности школьника: (Воспитательная концепция профессиональной ориентации) / А.Е. Голомшток. - М.: Педагогика, 1979. - 160 с.
10. Гринченко Н. А. Одна из форм профориентации учащихся на сельскохозяйственные профессии. /Н.А. Гринчиенко// Физика в школе. -№4. -1984. - С. 23-24.
11. Жиляев И. Б. Профессиональная ориентация школьников при выполнении домашних заданий./ И.Б. Жиляев// Физика в школе. -№4. -1977. - С. 55.
12. Завьялов В.В. Формирование интереса учащихся к массовым профессиям/В.В. Завьялов, С.С. Седельников // Физика в школе. -№ 4. -1982. - С. 28 - 30.
13. Зокиров А. З. Профориентация учащихся на местное производство /А.З. Зокиров.// Физика в школе. -№ 4. -1984. - С. 24.
14. Иванов А. Ф. Профессиональная ориентация учащихся сельской школы. /А.Ф. Иванов// Физика в школе. -№ 6. -1977. - С. 56-57.
15. Лебедева Э.Д. Ознакомление учащихся со строительными профессиями в целях политехнического обучения / Э.Д. Лебедева/ Физика в школе. -№6. -1984. – С. 31.

16. Леднев В. С. Перспективы изучения основ техники в средней общеобразовательной школе. /В.С. Леднев //В кн. Формирование политехнических знаний при изучении основ наук./ Под ред. Ю. Е. Дурасевича. - М.: 1972.-64 с.
17. Лунева В. А. Представления учащихся о своей будущей трудовой деятельности: автореф. дис.... канд. психолог. наук./В.А. Лунева. - М., 1973. -23с.
18. Мухамеджанова К. Г. Формрование интереса учащихся к рабочим профессиям/К.Г. Мухамеджанова// Физика в школе. -№ 2. -1984. - С. 28 - 30.
19. Политехническое образование и профориентация учащихся в процессе преподавания физики в средней школе./ А. Т. Глазунов, Ю. Ю.И. Дик, Б. М. Игошев и др.: Под ред. А. Т. Глазунова, В. А. Фабриканта. - М.: Просвещение, 1985. - 159 с.
20. Пятковская Н. А. Работа по профориентации учащихся в VI классе сельской школы /Н.А. Пятковская // Физика в школе. -№2. -1974. - С. 45 - 46.
21. Разумовский В.Г. Совершенствование трудового воспитания учащихся - важная задача школы/ В.Г. Разумовский//Физика в школе. -№ 4. -1984. - С.3- 8.
22. Умаров У.С. Рукнҳои тарбиявии таълими физика/У.С. Умаров. – Душанбе: ДДОТ, 2007. - 82 с.
23. Усова А. В. Профессиональная ориентация учащихся в процессе обучения физике. В кн. Воспитание учащихся в процессе обучения физике /А.В. Усова, В. В. Завьялов. -М.: Просвещение, 1984. - 143 с.
24. Ҷомиев Ҳ.Н. Нақши омӯзгор ва муассисаи таълимӣ дар касбинтихобкунии хонандагон ҳангоми омӯзиши физика / Ҳ.Н. Ҷомиев// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: ДМТ. -2021. - №7. – С.209-216.

## САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРИ ФИЗИКА ОИД БА КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН

*Дар мақолаи мазкур натиҷаи тадқиқоти гузаронидаи муаллифон доир ба самтҳои асосии фаъолияти омӯзгори физика оид ба касбинтихобкунии хонандагон маълумоти муфассал оварда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмию методӣ ва омӯзишу баррасии рисолаҳои илмӣ маълум гардид, ки кори касбинтихобкунии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самтҳои зерин сурат мегиранд: таълими касбии хонандагон; нишон додани аҳамияти донишҳои омӯхташуда ҳангоми фаъолияти касбӣ аз ҷониби мутахассисони касбу кори мушаххас; ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагон ба касбҳои мухталиф; худмуайянкунии касбии хонандагон. Ҳамаи ин самтҳоро омӯзгор дар таълими физика амалӣ карда метавонад. Муаллифон маҷмӯи фаъолияти омӯзгори физикаро дар касбинтихобкунии хонандагон барои ду соҳаи аввал, ки солҳои 70-ум инкишоф ёфта буданд, муоина намуда, ба хулосае меоянд, ки ин масъала имрӯзҳо ҳам мубрам мебошад. Фаъолияти омӯзгорони собиқадор дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби муаллифон таҳлил карда шуда, дар натиҷа роҳҳои ба касбҳои гуногун шинос кардани хонандагон дар дарсҳои физикаю машғулиятҳои беруназсинфӣ тавсияҳои муфид пешниҳод карда шуд. Инчунин, мавриди ҳалли масъалаҳои мазмуни касбинтихобкунидошта, омӯзгор ба хонандагон пешниҳод мекунад, ки қиматҳои бузургиҳои физикӣ ва техникии намерасида ва тавсифоти миқдории онҳоро худашон аз маълумотномаҳо муайян намоянд. Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки оид ба самти касбинтихобкунии хонандагон дар таълими физика корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст*

***Калидвожаҳо:*** *омӯзгор, фаъолияти омӯзгор, касбинтихобкунӣ, хонандагон, физика, таълими физика, раванди технологӣ, дониш, маҳорат, омӯзиши объект, касб, интихоби касб, дастгоҳ.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЯ ФИЗИКИ ПО ПРОФОРИИЕНТАЦИИ УЧАЩИХСЯ

*В данной статье представлена подробная информация о результатах проведенного авторами исследования основных направлений деятельности учителя физики по выбору учащимися профессии. В результате анализа научно-методической литературы и изучения и анализа научных диссертаций стало ясно, что профессиональный отбор учащихся средных общеобразовательных учреждений осуществляется по следующим направлениям: профессиональное образование обучающихся; показ значимости знаний усвоенных в ходе профессиональной деятельности специалистами конкретных профессий; формирование у учащихся интереса к различным профессиям; профессиональное самоопределение учащихся. Все эти направления могут быть реализованы учителем при обучении физике. Авторы рассмотрели деятельность учителя физики по профориентации*

*учащихся по первым двум направлениям, которые были разработаны еще в 70-е годы, и пришли к выводу, что данный вопрос актуален и в настоящее время. Авторами проанализирована деятельность учителей имеющих огромный стаж работы в ряде учреждений среднего общего образования, в результате чего даны полезные рекомендации по приобщению учащихся к разным профессиям на уроках физики и внеклассных занятиях. Также для решения задач содержания выбора профессии, преподаватель предлагает учащимся определить значения недостающих физико-технических величин и их количественные характеристики по справочникам. В заключение можно сказать, что проделана большая работа по направлению выбора учащимися профессиональной деятельности в преподавании физики.*

***Ключевые слова:*** *учитель, деятельность учителя, профориентация, учащеся, физика, преподавание физики, технологический процес, знание, умение, изучение объекта, профессия, выбор профессии, оборудование.*

## THE MAIN ACTIVITIES OF A PHYSICS TEACHER ON VOCATIONAL GUIDANCE OF STUDENTS

*This article provides detailed information on the results of a study conducted by the authors of the main areas of activity of a physics teacher in choosing a profession for students. As a result of the analysis of scientific and methodological literature and the study and analysis of scientific dissertations, it became clear that the professional selection of students in secondary general educational institutions is carried out in the following areas: vocational education of students; showing the importance of knowledge acquired in the course of professional activity by specialists of specific professions; the formation of students' interest in various professions; professional self-determination of students. All these areas can be implemented by the teacher in teaching physics. The authors examined the activities of a physics teacher in vocational guidance for students in the first two areas, which were developed back in the 70s, and came to the conclusion that this issue is still relevant at the present time. The authors analyzed the activities of teachers with extensive work experience in a number of institutions of secondary general education, as a result of which useful recommendations were given on introducing students to various professions in physics lessons and extracurricular activities. Also, in order to solve the problems of the content of choosing a profession, the teacher invites students to determine the values of the missing physical and technical quantities and their quantitative characteristics from reference books. In conclusion, we can say that a lot of work has been done in the direction of students' choice of professional activities in teaching physics.*

***Keywords:*** *teacher, teacher's activity, career guidance, student, physics, teaching physics, technological process, knowledge, skill, object study, profession, choice of profession, equipment.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Ҷомиев Ҳусниддин Низомуддинович*** *– Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими физика.* ***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Телефон:* ***(+992) 931-01-08-92.***

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.* ***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.:* ***(+992) 933 94 93 28.***

***Сведения об авторах:***

***Джомиев Хусниддин Низомуддинович*** *– Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, ассистент кафедры методики преподавания физики.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Телефон:* ***(+992) 931-01-08-92.***

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– доцент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933 94 93 28.*

***About the authors:***

***Jomiev Husniddin Nizomuddinovich*** *– Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, assistant of the Department of Physics Teaching Methods.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki avenue 121. Phone:* ***(+992) 931-01-08-92.***

***Umarov Umar Sulaymonovich** – docent of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935 94 93 28.*

**ТДУ 37.01**

# ВАЙРОНШАВИИ ҚОБИЛИЯТ ВА МАЛАКАИ ХОНДАН ВА НАВИШТАН ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Ҳасанов Х.Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Омӯзиши вайроншавии қобилият ва малакаи хондан ва навиштани кӯдакон дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 100 сол аст, ки аз ҷониби педагогҳо, психологҳо, нейрофизиологҳо ва нейропсихологҳо дар мадди аввал меистад, вале ҳоло ҳам бошад, он яке аз масъалаҳои мушкил ва то ба охир наомӯхташуда ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре, ки О.Б.Иншакова (1995, 2001) қайд мекунад, то ҳол на танҳо байни мутахасисон аз ҷиҳати назариявӣ, балки боз барои истифодаи роҳу усулҳои муайяншуда ва таҳлилу муайянсозии нуқсонҳо, ягонагӣ ва ҳамфикрӣ вуҷуд надорад. Бештар дар адабиёти ғарб мафҳуми "дислексия" истифода мешавад. Яъне, дар ин ҷо пеш аз ҳама вайроншавии малака ва қобилияти хондан дар назар дошта мешавад. Соли 1968 Федератсияи Ҷаҳонии Неврологӣ истифода намудани мафҳуми "дислексия" - ро нисбат ба кудаконе, ки хонда наметавонанд, вале дараҷаи ақлиашон дуруст аст, таҳсилоти анъанавӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ - мадании мусоид доранд, пешниҳод намудааст.

Вайроншавии қобилияти навиштанро бо мафҳуми махсус ҷудо накардаанд, балки онро танҳо ҳамчун нуқсони иловагӣ ва ҳамроҳикунанда аз назар мегузаронанд. Барои баробарқимати мафҳумҳои зеринро низ истифода мебаранд: "дислексияи инкишоф" (M. Critchleg, 1970), "вайроншавии махсуси қобилияти хониш" ( G. Kaluger, C.J.Kolson, 1978 ). Нависандагони англисзабон ба мафҳуми "дислексия" мушкилии аз худ кардани фаъолият дар умум ва дар навбати аввал хондан ва навиштанро мувофиқ донистанд. Мувофиқи нишондоди Ташкилоти Дислексионии Бритонӣ, дислексия – "маҷмӯи пайдоиши органикии ҳолати неврологӣ (системаи асаб), ки бо нуқсонҳои гуногуни фаъолияти идрок ҳамроҳӣ карда мешавад: мушкилии махсуси хониши, ҳарфакӣ навиштани калима, нутқи хаттӣ, ҳамчунин вайроншавии қобилияти ҳисоб кардан қобилияти истифода бурдани аломатҳои шартӣ... Ду гурӯҳӣ нуқсонҳои нутқиро ҷудо мекунанд:

1. Клиникӣ - педагогӣ
2. Психологӣ - педагогӣ.

Ба гурӯҳи клиникӣ-педагогӣ ба асоси гурӯҳбандии А.Куссмаул ( 1877) дохил мешавад, ки аз ҷониби ӯ ҳамчун усули клиникӣ дар асоси нишона ва аломатҳои нуқсонҳои нутқӣ ташкил шудааст. Гурӯҳбандии клиникӣ – педагогии муосир ҳамаи нуқсонҳои нутқро ба 2 гурӯҳи калон ҷудо кардааст:

1. Нуқсонҳои нутқи шифоҳӣ (дар навбати худ ба вайроншавии ҷиҳати талаффузии нутқ: дисфония, брадилалия, тахилалия, лакнатзабонӣ, дислалия, ринолалия, дизартрия ва вайроншавии нутқ дар маҷмӯъ: алалия ва афазия ) ҷудо мекунанд.
2. Нуқсонҳои нутқи хаттӣ (вайроншавии қобилияти хониш дислексия, вайроншавии қобилияти навиштан дисграфия). Гурӯҳбандии клиникӣ педагогӣ ҷудо намудани нуқсонҳои нутқи синни хурдсолӣ ва нуқсонҳои нутқи синни калонсолиро ба назар намегирад.

Дар охири солҳои 60 уми асри 20 Р.Е.Левина принсипҳои нави таҳлили нуқсонҳои нутқро дар кӯдакон пешниҳод намудааст. Аз ҷониби ӯ гурӯҳбандии психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқ дар кӯдаконе, ки шунавоӣ биноӣ ва дараҷаи ақлиашон аз аввал солим нигоҳ дошта шудааст, пешниҳод шудааст. Принсипи асосии пайдоиши гурӯҳбандии зерин ин пайдоиши имконияти усули ягонаи педагогӣ ба кӯдакони нуқсонҳои нутқии пайдоишашон гуногун дошта мебошад. Солҳои охир дар педагогикаи коррексионӣ кушишҳои наве дар омӯзиши вайроншавии қобилият ва

малакаи хондан ва навиштани хонандагон намоён гаштанд, ки боиси тағйир ёфтани мафҳумҳо гашт. Аз ҷониби Е. Н. Российская ( 2004), Е. А. Лапп ( 2007) вайроншавии мақсаднок ва алоқамандии матнҳои мустақилона тартибдодаи хонандагон – нақли хаттӣ ва иншо пешниҳод шудаанд.

Ҳамчунин нависандагон ба вайроншавии ҷиҳати имлоӣ ва луғавӣ ишора кардаанд, ки танҳо ба нутқи хаттии мустақил хос аст: ивазшавии забонӣ коста будани захираи луғавӣ. Ин нуқсонҳо ҳангоми навиштани диктант ва ё кучонидани матн дида намешаванд, зеро ба хонандагон мустақилона тартиб додани ҷумлаҳо, ҷудо намудани калимаҳо ва таъмин намудани ҷиҳати имлоии он ҳангоми кӯчонидани матн лозим нест. Ба вайроншавии қобилияти навиштан дар кӯдакон дисграфия ва дизорфографияро дохил мекунанд. Миқдори зиёди хатогиҳо вобаста ба ғалат талаффуз шудани овозҳо дар калима пайдо мешаванд. (Р.И.Лалаева, 1995; И.Н.Садовникова, 1995; А.Н.Корнев, 1995; О.Б.Иншакова, 1995). Зери мафҳуми дисграфия- вайроншавии малакаи навиштан, вобаста ба нопурра ташкил ёфтани ин ё он ҷузъҳои функсионалии системаи навишт ва зиёд шудани миқдори хатогиҳо фаҳмида мешавад. Дизорфография бо вайроншавии ҷиҳати морфологӣ ва анъанавии принсипҳои навишт алоқаманд аст ва дар зиёд будани хатогиҳои имлоӣ намудор мегардад. Мувофиқи нишондоди А.Н.Корнев (1995), дизорфография ин дараҷаи махсуси вайроншавии малакаи навиштан мебошад, ки дар ҳолати дарк карда натавонистани имло, новобаста аз оне, ки қоидаҳоро медонад, намоён мегардад.Чӣ тавре, ки таҷрибаи мо ва аз ёд намудани қоидаҳо нишон медиҳанд, баъзе қоидаҳо бо ҳам монананданд, ва кӯдакон онҳоро фарқ намекунанд ва ин мушкилиро ба миён меорад.Дар замони ҳозира дизорфография-ин яке аз намудҳои омӯхташудаи вайроншавии малакаи навиштан ба ҳисоб меравад.

Дислексия - ин вайроншавии ҷиҳати техникӣ ва маъногии хониш мебошад, ки бо нопурра ташкил ёфтани ҷузъҳои функсионалии системаи хониш алоқаманд аст. Вайроншавии ҷиҳати техникӣ - дар суръати сусти хониш ва зиёд будани хатогиҳо намудор мегардад, вайроншавии ҷиҳати маъногӣ - дар мушкилии фаҳмиш ва дарк намудани чизи хондашуда маълум мегардад. Тадқиқотҳо дар ин мавзӯъ асосан дар охири солҳои 80- ум гузаронида шудаанд , ки танҳо мавзӯи вайроншавии малакаи навиштро дар бар мегирифтанд. М.С.Грушевская (1989) чунин ҳисоб мекунад ки 13% хонандагони синфҳои ибтидоӣ вайроншавии малакаи навишт (аз ҷумла дизорфография) - ро доранд, бо сабаби пурра инкишоф наёфтани нутқ. И.Н.Садовникова (1995) муайян кардааст, ки 57,5% хонандагони синфҳои ибтидоӣ нуқсони нутқӣ - дислексия ва дисграфия доранд. Ба ақидаи А.Н.Корнев (1997) дисграфия дар 21% и хонандагони синфҳои якум ба назар мерасад. Тадқиқотчии британӣ Ян Смит соли 1997 маълумотеро оид ба паҳншавии нуқсонҳои мазкур дар давлатҳои гуногун, ба чоп баровардааст: Белгия - қариб 4%- и кӯдакон дисграфия доранд; Германия - тақрибан 5-7%; Италия - аз 1,34% то 5,04%; Нидерланди - 10%; Нигерия - 11%; Сингапур - 3,3%; США - 15%.

**(Этиология) Сабабҳои пайдоиши нуқсони хондан ва навиштан.**

Сабабҳои пайдоиши нуқсони хондан ва навиштан дар кӯдакон ин то ҳол масъалаи то ба охир наомӯхташуда мебошад. Дар солҳои охир кӯшишҳо барои омӯзиши дислексия ва дисграфия ба назар мерасанд. Ин имконият медиҳад, ки тасаввуротҳо оид ба этиологияи нуқсонҳои мазкур зиёдтар гарданд. Сабаби пайдо шудани нуқсони хондан ва навиштан дар қисми зиёди кӯдакон - ин бемории модар ҳангоми ҳомиладорӣ, сироятҳо, бактерияҳо, бо моддаҳои заҳрдор заҳролуд шудани организм, осеб ё ҷароҳат дидани кӯдак ҳангоми таваллуд, бемориҳо ва ё ҷароҳатҳои вазнин дар соли аввали ҳаёти кӯдак, ба ҳисоб меравconfigured. А.Н.Корнев чунин қайд кардааст, ки “Сабаби нисбатан асосӣ ба омилҳои касалиоваре, ки дертар таъсир мерасонанд, тааллуқ дорад (1995, с142). Мувофиқи гуфтаҳои Р.И. Лалаева, B.Hallgren, G.Th. Pavlidis, P.H.K. Seymour ва дигарон, нақши асосӣ дар этиологияи дислексия ва дисграфия ба омилҳои эндогенӣ, махсусан омилҳои генетикӣ - ирсӣ тааллуқ дорад.

А.Н. Корнев (1995) қайд кардааст, ки дар 60% и кӯдаконе, ки нуқсони хондан ва навиштан доранд омили ирсӣ дар вайроншавии психикӣ ва пайдошавии нуқсонҳои нутқ таъсири вазнинтар расонида, намудор мегардад, ки нақши омили генетикиро дар

пайдошавии нуқсони хондан ва навиштан методи дугоникҳо низ тасдиқ кардааст. (H.Bakwin,1973). Ҳамин тавр, қисми зиёди тадқиқотҳое ки ба омӯзиши дислексия ва дисграфия бахшида шудаанд ба ҷустуҷӯи сабабҳои дохилии пайдоиши ин нуқсонҳо равона шудаанд. Дар ин навбат ҷанбаи, дигареро бояд ба назар гирифт, ки он тадқиқотҳоеро дар бар мегирад, ки омили беруна - омили иҷтимоӣ - маданиро сабаби пайдоиши нуқсонҳои хондан ва навиштан медонад. Ҳамин тавр, набудани мотиви (мақсади) мусбии таълим, диққати кофӣ надодан ба инкишофи нутқи кӯдак аз ҷониби волидайн, беаҳамиятӣ ва беназоратии омӯзгор, метавонанд барои аз худ кардани малакаи хондан ва навиштан мушкилӣ ба миён орад. Дар мамлакатҳои англисзабон (ки дар он ҷо принсипи таърихӣ принсипи асоси хат ба ҳисоб меравад ва тарзи талаффузи калима аз тарзи навишташ фарқ мекунад) дислексия бештар паҳн шудааст, нибат ба мамлакатҳое, ки принсипи "фонематикӣ" асосӣ аст. Ду масъалаи мустақилеро ки ҳалли худро талаб мекунанд ҷудо кардан мумкин аст

1. Салоҳияти касбии омӯзгор.
2. Хусусиятҳои барномаи таълимӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои таълим ва тарбияи кӯдакон бештар ба мактабҳои махсус муроҷиат мекарданд. Омӯзгорони муассисаҳои миёнаи умумӣ ба ин дахолат намекарданд. Аммо талаботҳои муосири таълим аз омӯзгорони муассисаҳои умумӣ донистани психология ва физиологияи кӯдакон, мушкилиҳо дар инкишофи онҳо, мушкилиҳои махсус, ки дар раванди таълим пайдо мешаванд, ташхис карда тавонистан ва муайян намудани нуқсонҳо дар раванди ташаккулёбии қобилияти хондан ва навиштан ва барои ҳар як хонанда корҳои коррексионӣ (ислоҳӣ)-ро ба роҳ монда тавонистанро талаб мекунад. Ҳалли масъалаи дуюм бо таҳлили барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ алоқаманд аст. Таълими муосир ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакаро, ки хонандагон бояд аз худ кунанд, бағоят зиёд кардааст. Аз дарсҳои омӯзиши имло ( дарсҳое, ки дар он кӯдакон ҳамчунин хондан ва навиштанро низ ёд мегиранд) имрӯзҳо 21 соат кам карда шудааст, нисбат ба 20 сол пеш. Дар синфи дуюм аз дарсҳои «хониш» 22 соат кам карда шудааст.

Ҳамин тавр, нисбат ба талабаи синфи як (ва ҳатто синни томактабӣ) дар замони ҳозира нисбат ба 15 - 20 сол пеш талаботҳо зиёд ва мушкил шуданд. Барномаи таълимии мактаб чунин тартиб дода шудааст, ки кӯдаконе ки ба синфи якум меравaнд, бояд аллакай бо имлои забон шинос бошанд, хонда ва навиштан тавонанд, яъне талаботҳо нисбат ба кӯдаки синфи як нисбат ба 20 сол пеш дида зиёдтар шудааст. Мумкин ин яке аз сабабҳои зиёд шудани шумораи кӯдаконе, ки барои аз худ намудани малакаи хондан ва навиштан мушкилӣ мекашанд, ба ҳисоб равад. Ба ғайр аз ин таълими муосири ибтидоӣ якчанд барномаҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла барномаи таълими имло. Дар умум ин раванд мусбӣ мебошад, зеро вай инкишофи тамоми системаи таълимро дар бар гирифта, илми педагогикаро бо методҳои нави таълим таъмин мекунад. А.Н. Корнев (1995) муайян намудааст, ки пайдоиши нуқсони хондан ва навиштан дар кӯдакон ин натиҷаи ҳамкории маҷмӯи омилҳои этиологӣ мебошад ва онҳоро чунин ҷудо намудааст:

а). Заминаи асосӣ.

б). Моддаҳои зараровapӣ экзогенӣ.

в). Шароити таҳсил ва хусусиятҳои хат ва алифбои ин ё он забон.

Ҳамагуна сабабҳои экзогенӣ (беруна) тағйиротҳои патологиро танҳо дар ҳолати будани шароитҳои дохилӣ (масалан, ҷиҳати генетикӣ - ирсӣ) ва ё будани таъсири заминаи иҷтимоӣ (масалан, талаботи зиёд нисбати кӯдак) ба миён меорад.

**АДАБИЁТ**


1. Ананьев Б.Г. Пространственное различение. Л.; 1955; Тих Н.А. К вопросу о генезисе восприятия пространства / Б.Г. Ананьев // Известия АПН РСФСР. 1956.
2. Жукова Н.С. Логопедия. Преодоление общего недоразвития речи дошкольников. / Н.С. Жукова, Е.М. Мастюкова, Т.Б.Филичева М., 2004. - 320 с.
3. Логопатопсихология: под ред. Р.И. Лалаевой, С.Н. Шаховской: Гуманитарный издательский центр ВЛАДОС; М; 2011. - 317с.
4. Лурия А.Р. Основы нейропсихологии. М.: Академия, 2006. - 384 с. Преодоление общего недоразвития речи у дошкольников A.-M. Fichot. L'enfant dyslexique. Paris, 1967. - С.70–72.

5. Лалаева Р. И. Нарушения письменной речи ( Вайроншавии нутқи хаттӣ). \\ Логопедия Под. ред. Л. С. Волковой. – М. 1995. – С. 346 – 383.
6. Лалаева Р. И. Нарушения чтения и пути их коррекции у младших школьников. (Нуқсони хондан ва роҳҳои ислоҳи он дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ): Учебное пособие. – СПб. 1998.

## ВАЙРОНШАВИИ ҚОБИЛИЯТ ВА МАЛАКАИ ХОНДАН ВА НАВИШТАН ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Дар мақолаи худ муаллиф оид ба нуқсонҳои нутқи хаттӣ андешаҳои олимони гуногунро мухтасар овардааст. Муаллиф кӯшиш намудааст оид ба этиология ва патогенези нутқи хаттӣ ва шаклгирии он дар кӯдакон андешаронӣ намояд. Аз ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки душвории таҳқиқи этиологии нуқсонҳои нутқи хаттӣ ба ретроспективӣ будани он вобаста аст, чунки омилҳои пайдоиши ин нуқсонҳо то лаҳзаи мактабхон шудани кӯдак дуюмдараҷа шуда метавонанд. Нуқсонҳои хондан ва навиштан ба андешаи муаллиф бо ақибмонӣ дар ташаккули системаҳои муайяни функсионалӣ, ки барои ёд гирифтани нутқ муҳиманд, инчунин ба осебҳо дар давраҳои гуногуни инкишофи кӯдак вобастагӣ дошта метавонанд.*

***Калидвожа:*** *латерализатсия, асимметрия, ретроспективӣ, этиология, патогенез, нуқсон, нутқи хаттӣ, дислексия.*

## НАРУШЕНИЕ СПОСОБНОСТЕЙ И НАВЫКОВ ЧТЕНИЯ И ПИСЬМО У ШКОЛЬНИКОВ НАЧАЛЬНЫЕ ШКОЛЫ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

*В своей статье автор обобщает мнения различных ученых о дефектах письменной речи. Автор попытался задуматься об этиологии и патогенезе письменной речи и ее формировании у детей. В частности, автор указывает, что трудность этиологического исследования дефектов письменной речи обусловлена его ретроспективным характером, поскольку причины этих дефектов могут стать вторичными до поступления ребенка в школу. По мнению автора, дефекты чтения и письма могут быть связаны с задержкой формирования некоторых функциональных систем, важных для обучения речи, а также с травмами в разные периоды развития ребенка.*

***Ключевые слова***: *латерализация, асимметрия, ретроспектива, этиология, патогенез, дефект, письменная речь, дислексия.*

## IMPAIRED READING ABILITIES AND SKILLS AND A LETTER FROM SCHOOLCHILDREN PRIMARY SCHOOLS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION

*In his article, the author summarizes the opinions of various scientists on the defects of written speech. The author tried to think about the etiology and pathogenesis of written speech and its formation in children. In particular, the author points out that the difficulty of etiological research of written speech defects is due to its retrospective nature, because the causes of these defects can become secondary until the child enters school. In the opinion of the author, reading and writing defects can be related to delays in the formation of certain functional systems that are important for learning speech, as well as to injuries in different periods of the child's development.*

***Key words:*** *lateralization, asymmetry, retrospective, etiology, pathogenesis, defect, written speech, dyslexia.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҳасанов Хуршед Раҷабович*** - *ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Тел: (+992) 901303732*

***Сведения об авторе***:

***Хасанов Хуршед Раджабович*** - *ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни, Тел: (+992) 901303732*

***About the author***:

***Hasanov Khurshed Rajabovich*** *- assistant of the department of special pedagogy and comprehensive education of the State Pedagogical University of Tajikistan named after S. Aini Phone: (+992) 901303732*

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ИФТИХОРИ ВАТАНДОРИИ НАВРАСОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

***Суриева Ш.***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ*

Дар замони муосир ва ҷаҳонишавии босуръат, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ором намегузорад ва хатар ба таъриху фарҳанг, тамаддун, бештар шуда, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ ва ба аз байн рафтани урфу одат, анъана ва ҳувияти миллӣ боис мегардад. Дар шароити феълӣ масъалаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ тавассути ваҳдат ва ташаккули худшиносии миллӣ, дар заминаи анъанаҳои миллӣ ва динӣ сурат гирифта, барои мо муҳим маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, моро мебояд дар ҳамкорӣ якҷоя тарбияи насли навро таҳким бахшида, пояҳои онро мустаҳакам созем ва наврасону ҷавононро ба дарки вуҷуди хеш, шинохти аслу насаб, донистани моҳияти маънавӣ, мавқеи худ дар ҷомеа, огоҳии комил аз таърих, фарҳангу тамаддун, забон, адабиёт, урфу одатҳои аҷдодӣ ҳидоят намоем. Зеро танҳо тарбияи хуб метавонад рушди бомароми кишварро таъмин карда, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад ва устувор гардонад.

Фаъолияти тарбиявии мо бояд аз миллатдӯстӣ ва ватандориҳои Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирад. Тавре ки Президенти мамлакат таъкид менамояд: «То даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме, ки ҳар қадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем» [8].

Ба андешаи Сардори давлат барои он ки насли ояндаи кишвар ба фишори ҷаҳонишавӣ муқовимат карда, асолати миллӣ ва худогоҳиву хештаншиносиашро ҳифз карда тавонад, он бояд мақому манзалати инсониашро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ пайванд созад ва ба Ватану муқаддасоти он, арзишҳои милливу башарӣ арҷ гузорад, манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва хонавода пайваста тавонад ва донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст, он гоҳ ба худшиносию худогоҳии миллӣ расида метавонад.

Масъалаи тарбияи худогоҳиву худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонон барои солҳои 2006-2010» ва дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия инъикос ёфтааст. Масалан, дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад, онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд, ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ, хизмат кардан ба Ватан ва миллат ҳидоят мекунад. Шаҳрванди ифтихор аз ватандошта истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад» [1].

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводис моро зарур аст, ки насли навро ҳушдор диҳем, ки мисли солҳои навадуми асри гузашта фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгаро ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлат омода бошанд. Ватанашонро дӯст доранд ва ба он содиқона хизмат кунанд.

Нависандаи рус Николай Чернишевский дар боби ватанпарастӣ ва хидмат ба Ватан ба маврид таъкид менамояд: «Ватанпарастӣ хидмат ба ватан асту ватан мардум аст». Вобаста ба андешаи нависандаи маъруф наврасону ҷавонон бояд бахти худро танҳо дар хидмати фидокорона ба Меҳан, ба мардум ва ҷаҳони бузурги фаъолияти шаҳрвандӣ равшан намоянд.

Насли ҷавон бояд донад, ки нерӯҳои ифротгаро инсонҳоро ба ҷангу терроризм ва радикализми динӣ кашида, онҳоро аз асл
ашон бегона месозанд ва ба ҳисси худшиносии миллии онҳо рахна мезананд. Наврасону ҷавонон набояд фаромӯш созанд, ки миллати тоҷик бо таърихи қадимаи давлатдорӣ, маънавиёти баланд ва фитрати фарҳангофариаш

ҷаҳоншумул буд. Таърих гувоҳ аст, ки ташаккули тоҷикон аз асри якуми мелодӣ оғоз ёфтаву маҳз дар замони Сомониён ба мақоми баланди давлатдорӣ расидааст. Вобаста ба ин омӯзгоронро мебояд насли навраcро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми хеш, инсондӯстӣ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд. То ки онҳо ба саволҳои: Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом хонавода ба воя расидаем?. Нахустаҷдодамон киҳоянд, аз куҷо омаданд ва дар кадом сарзамин ошён доштанд?- ҷавоб гуфта тавонанд.

Таваҷҷуҳ ба худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ҳамчун рукни пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта, асоснок кардани мазмун, сохтор ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи худшиносии хонандагон ҳам дар назария, ҳам дар амалия ва таҳкиму рушди давлатдорӣ муҳим мебошад.

Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский дар асараш "Ватан дар дил" (Нашриёти "Маориф" соли 1986.- 178 с.) вобаста ба вазифаи падару модарон, омӯзгорон дар тарбияи ифтихори ватандории фарзандону шогирдон ба таври зерин таъкид кардааст: "Падару модар, омӯзгору сарвари пионерон вазифадоранд, дар дили шогирдони худ изтиробҳои ҷӯшони ватандӯстию ватандориро барангезанд. Танҳо ҳангоме, ки инсони ҷавон сӯи куллаи зебоии маънавӣ ҷаҳд мекунад ва хоҳон аст монанди шоистатарин фарзандони Меҳан бошад, ӯ ба қобилияте доро мешавад, ки саропои атрофро бо чашми гражданин бубинад. Зеро диди граждании ифтихори ватанпарварӣ доротару нерумандтар дар самти бунёдкории ҷомеаи навин аст" [5].

Дар робита ба андешаҳои педагоги шинохта, мо бояд чун шаҳрванди ҳамин сарзамин ҷойю маконҳои ноободи ватанро ободу зебо кунем, гулу дарахтон шинонем, мавзеъҳои зистамонро аз партовҳо тозаву озода намоем, заминҳои бекорхобидаро корам, биноҳои аз таъсири боду борон рехтаро обод созем ва бо ин роҳ эҳсоси саодати шаҳрвандиро баланд бардорем. Ҳар нафаре ин амалро беғаразона анҷом диҳад, ё барои он саъю кӯшиш намояд, хидматгор, ободкори ватан шинохта мешавад, ки ин аст нишонаи ифтихор аз ватану ватандорӣ.

Рушди ифтихори ватандории хонандагон давоми бевоситаи даврaҳои гузашта буда, ба суръат ва сифати ташаккули он ду омил таъсирасон аст:

1. Дараҷаи инкишофи майлу хоҳиш, талабот (мотиватсия), маҳорати дарккунӣ, эҳсоскунӣ, баҳодиҳӣ, худмаълумотгирӣ, худтарбиякунӣ ва худбаҳодиҳии худи хонандагон.

2. Мазмуни маводи таълим таърихи гузашта ва замони соҳибистиқлолии навини давлатдории миллие, ки хонандагон то андозае ба он шиносоӣ доранд.

Аз ин рӯ, роҳбарият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати ташаккули ифтихори ватандории хонандагон тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд. Аз ҷумла,

- дар мавзӯи «Тоҷикон дар таърих кадом даврaҳои давлатдории миллии худро аз сар гузаронидаанд?» суҳбатҳо доир намоянд;

- бинобар аз ҷониби Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи тоҷик ройгон тақдим шудани шоҳасари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров, омӯзиши асари мазкурро миёни хонандагон ба таври хосса ба роҳ монанд;

- дар муассисаҳои таълимӣ "Шаби саволу ҷавоб оид ба мазмуну муҳтаво ва нақши шоҳасари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстӣ баргузор намоянд;

- вобаста ба бобҳои шоҳасари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров навиштани иншоро ба роҳ монанд;

- тавассути хонандагон дар муассиса, лавҳаи мактабӣ бо номи "Тоҷикон дар арсаи таърих" ташкилу насб намоянд;

- бо иштироки таърихнигорон дар мавзӯи "Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан " ҷамъомад- воҳӯриҳо доир кунанд.

3. Корҳои берунасинфӣ гузаронанд. Зеро яке аз омилҳои муҳими ташаккули ифтихори ватандории хонандагон ин гузаронидани корҳои беруназдарсӣ ба шумор рафта, омӯзгорон дар ин замина метавонанд бо хонандагон ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ сайрҳои таърихӣ ташкил намоянд ва муқоисаи даврaҳои таърихии халқи тоҷикро тавассути ин сайрҳо ба роҳ монанд. Хонандагон ҳангоми шиносоӣ ба таърихи миллат дар бораи дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар донишҳои бошуурона гирифта, маълумоти мукаммал пайдо мекунанд, ки ин боиси ташаккули худшиносии миллӣ, қисматҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳии онҳо мегардад.

4. Суҳбатҳои маърифатӣ гузаронида, хонандагонро ба таърих фарҳанги миллӣ шинос намоянд. Зеро шиносоӣ ба таъриху фарҳанг ва рушди муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ,

адабиёт, мақоми давлатӣ гирифтани забони модарӣ ва маълумот роҷеъ ба тағийроти иҷтимоию фарҳангӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши калидӣ дорад.

5. Бо иштироки собиқадорони ҷангу меҳнат, шахсиятҳои барӯманд ва кормандони мақомоти дахлдор, дар бораи қаҳрамониҳои фарзандони тоҷик дар ҶБВ аз ҷумла, дар бораи Неъмат Қарабоев, Исмоил Ҳамзалиев, Ҳодӣ Кенҷаев, Тӯйчӣ Эрҷигитов, Саидқул Турдиев, Домулло Азизов, Ҳайдар Қасимов, Ойгул Маҳмадҷонова ва ҳаёту фаъолияти қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шотемур ва Нусратулло Махсум ҷамъомад-вохӯриҳо гузаронанд. Чорабиниҳои мазкур ҳиссиёти хурсандӣ, шодмонӣ, ифтихору қаноатмандиро дар хонандагон афзун намуда, донишҳо дар бораи қаҳрамониҳои тоҷикон шаъну шараф, нангу номус ва худшиносии миллиии онҳоро баланд мебардорад.

7. Дар мавзӯъҳои «Пошхӯрии ИҶШС», «Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон», «Истиқлолияти миллӣ ба даст овардани халқи тоҷик», «Қабули рамзҳои нави давлатӣ аз ҷумла, Конститутсия, Парҷам, Нишон, Суруди миллӣ» конференсияву семинарҳо доир намоянд, ин чорабиниҳо эътиқоди хонандагонро ба ватану ватандорӣ таҳким бахшида, низоми донишҳои илмӣ-таърихии онҳоро вусъат мебахшад.

8. Миёни хонандагон оид ба таърихи гузаштаву имрӯзаи халқи тоҷик навиштани рефератро ба роҳ монанд. Эҷоди реферат эҳсосоти ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ифтихор аз миллати хеш доштани хонандагонро устувор намуда, шаъну шарафи милли онҳоро баланд мебардорад.

9. Оид ба таърих, моҳияти ҷашнҳои аҷдодӣ «Сада», «Наврӯз», «Тиргон», «Меҳргон» ва амсоли ин, ҷашнҳои давлатию миллӣ «2500- солагии Истаравшан», «2700- солагии Кулоб», «3000-солагии Ҳисор», «5500-солагии Саразми бостон» ва мавзеъҳои таърихии кишварамон ҷамъомадҳо гузаронанд. Зеро ҷамъомадҳои мазкур хонандагонро ба мероси фарҳангиву таърихии миллат аз наздик шинос намуда, ҳисси ватандориашонро ташаккул медиҳад.

Ташаккули худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандории хонандагон яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафӣ, сиёсатшиносӣ, педагогию психологии замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми таркибии миллати тоҷик ба шумор рафта, бо амалӣ намудани тадбирҳои зикршуда мо метавонем ифтихори ватандории наврасону ҷавононро рушд бахшем ва ба дарки дурусти масъалаи худшиносии миллии хонандагон: «Ман кистам», «Ман аз кадом хонадон ҳастам» ва «Ман ки бояд бошам» мусоидат намоем.

Дар ин маврид муҳаққиқ Амонӣ Салоҳиддин бамаврид фармуда:

*Ифтихори ману ту аз Ватан аст,*
*Эътибори ману ту аз Ватан аст.*
*Қуввати ҷону сари сабзу баланд,*
*Иқтидори ману ту аз Ватан аст.*
*Ватан ар қудрату эмон бошад,*
*Ҳар касе беватан аст, бекафан аст.*

Хулоса, ифтихору, эътибор ва иқтидори ҳар инсони оқилу огаҳ Ватан буда, худшиносию ватандорӣ модарзодӣ нест онро тарбия бояд кард. Ин тарбия бояд гуногунҷабҳа, бонизому мақсаднок ва ҳамоҳангшудаву самарабахш дар руҳияи садоқат ба Ватани худ, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои шаҳрвандӣ ва аз ҳама муҳим иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Александров В. Б. Общечеловеческие ценности: диалог культур/В.Б. Александров Культура и ценности: Сб, научн. Тр. – Тверь: ТГУ, 1992. - 17- 26 с.
2. Бабаков В. Г. Национальное сознание и национальная культура- методол. Пробл./В.Г. Бабаков, В. М. Семенов. - М.: МГУ, 1996. – 70с
3. Гаязов А.С. Формирование гражданских качеств старшеклассников в совместном труде. - Автореф. Канд. пед. наук. – 1986. – 18с.
4. Ипполитова Н. В. Патриотическое воспитание в современных условиях-особенности, подходы, подготовка будущих учителей. –Челябинск, 1997. – 216 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018- 36 с.
6. М. Лутфуллоев Педагогикаи миллии халқи тоҷик.- Душанбе «Сифат», 2015.-704 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба МОҶТ –Душанбе, 2017.- 47 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба МОҶТ –Душанбе, 2019.-47 с.
9. В.А. Сухомлинский Ватан дар дил. - Душанбе «Маориф», 1986.-196 с.
10. С. Ш. Туронов Инсон, Тарбия, Ватан. (монография). – Душанбе, «Нигор» 2014. -184с.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ИФТИХОРИ ВАТАНДОРИИ НАВРАСОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

*Дар мақола андешаву хулосаҳо оид ба тарзҳои ташаккули ифтихори ватандории наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, вазифаву уҳдадориҳои омӯзгорон дар ташаккули ифтихори ватандории хонандагон ва тарзҳои гузаронидани корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ оид ба рушди ифтихори ватандории хонандагон баён шудааст. Муаллифи мақола ҷиҳати бонизому мақсаднок ва ҳамоҳангшудаву самарабахш дар руҳияи садоқат ба Ватани худ, гузаронидани машғулияту чорабиниҳоро манзури муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истиқлолияти давлатӣ, Ватан, ифтихори ватандорӣ, ватанпарастӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ, Меҳан, худогоҳӣ ва бедории миллӣ, эҳтирому гиромидошти муқаддасоти миллӣ, арзишҳои миллӣ, марз, бум, ормонҳои миллӣ, тарбия, хидмати содиқонаи судманд ба манфиати миллату ватан, ифтихор, эътибор ва иқтидори инсонӣ.*

## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПОДРОСТКОВОЙ ПАТРИОТИЧЕСКОЙ ГОРДОСТИ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

*В статье представлены взгляды и выводы о путях формирования патриотической гордости подростков в общеобразовательных учреждениях, обязанностях и ответственности педагогов в формировании патриотической гордости учащихся и способах проведения внеурочной и внешкольной деятельности по развитию патриотической гордости учащихся. Автор статьи предложила проводить занятия и мероприятия в общеобразовательных учреждениях в духе преданности Родине системно, целенаправленно, скоординировано и эффективно.*

***Ключевые слова:*** *государственная независимость, Родина, гордость патриотизмом, патриотизм, самопознание, Родина, самосознание и национальное пробуждение, уважение национальных святынь, национальные ценности, границы, Отчизна, национальные устремления, воспитание, верная и полезная служба на благо народа и Отечества, гордость, национальные интересы, человеческое достоинство и возможности.*

## WAYS OF FORMING TEENAGE PATRIOTIC PRIDE IN GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

*The article presents the views and conclusions about the formation of patriotic pride of adolescents in public educational institutions, duties and responsibilities of teachers in the formation of patriotic pride of students and ways of conducting extracurricular and out-of-school activities to develop patriotic pride of students. The author of the article proposed to conduct classes and events in educational institutions in the spirit of devotion to the Motherland in a systematic, purposeful, coordinated and efficient manner.*

***Keywords:*** *state independence, Motherland, pride in patriotism, patriotism, self-knowledge, self-knowledge, Motherland, self-consciousness and national awakening, respect for national shrines, national values, borders, Motherland, national aspirations, education, national interests, human dignity and opportunity.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Суриева Шакармо*** *- ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Ваҳдат, кучаи. Салимзода 32, хонаи 10, Тел: (+992) 930010353;*

***Сведения об авторе:***

***Суриева Шакармо*** *- старший научный сотрудник Иниститута развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Вахдат улица Салимзода 32, кв. 10, Тел: (+992) 93 001 0353;*

***About the author:***

***Surieva Shakarmo*** *senior scientific employee Inistituta developments of the forming the name Abdurahmana Dzhami Academies of the formation Tajikistan, city Vfhdat street Salimzoda 32, apartmen 10, Phone: (+992) 930010353;*

# РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ АФСОНА ДАР ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОН

***Назарова Р.А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Ҷойгоҳи афсонаҳои мардумӣ дар раванди тарбияи зебоипарастии кӯдакон муассир буда, дар ташаккули маънавиёти онҳо нақши муҳим ва бориз дорад. Ба ақидаи адабиётшинос Ҷ.Бобокалонова «Афсонаҳо низ чун ҳама гуна жанрҳои хурду калони фолклорӣ дар ташаккули фикри бачагон, тахайюлоту хаёлоти онҳо, орзуву орзуписандиҳои бачагон кӯмак мерасонанд ва дар ташаккули шахсият ва табиату завқи зебоипарастиаш низ бе таъсир намебошанд».[7, с.92]

Воқеан ҳам афсонаҳо, ки аз маърифату хиради халқ бархостаанд, дар ташаккули худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ифтихори миллӣ мусоидат мекунад. Афсонаҳои халқ аз қадимулайём то ба ҳол аз забон ба забон, аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Офаридаҳои халқӣ маҳсули эҷоди халқанд, ки дар ҳар давру замон асолат ва рисолати худро аз даст нахоҳанд дод. Дар афсонаҳои халқӣ тасвирҳои муассиру шигифтангез ва корнамоиҳои пур аз муболиға ва тасаввурношуданӣ, ки аз ҷиҳати сабку услуб равону фаҳмост, хос аст. Аз ин дидгоҳ, агар мазмуни афсона сатҳиву рӯякӣ нақл гардад, ба кӯдакон таъсир намебахшад. Бояд афсона ҳайратовару муболиғанок нақл ёбад, кӯдакон аз мазмуни он мутаассир гардида, ба худ суде бардошт кунанд.

Мураббияро зарур аст, ки афсонаҳои халқиро бо тамоми назокату фасоҳаташ азхуд намуда, бо санъату маҳорати фарогир ба самъи кӯдакон расонида тавонад. Дар ин равиш бояд анъана, расму одат ва таомули халқро наку донад. Аз дигар тараф вижагиҳои психологии кӯдакон, иртиботи онҳо ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, мафкуравӣ, ҳуқуқӣ, маишӣ ва муносибатҳои хонаводагии ҳар яке аз онҳоро фаҳму дарк карда тавонад.

Афсона аз интишорёфтатарин жанрҳои адабиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, кӯдакон аз шунидани он ғизои маънавӣ бардошта, хешро дар нақши мусбати қаҳрамони афсона тасаввур мекунанд. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки шунидани афсона на танҳо завқу рағбати кӯдаконро бармеангезад, балки дар хотираашон то дергоҳ нақш мебандад. Умри тӯлонӣ ёфтани афсонаҳо ҳам дар ҳамин аст, ки гӯяндагону посдорони забон дар давоми садсолаҳо ин ганҷинаи пурбаҳои ниёгони худро сармашқи ҳамешагии рӯзу рӯзгорашон карда, ҳамвора аз он сабақи зиндагӣ бардоштаанд.

Таъкид бояд намуд, ки халқ афсонаҳоро дар заминаи бардошту таҷрибаҳои андӯхтаи хеш аз ҳаёт мушоҳидаҳои хирадмандонаи давомдор ва натиҷагириҳои оқилонаи худ офарида, ба наслҳои баъдӣ ба ёдгор гузоштааст. Аз ин хотир дар таълиму тадрис ва тарбияи насли тозараси ҷомеа аз ин дурдонаҳои ноёб кор гирифтан аз манфиат холи нахоҳад буд.

Афсонаҳои шифоҳии халқи тоҷик аз нигоҳи мазмун доманадор ва гуногунмавзӯъ буда, ҳодисаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, маишӣ-оилавӣ, афкори маънавию ахлоқӣ, ғамхорӣ нисбат ба инсон, меҳру муҳаббат дар ҳаққи ятимону бенавоён, дасти ёрӣ расонидан ба ниёзмандон ва дигар масъалаҳои арзишманди ҳаёти инсониро дар худ таҷассум кардаанд.

Дар афсонаҳои халқӣ падидаҳои номатлуб ва ахлоқи зишти аҳли башар ба монанди зулму истисмор, ноадолатӣ, рашку ҳасад, бахилӣ ва дигар хислатҳои разили инсонӣ танқид ва мазаммат гардида, сифатҳои неку судманд, аз ҷумла заҳматқаринӣ, вафодорӣ, садоқату вазифашиносӣ, виқору ғурури ватандӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва амсоли инҳо васфу ситоиш ёфтаанд. Агар воқеъбинона мазмун ва муҳтавои афсонаҳои халқиро таҳлилу арзёбӣ намоем, ҳақиқатан ҳам, дар ҳар як афсона маънии чандин асари бадеӣ нуҳуфтааст.

Суханони ҳикматбори нависандаи бузурги рус А.М.Горкий ифодагари ҳамин маънист, ки фармудааст: «…таърихи халқро албатта, донистан зарур, инчунин фикрҳои иҷтимоӣ-сиёсии онро ҳам донистан лозим аст. Олимон, муаррихони маданият, этнографҳо-мегӯянд, ки ин фикрҳо дар афсонаҳо, латифаҳо, зарбулмасал ва мақолҳо ифода ёфтааст», [8, с.39].

Омӯзиши афсона ба кӯдакони хурдсол аз оила ва муассисаҳои томактабӣ оғоз ёфта, дар зинаҳои дигари таълим равнақу ривоҷ мегирад. Тавассути офаридаҳои халқӣ кӯдакон ба мероси маънавии халқ ошноӣ пайдо карда бо роҳнамоии мураббӣ дар дарку фаҳмидани он ба комёбӣ даст мееёбанд. Ҷараёни ҳодисаву воқеаҳои дар афсонаҳои халқӣ инъикосёфтаро эҳсос намуда, худро ҳамрозу ҳамдами қаҳрамонони мусбии он медонанд. Ногузир симоҳои манфур ва зиштро сарзаниш карда, пайравӣ аз хислатҳои пазируфтании чеҳраҳои хайрхоҳу садоқатпеша мекунанд.

Дар машғулиятҳои амал ӣ мураббияро зарур аст, ки афсонаҳои шавқовару завқбарангез ва хусусияти тарбиявӣ доробударо интихоб намоянд. Забони баёни он ҳам сода ва осонфаҳм

бошад, то ки ба ин васила кӯдакон луғатҳои фаровонро ба ёд супоранд ва ҳангоми бо забони адабӣ андешаи худро баён доштан мувоҷеҳ ба мушкилӣ нашаванд. Гузашта аз ин мураббӣ ба гуфтор ва рафтори қаҳрамони афсона тақлид кунад ва бо ҳамин шева таваҷҷуҳи шунавандаро ба сӯи худ кашад, то ишқу алоқаи кӯдакон ба ҳифз ва фаҳм намудани мазмуни афсона афзун гардад.

Дар баёни нақли афсона мураббӣ бояд дорои нутқи равон ва фасеҳ бошад. Инчунин ӯ кӯшиш ба харҷ диҳад, ки бо маҳорати фавқулодаи касбӣ ва маданияти баланди муошират дар тарбияи зеҳнии кӯдакон таъсири судманд бар ҷой гузорад. Вазифаи пуршарафи мураббӣ иборат аз он аст, ки кӯдаконро дар рӯҳияи омӯхтани илму дониш ва дар роҳи худшиносиву маърифатпарварӣ камол ёфтан тарбият кунад. Зеро кӯдакон қобилияти хуби фаҳму дарк намудани ҳодисаҳои мухталифро доро ҳастанд. Албатта, агар мураббӣ дар ташаккули тафаккури онҳо содиқона заҳмат кашиданро дареғ надорад.

Афсонаҳои халқӣ ин дурдонаҳои арзишманди ақлу заковати мардумон аст, ки мутолиаи он, бидуни тардид касро ба риққат меорад ва шунидани он ҳам ба кӯдакон писанд ва хушоянд аст. Дар афсона муносибати халқ ба тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ хеле самимӣ ва одӣ ифода ёфтааст. Ҳамин хусусиятҳои афсона зуд дар қалби кӯдакон манзил мегирад ва ба рӯҳи онҳо таъсири бузурги психологӣ эҳдо менамояд. Дар қисмати бештари афсонаҳои халқӣ ду қувваи ба ҳам зид ҳамеша дар мубориза аст. Ин нуктаро академик Раҷаб Амонов дархусуси афсонаҳои халқи тоҷик чунин баён доштааст: « шабҳои дарози зимистон, беҳтарин соатҳои умр буд. Аҷаб лаззате дошт ба ҷойгаҳ, ба даруни кӯрпаи дуқат даромада, аз забони ширини хешованде гӯш кардани саргузашти бузаки ҷингилапоию бузичаҳои номашон яке аз дигаре аҷибтар: Алӯлак, Булӯлак, Хиштаки сари танӯрак….

Ман он замон ҳанӯз бисёр чизҳоро намефаҳмидам, вале афсона шунида, ба дили хурдакаки худ эҳсос мекардам, ки дар дунё ду қувваи ба ҳам зид вуҷуд дорад: бад ва нек. Бад беист саъй менамояд, ки ба нек зарар оварад, онро аз байн бардорад, нек бошад, ба ҳар восита худро муҳофизат мекунад», [3, с.43].

Аз ин ҷост, ки кӯдакон ба такрор афсонаеро шунаванд ҳам дилгир намешаванд, ва баръакс гӯш кардани он қалбашонро ба ваҷд меорад. Худро ба ғаму дарди қаҳрамони афсона шарик медонад. Рафтору кирдорҳои ношоистаро маҳкум карда, нисбат ба ин гуна афрод дар қалбу зеҳнаш он нафрат пайдо мекунанд.

Афсонаҳои тоҷикӣ, ки саршор аз андешаҳои тарбиявӣ аст, метавон ба манзалат насиҳатнома ва ганҷинаи ҳикмат онро арзёбӣ намуд. Воқеият он аст, ки афсонаҳо бофтаҳои мардуманд, вале бофтаҳои пур аз андарзу панди омӯхтанӣ, ки ҳақиқати рӯзгори пешиниёнро дар худ инъикос менамудааст.

Кӯдакон ба воситаи афсонаҳои халқӣ, ки дар онҳо андешаи некӣ ва накукорӣ талқин гардида, дар ниҳоди тарбиятгирандагон фазилатҳои неки инсониро парвариш медиҳад ва аз дигар тараф бадӣ ва бадкирдорӣ дар ин гуна афсонаҳо мавриди сарзаниш қарор ёфтааст, ба такомули шахсияти кӯдакон нақш мегузорад.

Афсонаҳои тамсилӣ низ дар тарбияти кӯдакон ҷойгоҳи хосро ишғол менамояд. Шеваи гуфтори мураббӣ дар кушода додани рафтору гуфтори ҳар ҳайвон ҳунармандона ва нишонрас бояд бошад. Кӯдакон шунидани афсонаҳои тамсилиро хуш истиқбол мекунанд. Хурдсолон тавассути афсонаҳои тамсилӣ оҳиста-оҳиста ҳақиқати зиндагиро фаҳмида, ба андозаи завқи бадеӣ ва бо ғунҷоиши зеҳнияти худ хулосаҳои даркорӣ мебароранд. Ишораи ин нукта низ муҳим аст, ки таҳти ҳар як афсонаи асотирӣ заррае ҳақиқати ҳаётӣ дарҷ ёфтааст. Дар афсонаҳои тамсилӣ хулқу атвори писандидаву номатлуби одамон бо рангу шеваи мухталиф ва мармуз инъикос гардидааст.

Нақл кардану шунидани афсона аз муҳимтарин хусусияти афсона ба шумор меояд. Аз тарафи мураббӣ нақли мазмуни афсона дар раванди машғулиятҳои амалӣ ҷойгоҳи хосро ишғол менамояд. Ӯ ҳамчун ҳунарманди хушхолу ширинбаён фаъолият карда, ба оҳанги талаффузу гуфтори ҳар як қаҳрамон тақлид кунад ва бо ҳамин роҳ шавқу рағбати кӯдаконро ба шунидани он ҷалб кунад. Ин маъниро академик М. Лутфуллоев чунин шарҳ додааст: «Масалан, аз номи шер гап задани бошад, бояд чун шер биғуррад ва агар аз номи рӯбоҳ гап мезада бошад, мисли рӯбоҳ ҳиллаю найрангро ба кор барад; яъне ки чӣ қарор доштани худро пешакӣ дарк намояд. Айни ҳамин хусусиятро дар вақти хондани афсонаҳо низ риоя бояд кард» (9-77).

Кӯдакон шунидану ба хотир супурдани афсонаҳои тамсилиро хуш қабул мекунанд. Афсонаҳои «Ҳезумкаш ва мор», «Саъба ва фил», «Достон», «Гурбаи худписанд», «Тадбири зоғ» ва ба амсоли инҳо осори тамсилии мардумӣ буда, нақли онҳоро дар машғулиятҳои амалӣ ба роҳ гузоштан ба манфиат хоҳад буд. Тавассути азхуд намудани афсонаҳои тамсилӣ кӯдакон миёни мафҳумҳои неку бад, росту дурӯғ, дӯстиву душманӣ фарқ гузошта, аз

рафтору кирдори баъзе аз ҳайвонҳо истиқбол мекунад ва аз рафтору кирдори нописандидаи ҳайвонҳои бадният ба шигифт омада, онҳоро маҳкум ва мазаммат менамояд. Хониши ин гуна афсонаҳо кӯдаконро таълим медиҳад, ки дар ҳаёт ҳамеша ба андешаи садоқатпешагӣ ва фурутанӣ меҳнат куна два аз хиёнаткориву фиребгарӣ дурӣ ҷӯяд, бунёдкору ободгар бошад ва ба касе зиёну ситам расониданро ба худ лоиқ набинад.

Афсонаҳое, ки дар мавзуи ҳазлу шухӣ ва дилхушӣ эҷод шудаанд, хеле мароқангезанд. Зеро қаҳрамонони ин гуна афсонаҳо табиатан зудбовар буда содалавҳона фаъолият мекунанд ва умед ба фардои нек доранд. Маромномаи ҳар яки онҳо дар пасту баландиҳои зиндагӣ «Поёни шаби сиёҳ сафед аст». Масалан, дар афсонаи «Лаку Пак» аз содадиливу содалавҳии ҳарду қаҳрамон сухан меравад. Ин қабил одамон дар ҳар давру замон будаанд ва ба ҳоли онҳо набояд хандид ва ё мавриди ҳаҷву масхара қарор дод. Зеро онҳо табиатан бо доштани чунин эҳсосу идрок ба дунё омадаанд. Наметавон онҳоро бо содагиашон накӯҳиш намуд. Содагӣ хеле латофату фазилате дорад. Кору пайкори онҳо ба кас хушҳолӣ ва шодӣ меорад. Амалҳои хушҳолкунандаи онҳоро бояд пазируфт ва ба шахсияти онҳо эҳтиром гузошт. Аҳволи содалавҳонаи Лаку Пакро метавон дар афсонаҳои шавқу сурурбахши «Деҳқон ва кӯзаи зар» ва «Савобҷӯй», ки сириштан поку беолоиш ҳастанд, ба мушоҳида гирифт. Шунидани ин гуна афсонаҳои фараҳбахш дар вуҷуди кӯдакон шодмониву хурсандиро ангезиш медиҳад, шунавандаро хандону болидарӯҳ мегардонад. Инчунин симоҳои шӯхтабиату хушдил дар хотираи кӯдакон нақш баста, то дергоҳ ба гӯшаи фаромӯшӣ нахоҳанд рафт. Корнамоиҳои аҷибу ғариби онҳо ширину намакин буда, ба шунавандаи хурдсол кайфияту фароғати хушро тақдим медоранд. Албатта, ба кӯдакон нақл намудани афсонаҳои шӯху ҳаҷвомез писанд меояд. Дар зимн мураббиро зарур аст,ки ба ҷиҳати тарбиявии асари нақлшуда дахл карда, дар ниҳоди кӯдакон хислатҳои некиву накукорӣ ва хайрхоҳиву инсондӯстиро парвариш диҳад.

Қаҳрамонӣ ва паҳлавонӣ дар бисёр афсонаҳои тоҷик асари худро гузоштаанд. Шунавонидани чунин афсонаҳо ба кӯдакон таъсири амиқ гузошта, онҳоро дар рӯҳияи ҷасуриву нотарсӣ, шуҷоату матонат ва фидокориву ҷоннисорӣ парварида, ҷисману рӯҳан ба онҳо қувват мебахшад. Адабиётшинос Носирҷон Маъсумӣ омӯзиши афсонаҳои ба мавзӯи қаҳрамонӣ бахшидашударо пураҳамият хонда, дар ҳамин замина афзудааст: «Қаҳрамонӣ, паҳлавонӣ дар афсона мавзуъ ва масъалаи муҳим мебошад. Мо дар аксарияти афсонаҳо амалиёти қаҳрамонӣ- баҳодуриро дида метавонем, дар баробари ин афсонаҳои махсуси қаҳрамонӣ ҳам мавҷуданд. Баъзе аз онҳо характери таърихӣ доранд. Бинобар ин, номҳо ҳам ба номҳои таърихӣ мувофиқ меоянд». [10-95] «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Гуштоспнома»-и Дақиқӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар заминаи ривояту афсонаҳои мардумӣ иншо гардидаанд.

Тарбиятдиҳандагони муассисаҳои томактабиро зарур аст, ки мазмуни ин қабил афсонаҳоро бо тафохуру рӯҳбаландӣ ба кӯдакон нақл намуда, кӯшиш ба он харҷ, ки шунаванда ба шавқ ояд, ба қаҳрамонони асар меҳр бандад. Ҳисси паҳлавону қаҳрамон шуданро дар замири кӯдакон бедор кунад, то ба ҳамин васила дар замири онҳо баҳри беҳрӯзиву шукуфоии давлату миллат садоқатмандона хизмат намудан пайдо шавад. Афсонаҳои «Салимпаҳлавон», «Эраҷи тилисмшикан», «Гӯрзод» ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Ин симоҳои қаҳрамонӣ бо вуҷуди хаёлӣ будан дар сиришти кӯдакон оини ҷавонмардиву далерӣ, ғояи олии ватандӯстӣ ва виқору ғурури миллиро ташаккул медиҳанд.

Дар гурӯҳи дигари афсонаҳои тоҷикӣ нуқсону норасогиҳои ҳаёти инсонӣ шарҳу тавзеҳ ёфта, хулқу атвори шахсони бадкирдору зиштрафтор мавриди танқид ва сарзаниш қарор гирифтааст. Инчунин ришвахӯриву ҳаромкорӣ, зулму бедодгарӣ,ғорату иғвоангезӣ, фосиқиву фиребгарӣ барин хислатҳои ноМатлуб накӯҳиш ёфтааст, ки дар кӯдакон ҳисси нафрату бадбинӣ нисбат ба чунин ашхос падид меояд. Халқ дар муқобили онҳо чеҳраҳоеро ба майдон овардааст, ки бо ақлу заковат, зиракиву ҳушёрӣ, ҳунару кордонӣ ғолибият ба даст оварда, муваффақ ҳам гардидаанд. Теъдоди ба ин монанд афсонаҳо дар осори мардумӣ кам нест. Афсонаи «Дӯстони хиёнаткор ва духтари покдомани бозургон», «Кали зирак», «Се бародар», «Шаҳрбону» доир ба ҳамин мавзуъ буда, мазмун ва мундариҷаи он бозгукунандаи хислату афкори рӯзгори пешиниён аст.

Бояд гуфт,ки хониши афсонаҳо моро ба он ташвиқ мекунад, ки ба ҷаҳон ба чашми хирад нигариста, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии худро такмил диҳем. Кӯдаконро ҳам ба шунидани нақли афсона ба дарки мазмуни он мебояд, ки аз хулқу атвори мақбули қаҳрамонон ибрат гиранд ва аз феълу хӯи зишти золимону ҷоҳилон парҳез кунанд. Афсонаҳо маҳсули тахайюлоти халқ аст. Он аз таҷрибаи рӯзгори насли инсон гузашта, ба шакли афсона даромадааст. Дар афсонаҳо тамоми хоставу ормонҳои инсоният бо таассуроту ифодаҳои муассир, ҷаззобу омӯзанда ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи саҳеҳи адабиётшинос Н.Маъсумӣ:

«Дигаргунии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ба зиндагӣ-маишати халқ ва рӯҳияи он таъсири калоне дошт ва инҳам ба таври анъанавӣ дар эҷодиёти даҳонакии халқ зоҳир мегардид. Бинобар ин, афсонаҳоро фақат дар заминаи реалӣ, бо донистани тамоми шароитҳои конкретии онҳо омӯхтан муҳим аст. Афсона факти иҷтимоӣ мебошад» (10-90). Қазовати муҳаққиқ дуруст ва қобили пазириш аст.

Мураббӣ дар рафти машғулиятҳои амалӣ хусусиятҳои фардии ҳар кӯдакро омӯхта, завқу салиқаи онҳоро муайян кунад. Тавассути матни афсонаҳои мардумӣ ба ҳиссу эҳсосоти онҳо таассуроти амиқ гузошта тавонад, ки ин равиш дар вуҷуди кӯдакон маърифат намудани ҳодисаҳову воқеаҳои ҳаётиро равнақу ривоҷ диҳад. Мақсаднок омӯзонидани осори шифоҳӣ, махсусан афсонаҳои халқӣ ба роҳу шеваҳои интихобнамудаи мураббӣ иртиботи қавӣ дорад. Мураббӣ бояд пухтакору мавқеъшинос ва сухандону суханвари мумтоз бошад. Дар баробари фаро гирифтани мазмуну мундариҷаи матн баинкишофёбии нутқи шифоҳӣ ва забономӯзии кӯдакон таваҷҷуҳ зоҳир кунад, то ки онҳо низ озодона ва мустақилона фикрашонро ифода карда тавонанд.

Ҷавҳари асосии ҳар як осори бадеиро симоҳои бадеии он намоён мекунад. Дар афсонаҳо ҳам чеҳраҳои гуногунақидаву гуногунниҳод фаъолият намуда, бо кирдору пиндори ба зоҳиру ботин хоси худ дар назари хонанда падидор мешаванд. Дар ин ҳолат мураббӣ симоҳои мусбату манфии асарро аз ҳам ҷудо карда, ба кӯдакон пайравӣ намудан аз хислатҳои неки инсониро талқин медорад. Аз дигар тараф ҳисси мушоҳидакорӣ ва баҳогузориро дар тафаккури кӯдакон шакл медиҳад, то ки ба ин васила онҳо низ дар таҳлилу ташхиси кушодани махсусиятҳои ҳар як чеҳраи дар афсона амалкунанда фикри шахсии худро дошта бошанд. Ин хусусиятро метавон дар зеҳну шуури кӯдакони синни томактабӣ парвариш дод. Зеро онҳо алакай қобилияти мустақилона азхудкунӣ ва дар хотир нигоҳ доштани маводи омӯхташударо касб кардаанд. Махсусан, аз он ки забони афсонаҳои халқӣ содаву равон буда, ба фаҳму дарки кӯдакон мутобиқ афтодааст.

Афсонаҳои халқӣ дар тарбияи завқи бадеии хурдтаракон нақши бориз дошта, ба онҳо лаззати бадеӣ мебахшанд ва ҳусни таваҷҷуҳи онҳоро ба каломи бадеӣ ва зебоиписандӣ қарин мекунанд. Дар фарҷом метавон чунин натиҷа бардошт, ки афсонаҳои халқӣ дар ҳаёти маънавии кӯдакон ҳамчун раҳнамову раҳкушои беминнат ифои вазифа менамоянд. Зеро кӯдакон меҳмони имрӯзу барпокунандагони фардои ҷомеаи инсонӣ ҳастанд ва аз ин ҷост, ки онҳо бояд дар рӯҳи беҳтарин хислатҳои пазируфтанӣ парвариш ёбанд ва дар оянда роҳи дурусти зиндагиро интихоб кунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷилди 1 / С.Айнӣ -Душанбе: Маориф, 2019, - 728с.
2. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов -Душанбе: Ирфон, 1981. – 228с.
3. Амонов Р, Асрорӣ В. Эҷодиёти даҳонакии халқ, // Р. Амонов Душанбе: 1982.-168с.
4. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик / Р. Амонов – Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2006. - 86
5. Афсонаҳои халқи тоҷик- Хуҷанд: Нашр, 2005-384с.
6. Баёзи эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик,-Душанбе, 2010 – 216с.
7. Бобокалонова Ҷ. Таърихи адабиёти атфол / Ҷ.Бобокалонова -Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2006-568с.
8. Горкий М. О детской литературе и детской чтении. / М. Горкий -Москва: Детгиз, 1958.
9. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модари дар синфҳои ибтидоӣ / М.Лутфуллоев -Душанбе: Маориф, 1985.-243с.
10. Маъсуми Н. Фолклори тоҷик / Н.Маъсуми -Душанбе: 2005.- 158с.
11. Миров Т. Методикаи таълими адабиёти тоҷик / Т.Миров, И.Хоҷаев, Ш.Исмоилов -Душанбе: Маориф, 1991. – 248с.
12. Наимбоев С. Хониши ифоданок, / С. Наимбоев - Душанбе: Маориф, 1990. – 88с.
13. Тазкираи адабиёти бачагона. Ҷилди 2 (Наср). Душанбе: Маориф, 1980. – 286с.
14. Тағоев С. Адабиёти бачагона. / С. Тағоев – Душанбе, 2012. – 117с.
15. Хоҷаев Қ. Суханварӣ. / Қ.Хоҷаев -Душанбе: Маориф, 1997.-110с.


## РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ АФСОНА ДАР ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОН


*Муаллиф дар ин мақола роҳу усулҳои истифодабарии афсонаро дар ташаккули шахсияти кӯдакон нишон додааст. Нақши мураббиро дар нақли муассири афсона муҳим арзёбӣ кардааст. Доир ба мавзуъҳои муҳими афсона ва шеваҳои омӯхтани он изҳори назар кардааст. Дар хусуси аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ доштани афсона андешаҳои ҷолиб баён доштааст. Оид ба тақвият бахшидан ба завқи зебоиписандии кӯдакон низ хулосаҳои мантиқӣ баровардааст.*

***Калидвожа:*** *кӯдакон, усул, мураббӣ, афсона, муассир, тарбия, рағбат, томактабӣ, мавзуъ, ҳифз, шифоҳӣ, таълим, нек, бад, мазмун, мундариҷа, ҳодиса, машғулият, тафаккур, забон, хотира, маънавиёт, маҳорат.*

## СПОСОБЫ И МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СКАЗКИ В ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОМ РАЗВИТИИ ДЕТЕЙ

*В данной статье автор показывает способы использования сказок в формировании личности детей. Он считал роль тренера важной в эффективном сторителлинге. Он комментировал важные темы сказки и методы ее изучения. Он высказал интересные мысли о воспитательном и нравственном значении сказки. Он также сделал логичные выводы о том, как повысить интерес детей к прекрасному.*

***Ключевые слова:*** *дети, метод, воспитатель, сказка, эффективное, воспитание, мотивация, дошкольник, тема, защита, устное, обучение, хорошее, плохое, содержание, содержание, событие, занятие, мышление, язык, память, духовность, умение.*

## WAYS AND METHODS OF USE OF THE FAIRY TALE IN THE INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF CHILDREN

*In this article, the author shows ways to use fairy tales in shaping the personality of children. He considered the role of the coach to be important in effective storytelling. He commented on the important themes of the tale and the methods of studying it. He expressed interesting thoughts about the educational and moral significance of the tale. He also made logical conclusions on how to increase children's interest in beauty.*

***Keywords:*** *children, method, educator, fairy tale, effective, education, motivation, preschooler, theme, protection, oral, learning, good, bad, content, content, event, occupation, thinking, language, memory, spirituality, skill.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Назарова Райҳона Асламовна*** *- унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, тел: (+992) 988882211;*

***Сведения об авторе:***

***Назарова Райхона Асламовна*** *– соискатель Института развития образования имени А.Джоми Академии образования Таджикистана, тел: +992988882211;*

***About the author:***

***Nazarova Rayhona Aslamovna*** *– an applicant of the Institute of the Development of Education named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Phone: (+992) 988882211;*

**УДК-37.08**

## РОЛЬ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ В РАЗВИТИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧИТЕЛЕЙ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ШКОЛ

***Абдуназарзода Ш.А., Курбонзода Х.***

*Литсей №1 города Бохтара Хатлонской области*

Технологические и социальные изменения современного общества, обусловленные процессами глобализации, активным научно-техническим развитием, что в свою очередь повлекло коренные преобразования в образовательной сфере, вызвало постоянно возрастающую необходимость в учителях, непрерывно повышающих свою профессиональную компетентность, способных к осуществлению квалифицированной, высокоэффективной педагогической работе, отвечающим жестким требованиям современного рынка образовательных услуг.

В современных условиях образовательной системе необходим такой учитель общеобразовательного учебного учреждения, которому по силам оперативно адаптироваться к стремительно меняющимся социальным и технологическим условиям современного общества, способного переосмыслить и принять новые модели и методики педагогического процесса, которые отвечают современным требованиям, который стремится к непрерывному личностному и профессиональному самосовершенствованию, рефлексии по поводу своей педагогической деятельности, проявляет готовность и способность осваивать новые средства информационно-коммуникационных технологий, без которых уже невозможно представить современную образовательную сферу.

Прежде чем приступить к детальному изучению понятия «профессиональная компетентность учителя», следует остановиться на рассмотрении таких терминов, как «компетенция» и «компетентность», выявить их общие черты и различия между ними в контексте тематики нашего исследования.

Эти термины были достаточно детально рассмотрены такими учеными, как И.А. Зимняя, В.А. Болотов, А.К. Маркова, Т.Е. Исаева, Ю.Г. Татур, В.В. Сериков, Дж. Равен, А.П. Тряпицына, А.В. Хуторской, Б.И. Хасан и др.

Например, компетентность рассматривается отечественными учеными следующим образом:

- как интегративное качество индивида, в основе которого лежит накопленный опыт и совокупность знаний, которые определяются социокультурными и интеллектуальными факторами и выражаются через те или иные модели деятельности в тесной взаимосвязи с другими субъектами в процессе решения конкретных задач (И.А. Зимняя) [1, с.7-14];

- форма развития навыков, уровня образования, приобретения знаний, которые в своей совокупности позволяют личности реализовать свой потенциал, самосовершенствоваться, находить оптимальные направления в ходе поиска собственной роли и места в современном социуме (В.А. Болотов) [7, с.8-14];

- интегративная личностная характеристика, которая отражает совокупность личностных качеств, необходимых для успешного осуществления различных видов деятельности, называемых компетенциями, а также умение находить оптимальные решения жизненных или профессиональных задач нестандартного характера (Г.Д.Петрова, Л.О.Колбасова) [3,с.9];

- личностная инструметально-деятельностная характеристика, которой субъект овладел в результате освоения им теоретических и практических основ своей профессиональной деятельности, которую он благодаря этому может осуществлять, применяя совокупность индивидуальных способностей, умений и знаний, необходимых для эффективного решения задач профессионального характера (И.Э. Ярмакеев) [1, с5];

- сочетание индивидуальных характеристик, приобретенных знаний и умений, которые характеризуют уровень готовности индивида применять их в соответствие с конкретными условиями (Г.К. Селевко) [2, с.13];

- определенная модель организации навыков и знаний, которая позволяет продуктивно осуществлять тот или иной вид деятельности для достижения поставленных целей (включая ситуации нестандартного характера) (М.А. Холодная) [1, с.21].

Зарубежные исследователи предлагают следующие трактовки понятия компетентность:

- способность к продуктивному осуществлению определенных действий в рамках избранной деятельности, которые включают в себя широкий спектр навыков и знаний, гибкие формы мыслительной активности, понимание ответственности за свои действия (Дж. Равен) [6, с56];

- комплекс индивидуальных характеристик, объединяющих совокупность знаний, навыков и умений, деятельностных моделей, с помощью которых субъект решает стоящие перед ним задачи (M. Mulder) [8, с.4];

- способность воздействовать на окружающую реальность с помощью имеющихся навыком и знаний, которые позволяют с максимальной эффективностью использовать эту способность для оптимального решения стоящих задач (С. Хантингтон) [7, с5].

Как свидетельствует краткий анализ подходов к рассмотрению данного понятия, как зарубежные, так и отечественные исследователя обращают внимание на его многоаспектном характере. Это понятие рассматривается как личностно значимая, обусловленная социальными факторам качественная личностная характеристика индивида, которая развивается в процессе его самореализации и самосовершенствования; совокупность компетенций, позволяющих реализовать конкретную деятельность; комплекс опыта и умений решения задач нестандартного характера; модели эффективных поведенческих установок, соответствующих характеристикам сложившихся условий.

Под компетентностью понимают явления различного порядка: «функции умственных действий человека, его личностные качества, ценностные установки, мотивы, теоретические и практические знания и навыки, способность к эффективной коммуникации и т.д.» (И.В. Гладкая) [10, с 56].

В рамках концепций при этом присутствуют три главных похода: когнитивный (подразумевается интеллектуальный потенциал, необходимый для решения конкретной задачи), общий и поведенческий (где акцент делается на деятельности). Между тем, при наличии различных подходов все исследователи едины во мнении, что компетентность

представляет собой способность к определенным действиям для достижения конкретного результата на основе приобретенных навыков и знаний [9, с78].

Следует отметить, что «компетентность» является многофункциональным понятием. Его или отождествляют с понятием компетенция, или отличают от него. Во многом это обусловлено междисциплинарным характером этих понятий, имеющих как специфические черты, так и отличительные признаки.

По мнению А.К. Марковой, компетентность является неким психологическим состоянием индивида, которое обуславливает самостоятельный и ответственный характер его действий, тогда как компетенция представляет собой определенный круг задач, решение которых по силу данному индивиду [5, с.45].

Компетенция в понимании А.В. Хуторского является совокупностью взаимосвязанных качеств индивида, относящихся к конкретной сфере деятельности, необходимых для ее успешного осуществления. При этом под компетентностью исследователь понимает обладание индивидуумом теми или иными компетенциями, включая свое отношение к сфере деятельности [1, с.86].

Подобного же мнения придерживается и М.В. Болина, предлагающая рассматривать компетентность как сформированную профессиональную характеристику субъекта образовательной деятельности, а под компетенцией понимает уровень опыта и знаний в конкретном виде деятельности, которые лежат в основе дальнейшего совершенствования компетентности [1, с 63].

Мы согласны с точкой зрения И.А. Зимней [10, с.67], В.И. Байденко и других авторов, которые предлагают под компетенциями понимать некий личностный потенциал субъекта, объединяющий ряд психологических качеств, которые в дальнейшем проявляют себя в компетентностях индивида как его деятельностных качествах. Таким образом, субъект образовательного процесса в процессе профессионального обучения формирует определенный уровень профессиональной компетентности в избранной им сфере деятельности. Следует отметить, что субъект должен быть готов применять приобретенные качества с учетом своих индивидуальных склонностей и интересов, а также интересов современного общества (Г.Д. Петрова, Л.О. Колбасова).

Анализируя научные исследования, нам удалось выяснить, в чем понятие «компетентность» отличается от «компетенции». На основе вышесказанного мы пришли к выводу о тесной взаимосвязи между этими понятиями, которые, вместе с тем, имеют различное смысловое наполнение. Например, мы рассматриваем компетенцию как имеющееся у индивида психологическое качество интегративного характера, которое актуализируется в процессе определенной деятельности при решении связанных с нею проблем. При этом компетентность отличается субъективированным характером и является итогом сформированности индивидуальных качеств и совокупности приобретенных знаний и навыков осуществления самостоятельной эффективной деятельности, направленной на продуктивное решение стоящих перед индивидом проблем профессионального или общечеловеческого характера.

Важное значение для понимания рассматриваемого нами понятия имеет механизм совершенствования компетентности индивида (А.Г. Сергеев), который представлен на рисунке 1.




Рис. 1. Механизм совершенствования компетентности личности

Как показал детальный анализ механизма совершенствования индивида, это понятие по своему содержанию значительно шире, нежели простая совокупность приобретенных навыков, умений и знаний, и даже превышает их сумму. Кроме операционного и когнитивного компонентов (отвечающих на вопросы «как делать» и «что» соответственно), структура данного понятия также содержит ценностную, социальную, этическую и мотивационную составляющие (И.В. Гладкая) .Сущность компетентности состоит в том, что она, в первую очередь, является результатом самосовершенствования личности, причем прежде всего ее личностного, а не технологического развития, ее обобщенного опыта (В.А. Сериков, В.А. Болотов [9, с.8-14].

Детальное рассмотрение содержательной составляющей понятия «компетентность» осуществлено в научных исследованиях, изучающих вопросы профессиональной деятельности индивида. Задачи, поставленные перед нашим исследованием, обусловили необходимость глубже изучить проблемы, связанные с профессиональной компетентностью.

Отечественные ученые не пришли к единому мнению по поводу понимания понятия «профессиональная компетентность». Широкий спектр подходов наблюдается, прежде всего, к определению рассматриваемого понятия. Чтобы продолжить глубокое изучение природы профессиональной компетентности, мы рассмотрели ряд направлений, которые определили особенности содержательных критериев рассматриваемого нами понятия.

Основываясь на теоретического разработке Т.Б. Руденко и Л.В. Катковой, которая в ходе настоящего исследования была нами несколько расширена, мы выделили следующие четыре направления в исследовании профессиональной компетентности.

В рамках первого (деятельностного) направления, происходит установление взаимосвязи между самим понятием и профессиональной направленностью, готовностью индивида выполнять профессиональные функции. При этом исследование данного понятия в рамках деятельностного направления происходит согласно следующих логических конструкций:

- способность и готовность индивида к принятию оптимальных решений в ходе профессиональной деятельности (К.В. Шапошников) [1, с.74];

- способность к применению профессиональных компетенций для эффективного решения задач профессионального характера в соответствие с актуальными с современных условиях тенденциях соответствующей сферы профессиональной деятельности (М.В. Цыгулева) [1,с.73];

- способность к осуществлению определенной работы в рамках профессиональной деятельности; показатель того, как индивид отвечает требованиям выбранной им сферы деятельности (А.К. Маркова) [1, с.45].

Второе (личностное) направление предполагает взгляд на профессиональную компетентность как совокупность качеств и свойств индивида, которые определяют уровень эффективности его действий, направленных на соответствие требований избранной им профессиональной сферы деятельности. В данном случае под профессиональной компетентностью понимается:

- личностное качество, которое отражает готовность субъекта использовать весь свой профессиональный и личностный опыт, навыки, умения и знания в целях осуществления эффективной деятельности в соответствующей сфере (Ю.Г. Татур) [6, с.7];

- качество личности, которое отражает, насколько субъект подготовлен в теоретическом плане реализовывать трудовую деятельность на высоком профессиональном уровне и способен эмоционально и психологически эффективно решать нестандартные задачи профессионального характера (Т.А. Матвеева) [5, с.2];

- совокупность личностных и профессиональных качеств индивида, которые объединяют его знания о своих функциональных обязанностях, опыт и умение оптимальным образом осуществлять свою профессиональную деятельность в избранной им сфере (А.Г.Пашков)[6,с.8].

В рамках третьего (профессионально-системного) направления профессиональная компетентность рассматривается с позиции совокупности умения и знаний, приобретенных субъектом, его внутреннего психологического состояния, которые обуславливают успешность решения задач профессионального характера. Здесь рассмотрение профессиональной компетентности осуществляется в следующих контекстах:

- как система, которая объединяет в себе всю сумму умений и знаний фундаментального и прикладного характера, а также систему ценностей субъекта профессиональной деятельности в контексте выполнения им профессиональных функций, которая отражает уровень осуществления коммуникации, моделей поведения, позволяющих реализовать свой творческий и интеллектуальный потенциал в рамках профессиональной деятельности, его стремление к самосовершенствованию с целью эффективного решения задач профессионального характера (Т.Г. Браже)

- многофакторное, сложное явление педагогического и психологического характера, ориентированное на осуществление практической деятельности (Н.В. Матяш);

- комплекс профессиональных навыков и умений, необходимых для осуществления деятельности профессионального характера (Э.Ф. Зеер).

Четвертое направление, которое мы обозначили как культуросообразное, предполагает наличие взаимосвязи между понятиями «профессиональная компетентность» и «культура», подход к данному явлению, как к результату социокультурного становления личности, его воспитания и образовательного уровня, значимой составляющей общекультурной компетентности индивида. В рамках данного направления под профессиональной компетентностью понимают:

- образовательный и общекультурный уровень индивида, который характеризует его владение теоретическим инструментарием деятельности практически-познавательного характера (Г. Щекатунова);

- совокупность жизненного и профессионального опыта субъекта, его профессиональных знаний и навыков, а также личностных характеристик, определяющих его стремление к непрерывному личностному и профессиональному самосовершенствованию, творческому подходу к осуществлению профессиональной деятельности (Б.С. Гершунский) [2, с7].

Таким образом, проанализировав рассмотренные выше направления, мы пришли к выводу, что сущность термина «профессиональная компетентность» отражена в содержательной составляющей этого явления, которая представлена совокупностью полученных знаний, освоенных навыков и умений, личностных качеств, ценностных ориентиров, теоретической и практической подготовки, способности к тактическому и стратегическому мышлению и планированию субъекта, которые обусловливают его способность к эффективном, оптимальным, своевременным действиям по решению возникающих проблем в профессиональной и жизненной сфере, включая нестандартные и неординарные ситуации.

Можно заметить, что ученые-учителя все больше склоняются к мнению о том, что профессиональная компетентность есть своеобразным регулятивом продуктивности профессиональной деятельности, который выражает степень профессиональной зрелости индивида, степень его вовлеченности в избранный вид профессиональной деятельности, которая подразумевает определенный уровень сформированности личностных и профессиональных характеристик, способность к постановке задач и целей и адекватному нахождению путей их решения и достижения соответственно, что позволяет личности максимально реализовать свои интеллектуальные и творческие возможности, как в рамках профессиональной деятельности, так и в качестве полноценного, активного, социально ответственного члена современного общества (И.Э. Ярмакеев )

Также отметим, что под профессиональной компетентностью также понимают характеристику интегративного характера, которую можно применять к специалистом различных профилей. Основное значение при этом имеет смысловая составляющая, которая зависит от специфики конкретной профессии, личностных и профессиональных качеств субъекта профессиональной деятельности, конкретных условий труда, особенностей конкретного профессионального сообщества, а также того, в какой мере данный субъект отвечает требованиям выбранной им сферы профессиональной деятельности.

В рамках нашего исследования для нас, прежде всего, представляет интерес уточнение содержательного наполнения термина «профессиональная компетентность» применительно к учителю общеобразовательного учебного учреждения.

Согласно классификации, которую предложил Е.А. Климов [3, с.6], педагогическая деятельность имеет в качестве предмета своего воздействия человека, а взаимоотношения между людьми является ее ключевым содержанием. Отношение к учителю как к человеку, занимающемуся педагогической деятельностью, позволяет рассматривать ее в контексте управляющего и преобразующего характера (В.А. Сластенин) [6, с.10].

Педагогическая деятельность учителя общеобразовательного учебного учреждения отличается многофункциональным характером и объединяет в себе проектную, организационную, методическую, педагогическую, инновационную, оценочную, экспертную, исследовательскую и ряд других форм деятельности.

В современных условиях основной целью работы учителя общеобразовательного учебного учреждения Республики Таджикистан является создания благоприятных условий для формирование у учащихся профессиональных навыков, стремления к приобретению новых знаний.

Современный учитель должен стремится к непрерывному личностному и профессиональному самосовершенствованию, к овладению инновационными педагогическими технологиями и методиками, к разработке методических материалов, обеспечивающих достижение высоких показателей в педагогической деятельности, которые выражаются в подготовке выпускников, конкурентоспособных на современном рынке труда, адаптированных к полноценной жизни и деятельности в современном обществе, отвечающих требованиям работодателей и общества в целом.

Функции современного учителя заметно отличаются от привычных нам традиционных моделей образовательной системы. На смену «предметнику», ретранслятору некоей совокупности знаний приходи посредник, помощник, партнер по исследованию окружающего мира, мотиватор, который помогает своему ученику научиться самостоятельно овладевать необходимыми для него знаниями, проявлять активность и творческий подход к

познавательному процессу, определять свои личные задачи и цели и уметь определять направления по их решению [6, с.41].

Профессиональная деятельность учителя общеобразовательного учреждения представляет собой целенаправленную работу по подготовке будущих высококвалифицированных специалистов в различных сферах деятельности, владеющих широким спектром качеств, необходимых для будущей профессиональной деятельности, гуманным отношением к другим людям. Учитель должен владеть профессиональными знаниями педагогического и психологического направления, быть готовым к использованию методических средств реализации образовательного процесса, постоянно совершенствовать свою профессиональную компетентность, поведенческие установки, непрерывно совершенствовать свой опыт, обогащая его лучшими наработками отечественных и зарубежных коллег с тем, чтобы отвечать современным требованиям, предъявляемым к образовательной системе со стороны работодателей, и в целом, общества (М. Ларионова, Т.Г. Браже [10, с.34],

Интерес к профессиональной компетентности учителя долгое время привлекал внимание исследователей. Ученые рассматривали различные аспекты этого вопроса: подходы к изучению профессиональной компетентности как категории, обладающей динамичным, многоплановым характером, качеству индивида, которое определяет успешность его профессиональной деятельности, в основе которой лежит накопленный практический опыт, комплекс теоретических знаний, ценностные ориентиры и личностные качества, значимые для эффективного осуществления профессиональной деятельности в выбранной субъектом сфере приложения своих способностей как формирование профессионального подхода к педагогическому процессу и основ личностного и профессионального совершенствования учителя общеобразовательного учреждения тенденции развития педагогической деятельности учителя общеобразовательного учебного учреждения в современных условиях.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Булбулов Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият, андешаҳо / Ҷ. Булбулов. - Хоруғ: Логос, 2011. С 180
2. Егоршин А. П. Менеджмент, маркетинг и экономика образования: учеб. пособие / А. П. Егоршин, В. А. Кручинин, Т. В. Тальникова, и др. / Под ред. А. П. Егоршина. - Нижний Новгород: НИМБ, 2001. – С. 251.
3. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. В 2-х томах.- Т. 1. - М.: Педагогика 1982. - 656 с.
4. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения: В 2-х т. Т. 2. - М.: Педагогика, 1982. - 576 с.
По итогам данного опроса, мы пришли к заключению, что результативность воспитательного процесса связана с соответствием задачам духовно-нравственного воспитания, применяемым формам, средствам, методам. Помимо этого, следует отметить особую роль взаимоотношений участников, совместной деятельности взрослых и учащихся и последующем определении собственных ценностей и поведения.

Кроме этого, по результатам была выявлена характерная черта – внимание уделяется семье, любви, счастью, отцовству, материнству, либеральности, благочестию, состраданию, воспитанию и т.д.

Давно известно, что каждый народ закладывает свои идеалы в воспитательный процесс, нормы и ценности, историческую память, религию, знания о родине, мифы о предках, воспитание и искусство и старается отразить все это в своем языке. Факт использования с древних времен педагогических мыслей национальной культуры при воспитании поколений, подготовки их к жизни, и неразрывной их связи с жизненным процессом, общественной и трудовой деятельностью находит свое подтверждение в устном народном творчестве. Ведь за период своего развития каждый народ создавал свои традиции воспитания, помогающие выжить при различной социально-экономической ситуации. А затем все это находило отражение в напевах, былинах, колыбельных.

При исследовании поставленной проблемы была выявлена характерная особенность: влияние положительных факторов на формирование нравственных качеств у учащихся всегда переплетается с негативными факторами. К ним следует отнести:

-родовые, или семейные отношения, самовластие, объединений, наличие отдельных национальных земельных объединений, противоречие между учащимися на основе представительства их из кланов и принижение национальных ценностей и др.;

- занижение национальных ценностей, недостаточное их изучение конкретными группами общества;

- недостаточное владение русским, иностранными языками, привлечение молодежи к изучению национальных богатств других народов, замедление формирования общенациональных ценностей среди студентов, приехавших из сельской местности и подвергшихся влиянию местных обычаев и отношений;

- отсутствие преемственности в учебных планах и программах школ, вузов, учреждений дополнительного образования, слабое педагогическое взаимодействие этих социальных институтов;

- бурно развивающаяся демографическая ситуация с одной стороны, и уровень бедности, с другой, не позволяющий расширять и обогащать этнокультурную компетентность, шире вовлекать учащихся в социально-культурное творчество и т.д.

Так как в основе воспитания на традициях и обычаях лежит обоюдная деятельность учащихся, взрослых разных поколений, то устранение негативных факторов помогло бы улучшить процесс этнокультурного, или национального воспитания.

В современном обществе научное определение сути и особенностей воспитания составляет содержание деятельности психологов и педагогов по поиску эффективных способов воспитания национальной гордости за народ и народное творчество (фольклор, игры, сказки, пословицы, поговорки, скороговорки, походы, прогулки, посещение музеев и др.) у подрастающего поколения. Развивающееся взаимодействие народов и наций помогло донести до нас большинство передовых идей того времени, рассказать о дипломатичных подходах, толерантности. Идеи, мысли о национальном воспитании совершенствовались и укреплялись веками. Прохождение всех этих этапов свойственно всем народам, так как они находятся в определенной взаимосвязи и взаимозависимости.

В связи с этим, использование местных, этнокультурных традиций народов определенной местности, или региона выступает одним из условий духовно-нравственного образования.

При проведении исследования мы выделили три основных условия, влияющие на процесс формирования нравственных качеств с учетом таджикских традиций и обычаев:

1. нравственное воспитание в общеобразовательных учреждениях, с учетом возрастных и индивидуальных особенностей школьников. При этом возрастные и индивидуальные особенности учащихся рационально применяются при формировании нравственных качеств (с учетом традиций и обычаев).

2. Важным компонентом образования в нынешних условиях является учёт регионально-этнической специфики.

Данный компонент обеспечивает этнокультурную идентичность, способствует воспитанию любви к Родине, ценностям своего и других народов, помогает заложить основы гуманизма, разнообразить духовный мир, уважать предков, старшее поколение.

3.Обеспечение общеобразовательных школ информационными, методическими, человеческими и материально-техническими ресурсами, необходимыми для формирования нравственных качеств на таджикских традициях и обычаях.

Также нами был разработан модуль нравственного воспитания и активно использован в процессе экспериментальной работы. Его апробирование подвело нас к выводу, что при использовании таджикских традиций и обычаев в воспитательном процессе необходимо брать во внимание следующие моменты:

1. При нравственном воспитании учащихся на таджикских традициях и обычаях, следует учитывать результаты взаимовлияния и взаимодействия передовых педагогических мыслей. Педагогическая наука всегда уделяла особое внимание семье, семейному благополучию, отцовству, материнству и другим положительным нравственным качествам.
2. Фольклор каждого народа (поговорки и пословицы, сказки и загадки) отражает педагогическое богатство нравственного воспитания учащихся.
3. Понятие «толерантность», сходное с понятием «терпимость», означало обоюдность, взаимоприятие ценностей и культуры других народов. При объяснении учащимся сущности данного понятия, необходимо использовать понятия «справедливость», «совесть», «милосердие», «терпимость» и др.

По итогам своего исследования мы пришли к следующим выводам:

1) эффективность формирования нравственных качеств тесно связана с правильной организацией целевого системного воздействия на их формирование при использовании традиций и обычаев;

2) процесс формирования нравственных качеств (с применением традиций и обычаев) носит открытый, комплексный, целенаправленный и творческий характер, обладая управляемостью, гибкостью и динамичностью;

3) формирование нравственных качеств возможно при взаимосотрудничестве участников;

4) формирование нравственных качеств - это своеобразная система, направленная на формирование определенных знаний, навыков и умений, а также качеств учащихся, приводящих к положительным результатам.

**Заключение** Результаты эксперимента показали, что разработанная нами модель помогает формированию нравственных качеств у учащихся, норм поведения, предъявленных со стороны общества по привлечению их к положительной деятельности. Модулирование использовалось нами как средство осуществления задач по формированию нравственных качеств и способ уточнения процесса нравственного воспитания подрастающего поколения с учетом воспитательных традиций и обычаев таджикского народа.

Подводя некоторые итоги, следует отметить, что проблема формирования нравственных качеств у подрастающих поколений (с применением национальных традиций и основных положений народной педагогики) объясняется требованиями общества к воспитанию новых качеств у граждан республики; неполной разработанностью теории нравственного воспитания в педагогической практике и теории.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ушинский, К.Д. О нравственном элементе в воспитании [Текст] / К. Д. Ушинский: Сборник соч. в 11-ти томах. Т.2 - М.- Л.: изд-во АПН, 1948. - С. 425-488.
2. Закон РТ «Об образовании». Душанбе, 2013, стр.95, 153
3. Иванова Л.Т. Воспитание детей в семье в контексте социальных изменений. [Текст] / Н.Л. Иванова, И. А. Бобылева и начальная школа. - 2004. - № 3 .- С . 6-13.

4. Измайлов, А.Э. Народная педагогика: Педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана [Текст]/А.З. Измайлов. - М.: Педагогика, 1991.-256 с.

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ У УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

*В статье анализируется процесс формирования нравственных качеств у подрастающего поколения, а также рассмотрены факторы и условия, влияющие на процесс формирования нравственных качеств с учетом таджикских традиций и обычаев.*

***Цель статьи:*** *раскрыть особенности процесса формирования нравственных качеств у учащихся.*

***Результаты исследования:*** *приведены итоги опросов родителей (количественные показатели), касающиеся отношения к процессу нравственного воспитания подрастающего поколения, а также данные анкетирования среди респондентов. В процессе теоретического анализа данного вопроса был разработан модуль нравственного воспитания, нашедший применение в экспериментальной части исследования.*

*В статье особое внимание уделено результатам опроса педагогов средних общеобразовательных учреждений.*

***Ключевые слова:*** *нравственность, нравственные качества, народные традиции и обычаи, нравственное воспитание, нравственные ценности, мораль, модуль нравственного воспитания.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОКИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Дар мақола таҳлили раванди ташаккули сифатҳои ахлоқии насли наврас, инчунин омилҳо ва шароити таъсири он дар ҷараёни ташаккули сифатҳои ахлоқи дар асоси баҳисобгирии анъанаҳо ва одатҳои мардумӣ*

*баррасӣ шудааст.*

***Ҳадафи тадқиқот:*** *баррасии хусусиятҳои хоси ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар хонандагон.*

***Натиҷаи тадқиқот*** *ҷамъбасти пурсишҳои падару модарон (нишондиҳандаҳои шумора), вобастагии муносибати насли наврас ба раванди тарбияи ахлоқи, инчунин натиҷаи пурсиш байни иштирокчиён Дар ҷараёни таҳлили назариявӣ масъалаи мазкурро таҳия кардани модели тарбияи ахлоқи, ки дар қисми озмоишии тадқиқот баррасӣ гардид.*

*Дар мақола диққати махсус ба натиҷаи пурсиши муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миенаи умумӣ дода шудааст.*

***Кавлидожаҳо:*** *ахлоқӣ, сифатҳои ахлоқӣ, одату анъанаҳои халқӣ, тарбияи ахлоқӣ ,арзишҳои ахлоқи, маънавӣ, модули тарбияи ахлоқӣ.*

## FEATURES OF THE FORMATION OF MORAL QUALITIES IN STUDENTS OF SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

*The article analyzes the process of formation of moral qualities in the younger generation, and also considers the factors in the conditions that affect the process of formation of moral qualities, taking into account Tajik traditions and customs.*

***The aim of the article:*** *to reveal the features of the process of formation of moral qualities in students.*

*Based on the results of the study, the results of parental surveys (qualitative indicators) regarding attitudes towards the process of moral education of the younger generation, as well as survey data among respondents.*

***In the process*** *of theoretical analysis of this issue, a moral education module was developed, which was used in the experimental part of the study.*

*The article pays special attention to the results of a survey of teachers in secondary educational institutions.*

***Key words****: morality, moral qualities, folk traditions and customs, moral education, moral values, moral, moral education module.*

***Сведение об авторе:***

***Нурзода Мехрафруз Абдулбоки*** *- соискатель кафедры педагогики и психологии начальных классов Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, Тел.: (+992) 114445500, E-mail:nurmehr90@mail.ru;*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***
***Нурзода Мехрафруз Абдулбокӣ** - унвонҷӯи кафедраи педагогика психологияи синфҳои ибтидоӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонт ба номи Садриддин Айнӣ, Тел: (+992) 114445500, E-mail:nurmehr90@mail.ru;*
***About the author:***
***Nurzoda Mehrafruz Abdulboqi**-competitor of the department of pedagogy and psychology of primary school of Tajik State Pedagogical university named after Sadriddin Ayni;*

**ТДУ 372.8.802.0**

# НАҚШИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАЙЁРИИ КАСБИИ МУАЛИМОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

***Нуров Н.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

***"Маҳз омӯзгор ташаккулдиҳандаи афкори ҷомеа буда, қодир аст, ки насли ҷавонро дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва ҳамчун ояндаи давлату миллат ба камол расонад. Пешрафти ҷомеа ва ташаккули шахсиятҳои номбардори миллат натиҷаи фаъолияти хастагинопазири омӯзгор аст"***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар низоми омодасозии касбии кадрҳои педагогӣ нақши таҷрибаи омӯзгорӣ назаррас аст. Донишҷӯён дар давоми чор-панҷ соли таҳсил дар донишкадаю донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ - муаллим соҳиби системаи донишҳои дидактикӣ (таълиму тарбия) мегардад. Ҳамзамон таҷрибаи педагогӣ ҳамчун қисми таркибии раванди таълиму тарбия ба шумор рафта, ягонагии талаботи тайёрии касбии муаллимони ояндаро дар муассисаҳои таълиму тарбиявӣ таъмин менамояд. Зеро "миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад." (Эмомали Раҳмон)

Дар ҳақиқат, касби муаллимӣ яке аз касбҳои пурифтихор, бошараф, вале дар айни ҳол душвору масъулиятнок буда, дар масири таърих ва рушди ҷомеаи инсонӣ мақоми хос доштаву дорад. "Давлати ҷонпарвар аст, суҳбати омӯзгор." (Саъдӣ).

Агар инсон ба воситаи меҳнат табиатро дигаргун кунад, муаллим худи инсонро тағйир медиҳад. Барои ҳамин ҳам, донишмандон дар ҳар давру замон вобаста ба шароитҳои гуногуни таърихӣ ва талаботи замон нисбати муаллим-устод чунин суханонро истифода бурдаанд. "Муҳандиси руҳи инсон", "меъмори характер" (хулқу атвор, хислат), "табиби беморИи инкишоф" (инкишофи солим ё носолим), тренери (устоди) ақлу ҳуш, хирад ва хотира, дирижёри фикру андеша, ақлу ғоя, нияту мақсад, ҳиссиёт, боғбон ва парваришгари гулҳо меноманд, ки нозукиҳои ҳамаи инро ба муаллимони оянда ёд додан лозим меояд. Дар ҳалли ин масъалаҳо танҳо донишҳои назариявӣ, педагогию психологӣ ва тахассусӣ кифоя нест. Зеро донишҳои назариявӣ ҳамчун замина хизмат карда метавонад, аммо амалия бошад, таконДиҳанда ва мустаҳкамкунандаи касби омӯзгорӣ мебошад. Дар татбиқи он таҷрибаи омӯзгории донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хизмат карда метавонад. Таъкид ба маврид аст, ки онро васлгари байни назария ва амалия меноманд. Дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ муаллимони ояндаи забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ бо тамоми нозукиҳои касби педагогӣ дар амал шинос мешаванд ва боварӣ ҳосил менамоянд, ки ҳоло ҳам донишҳои назариявӣ, педагогию психологӣ ва тахассусиашон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Маҳз ҳаминро дар назар дошта Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 ба таври возеҳ таъкид намуданд; ки "...масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд" [4]. Барои амалӣ гардидани ин таъкиди Сарвари давлат пеш аз ҳама дар "тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгуй"- мақоми таҷрибаи омӯзгорӣ хеле назаррас мебошад. Дар давоми таҷрибаомӯзи педагогии, донишҷӯёни таҷрибаомӯз дар баробари донишҳои назариявие, ки дар давоми таҳсил аз худ намуданд, ва ҳамзамон дар баробари муваффақиятҳо, инчунин дар рафти кори амалӣ баъзан камбудӣ ва норасоиҳо рух медиҳад, ки омӯзгор (омӯзгор -таҷрибаомӯз) ҳеҷ гоҳ онро интизор набуд. Танҳо ҳалли дуруст ва самараноки он санъат ва маҳорати баланди

педгогиро талаб мекунад, ки камбудию норасоиҳо бартараф карда шаванд. Педагоги барҷастаи Олмон Адолф Дистервег гуфта буд: "...пешравии талаба дар таълим ба муаллим вобаста аст. Аз рӯи ақидаи Дистервег муваффақияти таълимро на китобҳои дарсӣ, на методҳои таълим, балки муаллим, таъмин мекунад"[5 с 153] Мақоми муаллимро дар таълим ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад. Ҳамзамон ба шарте ки омӯзгор танҳо побанди назария ва амалия набуда, эҷодкор ва нававар бошад. Чунки дар фаъолияти омӯзгор эҷодкорӣ хеле муҳим аст.

Эҷодкории омӯзгор (таҷрибаомӯз) аз қадамҳои нахустини педагогии ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз мешавад, бинобар ин, пеш аз ҳама, вай бояд ба чунин саволҳо ҷавоб дода тавонад:

а) Кори эҷодии педагогӣ ва мавқеи ӯ дар раванди таълиму тарбия чӣ гуна аст?

б) Чи тавр ҳам талабҳои барномаю китобҳои дарсӣ ва ҳам дастурҳои методиро иҷро карда истода, ҳамзамон ба кори таълиму тарбия муносибати мустақилонаю эҷодӣ бояд кард?

в) Дар раванди таълим (дарс) маводҳои педагогию психологӣ, тахассусӣ ва технологияи муосирро чӣ тавр бояд истифода кард?

г) Кадом давраҳои рушди касбиро бояд гузошт, ки меҳнати муаллим эҷодӣ гардад?

Барои он ки ба ин саволҳо ҷавобҳои пухтаю асоснок дода шавад пеш аз ҳама бояд ба фаъолияти гуногунҷабҳаю васеи педагогӣ таваҷҷуҳ кунем, ки ба ташаккулу тарбияи насли наврас ва ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол нигаронида шудааст. Ҳамзамон мавқеи эҷодии муаллим дар системаи фаъолияти педагогӣ муайян мегардад ва сарчашмаҳои кори эҷоди омӯзгор ошкор мешавад. Фаъолияти эҷодии омӯзгор (таҷрибаомӯз) дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Самаранок истифодаи воситаҳои маъмули дидактикӣ, ки дар тӯли таърих дар мактаб истифода мешавад ва ҳамчун маҳаки асосӣ дар кори таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон хизмат мекунад.

2. Кашфи воситаҳои нави дидактикӣ, ки дар педагогика, психология ва методика таълим дар солҳои охир роҳандози шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳам истифодаи воситаҳои маъмул ва ҳам кашфи воситаҳои нав танҳо дар шароите имконпазир аст, ки омӯзгор комплекси донишҳои педагогӣ, аввалан донишҳои илмӣ-назариявӣ, ки дар солҳои охир вобаста ба талаботи замон ворид шудаанд, донад ва дар амал шояд татбиқ карда тавонад, яъне муаллими эҷодкор (инчунин таҷрибаомӯз) танҳо истеъмолгари донишҳои илмӣ-педагогӣ ва тахассусӣ набуда, метавонад иштирокчии фаъолияти илмӣ-тадқиқоть гардад.

Кори эҷодии омӯзгорро фаъолияти амалии педагогии ӯ муайян менамояд, ки дорои тарафҳои зерин мебошад. Фаъолияти мураттибӣ, ташкилотчигӣ, робитавӣ ва маърифатӣ. Таҷрибаомӯзон барои дар амал тадбиқ намудани ин талаботҳои педагогӣ, пеш аз ҳама ба фаъолияти амалии омӯзгорони бо таҷрибаи мактаб ва методистони тахассусӣ такя намояд. Ҳамзамон, фаъолияти ташкилотчигии таҷрибаомӯз муҳим аст, ки се ҷиҳат дорад:

а)ташкили фаъолияти худ барои додани мазмуни таҳсилот (баён, системаи донишҳо);

б) ташкили рафтори худ (амалиёти педагогӣ дар шароити реалии фаъолият);

в) ташкили фаъолияти талабагон (фардӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ);

Маҳорати ба талабагон муносибати дуруст кардан ба қобилият ва моҳирии муаллим (таҷрибаомӯз) вобаста аст. Муҳаббат ва эҳтироми шахсияти талабагон, муносибати эмотсионали ба онҳо сабаб мегардад, ки ба талабагон таъсири тарбиявии дилхоҳ расонда шавад.

Барои мисол фаъолияти маърифати имконият медиҳад, ки омӯзгор (таҷрибаомӯз):

а) объекти фаъолияти маърифати худ, яъне талабагонро;

б) мазмун, воситаҳо, шаклу методҳои фаъолияти худро;

в) муваффақияту камбудиҳои шахсият ва фаъолияти худро бо мақсади такомули бошуурона он омӯзад.

Таъкид ба маврид аст, ки омӯзгорони оянда, аз ҷумла омӯзгорони забони англисӣ дар рафти таҷрибаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей, гимназия ва дигар типи муассисаҳои таълимӣ ба бисёр масъалаҳои умумии ба касбиояндаи ӯ мансуб натанҳо дар амал шинос мешаванд, балки онҳоро иҷро намуда, маҳорат ва малакаҳои касбӣ ҳосил менамоянд. Аз ҷумла: ба нақша даровардани дарс, шаклҳои ба нақшадарорӣ вобаста ба шакл, сохт, хел ва мақсади дарс, тайёрӣ ба дарс, истифодаи самараноки технология ва иттиоолоти муосир дар дарс, компютер, истифодаи тахтаи электронӣ дар дарс, мушоҳида ва таҳлили дарси ҳамкасбон ва баҳо додан ба дарс, ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, тарзи таҳлил ва баҳо додан ба онҳо, тартиб додани нақшаи фардии кор, маҷмуи корҳои таълимӣ-методӣ ва истифодаи методҳои фаъоли таълим, методикаи санҷиши

дониши талабагон ва мустаҳкамкунии дарс, санҷиш ва баҳо додан ба дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон, методикаи супоридани вазифаи хонагӣ, шиносоӣ ба таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва ғайраҳо.

Вазифаи асосӣ ва муҳимтарини таҷрибаи омӯзгорӣ аз ёд додани ин паҳлӯҳои фаъолияти педагогӣ иборат аст, то ки донишҷӯ ҳангоми ба кори мустақилони омӯзгорӣ машғул шудан, аз уҳдаи онҳо баромада тавонад. Ҳамзамон салоҳиятҳоеро ба дӯши худ гиранд, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад, яъне замони муосир тақозо менамояд, ки омӯзгорону устодон ва донишҷӯён - омӯзгорони оянда бояд босалоҳият бошанд. Пас салоҳият муаллим, таҷрибаомӯз-муаллими оянда дар чиҳо таҷассум меёбад? Саравввал:

а) дониши касбӣ,

б) санъат ва маҳорати педагогӣ, омӯхтани психология, педагогика ва технологияи таълим ,

в) сифатҳои шахсӣ ва маънавиёти инсонӣ.

Дар ин самт дониши касбӣ маҳаки асосии салоҳияти муаллимро ташкил медиҳад. Устод Рудакӣ нисбати манфиати дониш дар ҳаёти инсон чунин нигоштааст:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Бинобар ин, муаллими оянда дар фаъолияти ҳаррӯза (ҳангоми таҷрибаи омӯзгорӣ ва минбаъд дар фаъолияти омӯзгорӣ) саъю кӯшиш менамояд, ки маҷмуи донишҳо, қобилиятҳо, муомилаю муносибатҳо ва таҳамулпазириро истифода барад. Ҳамаи ин сифатҳо ба муаллими босалоҳият хосанд. Салоҳиятнокии омӯзгор ин дониши мустаҳкам, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳангӣ баланди ӯст. “Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад, Ба дониш дили пир барно бувад” (Фирдавсӣ)

Мусаллам аст, ки таҷрибаи омӯзгорӣ саравввал характери таълимӣ дошта, дар рафти он дар зери роҳбарии устодон-методистон аз фанҳои тахассусӣ, педагогика, психология ва омӯзгорони ботаҷрибаи мактаб дар донишҷӯён системаи донишҳои педагогӣ ва маҳорати касби такмил меёбад. Ҳар қадар методистон инро хуб дарк намоянду масъулияти баланд дошта бошанд ҳам, ҳамон қадар таҷрибаи омӯзгорӣ натиҷаи хубтар дода, таҷрибаомӯзон низ ҳамон андоза нозукиҳои касби педагогиро хубтар аз худ мекунанд.

Таъкид ба маврид аст, ки касби омӯзгорӣ бисёр пастиву баландиҳо, шодкомиву талхиҳо дорад: инро бояд таҷрибаомӯз ба хубӣ дарк карда тавонад ва дар ҳолати ба амал омадани ҳар як рафтори номатлуб ва ғайричашмдошт омода бошад. Дар ин ҷо шахсияти таҷрибаомӯз омӯзгорӣ оянда мақоми хос дорад. Бо маънии комили ин сухан омӯзгор бояд дар назди талабагон шахсият бошад. Вобаста ба шахсияти омӯзгор педагоги барҷастаи рус К.Д Ушинский гуфтааст: Дар кори тарбия ҳама чиз бояд ба шахсияти тарбиядиҳанда такя кунад, чун қувваи тарбиявӣ аз сарчашмаи зиндаи шахсияти инсонӣ об мехурад. Бинобар ин, ҳеҷ чиз, ҳатто органҳои таъсиррасонӣ ба кӯдакон , ҳар қадар онҳо санъаткорона фикр карда нашуда бошанд ҳам, дар кори тарбия шахсияти муаллимро иваз карда наметавонад. Ҳар қадар муаллим шахси бомаърифат ва маданӣ бошад, ҳамон қадар шогирдони ӯ шахсони соҳибфикр ва дорои андешаи солим ва эҷодӣ ба воя мерасанд.

Аз ҷониби дигар, омӯзгори оянда бояд ҳаминро дар хотир дошта бошад, ки агар ҳаёти пурсамари талаба аз як сухани ҳикматноку пандомези муаллим нерӯ гирад, камбудию рафтори номатлуби шогирд ҳам аз як хатои тасодуфан содир намудаи муаллим оғоз мешавад, ки он на танҳо бадбахтии талаба, балки бадбахтии худи муаллим ҳам мебошад, ки он дар тамоми ҳаёт нақши худро боқӣ мегузорад. Бинобар ин, муаллим ҳақ надорад, ки ба хатогии педагогӣ роҳ диҳад. Барои ин ӯ бояд эҳтиёткор ва бо мулоҳиза бошад. Ба монанди: табиб, заргар, кандакор, ва дигар соҳибкасбон, ки эҳтиёткоранд... Сифати таҷрибаи омӯзгорӣ ва тайёрии касбии муаллими оянда дар он ҳолат беҳтар мегардад, ки дар баробари дастурамали умумӣ оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ ба ёрии таҷрибаомӯзон ва методистони ҳар як факултет дастури алоҳидаи методӣ оид ба таҷрибаи педагогӣ интишор карда шавад, ки он тамоми нозукиҳои ҳамон фанро кушода диҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни бо ибтикори доктори илмҳои педагогӣ, профессор, устоди зиндаёд Сулаймон Алиев бо унвони “Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни факултаҳои забонҳои хориҷӣ ” (Душанбе 2016) ва “Роҳнамои таҷрибаомӯз” (Душанбе 2020) дастурҳои таълимӣ-методӣ ба нашр расидаанд, ки ин кори хайр буда, кори методистони тахассусӣ ва таҷрибаомӯзон – омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷиро (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) осон мегардонанд. Мақоми калидӣ бозидани таҷрибаи омӯзгориро дар тайёрии касбӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ профессор Алиев С.Н чунин нигоштааст: “Дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ таҷрибаи омӯзгорӣ дар факултетҳои забони

хориҷии ихтисоси омӯзгорӣ муҳимтарин воситаи тайёрии касбии донишҷӯён ба шумор меравад. Ҳадаф аз таҷрибаи омӯзгорӣ ҳамчун шакли муҳимми ташкили таълим аз он иборат аст, ки донишҷӯён дар раванди таълиму тарбия дар МТМУ донишҳои илмӣ – назариявӣ ва амалии аз ихтисоси забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, франсавӣ ва ғ), силсилаи фанҳои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, педагогика ва психология ҳосилкардаашонро дар амал эҷодкорона истифода баранд ва такмилу инкишоф диҳанд"[2, с.5] Мушоҳидаи чанд солаи мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ №58-и ноҳияи Рӯдакӣ №3-и шаҳри Душанбе, мактабӣ Президентӣ барои кӯдакони болаёқат ва гимназияи хусусии "Кафолат"-и шаҳри Душанбе, собит намуд, донишҷӯёне, ки аз фанҳои методикаи тахассусӣ, педагогикаю психология донишҳои хуби назариявӣ гирифтанд, дар таҷрибаи омӯзгорӣ низ фаъолияти чашмгир нишон дода, дарс ва чорабиниҳои гуногуни таълиму тарбиявиро дар сатҳи баланд мегузаронанд. Пеш аз ҳама, дар таҳлили дарсҳое, ки ҳамсабақонашон мегузаштанд, хеле фаъолона ширкат варзида, муваффақият ва камбудиҳо мувофиқ ба талаботи дарс мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор мегирифт. Албатта, дар таҳлили дарс ва аз ҷиҳати талаботи методӣ маслиҳат ва ёрии методистони фанҳои тахассусии педагогика ва психология хеле муҳим ва зарур аст.

**Хулоса** Дар анҷом ба андешаи зерини профессор Алиев С. Н. ҳамраъйи намудан зарур аст: " Дар ин давра омӯзгорони кафедраҳои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ба сифати методистон мекӯшанд, ки тарзу усулҳои таҳлили дарсро ба шогирдон ҳамаҷониба омӯзонанд...", муаллими ҷавон баъди хатми донишгоҳ ба як омодагии хуби касбӣ ба МТМУ меояд, вале ҳамзамон фаромӯш набояд кард, ки маҳорати таҳлил кардани дарси омӯзгор кори ниҳоят мураккаб буда, заҳмати зиёдеро талаб менамояд" [2, с.103] Барои ба комёбиҳои назаррас дар раванди дарс ноил гаштан, маҳорати касбии хешро баланд бардоштани омӯзгор, худомӯзии ӯ нақши муҳим мебозад. Худомӯзӣ на танҳо барои омӯзгорони ҷавон, балки барои кулли омӯзгорон ва мураббиён ҳам хеле муҳим аст. Онҳо дар натиҷаи худомӯзӣ дониш ва маҳорати касбӣ, салоҳиятнокӣ, донишҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва педагогию психологии худро баланд мебардоранд.

**АДАБИЁТ**


1. Алиев С.Н. Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни факултетҳои забонҳои хориҷӣ./С.Н. Алиев/Дастури методӣ бо ёрии донишҷӯёни таҷрибаомӯз. Душанбе 2016 -67с.
2. Алиев С.Н. Роҳнамои таҷрибаомӯз. Дастури таълимӣ – методӣ ба ёрии донишҷӯёни факултетҳои забони хориҷӣ. / С. Н. Алиев // Душанбе. 2020 -122с.
3. Таёр намудани кадрҳои педагогӣ: таҷриба, проблема ва роҳҳои ҳалли он. Душанбе 2001 166с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон "Минбари халқ" 22 декабри соли 2021 №51
5. Раҳимов Б., Таърихи педагогикаи ҷаҳон. / А. Нуров - Душанбе "Ирфон" 2017.
6. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. Душанбе "Маориф"1988.
7. Омӯзгор – чароғи рӯзгор,-Душанбе.2021 – 294с.
8. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.-2017.-88с


## НАҚШИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАЙЁРИИ КАСБИИ МУАЛИМОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ


*Дар мақола нақши таҷрибаи омӯзгорӣ дар тайёрии касбии муалимониояндаи забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ бо далелҳои равшан баррасӣ шудааст.*

***Ҳадафи мақола:*** *Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми тайёрии касбии муаллимониояндаи забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ бахшида шудааст. Чунки пешрафти технологияи муосир ва комёбиҳои навин дар соҳаҳои илмҳои педагогию психологӣ ва тахассусӣ, тақозо дорад, ки донишҷӯён-муаллимони оянда дар баробари аз худ кардани донишҳои назариявӣ ва ошноии дақиқ доштан ба иттилоот ва технологияи навини таълим, бояд онро дар таълиму тарбияи насли наврас истифода бурда тавонанд.*

***Натиҷаи таҳқиқот:*** *Ҳалли ин масъалаи муҳим аз рӯзҳои нахустинӣ ба таҷрибаи омӯзгорӣ рафтан аз эҷодкории омӯзгор маншаъ мегирад. Фаъолияти эҷодии омӯзгор (таҷрибаомӯз) дар шаклҳои зерин ба амал баровarда мешаванд:*

*а) истифодаи самаранок воситаҳои маъмули дидактикӣ, ки дар тӯли таърих дар мактаб истифода мешавад ва ҳамчун маҳаки асосӣ дар кори таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон амалӣ мегардад.*

*б) кашфи воситаҳо нави дидактикие, ки дар педагогика, психология ва методикаи таълим дар солҳои охир роҳандозӣ шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *касби омӯзгорӣ, таҷрибаи педагогӣ, таҷрибаомӯз- муаллими оянда, донишҳои касбӣ, сифатҳои инсонӣ, салоҳиятнокӣ, методистон, раванди дарс, маҳорати касбӣ, худомӯзӣ, забонҳои хориҷӣ.*

## РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

***Цель статьи:*** *В статье рассматривается роль педагогической практики в профессиональной подготовке будущих учителей иностранных языков, в том числе английского, с наглядными доказательствами.*

***Результаты исследования:*** *Решение этого важного вопроса идет с первых дней перехода к практике обучения от творчества учителя. Творческая деятельность преподавателя (стажера) осуществляется в следующих формах:*

*а) эффективное использование общепринятых дидактических средств, которые применялись на протяжении всей истории в школах и лежат в основе воспитания подрастающего поколения и молодежи.*

*б) открытие в последние годы новых дидактических средств в педагогике, психологии и методике обучения.*

***Ключевые слова:*** *педагогическая профессия, педагогическая практика, практикант-будущий учитель, профессиональные знания, человеческие качества, компетентность, методисты, учебный процесс, профессиональные навыки, самостоятельная работа, иностранные языки.*

## THE ROLE OF PEDAGOGICAL PRACTICE IN THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS OF FOREIGN LANGUAGES

*The article discusses the role of pedagogical practice in the professional training of future teachers of foreign languages, including English, with visual evidence.*

***The purpose of the article:*** *This article is devoted to one of the most important issues of professional training of future teachers of foreign languages, including English, because the development of modern technologies and new achievements in the field of pedagogical, psychological and professional sciences, it is necessary that students-future teachers, along with the acquisition of theoretical knowledge and sufficient knowledge of information and new teaching technologies, use them in the upbringing of the younger generation.*

***The results of the study:*** *The solution to this important issue comes from the first days of the transition to the practice of teaching from the creativity of the teacher. The creative activity of a teacher (trainee) is carried out in the following forms:*

*a) the effective use of generally accepted didactic tools that have been used throughout history in schools and underlie the education of the younger generation and youth.*

*b) the discovery in recent years of new didactic ways in pedagogy, psychology and teaching methods.*

***Key words****: teaching profession, teaching practice, trainee-future teacher, professional knowledge, human qualities, competence, methodologists, educational process, professional skills, independent work, foreign languages.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Нуров Навруз Абдулбоқиевич*** *- муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел: (+992) 918867765 E –mail: navruz.nurov87@mail.ru;*

***Сведение об авторе:***

***Нуров Навруз*** *- старщий преподаватель кафедри методика преподавание англиского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддин Айни Тел: (+992) 918867765 E–mail: navruz.nurov87@mail.ru;*

***About the author:***

***Nurov Navruz*** *- Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching English of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel: (+992) 918867765 E–mail: navruz.nurov87@mail.ru;*

## АСОСҲОИ МЕТОДӢ ВА АМАЛИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ЯК ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ДАР СИНФИ 9

***Исмонов Ф.Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо супориши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд сол аст, ки низоми нави муносибати босалоҳият дар таълим ба роҳ монда шудааст, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳу сифати таълим маҳсуб меёбад. Аммо то кунун на ҳама фанҳои таълимии муассисаҳо вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият таҳқиқ шудаанд, аз ҷумла фанни адабиёти тоҷик ба таври бояду шояд таҳқиқ нашуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ин усули таълим коркард нашудаанд. Ҳарчанд дар мавриди усули таълими муносибати босалоҳият моделу дастурҳои таълимӣ ва мақолаҳои зиёде ба нашр расидаанд, аммо ҳоло ҳам дар байни мутахассисони низоми нав ё як усули фаъоли таълим будани муносибати босалоҳият баҳсҳо вуҷуд дорад.

Дар мавриди методикаи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва масъалаҳои назариявию амалии он мутахассисоне, монанди М.Луфуллозода, Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, А.Байзоев, Қ. Мухторӣ, Ш.Р. Исрофилниё, С. Амонӣ, З.Т. Бобоева, М.А. Султонмамадова, З. Юлдошева, И. Назарова ва дигарон мақолаҳо навиштаанд. Мақолаҳои методистони зикршуда паҳлӯҳои гуногуни методикаи таълими босалоҳиятро фаро мегирад. Масалан, агар навиштаҳои М.Луфуллозода, Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, А.Байзоев, Қ.Мухторӣ, Ш.Р. Исрофилниё, С. Амонӣ бештар ҷанбаҳои назариявии ин методи таълими навро дар бар гиранд, мақолаҳои З.Т. Бобоева, М.А. Султонмамадова, З. Юлдошева, И. Назарова асосҳои методии таълими босалоҳияти осори шоирони ҷудогонаро фаро мегиранд. Донишмандони рус низ доир ин масъала мақолаҳои зиёде ба нашр расонидаанд. Аз баррасии андешаҳои мутахассисон маълум мешавад, ки методикаи таълими босалоҳияти осори ҳар як адиб вобаста ба зинаҳои омӯзиши адабиёт дар мактаб таҳқиқи махсусро талаб мекунад. Ин ҷо мо ҷанбаҳои методӣ ва амалии як ғазали Ҳофизи Шерозиро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ва дар асоси озмоиши педагогие, ки дар синфи 9 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и пойтахт гузаронидем, пешниҳод менамоем.

Бояд зикр кард, ки таълими ҳаёт ва эҷодиёти бузургтарин шоири ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик Хоҷа Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ мувофиқи «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1» ҳам дар синфи 6 ва ҳам дар синфи 9 таълим дода мешавад. Яъне ғазалиёти Ҳофиз ҳам дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) барои таълим пешниҳод шудааст. Дар бораи усули таълими суннатии ғазалиёти Ҳофиз ҳам дар китобҳои дарсие монанди «Методикаи таълими адабиёти тоҷик»-и Т.Мирзоҷ, Қ.Хоҷаев, Ш.Исломов, «Таълими адабиёти тоҷик»-и М.Аҳмадов ва «Методикаи таълими адабиёти тоҷик»-и Абдусамади Мулло ва мақолаҳои ҷудогонаи методистон сухан рафтааст. Дар дастури таълимии Ш.Р. Исрофилниё «Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ» ғазалҳои шоири бузургро вобаста ба талаботи методикаи суннатии таълими ғазал шарҳу тафсир дода шудаанд. Аммо дар мавриди таълими ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ҳеҷ як мақолае ба назар нарасид.

Дар барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфи 9 барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ 8-соат ҷудо шуда, таълими мавзӯъҳои зерин пешниҳод шудааст: «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳофизи Шерозӣ. Ҳофиз ва шоҳони Шероз, Ҳофиз ва ҳамзамонони ӯ, Мероси адабии Ҳофиз, Чаро Ҳофизро лисонулғайб мегӯянд?, Таҳлил ва шарҳи ғазалҳои Ҳофиз, Мавзӯъҳои иҷтимоӣ, шикоят аз замон, маънии риндию озодандешӣ ва ишқ дар шеъри Ҳофиз. «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро», «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр», «Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд», «Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ», «Корам ба даври чарх ба сомон намерасад». Хусусиятҳои бадеии шеъри Ҳофиз» [2, с.48].

Дар низомии анъанавии таълим омӯзгор бояд аз барномаи таълим берун набарояд ва ҳамон мавзӯъро таълим диҳад, ки дар барнома пешниҳод шудааст. Аммо дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим аз он сабаб, ки «мавзӯъ ва мундариҷаи таълим барои ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун восита хидмат мекунад» ва «омӯзгорон имконияти иваз кардани мавзӯъ ва мундариҷаро доранд» [7, с.46]. Мутахассисон вобаста ба лаҳзаҳои дарс ва ташаккул додани салоҳиятҳои фаннӣ чаҳор марҳаларо дар низоми муносибати

босолоҳият ба таълим пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла Кутбиддин Мухторӣ дар мақолаи худ менависад: «Дар дарси адабиёт ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ бо ҳамон чор марҳала сурат мегирад: Дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн, таҳияи матни худ. Дарк ва баҳодиҳӣ ба матн дар дарси адабиёт марҳалаи мураккаб аст. Дар ин ҷо хонанда бо мазмуни матн шинос мешавад, дар атрофи номи он мулоҳиза мекунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат меёбад, шарҳ медиҳад, матнро ба қисматҳо ҷудо мекунад, ғояи асосии онро муайян менамояд. Мақсади муаллифро дарк менамояд ва назари худро нисбати ҷиҳатҳои мустаҳкам ва сусти он иброз менамояд. Дар марҳалаи тағйир додани матн, эҷодкории хонанда ривоҷ меёбад, фантазияи худро истифода мебарад, онро таҳрир мекунад. Марҳалаи таҳияи матн на ҳамеша ба маънои таҳия кардани матни нав аст, балки пешниҳоди идеяи худ, назари худ дар атрофи мавзӯи матнест, ки хонанда бо он кор кардаст. Он метавонад дар шакли эссеи кӯтоҳ сурат гирад" [8, с.64]. Омӯзгор пеш аз оғози дарс тибқи нишондоди муҳаққиқон бояд муайян кунад, ки ҳангоми таълими мавзӯи баррасишаванда кадом салоҳиятҳоро ташаккул додан мумкин аст. Ин чор марҳала вазифаи муайян доранд ва дар ҳар марҳала ташаккули салоҳиятҳо ба назар гирифта мешавад. Намунаи ба нақшагирии салоҳиятҳоро донишманди номбурда дар мақолаи зикршуда худ овардааст [8, с.65].

Бояд зикр кард, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим монанди таълими анъанавӣ хусусияти синнусоли хонандагон дар се зинаи омӯзиши адабиёт дар мактаб ба назар гирифта мешавад. Агар дар курси хониши эзоҳӣ (синфҳои 1-4), ки мақсади он, пеш аз ҳама, саводомӯзии хонандагон аст, байтҳо ва ё пораи насри бадеии сода интихоб карда мешаванд, то хонандагон дар баробари "огоҳона хондану навиштан" салоҳияти дарки онро дошта бошанд. Дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7), ки вазифаи он кор бо матни бадеист, матнҳои бадеии нисбатан хурдҳаҷм ва ё порае аз ин ё он асари ба синнусоли онҳо мувофиқ интихоб шуда, чаҳор марҳалаи муносибати босалоҳият ба таълим татбиқ карда мешаванд. Дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) хонандагон ба камол мерасанд, тафаккури интиқодӣ ва ҷаҳонбинии онҳо инкишоф меёбад, барои шарҳу таҳлил асари бадеӣ ва баҳо додан ба он то андоза омода мешаванд. Бо назардошти ин ҳама хусусиятҳо дар курси таърихи адабиёт талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳаматарафа татбиқ карда мешавад.

Чунонки зикр намудем, мутахассисон марҳилаи аввалро дар низоми босалоҳият "дарки матн"номидаанд ва барои дарку фаҳмиши матни асари бадеӣ бояд он дар синф пурра қироат карда шавад. Дар масъалаи шарҳу таҳлили ғазал дар низоми суннатии таълим низ пеш аз ҳама, матни комили ғазал қироат карда мешавад. Озмоишҳои педагогӣ моро ба хулоса овард, ки қироати матни ғазал аз ҷониби хонандагон иҷро гардад, натиҷаи беҳтар медиҳад:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*
*Бидеҳ соқӣ майи боқӣ, ки дар ҷаннат наҳоҳӣ ёфт*
*Канори оби Рукнободу гулгашти Мусалловро.*
*Фиғон к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,*
*Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.*
*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,*
*Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо?!*
*Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,*
*Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.*
*Агар дуšном фармоӣ в-агар нафрин, дуо гӯям,*
*Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро.*
*Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд*
*Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.*
*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*
*Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.*
*Ғазал гуфтию дурр суфтӣ биёву хуш бихон Ҳофиз,*
*Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро. [11,с.21]*

Дар низоми муносибати босалоҳият фаъолияти омӯзгор дар ҷараёни дарс «роҳнамоии хонандагон, мушоҳидаи дараҷаи азхудкунии дониш, малакаю маҳорат ва расондани ёрӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо». [7, с.46] мебошад. Яъне, ҳангоми қироати ғазал дар марҳалаи аввал омӯзгор бояд назорат кунад, ки хонандагон матни ғазалро бехато ва ифоданок қироат кунанд. Қироати ғазал, муайян намудани вазну қофия ва радиф ва суҳбат перомуни мавзӯи ғазал марбут ба марҳалаи аввал аст. Озмоишҳо нишон доданд, ки

кисме аз хонандагон метавонанд кофия ва радифи ғазалро муайян кунанд, аммо дар баровардани вазни ғазал душворӣ мекашанд. Ш.Р. Исрофилниё ва З.Т. Бобоева дар мақолаи худ дар ин масъала менависанд: «Муайян намудани вазни шеър ва дарёфтани калимоти кофия, радиф ва ҳарфи равӣ низ дар дарки маънӣ ва таъйини ҳунари шоир нақши калидӣ доранд. Мо бар он андешаем, ки барои хонандаи мактаби миёна донистани ҳиҷоҳои арӯзӣ, кофияву радиф ва дарёфтани ҳарфи равӣ кофист. Баррасии хелҳои кофия, таъйини вазни шеър ва дигар масоили поэтикаи шеър барои донишҷӯёни риштаи суханшиносӣ ва муҳаққини ин соҳа тавсия мешавад». [4, с.47]. Озмоишҳои педагогие, ки дар мактабҳои таҷрибавӣ анҷом додем, гуфтаҳои муаллифонро собит намуд ва комилан ба гуфтаи муаллифони мақолаи зикршуда розӣ ҳастем. Аз он ҷо, ки мувофиқи барномаи таълимӣ хонандагони синфи 9 бояд дар синфҳои поёнӣ бо вазни шеър ва роҳҳои муайян кардани он ошно мешуданд, вақт имкон намедиҳад, ки дар бораи чигунагӣ вазни шеър ва роҳҳо муайян кардани онро ба хонандагон бори дигар таълими дод. Аммо аз он ҷо, ки барномаи таълимӣ муайян намудани вазни шеърро талаб мекунад, омӯзгор бояд худ вазни ғазалро муайян кунад. Дар дастури таълимии Ш.Р. Исрофилниё «Шарҳи бист ғазали Ҳофиз» вазну радифи ғазали мавриди назар муайян шудааст, аммо байти аввалро тақтеъ кардану ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи онро бо иштироки хонандагон дар тахтаи синф навиштан имкон медиҳад, ки хонандагон то андозае аз усули таъйини вазни шеър огоҳ шаванд:

А-гар- он- тур\ки- ше-ро-зӣ\ ба- дас-то-рад\ ди-ли- мо-ро,

V - - -\V - - -\ V - - -\V - - -

Ба- хо-ли- ҳин\ду-яш- бах-шам\ Са-мар-қан-ду\ Бу-хо-ро-ро.

V - - -\V - - -\ V - - -\ V - - -

Вазни ғазал: Ҳазаҷи мусаммани солим, кофия: мо, Бухоро, Мусалло, яғмо... ва радиф: ро мебошад. Баъд аз таъйини вазну кофия ва радиф суҳбат дар мавриди мавзӯъ ва ғояи ғазал хонандагонро барои дарк ва таҳлили ғазал омода мекунад. Нақли ривояти воҳӯрии Хоҷа Ҳофиз бо Темури ланг, ки дар солҳои охири умри шоири бузург Шерозро тасарруф намуда буд ва гӯё Ҳофизро даъват намуда, накӯҳиш мекунад, ки "ман ҷаҳонро вайрон кардам, то Самарқанду Бухоро, ки ватани ман аст, обод созам. Ту ба як холи маъшуқаат ин ду шаҳри бузурги маро бахшидаӣ" аз аҳамият холӣ нест. Ҳамчунин ин ғазали Хоҷа Ҳофизро ҳофизон ба оҳанг даровардаанду ровиён қироат кардаанд. Ба сифати асбоби аёнӣ истифода бурдани сабти ғазали шоир ва гӯш кардани ин ғазал бо воситаи оҳангу мусиқӣ аз аҳамият холдӣ нест ва метавонад ба хонандагон таъсир расонаду онҳоро ба дарку таҳлили ғазал омода созад.

Ҳамин тариқ, дар марҳалаи аввали низоми муносибати босалоҳият хонандагон бо қироат ва гӯш кардани матни ғазал бо мазмуну муҳтавои он шинос мешаванд, вазн, кофия, радиф ва ҳарфи равиро муайян мекунанд. Дар атрофи мазмуни муҳтаво ва ғояи асосии ғазал андеша мекунад.Дар марҳаллаи дувум, ки "баҳодиҳӣ ба матн" аст, хонандагон калимоти душворфаҳми матнро аз луғат меёбанд ва маънии онҳоро шарҳ медиҳанд, санъатҳои бадеӣ ва тасвирҳои шоиронаро меёбанду шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ин ҳама имкон медиҳад, ки хонандагон мақсади шоирро дарк кунанду ғояе, ки шоир дар ғазал талқин кардан мехоҳад, муайян намоянд. Шарҳу тафсири калимоти душвору таъбирҳо ва тасвирҳои шоирона низ ба марҳалаи дувум дохил мешавад. Бояд зикр кард, ки ғазали «Агар он турки шерозӣ»-и Ҳофизро чандин донишмандон шарҳ додаанд, аммо шарҳи беҳтару хубтар ба ба синну сол хонандагон мувофиқ «Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ»-и Ш.Р. Исрофилниё мебошад, ки маҳз барои хонандагон мактаб навишта шудааст. Ҳангоми таълими ғазалҳои Ҳофиз аз ин китоб истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Аммо ин дастури таълимӣ дар асоси методикаи суннатии шарҳи каломи мавзун навишта шудааст. Истифода аз ин китоб дар раванд дарс бисёр мушкилотро осон менамояд, зеро дар он дар баробари таъйини вазну кофияи ғазал калимаҳои душвору таъбироти шоирона низ шарҳ дода шуда, маънии ҳар як байт ҷудогона оварда шудааст. Аз сӯи дигар озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки танҳо ба ин китоб қаноат карданд, хонандагонро аз ҷустуҷӯ боз медорад. Агар дар баробари истифодаи китоби зикршуда хонандагон ҳангоми шарҳи калимот аз фарҳангу луғатномаҳо истифода кунанд, дар ташаккули салоҳиятҳо замина муҳайё мешавад.

Дар низоми муносибати босалоҳият монанди методикаи суннатии шарҳи каломи манзум ҳар байти ғазалро дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешавад:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,

Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

Дар дарсе, ки вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият таълим дода мешавад, истифода тахтаи электронӣ ҳатмист. Омӯзгор бояд аз шеваи кор бо тахтаи электронӣ огоҳ

бошад. Матни ғазал дар тахтаи электронӣ намоиш дода мешавад, байти мактаъ бори дигар ифоданок қироат мешавад, то диққати хонандагон ба байт, ки бояд таҳлил шавад, ҷалб карда шавад. Марҳалаи дуюм бо шарҳи калимаҳои душвори байт оғоз мешавад. Дар байти боло ду таъбири шоирона: «турки шерозӣ» ва «холи ҳинду» бояд тавзеҳ дода шаванд. Дар китоби «Шарҳи бист ғазали Хофиз» дар мавриди «турки шерозӣ» чунин омадааст: «*Турки шерозӣ: турк ин ҷо ба маънии зеборӯй омадааст ва мурод аз он маҳбуба ё канизаки зеборӯйи шерозист»(21)*.Хонандаи огоҳ аз шеъри адабиёти классикӣ бо ин шарҳ маънии ибораи турки шерозиро мефаҳмад, аммо барои хонандагони мактаб бояд онро бештар шарҳ дод, то хонандагон дуруст огоҳ шаванд. Методи саволу ҷавобро методистон дар ин масъала беҳтарин метод донистаанд. Яъне бояд таъбири шоиронаро ба қисматҳо ҷудо кард ва ба ҳар як ҷузъи он савол гузошт. Омӯзгор бояд аввал худаш савол гузорад ва роҳҳои саволгузориро ба хонандагон фаҳмонад. Ба ибораи «турки шерозӣ» дар дарси озмоишӣ чунин савол гузошта шуд:

1. Зери мафҳуми «турк» чиро мефаҳмед?
2. Оё калимаи «турк» дар ин байт танҳо ба маънии номи миллат аст?
3. Оё номи Шерозро шунидаед?
4. Шаҳри Шероз дар кадом кишвар аст?

Раванди дарси озмоишӣ нишон дод, ки аксари хонандагон зери мафҳуми турк, пеш аз ҳама, миллати туркро мефаҳманд. Шерози шаҳри машҳур аст ва аз он ҷо, ки хонандагон Саъдию Хофизро, ки зодагони шаҳри Шерозанд, мешиносанд, дар шарҳи ин калима душворӣ намекашанд. Вале баъзе хонандагон Шерозро номи инсон ҳам медонанд. Ҳатто хонандае иброз дошт, ки номи писари ҳамсояи онҳо Шероз аст. Мутаассифона, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки дастраси хонандагон буд, ибораи «турки шерозӣ» шарҳ нашудааст ва хонандагон фаҳмида наметавонистанд, ки чаро дар китоби «Шарҳи бист ғазали Хофиз» турки шерозиро «маҳбуба ё канизаки зебои шерозӣ» гуфтаанд. Омӯзгор бояд дар бораи ҳалли ин масъала раҳнамои хонандагон бошад ва таъбироту киноёти шоиронаро ба хонандагон тавзеҳ диҳад. Аз ҷумла дар мавриди калимаи «турк», ки дар адабиёти мо таҳаввули маъноӣ карда, бештар ба маънии маҳбубаи зебо ба кор меравад. Барои қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии бачагон бояд аз ашъори шоирони дигар мисолҳои шеърӣ оварда шавад. Аз ҷумла тавзеҳи ин масъала аз ҷониби омӯзгор, ки Хофиз на танҳо ибораи «турки шерозӣ» балки «турки самарқандӣ»-ро ҳам ба маънии маҳбубаи зебои самарқандӣ истифода кардааст:

*Хез, то хотир ба-дон турки самарқандӣ диҳем,*
*К-аз насимаш «Бӯи Ҷӯи мулиён ояд ҳама».*

Баҳсу мунозира дар атрофии ибораву таъбироти шоирона имкон медиҳад, ки хонандагон ба маънии онҳо ҳаматарафа огоҳ шаванд. Аммо ин мақсад ҳамон вақт ба даст меояд, ки хонандагон дар баҳс иштироки фаъол дошта бошанд, ки аз ҷумла талаботи асосии муносибати босалоҳият аст.

Ҳангоми шарҳи таъбири шоиронаи «холи ҳинду» хонандагон нисбатан фаъолтар буданд. Аз он ҷо, ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" танҳо шарҳи калимаи хол омадааст ("нуқтаи сиёҳи модарзод ё сунъӣ дар рӯй ва бадани инсон")-у таъбири "холи ҳинду" шарҳ нашудааст, хонандагон маънии ин таъбирро аз китоби "Шарҳи бист ғазали Хофиз" дарёфт карданд: "Холи ҳинду: холи сиёҳ" (21). Шарҳи ин китоб низ барои пурра дарк кардани таъбири "холи ҳинду" басанда нест. Омӯзгор бояд монанди таъбири боло баҳс ташкил кунад, то хонандагон маънии онро ба таври комил дарк кунанд. Методи саволу ҷавоб ва мунозираро мутахассисон беҳтарин равиш дар ин масъала донистаанд. Аз он сабаб, ки хонандагон дар шарҳи "турки шерозӣ" таҷриба ҳосил карданд, дар шарҳи ибораи дуюм бояд худашон саволгузорӣ намоянд. Дар дарси озмоиши мо бо роҳнамоии омӯзгор талабагон доир ба таъбири "холи ҳинду" чунин саволҳоро пешниҳод карданд:

1. Барои чӣ холи ҳинду холи сиёҳ мешавад?
2. Оё танҳо занони ҳиндӣ дар рӯяшон хол мегузоранд?
3. Оё занону духтарони тоҷик низ ба рӯяшон хол мегузоранд?
4. Оё холи сиёҳи модарзодӣ ҳам вуҷуд дорад?
5. Барои чӣ занону духтарон ба рӯяшон хол мегузоранд?

Хонандагон ба саволҳое, ки худашон тартиб дода буданд, бо майли тамом ҷавоб медоданд, аммо дар ҷавоби саволи аввал душворӣ кашиданд. Ҷавобҳои додаи онҳо ба саволи аввал комил набуд. Масалан, ҷавоби яке аз хонандагон чунин буд: Барои он холи ҳиндуро холи сиёҳ мегӯянд, ки бештар занону духтарони Ҳиндустон ба рӯяшон хол мегузоранд. Омӯзгор, ки дар дарс нақши раҳнамову доварро мебозад, бояд

хонандагон ба асли мақсади шоир раҳнамоӣ кунад. Баррасии ҷавобҳои хонандагон аз тарафи омӯзгор ва ҷавоби конеъкунанда ба саволи аввал масъаларо ҳал мекунад: Дуруст аст, ки духтарону занони Ҳиндустон беш аз дигар миллатҳо ба рӯяшон хол мегузоранд ва ин як расми маъмулии онҳост. Аммо холи ҳиндуро ба он сабаб холи сиёҳ мегӯянд, ки ранги пӯсти мардуми Ҳинд бештар сиёҳ аст ва калимаи ҳинду дар ин байт ба ранги пӯсти ин мардум нигаронида шудааст. "Ҳиндӣ" ё "ҳинду" ба маънии ғуломи каниз ҳам ба кор меравад, зеро дар гузашта аврупоиҳо мардуми сиёҳпӯсти Ҳиндустону Африкоро асир гирифта, ба ғуломӣ мефурӯхтанд. Дар адабиёти гузаштаи мо баъзан калимаи "сиёҳ" ба ҳамин ғуломону канизони сиёҳпӯст ишора мешавад.

Ба саволҳои дигар худи хонандагон посухҳои конеъкунанда доданд ва хулоса баҳс, ки вобаста ба ҷавоби саволи панҷум аст, дуруст пешниҳод шуд: Хол нишони зебоӣ аст ва духтарон барои он ба рӯяшон хол мегузоранд, ки зеботар бошанд.

Дар марҳалаи сеюм хонандагон аз байти таҳлилшуда натиҷагирӣ намуда, андешаи худро пешниҳод мекунанд. Дар дарси озмоишӣ дар марҳалаи сеюм маънии байт аз китоби "Шарҳи бист ғазал" пешниҳод шуд: "Агар он маҳбубаи зебои шерозӣ дили моро ба даст оварад, дар баробари холи сиёҳи ӯ, ки ба ҳусни ӯ ҳусни дигаре бахшидааст, ду шаҳри бузурги Самарқанду Бухороро тақдим мекунам"[5, 2016, 22].

Озмоишҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми шарҳи шеър қонеъ шудан ба шарҳи китобҳои донишмандон монеи ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон мегардад. Хонандагон бояд бо такя ба шарҳе, ки донишмандон додаанд, андешаи худро пешниҳод кунанд ва методи саволу ҷавобу саволгузории худи хонандагон боиси ташаккули салоҳиятҳо мегардад. Дар дарси озмоишӣ доир ба маънии байти мавриди назар чунин саволҳо пешниҳод гардид:

1.Чаро шоир дигар шаҳрҳо нею, маҳз Самарқанду Бухороро қурбони маҳбубааш кардааст?

2. Оё Ҳофиз ҳокими Самарқанду Бухоро буд, ки ин шаҳрҳоро ба маҳбубааш пешкаш кардааст?

3. Бо ин ин бахшандагияш шоир чӣ гуфтан мехоҳад?

Таammул ва андеша дар бораи саволҳои боло ва пешниҳоди фикри худ аз ҷониби хонандагон имконият медиҳад салоҳиятҳои асосӣ дар онҳо инкишоф ёбад. Хусусан донистани ин нукта, ки шаҳрҳои Самарқанду Бухоро дар замони зиндагии шоир аз ҷумлаи бузургтарин шаҳрҳои ҷаҳон ва маркази тамаддуни тоҷикон буд, эҳсоси ифтихори миллӣ ва рӯҳияи худшиносиро дар хонандагон қавӣ мегардонад.

Ба ҳамин монанд дигар байтҳои ғазал бо иҷрои се марҳалаи аввали муносибати босалоҳият ба таълим таҳлил карда мешаванд. Иҷрои марҳалаи чорум, ки таҳияи матни худ аст, баъд аз таҳлили комили ғазал ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Озмоишҳои педагогӣ моро ба хулоса оварданд, ки ҳангоми таҳлили ғазал методи саволу ҷавоб комилан ба талаботи муносибати босалоҳият ҷавобгӯст. Ин метод имкон медиҳад, ки хонандагон ба китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ маҳдуд нашуда, салоҳияти эҷодкорӣ ва мустақилона андешидану фикри худро озода баён намуданро дар худ ташаккул диҳанд. Марҳалаи чаҳорум, ки салоҳияти дониши гирифтаи худро дар амал татбиқ намуданро нишон медиҳад, хонандагон бояд бо такя ба ғояи ғазал андешаи худро хаттӣ пешниҳод намоянд. Мутахассисон эссе ва иншои озодро барои ин марҳала мувофиқ донистаанд. Бештар вақт барои иҷрои марҳалаи чаҳорум дар синф вақт намерасад, хонандагон талаботи ин марҳаларо дар хона мустақилона иҷро менамоянд. Дар ду дарси озмоишӣ, ки мо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70 гузоронидем, ба сабаби нарасидани вақти дарс хонандагон марҳалаи чорумро дар хона иҷро намуданд. Барои иҷрои марҳалаи чаҳорум чунин мавзӯъҳо пешниҳод шуда буд:

1. Ҳофизи Шерозӣ ва амирони замони ӯ;
2. Ҳимматбаландии шоир;
3. Панди пири доно;
4. Ишқ – бузургтарин неъмат барои одамизод.

Агар хонандагон иҷрои марҳалаи чорумро дар хонаи анҷом диҳанд, дар дарси оянда бояд аввал иншои озод ва ё эссеи навишта хонандагон тафтиш ва муҳокима карда шавад. Арзёбии дониши хонандагон ва муайян намудани ташаккули салоҳиятҳо ба иҷро марҳалаи чорум сахт вобаста аст. Муҳокимаи кори хаттии мустақилона хонандагон имкон медиҳад, ки омӯзгор самараи дарси гузаштаашро ба дурустӣ муйян намояд ва хатоҳое, ки аз ҷониби хонандагон содир мешавад, дар дарсҳои оянда рафъ намояд.

Ба ҳамин монанд, дигар ғазалҳоро шоирро, ки дар барномаи таълим пешниҳод шудааст, омӯзгорон метавонанд таълими диҳанд. Чунин тарзи таълим имкон медиҳад, ки хонандагон

ғазали шоирро ба таври комил аз худ кунанд ва салоҳияти шарҳу тавзеҳи онро ба даст оваранд. Дониши гирифтаи хонандагон, алалхусус дар шарҳи калимаву ибораҳои шоирона ба онҳо имконият медиҳад, ки ғазалҳои дигарро низ мустақилона шарҳу тафсир кунанд ва дар суханрониҳо ва ё корҳои хаттиашон аз онҳо иқтибос меёранду фикрашон бо далел собит намоянд.


**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик\ М.Аҳмадов –Хуҷанд: Нури маърифат,(қисми 2), 2016.-380 с.
2. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х. Муҳаррирони масъул Х. Шарифов ва У.Тоиров, Душанбе, 2007.-72 с.
3. Бобоева З. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9\З.Бобоева\\Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2019,№2,-С.183-187.
4. Исрофилниё Ш.Р., Бобоева З.Т. Методикаи таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар курси таърихи адабиёт\З. Бобоева \\Паёми АТТ, 2019, №1(30),-С.47-52
5. 5.Исрофилниё Ш. Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ\Ш.Р. Исролфилниё-Душанбе: Пайванд, 2016.
6. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун. Ш.Р. Исрофилниё, М.А. Султонмамадова// Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) с.,146-150.
7. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д. Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. -Душанбе: Ирфон, 2018.-72 саҳ.
8. Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим.-Душанбе, 2017.
9. Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми./Қ.Мухторӣ,Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ: Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, "Ирфон"-2018, с.58-66.
10. Султонмамадова М. Методикаи таълими рӯзгор ва осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5./М.Султонмамадова.Илм ва инноватсия.№3-4, 2016 (17) с.96-101.
11. Ҳофизи Шерозӣ. Девон\\Ахтарони адаб, ҷилди 29,-Душанбе, 2017.-358 с.


## АСОСҲОИ МЕТОДӢ ВА АМАЛИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ЯК ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ ДАР СИНФИ 9


*Дар мақолаи мавриди назар оид ба асосҳои методӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълими яке аз ғазалҳои шоири ширинкаломи аҳди классикии форсу тоҷик – Ҳофизи Шерозӣ сухан меравад. Мусаллам аст, ки муносибати босалоҳият дар таълими дилхоҳ мавзӯъ, аз ҷумла мавзӯъҳои адабиётшиносӣ дар заминаи талаботҳои ин низом сурат мегирад ва риояи он аз ҷониби омӯзгори фаннӣ шарти зарурӣ маҳсуб меёбад. Маълум гардид, ки дар ҷараёни таълими мавзӯи мазкур бояд омӯзгор ба зинаҳои алоҳидаи таълими он таваҷҷуҳ намуда, онҳоро зина ба зина ба хонандагон шарҳ диҳад. Чор марҳилаи таҳлили мавзӯъ, ки дар мақола мавриди шарҳу тафсир қарор дода шудаанд, ба баррасии амиқи мавзӯи зикршуда дар доираи талаботи муносибати босалоҳият оварда расонд, ки ин ҳолат ба доираи дарки хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Албатта, амалӣ гардидани ин марҳилаҳо дар заминаи таҷрибаи бевоситаи гузарондашуда даст медиҳанд, ки мо онро дар мактаби таҳсилоти умумии №70 гузарондем. Умедворем, ки натиҷаҳои бадастомада минбаъд дар омӯзиши амиқи мавзӯъҳои алоҳидаи адабиётшиносӣ ба тавассути таълими босалоҳият кумаки амалӣ расонида метавонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҳофиз, ғазал, дарс, хонанда, омӯзгор, методика, таълим, шарҳ, муносибати босалоҳият ба таълим, салоҳият, методи анъанавии таълим.*


## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОДХОДА КОМПЕТЕНТЕН ПРЕПОДАВАТЬ ГАЗЕЛЬ ХАФИЗА ШЕРОЗИ В 9 КЛАССЕ


*В статье рассматриваются методологические и практические основы грамотного подхода к учению одной из газелей классика персидско-таджикского поэта Хафиза Шерози. Очевидно, что грамотный подход к преподаванию любого предмета, в том числе и литературоведения, основывается на требованиях этой системы, и ее соблюдение учителем-предметником является обязательным условием. Выяснилось, что в процессе преподавания данной темы учитель должен обращать внимание на отдельные этапы ее преподавания и поэтапно разъяснять их учащимся. Четыре этапа анализа темы, которые описаны в статье, привели к углубленному изучению темы в контексте требований грамотного подхода, что положительно сказалось на объеме понимания читателей. Безусловно, реализация этих этапов будет основываться на непосредственном опыте,*

*который мы провели в общеобразовательной школе №70. Надеемся, что полученные результаты окажут практическую помощь в дальнейшем углубленном изучении отдельных тем литературы посредством грамотного преподавания.*

***Ключевые слова:*** *Хафиз, газел, урок, ученик, учитель, методика, преподавание, комментария, компетентностный подход к оброзовании, компетентность, традиционный методика преподавания.*

**METHODOLOGICAL AND PRACTICAL FOUNDATIONS OF THE APPROACH COMPETENT TO TEACH GAZELLE TO HAFIZ SHEROZI IN GRADE 9**

*The article examines the methodological and practical foundations of a competent approach to the teaching of one of the gazelles of the classic Persian-Tajik poet Hafiz Sherozi. It is obvious that a competent approach to teaching any subject, including literary studies, is based on the requirements of this system, and its observance by a subject teacher is a prerequisite. It turned out that in the process of teaching this topic, the teacher should pay attention to the individual stages of its teaching and explain them step by step to the students. The four stages of topic analysis, which are described in the article, led to an in-depth study of the topic in the context of the requirements of a competent approach, which positively affected the volume of readers' understanding. Undoubtedly, the implementation of these stages will be based on the direct experience that we conducted in the secondary school №70. We hope that the results obtained will provide practical assistance in further in-depth study of certain topics of literature through competent teaching.*

***Keywords:*** *Hafiz, gazel, lesson, student, teacher, methodology, teaching, commentary, competence-based approach to education, competence, traditional teaching method.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Исмонов Файзулло Хикматуллоевич*** **-** *унвончӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгохи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи С. Айнӣ. E-mail: Ismonovf-87@mail.ru, Тел.: (+992) 985410808.*

***Сведения об авторе:***

***Исмонов Файзулло Хикматуллоевич*** **-** *соискател кафедры методики преподавания языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Электронная почта: Ismonovf-87@mail.ru Тел.: (+992) 985410808.*

***About the author:***

***Ismonov Faizullo Khikmatulloevich*** **-** *applicant for the department of methods of teaching language and literature, Tajik state pedagogical University named after S. Aini. Email: Ismonovf-87@mail.ru Tel.: (+992) 985410808.*

**ТДУ 378:355+796 (575.3)**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҲАРБӢ

***Шоимардонов Д.А.***

*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*

Ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иттилоотӣ ворид шудааст, ки бо ҷорикунии фаъоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи маориф тавсиф мешавад. Ҳамчун воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ воситаҳо ва ҷиҳозҳои барномавӣ, барномавию дастгоҳӣ ва техникие, ки дар заминаи техникаи микропросессории ҳисоббарорӣ фаъолият мекунанд, инчунин воситаҳо ва низомҳои муосири пахши иттилоот, мубодилаи иттилоотие, ки амалиётро оид ба ҷамъоварӣ, истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард, интиқоли иттилоот таъмин мекунанд, ба ҳисоб меравanд [12].

Дар шароити муосири рушди фаъолияти ҳарбии касбӣ, вақте ки донишҳои касбӣ зуд кӯҳна шуда, пайваста сатҳи мураккабии онҳо баланд мешавад, ба сифати омилҳои муайянкунанда вазифаҳои омодасозии хизматчиёни ҳарбие табдил меёбанд, ки дорои донишҳои амиқ, сатҳи баланди таҳсилоти умумӣ ва фарҳанг буда, қодиранд дар шароити номуайянӣ амал кунанд. Дар ин росто, омодасозии амалӣ ҷузъи серхароҷоти тамоми раванди таълим ҳам аз ҷиҳати моддию молиявӣ, ҳам аз ҷиҳати замонӣ мебошад. Ин мушкилотро ба қадри назаррас аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботии таълим ҳал кардан мумкин аст, ки дар муттаҳид намудани технологияҳои муосири компютерӣ ва

коммуникатсионие асос ёфтаанд. Онҳо имкон медиҳанд самарабахшии раванди таълим дар факултети ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ, баланд бардошта шавад.

Имрӯз ба салоҳиятҳои муҳимтарини афсари оянда: омодагӣ ба азхуд кардани технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ; қобилияти ба амал баровардани ҷустуҷӯи иттилоот, таҳлил ва ҷудо намудани нуктаҳои калидӣ, ба таври рефлексивӣ арзёбӣ кардани натиҷаҳои фаъолият ва ҳамкории худ табдил ёфта истодаанд.

Иттилоотикунонии раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ба таъмини назария ва амалияи ташкил ва истифодаи оптималии коркардҳои таълимию методӣ ва барномавию технологие нигаронида шудааст, ки имкон медиҳанд технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври самарабахш ба мақсади омодасозии босифати мутахасссиони ҳарбӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Вазифаи асосие, ки имрӯз дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ истодааст, тайёр кардани мутахассисоне, мебошад, ки дорои қобилияти мустақилона касб кардани донишҳои нав, фаъолнокии эҷодкорона дар қабули қарорҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим мебошанд. Маҳз аз ин рӯ, дар айни замон таваҷҷуҳи калон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки ҷойгоҳи ҳарчи бештарро дар таълими фанҳо дар муассисаи таҳсилоти олӣ ишғол менамояд дода мешавад.

Иттилоотикунонии таҳсилоти олӣ – ин татбиқи маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодасозии мутахассисон бо роҳи васеъ кардан соҳаи истифодаи техникаи ҳисоббарорӣ ва технологияҳои компютерӣ дар кори таълим ва илмию таҳқиқотӣ, дар идоракунии раванди таълимӣ нигаронда шудаанд [5, с. 17-66].

Самарабахшии раванди таълимӣ бо фаъолгардии таълимгирандагон дар раванди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳам дар гирифтани донишҳои нав, ҳам дар истифодаи онҳо дар амалия таъмин мешавад. Ҳамин тавр, дар рафти таълими интерактивӣ бо кумаки технологияҳои иттилоотӣ мутахассисони ояндаи ҳарбӣ дар худ қобилият ва омодагиро ба муошрати фаъол, муошратнокӣ ва ҳамкории босалоҳият, маҳорати асоснок кардан ва дифоъ кардани нуқтаи назари худ аз мавқеи касбӣ ташаккул дода, малакаҳои таҳлил ва худтаҳлилро дар рафти муҳокимаронихо дар гурӯҳ инкишоф медиҳанд.

Барои ҳайати омӯзгории муассисаи таҳсилоти олӣ истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ имкон медиҳад раванди таълимӣ дар зовияи ғайристандарии калидӣ бо роҳи татбиқи чунин шаклҳо, ба монанди семинарҳои амалӣ, лексияҳои масъалавӣ, лексияҳо – дасисаҳо, лексияҳо бо истифодаи воситаҳои аёнигардонӣ, лексияҳо – коллоквиумҳо, лексияҳо – конференсияҳо ва ғайра ташкил карда шавад [9].

Асбоби муҳими технологияҳои иттилоотии таълими фаъол дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ Интернет мебошад, ки дар ҳар ҷой ва дар ҳар вақт дастрас буда, ба омӯзгорон ва таълимгирандагон имкон медиҳад бо ҳамдигар ба осонӣ ҳамкорӣ карда, мубодилаи иттилооти зарурир анҷом диҳанд. Ҳамин тавр, воҳидҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ метавонанд Интернетро барои фаъолияти муштарак бо таълимгирандагони худ дар реҷаи вақти воқеӣ истифода бурда, ба талаботи онҳо вокуниш нишон диҳанд. Омили асосии алоқаи мазкур вақт мебошад, ки онро ба таври назаррас бо кумаки технологияҳои иттилоотӣ сарфа карда, ба раванди таълим суръат бахшидан мумкин аст.

Бо роҳи истифодаи шабакаи Интернет омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олӣ метавонанд иттилоотро ба таълимгирандагон зудтар интиқол дода, дар айни замон намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии онҳоро барои ноилшавӣ ба муваффаиқяти ҳадди аксар ҳамоҳанг созад. Аммо ҷорикунии технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ дар чорчӯбаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ дорои душвориҳои муайян мебошад, ки ин бо фардисозии соҳаи таълими факултетҳои равиявӣ ва низоми методологияи ягонаи раванди таҳсилотӣ ва истифодаи технологияҳои ишорашуда алоқаманд мебошад [21, с. 6240].

Мафҳуми «технологияҳои иттилоотӣ» дар луғатномаи педагогӣ ҳамчун «методҳо ва воситаҳои гирифтан, табдил додан, интиқол додан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани иттилоот» таъриф шудааст [7, с. 51].

Таърифи «технологияҳои иттилотӣ» ҳамчун ҳосилаи ду мафҳуми техникӣ мувофиқи зер шарҳ дода мешавад:

– иттилоот – маълумот (хабар, додаҳо) новобаста аз шакли пешниҳоди онҳо [17, с.78];

– технология – маҷмӯи бо вазъи донишҳо ва самаранокии ҷамъиятии муайяншудаи усулҳо, тарзҳо, методҳо, амалиётҳо ва равандҳои таъсиррасоии такроршаванда, дар ниҳояти кор бозтавлидшаванда ва, чун қоида, ҳуҷҷатгузорӣ кардашуда аз ҷониби ягон кас ё ягон чиз ба касе ё чизе дар амалисозии мақсади равшан ё пешбинишавандаи тағйир додани ҳолат, хосиятҳо, шаклҳои объект (модда, мавод, энергия, иттилоот) ё падида бо ноилшавӣ ба натиҷаҳои номуайян ё интизоршаванда мебошад [17, с.127].

Ҳамин тавр, аҳамият ва хусусияти истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивии курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ аз он иборат аст, ки ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таҳсилотӣ ба аз нав ташкилкунии методҳои кори муассисаи таҳсилотро дар бар мегирад: бозсозии раванди таълим бо мақсади бартараф кардани монеаҳое, ки ба ташкили пешкаши самарабахштар ва босифаттари маводи душвор азхудшаванди таълимӣ халал мерасонанд; ташкили пойгоҳи маълумот, ки марказонидани иттилоот, кумак ба таълимгирандагонро дар бар мегиранд, ташкили саривақтии қабул ва интиқоли иттилоот кумак мекунад. Ғайр аз ин, таълимгирандагон ҳамчун истеъмолгарони технологияҳои иттилоотӣ, чунин асбоб, ба монанди компютерро барои иҷрои зудтар ва дақиқтари вазифаҳои мураккабии гуногун, хусусан дар ҳисобкуниҳои математикӣ, тартиб додани нақшаҳои дақиқи графикӣ ва ғайра истифода мебаранд. Компютер ҳамзамон метавонад якчанд вазифаҳоеро иҷро кунад, ки қудрати инсон ба он намерасад. Ин имкон медиҳад вазифаи гузоштаншуда дар муҳлат иҷро ва шиддат бартараф карда шавад, ки ин махсусан барои таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ муҳим мебошад [20].

Чунин далел на камтар муҳим аст, ки ба компютер бо кумаки замимаҳои махсус гардонидашуда махзани маълумотро дохил кардан мумкин аст, ки ин имкон медиҳад содагии фаҳмидани далелҳои муҳим ба низом даровардa шуда, идора карда шавад.

Сарфи назар аз он, ки идоракунии технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби инсон гузаронида мешавад, истифодаи онҳо дар таълими курсантҳо дақиқтар ва пайдарпайтар мебошад. Ҳамин тавр, курсанте, ки ба ӯ методи истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ хуб таълим дода шуда, тайёриро дар истифодаи таъминоти барномавӣ (нармафзор) дар соҳаи технологияҳои ҳарбӣ гузаштааст, оқилонатар амал карда, донишҳои худро метавонад дар фаъолияти касбӣ барои ҳалли вазифаҳои масъалавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои бевоситаи худ истифода барад. Афзалияти ин аз он иборат аст, ки таълим аз рӯи китобҳои дарсӣ бештар ба таври расмӣ гузашта, нармафзор – ин асбобест, ки корро бештар техникӣ ва дақиқтар иҷро мекунад, ки ин барои ихтисосҳои равияи ҳарбӣ аз аҳамияти калон дорад [20].

Ба хусусиятҳои асосии функсионалии технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ ҷамъоварии маълумот, коркарди додаҳо, ташаккули иттилоот, нигоҳдории иттилоот, ҷустуҷӯи иттилоотро нисбат додан мумкин аст.

Ҷамъоварии маълумот раванди гирдоварии иттилоотро бо истифодаи минбаъдаи он дар вазъиятҳои мушаххас барои тавсияи ин ё он маводи таълимию маърифатӣ ё амалӣ барои таълимгирандагон дарбар мегирад. Коркарди додаҳо табдилдиҳӣ, таҳлил, ҳисобкунӣ ва тавлиди ҳамаи шаклҳои маълумот, иттилоотро дарбар мегирад. Пас аз гирифтани додаҳо низом бояд онҳоро дар асоси он, ки чӣ тавр ва барои чӣ ин иттилоот мавриди истифода қарор хоҳад гирифт, бояд азнав ташкил кунад. Масалан, агар китобхонаи электронии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ маълумотро дар дархостҳои тез – тези қаблии омӯзгор ва таълимгиранда сабт кунад, пас низом метавонад огоҳонии иттилоотиро барои шахси мушаххас дар бораи воридоти нав ё муҳлатҳои маводи зарурӣ ташкил намояд.

Ташаккули иттилоот ташкили иттилоотро дар шакли конструктивӣ – дастрас дар назар дорад. Нигоҳдории иттилоот – ин нигоҳдории ҳамаи маълумот дар бораи имконияти истифоди минбаъдаи онҳо мебошад. Ҳамаи маълумотро барои нигоҳдорӣ ҳар як истифодабарандаи воситаҳои иттилоотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ пешниҳод карда метавонад. Дар худи ҳамин ҷо маълуомт дар бораи хатмкунандагон, омӯзгорон нигоҳдорӣ карда мешаванд. Масалан, ҳар як кафедра дар сомонаи худ иттилоотро оид ба омӯзгорон, фаъолияти илмию таҳқиқотии онҳо инъикос намуда, нашрияҳои илмии омӯзгорон, корҳои таълимгиранагонро бароварда, онлайн – конференсияҳоро гузаронида, шартҳои дохишавӣ ба муассисаҳи таҳсилоти олии ҳарбӣ ва ғайраро нашр карда метавонад.

Ҷустуҷӯи иттилоот – ин равандест, ки дар давоми он воситаҳои электронӣ барои ёфтан ва нигоҳ доштани маълумоти иттилоотӣ барои интишор ва коркарди минбаъдаи онҳо истифода мешаванд. Масалан, истифодаи низомҳои ҷустуҷӯии Yandex, Google ва ғайра, ки дорои пойгоҳҳои маълумоти нигоҳдории иттилоот дар реҷаи таълимӣ дар вақти тайёрӣ ба семинарҳо, лексияҳои интерактивӣ мебошанд [19, с.126].

Дар асоси гуфтаҳо боло, бо тасдиқи М.Ю. Водопянова [3] розӣ шудан мумкин аст, ки ҷорикунии технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ дар раванди омодасозии касбии курсантҳо ба низоми таъминоти дидактикии таҳсилот дар заминаи принсипи фаъолнокии касбии маърифатии таълимгирандагон бо назардошти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ асос меёбад.

Дар низоми мазкур, тавре ки муаллиф қайд мекунад, зарур аст шаклҳои нави супоришҳои таҳсилотие дохил карда шаванд, ки ба азхудкунии малакаҳои идоракунӣ аз

ҷониби шахсият ва гурӯҳ, инкишофи эҷодкории мустақилона, ташаккули маҳоратҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар асоси фаъолнокии касбии маърифатӣ нигаронида шудаанд [3].

М.Ю. Водопянова се блоки таъминоти дидактикии технологияҳои иттилоотии таълими интерактивиро ҷудо мекунад:

– техникӣ – маҷмӯи воситаҳои техникие, ки барои фаъолияти низоми технологияҳои иттилоотӣ заруранд;

– барномавию технологӣ – технологияҳои компютерӣ ва нармафзор барои лоиҳакашии худкор ва идоракунии лоиҳаҳо, коркарди иттилоот ва маълумоти аёнӣ, барои таъмини равандҳои коммуникатсионӣ ва ғайра;

– ташкилию методӣ – омодасозӣ ва бозомӯзии ҳайати омӯзгории муассисаи таҳсилоти олӣ, омодасозии таълимгирандагон ба истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ дар таълим, ташкили пойгоҳи электронии адабиёти таълимию методӣ ва маҷмӯи илмию таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳӣ; мониторинг ва назорати тайёрии касбӣ; ташаккули заминаҳои ҳавасмандкунанда ба худтаҳсилкунӣ ва худтакмилдиҳӣ [3, с. 132].

Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ таъминоти дидактикии азхудкунии донишҳои касбиро пешбинӣ намуда, ҳамчун восита барои инкишофи шахсият дар таҳсилоти касбӣ, ва на ҳамчун мақсади раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ баррасӣ мешавад. Ғайр аз ин, мақсади истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ фароҳам овардани шароити ҳавасмандӣ дар таълимгирандагон барои худинкишофдиҳии касбӣ ва истифодаи донишҳо дар амалия барои ҳалли вазифаҳои мураккаби касбӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ дар низомҳои мултимедиявии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад воқеиятҳои тақлидшавандае ба вуҷуд оварда шаванд, ки ба туфайли онҳо соҳибкасби оянда бо амалҳои зеҳнӣ дар сатҳе, ки аз маҳдудияти низоми шинохтии шахсии ӯ ба таври назаррас баландтар аст, машғул мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад самарабахшии таълими афсарони оянда, аввалан, аз ҳисоби васеъшавии дастрасӣ ба захираҳои глобалии иттилоотӣ, сониян, аз ҳисоби бадалн шудани мустақилияти курснатҳо ҳангоми истифодаи технологияҳои электронии таҳсилотӣ баланд бардошта шавад.

Масъалаҳои ҷорикунии муҳити маҷозии таълимӣ дар раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ аз ҷониби Климзов А. Г. [6, с. 106-109], Саенко С. В. [13, с. 168-172], Четвертакова Ж.В. [18, с. 141-144], Миняйленко Н.Н. [11, с. 123-129] баррасӣ шудаанд.

Муҳити иттилоотӣ, сохтор ва мазмуни он объекти таҳқиқ ва лоиҳакашии муаллифони зиёд (О.А. Козлов, И.В. Роберт, В.А. Ясвин ва дигарон) гардидааст. Бояд қайд кард, ки таърифи ягонаи мафҳуми «муҳити иттилоотӣ» то вақти ҳозир вуҷуд надорад. Ин бо гуногунии ҷузъҳои пуррашавӣ ва номуайянии ҳудуди мазмун муайян мешавад.

Муҳити иттилоотиро дар амали муштарак бо раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор дода, робита ва вобастагии зичи мутақобилаи онҳо – ягонагии мақсадҳо ва вазифаҳо, принсипҳои ташкил ва идоракунӣ, технологияҳои лоиҳакашӣ, татбиқ ва ғайраро қайд кардан зарур аст. Ба мақсад мувофиқ аст мафҳуми ҳамгирошудаи «муҳити иттилоотию таҳсилотӣ» (МИТ) истифода шавад.

Таърифоти мавҷудаи муҳити иттилоотию таҳсилотиро (О.М. Бабанская, И.М. Осмоловская, И.В. Роберт ва дигарон) мавриди таҳлил қарор дода, хусусияти муассисаи таҳсилоти олиро ба назар гирифта, зери МИТ мо маҷмӯи захираҳо ва технологияҳои иттилоотию таҳсилотии истифодаи онҳоро мефаҳмем, ки азхудкунии самарабахши барномаҳои таҳсилотӣ аз ҷониби таълимгирандагон, ташаккули салоҳиятнокии шахсиятию касбиро барои фаъолияти минбаъдаи бомуваффақияти ҳарбии касбии онҳо таъмин мекунанд.

Фароҳами овардани МИТ-и муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ба зер имкон медиҳад:

– баланд бардоштани самарабахшии ташаккули салоҳиятнокии шахсиятию касбии афарсони оянда ҳамчун субъектҳои раванди таҳсилотӣ, ки бо мақсадҳо, ангезаҳо ва хусусиятҳои фаъолияти ҳарбии касбӣ муайян гардида, бо иҷрои қарзи ҳарбӣ, ки аз маҷмӯи сифатҳои шахсиятӣ ва касбӣ, қобилият ва тайёрӣ ба ҳалли вазифаҳои хизмати ҳарбӣ дар вазъиятҳои гуногун дар асоси салоҳиятҳои ташаккулёфта ва таҷрибаи зинадгӣ иборат аст, марбут мебошад;

– таҳияи технологияҳои самарабахши таълими курсантҳо, ки сатҳи баланди муваффақиятнокии таълимиро кафолат медиҳанд;

– таъмини омодасозии босифати мутахассисони ҳарбӣ дар муҳлатҳои ихтисоршудаи таълимӣ (дар замони ҷанг), инчунин дар шароити пуршиддати фаъолияти хизматӣ;

– ташаккул додани тайёрӣ ва қобилиятҳои афсарони оянда ба таҳсилоти мутаассил дар тамоми давраи фаъолияти ҳарбии касбӣ.

Сохтори МИТ ҷузъҳои ташкилӣ, техникӣ ва барномавиро дарбар мегирад.

Ҷузъи ташкилӣ аз мақсадҳо, вазифаҳо, механизмҳои татбиқ бо вазифаҳои таъминоти кадрӣ ва мониторинг иборат мебошад. Муҳимияти ҷузъи ташкилӣ бо он муайян мешавад, ки бидуни стратегияи таҳияшудаи МИТ такмили минбаъдаи он аз сабаби маҳдудиятҳое, ки бо нишондиҳандаҳои техникӣ ва арзишии ҷузъҳои нармафзорӣ таҳмил мешаванд, имконнопазир ба назар мерасад.

Ҷузъи техникӣ бо шумораи калони воситаҳою низомҳои барномавию дастгоҳӣ муаррифӣ шудааст.

Ҷузъи нармафзорӣ аз маҷмӯи таъминоти барномавии таъйиноти умумӣ (Windows, Microsoft Office, Internet Explorer ва ғайра) ва хусусӣ (МСВС 3.0 Linux, «Харита» ва ғайра), ки барои омодасозии мутахассисони ҳарбӣ истифода мешавад, иборат мебошад.

Зарурат ва муҳимияти фароҳам овардани МИТ-ро дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ дарк карда, зарур аст муносибатҳои касбии эҷодкорона ба таҳияи принсипҳои идоракунӣ ва фаъолияти чунин низом амалӣ карда шуда, салоҳиятнокии баланди касбии ҳайати педагогӣ ва муҳандисию техникӣ таъмин карда шавад.

Дар айни замон бояд қайд кард, ки рушдёбӣ ва дар сатҳи баланди технологӣ будани ҷаҳони муосири иттилоотӣ фосиларо байни донишҳое, ки аз ҷониби курсантҳо дар бораи технологияҳои муосиртарини иттилоотию технологӣ ва ва дар бораи истифодаи ИКТ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ гирифта шудаанд, ва истифодаи онҳо дар фаъолияти ояндаи ҳарбии касбӣ мутаасил зиёд хоҳад кард.

Мушкилотҳои муҳими рушди МИТ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ инҳоянд:

– мавҷуд набудани муназзамӣ дар лоиҳакашии МИТ-и муассисаи таҳсилоти олӣ;

– дар ҳолатҳои алоҳида муҷаҳҳазнокии нокифоя ва мавҷуд набудани мутахассисони босалоҳият барои истифодаи воситаҳо ва низомҳои нармафзорию сахтафзорӣ;

– нокифоягии интернет – ҷамъиятҳои касбӣ, фишурдагии интернет – захираҳо бо сомонаҳое, ки дорои тамоюли таълимию методӣ ва илмӣ нестанд;

– маҳдудиятҳои истифодаи захираҳои интернетӣ аз ҷониби курсантҳо ва омӯзгорон.

МИТ-и муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Вазифаи маърифатӣ – ба даст овардани иттилооти нав оид ба қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди илм, робитаи он бо амалияи таҳсилот, оид ба методҳои баҳодиҳии сифати натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, роҳҳо, шароит ва усулҳои баланд бардоштани смаарабахшии фаъолияти таълимӣ, таъминоти илмию методӣ фаъолияти таҳсилотӣ;

2. Вазифаи таҳлилӣ имкон медиҳад зарурати такмили назария ва амалия асоснок карда шуда, фосила байни онҳо, аз ҷумла байни донишҳо дар бораи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти амалӣ коҳиш дода шавад.

3. Вазифаи рефлексивӣ ба дарки фаъолияти касбии худ аз ҷониби субъектҳои МИТ мусоидат мекунад.

Татбиқи ин принсипҳо, функсияҳо ва муносибатҳо интихоби босифати методҳои гирифтани донишҳоро бо муттаҳид кардани онҳо ба низом, бо имкон додан ба таснифи инттилооти бадастомада, ошкор кардани қонуниятҳо, таҳияи тавсияҳо ва ғайра таъмин менамояд.

Муносибати фаъолиятӣ (А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн ва дигарон) ба таҳқиқи фаъолияти таҳсилии таълимгирандагон, фаъолияти касбии омӯзгорон ва қумандонҳо, ба муайян кардани сохторҳои онҳо, шароитҳои рушд роҳнамоӣ карда, имкон медиҳад хусусиятҳо ва имкониятҳои инфиродии ташаккули сифатҳо, салоҳиятҳои шахсиятӣ бо афзоиши бетанаффуси субъктӣ будани иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ ошкор карда шаванд.

Дар заминаи муносибати фарҳангшиносӣ (В.С. Библер, Е.В. Бондаревская, И.Ф. Исаев ва дигарон) МИТ-и муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад муқаррароти амалия – меҳваре пешниҳод карда шаванд, ки ба фароҳам овардани шароит барои азхудкунии донишҳо дар бораи таърих, анъанаҳои Артиши Тоҷикистон, ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги касбии афсари Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷкистон нигаронида шудаанд.

Дар доираи муносибати аксиологӣ (Б.М. Бим-Бад, Н.Д. Никандров, В.А. Сластенин ва дигарон) МИТ имкон медиҳад:

– низоми самтҳои ба таври умум қабулшудаи аксиологӣ, якпорчагии арзишҳои шахсиятию касбӣ кушода дода шавад;

– пуррагии арзишии раванди таҳсилотӣ бо дохил кардани ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқии тарбия ба он фароҳам оварда шавад;

– афзалиятҳои маориф, илм ва фарҳанг дар маҷмӯъ, бо коҳиш додани рақобатнокии арзишии онҳо, бо муайян гардани тамоюли рушд муайян карда шаванд [16, с. 47].

Лоиҳакашӣ ва татбиқи МИТ дар асоси муносибати салоҳиятнок (И.А. Зимняя, В.В. Краевский, А.В. Хуторской ва дигарон) омезиши ғайризиддиятноки ҷузъҳои фаъолиятӣ – амалӣ ва фарҳангшиносиро таъмин менамояд. Салоҳиятҳо ҳамчун муносибатҳои асосии мақсаднок дониста мешаванд. Ин имкон медиҳад сохтор ва мазмуни фанҳои таълимӣ, шаклҳои ташкили раванди таҳсилотӣ гуногун карда шаванд, ки ин ба таври назаррас имкониятҳои МИТ-и муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ва вазифаҳои касбии омӯзгорро мувофиқи талаботи баланд бардоштани сифати таълими афсарони оянда васеъ мекунад [8].

Муносибати салоҳиятнок ба худинкишофдиҳии курсантҳо дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ, бо роҳи ташаккул додани талабот ва маҳоратҳои истифодаи МИТ дар онҳо ҳамчун восита барои муайянкунӣ ва ҳаллии фаврии масъалаҳо мусоидат мекунад. Муҳиммияти дидактикӣ бо имконияти омӯзиш ва баҳисобгирии муназзами хусусиятҳои инфиродии ташаккули танзимгарони (регулятҳои) шинохтӣ, талаботӣ – ҳавасмандӣ, эҳсосотӣ – иродавӣ, коммуникатсионӣ муайян мешавад, ки худтатбиққунии таълимгирандаро ҳам дар фаъолияти таҳсилотӣ, ҳам дар фаъолияти минбаъдаи ҳарбии касбӣ таъмин мекунанд.

Татбиқи МИТ дар асоси муносибати салоҳиятнок бо самтнокии ба он хос ба ҷузъи амалӣ ва натиҷаҳои ниҳоии таълим ба ҳалли масъалаҳое, ки байни мазмуни барномаҳои таҳсилотӣ, ҳаҷми сарбории таълимӣ ва талабот ба сатҳи тайёрии ҳарбии касбии афсарони оянда ба вуҷуд меоянд, мусоидат хоҳад кард [10, с. 4-8].

Муваффақиятнокии ҷустуҷӯи донишҳои нав ва интишори он сатҳи фарҳанги методологии субъектҳои МИТ-ро инъикос намуда, бо маҳорати гузаронидани таҳлил, лоиҳакашӣ ва амсиласозӣ кардани равандҳое, ки дар МИТ ҷараён мегиранд; эҷодкорӣ ва муназзамии фаъолияти касбӣ; донистани муносибатҳо, консепсияҳо ва назарияҳои методологӣ, истифодаи онҳо, пешгӯии натиҷаҳо, маҳорати муаррифӣ кардани онҳо дар шакли лоиҳаҳо ва ғайра тавсиф мешавад [1, с. 284-287].

Ҳамин тавр, муайян кардани моҳият, сохтор ва мазмуни МИТ-и муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, принсипҳои бунёд, вазифаҳои он фароҳам овардани МИТ-ро, ки ба баланд бардоштани самарабахшии омодасозии афсарони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ нигаронида шудааст, таъмин менамояд.

Баъзе усулҳоеро пешниҳод кардан мумкин аст, ки имкон медиҳанд ба машғулияти таълимие, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ташкил карда шудааст, хусусияти интерактивӣ, масъалавӣ, ҷустуҷӯӣ дода шавад.

Воситаи оммавии фаъолноксозии машғулиятҳои амалӣ оид ба фанҳои ҳарбӣ истифодаи презентатсияҳои мултимедиявӣ (чандрасонаӣ) ба шумор меравад. Ба чунин машғулиятҳои таълимӣ бояд як қатор талабот пешниҳод карда шавад. Аввалан, бояд қайд кард, ки дар аасоси ташкили мазмуни презентатсия бояд масъала (назариявӣ ё амалӣ) гузошта шавад, ки онро аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ кардан мумкин аст. Омӯзгор масъалаҳои баҳснокро бо таълимгирандагон муҳокима карда, таҷрибаи онҳоро бо маъниҳои илмӣ ғанӣ мегардонад. Дар ин зимн, ифодаҳои мӯҷазро дар матни презентатсия ҷойгир кардан ҷоиз аст. Сониян, презентатсия метавонад барои таълимгирандагон такяро барои дарки инфиродии иттилоот (қайди кӯтоҳ, ҷудо кардани мафҳумҳои калидӣ ва ғайра) аз ҷониби онҳо пешниҳод кунад, дар акси ҳол дарк ва ҳифзи маводи таълимӣ сурат намегирад. Ҳамчун принсипҳои асосии тартиб додани презентатсияҳои таълимӣ образнокӣ, сохторбандии маводи таълимӣ, ҷудо кардани мафҳумҳои калидӣ, дастгирии эҳсосотӣ (видео, овоз, графика) амал карда метавонанд.

Шакли муҳимтарини раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолияти мустақилонаи курсантҳо мебошад. Маҳз кори босаводона, ки на танҳо аз ҷониби педагогҳои муассисаи таҳсилоти олӣ, қумандонҳои ҷузъи томҳо, инчунин дар курсҳои болоӣ аз ҷониби худи курсантҳо гузаронида мешавад, ба он чиз мусоидат хоҳад кард, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ на танҳо салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, балки тайёриро низ ба фаъолияти мустақилона азхуд мекунад. Ба ибораи дигар, ӯ ба мутобиқшавӣ ба шароити ба таври динамикӣ тағйирёбанда, қабули қарорҳои мустақилона дар фаъолияти касбии худ, дар заминаи нерӯи таҳсилотии худ қобил хоҳад гардид. Ҳангоми ташкили кори мустақилонаи курсантҳо воситаҳои компютериро барои татбиқи намудҳои зерини фаъолияти таълимгирандагон истифода бурдан мумкин аст: омодашавӣ ба машғулиятҳои амалӣ; иҷрои супоришҳои хонагӣ; кори мустақилона аз болои мавзӯъҳои алоҳидаи фанни таълимӣ мувофиқи барнома; кор бо адабиёти иловагӣ; навиштани корҳои хатмии тахассусӣ; гузаронидани кори илмӣ – таҳқиқотӣ; худсанҷиши донишҳо ва маҳоратҳо. Дар ин зимн, компютерро барои муаррифии электронии маводи асосӣ ва иловагии таълимӣ; аёнигардонии

мавзӯъҳои мавриди омӯзиш; содир кардани иттилооти маълумотномавӣ; тестгузаронӣ истифода бурдан мумкин аст [15, с. 88-91]. Мисолҳои ҳалли вазифаҳо ва иҷрои супоришҳо барои курсантҳо бояд бо усулҳои худсанҷиш, меъёрҳои дурустии ҳал, хатогиҳои маъмулӣ ҳамроҳӣ кунанд, ки ин ба таълимгирандагон имкон медиҳад аз фаъолият аз рӯи намуна ба тарҳрезии мустақилонаи ҳал гузарад [2, с. 46-48].

Омӯзгор дар лаҳзаи кори мустақилонаи курсантҳо вазифаи машваратдиҳиро иҷро карда, танҳо равандро аз рӯи зарурат идора мекунад. Аммо дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки «идора кардан – ин фишор овардан, ба раванд таҳмил кардани чораёне, ки ба моҳияти он мухолифат мекунад, набуда, баръакс,ба ҳадди аксар ба назар гирифтани моҳиятии раванд, мувофиқ намудани ҳар як таъсир ба раванд бо мантиқи он мебошад» [14, с. 6-16].

Иттилоотикунонӣ барои ангезиши тафаккури эҷодии таълимгирандагон имкониятҳои иловагӣ фароҳам оварда, муҳимияти кори мустақилонаи онҳоро пурзӯр карда, назорат ва худназораткунии кори инфиродӣ сода мегарданд.

Ниҳоят, зарур аст шароити муҳими самарабахшии технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи шиддатнок гардонидани раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ба назар гирифта шавад. Пеш аз ҳама, компютер ба омӯзгор муқобил набояд гузошта нашавад, зеро он имкон медиҳад бартариятҳои технологияҳои иттилоотие истифода шаванд, ки аз имкониятҳои инсон баландтар буда, онҳоро бо воситаҳои муқаррарии аёният таъмин кардан номумкин мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Белошицкий А.В. Информационно-образовательная среда военного вуза, методологические аспекты [Текст] / А.В. Белошицкий, Д.В. Мещеряков, В.Ю. Фалилеев // Современные наукоемкие технологии. – 2015. – № 12-2. – С. 284-287.
2. Вилотиевич В.М. От традиционной к информационной дидактике [Текст] / В.М. Вилотевич // Вестник Московского университета. Серия 20. Педагогическое образование. – 2003. – № 1. – С. 46-48.
3. Водопьянова М.Ю. Дидактическое обеспечение информационных технологий обучения в профессиональном образовании: дис. ... канд. пед. наук / М.Ю. Водопьянова. - Краснодар, 2005. – 167 с.
4. Григорьев, В. Н., Антошин, И. Г. Методика создания учебных материалов для дистанционного обучения [Текст] / В.Н. Григорьев, И.Г. Антошин // Гуманитарный вестник. – 2015. – 2(33). – С. 52-60.
5. Зимина О.В. Дидактические аспекты информатизации образования [Текст] / О.В. Зимина // Вестник Московского университета. Серия 20. – 2005. – № 1. – С. 17-66
6. Климзов, А.Г. К вопросу применения дистанционного обучения как вида современных педагогических технологий в процессе обучения в военном вузе [Текст] / А. Г. Климзов, Г. С. Качан, А. А. Дмитриев // Гуманитарные проблемы военного дел. – 2017. – №2 (11). – с. 106-109.
7. Коджаспирова Г. М., Коджаспиров А. Ю. Педагогический словарь: для студ. высших и средних пед. учеб. завед. / Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. - М.: Academa, 2003. – 174 с.
8. Краевский В.В. Методология педагогики: новый этап: учеб. пособ. Для студ. высш. учеб. заведений / В.В. Краевский, Е.В. Бережнова. – М.: Академия, 2006. – 400 с.
9. Кутепов М.М. Технология формирования профессиональных умений у будущих специалистов в области физической культуры: дис. ... канд. пед. Наук / М.М. Кутепов. - Н. Новгород, 2003. – 163 с.
10. Мещеряков Д.В. Реализация модели формирования профессиональной компетентности будущих офицеров в образовательном процессе военного вуза [Текст] / А.В. Белошицкий, Д.В. Мещеряков // Вестник Воронежского государственного технического университета. – 2013. – Т. 9, № 3.2. – С. 4–8.
11. Миняйленко, Н. Н., Чистяков, В. А. Роль научного руководителя в системе дистанционного обучения адъюнктуры военного вуза [Текст] / Н.Н. Миняйленко, В.А. Чистяков // Ученые записки университета им. П. Ф. Лесгафта. – 2016. – 11(141) – 123-129.
12. Роберт, И.В. Теория и методика информатизации образования (психолого-педагогический и технологический аспекты). / И.В. Роберт. – М.: ИИО РАО, 2008. – 274 с.
13. Саенко, С. В. Электронные образовательные ресурсы для использования технологий дистанционного обучения в военном вузе [Текст] / С. В. Саенко // Научные исследования и разработки молодых ученых. – 2016. – №13. – 168-172.
14. Санжаева Р.Д. Готовность и ее психологические механизмы [Текст] / Р.Д. Санжаева // Вестн. Бурятского гос. ун-та. 2016. № 2. С. 6-16.
15. Сиренко С.Н. Качество университетского образования в контексте междисциплинарного диалога естественно-математических и гуманитарных наук [Текст] / С.Н. Сиренко // «Университетское образование: опыт тысячелетия, проблемы, перспективы развития: тезисы докладов II международного Конгресса, 14-16 мая 2008 г. В 2 т. Т.2 / отв. ред. Р.С. Пионова. – Минск, МГЛУ, 2008. С. 88-91
16. Сластенин В.А. Педагогика: инновационная деятельность / В.А. Сластенин, Л.С. Подымова. – М. Магистр, 1997. – 224 с.

17. Словарь-справочник терминов и определений в области НДТ [Электронный ресурс]. URL: http://mnr.gov.ru/regulatory/detail.php7IDH43951 (дата обращения: 23.06.2022).
18. Четвертакова, Ж. В. Пути оптимизации системы дистанционного обучения в процессе переподготовки и повышения квалификации офицеров в военном вузе [Текст] / Ж. В. Четвертакова // Психолого-педагогический журнал Гаудеамус. – 2013. – 2(22). – 141-144.

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҲАРБӢ

*Муаллиф дар мақола истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ баррасӣ кардааст. Хусусиятҳои иттилоотикунонии раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ нишон дода шуда, имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ кушода дода шудаанд. Асбобҳои муҳими технологияҳои иттилоотии таълими фаъол дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ номбар карда шуда, аҳамият ва хусусияти истифодаи технологияҳои иттилоотии таълими интерактивии курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ нишон дода шудаанд. Дар асоси таҳлили таърифоти мавҷудаи муҳаққиқон таърифоти мавҷудаи муҳити иттилоотию таҳсилотӣ дода шуда, ба шароити фароҳам овардан ва вазифаҳои он дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ равшанӣ андохта шудааст. Таъкид карда мешавад, ки сохтори муҳити иттилоотию таҳсилотӣ ҷузъҳои ташкилӣ, техникӣ ва барномавиро дарбар мегирад. Хулоса карда мешаванд, ки компютер ба омӯзгор муқобил набояд гузошта нашавад, зеро он имкон медиҳад бартариятҳои технологияҳои иттилоотие истифода шаванд, ки аз имкониятҳои инсон баландтар буда, таъмини онҳо бо воситаҳои муқаррарии аёният имконнопазир мебошад.*

***Калидвожаҳо**: технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, иттлоотикунонӣ, раванди таҳсилотӣ, муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, соҳаи маориф, фаъолияти ҳарбии касбӣ, афсари оянда, таълими интерактивӣ, методҳои таълим.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ ВЫСШЕГО ВОЕННОГО УЧЕБНОГО ЗАВЕДЕНИЯ

*В статье автор рассмотраивает использование информационных технологий в учебном процессе высшего военного учебного заведения. Показаны особенности информатизации учебного процесса военного вуза, а также раскрыты возможности использования информационных технологий интерактивного обучения профессорско-преподавательским составом вуза. Перечислены важные инструменты информационных технологий активного обучения в вузе, показаны важность и особенности использования информационных технологий интерактивного обучения курсантов вуза. На основе анализа существующих определений исследователей были даны существующие определения информационно-образовательной среды, уточнены условия ее создания и задачи в высшем военном учебном заведении. Подчеркивается, что структура информационно-образовательной среды включает в себя организационную, техническую и программную составляющие. Делается вывод о том, что компьютер не следует противопоставлять учителю, поскольку он позволяет использовать преимущества информационных технологий, которые выше возможностей человека, и обеспечить их обычными средствами визуализации невозможно.*

***Ключевые слова**: информационно-коммуникационные технологии, информатизация, образовательный процесс, военный вуз, сфера образования, профессиональная военная деятельность, будущий офицер, интерактивное обучение, методика обучения.*

## THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS OF THE HIGHER MILITARY EDUCATIONAL INSTITUTION

*In the article, the author reviews the use of information technologies in the educational process of the higher military educational institution. It is shown the features of informatization of the educational process of the higher military educational institution, and discovered the possibilities of using information technologies of interactive education by the teaching staff of the higher military educational institution. It is listed the important tools of information technologies of active education in the institution of higher military education, and shown the importance and characteristics of the use of information technologies of interactive education of cadets of the institution of higher military education. Based on the analysis of the existing definitions of the researchers, it is given the existing definitions of the information and educational environment, and are clarified conditions for its creation and tasks in the higher military educational institution. It is*

*emphasized that the structure of the information and educational environment includes organizational, technical and program components. It is concluded that the computer should not be opposed to the teacher, because it allows the advantages of information technologies to be used, which are higher than human capabilities, and it is impossible to provide them with the usual means of visualization.*

***Keywords**: information and communication technologies, informatization, educational process, military institution of higher education, field of education, professional military activity, future officer, interactive education, teaching methods.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Шоимардонов Давлаталӣ Анварович** - омӯзгори калони кафедраи ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Нишонӣ: ш. Душанбе. Тел.: +(992) 900899990, Почтаи электронӣ: davlatali_shoimardonov@mail.ru;*

***Сведение об авторе:***

***Шоимардонов Давлатали Анварович** - старший преподаватель военной кафедры Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова. Адрес: г. Душанбе. E–mail: davlatali_shoimardonov@mail.ru Тел.: +(992) 900899990;*

**About the author:**

***Shoimardonov Davlatali Anvarovich** - senior teacher of the military department of the Institute of Physical Culture of Tajikistan after S. Rahimov. Address: c. Dushanbe. E–mail: davlatali_shoimardonov@mail.ru Phone: +(992) 900899990;*

## ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МАВҚЕИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР РУШДИ ОН

***Мӯминова И.С.***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров*

Дар замони муосир, ки ҳаёт бо тағйирпазирӣ ва инкишофи босуръат ҷомеаи инсониро ба ҳайрат мегузорад шаҳрвандон бояд сифатҳои ӯҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ ва созандагию бунёдкорӣ дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахборро (маълумотро) тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар масъулият дошта бошанд. Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим асоси раванди таълимро ташкил медиҳад, ки аз кӯдакистону синфҳои ибтидоӣ сарчашма мегиранд.

Таълими ибтидоӣ пояи ташаккули шахсият, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш ва парвариш буда, вазифадор аст, ки зинаҳои нахустини ташаккули шахсиятро таъмин созад, дар ӯ шавқи маърифатҷӯйиро ривоҷ диҳад. Аз ин рӯ, ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки мунтазам сатҳи дониши сиёсӣ, психологию педагогӣ ва методии худро баланд бардорад, роҳҳои самарабахшгардонии таълиму тарбияи насли наврасро ҷӯяд ва ҳамеша ҳамқадами замон бошад.

Баҳри ба пояи баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия, Президенти кишвар, мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон борҳо оид ба зарурати истифодаи усулҳои наву самарабахши таълим тавассути истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳони муосир, ки ба рушди тафаккури техникию интиқодии насли наврас бештару хубтар мусоидат менамоянд, ҷамоаи омӯзгоронро даъват намудаанд.

Ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ дар назди муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифа мегузорад, ки ташаккулёбии шахсияти кӯдаконро зимни муносибат ба онҳо ва ташкилу идроккунии фаъолияти таълимӣ дар амал татбиқ намоянд. Дар ин замина, муаммои равнақи фаъолнокии шахсият дар таълим яке аз масъалаҳои мубрам дар соҳаи маориф ба шумор меравад.

Маълум аст, ки 70%-и сифатҳои шахсият дар таълими ибтидоӣ заминагузорӣ мешавад. Барои кӯдак на танҳо маҳорати хондан, навиштан, ҳисоб кардан, гӯш кардан, сухан кардан лозим аст, балки азхудкунӣ дониш бо истифодаи воситаҳои техникии

таълим, компутер низ имрӯз хеле муҳим гардидааст. 3-ин сабаб, инкишофи қобилияти фикронии кӯдак ва ташаккул додани маҳорати муҳокимаронӣ аз масъалаҳои муҳими таълими ибтидост, ки дар назди мактаби муосиру муаллимон меистад. Он ба такмили ҳаматарафаи фаъолияти ақлии кӯдакон кӯмак мерасонад.Тараққиёти босуръат ва тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа аз инсон маҳорати тез мутобиқшавӣ ба шароити нав, дарёфти роҳи эҷодкоронаи ҳалли масъалаҳо, худидоракунӣ дар лаҳзаҳои вазнин, муносибати маҳсулнок бо одамони гуногун ва дар як вақт ҳамчун инсони бомаданият боқӣ монданро талаб мекунад. Вазифаи асосии мактаби муосир – ин кашфи маҳорати ҳар як хонанда, тарбияи шахсияти ба ҳаёти мутараққӣ мутобиқ маҳсуб меёбад.

Усулҳои анъанавии таълим ва тобеияти пассивонаи хонанда ин масъаларо дигар ҳал карда наметавонад. Барои ҳалли масъалаи мазкур истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ, шаклҳои пурмаҳсули ташкили ҷараёни таълим ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим лозим аст. Усулҳои интерактивии таълим - системаи методҳое мебошад, ки фаъолнокӣ ва гуногунақидагиву фаъолияти амалии хонандагонро дар ҷараёни азхудкунии маводи таълим таъмин мекунад.

Аз диаграмма бармеояд, ки ба писарон сатҳи нисбатан баланди ташаббускории иҷтимоӣ, яъне сарварӣ намудан, ташкилотчии бозӣ будан ва ғайра, барқарор намудани алоқаи биноӣ бо мураббиён хос буда, дар духтарон бошад нишондиҳандаҳои изтиробнокӣ, агрессия, муттамарказияти диққат, худидоракунии зиёд муайян гардид. Духтарон зиёдтар ва аз табиаташон ҳассосӣ мебошанд, аз ин лиҳоз дар онҳо изтиробнокӣ ва агрессия зиёд мушоҳида гардид. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки баъзе духтаракон тақлид ба модар ё мураббияи худ намуда, кӯшиш мекарданд худро идора намоянд, ба реаксияи эмотсионалии калонсолон зиёд диққат диҳанд.

Хусусиятҳои психологии алоқаи байни калонсоли наздик ва кӯдак ҳам дар хонаи кӯдакон ва ҳам дар оила вобаста ба синнусоли кӯдак тағйир меёбад. Умумият ва фарқияти ин алоқаи психологӣ дар оила ва хонаи кӯдакон мавҷуд аст. Умумияташ дар он зоҳир мегардад, ки кӯдакон вобаста ба синнусол зиндадилӣ, хушҳолӣ, зоҳирнамоии эмотсия, барқарор намудани муносибатҳои гуногунро нишон медиҳанд. Фарқияташ бошад дар он аст, ки дар хонаи кӯдакон мураббияҳо камтар бо кӯдакон ҳамкорӣ мекунанд, кӯдакон дар навбати худ кам эмотсияҳои манфиро зоҳир менамоянд, ҳолати эмотсионалии худро идора намуда, ба ҳолати эмотсионалии мураббияҳои худ диққат зоҳир менамоянд. Дар хонаи кӯдакон синнусоли кормандон низ дар барқарор намудани муносибат бо кӯдакон нақши муҳимро ишғол менамояд. Кормандони синнусоли калон нисбати кӯдакон серталаб ҳастанд, рафтори консервативӣ дар онҳо зиёд мушоҳида мегардад. Боиси таасуф аст, ки дар навбати худ кӯдакон ба он метавонанд бо агрессия ва рафтори негативӣ реаксияи ҷавобӣ гардонанд.

Дар соли дуюми ҳаёт ҳам дар оила ҳам дар хонаи кӯдакон духтарчаҳо нисбат ба писарон фаъолтар мегарданд, ки он дар майли зиёд ба муошират зоҳир мегардад. Кормандони хонаи кӯдакон нисбат ба модарон хеле дар ҳолати хуби эмотсионалӣ қарор доранд, аммо онҳо ҳаракаткуниҳои ҷисмонӣ (давидан, паридан) ва бозии кӯдаконро маҳдуд месозанд. Дар натиҷа рафтори кӯдакон якхела, мисли ёддодашуда ба назар мерасад, ки онро стреотипҳои (одатҳои) рафтор низ номидан мумкин аст. Одатан дар хурдсолӣ манъкунии зиёд сабаби ба вуҷуд омадани рафтору одатҳои манфӣ, ба монанди гапнодаро, пассив, изтиробнок шудан мегардад.

Фаъолияти донистагирӣ яке аз ҷабҳаи муҳими рушди психикии кӯдак дар давраҳои аввали ҳаёти ӯ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои соҳаи психология, нейропсихология, ки дар даҳ соли охир баргузор гардиданд нишон медиҳад, ки завқи донистагирии кӯдак аз рӯзи аввали таваллуд инкишоф дода мешавад.

Землянухина Т.М. оиди хусусиятҳои муошират ва фаъолияти донистагирии кӯдакони синни барвақтӣ (то 3 солаҳо) дар хонаи кӯдакон ва ширхоргоҳ таҳқиқоти махсус гузаронда муайян намудааст, ки чи қадаре кӯдак майл ба муошират баланд бошад, фаъолияти донистагирии ӯ низ ҳамон қадар тез тараққӣ мекунад. Муошират бо ҳамсолон ва муошират ба калонсолон дар ин давра фарқ мекунад. Муошират, ки онҳо бо калонсолон барқарор менамоянд барои тараққӣ кардани фаъолияти донистгирӣ муосидат мекунад. [1, с. 96-97]

Психологи рус Л.Петрановская қайд менамояд, ки дар ин давра волидон ва кормандони хонаи кӯдакон дар ҷараёни муошират бояд эҳтиёткорона бошанд, зеро дар оянда кӯдак дар

барқарор намудани муошират он таҷрибае, ки дар давраи барвақти бачагӣ ҳосил намуданд, онро истифода мебаранд. Таҳлили таҳқиқотҳои Л.Петрановская нишон медиҳанд, ки дар шаклгирии ҳисси дилбастагӣ ҳолати эмотсионалии модар нақши калон дорад. Модари асабонӣ, агрессив, дағал аз гаджетҳо (планшет, телефонҳои мобилӣ) дида миллион маротиба зиёдтар зараровар аст, зеро вай ҳолати манфии эмотсионалиеро ба кӯдак мегузаронад, ки кӯдакон ин таҷрибаро нисбати одамони дигари гирду атроф истифода мебаранд. [6, с. 9-25]

Хусусияти хоси баъзе занҳои тоҷик аст, ки ҳангоми мавҷудияти нобарории зиндагӣ, мушкилотҳои маишӣ – ҳоҷагӣ, муносибатҳои носолими занушӯӣ, муҳити вазнини оилавӣ, муноқишаҳои ҳамсардорӣ ва ғайраҳо муносибату меҳри модаронаро ба фарзанд коста мегардонанд, ки ин амалу рафтор ба инкишофи аз ҳама ҳолатҳои дигар дида зиёдтар ба инкишофи психикаи кӯдак зарбаи калон мерасонад. Он метавонад тамоми умр дар рафтори кӯдак боқӣ монад, дар оянда ҳангоми оила барпо намудан, чунин рафторро нисбати фарзандони худ раво бинад.

Дар илми информатика барномасозии компютер мавҷуд, дар илми психология бошад барномасозии рафтор, фаъолияти психика - майнаи сар мавҷуд. Дуруст барномасозӣ кардани майнаи сари кӯдак ҳамеша аз волидон – аз модар вобастагӣ дорад. Муносибати дурусти модар дилбастагии мувофиқи меъёрро ба вуҷуд меорад, муносибати нодурусти модар дилбастагии номувофиқ ба меъёрро пайдо мекунад. Қонеъ намудани талаботҳои физиологӣ – қонеъ гардондани талабот ба хӯрок, либосу бозичаҳои қимматбаҳо ва ғайра барои инкишофи тифл аввалиндараҷа нест, барои тифл – кӯдакони хурдсол аввалиндараҷа ин қонеъ гаштани талаботҳои эмотсионалии онҳо мебошад.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои илми нейропсихология майнаи сари кӯдак дар давраи барвақти бачагӣ хело хуб инкишоф меёбад ва ин давраи барои ташаккули муносибат, муошират, шакли рафтор хело мувофиқ аст. Барои инкишофи кӯдак ҳам аз ҷиҳати физиологӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологӣ муносибати эмотсионалӣ аввалин дараҷа мебошад, вагарна инкишофи кӯдак суст мегардад.

Соли 1966 диктатор Николай Чаушески дар Руминия исқоти ҳамлро манъ кард. Дар натиҷа миқдори тавлидшудагон зиёд гардид ва дар навбати худ бошандагони хонаи кӯдакон ба 170 000 расид. Психологони амрикоӣ дар Руминия чунин таҳқиқот гузаронданд: онҳо 136 нафар кӯдакони солимро интихоб карда ба ду гурӯҳ ҷудо намуданд: 68 нафарашон ба оилаҳо 68 нафарашон дар хонаи кӯдакон тарбия гирифтанд. Тадқиқот 10 сол давом кард, ки мақсади асосии он санҷиши таҷрибаи дар айёми барвақти бачагӣ гирифташуда бо инкишофи майнаи сар буд. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки кӯдакони дар оилаҳои фарзандхоншуда тарбияёфта дар натиҷаи барқарорнамоии муносибати хубӣ эмотсионалӣ бо аъзоёни оила қоида ва меъёрҳои муайяни иртиботро бо дигарон омӯхтанд. Танҳо дар 18%-и кӯдакони дар хонаи кӯдакон тарбиягиранда ин хусусият ташаккул ёфта тавонист. Муносибати беҳтарини дилбастагиро кӯдаконе, ки то 2 сола шудан ба оилаҳо қабул шуда буданд, нишон доданд.

Инчунин маълум гардид, ки агар кӯдакон то 15 моҳагӣ ба оила қабул шуда бошанд, дар онҳо нутқ хело фаъол инкишоф меёбад. Дар кӯдаконе, ки баъди се солагӣ ба оила қабул шуда буданд, дар онҳо боздории инкишоф нутқ мушоҳида гардид. Қисми зиёди кӯдакони дар хонаи кӯдакон тарбиягиранда боздории рушди психикӣ нишон доданд. Тадқиқотчиён муайян карданд, ки минбаъд дар давоми ҳаёт 62 % дар кӯдакони то 5 солагӣ дар хонаи кӯдакон тарбиягаранда як қатор вайроншавиҳои психикӣ ба монанди изтиробнокӣ, норасоии диққат, гиперактивӣ арзи вуҷуд доштанд. Минбаъд ҳаётгузаронии ин табақаи кӯдакон дар оилаҳо 50 % - и изтиробнокӣ ва депрессияро паст намуд вале ба норасоии диққат ва гиперактивии кӯдакон таъсир расонда натавонист.

Педагоги бузург Януш Корчак дар китоби худ «Чӣ гуна кӯдакро бояд дӯст дошт» менависад: «Новоста аз қаду баст, инкишофи физиологӣ, психологӣ ҳамеша кӯдаки худро дӯст доред».

Хеле талх ва аламовар аст, ки дар шароити кунунии рушди ҷомеа, ки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаку модар аз тарафи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳифз карда мешавад, як тоифа кӯдакон бо сабабҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ аз синни барвақтӣ аз меҳру навозиш, дӯстдорию дилбастагии калонсолон дур афтода дар инкишофи психикию ҷисмонии худ ба норасоии муҳаббату нигоҳубини модарона дучор мешаванд. Дар ҷомеа кӯдакон чӣ дар оила ва чӣ дар хонаҳои кӯдакон «бегона», «нодаркор» буда наметавонанд.

Дар тамоми халқҳои дунё аз рӯзи таваллуд то 3 солагӣ, аз ҷумла дар тоҷикон низ давраи муҳими инкишофи кӯдак ба ҳисоб меравад. Вазифаи модару падар будан на танҳо ба дунё овардани кӯдак, инчунин доштану зуҳур намудани ғамхорию дилсузӣ ба рушди фарзанд аст, ки он қонеъ гардондани талаботҳои физиологӣ (хӯрок, нигоҳубин) ва иҷтимоиро талаб

мекунад. Талаботҳои иҷтимоӣ дар заминаи талаботҳои физиологӣ ба вуҷуд омада аз насл ба насл додани таҷрибаи таърихӣ – фарҳангиро таъмин менамояд.

Дар Тоҷикистон андешаҳо, ғояҳо, ё худ консепсияҳои тарбия, таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ таҳия ва амалӣ гардида истоданд. Боиси таасуф аст, ки консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ва дар таҷрибаи амалӣ санҷидашудаи тарбия ва инкишофи кӯдаки синни барвақтӣ барои волидону кормандони хонаҳои кӯдакон, ки онҳо ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар шаклгирии шахсияти инсон нақши меҳварӣ доранд, таҳияву дастрас нагардидаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Землянухина Т.М. Влияние общения на развитие познавательной активности в раннем возрасте. / Т.М. Землянухина — В кн.: Личность в системе коллективных отношений. Тезисы Всесоюзной конференции — Курск: 1980. - С. 96—97.
2. Землянухина Т.М. Связь общения и познавательной активности в раннем возрасте. / Т.М. Землянухина — В кн.: Республиканская научно-теоретическая конференция молодых ученых Таджикской ССР, посвященная 110-летию со дня рождения В. И. Ленина. Тезисы докладов.— Дониш: 1980.- 86с.
3. Лисина М.И. Проблемы онтогенеза общения. [Текст] // М.И.Лисина. М., 1986 – 286 с.
4. Масара Ибуки. После трех уже поздно / [Текст] // Масару Ибука; [пер. с англ. — Н. Перовой]. — М.: Альпина нон-фикшн, 2011.— 224 с.
5. Прихожан А.М. Толстых Н.Н. Дети без семьи. (Детский дом: заботы и тревоги общества). [Текст] // А.М.Прихожан, Т.Т.Толстых., Педагогика, 1990 – 160 с.
6. Петрановская Л. В. Тайная опора: Привязанность в жизни ребенка / Л. В. Петрановская — «АСТ», 2015 – 113 с.
7. Смирнова Е.О. Детская психология. [Текст] // Е.О.Смирнова, Спб – Питер, 2009 – 304 с
8. Современный ребенок. Энциклопедия взаимопонимания. [Текст] // Под.ред. А.Я.Варги – М.: ОГИ: Фонд научных исследований. «Прагматика культуры», 2006 – 640 с
9. Стерн Д.Н. Дневник младенца: Что видит, чувствует и переживает ваш малыш / [Текст] // Пер. с англ. М& Генезис, 2001. — 192 с.


## НАҚШИ КАЛОНСОЛОН ДАР ШАКЛГИРИИ ҲИССИ ДИЛБАСТАГӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ БАРВАҚТИ БАЧАГӢ


*Таҳқиқу баррасии инкишофи кӯдак аз рӯзи таваллуд яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои психология, педагогика, сотсиология, тиб буда, арзишмандии синни барвақти бачагиро дар ҳаёти инсон нишон медиҳад. Дар ин давра кӯдак дар оила ва хонаи кӯдакон ба муҳити иҷтимоӣ ва доираи васеи муносибатҳо ворид гардида зинаи иҷтимоишавиро аз сар мегузаронад.*

*Барқарорсозии муносибат ва махсусияти муошират ба кӯдакон барои шаклгирии ҳисси дилбастагӣ ба калонсолон мусоидат намуда инкишофи психикии онҳоро таъмин менамояд. Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки робитаи психологии байни кӯдакону модарон ва кӯдакону кормандони хонаҳои кӯдакон ниёз ба таҳқиқу баррасӣ дорад. Ҳангоми кори таҳқиқотӣ бо истифодаи усули таҳиякардаи Р.Кларк нишон дод, ки муносибати модар дар оила ва муносибати кормандони дар хонаи кӯдакон ба кӯдак фарқ менамоянд, ки он ба рушди психикӣ ва рафтори хурдсолон таъсир мерасонад. Муайян гардид, ки дар ин раванд хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии кӯдакон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Махсусан, муҳити хонавода ва хонаи кӯдакон дар рушди маърифатии кӯдакон назаррас мебошанд.*



***Калидвожаҳо:*** *инкишоф, калонсолон, шаклгирӣ, модар, корманд, хонаи кӯдакон, ҳолати эмотсионалӣ, муносибат, рафтор, таҳқиқот, натиҷагирӣ, муошират, изтиробнокӣ, андешаҳо.*


## РОЛЬ ВЗРОСЛЫХ В ФОРМИРОВАНИИ ЧУВСТВА ПРИВЯЗАННОСТИ У ДЕТЕЙ РАННЕГО ВОЗРАСТА


*Изучение развития ребенка от рождения является одним из важнейших вопросов психологии, педагогики, социологии, медицины и показывает значение раннего детства в жизни человека. В этот период ребенок входит в социальную среду и широкий круг взаимоотношений в семье и в детском доме и переживает этап социализации.*

*Восстановление отношений и коммуникативных навыков помогает детям развить чувство привязанности к взрослым и их умственное развитие. Анализ научных исследований*

*и наблюдений показал, что психологические взаимоотношения между детьми и матерями и детьми с персоналом детских домов нуждаются в исследовании. Исследование с использованием методики, разработанной Р. Кларком, показало, что отношение матери в семье и отношение персонала детского дома к ребенку различно, что влияет на умственное развитие и поведение маленьких детей. При этом выяснилось, что возрастные и половые особенности детей различаются. В частности, для познавательного развития детей важны семейная среда и детский дом.*

***Ключевые слова:*** *развития, взрослые, формирование, мать, работник, детский дом, эмоциональное состояние, отношение, поведения, исследования, результат, общение, депрессия, концепции.*

## THE ROLE OF ADULTS IN THE FORMATION OF SENSE OF ATTACHMENT IN YOUNG CHILDREN

*The study of the development of a child from birth is one of the most important issues of psychology, pedagogy, sociology, medicine and shows the importance of early childhood in human life. During this period, the child enters the social environment and a wide range of relationships in the family and in the orphanage and goes through the stage of socialization.*

*Rebuilding relationships and communication skills helps children develop a sense of attachment to adults and their mental development. An analysis of scientific research and observations has shown that the psychological relationship between children and mothers and children with the staff of orphanages needs to be investigated. A study using the methodology developed by R. Clarke showed that the attitude of the mother in the family and the attitude of the staff of the orphanage to the child is different, which affects the mental development and behavior of young children. At the same time, it turned out that the age and sex characteristics of children differ. In particular, the family environment and the orphanage are important for the cognitive development of children.*

***Keywords:*** *development, adults, formation, mother, worker, orphanage, emotional state, attitude, behavior, research, outcome, communication, depression, concepts.*

***Маълумот дар бораи муалилифон:***

***Маҷидова Бибиҳафиза*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ****,*** *Суроға ш.Душанбе кучаи Рӯдакӣ 121, 734023, E-mail: bibihafiza@mail.ru Тел: (+992) 985831902;*

***Рустамова Зарина Тоҳирҷоновна*** *- муаллими калони кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии*

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Суроға ш.Душанбе кучаи Рӯдакӣ 121, 734023, E-mail: zara_1426@mail.ru Тел: (+992) 985232302;*

***Сведение об авторах:***

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктори педагогических наук, профессор кафедры общий и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни Адрес проспект Рудаки 121, 734003 г.Душанбе, E-mail: bibihafiza@mail.ruТел: (+992) 985831902;*

***Рустамова Зарина Тохирджоновна*** *- старший преподователь кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, Адрес проспект Рудаки 121, 734003 г.Душанбе, E-mail: zara_1426@mail.ru Тел: (+992) 985232302;*

***About the authors:***

***Madzhidova Bibikhafiza*** *- Doctor of Pedagogical Sciences Professor of the Department of General and Pedagogical Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: bibihafiza@mail.ru Phone: (+992) 985831902;*

***Rustamova Zarina Tohirjonovna*** *- Senior Lecturer of the Department of General and Pedagogical Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: zara_1426@mail.ru Phone: (+992) 985232302;*

# ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ МАРКАЗҲОИ ИНКИШОФИ КӮДАКОН

***Норова З.И., Каримзода М.Б.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дар ҷомеаи муттамадини кишварамон яке аз масъалаҳои муҳим, таъмини кудакони синни томактабӣ бо таълиму тарбия дар алоқамандӣ бо маҳдуд будани имкониятҳо ва муассисаҳои томактабӣ дар маҳалҳои зист ба ҳисоб меравад.

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» қайд гардида аст, ки бо истифода аз тамоми шаклҳо ва имкониятҳои ташкили таҳсилоти томактабӣ, то соли 2030 то 30% кудакони синни томактабӣ бо барномаҳои гуногуни таълимӣ ҷалб карда шаванд. Роҳҳои ба даст овардани чунин натиҷа инкишофи минбаъдаи кудакистонҳои хусусӣ, марказҳои инкишофи кӯдак, таҳия ва ба роҳ мондани шаклҳои нави кӯдакистонҳои оилавӣ муқаррар карда шудааст. Дар шароити кишвари мо, махсусан, дар деҳот, ташкил намудани Марказҳои инкишофи кӯдак дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ мақсаднок ҳисобида мешавад, ки ба ҳалли ин масъала мусоидат менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки Марказҳои инкишофи кӯдак дорои аҳамияти махсус мебошанд, зеро дар рушди ҳаматарафаи кӯдак нақши муҳимро иҷро менамоянд. Тариқи фаъолияти чунин марказҳо талаботи кӯдак ба рушди зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ конеъ мегардад.

Дар давоми таълим ва тарбияи кӯдакон, аҳамияти мазмуну мундариҷаи фаъолияти педагогӣ дар Марказҳои инкишофи кӯдак мақоми хоса дорад. Таъиноти арзишноки ин марказҳо тарбия, омода намудани кӯдакон ба мактаб, ташаккули малакаи ибтидоии кори таълимӣ, муносибат ва кумаки тарафайн, ки ба малакаҳои муайяни кори мустақилона такя менамоянд, ба ҳисоб мераванд.

Ҳадафи асосии фаъолияти марказ, омода намудани кӯдак ба мактаб аст. Он алоқаи устувори мактаб ва оиларо таъмин намуда, қадами муҳим дар омода намудани кӯдакон ба таҳсилоти ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Лекин ба ин нигоҳ накарда, байни иштирокчиёни раванди педагогӣ – волидайн ва омӯзгорон як қатор мушкилиҳо ҷой доранд.

2 августи соли 2011 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба имзо расид, ки мақсади асосии он ҷоннок намудани масъулияти волидон дар таълим ва тарбияи фарзандон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва фарҳангӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати кӯдакон мебошад.

Дар шароити муосир фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимии томактабӣ бидуни ҳамкорӣ бо оилаҳои тарбиягирандагон ғайриимкон аст. Нақши афзалиятнок дар тарбияи кӯдак ба волидон тааллуқ дорад, ки вазифаи онҳо аз бунёди шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва психологии таълим ва тарбияи дурусти кӯдакон иборат аст. Ба роҳ мондани ҳамкории омӯзгорон ва волидон, ҳал намудани як қатор мушкилиҳоро талаб менамояд: бартараф намудани нобоварӣ, донистани дархости волидон ва мушкилоти тарбияи оилавӣ, истифодаи шаклҳои мухталифи муоширaт бо валидайн, ташаккули рефлексияи педагогӣ ва инкишофи маҳорати муоширати тарбиядиҳандагон ва ғ.

Мундариҷаи фаъолияти педагогӣ дар Марказҳои инкишофи кӯдак қисми муҳими раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад, он диққати мураббӣ-омӯзгорро ба мушоҳидаи доимии таълими босифат, рушди ҷисмонӣ ва тарбияи кӯдак дар давраи дар марказ будани ӯ равона намуда, дар шароти омода набудани волидон аҳамияти муҳимро касб намудааст.

Дар ҷомеаи имрӯза масъалаи ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар якчанд самт мавриди омӯзиш қарор дода шудааст: ташаккули зеҳниву рушдии кудакон (Л.А. Венгер, Н.Е. Веракс, Н.Ф. Виноградова ва дигарон); самти эҷодиву таҳқиқотӣ (А.В.Антонов, О.В. Дыбин, О.Ю., Зырянов ва дигарон); инчунин барои таҳқиқ корҳои А.В.Запорожец, Л.И. Божович, А.М. Леушина, А.П.Усова, Д.Б. Эльконин ва дигарон, ки хусусиятҳои ташаккули шахсӣ ва иҷтимоии кӯдакони синнусоли томактабиро дар навъҳои мухталифи фаъолият (таълимӣ, бозӣ, меҳнатӣ, мусиқӣ, тасвирӣ) баррасӣ намудаанд, аҳамиятнок мебошанд.

Ба тамоми мушкилоти давраи гузариш нигоҳ накарда, ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, мустаҳкам намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар имконият доданд, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ дар тамоми минтақаҳо нигоҳ дошта шаванд, корҳои тарбиявӣ - таълимӣ мувофиқи мақсад ва вазифаҳои нав дар соҳаи муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ дуруст ба роҳ монда шаванд.

Маориф яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки бо он ояндаи ҳар як миллат, гулгулшукуфоии динамикӣ ва зеҳнии он алоқаманд аст. Дар радифи инкишофи самтҳои стратегии муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ дар даҳсолаҳои охир проблемаи рушди тамоми зинаҳо, аз он ҷумла таҳсилоти томактабӣ, мукаммалгардонии технологияи истифодаи он диққати махсуси мутахассисонро дар кишвар ҷалб намудааст. Дар ин замина рушди босуръати педагогикаи томактабӣ ва психологияи кӯдакона, гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ, ки дар анъанаҳои ватании низоми маориф асос ёфтаанд, амалӣ гардид.

Рушди кӯдаконро (то 18 сола) баррасӣ намуда, метавон раванди онро ба давраҳои алоҳида ҷудо намуд. Дар таҳқиқотҳои худ Д.Б. Элконин синнусолро ҳамчун давраи сарбастае тасниф намудааст, ки аҳамияти он дар асоси мақоми рушди кӯдакӣ муайян карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои давраи томактабиро чунин баррасӣ намудан зарур аст:

- фаъолият ҳамчун навъи пешбарандаи инкишоф;
- вазъияти иҷтимоии инкишоф.

Давраҳоро дар навбати худ метавон ба се марҳила ҷудо намуд, ки дар барномаи «Рангинкамон» (Душанбе, 2011) ба инобат гирифта шудаанд. Муаллифон синни кӯдакро ба синни хурд, миёна ва калон ҷудо намудаанд. Масалан, дар барномаи «Сарчашма» (Истоки) (Масква, 2003) ду давра – синнусоли хурди томактабӣ (3-5 сола) ва синнусоли калони томактабӣ (5-7 сола) муайян карда шудаанд. Ин таснифот ба мафҳуми «доираи синнусол» такя менамояд, ки монандӣ дорад ва илова бар ин тағйироти сифатиро дар қонуниятҳои умумии рушди кӯдак, кӯдакони синни томактабиро ба инобат мегиранд.

Хусусиятҳои умумии категорияҳои синнусолӣ дар ҷиҳатҳои зерин зоҳир мегардад:

- вазифаҳои муассисаи томактабӣ, хусусиятҳои ташкили он мувофиқи анъанаҳои миллӣ, шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ муайян гардида, вобаста ба навъи муассисаи томактабӣ мушаххас гардонида мешавад. Ҳамин тариқ, мувофиқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013) муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шаклҳои тобеияти ташкиливу ҳуқуқӣ метавонанд давлатӣ ва ғайридавлатӣ бошанд. [8, с.13]

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» расман ҳуқуқи кӯдаконро ба дастгирии давлатӣ дар бадастории маълумот дар навъҳои гуногуни муассисаҳои кудакии томактабӣ муқаррар намуд. Дар моддаи 15-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муқаррар гардидааст, ки таълим ва тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди қобилиятҳо, шавқу рағбат, қобилияти психологӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синнусоли томактабӣ амалӣ карда мешавад. Инчунин, ба волидайн дар таълим ва тарбияи кӯдакон, омода намудани онҳо бо таълим дар муассисаҳои таълимии маълумоти умумӣ кумаки амалӣ мерасонад. [8, с.17]

- ба он хотире, ки кӯдаки синни томактабӣ ба сифати шахсият дар давраи мунтазами инкишоф, ташаккул, болиғшавӣ қарор дорад, дар рушди кӯдакон ҳеҷ як самти психологӣ ба итмом расида ҳисобида намешавад.

- Қайд намудан зарур аст, ки кӯдаки синни томактабӣ дар синни 6 солагӣ шахсият аст: мувофиқан метавонад бо калонсолон ва ҳамсолон муносибати худро ба роҳ монад, ба худ боварӣ дорад, ки миёни одамон чӣ гуна мавқеъ дорад ва чӣ гуна мавқеъро метавонад ишғол намояд. Кӯдаки синни томактабӣ дар 6 солагӣ аллакай дорои хусусиятҳои инфиродии шахсӣ, мотив ва нуқтаи назари ҳаётӣ мебошад. Дар кӯдаки синни томактабӣ ба таври назаррас тасаввурот, хотира, диққат инкишоф менамояд. Кӯдакон бо осонӣ тамоми чизҳоеро, ки таъсир мерасонанд, дар хотир нигоҳ медоранд, ба осони диққати худро ба каси дигар равона менамоянд.

-Нутқи кӯдакони синни томактабӣ низ ба қадри кофӣ рушд менамояд. Тамоми овозҳо ба таври саҳеҳ ва дақиқ талаффуз карда мешавад, лекин имконияти ҷой доштани хатогиҳо дар захираи луғавӣ мушоҳида карда мешавад. Нутқ бо калимаҳои ҷамъбастшуда пурра мегардад; кӯдакон дар нутқ хусусият, номи амалҳо ва сифати онҳоро ифода менамоянд; фаъолона калимаҳои муродиф ва зидмаъноро истифода менамоянд; маънои калимаҳои сермаъноро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Кӯдакон метавонанд нутқи монологиро бо қоидаҳои грамматикии дуруст, пайдарпай, алоқаманд, саҳеҳ тартиб диҳанд ва муассирона фикри худро баён намоянд. Дар ин синн тафаккури аёну монанд, бадтар бошад аёну тарҳӣ пешбар ҳисобида мешаванд.

Тамоми равандҳои психологии кӯдакони синни томактабӣ тадриҷан ва нисбатан худсарона ва идорашаванда мегарданд. Кӯдаки синни томактабӣ идора кардани рафтори худро меомӯзад; ӯ тарзи рафтор карданро меомӯзад, ҳатто агар ин ба хоҳиши ӯ муқобил бошад, яъне дар синни 6-7 солагӣ кӯдак маънои меъёрҳои иҷтимоиро дарк менамояд.

Рафтори иҷтимоии қобили қабул ба кӯдаки синни томактабӣ дар танзими муносибатҳои тарафайн дар коллективи кӯдаконаи муассисаи томактабӣ ва сипас дар мактаб кӯмак менамояд. Яъне, дарки меъёрҳои ахлоқӣ бо омодагии иҷтимоии кӯдак ба таҳсил алоқаи ногусастанӣ дорад.

Омодагии зеҳнии кӯдакон ба таҳсил инкишофи равандҳои психикӣ (диққат, хотира, тафаккур, тасаввурот, қабул намудан), савияи фаҳмиш, захираи донишҳои мушаххасро пешниҳод менамояд. Омили муҳим дар қабул гардидани кӯдак ба мактаб омодагии мотиватсионӣ ва баркамолии мактабии ӯ ба ҳисоб меравад. Одатан кӯдаконро ивазшавии муҳит, лавозимоти нави мактабӣ, либоси мактабӣ – омилҳои беруна ҷалб менамояд, ки ташаккул наёфтани «мавқеи дохилӣ» - и хонандагонро нишон медиҳад. Ба синфи як қабул гардида, кӯдак бояд донад, ки барои чӣ ӯ ба мактаб меравад, яъне, ин шаҳодати мавҷудияти мақсад аст, ки дар муваффақ гардидани таҳсил нақши мусбиро иҷро мекунад.

Яке аз унсурҳои омодагӣ ба мактаб камолоти иҷтимоии кӯдак ба ҳисоб меравад. Ин унсур бо талаботи муошират бо кӯдакон, қобилияти тобеъ гардидан ба манфиат ва шартҳои қабулгардидаи коллективи кӯдакона, қобилияти ба худ гирифтани нақши иҷтимоии мактаббача алоқаманд карда мешавад.

Пайдо гардидани унсурҳои нав дар психикаи кӯдаки синни томактабӣ шаҳодати он аст, ки марҳилаи охирин дар айёми томактабӣ оғоз гардидааст. Он дар озодии равандҳои психикӣ – диққат, қабул намудани кӯдак, хотираи ӯ таҷассум мегардад. Дар натиҷа, қобилияти идора намудани рафтори худ, инчунин тағйири худбаҳодиҳӣ ва худшиносӣ пайдо мешавад. Тағйироти ҳалкунанда дар рафтори кӯдак ва пайдоиши чунин озодӣ, пеш аз ҳама, мақсади ба даст гирифтани рафтори худ, на тағйироти предметҳо ва муҳити берунаи кӯдак ба ҳисоб меравад.

Агар кӯдакони 6 соларо бо кӯдакони гурӯҳҳои миёна муқоиса намоем, пас метавонем фарқияти калони имконияти ҷисмонӣ ва психикии онҳоро мушоҳида созем. Фарогирии ҳаракатҳои гуногун барои онҳо хос аст. Онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ хеле пурқувватанд. Инкишофи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ бо рушди зеҳнӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, ки ба мукаммалгардии беназири ҳаматарафаи кӯдак мусоидат менамояд. Суръати баландро рушди ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва иҷтимоии кӯдакони ин синн касб менамояд.

Такмилдиҳии нутқ ба таври назаррас маҳз дар ҳамин давраи синнии кӯдак идома меёбад. Кӯдаки синни томактабӣ барои муошират дорои захираи зарурии калимаҳо мебошад, дақиқ ва саҳеҳ калимаҳо ва ҷумлаҳоро талаффуз менамояд ва баёни фикру ақида буррову фасеҳ мегардад. Инчунин ӯ шаклҳои грамматикӣ ва категорияҳои муоширатро мавриди истифода қарор медиҳад.

Яке аз навъҳои муҳими фаъолияти кӯдаки синни томактабӣ муошират ба ҳисоб меравад, ки бо пайдо шудани шакли вазъияиву шахсиятии кӯдакон муошират инкишоф меёбад. Тарҷеҳоти мухталифи устувор ташаккул меёбад, ки худи кӯдакон интихоб менамоянд. Ба онҳо талабот ба якдигарфаҳмӣ, ҳамдардӣ ва мотивҳои шахсиятии муошират хос аст.

Хусусияти инкишофи шахсият дар синни томактабӣ дар маърифати донишҳои нав, пайдоиши «талаботҳо» ба сифатҳои нав зоҳир мегардад. Шахсияти кӯдак ҳаматарафа ташаккул меёбад: ба тарзи амалӣ, эмотсионалӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ ва ғайраҳо. Психологҳои машҳур А.С. Выготский и А.В.Запорожетс ҳамеша тасдиқ менамуданд, ки кӯдак аз рафтори вазъиятӣ ба фаъолият дар синни калони томактабӣ мегузарад, ки ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои ҷомеа тобеъ мегардад. Дар маркази диққат шавқу рағбати кӯдаки синни томактабӣ ба муносибати тарафайн бо калонсолон ҷой дорад ва ин ба ивази муошироти маърифатии кӯдак бо калонсолон пешниҳод карда мешавад.

Кӯдакони синни калони томактабӣ бо боварӣ дуруст будани рафтори худро дарк менамоянд, оё чунин рафтор ба калонсолон маъқул мешавад ё баръакс. Инчунин ин гурӯҳи кӯдакон ба таври дуруст як қатор хусусиятҳои шахсияти худро баҳогузорӣ менамоянд. Риояи меъёрҳои рафтори кӯдак, ки дар марказҳои рушди кӯдак муқаррар гардидаанд, мазмуну мундариҷаи вазъияти қобилияти амалӣ ва сифатҳои ахлоқиро ташкил менамоянд, асоси ташаккули худбаҳогузории кӯдак дар охири синни томактабӣ мегарданд.

Худбаҳогузории кӯдак дар синни 6 солагӣ хело баланд аст, он ба аз худ намудани навъҳои нави фаъолият дар машғулиятҳои омодагӣ ба таҳсилоти мактабӣ бидуни мушкилот ва тарсу ҳарос кӯмак менамояд. Кӯдакони ин синнусол ба таври воқеӣ ғамкорӣ ва рафторро ифода менамоянд, ки ба эмин нигоҳ доштани онҳо аз ранҷу озор ва нороҳатӣ равона карда шудааст. Метавон мушоҳида намуд, ки кӯдаконӣ синни томактабӣ метавонанд ҳиссиёти пурҳаяҷони худро нигоҳ доранд, метавонанд гиря ва тарси худро пинҳон намоянд. Кӯдакони ин синнусол бо ёрии қиёфасозӣ (мимика), ҳаракати талаффуз, имову ишора, нигоҳҳо метавонанд ҳиссиёти нозукро ифода намоянд.

Машғулиятҳо кӯдакони синни томактабиро дар самти фаъолияти тарбиявӣ, ва меҳнатӣ расмкашӣ, гаҷкорӣ, тайёр намудани чизҳои майда ва ғайраҳо инкишоф медиҳанд. Лекин ташаккули унсурҳои фаъолияти меҳнатӣ ва маънои психологии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак бояд иҷро намудани кори фоиданокро барои дигарон дарк намояд. Маҳорати дар синни 5 солагӣ ба дастовардашуда, ба иштироки кӯдакон дар ин самт кӯмак менамоянд. Кӯдакони синни калони томактабӣ имконият доранд, ки аз амру фармоишҳои алоҳида ба уҳдадориҳои доимӣ гузаранд: ҷамъ овардани бозичаҳои худ, тоза намудани пойафзол ва либоси худ. Дар як қатор бо иҷроиши ӯҳдадориҳои меҳнатӣ, кӯдак хурсандиро аз барои меҳнати худ эҳсос менамояд, ки барои фоидаи умумӣ иҷро карда шудааст.

Бо мақсади ҳалли фаврии масъалаи тарбияи меҳнатӣ, таъмини шароит барои ташкили фаъолияти меҳнатии кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ ва дар оила зарур аст, ки ба нақшаи чорабиниҳо омӯзиш ва ҷамъоварии таҷрибаи пешқадами мураббиён ва волидайн дар тарбияи кӯдакон дохил карда шавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», волидайн ва кормандони педагогиро вазифадор менамояд, ки ба таври зарурӣ корро иҷро намоянд.

Дар асоси нокифоягии коркарди масъалаи ташкил ва роҳбарӣ ба фаъолияти таълимиву маърифатии кӯдакон дар машғулиятҳо, бозиҳо, кормандони муассисаҳои таълимии томоктабӣ технологияҳои муосири таълим ва тарбия, методҳои интерактивии таълимро кам мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва аз нав тайёр намудани кормандони муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи нокифоя масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим бо назардошти имкониятҳои таълимиву тарбиявии муассисаҳои томактабӣ ворид карда шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар синни томактабӣ унсурҳои фаъолияти таълимӣ аз худ карда мешаванд. Кӯдак ба таълим машғул гардида, донишҳои навро аз худ менамояд, маҳорат тағйир меёбад, худи кӯдак ба воя мерасад. Мақсади раванди таълим ба даст овардани донишҳои нав аз ҷониби кӯдакони синни мактабӣ ба ҳисоб меравад.

Бозӣ асоси тасаввуроти дақиқ ва саҳеҳи кӯдаки синни томактабӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он кӯдак ба таври фаъол ва иштиёқманд амал менамояд. Хусусияти кӯдаки панҷсола дар инкишофи хаёлоти ӯ зоҳир мегардад. Дар ин синнусол бо хоҳиш чизеро қасдан тасаввур кардан барои кӯдакон душвор аст.

Исбот карда шудааст, ки одатан фаъолияти пешбари кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои сюжетиву нақшофаринӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин бозиҳо кӯдак нақши калонсолонро бо назардошти вазифаҳои иҷтимоиву ҷамъиятии онҳо иҷро менамоянд. Ба хотире, ки дар ҷараёни бозӣ асбобҳои зарурииро гирад, кӯдаки синни мактабӣ тамоми асбобҳои заруриро бо худ мегирад ва танҳо баъд иҷрои нақши табиброоғоз менамояд. Дар як қатор бо бозиҳои сюжетиву нақшофаринӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бозиҳои қоидадор пайдо мешаванд: туббозӣ, рустшавак ва ғайра, ки ба фаъолияти пешбар дар синни томактабӣ таллуқ доранд. Хар як нақш дар бозӣ дорои қоидаҳои пушида - қобилияти тобеият ба меёрҳо аст, ки дар кӯдакони синнусоли томактабӣ маҳз дар ҳамин вакт ташаккул меёбад. Қайд намудан зарур аст, ки дар охири синни томактабӣ дар кӯдакон ҳамон навпайдошавиҳо ташаккул меёбанд, ки асоси ташаккули раванди таълим дар мактаби ибтидоӣ мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоева Т.М. Педагогические основы развития связной речи младших школьников в таджикской школе: Автореферат диссертации кандидата педагогических наук / Т.М. Абдуллоева - Душанбе 2012-22с.
2. Авзалов, Х.А., История педагогики таджикского народа/Х.А. Авзалов, Б. Рахимов/.-Душанбе: Маориф, 1994. - 190 с. (на тадж. яз.)
3. Антология педагогической мысли России 18 века /Сост. И.А.Соловков.-М.: Педагогика, 1985г.-480с.
4. Антология педагогической мысли России второй половины 19 века-нач.-20'в./Сост.П.А.Лебедев.М.:Педагогика, 1990.-608с.
5. Арипов, М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа (1Х-Х1 вв) /М. Арипов. Ч. 1-2. - Душанбе, 1962.-Ч.2.- 162 с.
6. Атаханов, Т., Педагогические очерки/ Т. Атаханов, Лутфуллоев, М., Ф.Шарифов . - Душанбе, 2005. - 224 с.
7. Аттестация и аккредитация дошкольных образовательных учреждений. Сборник документов по проведению аттестации и аккредитации дошкольных образовательных учреждений. Стеркина Р.Б. 1-е изд-е: Издательство АСТ ,1996 г.-124с.
8. Бабаева Л. Использование современных программ «Подготовка детей к школе» как средство организации качества воспитания и образовании детей с вовлечением родителей. Материалы

международной научно – практической конференции посвященной 80-летию Института развития образования на тему «Педагогические исследование: проблемы и перспективы развития в современном мире.» //Л.И.Бабаева Душанбе, 2013. 55-58с
9. Бабаева Т.И. У школьного порога / Т.И.Бабаева. -М.: Просвещение, 1993.- 126с.
10. Юнусова Н.М. Женщина, семья, воспитание // Н.М.Юнусова, Душанбе,2013-343с.
11. Юнусова Н.М. Значение национальной культуры в семейном воспитании. Вестник педагогического университета имени С.Айнӣ // Н.М.Юнусова Душанбе,2013,№4(53),132с.

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ МАРКАЗҲОИ ИНКИШОФИ КӮДАКОН

*Мусаллам аст, ки Марказҳои инкишофи кӯдак дорои аҳамияти махсус мебошанд, зеро дар рушди ҳаматарафаи кӯдак нақши муҳимро ичро менамоянд. Тариқи фаъолияти чунин марказҳо талаботи кӯдак ба рушди зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ конеъ мегардад. Муаллифони мақолаи мазкур, маҳз ҷанбаҳои психологиву педагогии фаъолияти Маркази инкишофи кудакро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Инчунин самтҳои гуногуни рушди психологии кӯдак ва маҳорати педагогии омӯзгор таҳқиқ намудаанд.*

*Муаллиф нуктаҳои муҳими рушди шахсияти ҳам равониву ҳам ҷисмонии кӯдакро дарҷ намудааст. Воқеан мақолаи мазкур вижаҳои илмӣ дар самти фаъолияти Марказҳои инкишофи кӯдаконро фаро гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд, инкишофи психологӣ, зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, педагог, кӯдак, марказҳои инкишоф, фаъолият, ҷанбаҳои психологиву педагогӣ, муҳимият;*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЦЕНТРОВ РАЗВИТИЯ РЕБЁНКА

*Всем известно, что центры детского развития имеют особое значение, потому что они играют важную роль в общем развитии ребенка. Благодаря деятельности таких центров удовлетворяются потребности ребенка в интеллектуальном, эмоциональном, социальном, физическом и нравственном развитии. Автором данной статьи изучены психолого-педагогические аспекты деятельности Центра развития ребенка, а также различные направления психологического развития ребенка и педагогического мастерства педагога.*

*Автор включил важные моменты развития как психической, так и физической личности ребенка. По сути, он освещал специальную научную статью в направлении деятельности детских развивающих центров.*

***Ключевые слова:*** *развитие, психологическое, интеллектуальное, эмоциональное, социальное, физическое и нравственное развитие, педагог, ребенок, центры развития, деятельность, психолого-педагогические аспекты, значимость;*

## PSYCHOLOGICAL ASPECTS IN PEDAGOGICAL ACTIVITIES OF CHILD DEVELOPMENT CENTERS

*Everyone knows that child development centers are of particular importance because they play an important role in the overall development of the child. Thanks to the activities of such centers, the child's needs for intellectual, emotional, social, physical and moral development are met. The author of this article studied the psychological and pedagogical aspects of the activities of the Child Development Center, as well as various areas of the psychological development of the child and the pedagogical skills of the teacher.*

*The author included important points in the development of both the mental and physical personality of the child. In fact, he covered a special scientific article in the direction of the activities of children's development centers.*

***Key words:*** *development, psychological, intellectual, emotional, social, physical and moral development, teacher, child, development centers, activity, psychological and pedagogical aspects, significance;*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Каримзода Мирзо Бадал*** *- доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, суроға: 734024,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. С.Айни 45, тел: (992) 900 85 35 35, E.mail takmil-bbk@mail.ru.*

***Норова Зарина Исмоиловна****- унвонҷӯи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. E-mail: zarina.norova@bk.ru, тел: +992 918 92 05 50;*

***Сведения об авторах:***

***Каримзода Мирзо Бадал*** *– доктор педагогических наук, главный учёный секретарь Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. С.Айни 45, тел: (992) 900 85 35 35, E. mail takmil-bbk@mail.ru.*

***Норова Зарина Исмоиловна*** *соискатель кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. E-mail: zarina.norova@bk.ru, тел: +992 918 92 05 50;*

***About the authors:***

***Karimzoda Mirzo Badal*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Chief Scientific Secretary of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini 45, tel: (992) 900 85 35 35, E.mail takmil-bbk@mail.ru.*
***Norova Zarina Ismoilovna****-Applicant of the Department of Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: zarina.norova@bk.ru, phone: +992 918 92 05 50; tel: +992 918 92 05 50;*

# ТАЪСИРИ ГОРМОНҲО ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ КАРДАНИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕССӢ

***Худойдодова Ф.С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*
***Фарида Коч***
*Академияи тиббии Донишгоҳи Литва оид ба илмҳои тандурустӣ*

Гипоталамус дар "мағзи ибтидоӣ" ҳамчун як қисми системаи лимбӣ ҷойгир аст. Системаи лимбӣ функсияҳоро дастгирӣ мекунад, аз ҷумла рафтор, ҳавасмандкунӣ, хотираи дарозмуддат, эҳсосот ва ҳисси бӯй (шояд пайдоиши ибораи "бӯйи тарс"аз ҳамин ҷо пайдо шудааст, зеро он дар паҳлӯи амигдала бо аксуламалҳои “ биҷанг ё гурез” ҷойгир аст.

Худи гипоталамус вазифаҳои зиёд дорад, аз ҳама муҳимаш танзими системаи асаб ва системаи эндокринӣ тавассути ғадуди гипофиз мебошад. Он раванди мубодилаи моддаҳо ва баровардани гормонҳоро назорат мекунад ва аз ин рӯ бо тағирёбии ҳарорати бадан, гуруснагӣ, ташнагӣ, хоб, ритм ва хоби сиркадианӣ алоқаманд аст. Он инчунин дар назорати вокуниш ба хатар, ба ӯҳда гирифтани вазифаҳои бадан барои эҷоди як таркиши энергия аст, то шахс тавонад мубориза барад ё гурезад.

Вақте ки шахс стрессро муайян мекунад, чашмҳо ё гӯшҳо (ё ҳарду) ба амигдала паём мефиристанд. Амигдала манзара ва садоҳоро тафсир мекунад ва агар хатар дарк шавад, ба гипоталамус сигнали изтироб мефиристад. Гипоталамус ба марҳилаи ҳушдор мегузарад ва системаи асаби симпатикиро фаъол мекунад. Бадан чунин ҷавоб медиҳад: Ҳазм накардани меъда, арақкунии кафи дастон, тез задани дил, калон шудани шушҳо, калон шудани чашмон ва ғайра.

Вақте ки системаи асаби симпатикӣ фаъол мешавад, асабҳои симпатикӣ адреналинро ҷудо мекунанд. Ин кори дилро сахттар ва тезтар карда, фишори хунро баланд мекунад. Бо баланд шудани фишори хун, нафаскашӣ тезтар мешавад ва роҳҳои хурди нафас дар шуш васеътар мешаванд, то дар ҳар нафас оксиген бештар қабул карда шавад. Оксигени иловагӣ ба майна фиристода мешавад, ки ҳушёриро зиёд мекунад. Дидан, шунавоӣ ва дигар ҳиссиёт тезтар мешавад. Рагҳои хуни пӯст танг шуда, одамро рангинтар мекунанд, зеро рагҳо хунро ба мушакҳо равона мекунанд. Ҷигар қанди захирашударо ба хун хориҷ мекунад, мӯй ба по хеста, бадан ба арақкунӣ шурӯъ мекунад. Адреналин ба хориҷ шудани қанди хун ва равғанҳо аз маконҳои нигаҳдории муваққатӣ дар бадан мусоидат мекунад. Ин моддаҳои ғизоӣ ба ҷараёни хун ворид шуда, тамоми узвҳои баданро бо энергия таъмин мекунанд. Ҷавоби "биҷанг ё гурез" оғоз мешавад. Ин раванд хеле зуд рух медиҳад ва ба мо имкон намедиҳад, ки аввал оқилона аз он огоҳ шуда фикр кунем ва ба хатар ҷавоб диҳем.

Ин раванд аксар вақт ҳамчун суръатбахши мошин тавсиф карда мешавад. Мисли мошине, ки аз 0 то 100 км дар як соат дар як сония суръат мегирад, бадан метавонад дар посух ба хатар аз истироҳат ба ҳушёрии баланд гузарад. Гипоталамус ин суръатдиҳандаест, ки бадан тавассути зарбаҳои адреналин ҷаҳиш мекунад.

Стресси музмини дарозмуддат баданро дар ҳолати "ҳушёрии баланд" нигоҳ медорад, зеро майна хатарро дарк мекунад. Ҳамагон медонем, ки "хатар" ба майна метавонад ба ҳаёт таҳдид накунад. Он метавонад дар тӯли ягон вақт фишори доимии сатҳи паст бошад. Дар ин муддат, бадан дар ҳолати ҳушёрии баланд қарор дорад ва аломатҳои ҷисмонии пеш тавсифшударо дар тӯли муддати тӯлонӣ, баъзан солҳо эҳсос мекунад. Ин метавонад ба саломатӣ таъсири назаррас расонад. Нишонаҳои стресси дарозмуддати музмин метавонанд дарди сар, депрессия, проблемаҳои хоб, куфтагӣ ва афкорӣ, тез задани дил бошанд[1].

Адреналин барои афзоиши энергияе, ки шумо дар ҷавоби мубориза ё гурез ба даст меоред, масъул аст. Он дилатонро пойдор месозад ва як қисми асосии вокуниши стресс аст, ки метавонад ҳаёти шуморо наҷот диҳад. Он асосан ҷавобҳоро суръат мебахшад, аксуламалҳои моро тезтар ва ҳисси моро баланд мекунад. Бо вуҷуди ин, ҷисми мо барои гирифтани адреналин пешбинӣ шудааст, вақте ки мо дар хатар ҳастем. Агар вокуниш зуд-зуд ё ба таври доимӣ оғоз шавад, ин метавонад ба саломатӣ оқибатҳои ҷиддие расонад.

Таъсири дарозмуддати адреналин инҳоянд:

системаи иммунии заифии
синдроми рӯдаи дардманд
фишори баланди хун
инсулт
дарди сар
вайроншавии хоб
беморecho дил ( васеъшавии дил ё набзи номунтазам)
изтироб ва депрессия
асабоният ва ларзиш аз сабаби ҳассосияти баланд.

Норэпинефрин ба адреналин монанд аст, зеро нақши он омода кардани бадан ба амал аст. Он ба ҳушёрӣ мусоидат мекунад диққат ва хотираро беҳтар мекунад. Мисли адреналин ва кортизол, он боиси баровардани глюкоза аз захираҳои энергетикӣ мегардад ва гардиши хунро ба мушакҳо зиёд мекунад. Он ҳаракати баданро зиёд мекунад, аммо ин метавонад боиси афзоиши истеъмоли энергия ва фарсудашавии мушакҳо гардад.

Мисли дигар гормонҳои стресс, норадреналин метавонад ба саломатӣ таъсири манфии дарозмуддат дошта бошад. Инҳо дар бар мегиранд:
ихтилоли хоб
суръати сусттар шифо ёфтани ҷароҳатҳо
мушкилоти меъдаю рӯда
аз даст додани либидо
афзоиши осебпазирӣ ба нашъамандӣ.

Агар ин нишонаҳо дар шумо дида шавад, ба духтур муроҷиат кардан зарур аст.

Кортизол як гормони стероидист, ки аз ҷониби ғадуди адреналӣ дар вокуниш ба стресс тавлид мешавад. Пас аз он ки майна хатарро дарк кард ва зуд вокуниш нишон дод, баҳодиҳии минбаъда гузаронида мешавад. Агар хатар идома ёбад, он гоҳ кортизол ба система бароварда мешавад, то баданро дар ҳолати ҳушёрии баланд нигоҳ дорад.

Вазифаи асосии кортизол озод кардани қанди хун, рафъи системаи масуният ва мусоидат ба мубодилаи равғанҳо, карбогидратҳо ва сафедаҳо мебошад. Хулоса, он энергияро таъмин мекунад, ки бадан ҳангоми хатар истифода барад. Вақте ки таҳдид коҳиш меёбад, системаи асаби парасимпатикӣ вокуниши стрессро суст мекунад ва сатҳи кортизол коҳиш меёбад.

Агар мағзи сар дарк накунад, ки хатар аз байн рафтааст, то ҳол боварӣ дорад, ки фард дар хатар аст, он ба озодшавии кортизол мусоидат мекунад. Кортизол аз ҳад зиёд бо сабабҳои зерин зараровар аст:

Кортизоли аз ҳад зиёд ба нигоҳдории фарбеҳӣ мусоидат мекунад, ба ҷои истифодаи равған барои энергия онро дар минтақаи шикам нигоҳ медорад.

Равғани шикам дар дохили худ ретсепторҳои кортизол бештар дорад. Ин маънои онро дорад, ки ҳолати стрессовар бештар мешавад. Кортизол бештар ба равғани шикам ва стресси бештар баробар аст.

Равғани шикам дорои бофтаи чарбу, бофтаи фуҷур ва бофтаи пайвасткунанда мебошад, ки тақрибан 80% чарбро дар бар мегирад. Нақши асосии он нигоҳ доштани энергия дар шакли липидҳо мебошад ва воқеан гормонҳо ба монанди лептин ва эстроген истеҳсол мекунад.

Лептин ба мо кӯмак мекунад, ки худро пурра ҳис кунем. Чӣ қадаре ки мо бофтаи чарб ва равғани шикам дошта бошем, ҳамон қадар лептин истеҳсол мешавад. Аммо, агар аз ҳад зиёд лептин тавлид кунем, сигнал дуруст кор намекунад, яъне дигар эҳсоси сериро қабул намекунем. Ҳангоме ки ин рӯй медиҳад, ба миқдори ғизое, ки шахс метавонад бихӯрад, маҳдудият вуҷуд надорад, онҳо сериро ҳис намекунанд.

Кортизол иштиҳо, афзоиши вазн ва ҷамъшавии бофтаи чарбро зиёд мекунад.

Ин се гормонҳои стресс ҳама нейротрансмиттерҳои муҳими допамин ва серотонинро кам мекунанд.

На ҳама стресс барои мо бад аст. Аксарияти одамон зери стресси каме будан лаззат мебаранд - он гунае, ки онҳоро ба иҷрои кор ташвиқ мекунад.

Эустресс номи дигари стресси "хуб" аст. Ин гуна стресс бо пешравӣ алоқаманд аст. Ин стрессест, ки шуморо водор мекунад, ки ба дастовардҳои бештар ва бузург ноил шавед. Он тамоюли дар муддати кӯтоҳтар буда, боиси даврaҳои стресси «шадид» мегардад, ки пас аз он ноил шудан ба ҳадаф мегардад.

Пас аз ин гуна стресс бояд як давраи барқароршавӣ барои адреналин ва гормонҳои стресс аз системаи шумо берун шавад. Масалан, гузориши муҳиме доред, ки бояд нависед. Барои он вақти зиёд сарф мекунед, то бевақтии шаб кор мекунед. Баъзе вақтҳое ҳастанд, ки шумо хавотир мешавед, ки онро то мӯҳлати додашуда ба итмом намерасонед.

Бо вуҷуди ин, корро ба итмом мерасонед ва худро хуб ҳис мекунед. Бегоҳи дигар як шаб истироҳат мекунед. Ин эустресс аст, зеро стресс анҷоми хуб ва ҳисси комёбӣ дар натиҷаи он аст. Он ба қадри кофӣ давом намекунад, ки ба бадан зарар расонад.

Стресси бад ба стрессе, ки давом дорад, алоқаманд аст, ки организм барои барқарор кардани он вақт надорад. Он метавонад аз сабаби ташвиши дарозмуддат, мушкилоти муносибатҳо, талафот ё осеб бошад. Дар баробари ин, он метавонад аз сабаби талаботҳои хеле баланд дар кор, бе вақти барқароршавӣ дар байни онҳо бошад.

Ҳисоботе, ки боиси эустресс шудааст, метавонад ҳамчун ҳавасмандкунанда ва ҳатто лаззатбахш тавсиф карда шавад, агар барои барқароршавӣ ва лаззат бурдан аз таҷриба вақт ҷудо карда шавад. Агар ҳар рӯз як гузориши дигар бидуни мӯҳлат пешниҳод карда шавад, ин боиси стресси музмин мегардад. Бадан вақт надорад, ки ба ҳолати муқаррарӣ баргардад, яъне ҳамеша дар ҳолати "хушёрӣ" ҳастед ва наметавонед самаранок кор кунед. Стресси музмин, бо мурури замон, ба бадан ва майна зарари калон мерасонад.

Ин ғайриоддӣ аст, агар касе дар аввал бо сабаби стресси равонӣ бо шикояти сактаи дил муроҷиат кунад. Одатан, аломатҳои хурдтар мавҷуданд. Аз маълумотҳои дар боло зикршуда дидан мумкин аст, ки рӯзи корӣ аксар вақт стресси зиёд дорад ва эустресс кофӣ нест. Пас муддати барқароршавӣ хеле кам аст. Аломатҳои маъмули стресс инҳоянд:

асабоният

хуруҷи иҷтимоӣ

баҳсҳо / низоъ

ғоиб будан

мухлатхои аз даст додашуда

тағйирот дар рафтор

дер кардан ба кор

Шубҳае нест, ки стресс ва бемориҳои вобаста ба стресс дар ҷомеа бештар паҳн шуда, дар соҳаи маориф нигаронии хоса доранд. Аз як тадқиқоти дар як маҷалла нашр шуда маълум шуд, ки аз 3000 омӯзгоре, ки дар пурсиши «Сарбории аз ҳад зиёд» иштирок доштанд:

Ҳаштоду се дарсад эҳсос карданд, ки дар 12 моҳи охир стресси бештари ҷои корро аз сар гузаронидаанд.

Шасту се дарсад гуфтанд, ки онҳо фикр мекунанд, ки кори онҳо ба саломатӣ ва некӯаҳволии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қариб нисфи онҳо гузориш доданд, ки онҳо аз сабаби мушкилоти солимии равонӣ ё ҷисмонии вобаста ба кор ба духтур муроҷиат кардаанд. Кор дар соҳаи маориф метавонад эустресро ба бор орад. Он метавонад фоидаовар, ҳавасмандкунанда ва лаззатбахш бошад. Бо вуҷуди ин, аксар вақт талаби кори доимӣ ва ғайричашмдошти зиндагӣ дар мактаб маънои онро дорад, ки аксар вақт барои барқарор кардани бадан аз ин стрессҳои «хушоянд» вақт нест. Баъзан, як муаллим метавонад стресс ва ноумедиро (ё ҳаяҷон) аз дастгирии кӯдаки душвор ё оилаи ниёзманд дар тӯли солҳо эҳсос кунад.

Онҳо метавонанд агрессия ё зуроварии доимии ба онҳо нигаронидашуда дошта бошанд. Онҳо наметавонанд ҳатто дар рӯзҳои истироҳат фикрҳои он кӯдак ё оиларо тарк кунанд ва дар андешаанд, ки вақте онҳо дар мактаб нестанд, ба онҳо чӣ рӯй медиҳад. Дар ниҳоят, тааҷҷубовар нест, ки ин ба стресси музмин ва ҳама нишонаҳои равонӣ ва ҷисмонӣ, ки ин меорад, мубаддал мешавад.

Ҳарчанд стресс ба бадан дар муддати тӯлонӣ осеб мерасонад, корҳои пешгирикунандаро метавон дар зеҳн анҷом дод, то сатҳи серотонинро баланд бардошт ва бо роҳи тафаккури ба ҳалли масъала нигаронидашуда оядаи дилхохро тасаввур кард. Агар эустресс ба бадан камтар зараровар бошад, пас равиши ҳалли мушкилот ба одамон имкон медиҳад, ки тавонмандӣ ва ҳавасмандиро ҳис кунанд, бо истифода аз малакаҳое, ки онҳо барои назорат кардани ҳолатҳои стресс доранд[2].

Андешидани амалҳои мусбат ба шумо имкон медиҳад, ки худро назорат кунед. Машқҳо дар паст кардани сатҳи стресс аз ҳисоби баровардани эндорфинҳо нақши бузург мебозанд. Ин гормонҳо кайфиятро баланд карда, машқҳои ҷисмонӣ ба бадан кӯмак мекунанд, ором шуда истироҳат кунад. Ҳангоми кӯшиши паст кардани стресс одатан йога, тайчи ва шаклҳои нармтари машқ тавсия дода мешаванд, аммо аз ҳар чизе, ки лаззат мебаред ва ақли шуморо ҷалб мекунад, истифода бурдан хуб аст.

Аксар вақт, вақте одамон барои паст кардани стресс ба варзиш шурӯъ мекунанд, онҳо онро то вақте ки худро беҳтар ҳис мекунанд давом медиҳанд ва сипас таслим мешаванд. Бояд ин намунаи рафтори мусбӣ дар гиппокампус бунёд шавад. Калиди нигоҳ доштани ҳар гуна одат ин гирифтани қадамҳои хурди бо мурури замон такроршаванда мебошад. Ҳамин тавр, вақте ки ҳар як ҳадафи хурд ба даст меояд, мағзи сар серотонинро хориҷ мекунад, ва

худро хуб ҳис мекунем ки ин барои иҷрои кори бештар ҳавасманд мекунад. Тасмим гирифтани харобшавӣ дар муддати 8 ҳафта кори хуб нест. Ин стрессро илова мекунад, на кам кардани онро.

Агар хоҳед, ки стрессро камтар ҳис кунед, корҳоеро, ки воқеан дар як рӯз анҷом додан намехоҳед, кам кунед.Ба ӯҳдадориҳое, ки " не" гуфтан имконпазир аст, не гуфтанро ёд гиред, то вақти гаронбаҳоятон озод бошад. Ҳатто агар рӯзномаи шумо хеле пур бошад ҳам, ҳамеша корҳое хоҳанд буд, ки воқеан иҷро кардан намехоҳед ё метавонед " онро ба рӯзи дигар гузаред. Нисбат ба худ меҳрубон бошед ва аз ӯҳдадориҳои худ танаффус гиред.

Таҷриба ва қобилияти гуфтани "не" ба чизе, ки намехоҳед кунед тафаккури қавӣ ва мусбатро тақвият медиҳад, ва доштани мавқеи назорат аз болои вақт ва қувваи худро нишон медиҳад. Баъзан гуфтани «не» душвор аст. Аммо майнаи сар бояд рафтори навро омӯзад. Бароҳат ва дилпурона гуфтани «не»-ро машқ кунед. Метавонед бо дӯсти худ ё ҳамкоратон дар як бозии кӯтоҳ бо истифода аз сенарияҳои гуногун, машқ кунед.

Хоб барои фаъолияти майна ва бадан муҳим аст. Муҳимтарин вақт барои паст кардани стресс давраи хоб аст. Дар ин вақт, фикрҳо ва таҷрибаҳои рӯз аз кортекси чапи пеш интиқол дода мешаванд (ки хотираи эмотсионалӣ дорад), тавассути метафораи хобҳо коркард карда мешаванд ва дар кортекси асосӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Оё ягон бор бо фикри мушкилоти доштаатон хобидаед ва саҳар худро беҳтар ҳис кардаед? Сабаб дар он аст, ки хотира дар давоми хоб аз хотираи эмотсионалӣ ба хотирае мегузарад, ки онро ҳамчун ҳикоя ба ёд овардан мумкин аст. Агар хобро кам карда бошед, пас ин раванд наметавонад ба таври муассир сурат гирад. Ин боиси он мегардад, ки хотираҳои аз ҳад зиёди "эҳсосӣ" дошта бошем.

Онҳо дар хотира тару тоза боқӣ мемонанд ва мо наметавонем "ҳаракат кунем". Онҳо бо мурури замон ҷамъ мешаванд ва ба сатҳи стресс ба таври назаррас илова мешаванд. Ҳоло ҳам дар бораи таҷрибаҳое нигарон ҳастем онро бояд кайҳо ба як тараф мегузоштем. Маслиҳатҳо оид ба беҳтар кардани хоб:

То ҳадди имкон бо вақти муқарраршудаи хоб мувофиқат кунед.

Истифодаи телефонро то 30 дақиқа ё як соат пеш аз хоб маҳдуд кунед.

Пеш аз хоб як медитатсия ё машқи истироҳатӣ иҷро кунед.

Инсон шахси иҷтимоӣ мебошад. Вақте ки сатҳи стресс боло меравад, муошират бо дигарон коҳиш ёфта, эҳсоси дур будан аз онҳо афзоиш меёбад, ки метавонад ба депрессия табдил ёбад. Тавассути муошират бо дигарон, серотонин афзоиш мегирад ва ҳангоми тамоси ҷисмонӣ окситоцин ба вуҷуд меояд, ки ин як давои муассир зидди депрессия мебошад[3].

Чизи оддӣ ба мисли оғӯш гирифтан ва сӯҳбат дар болои як пиёла чой метавонад ба некӯаҳволӣ таъсири калон расонад, сигналҳои стрессоварро хомӯш кунад ва саломатии ҷисмониро дар тӯли муддати тӯлонӣ беҳтар созад. Гузаронидани вақт бо одамоне, ки ба шумо маъқул аст, як роҳи олии коҳиш додани таъсири стресс аст.

Дар вақти стресс ва изтиробнокӣ, нафасҳои худро нигоҳ дошта, истеъмоли оксигени зарурӣ ва ворид шудани онро ба майна пешгирӣ мекунем. Самараноктарин ва қариб фаврӣ рафъи стресс ин баровардани нафас мебошад. Амал кардани қадамҳои зерин дар вақти стресс ва изтиробнокӣ метавонад барои барқарор кардани оромӣ ва равшании фикр кӯмак кунад. Як намунаро пешниҳод мекунем.

Ба воситаи бинии худ то чор ҳисоб нафас гиред.

Ин нафасро то чор ҳисоб нигоҳ доред.

Аз даҳони худ оҳиста-оҳиста нафас бароред, ва то чор ҳисоб кунед.

Ҳар қадар, ки лозим бошад, такрор кунед, агар истифодаи шумораи чор душвор бошад, пас бо ҳисобкунии се машқ кунед ва оҳиста-оҳиста онро зиёд кунед. Ба ҳамин монанд, агар шумо ҳисоб кардани чорро осон ёбед, бо ҳисоб кардани панҷ то ба ҳашт адад машқ кунед.

Дар пурсишҳои некӯаҳволии муаллимон, сарбории кор аксар вақт боиси стресс номида шуд, ки муаллимон мунтазам ба ҷои вақти холии худро бо оилаи худ гузарондан онро барои иҷрои вазифаҳои марбут ба кор сарф мекунанд. Дар ин ҷо ҳалли ин масъала ба кам кардани сарбории онҳо марбут нест балки дар бораи чӣ тавр самаранок идора кардани сарбории кор мебошад.

Ҷадвали худро барои ба нақша гирифтани намунаи ҳафтаи худ истифода баред ва боварӣ ҳосил кунед, ки ба он риоя кунед.

Дар хотир доред, ки майнаи шумо бояд амалеро мунтаззам такрор кунад, то онро аз худ кунад. Бо вуҷуди ин, пас аз чанд ҳафта, он табиати дуюм мешавад.

Кӯшиш кунед, ки рӯзҳои худро то ҳадди имкон мутавозин гардонед, на он ки як рӯз аз дигараш серкортар бошад.

Чизҳои, ки стрессро паст мекунанд, дар хотир нигоҳ доред, масалан, танаффус ё сӯҳбат бо ҳамкорон. Дар асл, онҳо ҳамон қадар муҳиманд, ки шумо бештар кор кунед, зеро онҳо ҳавасмандӣ ва тамаркузро зиёд мекунанд.

Ташкил ва омодагӣ дидан ба ҳафтаи нав низ метавонад ба осонтар гузаштани ҳафтаи навбатӣ кӯмак кунад.

Муҳити наздики худро тоза нигоҳ доред ва дигаронро ба ин кор ташвиқ кунед. The Harvard Business Review таҷрибаеро нашр кард, ки тавассути он аз ихтиёриён хоҳиш карда шуд, ки муаммоҳоро дар мизи тозаву озода ва сипас дар мизи бенизом ҳал кунанд. Муайян карда шуд, ки онҳое, ки дар сари мизи озоданд, ба дар мулоҳизаронӣ самараноктаранд ва метавонанд тамаркуз кунанд. Хонандагон низ нигоҳубини муҳити худро ёд мегиранд ва дӯст медоранд, ки муаллимонашон низ мизи худро тоза нигоҳ доранд.

Барои хондани паёмакҳои электронӣ низ вақти муайянро ҷудо кунед. Набошад тамоми вақтатон барои хондани онҳо сарф мешавад. Аҳамият диҳед, ки оё шумо вақти худро самаранок истифода мебаред. Оё метавонед ба вазифаатон тамаркуз кунед ё шумо мунтазам бо почтаи электронӣ ё матнҳо ва паёмҳои шахсӣ парешон мешавед?

Пеш аз оғози кор ба кайфияти худ аҳамият диҳед. Дар саратон чӣ гуна фикрҳо пайдо шудаанд? Оё онҳо манфӣ ҳастанд, ба монанди: "Оҳ, ман ҳеҷ гоҳ ин корро анҷом намедиҳам, чӣ маъно дорад онро сар кунам ё на?" Агар ин тавр бошад, дар майнаи ибтидоии худ ҳастед ва бояд пеш аз кор барои оғоз кардани амалҳои мусбӣ андешед , ки ин хеле самаранок ва нававартар хоҳад буд. Дар хотир доред, ки мағзи ибтидоӣ маркази забон ва дастрасӣ ба тафаккури нававаронаро мебандад, аз ин рӯ боварӣ ҳосил кунед, ки дар қисми рости майна ҳастед.

Аз хурд оғоз кунед. Миқдори зиёди гузоришҳо шояд даҳшатовар ба назар расад, аммо навиштани як шарҳ дар як гузориш чунин нест. Ҳар як амали мусбӣ, новобаста аз он, ки хурд бошад, серотонинро хориҷ мекунад, ҳавасмандиро афзоиш медиҳад ва кафолат медиҳад, ки аз он чизе, ки ба нақша гирифтаед, хеле зиёдтар кор кунед. Бо истифода аз сабти фаъолияти худро, ки анҷом додаед, соҳаҳоеро муайян кунед, ки дар он як вазифаи бузурге, ки зуд-зуд иҷро мекунед, метавонад ба вазифаҳои хурдтари идорашаванда тақсим карда шавад.

Таъхир - вокуниши тарс аст; ин як шакли "гурез" аст. Агар шумо таъхир мекунед, шумо самаранок аз кор гурехта истодаед. Аз қадами хурдтарин, ки метавонед бомуваффақият анҷом диҳед сар кунед.

Мукаммалпарастӣ низ як вокуниши тарс аст - ин дафъа "мубориза". Мукаммалпарастон одатан вазъиятҳоро аз ҳад зиёд назорат мекунанд ва барои коре, ки метавонистанд дар муддати хеле камтар анҷом дода шаванд, соатҳо сарф мекунанд. Ягона роҳи мубориза бо ин одат муқаррар кардани вақти оқилона барои вазифаҳост.

Боварӣ ҳосил кунед, ки дар давоми ҳафта барои худ вақт ҷудо мекунед. Корҳое кунед, ки аз он лаззат мебаред; китоб хонед, дӯстатонро бубинед, филм тамошо кунед, машқ кунед. Ғамхорӣ дар бораи худ як амали фидокорона аст, зеро он имкон медиҳад, ки ба дигарон ғамхор бошед. Боварӣ ҳосил кунед, ки аз ниёзҳои асосии худ ба монанди ғизо,об, хоб, машқ самаранок истифода мебаред.

Баъзан бо одамон муомила кардан душвор аст. Онҳо метавонанд муносибати хеле дигар ё характеру мизоҷи дигар дошта бошанд ва дар ин ҳолат мо метавонем интраверт бошем онҳо экстраверт. Баъзан одамон аз сабаби ягон изтироби худ метавонанд мушаваш ё банд бошанд. Мо тамоми рӯз бо онҳо нестем ва намедонем, ки бо онҳо дар ҳаёт дигар чӣ рӯй медиҳад. Инҳоянд чанд роҳе барои эҷоди робита бо ҳатто мушкилтарин ҳамкорон:

Сӯҳбатҳоро дар мавзӯъҳои умумӣ дар бораи обу ҳаво, як барномаи телевизионӣ, ё фарзандон оғоз кунед, то онҳо худро озод ҳис кунанд. Вақте ки шумо бо шахс сӯҳбат мекунед, он чӣ гуна нишастааст, инъикос кунед. Агар онҳо нишаста бошанд ва пойҳояшонро убур карда бошанд, шумо ҳам ин корро кунед. Агар ба манаҳи худ ба дасташон такя кунанд, ин корро такрор кунед.

Ба овози онҳо мувофиқат кунед. Агар онҳо зуд сухан гӯянд, суханатонро тезонед. Агар онҳо оромона сухан гӯянд, шумо ҳам оромона сухан гуед, то худро ором ҳис кунанд.

Азбаски 93 дарсади муошират тавассути оҳангӣ овоз ва садои бадан аст, ин маслиҳатҳои оддӣ метавонанд фарқияти бузурге дар муошират эҷод кунанд.

Эҳсос накардани арзиш дар кор ба худбаҳодиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ зарар мерасонад. Одамон метавонанд эҳсос кунанд, ки бо сабабҳои зиёд қадр карда намешаванд. Онҳо метавонанд эҳсос кунанд, ки роҳбари онҳо носипос аст ё ба дигар ҳамкасбон ба тavри беҳтар муносибат мекунад ё имкониятҳои бештар медиҳад. Аксар вақт эҳсос накардани арзиш дар ҷои кор нишонаи худбаҳодиҳии пасти шахс аст.

Одамонро дигар кардан мумкин нест. Мо метавонем кӯшиш кунем, ки онҳоро рӯҳбаланд кунем. Шояд метавонем намунаи ибрат бошем. Аммо, ҳеҷ кас наметавонад каси дигарро тағйир диҳад; чунки қарори тағйир додани рафтор аз ботини худи шахс мебарояд.

Агар шумо дар коре бошед, ки шуморо қадр намекунанд, танҳо метавонед эҳсосоти худро дар бораи он амалҳое, ки интихоб мекунед, тағйир диҳед. Инҳоянд чизҳое, ки шумо онҳоро назорат ва амалӣ карда метавонед:

Бо роҳбари худ вохӯред ва ба вай бигӯед, ки шумо худро чӣ гуна ҳис мекунед. Метавонед баъзе нуқтаҳоро пешакӣ нависед ва агар лозим бошад, аз дигарон дастгирӣ пурсед. Кӯшиш кунед, ки аз забони «айбдоркунӣ» худдорӣ намоед, ба мисли ибораи «Шумо ҳамеша» ё «Шумо ҳеҷ гоҳ». Барои исботи фикри худ аз мисолҳои воқеӣ истифода баред[4].

Таваҷҷуҳи худро иваз кунед ва далелҳоеро ҷустуҷӯ кунед, ки худ қадр мекунед. "Маро қадр намекунанд" як нуқтаи назари хеле манфӣ аст. Дар хотир доред, ки майнаи ибтидоии гиперҳушёр дар ҳама ҷо далели инро меҷӯяд.

Одамон вақте ки худбаҳодии паст ё изтироби музмин доранд аксар вақт фикр мекунанд, ки онҳоро гӯш намекунанд ё ҳеҷ кас онҳоро дӯст намедорад ё қадр намекунад. Дар ин ҳолат, бояд ба эҷоди эътимоди худ сар кард. Чӣ бояд кард? **Аз шукргузорӣ сар кунед**, то чизҳои хуби ҳаётатонро қадр кунед.

**Мунтазам бо одамоне**, ки ба шумо маъқуланд, вақт гузаронед, то тавонед, ки гармонҳои даркориро ба даст оред ва каме вақтхушӣ кунед.

Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо хоби кофӣ гирифтед. Вақте ки хоб барои коркарди рӯйдодҳои рӯз кофӣ нест, фикрҳои манфӣ ба вуҷуд меоянд.

**Ташвишҳои худро бо дӯстатон мубодила кунед**, то каси дигар бидонад, ки шумо чӣ гуна ҳис мекунед ва метавонад шуморо дастгирӣ кунад.

**Амалҳои ба ҳалли масъала нигаронидашударо андешед:** корҳои бештареро иҷро кунед. Агар шумо як чизи хурдеро пайдо карда тавонед, ки онро хуб меҳисобед, бештар аз он кор кунед. Ин эътимод ва худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меорад.

**Аслӣ бошед.** Баъзан одамоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, ҳисси кӣ будани худро гум мекунанд. Интихоб кардан ва рафтор кардан ба тарзе, ки барои онҳо мувофиқ аст, ба тасдиқи ҳисси худшиносии онҳо кӯмак мекунад.

**Бо боварӣ амал кунед.** Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки агар худро боваринок нишон диҳед, дигарон шуморо ҳамин тавр қабул мекунанд.

'Ман' -ро истифода баред, масалан, 'Ман ҳис мекунам', 'Ман мехоҳам', 'Ба ман лозим'. Ин ҳама роҳҳои тасдиқи худ мебошанд. Тасдиқ дар ҳақиқат аз худбаҳодиҳии қавӣ ва солим бармеояд ва аз ин рӯ, ҳар қадаре ки ба хоҳишҳо ва ниёзҳои ҳақиқии худ садо диҳед, ҳамон қадар худро эътимодноктар ва устувортар ҳис мекунед.

**Мувозинати кор ва зиндагӣ**

Ақидаи анъанавии тавозуни кор ва зиндагӣ тақсимоти равшани байни кор ва ҳаёти хона мебошад. Бо вуҷуди ин, андешаҳои охирин нишон медиҳанд, ки калиди тавозуни солими кор ва зиндагӣ ҳамгироии бештари кор ва ҳаёти хонагӣ бо сарҳадҳои равшан аст.

Дар давоми рӯз одамон якчанд марҳиларо аз сар мегузаронанд, ки онро «гузариши нақшҳои маърифатӣ» меноманд, ба ибораи дигар: онҳо кор мекунанд (ҳамчун корманд), онҳо дар бораи он фикр мекунанд, ки барои лоиҳаи вазифаи хонагии фарзанди худ дар роҳи хона чӣ бояд харанд (ҳамчун волидайн), онҳо зуд ба бонки худ занг мезананд (ҳамчун муштарӣ), онҳо вохӯрӣ ё маҷлис доранд (боз ҳамчун корманд).

**Эҷоди сарҳадҳо**

Дар аввал гузоштани сарҳадҳои дақиқ метавонад душвор бошад, аммо сарҳадҳо бояд эҷод ва нигоҳ дошта шавад, то одамон ба таври мусбат пеш раванд. Дар ин ҷо баъзе пешниҳодҳо ҳастанд:

**Аслӣ бошед. Бо худ набудан, хастакунанда аст.** Бигӯед, ки чӣ дар назар доред. Бо ҳаққоният зич алоқаманд, энергияи равонии пинҳон кардани ақидаи воқеӣ низ кори хеле душвор аст.

**Як маҳфил ё чизеро,** ки аз он лаззат мебаред, пайдо кунед ё аз нав кашф кунед ва бештар аз он кор кунед.

**Хоби худро муҳофизат кунед.** Ин барои саломатии рӯҳӣ муҳим аст.

**Дар давоми соатҳои корӣ** ва дастрасӣ ба почтаи электронӣ барои худ роҳнамо таҳия кунед. Андешед, ки чӣ барои шумо ва оилаатон дуруст аст.

**Бо худ меҳрубон бошед.** Баъзе вақтҳое мешаванд, ки шумо соатҳои дарозтар кор мекунед ва вақтҳое мешаванд, ки хобро аз даст медиҳед. Худро дар ин бора латукӯб накунед, танҳо аз нав танзим кунед ва ба дастурҳои аслии худ баргардед.

Ин саволҳоро барои дарёфти сарҳадҳои зиндагии худ истифода баред. Шумо метавонед онҳоро бо оилаатон муҳокима кунед ва дар баъзе мавридҳо фикри онҳоро пурсед:

Шумо кадом маҳфилҳо доред? Шумо кай аз онҳо лаззат мебаред? Оё ягон вақт барои кор шуда аз баҳри он гузаштаед?

Ба шумо чӣ қадар хоб лозим аст, то худро ботароват ҳис кунед?

Шумо чанд вақт мехоҳед бо дӯстон ва оила муошират кунед/ бубинед? Оё аз сабаби ӯҳдадории корӣ аз дидани онҳо даст кашидан дуруст аст?

Кадом арзишҳо барои шумо муҳиманд? Масалан, меҳрубонӣ, далерӣ, поквиҷдонӣ.

Оё бегоҳ тафтиш кардани мактубҳои корӣ ҷоиз аст? Кадом вақт барои кор дер шудааст? Дар рӯзҳои истироҳат чӣ қадар кор кардан ҷоиз аст?

Агар шумо фарзанд дошта бошед, метавонед дар бораи саволҳои марбут ба онҳо фикр кунед, масалан, "Оё вақти хобро аз даст додан барои кор дар хона ҷоиз аст?"

Ҷойгир кардани сарҳадҳо барои некӯаҳволии эмотсионалӣ ва солимии равонӣ муҳим аст. Сарҳадҳои равшан моро аз афгорӣ ва сарнагуншавӣ муҳофизат мекунанд. Онҳо боварӣ ҳосил мекунанд, ки ниёзҳои мо қонеъ карда мешаванд ва кафолат медиҳанд, ки дар ҳолати зарурӣ тавоно бошем, зеро вақте ки сарҳадҳои равшан вуҷуд доранд, муошırати равшан вуҷуд дорад.

Ҳамчун инсон, вақте ки сарҳад вуҷуд дорад, мо худро бехатар ҳис мекунем ва аз ин рӯ, дар атрофи одамоне, ки сарҳадҳои равшан доранд, назар ба онҳое, ки бидуни сарҳадҳо ҳастанд, хеле хубтар аст. Аз ин рӯ, гузоштани сарҳадҳои дақиқ на танҳо ба мо, балки ба дигарон низ фоида меорад. Он аксар вақт метавонад кӯмак кунад, ки онро ҳамчун як шартномаи ҳатмӣ бо худ тасаввур кунем ва тавонем бо худ шартҳои созишшаванда ва ғайримустақимро муқаррар кунем ва ба онҳо ҳамчун як ҳуҷҷати ҳатмӣ риоя кунем.

**АДАБИЁТ**


1. Бодров, В. А. Психологический стресс: развитие учения и современное состояние проблемы/В.А. Бодров. -М.: ПЕР СЭ, 2006 – 136 с.
2. Либина, А.В. Совладающий интеллект: человек в сложной жизненной ситуации/А.В. Либина.-М.: Эксмо, 2008 – 450с.
3. Орел, В. Е. Синдром психического «выгорания» личности / В. Е. Орел. - М., 2005 – 450с.
4. Роджерс К. Становление личности. Взгляд на психотерапию / К. Роджерс ; пер. с англ. М. Злотник. — М.: ЭКСМО-Пресс, 2001 – 358с.
5. Селье, Г. Стресс без дистресса / Г. Селье. — М.: Прогресс, 2002 – 128с.
6. Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва эҳсосот. Воситаи таълимӣ.-Душанбе,2022. - 336с.
7. Расулов С.Х., Саидзода А.Р., Каримиён Қ.М. Психология:шарҳи нақшавӣ ва тафсири кӯтоҳ. Воситаи таълимӣ-Душанбе, 2020 - 276 с.


## ВЛИЯНИЕ ГОРМОНОВ НА СТРЕСС И СПОСОБЫ КАК ИЗБЕЖАТЬ СТРЕССОВЫХ СИТУАЦИЙ


*В этой статье обсуждаются гормоны, которые вызывают или появляются в ответ на стресс.*

*Адреналин отвечает за всплеск энергии, который вы получаете в ответ на драку или бегство. Это укрепляет ваше сердце и является ключевой частью реакции на стресс, которая может спасти вашу жизнь.*

*Норэпинефрин похож на адреналин в том смысле, что его роль заключается в подготовке организма к действию. Он повышает бдительность и улучшает концентрацию и память.*

*Кортизол — это стероидный гормон, вырабатываемый надпочечниками в ответ на стресс. После того, как мозг воспринимает опасность и быстро реагирует, происходит дальнейшая оценка. Если опасность сохраняется, в систему высвобождается кортизол, чтобы держать организм в состоянии повышенной готовности.*

*В статье рассказывается о способах предотвращения стрессовых ситуаций. Автор отмечает, что позитивный взгляд на жизнь, баланс между работой и личной жизнью, способность говорить «нет» тому, что вам трудно делать, а также создание и установление границ в социальной жизни могут предотвратить стрессовые ситуации.*



***Ключевые слова:*** *стресс, адреналин, кортизол, депрессия, лептин,тревожность, позитивный взгляд, стабильность, стрессовые ситуации,организм,гипокампус, гипоталамус.*

### INFLUENCE OF HORMONES ON STRESS AND WAYS TO PREVENT STRESSFUL SITUATIONS

*This article discusses the hormones that trigger or cause in response to stress.*

*Adrenaline is responsible for the burst of energy that is highly effective in response to fight or flight. It strengthens your heart and is a key part of the stress response that can be lifesaving.*

*Norepinephrine is similar to adrenaline and increases alertness and improves structure and memory.*

*Cortisol is a steroid hormone produced by the adrenal glands in response to stress. After the brain perceives the danger and reacts quickly, further evaluation takes place. If the danger persists, cortisol is released into the system to keep the body on high alert.*

*The article talks about ways to prevent stressful situations. The author notes that a positive outlook on life, work-life balance, the ability to say "no" to things that are difficult for you to do, and creating and setting boundaries in your social life can prevent stressful situations.*

***Keywords:*** *stress, adrenaline, cortisol, depression, leptin, anxiety, positive outlook, stability, stressful situations, organism, hippocampus, hypothalamus.*

***Сведения об авторах:***

***Худойдодова Фируза Султоновна-*** *кандидат педагогических наук, факультет психологии и инклюзивного образования, кафедра социальной психологии и семейных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени С Айни. Тел: (+992) 918652118.E-mail: firuzakhudoidodova@gmail.com*

***Фарида Коч*** *–магистр первого курса по специальности клиническая психология факультет общественного здоровья Литовского университета наук о здоровье. E-mail: faridakoch13@gmail.com*

***About the authors:***

***Khudoidodova Firuza Sultonovna*** *-candidate of pedagogical sciences, faculty of psychology and inclusive education, department of social psychology and family relationships of Tajik State Pedagogical University named after S.Aini.Tel: ( +992) 918652118. E-mail: firuzakhudoidodova@gmail.com*

***Farida Koch****- Master of the first year in Clinical Health Psychology Public Health Faculty, Medical Academy/Lithuanian University of Health Sciences. E-mail: faridakoch13@gmail.com*

**ДТУ 316**

## ТАЛАБОТҲОИ ШАХС ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ

***Сафарова Д.Б.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар асоси равияи шахс талаботҳо мавҷуданад. Талабот – ин сарчашмаи асосии фаъолии инсон аст. Интихобӣ будани идроки олами иҳотакарда низ аз талабот ва шавқу рағбатҳои инсон вобаста аст. Аз равияи шахс ва талаботу рағбатҳои ӯ инчунин сифати хотир ва тафаккури инсон вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки шахс хангоми таъсир расонидан ба муҳити иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида, қабл аз ҳама, манфиату талаботҳои хешро пеш мегузорад. Агар мақсаду манфиатҳои ӯ аз ҷониби дигарон эътироф ва қонеъ гардонида шаванд, он гоҳ ӯ худро фаъол ва нисбати дигарон ҳайрхоҳ нишон медиҳад ва атрофиёнро эҳтиром менамояд. Агар аз ҷониби ҷамъият хоҳишу максадҳояш эътироф нагардад, он гоҳ ӯ хешро пассив (ғайрифаъол) эҳсос намуда, аз муҳити иҷтимоӣ канорачӯӣ менамояд ва ҳамаи ин омили мусби ё манфии қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мегардад.

Дар олами руҳии инсоният суол дар бораи равияи шахс, талабот, маромҳо ва шавқу ҳавасҳои ӯ бесабаб дар ҷои аввал гузошта нашудааст. Равия гуфта, дар илми психология системаи маромҳои устуvореро дар назар доранд, ки самти фаъолияти ҳаётии шахсро муайян мекунад ва аз вазъияти додашуда вобаста нест. Инкишофи психикии кӯдакро бе таҳлили талабот ба таассуротҳои нав ва бе муошират тасаввур намудан ғайриимкон аст. Интихобӣ будани идроки олами иҳотакарда низ аз талабот ва шавқу рағбатҳои инсон вобаста аст. Аз равияи шахс ва талаботу рағбатҳои ӯ инчунин сифати хотир ва тафаккури инсон вобаста мебошад.

Дар асоси равияи шахс талаботҳо мавҷуданад. Талабот – ин сарчашмаи асосии фаъолии инсон аст. Инсон барои ҳаёт ва фаъолият намудан дар олами иҳотакарда ба хӯрок, об, ҳаво ва

ҳаракатҳо эҳтиёҷ дорад. Ӯ инчунин ба ашёҳои маданияти моддӣ ва маънавӣ ва ба дигар одамон ниёзманд аст. Талабот – ин аз ҷониби одам дарк кардан ва аз сар гузаронидани эҳтиёҷ ба чизест, ки барои нигоҳдории ҳаёти организми ӯ ва инкишофи шахсият аз ҷумла қобилиятҳои зеҳниаш муҳим аст.

Дар психология эҳтиёҷ ва талаботро фарқ мекунанд. Эҳтиёҷ – ин зарурияти объективиест, ки онро худи одам метавонад аз сар нагузаронад ва дарк накунад. Масалан, кӯдаки навзод ба таври объективӣ ба одами калонсол ниёз дорад (бе ӯ талаф мешавад!), вале худи ӯ ба таври субъективӣ инро натанҳо дарк намекунад, балки эҳсос ҳам наменамояд, аз сар намегузаронад. Танҳо дар охири синни навзодӣ эҳтиёҷи объективӣ ба одами калонсол ба ҳолати психикии субъективӣ – талабот ба муошират табдил меёбад:

Талаботи пайдошуда одамро ба ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои қонеъ гардонидани он водор месозад, водоркунандаҳои ботинии фаъолияти ӯ мегарданд, яъне ба маром мубаддал мешаванд.

Талаботе, ки эҳтиёҷоти организми моро инъикос менамоянд, талаботи органикӣ ва талаботе, ки ба инкишофи шахс вобастаанд, маънавӣ ва ё иҷтимоӣ ном гирифтаанд. Талаботи органикӣ (ба ғизо, ҳаво, об, давом додани насл, худмуҳофизат) ҳам дар инсон ва ҳам дар ҳайвонот вуҷуд доранд. Вале тӯли инкишофи таърихӣ онҳо дар инсон дигаргун гаштаанд. Инсон дар фарқият аз ҳайвонот худаш маҳсулоти ба талаботаш мувофиқро меофарад. Дар бораи ин фарқиятҳо К. Маркс бисёр дақиқ қайд намудааст: «Гуруснагӣ гуруснагӣ аст, вале гуруснагие, ки тавассути гӯшти пухта, бо ёрии корд ва шохӣ рафъ мегардад, ин дигар гуруснагияст нисбат ба оне, ки гӯшти хом бо ёрии дастон, нохунҳо ва дандонҳо фурӯ бурда мешавад».

Ба андешаи психологи машҳур Гиппенрейтер Ю.Б., ҳангоми сухан дар бораи талаботе меравад, ки инсон бо онҳо ба дунё меояд (на танҳо инсон, балки инчунин ҳайвоноти олӣ низ), бояд ба ин қатори талаботи соддаи биологӣ ба ҳадди ақал боз ду талаботи дигарро илова намоем.

Талабот ба алоқаҳои иҷтимоӣ ва ё ба муошират, дар инсон яке аз талаботи пешбаранда маҳсуб меёбад. Он танҳо бо мурури замон шаклҳои худро дигар мекунад.

Ин талабот дар моҳҳо ва солҳои аввали ҳаёт ба модар ва наздиконест, ки кӯдакро нигоҳубин мекунанд. Минбаъд ин талабот ба доираи васеътари калонсолон, аз ҷумла муаллимон равона мегардад.

Бо гузашти вақт, талаботи мазкур ба кӯшиши ноил гаштан ба эҳтиром дар коллективи ҳамсолон мубаддал мегардад. Талабот ба дӯсте пайдо мегардад, ки ба ӯ бовар намудан мумкин аст, ба одами дӯстдошта, ба роҳнамои маънавӣ. Дертар кӯшиши ёфтани мақоми хеш дар зиндагӣ, ба даст овардани эътирофи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

Талаботи дуввуме, ки бо он инсон ба дунё меояд ва он ба талаботи органикӣ дохил намешавад, ин талабот ба таассуротҳои берунӣ ва ё ба маънии васеъаш, *талаботи маърифатист*. Албатта бояд қайд намуд, ки зимни қенеъ гардонидани таълаботи маърифатӣ дар кудак зиракии зеқнӣ зина ба зина инкишоф меёбад.

Яъне, талаботи маърифатӣ бо бузург гаштани кӯдак инкишоф меёбад. Ба зудӣ таҳқиқотҳои персептивӣ ва манипулятсияҳои амалии кӯдакро бо ашёҳо ( бо ёрии онҳо ӯ хосияти ин ашёҳоро дониста мегирад) шаклҳои ақлии маърифат пурра менамоянд. Онҳо дар суолҳои классикии кӯдакона аз қабили «Ин чист?», «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?», ки тавассути онҳо калонсолонро ба қавле саволборон мекунанд, ифода меёбанд. Минбаъд рағбат ба хондан, таълим ва таҳқиқот пайдо мегардад.

Дар нисбати ҳарду талаботи дида баромадашуда ду лаҳзаи муҳимро қайд намудан зарур аст. Аввалан, талабот ба муошират ва талаботи маърифатӣ ки онҳо дар мавридҳои аввал бо якдигар сахт пайванданд. Калонсоли наздик на танҳо талаботи кӯдакро ба муошират қонеъ мегардонад, балки инчунин ӯ сарчашмаи аввалин ва асосии таассуротҳои гуногун аст.

Баъдан, ҳарду талаботи муҳокимагашта шароитҳои муҳими ташаккули инсонро дар ҳамаи зинаҳои тараққиёти ӯ ташкил медиҳанд. Онҳо ба ӯ чун талаботҳои органикӣ муҳиманд. Вале агар талаботи органикӣ танҳо мавҷудияти ӯро ҳамчун мавҷудоти биологӣ таъмин намоянд, пас алоқа бо одамон ва маърифати олам барои шакл гирифтани ӯ ҳамчун мавҷудоти инсонӣ муҳим мебошанд.

Талабот дар заминаи шавқу ҳавасҳо мехобанд. Мо ба он ашё ва ё ҳодисае мароқ зоҳир мекунем, ки ин ё он талаботи моро қонеъ гардонида метавонанд. Ин ашё ва ё ҳодисаҳо диққати моро ҷалб месозанд, мо оид ба онҳо фикр мекунем ва баҳри расидан ба онҳо мекӯшем.

Шавқу ҳавас зуҳуроти талаботи маънавии инсон аст ва имконият медиҳад, ки соҳаҳои муайяни воқеъият аз ҷумла қобилияти зеҳнӣ пурратару амиқтар инъикос карда шаванд.

Шавқу ҳавас дар бисёри мавридҳо моро маҷбур менамояд, ки дар самти муайян амал намоем, яъне ба сифати мароми фаъолият баромад мекунад. Дар айни ҳол мароми ҳамон як фаъолият дар одамони гуногун метавонад зимни шавқу ҳавасҳои гуногун ба вуҷуд биёяд ва ин фаъолият талаботи гуногунро қонеъ гардонад. Масалан, як хонанда мекӯшад хуб хонад барои он, ки дар ӯ дараҷаи баланди шавқу ҳавас ба маърифат, донишдӯсти инкишоф ёфтааст, барои дуввумӣ бошад, хониши хуб – ин воситаи ба даст овардани эҳтироми атрофиён аст, саввуми волидонашро ранҷонидан намехоҳад, чорумӣ ба донишгоҳ дохил шуданист ва мехоҳад номаи камолаш баҳоҳои баланд дошта бошад ва ҳоказо. Умуман, мароми таълим чун ҳамаи дигар намудҳои мураккаби фаъолият метавонад зимни шавқу рағбатҳо ва талаботи гуногун ба вуҷуд биёяд. Ин аст, ки бедор намудани рағбати хонанда ба таълим шарти муҳими баланд бардоштани сифати қобилиятҳои зеҳнии он мебошад.

Агар шавқу рағбатҳо талабот ба донишҳои муайянро ифода намоянд, пас тарафи дигари равияи шахс – ин *майлҳои* ӯ мебошанд, ки дар кӯшиши машғул гаштан ба фаъолияти муайян зоҳир мегарданд. Миёни ин ду зуҳурот умумияти зиёд вуҷуд дорад, вале фарқашон низ ҳаст.

Майли ҳақиқӣ одатан зимни рағбати устувор ба ин ё он зуҳуроти воқеъият ва кӯшиши устувори амал намудан дар ҳамин самт ба вуҷуд меояд. Аксар вақт майлҳо, махсусан агар онҳо дар кӯдакӣ зоҳир гарданд, метавонанд аз мавҷудияти *қобилиятҳои зеҳнӣ* дарак диҳанд.

Дар сохти психологии шахс хусусиятҳои фардӣ-психологии ӯ мақоми муҳимро ишғол мекунанд, чунки дар заминаи онҳо нотакрории фардияти инсон мехобанд. Психологи машҳури рус С.Л. Рубинштейн навишта буд: «Омӯзиши симои психикии шахс се суоли асосиро фаро мегирад. Суоли аввалине, ки ҳангоми кӯшиши фаҳмидани шахси дигар дар мо ба вуҷуд меояд, чунин аст: ин шахс *чӣ мехоҳад*, чӣ барояш диққатҷалбкунанда аст, барои чӣ талош мекунад? Ин савол дар бораи равияи ӯ, дар бораи майлҳо, талабот, шавқу ҳавасҳо ва идеалҳои ӯст. Вале аз паси савол оид ба он, ки шахс чӣ мехоҳад, табиист, ки суоли дигаре пайдо мешавад: ӯ *ба чӣ қодир аст?* Ин суол дар бораи қобилиятҳои инсон, истеъдодҳо ва лаёқати ӯст. Лекин қобилиятҳо дар ибтидо танҳо имкониятҳоянд; барои донистани он, ки чӣ гуна шахс онҳоро амалӣ мегардонад, истифода мебарад, мо бояд инчунин донем, ки *ӯ кист*, чӣ ба сифати хусусиятҳои асосӣ дар ӯ мустаҳкам гаштааст. Ин савол дар бораи характери инсон аст».

Агар шавқу рағбат ва майлҳои инсон дар кӯшиш ва хоҳиши машғул гаштан ба фаъолияти муайян зоҳир гарданд, пас қобилиятҳои ӯ дар сифати иҷрои фаъолият, муваффақияти иҷроиш ва дараҷаи азхуднамоии он ифода меёбанд.

Масъалаи кобилиятҳо дар асарҳои С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов, Н.С.Лейтес, Э.А.Голубева ба таври амик омӯхта шудаанд. Чунончӣ Б.М.Теплов оид ба инкишофи қобилиятҳо мавқеъҳои зеринро асоснок намудааст:

1. Қобилиятҳои инсон модарзодӣ нестанд. Танҳо хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ, яъне нишонаҳои қобилият заминаи табиӣ доранд.
2. Қобилиятҳо ҳамеша дар инкишофанд ва чун инкишоф натиҷаи ин ё он фаъолият аст, пас хулоса кардан мумкин аст, ки қобилиятҳо берун аз фаъолияти мушаххас ва муайян ба вуҷуд омада наметавонанд.
3. Омилҳои асосии инкишофдиҳандаи қобилиятҳо таълиму тарбия ба шумор меравнд. Танҳо усулҳои таълиму тарбияро такмил додан кифоя аст, ки ҳудуди инкишофи қобилиятхо ҳамоно баланд гарданд.

Аз ин бармеояд, ки хусусиятҳои анатомӣ-физиологиро аломату нишонаҳо меноманд, ки онҳо метавонанд дар якҷоягӣ бо майли ба фаъолият пайдошуда ба инкишофёбии қобилият замина гузоранд.

Б.М.Теплов инчунин се аломати асосии зерини мафҳуми «қобилият»-ро ҷудо мекунад: аввалан зери мафҳуми қобилият хусусиятҳои фардӣ-психологиеро мефаҳманд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонад; дуввум, қобилият гуфта, на ҳамаи хусусиятҳои фардӣ-психологиро дар назар доранд, балки танҳо онҳоеро, ки ба иҷрои бомуваффақияти ягон фаъолият ва ё фаъолиятҳои зиёд марбутанд; саввум, мафҳуми «қобилият» ба он донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки аллакай дар шахс вуҷуд доранд, дар айният нестанд, ҳарчанд боиси ба осонӣ аз худ гаштани онҳо мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар илми психология қобилият гуфта, хусусиятҳои фардӣ - психологии шахсро мефаҳманд, ки ба талаботи фаъолияти додашуда ҷавобгӯ буда, имконияти иҷрои бомуваффақияти онро таъмин менамоянд ва шарти ба осонӣ аз худ гаштани донишу маҳорат ва малакаҳо мебошанд.

Миёни қобилиятҳо ва донишу маҳорату малакаҳо муносибатҳои мураккаби алоқамандии байниҳамӣ вуҷуд доранд. Масалан, муаллим метавонад аз ҷавоби хонанда А аз фанни адабиёт қаноатманд набошад, вале хонанда Б-ро барои ҳамин гуна ҷавоб ситоиш кунад.

Барои чӣ? Чунки хонанда А, ки ба адабиёт қобилият дорад, аз *имкониятҳои* хеш пасттар ҷавоб дод, дар сурате, ки хонанда Б дар соҳае ба дастовардҳои баланд ноил гашт, ки дар он қобилиятҳои назаррасе надорад. Одатан, баҳо дар мактаб на қобилиятҳоро, балки дараҷаи донишу маҳорат ва малакаҳоро чен мекунад.

Таълими мактабӣ на танҳо ба инкишофи фаъолияти фикрии хонандагон, дониш, маҳорат ва малака балки ба шаклгирии сифатҳои маънавӣ, қобилиятҳои зеҳнии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Равоншиносон нишон доданд, ки яке аз роҳҳои тезонидан ва фаъолгардонидани ҷараёни таълим ин ба мазмуни таълим дохил намудани элементҳои наву шавқовар мебошад. Чунки ҳамагуна, фаҳмишҳои нав дар назди таҳлили тафаккури мантиқӣ ва донишҳои зеҳнии хонанда масъалагузориро вогузор менамояд.

Дар ҳамин замина, роҳҳи дигари фаъолонидани қобилияти фикрии хонандагон дар рафти дарс ба истифодаи методҳои таълими проблемавӣ вобаста мебошад.

Сохт ва таркиби фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ хусусиятҳои хос ва фарққунандаро дар ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ дорад. Он аз ҷузъҳои зерин иборат аст: а) мавқеъҳои таълимӣ (ё ин ки вазифаҳои таълимӣ), б) амалҳои таълимӣ, в) назоратбарӣ, г) баҳодиҳӣ.

Ин имкониятҳо ва ё ҷузъҳо дар натиҷаи фаъолияти меҳнатдустӣ ба воқеъият табдил меёбанд. Гуфтан мумкин аст, ки меҳнатдӯстӣ, майл ба меҳнат дар он соҳае, ки шахс қобилият дорад, ба мазмун ва сохти қобилият дохил мешаванд. Психологи рус Н.С. Лейтес, ки кӯдакони қобилияти баланди ақлидоштаро меомӯхт, қайд мекунад, ки ҳамаи онҳо пеш аз ҳама меҳнатдӯстанд. Майли бузург ба меҳнати фикрӣ хусусияти муҳими эшон маҳсуб меёбад.

Қобилиятҳо чун дигар хусусиятҳои шахс, на танҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд, балки дар он ташаккул низ меёбанд. Ин аст, ки дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти таълимии хонандагони синни хурди мактаби, ки заминаи асосисии таҳсилот ба шумор меравад, шарти муҳими ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо мебошад.

Вобаста ба ин масоил назарияҳои зиёди олимони соҳаи педагогика мавҷуданд, ки метавон назарияи У. Зубайдовро дар ин раванд баён созем: “Мо чунин меҳисобем, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим дар инкишофи шахсияти хонанда ба миён овардани муносибати фардӣ ва тафриқавӣ бо хонандагон дар ҷараёни педагогӣ мебошад, зеро ки он қобилият ва майлу хоҳиши хонандаро муайян карда шароитро барои инкишофи шахсият пешниҳод менамояд”

Дар иртибот ба ин андеша мебоист, ки ба намудҳои қобилият назар кард. Чунки дар психология қобилиятҳои хусусӣ ва умумиро фарқ мекунанд. Қобилиятҳои хусусӣ – ин имкониятҳои фардӣ - психологии шахсанд, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолиятҳои алоҳидаро таъмин менамоянд. Масалан, қобилият ба расмкашӣ, мусиқанавозӣ, рақс ва ҳоказо. Қобилиятҳои умумӣ бошанд имконият медиҳанд доираи васеъи фаъолиятҳо бомуваффақият иҷро гарданд. Дар адабиёти психологӣ қобилияти умумиро *қобилияти ақлӣ* низ меноманд. Ҳамин тавр, ҳангоми фардикунонии таълими синфҳои ибтидоӣ қобилиятҳои хонандагон ба осонӣ муайян карда мешавад.

Масъалаи омӯзиш ва муайян намудани табиати ақл, шаклҳои зуҳурот ва роҳҳои инкишофи он аз масъалаҳои муҳими илми психология ва педагогика ба шумор меравад

Масоили муҳимтарине, ки назди психологияи ақл меистанд инҳоянд:

– таъсири генотип (омилҳои ирсӣ) ва фенотип (омилҳои муҳит) дар ташаккулёби ва инкишофи ақл;

– мавҷудияти як қобилияти умумии ақлӣ ва ё намудҳои зиёди қобилиятҳои ақлӣ;

– имконияти ташхис намудани ақл ва дар ин асос пешгӯӣ намудани комёбиҳои шахс дар ҳаёту фаъолиятиояндаи ӯ.

Чуноне, ки Л.Д. Столяренко қайд мекунад, айни замон камаш се тафсири мафҳуми ақл вуҷуд дорад:

1. Тафсири биологӣ: «қобилияти шуурона мутобиқ гаштан ба вазъиятҳои нав».
2. Тафсири педагогӣ: «қобилият ба таълим, таълимшавандагӣ».
3. Равияи сохторӣ, ки онро А. Бине тарҳрезӣ намудааст: «ақл ҳамчун қобилияти мутобиқати восита ба мақсад». Аз нуқтаи назари равияи сохторӣ ақл ин маҷмӯи ин ё он қобилиятҳост.

Олими англис Ф.Галтон яке аз аввалинҳо шуда ба омӯзиш ва тадқиқи амалии ақл шурӯъ намудааст. Ба андешаи Галтон истеъдод ва қобилиятҳои ақлии инсон табиати ирсӣ доранд ва таъсири омилҳои муҳит (таълиму тарбия) дар ташаккулу инкишофи онҳо ночиз аст. Ӯ чунин мешумурд, ки барои нигоҳ доштан ва афзоиш додани захираи ақлонии ҷомеа аз интихоби сунъӣ истифода намудан зарур аст, яъне тавассути ҷуфт гаштани фардҳои қобилияти

баланди ақлидоштаи ҷамъият ба вуҷуд овардани насли дараҷаи инкишофи зеҳниаш баланд мумкин аст. Ӯ ба ин маънӣ илмеро пешниҳод намуд бо номи «Евгеника». Илми пешниҳоднамуда ва ақидаҳои ӯ дар оянда дастгирӣ намеёбанд, аммо бо вуҷуди ин хизмати Ф.Галтон дар омӯзиши қобилиятҳои ақлӣ, офаридани аввалин методикаҳои тадқиқотӣ ва муайян намудани таъсири омилҳои ирсӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи психика бузург аст.

Назарияи дигари биологӣ оид ба ақл, назарияи психологи амрикои Р.Б Кэттел мебошад. Ба ақидаи ӯ, ҳар яки мо аз рӯзи тавлид *ақли потенсиалиро* (ақли озод) соҳиб аст, ки дар асоси қобилияти мо ба тафаккур, абстраксиянамоӣ ва муҳокимаронӣ мехобад. Тахминан то 20-солагӣ ин намуди ақл ба зинаи баланди инкишофи худ мерасад. Аз дигар тараф, «ақли *кристалӣ»* (ақли баста) ташаккул меёбад. Он аз малакаҳо ва донишҳои гуногун, ки мо бо андӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меоварем, иборат аст. «Ақли кристалӣ» бо дараҷаи азхуднамоии он ҷамъияте муайян мегарад, ки фард ба он мансуб аст.

Тадқиқоти психологи рус В.Д. Дружинин имконият доданд, ки сохти ақли умумӣ муайян карда шавад. Он аз омилҳои ақли шифоҳӣ (маънogӣ), ақли фазогӣ ва ақли рақамӣ (аломатӣ-рамзӣ) иборат мебошад. Таҳлили таносуби миёни ин омилҳо нишон доданд, ки дар рафти инкишофи онтогенетикӣ (тӯли ҳаёт) ҳар яки ин омилҳо паиҳам зина ба зина ташаккул меёбанд: дар навбати аввал ақли шифоҳӣ ташаккул меёбад, ки ба азхуднамоии забон алоқаманд аст, мибаъд дар асоси он ақли фазогӣ инкишоф меёбад ва ниҳоят дар заминаи зинаҳои номбаршуда ақли ракамӣ (ва ё аломатӣ-рамзӣ) шакл мегирад. Мавриди қайд аст, ки пешниҳоди В.Д. Дружинин асоси илмӣ дошта, ба инкишофи синнусолии психика мувофиқат мекунад. Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки омилҳои ҳалкунандаи муҳит дар инкишофи ақли кӯдак «ҳавасмандгардонии психологӣ» ба шумор меравад, ки ҳангоми муошират ва фаъолияти якҷояи кӯдак бо калонсол сурат мегирад. Тадқиқотҳои психологҳои Калифорния нишон доданд, ки ба инкишофи ақл муҳити оилавӣ таъсири бевосита мерасонад. Кӯдаконе, ки дар муҳити эмотсионалии мусоид қарор доранд, зинаи инкишофи ақлашон доимо баланд мегардад ва баръакс, дар кӯдаконе, ки волидонашон ба онҳо кам эътибор медоданд, пастшавии нишондиҳандаҳои ақл мушоҳида мегашт. Ичунин муайян гашт, ки дараҷаи маълумотнокии волидон дар инкишоф ва ё қафомониии ақлии кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад.

***Хуллоса,*** Бояд қайд намуд, ки ташреҳи зиёде нисбат ба қобилияти ақлӣ арзиш вуҷуд дорад дар он аст, ки зеҳни кудак дар сурате ташаккул меёбад, ки зери талабот ва эҳтиёҷоти ба миён омада аст. Бо истифода аз қобилияти ақлӣ хонандаи синфи ибтидоӣ ҳамчун муҳаррик дар назди худ савол ва ё масъала гузошта тавонад. Талабот дар баробари таъсир расонидан ба инкишофи фаъолияти фикрии хонандагон, дониш, маҳорат ва малака, ҳамчунин ба шаклгирии сифатҳои маънавӣ, қобилиятҳои зеҳнии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Масоили ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон аз таработҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ вобастагии ҳамаҷониба дошта, кудак дар ҷараёни иҷтимоишавии хеш олами обективиро зина ба зина маърифат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Зубайдов У.З., Таълими тафриқа ва мактаби муосир. / У.З. Зубайдов, –Душанбе, 2013.-143с.
2. Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Моделҳои худшиносии инсон. / Ниёзӣ Ёрмуҳаммад–Душанбе, 2009.
3. Қодиров С. Психологияи иҷтимоӣ. / С. Қодиров, М.Давлатов -Душанбе, 2004
4. Крутецкий В.А. Темперамент// Педагогическая энциклопедия: / В.А. Крутецкий В 2т. М., 1993
5. Леонтев А.Н. Проблемма развития психика. / А.Н. Леонтев - М:, МГУ- 1996.
6. Миралиев А.М. Педагогика ва психология./А.М.Миралиев, М.Т.Давлатов-Душанбе, «Ирфон», 2007, 344 с.
7. Платонов К.К. Структура и развития личности. / К.К. Платонов - М., 1979.
8. Психология. Китоби драсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ./Зери таҳрири М. Давлатов.–Душанбе, 2010.
9. Рубейнштейн С.Л. Принципы и пути развития психология. / С.Л. Рубейнштейн –М., 1965
10. Фрейд З. «Я и Оно». Труды разных лет / З. Фрейд – Тибилиси, 1991.


## ТАЛАБОТҲОИ ШАХС ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ


*Дар мақолаи мазкур, ба мазмуни таълим дохил намудани элементҳои наву шавқовар мавриди таҳлилу барасӣ гардидааст мебошад. Чунки ҳама гуна, фаҳмишҳои нав дар назди таҳлили тафаккури мантиқӣ ва донишҳои зеҳнии хонанда масъалагузориро вогузор менамояд. Муаллиф чунин қайд намуд, ки ташреҳи зиёде нисбат ба қобилияти ақлӣ вуҷуд дорад, ки зеҳни кудак дар сурате ташаккул меёбат, ки зери талабот ва эҳтиёҷоти ба миён омада, қобилияти ақлии ӯ ҳамчун муҳарик дар назди худ савол ва ё масъала гузошта тавонад.*

***Мақсади мақола:*** *Муайян кардани дараҷаи зоҳиршавии хусусиятҳои консептуалии шахс дар хонандагони синни хурди мактабӣ.*

***Натиҷаи мақола:*** *Дар асоси назаирия ва амалияи тадбиқи ташаккулёбии қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синни хурди мактабӣ тавасути талабитҳои шахс роҳандозӣ карда шуд.*

***Калидвожа:*** *талабот, шахс, омил, ташаккул, қобилият, зеҳн, хонанда, равияи шахс, майл, рағбат, шавқ, ҳавас, хусусусият, моддӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, эҳтиёҷот.*

## ИНДИВИДУАЛЬНЫЕ ПОТРЕБНОСТИ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

*Данная статья вводит в содержание образования новые и интересные элементы. Потому что в любом случае новое понимание анализа логического мышления и интеллектуальных знаний читателя ставит вопрос о его мыслительной способности как двигателя задать себе вопрос или проблему.*

***Цель статьи:*** *Определить степень проявления концептуальных особенностей личности у младших школьников.*

***Результат статьи:*** *На основе теории и практики применения формирования интеллектуальных способностей младших школьников в индивидуальных потребностях.*

***Ключевые слова:*** *Спрос, человек, фактор, формирование, способность, ум, читатель, личность, склонность, интерес, интерес, страсть, личность, материальные, духовные, социальные, потребности.*

## INDIVIDUAL NEEDS AS A FACTOR OF THE DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL ABILITIES OF YOUNGER STUDENTS

*This article introduces new and interesting elements into the content of education. Because in any case, a new understanding of the analysis of logical thinking and intellectual knowledge of the reader raises the question of his thinking ability as an engine to ask himself a question or a problem.*

***Purpose of the article:*** *To determine the degree of manifestation of the conceptual features of personality in younger students.*

***Conclusions:*** *Based on the theory and practice of applying the formation of intellectual abilities of younger students in individual needs.*

***Keywords:*** *Need, personality, factor, formation, ability, intellect, reader, personal orientation, inclination, interest, interest, passion, personality, material, spiritual, social, needs.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Сафарова Дилафруз Бобокалонова****-докторанти (PhD)-и кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Сурога хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003 ш. Душанбе Тел.: (+992) 985362631;*

***Сведение об авторе:***

***Сафарова Дилафруз Бобокалонова****-Докторант (PhD) кафедры общы психология Таджикского государственного педагогического унверистета имени Садриддин Айни, Адрес проспект Рудаки 121, 734003 г. Душанбе тел.: (+992) 985362631;*

***About the authors:***

***Safarova Dilafruz Bobokalonovna*** *- assistant of the department of general psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 989088989;*

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ ПРОСТРАНСТВО КАК ФАКТОР, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЙ УРОВЕНЬ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ ПЕДАГОГОВ

***Курбонов Н.Х.***

*Таджикский государственный педагогический унверистет им. С. Айни*

Концепция образовательного пространства зародилась как в организационном аспекте исследованиях этого вопроса, так и в аспекте исследования его влияния на школьном учебном процесса, унаследовав инструментарии, теории и методы от обеих исследовательских парадигм. Кроме того, образовательное пространство отражает такие аспекты школьной системы, которые связаны с тем ощущением безопасности и сопричастности, которое испытывают его члены, складывающие организационную структуру школы в виде ее персонала, учащихся, семей и сообщества. При этом несколько общих характеристик связываются с позитивным школьным климатом, которые включают в себя акцент на успеваемость, позитивные отношения между учениками и учителями, уважение ко всем членам школьного сообщества, справедливую и последовательную политику в области дисциплины, внимание к вопросам безопасности, а также участие семьи

и сообщества. Традиционно формальное преподавание в школьных учреждениях вращается вокруг представления о том, что физическая среда, такая как учебные аудитории, лаборатории и семинары, является типичным местом/местами для процесса обучения. Пространство или «место проведения» является лишь незначительной и само собой разумеющейся частью процесса выбора любой лекции/презентации учителя, запланированного для разработки того или иного модуля урока. Однако, как отмечает американский профессор Н.Н. Хизм, независимо от того, происходит ли это в формальной обстановке или в результате случайного взаимодействия между людьми, пространство также является двигателем изменений, взаимодействия и рефлексии в процессе обучения. Затрагивая психологический момент вопроса, он отмечает: «Влияние физического пространства на деятельность человека изучалось как с психологической, так и с физической точек зрения. В области психологии окружающей среды изучаются такие темы, как привязанность к месту, психологический комфорт в пространстве, мотивационное и вдохновляющее воздействие пространства. Те, кто изучает пространство с физической точки зрения, интересуются влиянием на активность света, температуры и физической близости».[6]

**Основная часть:** В настоящее время критическое мышление, фасилитация (профессиональное создание пространства и процесса общего дела и группового принятия решения), социально-критическая педагогика, автономия обучения и самосознание являются одними из ключевых понятий для развития процесса образования. Эти новые образовательные ценности утвердительно встроены в конструирование себя и личностного смысла «Я», а также в конструирование места учебы. В процессе обучения что-то происходит путем индивидуального конструирования или установления связей, отношений, теорий, идентичностей, позиций или даже физических пространственных конфигураций. Это включает в себя конструктивистское понятие личного места: безопасной и комфортной «среды» для изучения и развития опыта обучения. В дисциплинах, связанных с естественными дисциплинами, связь личного опыта ученика школы с окружающей средой, естественно, все еще остается спорной, но любимой темой. Дело в том, что многочисленные их теории в области пространственных исследований пытаются объяснить или исследовать сложный феноменологический опыт места, то есть важность нахождения смысла и идентичности в физических и социальных элементах, которые структурируют повседневную жизнь. Во многих текстах, изученных в рамках данного исследования, термины «пространство» и «место» используются как взаимозаменяемые, оба термина относятся к физическому местоположению и пространственным атрибутам окружающей нас среды. Однако для данной работы можно предположить, что пространство и место - это две связанные, но разные вещи: первое связано с материальной реальностью, второе - с эмоционально-психологической и идеологической концепцией. Предполагается, что именно процесс построения связей (т.е. построения смысла и знаний) в физической реальности превращает любое данное пространство в место - отсюда выражение «найти суть, чувство места». Следуя этой предпосылке, имеем в виду не только оформление физических пространств, связанных с вопросами здоровья и безопасности, но главным образом концепцию педагогической защищенной среды или пространства. Это «защитный и повышающий компетентность» есть контекст для развития личности [5, с.119-134], который позволяет как учащемуся, так и педагогу проходить циклы обучения, состоящие из развития, самооценки, анализа и реализации своих возможностей. В целом же, как справедливо отмечает Р.Е. Пономарев, «современное образование не сводится исключительно к кооперации с одним учителем. Уже за пределами начальной школы образование школьников обеспечивается многими учителями по разным предметам, где применяются различные формы и методы, осваивается разное содержание. Возникает целый пласт управленческих задач. Даже если оставить вне сферы настоящего анализа административно-хозяйственные, финансовые и другие вопросы, не имеющие прямого отношения к образовательному процессу, все равно остается существенный список задач организации учебно-воспитательного процесса» [2, с.84]. Различные исследования показали, что несколько общих характеристик связаны с позитивным школьным климатом. Эти характеристики включают акцент на успеваемость учеников, позитивные отношения между учениками и учителями, уважение ко всем членам школьного сообщества, справедливую и последовательную дисциплинарную политику руководителей школы, внимание к вопросам безопасности, а также участие семьи и общины, что в итоге дает определение климата как обобщенную концепцию, касающуюся общего качества окружающей среды в организации. Многомерность измерения среды включает экологию (т.е. физические и материальные

аспекты), окружение (т.е. социальное измерение, связанное с присутствием людей и групп), социальную систему (т.е. социальное измерение, связанное с закономерными отношениями людей и групп) и культуру (т.е. социальное измерение, связанное с системами убеждений, ценностями, когнитивными структурами и смыслом). В этой связи С.В. Кривых подчеркивает, что «говоря о «пространстве», многие исследователи имеют в виду набор, связанных между собой условий, которые могут оказывать влияние на человека. При этом по смыслу в самом понятии пространства не подразумевается включенность в него человека. Пространство может существовать и независимо от него. Понятие «среда» также отражает взаимосвязь условий, обеспечивающих развитие человека. В этом случае предполагается его присутствие в среде, взаимовлияние, взаимодействие окружения с субъектом» [1, с.14].

Американский психолог Дж. Коэн и его коллеги же считают, что школьный климат относится к качеству и характеру школьной жизни. Конструкт школьного климата основан на моделях опыта отдельных людей в школьной жизни. В целом, школьный климат отражает нормы, цели, ценности, межличностные отношения, практику преподавания и обучения, а также организационные структуры. Поэтому, можно предполагать, что школьный климат относится к качеству и характеру школьной жизни. Устойчивый позитивный климат в школе способствует развитию учеников и их обучению, необходимому для продуктивной, способствующей и приносящей удовлетворение жизни в демократическом обществе. Этот климат включает в себя нормы, ценности и ожидания, которые поддерживают людей, чувствующих себя в социальной, эмоциональной и физической безопасности. Люди вовлечены в жизнь общества и пользуются уважением. Учащиеся, семьи и педагоги работают вместе, чтобы развивать, жить и вносить свой вклад в общее видение школы. Педагоги образуют и развивают такое отношение, при котором особое внимание уделяется преимуществам обучения и удовлетворенности от него. Каждый человек вносит свой вклад в работу школы и заботится о физической среде. Однако школьный климат - это нечто большее, чем индивидуальный опыт: это групповой феномен, который больше, чем опыт любого человека. В целом, как пишут Т. А. Чиркина и Т. Е. Хавенсон, «понятие «школьный климат» многогранно, в него включают самые разные характеристики школьной жизни, от объективных размеров и технического состояния школьного здания до субъективного восприятия внутришкольных отношений. Соответственно разнообразны и инструменты для измерения этого свойства школьной жизни. Они различаются как по целям измерения, так и по набору измеряемых показателей школьного климата» [3, с.208].

Школьный климат, или специфика школьной среды относится к сферам школьной жизни (например, безопасность, взаимоотношения, преподавание и обучение, окружающая среда) и более крупным организационным структурам (например, от фрагментарного до сплоченного или «общего» видения, здорового или нездорового, сознательного или непризнанного). Сложный спектр внутренних и внешних факторов окрашивает и формирует индивидуальный и, что наиболее важно, коллективный опыт школьной жизни осознанно и неосознанно, на который мы все обращаем внимание, запоминаем и приписываем значения школьному опыту в результате нашего собственного внутреннего опыта (например, страхов и надежд), а также межличностного опыта с учениками, школьным персоналом и членами семьи. Например, если большинство учеников происходят из семей, которые имеют выраженный взгляд на школу (позитивный и/или негативный), то это естественным образом окрасит школьный опыт учеников. Школа не существует изолированно друг от друга. Характер школьной жизни естественным образом зависит от района и сообщества (местного, государственного и национального), в котором она работает. Множество факторов окрашивают существенные групповые тенденции, которые, в свою очередь, определяют качество и характер работы школы или школьный климат. Хотя не существует конкретного списка факторов, определяющих качество и характер школьной жизни, практически все исследователи согласны с тем, что существуют четыре основные области, которые четко определяют свойства школьного климата: безопасность, взаимоотношения, преподавание и обучение и (внешняя) окружающая среда. Американский психолог Дж. Коэна и его коллеги также согласны с тем, что существуют четыре общие измерения, которые формируют школьный климат, что описано в их исследовательской работе «Школьный климат: исследование, политика, практика и педагогическое образование». Считаем, что подход Дж. Коэна и его коллег по данному вопросу вызывает большой интерес и поэтому позволим себе изложить его более детально. В целом они предлагают четыре измерения пространства и климата школьного образования. Первое измерение включает в себя вопросы, связанные с безопасностью и состоит из двух основных частей: первая из них относится к физической безопасности (например, школьные кризисные планы, четко сформулированные правила,

последовательная реакция на нарушения, отношение к насилию и др.). Вторая часть безопасности относится к социально-эмоциональной безопасности (например, отношение к индивидуальным различиям; отношение учащихся и взрослых к буллингу (т.е. травля, когда агрессивное преследование одного из членов коллектива школьников, но также и коллег со стороны другого или часто группы лиц) и их реакция на него; обучение разрешению конфликтов в школе; вера в школьные правила.

Второе измерение т.е. преподавание и обучение, состоит из четырех частей: первое, качество преподавания (например, высокие ожидания в отношении успеваемости учащихся; связь обучения с реальной жизнью; увлекательные материалы; использование похвалы/вознаграждения; разнообразные методы преподавания; инструкторское руководство; стимул творчества и др.; второе – социальное-эмоциональная часть (например, стимул и мотивация социально-эмоционального и академического обучения, интеллектуальных способностей и др.; третье - профессиональное развитие (например, стандарты и меры, используемые для поддержки обучения и постоянного совершенствования; систематическая и непрерывная форма профессионального развития; принятие решений на основе данных, связанных с обучением; оценка школьных систем; оценка учителями того, что актуально и полезно; четвертая - лидерство (убедительное и четко сформулированное видение; доступность и поддержка администрации; школьные лидеры уважают людей в школе).

Третье измерение – отношения, которое имеет социально-этический характер и состоит из трех частей: первая – уважительное отношение к разнообразию (позитивные отношения между взрослыми и учителями, администраторами и персоналом, взрослыми и учениками, между учениками и учениками; совместное принятие решений; участие учеников в обучении и разработке дисциплины; нормы взаимоотношений между сверстниками, связанные с обучением, предотвращение конфликтов и насилия и др.); вторая - школьное сообщество и сотрудничество (взаимная поддержка и постоянное общение; участие школы в местном сообществе; участие родителей в принятии школьных решений; общие нормы родителей и учителей в отношении обучения и поведения; программы помощи семьям учащихся); третья - мораль и связанность с учебой (учащиеся увлечены учебой; персонал с энтузиазмом относится к своей работе; учащиеся связаны с одним или несколькими взрослыми; учащиеся/персонал хорошо относятся к школе и школьному сообществу и др.).

Четвертое измерение - окружающая среда и структура (чистота; достаточное пространство и материалы для учебы; привлекательное эстетическое качество и размер школы; учебные и внеклассные предложения по улучшению среды и структуры образовательной среды) [7, с.184].

Если суммировать все эти измерения, то получим, что позитивный школьный климат оказывает определенное воздействие на психическое и физическое здоровье учащихся и учителей, на мотивацию учащихся к обучению и, что оно способно смягчить негативное влияние социально-экономического контекста на успеваемость, снизить уровень агрессии и насилия со стороны сверстников, уменьшить число случаев домогательств и сексуальных домогательств. Восприятие школьного климата ассоциируется с выгоранием учителей и уровнем их приверженности к работе. Оно является важным прогностическим показателем удовлетворенности учителей своей работой, поскольку впечатления учителя от своей рабочей среды очень важны для эффективности их преподавания. Повышение самооценки, самопознания и других эмоциональных и психических результатов учащихся также связано с позитивным школьным климатом. Таким образом, существующие исследования школьного климата подчеркивают важность факторов, связанных с конструированием и поощрением положительных результатов для учащихся и учителей в их школьной среде. Важно, чтобы школьные сообщества целенаправленно участвовали в процессе улучшения климата в школах и содействовали развитию у учащихся навыков и способностей, которые обеспечивают основу для участия в демократической жизни. Эффективные усилия по улучшению климата в школах обязательно должны предприниматься в масштабах всего сообщества. Эффективной же, «принято называть школу, которая может обеспечивать «повышение жизненных шансов» всем своим ученикам. Для этого школа создает среду, в которой все дети, вне зависимости от того, каковы их способности и проблемы (включая проблемы семьи), получают возможности для максимальных достижений и благополучного развития. К основным характеристикам школ, которые можно назвать эффективными, относятся: общее видение и коллективное планирование; демократические ценности; высокие ожидания от учащихся; стратегии вовлечения в учебный процесс учащихся и их родителей» [4, с.10-11]. Школьный персонал, учащиеся и родители должны

работать вместе, чтобы планировать процесс улучшения условий в школе. Все члены школьного сообщества должны сообщать друг другу о том, что, по их мнению, лучше всего работает в школе и в чем сейчас нуждается школа в рамках школьной политики в области климатических исследований и образования. Для того, чтобы школьная община поняла, что означают важность этой работы, должен существовать процесс. Если родители и педагоги считают, что социальное издевательство, например, является умеренно тяжелой проблемой, но учащиеся полагают, что оно является тяжелым, то это необходимо осмыслить. Фактически, когда это происходит, мы потенциально должны поощрять участие учащихся и родителей и, следовательно, связь со школой. При наложении друг на друга, в той степени, в которой все члены школьного сообщества имеют право голоса при определении приоритетности целей реализации и планировании действий, устойчивые усилия по реализации имеют гораздо больше шансов на реальное преобразование школ. Мы предполагаем, чтобы это были шаги, в которых могут и должны участвовать все школы. Хотя риторика о «школьной общине» может быть больше распространена в школах нового типа, а традиционные школы могут, а зачастую и предоставляют сотрудникам, родителям и учащимся возможность преднамеренно рассматривать «нашу общину» в качестве полезного средства. Так, в таблице 1 мы перечисляем основные навыки и склонности, которые, по нашему мнению, необходимы для участия в создания хорошего климата для школьной жизни.

| **Основные навыки** | **Основные склонности** |
|---|---|
| Умение слушать себя и других | Ответственность или склонность реагировать на других соответствующим образом |
| Способность к критике и рефлексии | Оценка нашего существования как социальных существ, которым нужны другие, чтобы выжить и продвигаться |
| Способность к гибкому решению проблем и принятию решений, включая способность разрешать конфликты творческими, ненасильственными способами | Признание и склонность к участию в обеспечении социальной справедливости |
| Коммуникативные навыки (например, умение участвовать в дискуссиях и рационально спорить) | Склонность служить другим и участвовать в актах доброй воли |
| Способности к сотрудничеству (например, умение идти на компромисс и работать вместе для достижения общей цели) | |

Таблица 1. Навыки и склонности, необходимые для создания хорошего климата в школе

Это те же самые навыки и склонности, которые оцениваются как социальные, эмоциональные, этические и когнитивные способности. Фактически, учащиеся всегда извлекают социальные, эмоциональные и этические уроки от учителей и родителей. Иногда взрослые преподают эти уроки сознательно, целенаправленно и с пользой для дела, а иногда мы не знаем о социальных эмоциональных уроках, которые они преподают. Известно, что есть основной набор социальных эмоциональных компетенций и этических установок, которые обеспечивают основу для обучения учеников и предотвращения насилия, и что это те же самые навыки и установки, которые обеспечивают основу для того, чтобы взрослые могли любить, работать и эффективно участвовать в демократическом процессе обучения.

***Выводы****,* Анализ и сопоставление полученных результатов при теоретическом исследовании вопроса о психологического климата и проведении опроса выявили, что в выборке сильнее всего отражены такие его показатели, как «стремление к созданию хорошего отношения с коллегами и учениками» (90%), «удовлетворенность от процесса и результата работы» (83,33%), «уровень открытости в проявлении своей возможности и убежденности по самореализации в своей сфере деятельности» (79,43%), «желания сотрудничества в делах школы» (62,70%) и «стремление к продвижению по работе» (50,17%). Выраженными на низком уровне явились такие параметры, как «нежелания отдельных лиц или невозможность их участия в профразвитии» (100%), отрицательное отношение к «мотивации в плане материальной поддержке учителя» (62,5%).

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Кривых С.В. Соотношение понятий «среда» и «пространство» в социокультурном и образовательном аспектах. СПБ.: ИПКСПО-НОУ «Экспресс» 2019 -77с.
2. Пономарев Р.Е. Образовательное пространство. / Р.Е. Пономарев - М.: МАКС Пресс, 2014. С. 84. 100 с.

3. Чиркина Т.А., Хавенсон Т.Е. Школьный климат: История понятия, подходы к определению и измерение в анкетах PISA. Вопросы образования. 2017. № 1. С. 208.
4. Я эффективный директор: как разработать и реализовать программу улучшения образовательных результатов учащихся школы: учебно-методическое пособие / [сост. Н.В. Бысик и др.]. М.: Университетская книга, 2018. С.10-11.
5. Cefai, C. Resilience for all: a study of classrooms as protective contexts, Emotional and Behavioural Difficulties, 2007. 12(2), 119-134.
6. Chism N.N. Challenging Traditional Assumptions and Rethinking Learning Spaces. In: Learning Spaces, edit. D.G. Oblinger. EDUCAUSE, Washington, DC, 2006, p. 2.4. https://www.educause.edu/ir/library/pdf/pub7102.Pdf Дата обращения 14.09. 2020.
7. Cohen, J., McCabe, E.M., Michelli, N. M. & Pickeral, T. (2009). School climate: Research, policy, practice, and teacher education. Teachers College Record, 111(1), p. 184.

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ ПРОСТРАНСТВО КАК ФАКТОР, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЙ УРОВЕНЬ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ ПЕДАГОГОВ

*В данной статье рассматриваются аспекты, концепции, методы и теории образовательного пространства как ключевой фактор, определяющий уровень психологического здоровья учителей средних школ. В ней автор отмечает, что образовательное пространство отражает те ключевые аспекты школьной системы, которые связаны с чувством обеспечения психологической безопасности учителей школы, и которые они испытывают в своей педагогической деятельности. В статье это образовательное пространство не ограничивается только школьной средой, оно формируют нечто организационную структуру, где вовлечены учащиеся, педагоги, семьи и общество в целом. Оно характеризируется общие чертами, которые связаны с позитивной атмосферой школы, успеваемостью, позитивными отношениями между учащимися и преподавателями, уважением ко всем членам школьного сообщества, справедливой и последовательной дисциплиной, вниманием к безопасности и здоровью учащихся и учителей и создание комфортной атмосферы деятельности и достижение лучшего результата.*

***Ключевые слова:*** *образовательное образование, идентификация, психологическое здоровье, учитель, мышление, школьный климат.*

## ФАЗОИ ТАҲСИЛОТ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ДАРАҶАИ САЛОМАТИИ ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОРОН

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳо, консепсияҳо, усулҳои таҳқиқ ва назарияҳои фазои таълим ҳамчун омили асосие, ки сатҳи солими психологияи омӯзгорони мактабҳои миёнаро муайян мекунад, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар он муаллиф қайд мекунад, ки фазои таълимӣ он ҷанбаҳои асосии низоми мактабро инъикос мекунад, ки бо эҳсоси таъмини амнияти равонии омӯзгорони мактаб алоқаманд буда, онҳоро дар фаъолияти педагогии худ аз сар мегузаронанд. Дар мақола ин фазои таълимӣ танҳо бо муҳити мактаб маҳдуд намешавад, балки он як сохтори ташкилиеро созмон медиҳад, ки дар он хонандагон, муаллимон, оилаҳо ва тамоми ҷомеа иштирок мекунанд. Он дорои хусусиятҳои умумӣ мебошад, ки бо фазои мусбати мактаб, дастовардҳои таълимӣ, муносибатҳои мусбати хонандагон ва омӯзгорон, эҳтиром ба тамоми аъзоёни ҷомеаи мактаб, низоми одилона ва устувор, таваҷҷӯҳ ба бехатарӣ ва саломатии хонандагон ва омӯзгорон ва фароҳам овардани фазои бароҳат барои фаъолият ва ба даст овардани натиҷаи беҳтар иртибот дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *фазои таҳсилот, таълим, муайянкунии ҳувият, солимии равонӣ, муаллим, тафаккур, муҳити мактаб.*

## EDUCATIONAL SPACE IS A FACTOR DETERMINING THE LEVEL OF PSYCHOLOGICAL HEALTH OF TEACHERS

*This article reveals aspects, concepts, methods and theories of the concept of the educational space in terms of organizing learning and studying its impact on the health of teachers.*

*The author notes that the learning environment reflects those aspects of the school system that, with a sense of security and belonging experienced by its members (teachers), form the organizational structure of the school in terms of staff, students, families and society. In addition, the article indicates that common features are associated with a positive school atmosphere, academic achievement, positive relations between students and teachers, respect for all members of the school community, fair and consistent discipline, attention to the safety and health of students. teachers.include.*

***Key words:*** *Space, education, factor, identification, degree, health, teacher, aspect, character, education, thinking, process, instrument, theory, spiritual method, social.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Курбонов Нуъмон Холматович****-Саискатель кафедры общы психология Таджикского государственного педагогического унверистета имени Садриддин Айни, Адрес: пр. Рудаки 121, 734003 г. Душанбе тел.: (+992) 919197254*

***Сведение об авторе:***

*Қурбонов Нуъмон Холматович - унвонҷӯи кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Сурогa хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003 ш. Душанбе тел.: (+992) 985362631;*
***About the author:***
***Kurbonov Numon Kholmatovich** - Applicant of the Department of General Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address: Rudaki Ave. 121, 734003 Dushanbe tel.: (+992) 919197254*

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

***Латифзода С.З.***
*Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***Бозоров А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Мақомоти корҳои дохилӣ яке аз институтҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқ шумурда шуда, баҳри нест кардани ҷинояту ҷинояткорӣ ва фароҳам овардани сулҳу субот ва тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (оянда кӯтоҳ истифода мешавад-ФОҶ) – яке аз самти асосӣ ва афзалиятноки мақомоти корҳои дохилӣ мебошад, зеро қисми зиёди ҷиноятҳои содиршуда тариқи ФОҶ ошкор карда мешаванд «….қариб 90% ҷиноятҳо маҳз тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд»[7, с.21].

Шартан ФОҶ-ро метавон ба чунин қисмҳо ҷудо намудан мумкин аст:

**Муошироти байнишахсӣ.** Пурсиши оперативии шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, суҳбат бо экспертҳо, додани нишондод дар мурофиаи судӣ, кор бо манбаҳои иттилоотии махфӣ. Ин бахши кор дар субъектони ФОҶ метавонад тақрибан 40% вақти кориро ташкил диҳад [2, с.67].

**ЧОҶ.** Тақрибан метавонад 35% вақти кориро ташкил бидиҳад (тафтиши биною иншоот, тартиб додани маълумотнома, пурсиши шаҳрвандон, мушоҳидакорӣ, тайёрӣ ва гузаронидани ЧОҶ барои дастгир намудани гумонбаршуда).

**Кор бо ҳуҷҷатҳо**. Шиносоӣ бо маводи кори ҷиноятӣ, бақайдгирии он.

Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аслан дар 2 шакл амалӣ карда мешаванд:

1. Дар якҷоягӣ бо муфаттиш, ваколатдори оперативӣ ба ҷои ҳодисаи рухдода раҳсипор мешавад ва дар азназаргузаронӣ, ҷустуҷӯйӣ, дастгиркунӣ ва дигар амалҳои тафтишотӣ иштирок менамояд.
2. Кормандони ваколатдори оперативӣ усулҳои касбиро истифода намуда, пешгиринамоии амалҳои ҷиноятӣ, пешбинии ин гуна амалҳои ҷиноятиро дар назди худ мақсад мегузоранд. Дар ин вазъиятҳо, ба василаи усулҳои махсус, маълумоти заруриро оид ба фаъолияти ҷинояткорӣ гирифта, алоқаҳою доираи муошироти онҳо, ҷойи қарордошт ва амалҳои ӯ ҷамъ карда мешаванд. Дар бештари мавридҳо, натиҷаи ана ҳамин гуна фаъолият аст, ки ҷинояткор дарҳол дастгир карда мешавад.

Пас аз таҳлили ин гуна корҳо метавон тахмин кард, ки чорабиниҳои коршоямии касбӣ-психологӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи мақомоти корҳои дохилиро ташкил медиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, баланд бардоштани масъулиятнокӣ ва ё самаранокии он тариқи чорабиниҳои коршоямии касбӣ-психологӣ яке аз роҳҳои маъмулу оптималӣ шумурда мешавад ва инчунин барои муайян намудани меъёрҳои навини психологию психофизиологии кормандони оперативӣ имкон фароҳам меоранд.

Олими соҳаи психологияи ҳуқуқӣ В.Л. Василев [1] дар шахсияти кормандони мақомоти тафтишотӣ шаш ҷанбаи психологиро ҷудо намуда буд ва чунин андеша дорем, ки ҷанбаҳои зикршуда дар ФОҶ низ муҳим буда, ҳангоми амалияи фаъолияти мазкур зарур мебошанд:

**Ҷанбаи иҷтимоии ФОҶ.** Ҷанбаи сиёсии фаъолияти кормандони оперативиро ҳамчун ташкилотчигии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ фарогир мебошад. Инчунин, гузаронидани чорабаниҳои пешбининамоиро низ дар бар мегирад. Дар ҷои ҳодисаи рухдода субъектони амаликунандаи ФОҶ ба чунин саволҳо ҷавоб меҷӯянд: дар ин ҷо чӣ ҳодиса рух дод ва аз ҷинояткор чӣ нишонаҳо боқӣ мондааст? Дар натиҷаи ин кор, ваколатдори оперативӣ оид ба маводи моддӣ (изи дастон, пойҳо, воситаҳои нақлиёт, силоҳе, ки ба воситаи он ҷиноят содир кардашудааст) ва ё оид ба маводи идеалӣ (оид ба ҳодисаи ҷиноятӣ, шахсияти ҷинояткор, нишондодҳои шоҳидон, ҷабрдидаҳо ва ғ.) маълумот ҷамъ меоварад. Раванди гирифтани ин гуна маълумот дорои характери давранок мебошад.

**Ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва ё маърифатии ФОҶ.** Ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва ё маърифатӣ дар навбати аввал аз ҷониби ваколатдори оперативӣ ҷамъ кардани ахбороти оперативӣ дар бораи ҳодисаҳои ҷиноятӣ шумурда мешавад. Фаъолии маърифатӣ аз назари илми психология чунин шарҳ дода мешавад: «шахсият бояд доимо дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави кушодани ҷиноят бошад». Асри XXI асри системаи иттилооти техникӣ буда, ҷиноятҳои дар ин давра содиршуда, аллакай, аз ҷиноятҳои пештара бо куллӣ фарқ мекунанд. Ҷинояткор ба воситаи технологияи муосир ҷиноятро содир намуда, аз худ изе ҳам намегузорад. Барои дастгир намудани ин гуна ҷинояткорон бояд ба мисли онҳо аз тамоми системаи иттилотӣ замони муосир бохабар буд. Моҳияти ҷанбаи ҷустуҷӯйӣ дар фаъолияти ваколатдори оперативӣ дар ошкор намудани изҳои ҷинояткор ва тартиб додани «симо»-и ҷинояткор асос меёбад. Инро бо ибораи дигар метавон чунин ёдовар шуд: «тартиби тавсифдиҳандаҳое, ки имконияти ҷустуҷӯйиро аз рӯи идентификатсияи шахсият (изи дастон ва ғ.) медиҳанд»[1, с.280].

Ба шоҳмотбози касбӣ барои дарки мавқеъҳои душвори тахтаи шоҳмот ҳамагӣ 5 сония басанда аст, нафари бетаҷриба ва ё нафари бозиро нав оғозмекарда барои ин соатҳоро сарф мекунад. Ваколатдори оперативӣ дар ҷои ҳодисаи рухдода маълумоти заруриро қайд намуда, ба мисли шоҳмотбози касбӣ ба «шаклҳои душвор» муттамарказ мегардад (ҷасад, ҷои шикастани қулф ва ғ.) ва «майдонҳои критикӣ» (роҳҳои воридгардӣ ва роҳҳои баромадани ҷинояткор ва ғ.). меомӯзад.

**Ҷанбаи реконструктивии ФОҶ.** Ҷанбаи реконструктивӣ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ дар худ таҳлили маълумоти ҷамъшуда ва такя ба ин таҳлилу таркибнамоӣ, маънидод кардани ҳодисаи рухдодаро фаро мегирад. Бо ёрии онҳо кормандони оперативӣ конструксияи сохтаи худро мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Банақшагирӣ низ натиҷаи фаъолияти реконструктивист. Моҳиятан, ҷанбаи реконструктивиро метавон чунин шарҳ дод: фикран тартиб додани манзараи ҳодисаи ҷиноят, коркарди фарзияҳои асосӣ оид ба кори мазкур ва ташкили нақша баҳри бомувафаққият ошкор намудани ҷиноят равона шудааст.

**Ҷанбаи шаҳодатномавии (тасдиқӣ) ФОҶ.** Ин маълумоти аз ҷониби субъектони амаликунандаи ФОҶ ҷамъшуда бояд ба як тартиби муайян, яъне дар шакле, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, дар шакли суратҷаласа қайд карда шавад. Ахбороти оперативии аз ҷанбаҳои коммуникативӣ бадастомада, дар фаъолияти шаҳодатномавӣ дар шакли махсусе, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, амалӣ мешавад. Бинобар ин, кормандони оперативӣ бояд нутқи хаттӣ, маҳорати тез тарҷума намудани нутқи даҳонӣ ба хаттиро дошта бошанд.

**Ҷанбаи ташкилотчигии ФОҶ.** Талаботи бештар ба ҷанбаи фаъолияти ташкилотчигӣ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ дода мешавад. Дар давоми рӯз ба ҷои ҳодиса якчанд маротиба сафар карда, бо одамони зиёд вохӯрӣ кардан, рафтан ба муассисаҳои тиббӣ (пурсиши оперативӣ бо ҷабрдидаҳо), дар боғ будан, дар майдонҳои варзишӣ, ба дискоклубҳо рафтан, хуллас ба ҳамаи ин ҷойҳо вақти рафтанро ёфтан. Бинобар ин, дараҷаи баланди интизом, маҳорати ба нақша даровардa тавонистани вақти худ ва дигарон, ташкил кардани ёрдамчиҳо ва нафарони дигарро ба кӯмак даъват карда тавонистан, яке аз талаботҳои асосии ваколатдори оперативӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти ташкилотчигӣ – ин такя намудан ба амалҳои иродавие, ки барои амалинамоӣ ва санҷиш қарор додани фарзияҳо ва нақшаҳо кӯмак мекунанд, асос меебад. Ин фаъолият дар ду шакл зоҳир мешавад: худташкилнамоӣ ва ташкил намудани дигар одамон барои ҳалли масъалаҳо ва ё супориши касбӣ. Худташкилнамоӣ дар маҳорати ташкил намуда тавонистани ҳолати психикии худ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, субъектони ФОҶ-ро зарур аст, то дорои малакаҳои идоранамоии ирода ва соҳаи эмотсионалии худ ва дар доираи қонун назорати эмотсияҳои пурсидашавандаро соҳиб бошанд. Ҷанбаи дигар ин бар дӯш гирифтани қарори масъулиятнок мебошад.

Аслан чунин андеша бараъло ҳукмрон аст, ки дар амалияи ФОҶ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ чунин сифатҳои ташкилотчигӣ заруранд:

- устуворӣ, нерӯмандӣ, худташилотчигӣ, ки мақсаднок будани ҷустуҷӯйӣ ҷинояткоронро таъмин менамоянд;
- уҳдабароӣ, масъулиятнокӣ, серталабӣ, маҳорати нигоҳ дошта тавонистани махфият;
- таҳаммулпазирӣ, боинтизомӣ, худтанқиднамоӣ, иззати нафс дар муносибат бо ҳамкорон ва роҳбарият [5, с.216].

**Ҷанбаи коммуникативии ФОҶ.** Дар ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ дар бораи фаъолияти ҷинояткорӣ тавассути муошират асос меёбад. Хусусан, ҷанбаи мазкур ҳангоми пурсиши оперативӣ нақши муҳимро мебозад. Дар рафти пурсиши оперативӣ на доимо тақдири пурсидашавада, балки тақдири дигар одамон низ ҳал мешаванд. Мубориза аълҳо оғоз мегардад. Барои ғолиб омадан дар ин муҳориба ба кормандони оперативӣ донишҳои махсуси илмии соҳаи психология ва усулҳои пурсиш, маҳорату малакаҳои касбии дуруст ба роҳ мондани пурсиш кӯмак хоҳад расонид. Ҷанбаи коммуникативии кормандони

амалкунандаи ФОҶ - ин ташкили ба даст овардани ахбороти оперативӣ аз нафарони гуногун оид ба шахсияти ҷинояткор ва алоқаҳои он махсуб меёбад.

Раванди маърифатӣ ҳангоми кушодани ҷиноят дорои равияи эҷодист ва дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳар як давра масъалаҳо ҳал карда мешаванд, дар худ тартиби масъалагузорӣ, таҳлили он, ҷустуҷӯйи маълумот, гузоштани фарзияҳо ва санҷиши онҳо мебошад. Ҳангоми сар задани вазъияти проблемавӣ дар ин маврид, хусусан, тафаккури корманд бояд фаъолияти пешбарандаро иҷро намояд. Аслан дар намуди амалиётҳо, ки дар иҷроиши ҳалли масъалаҳо равона гардидааст, зоҳир мешавад. «Дар ҳақиқатан ин раванди фикрӣ, одатан дар рафти фаъолияти мушаххас, меҳнати амалӣ, масъалаи муайян ҳалли худро меёбад, амалӣ мешавад…», қайд мекунад, С. Л. Рубинштейн [8, с.98].

«…Дар кори амалии мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои дар наздашон гузошташуда, ҳолатҳое вомехӯранд, ки вобаста ба ошкор ва кушодани баъзе ҷиноятҳо, алалхусус ҷиноятҳои муташаккил, коркарди оперативии онҳо мумкин аст марҳилаи дуру дарозро дар бар гирад (аз 1 то 5 сол ва ҳатто зиёдтар)…» [4, с.36]. Дар бештари мавридҳо барои иҷрои бомуваффақияти уҳдадориҳои вазифавӣ аз ваколатдори оперативӣ дараҷаи баланди мустақилӣ, ҷасурӣ ва фаъолии шахсӣ талаб карда мешавад. Як қатор коршиносон оид ба психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ дар кормандон мавҷудияти «майл ба таваккалнамоии оқилона»-ро зарур мешуморанд[9, с.57].

Ҳамин тариқ, мувофиқи андешаи мо доир ба масъалаи тавсифи психографии ФОҶ ва ҷанбаҳои психологии он, метавон се давраи таърихиро ҷудо намуд [3, с.89].

Давраи аввал бо интиқол додани маълумотҳои психологӣ ба ФОҶ тавсиф дода мешавад. Якчанд донишмандону олимон бартариятро маҳз ба ин давра бахшидаанд (А.И. Алексеев., И.И. Басецкий, В.П. Бахин, Р.К. Безруких, В.Г. Бобров, А.С. Вандышев, А.Ф. Возный, К.К. Горяинов, Д.В. Гребельский, В.Н. Гриднев, В.В. Дементьев, А.М. Качур, И.А. Климов, А.Г. Лекарь, В.А. Лукашов, В.Д. Пахомов, В.Г. Самойлов, Г.К. Синилов).

Дар давраи дуюми сарбориҳои таҳқиқотии олимон, ҳуқуқшиносону психологон, ки баъзе мушкилоти ФОҶ-ро омӯхта буданд, пурратар намуданд. Онҳо бо ин мақсад усулҳо ва воситаҳои махсуси психологиро истифода карданд. Инчунин, кӯшишҳои мутобиқ кардани донишҳои психологӣ дар соҳаи фаъолияти субъектони ФОҶ-ро намуданд (Ю.Е. Аврутин, А. В.Губин, Е.Г. Самовичев, В.А. Черепанов ва диг.).

Давраи сеюм амалинамоии таҳқиқи махсуси назариявии мушкилоти ФОҶ аз нигоҳи ҳуқуқшиносону равоншиносон, инчунин коркард намудани усулҳо, воситаҳои амалӣ ва дастурамалҳоро дар худ дар бар мегирад, дар ин давра аллакай нақши олимони ватанӣ низ бараъло эҳсос мегардад (олимони ватанӣ-Раҳимзода Р.Ҳ., Шарипов Ҳ.Ш., Маҷидзода З.Ҷ., Солиев Б. ва диг., олимони хориҷ-В.В. Аврамцев, Ю.Е. Аврутин, В.М. Атмажитов, И.И. Басецкий, В.Г. Бобров, В.Т. Вербовой, С.И. Винокуров, К.К. Горяинов, А.В. Губин, В.А. Данилов, С.В. Игнатов, В.А. Ильичев, И.А. Климов, А.С. Коноплев, О.Г. Ковалев, А.П. Ковачев, В. В. Лисицын, В. А. Лукашов, И. В. Михалева, Е. А. Пономарева, Е.Г. Самовичев, Г. К. Синилов, В.И. Филиппенко, М.И. Цыганенко, В.В. Шувалов ва диг).

**АДАБИЁТ**


1. Васильев В.Л. Юридическая психология. / В.Л. Васильев - Санкт – Петербург, 1998.
2. Қосимов Ф.М. Тавсифи психограммии (равоннамоӣ)-и фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. / Ф.М.Қосимов, С.З.Латифзода //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон). №3(35).
3. Латифзода С.З. Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) (диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология). / С.З.Латифзода - Душанбе.-2021.
4. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ»./Ҷ.З.Маҷидзода-Душанбе, 2015.
5. Мангутов М.С., Уманский Л.И. Организатор и организаторская деятельность. / М.С.Мангутов - Л.,1975.
6. Основные виды деятельности и психологическая пригодность к службе в системе органов внутренних дел. /Под ред. Бовина Б.Г., Мягких Н.И., Сафронова А.Д. –М.,1997.
7. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъоляити оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум./Р.Ҳ.Раҳимзод-Душанбе: «Эр-граф», 2017.
8. Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии./ С.Л. Рубинштейн -М., 1973.
9. Скалин Ю.Е. Профессиональный психологический отбор сотрудников уголовного розыска (Диссертация на соискание ученой степени кандидата психологических наук). / Ю.Е.Скалин Санкт-Петербург. -2009.


## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

*Дар мақолаи мазкур тавсифи психографии яке аз самтҳои асосию афзалиятноки мақомоти корҳои дохилӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин ҷода, яъне дар раванди муайян кардани ҷанбаҳои психологии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд ду мафҳуми асосиро пеш аз ҳама шарҳ дод, аз қабилӣ: ФОҶ ва Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ЧОҶ). ФОҶ - намуди фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад.*

*ЧОҶ – системаи чораҳои муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таври ошкоро ва ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ татбиқ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҷанбаҳои психологӣ, ҷанбаи коммуникативӣ, ҷанбаи реконструктивӣ, ҷанбаи маърифатӣ, ҷанбаи иҷтимоӣ, хусусиятҳои психологии шахсияти корманди оперативӣ.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

*В данной статья рассматривается психологическое описание одного из главных приоритетной деятельности органов внутренних дел, оперативно-розыскной деятельности. В этом направлении, то есть в процессе определения психологических аспектов может быть использовано два термина: оперативно-розыскное деятельности (сокращенно ОРД) и Оперативно-розыскной мероприятия (далее ОРМ). ОРД - вид деятельности, который открыто или кондифициально в рамках законно путем проведения оперативно-розыскной мероприятий в целях защиты жизни, здоровья, права человека и гражданские свободы, собственности, обеспечение безопасности общества и государства от уголовных преступлений.*

*ОРМ - система мер, установленных законодательством Республики Таджикистан, открыто или косвенно осуществляемая оперативно-розыскными операциями с целью разрешения оперативно-розыскной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *оперативно-розыскной деятельности, оперативно-розыскные операции, психологические аспекты, коммуникативные аспекты, социальные аспекты, психологические свойство личности оперативника.*

## PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF OPERATIVE-PINK ACTIVITY.

*In this article, a psychological description of one of the main priority activities of law enforcement agencies, operational-search activity is considered. In this direction, that is, in the process of defining psychological aspects, two terms can be used: operative-search activity (abbreviated to the ORD) and the Operative-Search Activity (hereinafter OMM). The ORD is a type of activity that is openly or legally formalized within the lawful way by carrying out operational search activities to protect life, health, human rights and civil liberties, property, ensuring the safety of society and the state from criminal offenses. ORM is a system of measures established by the legislation of the Republic of Tajikistan, openly or indirectly carried out by operative-search operations with the purpose of resolving operational search activity.*

***Keywords:*** *operative-search operations, operative-search operations, operational personnel, psychological aspects, aspects of communication, recreational space, educational aspirations, social aspirations.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Латифзода Сомон Зариф*** *- эксперт-психологи Вазорати корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия. E-mail: Latifzoda_01@mail.ru. Тел: (+992) 880008384.*

***Бозоров Аюб****-магистри кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.*

***Сведения об авторах:***

***Латифзода Сомон Зариф*** *– эксперт-психолог* Министерство внутренних дела *Республики Таджикистан, майор милиции. E-mail:* ***Latifzoda_01@mail.ru****. Тел:(+992) 880008384*

***Бозоров Аюб*** *– магистрант кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*

***About the authors:***

***Latifzoda Somon Zarif*** *- expert psychologist of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police major. Тел: (+992) 880008384. E-mail:* ***Latifzoda_01@mail.ru.***

***Bozorov Ayub*** *- Master student of the Department of General and Pedagogical Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.*

**ТДУ 13.00.02**

# МЕТОДИКАИ БА ХОНАНДАГОН ОМӮЗОНИДАНИ БАРНОМАСОЗИИ "САТРИ РАВОН" ДАР ГРАФИКАИ КОМПЮТЕРӢ

***Нугмонов М., Назаров А.П., Умедҷони Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Графикаи компютерӣ як қисми илми информатика буда, восита ва тарзҳои коркард ва сохтани тасвирҳо ва объектҳои тасвиршавандаро меомӯзад. Дар баробари ин, технологияи инъикоси матн бо тарзҳо ва ранггузорию рангрезиҳои гуногун омӯхта мешавад. Самти дигари омӯзиши графикаи компютерӣ ба сохтани моделҳои аниматсионӣ равона гардидааст. Дар кори мазкур сохтани барномаи дар экран инъикоскунии "Сатри равон" бо истифода аз модели аниматсионӣ омӯхта мешавад. Методикаи ба хонандагон омӯзонидани сохтани чунин барнома мадди назар мегардад.

Забони барномасозии PascalABC.Net ҳамчун як забони барномасозии насли нав дорои имконоти бузурги графикаи компютерӣ мебошад, вале ин имконот то ба ҳол омӯхта нашудааст. Имконоти дигараш он аст, ки он дорои модулҳои гуногуни графикӣ мебошад, аз ҷумла графикаи сеченакаи Graph3D. Барои дар экрани компютер инъикоскунии матн аз модулҳои графикии гуногун ва номгӯйи зиёди операторҳои забони мазкур васеъ истифода бурдан имкон аст. Дар ин ҳолат ба хонандагон омӯзонидани ин имконот мувофиқи мақсад аст.

**Қисми асосӣ.** Дар модули графикии GraphABC –и забони барномасозии PascalABC.Net барои дар экрани графикӣ инъикос намудани матн аз оператори TextOut истифода мебаранд. Таълими ин оператор ба салоҳиятҳои фан дохил буда, хонандагон бояд татбиқи онро аз бар кунанд ва дар амал татбиқ карда тавонанд. Таълими ин оператор аз омӯзонидани сохтори он оғоз мегардад. Сохтори ин оператор ва тарзи истифодабариашро ба хонандагон бо пайдарпайӣ ва методи муайян меомӯзонанд. Сохтори оператори TextOut чунин аст:

**TextOut(x,y,*мт*);**

Дар ин сохтори оператор **(x,y)** координатаҳои ҳарфи якуми матнро нишон медиҳад ва ададҳои бутун мебошанд. ***мт*** худи матн мебошад, ки дар дохили аломатҳои апостроф ' ' навишта мешавад. Ташаккули донишҳои хонандагон оид ба инъикоси матн дар графикаи компютерӣ маҳз аз омӯзиши ҳамин оператор оғоз меёбад. Масалан, барои дар экрани графикӣ инъикос намудани матни "Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо кушода шуд!", матни барнома шакли зеринро мегирад:

```
Uses GraphABC;
Begin
TextOut(103,154,'Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ "Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо" кушода шуд!')
end.
```

Бо мақсади он ки матн дар экрани графикӣ пурра дида шавад, он экранро дар ҳолати максималӣ мекушоем, яъне дар тамоми экрани компютер. Дар ин ҳолат матн бетағйир меистад. Минбаъд донишҳои хонандагонро ташаккул дода, матнро ба ҳаракат дароварда, онро то ба "Сатри равон" оварда мерасонанд. Бо ин мақсад, қимати координатаи *y* –ро калонтар (вобаста аз имконоти экрани компютер) мегиранд. Қимати координатаи *x* –ро бошад, бо усули даврӣ тағйир дода, аз рост ба чап кам кардан мегиранд. Бо ин мақсад аз оператори давр бо параметр ва қадамаш камшаванда истифода мебаранд. Матни барнома шакли зеринро мегирад:

```
Uses GraphABC;
Begin
 Window.Maximize;
 For Var x:= 1500 downto -1500 do
 TextOut(x,900,'Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ "Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо" кушода шуд!')
end.
```

Қадамҳои минбаъда ба хонандагон омӯзонидани технологияи иваз намудани ҳарф, андозаи ҳарф, намуди зуҳуршавӣ ва ранги ҳарфи матни инъикосшавандаи сатри равон мебошад, ки дар якҷоягӣ хосиятҳои ҳарф ҳисобида мешаванд. Дар баробари ин беохир такрорёбӣ ва инъикосшавии матни сатри равон омӯзонида мешавад, ки модели аниматсиониро ташкил мекунанд. Хосиятҳои ҳарф дар матн бо истифода аз оператори Font ва татбиқи барномасозии ба объект нигаронидашуда гузошта мешаванд. Роҳи беҳтари истифодабарии оператори Font –ро ба хонандагон омӯзонидан зарур аст. Яке аз он роҳҳо истифодабарии методи объектӣ аст, яъне оператори Font –ро навишта, дар охираш аломати нуқта "." –ро мегузорем. Дар натиҷа рӯйхат кушода мешавад, ки ҳамчун объект қабул шудааст. Аз рӯйхат хосияти зарурии ҳарфро интихоб мекунем. Барои ташкили модели аниматсионӣ ва беохир такрорёбӣ ва инъикосшавии матни сатри равон дар экрани графикаи компютерӣ аз оператори даври While истифода мебаранд. Дар он қимати амали мантиқиро ҳамчун доимӣ True мегузорем. Ин ҷо матни васеътари барномаро меорем:

```
Uses GraphABC;
Begin
 Font.Name := 'Calibri'; Font.Style := fsBoldItalic;
 Font.Size := 42; Font.Color := Color.Brown;
 Window.Maximize; LockDrawing;
 While True Do Begin
 For var t:=1500 downto -3000 do Begin Redraw;
 TextOut(t, 900, 'Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ "Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо" кушода шуд!');
  end; Window.Clear; end
end.
```

Барномаи сохташудаWhile ба кор омода намоем, мебинем, ки дар сатри поёни экрани графикӣ матн аз тарафи рост ба чап дар шакли сатри равон инъикос мегардад.

Забони барномасозии PascalABC.Net боз дорои модули графикии GraphWPF мебошад. Имконоти ин модул назар ба модули графикии GraphABC васеътар аст. Имконоти оператори дар экрани графикӣ инъикос намудани матн TextOut бештар буда, дар он рамзи ранг, радифсозӣ ва бузургии кунҷи моилшавӣ пас аз матн якбора гузошта шуда, аз ҳамдигар бо аломати вергул "," ҷудо карда мешаванд. Сохтораш чунин аст:

**TextOut(x,y,*мт*,радифсозӣ,*моилӣ*);**

Дар ин сохтор координатаҳои **(x,y)** ададҳои ҳақиқӣ буда, мавқеи ҳарфи якуми матнро нишон медиҳанд. Бо истифода аз ин оператор матни барномаро дар шакли зерин менависем:

```
Uses GraphWpf;
Begin
 Font.Name := 'Calibri'; Font.Style := BoldItalic; Font.Size := 42;
 Window.Maximize;
 While True Do Begin
 For var t:=3500 downto -1900 do Begin
 TextOut(t, 900, ' Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ "Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо" кушода шуд!',Colors.Blue,Alignment.Center); Sleep(30); Window.Clear; end end
end.
```

Бинобар сабаби кам будани миқдори соатҳои дарсӣ танҳо яке аз ин модулҳои графикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзонида мешавад ва асосан GraphABC. Модули дигарашро дар машғулиятҳои беруназдарсӣ омӯзонидан мумкин аст. Модули графикии GraphWpf боз дорои дигар операторҳои дар экрани графикӣ инъикос намудани матн мебошад, аз ҷумла DrawText. Сохтор, имконот ва дар амал татбиққунии онро дар дарсҳои иловагӣ ё машғулиятҳои беруназдарсӣ ба хонандагон омӯзонидан мумкин аст.

Ба хонандагон бояд фаҳмонд, ки сатри равон дар амал барои корҳои таблиғотӣ ва эълонҳо нақши хеле муҳимро мебозад. Дар аксар каналҳои телевизионӣ ва мониторҳои (матритсаҳои) калонҳаҷми таблиғотӣ аз сатри равон васеъ истифода мебаранд. Забонҳои барномасозӣ имкон медиҳанд, ки дар баробари инъикоси матн дар сатри равон, дар монитор тасвирҳоро инъикос кунем.

Мо дар ин барнома инъикоси танҳо як матнро бо сатри равон омӯхтем. Ба замми ин матни инъикосшаванда дар худи матни барнома ҷойгир карда шудааст ва истифодабарандагони барнома онро иваз карда наметавонанд. Албатта, ин як намуди маҳдудият аст. Матнҳои миқдорашон зиёдро бо навбат дар сатри равон инъикос кардан

имкон аст. Чунин технологияро ба хонандагон омӯзонидан мувофиқи мақсад аст. Ин технология он қадар душвор нест. Чанд матне, ки бошад, ҳамон қадар оператори TextOut –ро истифода мебарем. Масалан дар матни барномаи охирон пас аз оператори TextOut ва пеш аз оператори пауза Sleep боз якчанд оператори TextOut –ро илова карда, он матнҳоро дохил мекунем. Метавонем рангҳои ҳар як матнро гуногун интихоб кунем, ки ин параметри чоруми оператори TextOut мебошад.

Тавре қайд кардем, технологияи то ҳол омӯхтаамон оид ба модели аниматсионии сатри равон маҳдуд аст, зеро матнҳоро дар он танҳо барномасоз иваз карда метавонад. Акнун ба хонандагон технологияи васеъ кардашударо омӯзонидан зарур аст. Дар он технология истифодабарандагони барномаи сатри равон худ бояд имкони иваз намудани матнҳоро дошта бошанд, то истифодаи барнома оматар гардад. Барои бартараф намудани ин маҳдудият аз технологияи файлии забони барномасозии PascalABC.Net истифода мебаранд. Забони барномасозии PascalABC.Net дорои технологияи бойи файлӣ буда, дар он имконотҳои нав ворид карда шудаанд. Истифодабарии он навгониҳо дар амал хеле муфид аст. Танҳо қайд менамоем, ки пайдарҳамӣ ва системанокии таълими мавзӯъҳои фаннӣ риоя карда шаванд. Зеро омӯзгорони фаннӣ метавонанд дар аввал графикаи компютериро таълим диҳанд, баъдан технологияи файлиро. Ё баръакс, аввал технологияи файлиро таълим дода, баъдан графикаи компютериро. Дар ҳолати якум, барномасозии модели аниматсионии сатри равонро бо истифода аз технологияи файлӣ пас аз омӯхтани мавзӯъҳои технологияи файлӣ давом медиҳанд. Дар ҳолати дуюм ҳамоно давом додан мумкин аст.

Технологияи файлӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз файлҳои матнӣ (файлҳои сатҳашон паст) модели аниматсионии сатри равонро созем. Ин ҷо файли матниро, масалан бо номи BeginStr.txt, месозем. Ин файли матниро бо дилхоҳ барнома ва таҳриргарҳои матнӣ, масалан Блокнот, WordPad, ки ба таркиби барномаҳои стандартии системаи оператсионии Windows дохиланд, сохтан мумкин аст. Ба он файл сатр ба сатр матнҳои дар сатри равон инъикосшавандаро дохил ва дар барандаи иттилоот нигоҳ медорем. Масалан, матнҳои таблиғотӣ оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон:

*Ҷумҳурии Тоҷикистон макони сайру сайёҳат аст.*

*Мавзеи хушманзари Ромити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сайёҳон макони диққатҷалбкунанда аст.*

*Искандаркул дар ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, ки сайёҳон доимо аз он ва шаршараи он дидан мекунанд.*

Ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, ки файли BeginStr.txt –ро танҳо дар реҷаи хондан кушодан лозим аст. Барои ин аз функсияи **OpenRead** –и забони барномасозии PascalABC.Net истифода мебаранд. То ҷое мо маълумот дорем, имконоти функсияи **OpenRead** омӯхта нашудааст ва адабиёт оид ба он кам ба назар намерасанд. Бинобар ин оиди ин функсия каме маълумот барои омӯзиш меорем. Сохтори ин функсия чунин аст:

***тмф*** := **OpenRead(*ном, нир*)**

Дар сохтори ин функсия ***тмф*** тағйирёбандаи типаш файлӣ мебошад, ки тариқи худкор тавсиф карда мешавад. Ҳангоми барномасозӣ дар матни барнома маҳз бо ҳамин тағйирёбанда ба файли матнӣ мурoҷиат карда мешавад. ***ном*** номи файли матнӣ мебошад, ки барои хондан кушода мешавад ва бояд дар барандаи иттилоот мавҷуд бошад. Номи гирда ва ҷузъгир, яъне самти пурраашро нишон додан мумкин аст. ***нир*** низоми рамзкунониро (кодировка) ифода мекунад. Низоми рамзкунонӣ дар амал нақши муҳим дорад, хусусан ҳангоми истифодабарии ҳарфҳои тоҷикии думчадор. Функсияи ***тмф*** := **OpenRead(*ном, нир*)** – тағйирёбандаи типаш файлии ***тмф*** –ро бо файли матнии ***ном*** вобаста карда, он файли матниро бо низоми рамзкунонии ***нир*** ба реҷаи танҳо хондан мекушояд. Бо мақсади мушкилӣ наовардан ҳангоми истифодабарии ҳарфҳои тоҷикии думчадор, файли матниро бо истифода аз ягон таҳриргари матнӣ ҳамчун формати Юникод дар барандаи иттилоот сабт намудан зарур аст. Ҳангоми сохтани барнома низоми рамзкунонии Unicode –ро интихоб намудан зарур аст.

Бо истифода аз функсияи OpenRead матни охирони барномаро дар шакли зерин менависем:

```
Uses GraphWpf;
Begin
 Font.Name := 'Calibri'; Font.Style := BoldItalic; Font.Size := 42;
 Window.Maximize; Var матн := ' ';
 While True Do Begin
 Var ном := OpenRead('BeginStr.txt',Encoding.Unicode);
 Repeat ReadLn(ном, матн);
```

```
 For var t:=2000 downto -1*LenGth(матн)-10 do Begin
 TextOut(t, 900, матн, Colors.Blue,Alignment.Center); Sleep(30);
 Window.Clear; end
 Until SeekEof(ном); ном.Close end
end.
```

Ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, ки барномаи мазкур дар ҳолати умумӣ сохта шудааст ва имконоти экран (монитор, матритса) –ро ба ҳисоб намегирад. Масалан, дар оператори TextOut координати аз боло ба поён 900 интихоб шудааст. Шояд ин қимати интихобшуда на дар ҳама мониторҳо дуруст ояд, яке аз он хурд, дигаре калонтар шуданаш мумкин аст. Ба мо зарур аст, ки дарозӣ ва баландии монитори истифодашавандаро маълум намоем ва дар барнома истифода барем. Чунин имконотро забони барномасозии PascalABC.Net дорост ва ба хонандагон омӯзонидани онҳо мувофиқи мақсад аст. Мо дар барнома яке аз онҳоро истифода кардаем - Window.Maximize. Он имкон медиҳад, ки тирезаи графикии барнома дар монитор пурра кушода шавад. Оператори Window боз дорои дигар хосиятҳо мебошад, ки бо методи объектӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, Window.Width дарозии қисми тирезаи графикии барномаро дар монитори истифодашаванда маълум менамояд. Оператори Window.Height баландии қисми тирезаи графикии барномаро дар монитори истифодашаванда бармегардонад. Бо истифода аз ин хосиятҳои оператори Window матни барномаро мукаммалтар менамоем, ки дар охир шакли зеринро мегирад:

```
Uses GraphWpf;
Begin
 Font.Name := 'Calibri'; Font.Style := BoldItalic; Font.Size := 42;
 Window.Maximize; Var матн := ' ';
 Var (d,b) := (Window.Width.Round, Window.Height);
 While True Do Begin
 Var ном := OpenRead('BeginStr.txt',Encoding.Unicode);
 Repeat ReadLn(ном, матн);
 For var t:=d downto -1*LenGth(матн)-10 do Begin
 TextOut(t, b-40, матн, Colors.Blue,Alignment.Center); Sleep(20);
 Window.Clear; end
 Until SeekEof(ном); ном.Close end
end.
```

Барномаи охиронро компилятсия намуда, файли барномавиро ҳосил мекунем, масалан бо номи s_ravon.exe. Ин барномаро ба истифодабарӣ ҷорӣ намудан мумкин аст. Ба хонандагон ва истифодабарандагон бояд фаҳмонд, ки файли барномавии s_ravon.exe ва файли матние, ки дар он матнҳо барои инъикос дар сатри равон навишта шудаанд (файли BeginStr.txt), бояд дар як ҷузъгири баранди иттилоот ҷойгир бошанд. Дар ҳолати баръакс барнома хатогӣ эълон намуда, кор намекунад.

Тавре аз методикаи коркардшуда ва барномаи сохташуда маълум мегардад, зимни барномасозии сатри равон дар графикаи компютерӣ қоидаҳои забони давлатии тоҷикӣ вайрон намегарданд, хусусан ҳангоми истифодабарии ҳарфҳои тоҷикии думчадор. Ин аз имконоти забони барномасозии истифодашаванда вобастагӣ дорад. Забони барномасозии PascalABC.Net чунин имконотро дорост ва ҳангоми корбарӣ бо файлҳои матнӣ низомҳои гуногуни рамзгузориро истифода бурдан мумкин аст. Аммо тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар аксар эълону таблиғотҳо бо истифода аз сатри равон тавассути мониторҳои хурду калон асосан забони русӣ истифода мешаванд, ҳарчанд худи матни сатри равон бо забони тоҷикӣ аст. Инчунин дар аксар маврид ҳангоми истифодабарии матн бо забони тоҷикӣ ба ғалати имлоӣ роҳ дода, ҳарфҳои тоҷикии думчадор истифода намешаванд. Ин ҳама боиси он мегардад, ки омӯзгорон дар раванди таълими барномасозӣ ва истифодабарии матнҳо бо забони тоҷикӣ ба имконоти забонии забони барномасозии таълим додашаванда диққати зарурӣ диҳанд. Он имконоти забониро ба хонандагон дуруст омӯзанд, то ба ғалатҳои забонию имлоӣ роҳ надиҳанд. Хусусан ҳангоми истифодабарии сатри равон барои хабарҳо, таблиғот ва эълонҳо дар муассисаи таълимӣ ба ғалатҳои забонию имлоӣ роҳ надиҳанд.

Барномае, ки сохтем, дар он сатри равон дар шакли ростхата аз тарафи рост ба чап ҳаракат мекунад. Имкони дигаре, ки забони барномасозии PascalABC.Net дорост, инъикоси сатри равон бо кунҷи моилии додашуда мебошад. Дар ин маврид матни сатри равон метавонад моилан ба самти поён (равиши ақрабаки соат) ва ба самти боло (муқобили ақрабаки соат) инъикос ёфтан гирад. Барои иҷрои ин амал ба оператори TextOut боз як параметри дигарро илова мекунем, ки бузургии кунҷи моилшавии матнро ҳангоми инъикосаш дар экрани графикӣ нишон медиҳад. Ин параметр типи ададии ҳақиқӣ буда,

ҳангоми адади мусбат будан, моилшавӣ ба равиши ақрабаки соат инъикос мегардад. Ҳангоми адади манфӣ будан, моилшавӣ ба муқобили ақрабаки соат инъикос мегардад. Ин параметр пас аз параметри радифсозӣ Alignment.Center илова карда мешавад, яъне:

TextOut(t, b-40, матн, Colors.Blue, Alignment.Center, -1);

Дар ин оператор бузургии кунҷи моилшавӣ (-1) гузошта шудааст ва ба муқобили ақрабаки соат мебошад. Матн ҳангоми инъикосшавиаш каме ба боло рафтан мегирад.

Хонандагони муассисаҳои таълимӣ барномаи сохтаамонро метавонанд ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои гуногун васеъ истифода баранд. Масалан, ҳангоми гузаронидани чорабинӣ оид ба иди "Рӯзи модарон", дар файли матнӣ шеър, шиорҳо ва суханҳои неки дар ҳаққи модарон гуфташударо сабт менамояд. Баъдан ин файли матниро якҷоя бо барнома дар гузаронидани чорабинӣ истифода мебаранд. Матни он файл аз сатрҳои шеъри зерин иборат буда метавонанд:

*Рӯзе, ки маро бизод модар,*
*Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.*
*Шабҳо бари гаҳвораи ман,*
*Бедор нишасту хуфтан омӯхт.*
*Дастам бигирифту побапо бурд,*
*То шеваи роҳ рафтан омӯхт.*

Сатрҳои ин шеър дар алоҳидагӣ дар сатри равон инъикос мегарданд. Инчунин пас аз инъикоси пурраи ҳар як сатр каме пауза кардан мумкин аст (функсияи Sleep(...)).

Ҳамчун кори мустақилона, ба хонандагон чунин супориш додан мумкин аст. Масалан, барномаро каме такмил диҳанд, то ҳангоми ба кор омода намудани он, барнома аз истифодабаранда давомнокии вақти паузаро бо сония ва қимати параметри моилшавиро пурсад. Пас аз дохил карда шудани ин қиматҳо барнома корашро давом диҳад.

Хулоса. Дар кори илмии мазкур методикаи сохтани барномаи "Сатри равон" дар доираи барномаҳои таълимии амалкунанда ва салоҳиятҳои мавзӯию фаннии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта шудааст. Боз технологияҳои дигар сохтани барномаи "Сатри равон" – ро ҳангоми донишгирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ омӯхтан мумкин аст. Забонҳои барномасозӣ имкони робита бо дигар барномаҳои компютерӣ, масалан ҷадвалҳои электронӣ ва пойгоҳи додаҳоро доранд. Забони барномасозии PascalABC.Net имкони пайвастшавӣ ва истифодабарии файлҳои ҷадвали электронии Excel –ро дорост. Дар ин маврид матнҳоро барои инъикос дар сатри равон дар файли ҷадвали электронии Excel ҷой медиҳанд ва бар ивази файли матнӣ истифода мебаранд. Худи барномаро дар оянда метавонанд дар реҷаи визуалӣ созанд.

**АДАБИЁТ**


1. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки / М. Нугмонов / Монография. Душанбе - 2016. - 290 с.
2. Назаров А.П. Методикаи таълими информатика / А.П. Назаров // Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, - 2019. - 462 с. (А4).
3. Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net / А.П. Назаров /Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, - 2021. - 756 с.
4. Назаров А.П. и др. Сборник задач для компьютерного программирования / А.П. Назаров, С. Мирзоев, М.Ф. Абдукаримов / Учебное пособие: Душанбе: Типография филиала МГУ в г. Душанбе, – 2017. 242 с.
5. Комилиён Ф.С. Технологияи иттилоотӣ / Ф.С. Комилиён // Китоби дарсӣ. Душанбе -2019, - 202 саҳ.
6. Осипов А.В. PascalABC.NET: введение в современное программирование. Электронная книга на сайте http://pascalabc.net.


## МЕТОДИКАИ БА ХОНАНДАГОН ОМӮЗОНИДАНИ БАРНОМАСОЗИИ " САТРИ РАВОН" ДАР ГРАФИКАИ КОМПЮТЕРӢ


*Дар асри технологияи информатсионӣ барномасозӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст. Дар ин радиф моро зарур аст, ки ба фанни барномасозӣ ва таълими он диққати зарурӣ диҳем. Бо ин мақсад дар кори мазкур методикаи ба хонандагон омӯзонидани барномасозии "Сатри равон" дида баромада мешавад. Аз забонҳои барномасозӣ забони PascalABC.Net интихоб карда шудааст, зеро он ҳамчун забони нави барномасозӣ дорои имкониятҳои васеи графикаи компютерӣ мебошад. Графикаи компютерии забони барномасозии PascalABC.Net ва имконоти он то ҳол кам омӯхта шудааст, умуман имконоти ин забони барномасозӣ кам омӯхта шудааст. Сатри равон дар амал нақши бениҳоят муҳимро мебозад, хусусан дар самти таблиғот. Таблиғот бо истифода аз сатри равон дар телевизион ва экранҳои калони таблиғотӣ (монитор) бештар истифода бурда мешавад. Инро ба асос гирифта дар кори мазкур методикаи барномасозии сатри равон ва*

*сохтани барномаи компютерӣ бо як пайдарпаии аз ҷиҳати методӣ асоснок дида баромада мешавад.*

***Мақсади мақола**: коркарди методикаи барномасозии "Сатри равон", сохтани барномаи компютерии он ва ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзонидан.*

***Дар натиҷаи кори тадқиқотӣ** методика ва пайдарҳамии барномасозии "Сатри равон" коркард шуда, барномаи компютерӣ сохта шудааст. Методологияе коркард шуд, ки барномасозӣ ва татбиқи амалии "Сатри равон" –ро нишон медиҳад.*

***Калимаҳои калидӣ:** матн, сатри равон, графикаи компютерӣ, тирезаи графикӣ, модули графикӣ, методика, барномасозӣ, оператори TextOut, функсия, монитор, матритса.*

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИМСЯ ПРОГРАММИРОВАНИЕ "БЕГУЩЕЙ СТРОКИ" В КОМПЬЮТЕРНОЙ ГРАФИКЕ

*В век информационных технологий стремительно развивается программирование. В этом контексте необходимо уделить должное внимание предмету программирования и его преподаванию. С этой целью в данной работе будет рассмотрена методика обучения учащимся программированию «Бегущая строка». Из языков программирования был выбран PascalABC.Net, поскольку он обладает широким спектром возможностей компьютерной графики в качестве нового языка программирования. Компьютерная графика языка программирования PascalABC.Net и его возможности ещё мало изучены, в целом возможности этого языка программирования изучены мало. Бегущая строка играет чрезвычайно важную роль на практике, особенно в области пропаганды и рекламы. Реклама с использованием бегущей строки чаще всего осуществляется на телевидении и больших рекламных экранах (мониторах). Исходя из этого, в данной работе рассматривается методика программирования «Бегущей строки» и построения программы для компьютера с методологически обоснованной последовательностью.*

***Цель статьи**: методическая разработка программировании "Бегущая строка", составления его компьютерной программы и обучение учащихся средних общеобразовательных школ.*

***По результатам исследования** разработана методика и последовательность программирования «Бегущая строка» и создано программа для компьютера. Разработана методика, демонстрирующая программирование и практическую реализацию «Бегущей строки».*

***Ключевые слова:** текст, бегущая строка, компьютерная графика, графическое окно, графический модуль, методика, программирование, оператор TextOut, функция, монитор, матрица.*

## METHODOLOGY FOR TEACHING STUDENTS THE PROGRAMMING OF THE "RUNNING LINE" IN COMPUTER GRAPHICS

*Programming is developing rapidly in the information technology age. In this context, it is necessary to pay due attention to the subject of programming and its teaching. To this end, this paper will consider the methodology of teaching students programming "Running line". From programming languages was selected PascalABC.Net, because it has a wide range of computer graphics capabilities as a new programming language. Computer graphics of the PascalABC.Net programming language.Net and its capabilities have not been studied much yet, in general, the capabilities of this programming language have not been studied much. The running line plays an extremely important role in practice, especially in the field of propaganda and advertising. Advertising using a running line is most often carried out on television and large advertising screens (monitors). Based on this, this paper discusses the methodology of programming a "Running line" and building a computer program with a methodologically sound sequence.*

***The purpose of the article**: methodical development of programming "Crawling Line", compiling its computer program and teaching students of secondary schools.*

***Based on the results of the study**, the methodology and sequence of programming "Running Line" was developed and a computer program was created. A methodology has been developed that demonstrates programming and practical implementation of the "Running Line".*

***Keywords**: text, running line, computer graphics, graphic window, graphic module, methodology, programming, TextOut operator, function, monitor, matrix.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Нугмонов Мансур** – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои*

*педагогӣ, профессор, узви вобастаи АТТ. Тел: (+992) 938647629, nugmonov@mail.ru;*

***Назаров Аҳтам Пулотович** – дотсенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Тел: (+992) 935166101, ahtam_69@mail.ru;*

***Умедҷони Хайрулло** – устоди кафедраи кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Тел: (+992) 918806307.*

***Сведения об авторах:***

***Нугмонов Мансур** – профессор кафедры методика преподавания математики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, доктор педагогических наук, профессор, чл.корр. АОТ. Тел: (+992) 938647629, nugmonov@mail.ru;*

***Назаров Ахтам Пулатович** – доцент кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, кандидат педагогических наук, доцент. Тел: (+992) 935166101, ahtam_69@mail.ru;*

***Умедҷони Хайрулло** – преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Тел: (+992) 918806307.*

***About the authors:***

***Nugmonov Mansur** - Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Corresponding Member Academy of education of Tajikistan. Phone: (+992) 938647629, E-nugmonov@mail.ru;*

***Nazarov Ahtam Pulotovich** – Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent of the Chair of information and communication technologies, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. Phone: (+992) 935166101; E-ahtam_69@mail.ru;*

***Umedjoni Chayrullo** – assistant of the Chair of information and communication technologies, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ҲАТМИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

***Қаюмов А.Ҷ.***

*Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода*

***Суҳроби Р.С.***

*Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумова*

Иҷрои корҳои мустақилона барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ моқоми хосе дошта, дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши ниҳоят калонро дорад. Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи ҳатмии донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. “Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста ба ҷорӣ гардидани ин низом ҳоло ҳам аксари омӯзгорон ба тарзи дуруст ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён аҳамият намедиҳанд.” Ананьев Б. Г.[1, с.190 ].

Яке аз сабабҳои асосии надонистани методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот мебошад.

Кори мустақилонаи ҳатмии донишҷӯён шаклҳои гуногун дорад, вале бештари онҳо дар шакли иҷрои вазифаи хонагӣ ва вобаста ба ҳаҷми худ ба муҳлати мухталиф супорида мешавад. Чунончи, дар давоми як семестр, ба муҳлати як моҳ ё ба муддати як ҳафта бо назардошти характери кори мустақилона ва ҳаҷми маводи барои иҷрои супоришҳо кори мустақилона муҳлат муқаррар карда мешавад.

Иҷрои машқҳо, ба саволҳо ҷавоби хаттӣ зерин гузаронида мешавад: иҷрои корҳои графикӣ, корҳои курсӣ ва таҳияи рисолаи хатм, тарҷумаи матн, тайёр намудани реферат барои машҳулиятҳои семинарӣ, тайёр кардан ва гузаронидани таҷрибаҳои гуногун ва ғайра. «Одатан кори мустақилонаи донишҷӯ дар муассисаҳои олӣ ва муассисаҳои миёнаи касбӣ бо навиштан ва ҳимоя намудани кори хатм ба охир мерасад.» Бунеску В.Джурджа М. [2, с.105].

Тамоми шаклҳое, ки дар боло номбар шудаанд, аз рӯи хусусиятҳои худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Корҳое, ки характери таълимӣ дошта ба як фанни аниқи таълимӣ алоқаи узвӣ дорад ва моҳияти ягон мушкилии онро ба таври васеъ кушода медиҳад, вале корҳое, ки ба як фан тааллуқ надошта, маҷмуи фанҳоро дар бар мегирад, характери илмӣ-таълимӣ дорад.

Чунки он ҷиҳатҳои асосии ҳамон гурӯҳи фанҳоро фанҳоро ҷамъбаст менамояд. Одатан ба ин кори курсӣ ва кори хатм дохил мешавад. Барои ҳамин ҳам ба кори курсӣ бештар аҳамияти дода, доираи мавзӯъҳои онро васеъ намудан лозим."Ҳангоми интихоби мавзӯъҳои кори курсӣ инчунин ба он эътибор дода мешавад, ки аз як тараф, он ба вазифаҳои илмӣ-таълимии ояндаи донишҷӯ наздик бошад, аз тарафи дигар он асосҳои як қатор инъикос менамояд." Вербицкий А.А.., Платонова Т. А. [3, с.201].

Барои он ки кори донишҷӯён осон карда шавад, яъне малакаҳои иҷро намудани кори мустақилонаро пайдо кунанд, амалӣ онҳо бояд характери мунтазамӣ дошта бошад ва он дар ҳамаи муассисаҳоитаҳсилоти олии касбӣ муассисаҳои миёнаи касбӣ ва ғайра ба нақша даровaрда шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани кори ҳатмии мустақилона шаклҳои банақшадарори онҳо бояд сол аз сол такмил дода шавад. Бо ҳамин мақсад ҷадвали семестрии кори мустақилонаи донишҷӯёнро тартиб додан лозим аст. "Одатан барои беҳтар иҷро намудани кори мустақилонаи муаллимони ботаҷриба дар баробари мавзуъ барномаи мухтасари онро тартиб медиҳанд ва ҳамроҳи мавзуъ онро дар аввали семестр ба донишҷӯ месупоранд."ГинецинскийВ.И [4, с.175].

Вале ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳар як кафедраи он дар асоси ба ҳисоб гирифтани шароит ва имкониятҳои донишҷӯён ҷадвал ва мазмуни барномаи ҳар як мавзӯъро муайян мекунанд. Барои ҳамин ҷадвал ва мазмуни он дар ҳар як МТОК фарқ карда метавонанд. "Дигар ин, ки мазмуни ёрии муаллим ба кори мустақилонаи донишҷӯ ба дар кадом курс таҳсил кардани ӯ, таҷриба ва малакаи кори мустақилона ҳосил кардаи ӯ вобастааст. Агар донишҷӯ дар курси якум таҳсил карда истода бошад, албатта, ба ӯ барномаи васеи ҳалли супоришро додан лозим аст."ДобляевЛ.П. [5, с.185].

Бе ин, ӯ аз уҳдаи дуруст иҷро кардани ин кор баромада наметавонад. Вале агар ӯ дар курси чорум, ё панҷум таҳсил карда истода бошад, дар он асно кифоя аст, ки муҳлати иҷрои кори мустақилона муайян карда шавад. Чунки ӯ ба истифодаи дигар дастурҳо қариб эҳтиёҷ надорад.

Чи тавре ки маълум аст, дар ҷадвали кори мустақилона на мавзуъҳои алоҳида, балки фанҳо номбар карда мешавад.Чунки дар ҷадвал нишон додани мавзуъ талаб мекунад, ки ном ва номи падари ҳар як донишҷӯ номгӯи мавзуъ ва баъд муҳлати иҷрои он нишон дода шавад. Агар мо номи фанро дохил кунем, дар он ҳол ном ва номи падари ҳар як донишҷӯйро номбар кардан лозим нест. "Дар ин ҳолат номи фан ва муҳлати иҷро нишон дода мешаваду халос. Фақат дар таърихи рӯзи аввали кори мустақилона доир ба ҳамон фан ҳамаи донишҷӯёни ҳамон курс бояд ҷамъ омада супориш гиранд, яъне номгӯи мавзӯҳои кори мустақилонаи худро муайян кунанд." Конаржевский Ю. А. [6. с,126].

Минбаъд мувофиқи ҷадвал бо навбат назди муаллим омада, иҷрои кори худро нишон диҳанд.

Ё худ метавонанд, ки мавзуъҳои худро аз кафедра омада гиранд. Дар ин ҳолат дар кафедра бояд рӯйхати донишҷӯёни ҳар як гурӯҳ, номгӯи кори мустақилонаи ҳар як донишҷӯ, муҳлати ичро ва ному номи падари муаллим аниқ нишон дода шуда бошад.

Дар ин ҳолат дар вақти барояш қуллай донишҷӯ метавонад омада мавзуи кори мустақилонаи худро навишта гирад. Агар донишҷӯ дар курси якум таҳсил дошта бошад, баъди мавзуъ ҳатман бояд барномаи он тавсия дода шавад.

"Дар баъзе донишгоҳҳои олӣ донишҷӯён бо барномаи семестрӣ таъмин карда мешаванд, ки дар он дар қатори номгӯи фанҳои таълимӣ, имтиҳону санҷишҳо дар семестр, номгӯи мавзуъҳои кори мустақилона ва адабиёт доир ба ҳар як мавзуъ низ нишон дода мешавад." Лернер И. Я. [7, с.128].

Омӯзгор донишҷӯёнро ба он сафарбар менамояд, ки кори худро ба нақша дароранд ва самаранок аз он истифода баранд. Вале ҷадвал танҳо дар ҳамон ҳолат фаъолияти донишҷӯёнро барои дар муҳлати муқарраршуда ичро кардани супоришҳо сафарбар карда метавонад, ки кафедра ва факултетҳо назорати қатъӣ ва системанок муқаррар намояду муаллимон ва деканат сари вақт иҷро кардани супоришҳоро талаб карда истанд.

Корҳоеро, ки донишҷӯён ичро кананд, ҳатман онҳо сари вақт санҷида баромада шуда, камбудиҳои ҷиддии донишҷӯён дар суҳбати индивидуалӣ ба онҳо муҳокима карда шавад. Агар дар иҷрои кор камбудиҳои якхела зиёдтар дида шавад, дар дар он асно ин камбудиҳо

ҳангоми машғулияти амалӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ муҳокима карда сабабҳои рӯй додани онҳо ва методҳои беҳтар иҷро кардани супоришҳоро нишон додан муҳим мебошад.

"Ҳамин ки дар ягон боб саҳл хунукназарӣ зоҳир карда шавад, аз ҷумла кори донишҷӯ санҷида мешавад,ки дар чунин мавридҳо нақша қувваи сафарбаркунандагӣ пайдо мекунанд яке аз унсурҳои фаъоли ташкили илмии раванди таълим ба шумор меравад. Бе ин гуна қувва на сифат ва на самара ба даст омада. " Cristea, S.[8, с.170].

Барои ҳамин ҳам, ҳангоми тартиб додани ҷадвал як қатор душвориҳои педагогӣ ба миён меояд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

1.Муайян намудани самаранокии вақти донишҷӯён ва мазмуни муайяну ҳаҷми кори мустақилона.

Барои муайян намудани онҳо зарур аст, ки пешакӣ кори бисёр бурда шавад, ки ифодаи асоситарини онҳо чунинанд? Одатан факултетҳои донишгоҳҳои олӣ дар ҳар як семестр доир ба ҳар як фанни таълимӣ вақти ба кори мустақилона сарф мешудагиро тахминӣ муайян мекунанд. Пас, ҳангоми муайян намудани вақти барои кори мустақилона сарф мешудагӣ ба чӣ такя менамоянд. Ба миқдори вақте, ки ҳар рӯз он се-чор соатро ташкил мекунад. Яъне дар давоми як ҳафта аз 18 то 24 соатро.

Вақти ба кори мустақилона ҷудо карда мешудагӣ барои ҳамаи фанҳо як хел нест. Ҳангоми ҷудо кардани вақт на танҳо миқдори соатҳо барои омӯзиши он фан ҷудо шуда ва ҳаҷми мавод, балки мураккабиву душвориҳои он фан ҳам ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фрумос,Ф. [9, с.250].

Чунки фанҳое ҳастанд, ки мунтазам омӯхтани сарчашмаҳо ва конспект кардани онҳоро талаб мекунанд. Фанҳое ҳастанд, ки танҳо ҳангоми супоридани санҷиш ва имтиҳонҳо зарурияти кори мустақилона оид ба онҳо ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин ҷиҳатҳоро ба ҳисоб гирифта миқдори соатҳои барои кори мустақилона ҷудошударо тахминӣ байни фанҳои таълимӣ тақсим мекунанд. Баъд факултет дар бобати миқдори соатҳои барои кори мустақилона ҷудо шуда кафедраҳоро огоҳ мекунад.

"Кафедраҳо бошанд, вақти ҷудо карда шуда ва ҳаҷми кори мустақилонаро доир ба ҳар як фан ҳаматарафа омӯхта баъд фикру мулоҳизаҳои худро ба факултет пешниҳод менамоянд. Дар асоси ин факултет номгӯи корҳо ва муҳлати иҷрои онҳоро муайян карда ҷадвал тартиб медиҳад." Преда, В. [10, с.190].

Чӣ тавре ки мебинем, тартиб додани ҷадвали кори мустақилона анҷом додани корҳои бисёрро талаб мекунад.

Ҳангоми тартиб додани ҷадвал боз дигар омилҳоро ҳам ба ҳисоб гирифтан муҳим мебошанд. Аз ҷумла, мавқеи ҳамон фан дар тайёрии касбии мутахассис, аҳамияти илмӣ-назариявӣ, амалии он ва аҳамияти кори мустақилонаи донишҷӯён барои машғулияти ояндаи таълимӣ ва кори истеҳсолии онҳо. "Илова бар ин, ҳангоми тартиб додани ҷадвали кори мустақилона инчунин миқдори вақти барои корҳои графикӣ-ҳисобкунӣ, корҳои курсӣ, лабораторӣ ва дигарҳо сарф мешудагӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳангоми тартиб додани ҷадвали кори мустақилона инчунин шароити иҷрои он низ ба назари эътибор гирифтан муҳим мебошан.« И. И. Ильясова, В. Я. Лоуис. [11, с.286]. Ҷадвали кори мустақилона ба ҳисоб гирифтани дигар намудҳои фаъолияти илмии донишҷӯёнро низ талаб мекунад. Аз ҷумла, маъруза дар конфренсияи илмии донишҷӯён, дар маҳфили илмӣ, донишҷӯён, корҳои аз рӯи маслиҳат иҷро карда мешудагӣ ва дигар корҳои илмӣ.

Ҷадвалро ҳеҷ гоҳ барои ҳамаи донишҷӯён ченаки якхела ҳисоб кардан мумкин нест. Чунки барои ҳамон як кор агар як донишҷӯ 50 соат сарф кунад, дигар донишҷӯ 70-80 соат сарф менамояд. Ин ба дараҷаи дониш, малака ва маҳорати кори мустақилонаи ҳар як донишҷӯ вобаста. "Вале ба ҳар ҳол ҷадвали кори мустақилонаи донишҷӯёнро то андозае ба тартиб медароранд, системаи кори онҳоро муайян мекунад, сифатҳои корҳои мустақилонаро таъмин менамояд." Рассел Б. [12, с.220 ]. Роҳи асосии аниқ муайян кардани ҳаҷми сарбории донишҷӯён чен кардани сарфи вақт барои КМД мебошад, ки онро муаллим назорат мекунад.

Ин ченаки аниқтари муайянкунандаи сарфи вақт барои ин, ё он кор мебошад. Вақти дар ҷадвал нишон додашуда қариб ҳеҷ гоҳ бо нишондоди самаронокии вақт барои кори КМД мувофиқ намеояд.

Чунки ҷадвал нисбатан ченаки тахминӣ, аммо чен кардани вақт барои коре барои солҳои минбаъд дурусттар ба ҳисоб гирифтани вақти сарфи кор ба ин ва ё он кор мадад мерасонад. Сарфаи вақт барои КМД имконият медиҳад, ки баъзе камбудиҳои сарфи вақт барои ин, ё он фан барҳам дода шавад. "Дар ин ҷо чунин вазъият дар назар дошта шудааст, ки баъзе кафедраҳо фанҳои худро аз ҳама асосӣ ва муҳимтарин ҳисоб карда ҳаҷми кори мустақилонаро зиёдтар ва сарфи вақтро бештар нишон медиҳанд." Сегерстрале, У. [13, с.245]. Нодуруст муайян кардани вақт барои иҷрои супориш ба ҳаҷми иҷрои кори донишҷӯён

таъсир мерасонад. Агар донишҷӯён ҳис кунанд, ки вақти ҷудо карда шуда барои иҷрои ҳаҷми кори пешбинӣ шуда имконият намедиҳад, дар он ҳолат роҳҳои аз ин вазъият халос шуданро худашон муайян мекунанд.

Одатан донишҷӯён он корҳоеро иҷро мекунанд, ки аз ҳама муҳимтар меҳисобанд, ва баъд он корҳоеро, ки муаллимон субботкорона, бо қатъият талаб мекунанд. Албатта, дар ин ҳолат донишҷӯ ин корро рӯякӣ ба зарурият тайёрии умумии худ иҷро мекунад, ки ин хуб нест. Чунки дар иҷрои он заруриятро намебинанд, ба иҷрои он шавқ надорад. Яъне, онро на аз рӯи зарурият, балки маҷбуриан иҷро намукунанд.

Хеле муҳим аст, ки барои иҷро ва супоридани кор вақт дуруст муайян карда шавад, супоришро бо лексия, бо машғулиятҳои амалӣ алоқаманд кардан лозим аст. Аз ҳама муҳим он аст, ки ин кор чунин иҷро карда шавад, ки дар охири семестр ба донишҷӯён пурборӣ намкунад.

Ҳамаи намудҳои кори мустақилона- кор бо китобҳои дарсӣ ва маҷмуаҳои таълимӣ, бо мақолаҳои журналӣ ва монографияҳоро то саршавии имтиҳон ва санҷишҳо ба охир расондан лозим аст.

Боз як масъалаи дигари муҳимро ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки ҳаҷми КМД бояд то рафт ҳангоми аз як курс ба курси дигар гузаштан зиёд шавад.Чунки онҳо зина ба зина доир ба кори мустақилона бештар таҷриба, малака ва маҳоратҳосил мекунанд.

Ин барои тезтар ва ҳар чи бештар иҷро намудани ҳаҷми кор мадад мерасонад. Барои ҳамин ҳаҷми кори мустақилона бояд зиёдтар ва ҳаҷми кори бо ҳамроҳии муаллим иҷро карда мешудагӣ камтар карда шавад. “Фаромӯш кардан лозим нест, ки ҳамон донишҳо мустаҳкам ва фаҳмоянд, ки онҳоро худи донишҷӯён мустақилона ва эҷодкорона аз худ намуданд.” Талызина Н.Ф. [14, с.267].

Бор зиёд доштани машғулиятҳои ҳатмӣ боиси камфаъолиятии донишҷӯён мегардад. Ин гурӯҳи донишҷӯён одатан захираи муайяни дониш доранд, вале онро дар амалия истифода бурда наметавонанд.

Ҳоло он ки дар зери роҳбарии муаллим ба кори мустақилона машғул шудан ин нобаробарвазниро аз байн мебардорад.

Хеле муҳим аст, ки барои донишҷӯён “Рӯзи кори мустақилона”, вале чӣ хеле, ки одатан мегӯянд на “Рӯзи холӣ” муқаррар карда шавад. Албатта, ин ҷо гап на дар сари истифодаи истилоҳ, балки дар сари он аст, истифодаи ин ва ё он калима чӣ гуна донишҷӯёнро аз ҷиҳати психологӣ барои аз вақти ба кори мустақилона ҷудо карда шуда самаранок истифода бурдан сафарбар менамояд.

Аммо мафҳуми “Рӯзи холӣ” ро бошад, донишҷӯён ба рӯзи истироҳат, дамгирӣ ва ғайра баробар медонанд. Донишҷӯён маънии ин истилоҳтро хеле нозук қабул мекунанд ва аз рӯи фаҳмиши худ маънидод менамоянд. Баъзан ин гуна маънидодкунӣ ғайри ихтиёр дар онҳо пайдо мешавад.

Боз ба масъалаи ҷадвал баргашта ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки маҳз ҷадвал барои рӯзи кори мустақилонаро дуруст истифода бурдан мадад мерасонад.

Вале ҷадвал ҳеҷ гоҳ худ аз худ муваффақияти кори мустақилонаро таъмин карда наметавонад. Барои иҷрои кори мустақилона ва самаранок истифода бурдани рӯзи кори мустақилона боз шароити муайян лозим аст.

Пеш аз ҳама, дар китобхона утоқи корӣ, лаборатория ва ғайра барои ҳар як донишҷӯ муҳайё будани ҷои корӣ муҳим мебошад. Илова бар ин, ҳама чизҳое, ки барои иҷрои кори мустақилона лозимманд мавҷуд бошанд: дастурҳо, сарчашмаҳои ахборотдиҳанда, асбобҳои ҳисоббарорӣ ва дигарҳо.

Агар ин гуна шароит ва имкониятҳо набошанд, донишҷӯён нисбат ба кори мустақилона ҳисси бепарвоӣ зоҳир мекунанд ва ин ба кори минбаъдаи онҳо таъсири бад мерасонад. “Таҳкурсии кори мустақилонаи донишҷӯён ин курси назариявӣ яъне тамоми системаи донишҳое ба шумор меравад, ки онҳо аз худ кардаанд.” Холодович А. А. О. [15, с.290].

Хеле муҳим аст, ки барои аз худ намудани донишҳои баён карда мешудагӣ донишҷӯ ба рафти фикри муаллим ба маҳорати нотиқии ӯ, ба ҷиҳатҳои хоси нутқи ӯ, мантиқи баёни мавод, диққат дода, дар конспект он ҷиҳатҳо ва қоидаву қонун, хулосаҳое, ки моҳияти асоси чизи баён карда мешудагиро муайян мекунад, тасвир намояд.

Дар кори гӯш кардан ва аз худ намудани мавод алоқаи зичи байни муаллим ва донишҷӯ нақши муҳим мебозад. Ҳеҷ чиз дар конспект бояд номафҳум намонад, ва барои донишҷӯён возеҳ ва фаҳмо бошанд.

Ба масъалаи гӯш кардани маводи лексия аҳамияти махсус дода , ҳаминро ҳам фаромӯш кардан лозим нест, ки вай ба мустаҳкамии хотира ҳам вобастааст. Маълум аст, ки хотира тез парешон мешавад. Барои он, ки ин ҳодиса рӯй надиҳад, ба чунин ҳикмати халқ этибор додан

лозим аст: “Қалами бад- беҳ аз хотири бад”. Яъне агар донишҷӯ хоҳад, ки маводи омӯхта мешудагиро хубтар аз худ кунад ва барои худ маҳфуз дорад, мазмуни онро навишта гирифтан лозим аст. Чизи навишта шуда муддати дуру дароз нигоҳ дошта мешавад. “Фридман Л. М. О. [16, с.301].

**Навишта гирифтани лексия.** Раванди мураккаби эҷодӣ мебошад . “Аҳамияти он пеш аз ҳама он аст, ки навишта гирифтани лексия иштироки фаъолонаи ҳамаи органҳои ҳисси донишҷӯйиро барои аз худ намудани донишҳои баён шуда сафарбар менамоянд. Ва босифат аз худ намудани ин донишҳоро таъмин менамоянд.” Хекхаузен Х. [17, с.310].

Ҳангоми навишта гирифтани лексия ба ин ҷиҳатҳо эътибор додан лозим аст:

а) Бе хато навиштани конспект. Доир ба ҳар як фан дафтари бисёрварақаи алоҳида ҷудо карда шавад. Дар ҳар як саҳифа барои минбаъд дар болои мавод кор кардан, ҳошия гузошта шавад. Агар имконият бошад, барои навиштани сарлавҳа, сарлавҳачаҳо, фикрҳои муҳимтарин аз рангҳои гуногуни (сурх, сиёҳ, сабз) истифода бурда шавад, ин завқи донишҷӯйиро нисбат ба омӯзиш ва зебоипарастӣ бедор менамояд.

Конспект бояд тоза ва пурмазмун навишта шавад.

б) Чиҳоро навиштан лозим аст дар лексия?

Таърихи рӯз. Номи мавзӯи лексия. Мақсади лексия ва нақшаи мухтасари он. Адабиёти тавсиякарда шуда .

в) Лексияро чӣ тавр навиштан лозим аст.

Навиштаҷот бояд мазмуни нақшаи лексияро кушода диҳад. Дар конспект фикрҳои мухталиф ҷудо карда, мазмуни асосӣ, мисолҳо, далелҳо, хулосаҳо, ҷамъбаст ва дигарҳо навиштан лозим.

Барои осон шудан мавзуъ ба мавзуъчаҳо, саволҳо ва саволчаҳо ҷудо карда шавад. Конспект бояд мухтасар бошад.

Калимаҳои серистеъмолро дар шакли кӯтоҳ карда шуда навиштан беҳтар аст. Шакли навишта гирифтан вобаста ба фанни омӯхта мешудагӣ гуногун шуда метавонанд. Одатан муаллими ҳар як фан шакли қулайтари навиштани лексияро тавсия мекунад.

Ба ҳаман тариқ, барои таҳияи мустақилона тарзи иҷрои онро шарҳ додан лозим аст; сарчашмаҳо ва дигар дастурҳоро муайян карда, методи аз ҳама самараноки кори мустақилонаро ба донишҷӯён нишон додан муҳим мебошад. Ҳатто намоиши корҳои беҳтарини донишҷӯёнро, ки пештар иҷро карда будаанд, ташкил кардан низ ба аҳамияти калон молик мебошад.

Хеле хуб мешуд, ки ҳар сол, дар аввали соли хониш доир ба методикаи кори мустақилона ба донишҷӯён лексия хонда шавад. Ҳамин тавр, муваффақияти кори донишҷӯ, пеш аз ҳама, ба ташкили кори мустақилона ва роҳбарии методӣ ба он вобаста аст.

Таҳияи ҷадвал ва дар асоси он ба роҳ мондани иҷрои КМД муҳим мебошад. Вале то ҳол талабот нисбат ба тартиб додани кори мустақилона ва аз ҷиҳати илмӣ- педагогӣ асоснок намудани он ба дараҷаи зарурӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба, қарор нагирифтааст.

**АДАБИЁТ**


1. Ананьев Б.Г. О проблемах современного человек знания./Б.Г. Ананьев М., 1977. (на русском)- 190с.
2. Бунеску В., 1982. Принципы организации учебного процесса. В кн : Салад Д. Д. (Ред.). Didactica. Лондон: Дидактико-педагогическое издательство. / В.Бунеску, М. Джурджа (на английском), 105с.
3. Вербицкий А.А. Формирование познавательной и профессиональной мотивации студентом./А.А. Вербицкий, Т.А. Платонова -М., 1986.–201с.
4. Гинецинский В.И. Основы теоритической педагогики. / В.И. Гинецинский С.Пб., 1992. – 175с.
5. Добляев Л.П. Асосҳои психологии / кор дар болои китоб. / Л.П. Добляев Москва, 1970-185с.
6. Конаржевский Ю.А. Анализ урока. / Ю.А. Конаржевский-М., Педагогический поиск, 2000. – 126с.
7. Лернер И.Я. Совершенствование содержания образования в школе. / И.Я. Лернер – М., Просвещение, 1985. – 128с.
8. Cristea, S. 2018. Словарь педагогических терминов. / S. Cristea Москва: Дидактическое и педагогическое издательство 170с.
9. Фрумос, Ф. 2008. Дидактика: основы и познавательные разработки. Яссы: Издательство Полиром. (на английском), 250с.
10. Преда, В. 2001. Принципы дидактики - в видении психологии воспитания и развития. В: Раду И. И. Ионеску М. – 190с.
11. И.И. Ильясова, В.Я. Лоуис. Хрестоматия по возрастной и педагогической психология/ Под ред. / И.И. Ильясова, В.Я. Лоуис.-М.., 1967.-286с.
12. Рассел Б. 2003. Цели образования. В: Роберт Э. Э. и Лестер Э. Д. (ред.). Основные труды Бертрана Рассела. / Б. Рассел Лондон и Нью-Йорк: Routledge Taylor & Francis Group. 220с.
13. Сегерстрале, У.2010. Защитники правды./У.Сегерстрале Нью-Йорк: Опубликовано Oxford University Press.-245с.

14. Талызина Н.Ф. Деятельностый подход к учению и программированное обучение \ Психологическое сновы прогрммированного обучения / Н.Ф.Талызина - М.,1974-267с.
15. Холодович А.А. О типологии речи – филологический исследования. / А.А. Холодович-М.., 1967.-290с.
16. Фридман Л.М. О. концепции управления процессом учения в советской психологи и педагогике\Теоретические проблеми управления познавательной деятельностью человека / Л.М.Фридман М.,1975.-301с.
17. Хекхаузен Х. Мотивация и деятельностью. / Х. Хекхаузен М., 1986.-310с.


## КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ҲАТМИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ ДАР ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ


*Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мақоми хосса дошта, дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши ниҳоят калон мебозад.*

*Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи ҳатмии донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста ба ҷорӣ гардидани ин низом ҳоло ҳам аксари омӯзгорон ба тарзи дуруст ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён аҳамият намедиҳанд.*

*Яке аз сабабҳои асосӣ надонистани методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот мебошад.*

*Кори мустақилонаи ҳатмии донишҷӯён шаклҳои гуногун дорад, вале бештари онҳо дар шакли супориши вазифаи хонагӣ ва ба муҳлати мухталиф супорида мешавад. Чунончи, як семестр, ба муддати як моҳ ё як ҳафта. Ин ба характери кори мустақилона ва ҳаҷми маводи он вобаста аст.*



***Калидвожаҳо:*** *кори ҳатмии мустақилона, маълумотгирӣ, самаранокии вақт, таълими фанҳои тахассусӣ, малакаву маҳорати донишҷӯён, ҷустуҷӯ, идрок, зеҳн, кори эҷодии донишҷӯён, назариявӣ, амалӣ.*


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ СТУДЕНТОВ ПО КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ЗАНЯТИЙ ПО АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ


*Самостоятельная работа играет важную роль во всестороннем развитии личности обучающихся и повышении уровня и качества их знаний в кредитной системе обучения.*

*В целях воспитания самостоятельности учащихся кредитная система обучения требует, с одной стороны, развивать знания о самостоятельности в мышлении учащихся, а с другой стороны, научить студентов работать самостоятельно, применяя свои теоритические знания.*

*Под руководством учителя играет важную роль. Самостоятельная работа, эта творческая деятельность, рассматриваются каждым студентов работать самостоятельно, применяя.*

*Под руководством учителя играет важную роль. Самостоятельная работа, эта творческая деятельность, рассматривается каждым студентом высшей школы в кредитной системе обучения, и при ее осуществлении повышается интерес студентов к учебе.*

*Обучение требует от учащихся самостоятельной работы с книгами, изучения научной, методической и популярной литературы.*



***Ключевые слова:*** *развитие, педагогические требования, самостоятельная работа, кредитная система, обучения, творчество, способы и методы, занятия английским языком, образовательная программа, сознательность, контроль навыков и умений, контроль.*


## PEDAGOGICAL REQUIREMENTS FOR INDEPENDENT STUDENTS WORK AT THE ENGLISH FACULTY IN THE CREDIT SYSTEM OF EDUCATION AT THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY


*Independent work plays a very important role in the comprehensive development of student's personalities and raising the level and quality of their knowledge in the credit system of education.*

*In order to education requires, on the hand to develop the knowledge of independence in the thinking of knowledge and on other hand, to teach students the ways and methods of working independently while applying knowledge in practice.*

*Theory plays an important the interest of students in learning increases. Education requires students to do independent work with books and study scientific, methodical and popular literature.*

***Keywords:*** *development, pedagogical requirement's, independent work, credit system of education, creativity, ways, methods, English language, classes, educational program, consciousness, guiding.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Сухроб Раҷабализода Саидӣ*** *– докторанти бахши сеюми кафедраи методикаи таълими забони англисӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, тел: E-mail: SRajabalizoda @ gmail.ru, тел: (+992) 988838624.*

***Қаюмов Абдулмаъин Ҷумахонович*** *дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, E- mail: muinjanvar78@mail.ru, тел: (+992) 918 744951.*

***Сведения об авторах:***

***Сухроб Раджабализода Саиди-*** *докторант третий курса кафедры методики преподавания английского языка, Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, E-mail: SRajabalizoda @ gmail.ru, тел: (+992) 988838624.*

***Каюмов Абдулмаин Джумахонович-*** *кандидат педагогических наук, доцент, проректор по учебной части методических работы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Ресбублика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, E- mail: muinjanvar78@mail.ru, тел: (+992) 918 744951.*

***About the authors:***

***Suhrob Rajabalizoda Saidi*** *– PhD, of the third course, in the Department of English teaching methodology Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. E-mail : S Rajabalizoda @ mail. ru, phone: (+992) 988838624.*

***Qayumov Abdulmumin Jumakhonovich*** *– condadate of pedagogy, associate Professor, Vice –Rector on Study and Methodical affairs of the Tajik State Institute of Language named after Sotim Ulughzoda. Adress: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+ 992) 918744951, E-mail: muinjanvar78@mail.ru.*

# МЕЖПРЕДМЕТНЫЕ СВЯЗИ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ (НА ПРИМЕРЕ ЕСТЕСТВЕННО-НАУЧНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ)

***Рахматова Ш.И.***

*Филиала Масковский государственный университет им. М.В.Ломоносова в г.Душанбе*

***Гургулиева О.Х.***

*Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни*

В настоящее время подготовка специалистов естественно-научного цикла характеризуется взаимообогащением и взаимопроникновением содержания дисциплин на занятиях по русскому языку в вузах.

Межпредметная связь в процессе учебной деятельности обучающихся диктует ряд проблем. Решение которых связано и с содержанием разнопредметной наполняемости дидактического материала, и с формированием их представлений своей специальности, что, в свою очередь, является мотивационным фактором изучения русского языка.

Подтверждением идеи связей в процессе учебной деятельности обучающихся является психолого-педагогическое обоснование данного явления К.Д.Ушинским, который считал её «одной из важнейших в формировании целостных и системных знаний»[9].

Межпредметные связи, как показывает опыт работы, оказывают существенное влияние на отбор и структуру дидактического материала всех дисциплин, предусмотренных учебными планами в период преподавания русского языка в вузе.

Безусловно, это потребует совершенствования методики преподавания с учётом решения единства данного процесса, направленного на формирование концептуального мышления, осознание системного подхода в решении проблем формирования профессиональной и коммуникативной компетенций. Более того, реализация межпредметных связей будет способствовать развитию личности, расширению его познавательных интересов, составляя цепочку развивающего обучения, в основе которого будут лежать мыслительные процессы. Невозможно в данном случае обойти компетентностный подход при реализации межпредметных связей, который и будет формировать его. Он и будет являться

формирующим в реализации межпредметных связей. Который, в свою очередь, будет определять отбор и структуру дидактического материала, определяя его системность и единство всего процесса обучения.

Данный процесс должен находить отражение в учебных программах. В настоящее время в системе высшего образования (МГУ имени М.В.Ломоносова) проведена огромная работа по подготовке нормативной базы для разработки учебных планов и рабочих программ (Государственные образовательные стандарты, учебные планы по специальностям).

В пояснительной записке программы по дисциплине «Русский язык и культура речи», предназначенная для студентов нефилологических специальностей авторов М.Ю.Сидоровой и Н.В.Николенковойпрямо указывается на её «деятельностный практикоориентированный характер». [7]. Она служит, как указывают авторы, звеном непрерывного языкового образования. Дисциплина «русский язык и культура речи» нацелена на овладение общей культурой речи, на языковые нормы, которые помогут студентам, преодолевая трудности, решать задачи, направленные на формирование профессионально-коммуникативной компетенции. Программа также определяет задачи, ориентированные на каждую специальность (направление подготовки), являясь одновременно мотивацией интереса к своей будущей профессии. Дидактический материал (тексты) должен соответствовать сфере из будущей профессиональной деятельности.

Роль преподавателя в решении проблемы профессионально направленного процесса обучения на занятиях русского языка и культуры речи (таджикского языка, английского языка и т.п.) велика. Именно преподаватель должен определить место и роль профессионального компонента в курсе «Русский язык и культура речи» на каждом этапе обучения. В вышеуказанной программе и в программах в последующие годы (4, 4+,4++ и т.п.) можно обозначить высокую гибкость её структуры и содержания, представляющих собой матрицу, которая рекомендует на местах вносить изменения, связанные с местом расположения университета (в данном случае Филиала МГУ имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе) и контингентом обучающихся, окончивших средние общеобразовательные учреждения с русским, таджикским или другими языками обучения, и владеющих различными уровнями знаний русского языка.Преподаватель, устанавливая уровни владения русским языком, (элементарный или базовый), может порекомендовать студентам дополнительные занятия.

В узком смысле слова межпредметные связи в пределах кафедры «Лингвистика» на период 1 и 2 семестров, предусмотренных учебными планами по русскому, таджикскому и английскому языкам, не находит отражения в рабочих программах. Исходя из того, что преподавание данных предметов активно направлено на формирование профессиональной и коммуникативной компетенций, рабочие программы не находят общности целей и задач, направленных на межпредметные связи языковых дисциплин, т.е. Рабочие программы лишены единства модулей, грамматических тем, направленных не на дублирование школьной программы, а на совершенствование знаний по русскому или таджикскому языкам. Можно сказать, что рабочие программы по русскому языку и культуре речи отражают основные положения таковых (московских) программ.

Тексты по специальности и усвоение терминологии занимают основную дидактическую направленность на занятиях по русскому языку и культуре речи.

Основной источник текстов – это учебные пособия по химии, физике, геологии, математике, международным отношениям. Они адаптируются, сокращаются и одновременно выписываются термины.

Работа с текстами по специальности и дальнейшая работа по формированию профессиональной компетентности помогает интеграции курса русского языка и культуры речи в образовательный процесс обучения.

Таким образом в пределах кафедры «Лингвистика» мы можем говорить о межпредметных связях, которые должны отражаться в программах по русскому, таджикскому и английскому языкам, имея в виду отражение в них тождественных целей и задач всего образовательного процесса.

Выше мы говорили о рабочих программах по русскому языку и культуре речи и, сравнивая её, к примеру, с рабочей программой по таджикскому языку, можно отметить существенные расхождения в них. Для большего количества студентов – первокурсников таджикский язык является родным и на всей территории РТ – государственным. Но вместе с тем, рабочие программы по таджикскому часто дублируют школьный объём знаний. К примеру, рабочая программа по таджикскому языку (направление ПМ и И0 включает темы: Алфавит, Перенос слов, Слог, Орфография, Части речи, Знаки препинания. Под 26 пунктом

формулируется тема; Великие языки и их классификация, а 27 пунктом – Составление различных документов, 32 пунктом повторяется тема – Великие языки.

Нарушается последовательность, а о межпредметных связях говорить не приходится.

Другое основное понимание межпредметных связей включает основное понятие формирования профессионально-коммуникативной компетенции на всём образовательном процессе.

Работа с текстами по специальности в плане реализации межпредметных связей может способствовать повышению познавательной и творческой деятельности обучающегося. Методы работы с текстами по специальности определяются в зависимости от темы, указанной в рабочей программе, а также направления специальности. К примеру, знакомясь с научным стилем и его подстилями студенты должны усвоить лексические, морфологические особенности его. Преподаватель сообщает жанры данного стиля, его подстили, вырабатывается практический навык в написании рецензии на статью, аннотацию, знакомятся с оформлением научных работ: отмечают сноски, знакомятся со структурой, к примеру, курсовых работ, учатся составлять список использованной литературы, выписывать термины и даже выступать с презентациями по теме, умение анализировать литературу по теме, подбирать необходимый лексический материал для описания цели и задачи, актуальность, предмет исследования.

Большое значение следует придавать поисковой, целенаправленной работе студентов по заданной теме. Наблюдая за их работой, преподаватель отмечает студентов в большей степени отличившихся в подготовке определённого задания. Выступления таких студентов могут быть рекомендованы на участие в научных конференциях, олимпиадах, конкурсах.

Аналогичная работа проводится по всем направлениям специальностей. Учитываются индивидуальные, творческие способности студентов в решении проблемных задач, поставленных преподавателем. Развивается познавательный интерес обучающихся; предлагаются новые научные темы, рождаются новые идеи.

Так, за короткое время студентами была подготовлена информация о создании Д.И.Менделеевым «Периодической системы химических элементов». Менделеев был автором огромного количества научных статей, преподавал в университете. В процессе сообщения о деятельности Менделеева возник вопрос: - А кто был его учеником, последователем?

А.М.Бутлеров открыл «Закон зависимости свойств элементов от атомной массы», был преподавателем, ректором. А кто его ученики, последователи?

А вот М.В.Ломоносов тоже был не только учёным, но и известна его педагогическая деятельность. А кто был его продолжателем? Подобные вопросы натолкнули студентов на поиск ответов на вопросы. Итак, появился автор нового исследования «Учёные химики и их школы». Успешная работа по этой теме будет рекомендована на научную конференцию.

Таким образом, работа по реализации межпредметных связей на занятиях по русскому языку, безусловно, будет способствовать развитию критического мышления, которое может привести обучающихся к творческому подходу изучаемых предметов.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Баранов М.Т. Межпредметные связи русского языка / М.Т. Баранов //Русский язык в школе - 1979, №3.
2. Бермус А.Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образовании. / А.Г. Бермус //РГПУ – Ростов на Дону, 2007.
3. Данилюк Д.Я. Учебный предмет как интегрированная система /Д.Я.Данилюк // Педагогика. – 1997. - № 4. – С.24-28.
4. Зверев И.Д. Взаимная связь учебных предметов. – М.: Педагогика.
5. Иванцова В.И. Реализация идеи интеграции науки в систему базового образования / В.И.Иванцова // Педагогика. – 2001. - №2. - С. 51-53.
6. Межпредметные связи в преподавании русского языка. Под ред. Н.Н.Ушакова, М., Просвещение, 1977.
7. М.Ю.Сидорова, Н.В.Николенкова «Русский язык и культура речи» М., Изд. «Доброе слово», 2014г, МГУ имени М.В.Ломоносова.
8. Унт И.Э. Межпредметные связи и умственное развитие учащихся. // Межпредметные связи в процессе преподавания основ наук в средней школе.
9. Ушинский К.Д. О пользе педагогической литературы / «Журнал для воспитания», 1857, №1.

**МЕЖПРЕДМЕТНЫЕ СВЯЗИ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ (НА ПРИМЕРЕ ЕСТЕСТВЕННО-НАУЧНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ)**

*В статье характеризуется взаимообогащение и взаимопроникновение содержания дисциплин на занятиях по русскому языку в вузах. Кратко излагаются этапы развития межпредметных связей в процессе учебной деятельности обучающихся, диктуется ряд проблем. Значительное место в статье занимае тметодика К.Д.Ушинского.*

***Ключевые слова:*** *межпредметные связи, профессионально-коммуникативная компетенция, развивающая среда, психолого-педагогическое обоснование, разнопредметная наполняемость.*

**INTERDISCIPLINARY CONNECTIONS IN THE PROCESS OF PROFESSIONAL COMPETENCE FORMATION IN RUSSIAN LANGUAGE CLASSES (ON THE EXAMPLE OF NATURAL SCIENCE DIRECTIONS)**

*In this article the author discussed his opinion about characterizes the mutual enrichment and interpenetration of the content of disciplines in Russian language classes at universities. The stages of development of interdisciplinary connections in the process of learning activities of students are briefly outlined, a number of problems are dictated. A significant place in the article is occupied by the methodology of K.D. Ushinsky.*

***Key words:*** *interdisciplinary connections, professional and communicative competence, developing environment, psychological and pedagogical substantiation, multidisciplinary occupancy.*

***Сведение об авторах:***

***Рахматова Ширин Иззатуллоевна****-кандидат педагогических наук, доцент кафедры «Лингвистика» Филиала Масковского государственного университета им. М.В.Ломоносова в г.Душанбе.*

***Гургулиева Обида Хасановна****-кандидат педагогических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни, Адрес: г. Душанбе проспект Рудаки 121, Тел: (+992) 917865399.*

***About the authors:***

***Rakhmatova Shirin Izzatulloevna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Linguistics of the Branch of the M.V.Lomonosov Maskovsky State University in Dushanbe.*

***Gurgalieva Obida Hasanovna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Senior lecturer of the Interuniversity Department of the Russian Language of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe, Tel: (+992) (+992) 917865399*

**МУСОИДАТИ МЕТОДИКАИ ИБТИКОРИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАГӢ ДАР РУШДИ ЗЕҲНИЮ ЗАБОНИИ ТАЛАБАГОНИ ХУРДСОЛ**

***Бозоров Х.***

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

Мушоҳидаҳо собит сохтанд, ки дар раванди таълими забони модарӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона дар синф ва хона қобилияти зеҳнии талабагон ба таври зарурӣ ба инобат гирифта намешавад. Масалан, дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, ҳисоб кардан, ( ҳалли мисолу масъала) вобаста ба талаботи барномаҳои таълимӣ анҷом дода мешавад. Вале ба вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳамият дода мешавад.

Дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон (ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ) ба масъалаи хондан, навиштан ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳамияти хоса дода, ба фаъолияти бозгӯӣ кардани мазмуни матни хонда (ҳикоя, афсона, шеър ё чистон) баҳогузорӣ менамоянд. Хонанда чизи тайёрро муддате дар хотир нигоҳ дошта онро нақл карда метавонад. Аммо нисбат ба воқеаҳои дар матн рухдода, сабабҳои ба

вуҷуд омадани масъалаҳои ҳалталаби матн фикр намекунад. Яъне дар раванди таълими забони модарӣ дар хонанда, малака ва маҳорати фикр кардан, таҳлилу хулоса баровардан ба қадри зарурӣ рушд намеёбад. Зеҳни хонанда фаъол гардонда намешавад.

Дар муносибати босалоҳият ба таълим «вазифаи омўзгор « додани» дониш набуда, балки бедор кардани шавқи хонанда ба таълим, кушодани имконияти ҳар як хонанда, ташкил кардани фаъолияти маърифативу эҷодии ҳар як хонанда мебошад.» [8, с.45]

Чунин муносибат ба тағйипазирии нақшҳо боис гардида, ба кам шудани нақли омўзгор ва зиёд шудани фаъолияти хонанда оварда мерасонад. Омўзгор дар раванди дарс муколама ташкил карда, дар ин муколама хонандагон фаъолона иштирок мекунанд. Масъала мегузорнад ва барои ҳалли масъала муҳаққиқ мешаванд. Фазои омўзиш хонандагонро ба худмухторӣ ва мустақилона аз худ кардани донишҳо ҳидоят менамояд.

Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ, ки донишҳои дар синф гирифтаро ба кор меандозад ва ба рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол мусоидат мекунад, агар:

-имконоти зеҳнию ақлии талабагон ба эътибор гирифта шавад;

-дар ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи кўдак муаллимон ва падару модарон мунтазам назорат ва кумак намоянд;

-нақш ва масъулияти падару модарон дар иҷрои супоришҳои мустақилонаи таълимии хонагӣ баланд бардошта шавад;

- барои иҷрои супоришҳои мустақилонаи таълимӣ кўдакон аз ҷиҳати маънавӣ ҳавасманд карда шаванд.

«...мақсад на фақат назорат кардан ва ба ҳисоб гирифтани дониши талабагон, балки барои боз ҳам чуқуртар ва ҳарҷонибатар намудани дониши талабагон, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ кардан, тафаккури мантиқиашонро инкишоф додан аст» [12, с.170]

Дар методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ, муаллимро лозим аст, ки имконоти зеҳнию ақлии талабагонро ба эътибор гирифта, мувофиқ ба қобилияти зеҳнию забонии онҳо суопоришҳоро омода созад. Аз ин лиҳоз, ба иҷрои вазифаи хонагӣ чунин талабот гузошта мешавад:

-ба назар гирифтани дониш, қобилият ва пешрафти гурўҳ ва ё талабагони алоҳида;

-ба ҳисоб гирифтани вақти иҷрои вазифа;

-дар вақти худ супоридани вазифа, фаҳмо будани тарзи иҷрои он.

Муаллим дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ бояд дарк намояд, ки « Чиро ва чӣ тавр бояд супурд?» [4, с.143]

Дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ ба назар гирифтани дониш, пешрафт ва қобилияти бачагони алоҳида шарт аст. Дар акси ҳол мо баробари супоридани вазифа ба он мақсаде, ки дар наздамон мегузорем, пурра расида наметавонем: як гурўҳ талабагон, ки нағз мехонанду пешқадаманд, ин гуна вазифаро бе ягон душворӣ иҷро менамоянд. Вақте ки шахс дар иҷрои ин ё он вазифа андаке ҳам бошад фикр намекунад, яъне фикр ба муқобилият дучор намешавад, заҳмат намекашад, фикраш тараққӣ намекунад. Баръакс, вақте ки тамоман аз уҳдаи иҷрои кор намебароянд, дар ин маврид ҳам натиҷаи мусбатро гумон доштан амри маҳол аст. Бинобар ин, вақте ки муаллим ба аҳли синф вазифа месупорад, вазифаи бачагони алоҳидаро низ таъкид менамояд.

Ин тарзи иҷрои супориш имконият медиҳад, ки аз як тараф, дониши нопурраи талабагони алоҳидаро пурра намоем, аз тарафи дигар, барои инкишофи пешрафти ҳар як фард имконият медиҳем, ки рушд ёбад.

Таҷрибаҳо собит сохтаанд, ки муаллимон вақте вазифа месупорад, гумон мекунанд, ки дар хона бачаҳо танҳо ҳамон супориши хонагиро иҷро мекардагӣ бошанд, аммо кор ин тавр сурат намегирад. Талаба танҳо аз фанне, вазифа мегирад, ки аз он дарс мехонад ва аз ҳамон фан ба қадри ҳол вазифа мегирад. Масалан, аз фанни забони модарӣ, забони русӣ, математика, санъат ва меҳнат, суруд.... Бинобар ин он вақти умумие, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавии мактаб барои ҳар як синф муққарар карда шудааст, ба ҳамаи фанҳо дахл дорад. Он вақти умумӣ барои талабагони синфҳои ибтидоӣ чунин аст: Ҷадвали №1

| Синфҳо | Вақти муқарраршуда барои иҷрои вазифаи хонагӣ |
|---|---|
| синфи 2 | то 40-45 дақиқа |
| синфи 3 | то1 соат |
| синфи 4 | то 1,5 соат |

Ин меъёрро риоя карда ба он кўшидан лозим аст, ки талбагони синфи 2-юм вазифаи хонагиашонро аз грамматика ва имло дар муддати 20-25 дақиқа, талабаи синфи 3-юм дар муддати 30-35 дақиқа, талабаи синфи 4-ум дар муддати 35-40дақиқа иҷро намоянд.

Шарти дигари иҷрои вазифаи хонагӣ дар вақти худ супоридани он мебошад. «Вазифа ба ҳеҷ ваҷҳ саросема, баробари занг зада истодан ва ё баъди занг супурда намешавад». [6, с.307]

Вазифаи хонагӣ баъди мустаҳкам кардани мавзуи нав ва пеш аз ҷамъбасти дарс супурда мешавад. Барои мактаббачаи хурдсол танҳо номбар карддани параграфи китоб ва рақами машқ кифоя нест. Муаллим параграф ва рақами машқро дар ҷойи намоёни синф навишта, саҳифаи онро аз китоб нишон медиҳад ва бачаҳо қайд карда мегиранд. Пас аз ин тарзи иҷро вазифа нағзакак фаҳмонда мешавад, яъне муаллим як –ду ҷумла хонда чӣ тавр амал карданро нишон медиҳад ва ҳатто тарзи иҷрои вазифаро аз як-ду нафар мепурсад. Масалан: Дар китоби дарсии забони модарии синфи 2 рамзи супоридани вазифаи хонагӣ бо тасвири хонача ба қайд гирифта шудааст. [10, с.3]

Дар синфи ибтидоӣ вазифаи хонагӣ аниқ, мушаххас, саҳифа ва аломати шартии он ба хонанда муайян карда шуда, намунаи иҷрои он аз тарафи муаллим пешниҳод мегардад. Масалан, китоби забони модарӣ синфи 2. Душанбе 2017. Дарсҳои 11-12, саҳифаи 15.Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед. Намуна: мубориза-му-бо-ри-за, парчам-пар-чам,ҷоннисорӣ-ҷон-ни-со-рӣ,…

Дар синфҳои ибтидоӣ бе манбаъ вазифаи хонагӣ супорида намешавад. Чунончи, баъзе вақтҳо муаллимон чунин вазифаҳо месупоранд: «Дар хона аз худатон 3-4 ҷумла навишта биёед!», « Аз китоби хониш ё газета 2-3 ҷумла навишта зери исмҳояш хат кашед!», «Дар мавзӯи «Ман ба модарам чӣ гуна ёрӣ мерасонам» ҳикояча нависед!» Ин гуна вазифаҳо ба тамоми зарурияташон норавоанд. Мазмуни вазифа қисман дуруст бошад ҳам, тарзи супориши он нодуруст аст.» [4.с-144]

Дар мавриде ки муаллим берун аз машқи китоби дарсӣ вазифа месупорад ( ин мумкин аст), бояд ибтидои иҷрои он дар синф оғоз ёбад. Чунончи, баъди мустаҳкам намудани мавзуи «Аз исмҳои ҷамъ исми танҳо созед ва нависед. Ба калимаҳо савол гузоред»Хонандагон мустақилона ин машқро иҷро мекунанд. Намуна: Модарон-модар, (Киҳо? кӣ?), дафтарҳо-дафтар, (Чиҳо? чӣ?), пахтаҳо-пахта, (Чиҳо? чӣ?), булбулон, чашмаҳо, гӯсфандон, моҳиён, духтарон, мурғҳо, кӯҳҳо- подшоҳон, вазирон, табаққо, деҳқонон, оҳувон, бобоён. [1, с.61]

Супориш ба хона: Ба ҳамин машқ монанд дар саҳифаи 62 оварда шудааст [1, с.62] Исмҳои танҳои зеринро ба исмҳои чамъ баргардонед. Саволгузориро машқ кунед. Намуна: Кӯдак-кӯдакон,(Кӣ? киҳо?),дӯст-дӯстон, (Кӣ? киҳо?), асп-аспҳо,(Чӣ? чиҳо?), себ, ситора, боғ, буз, аскар, шаҳр, дашт, кабк, фарзанд.

Муаллим диққати бачаҳоро ба калимаҳои (кӯдакон, дӯстон, аскарон) ҷалб намуда, супориш медиҳад, ки ин калимаҳоро дар дафтарҳо навишта аз ҷиҳати овозу -ҳарфҳо таркибу таҳлил карда, яктогӣ ҷумла навишта оянд.

Мисоли дигар. Мехоҳем, ки бачаҳо дар хона ҳамчун вазифа ҳикоячае тартиб диҳанд. Дар ин маврид баъди мустаҳкам намудани мавзуъ диққати аҳли синфро ба ягон мавзуи аниқ, масалан, «Саёҳат» ҷалб намуда, мазмуни онро хотиррасон мекунем, савол ва ё нақшаро тавсия менамоем ( албатта бо ҳамроҳии худи бачаҳо), таъкид мекунем, ки дар ҳикояи шумо бояд ана ин калимаҳо навишта шаванд ( ***омад, гирифтанд, бозӣ карданд, чиданд, дам гирифтанд, савор шуданд, пеш гирифтем***). Қисми боқимондаи корро талабаҳо дар хона давом медиҳанд. Масалан, нақли хонандаи синфи II Б -ро мисол меорем. Мавзуъ:**Сайёҳат.**

«Баҳор **омад**. Мо ба доманаи кӯҳ ба сайёҳат **рафтем**. Он ҷо хеле бозӣ **кардем**, **дам гирифтем**, лола **чидем**. Баъди пешин автобус **омад**. Ба автобус **савор шудем**. Роҳи деҳаро **пеш гирифтем**.»

Вазифаи хонагии бачаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

-вазифаҳое, ки ба таври шифоҳӣ иҷро карда мешаванд;

-вазифаҳои хаттӣ

Ба гурӯҳи якум хондан ва аз ёд кардани қоидаю таърифоти грамматикӣ- имлоӣ, хондан ва шарҳу эзоҳ додаи машқу мисолҳои китоби дарсӣ ва дигар адабиёт, нақли шифоҳӣ, хондан ва аз бар кардани шеър ва дигар калимаю иборахо дохил шаванд, ба гурӯҳи дуюм хелҳои ниҳоят зиёди корҳои хаттӣ дохил мешаванд: рӯбардор намудани машқ, калима ва ҷумлаҳо, аз калимаҳои додашуда тартиб додани ҷумлаҳо, пурра кардани аввал ва ё охири ҷумлаҳо, ба саволҳо чавоб навиштан: тартиб додани нақша ва навиштани ҳикояча аз рӯйи он, навиштани иншо, мактуб, телеграмма, элон, хабар барои газетаи деворӣ ва ғайра.

Намунаи тартиб додани нақша барои навиштани нақли хаттӣ.

Мавзуъ: Чароғ барои кӯрдилон [3, с.85]

Саволҳо,

1.Чаро нобино дар шаби тор бо худ чароғ гирифтааст?

2. Яке аз кунҷкобон аз ӯ чиро пурсид?

3.Нобино чӣ ҷавоб дод?

4.Ба рафтори чунин одамон чӣ баҳо медиҳед?

Илова бар ин, қариб аксарияти вазифаҳои хаттӣ ягон хели супориши иловагиро дар бар мегирад: таҳлили грамматикӣ, машқҳои луғавӣ -лексикӣ, супориши грамматикӣ…

Фаъолият ва саҳми падару модарон дар иҷрои кори мустақилонаи хонагӣ, назаррас буда, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ талабагон донишҳои дар синф гирифтаашонро ба кор бурда, бо кумаки онҳо вазифаи хонагиро дуруст иҷро менамоянд. Масалан, агар вазифаи хонагӣ рӯбардор намудани машқ ва ё ягон хел порчаи дигар бошад, он гоҳ тарзи иҷрои он чунин аст: талаба аввал машқ ва супориши онро дурустакак хонда мефаҳмад, ки супориши машқ чӣ талаб мекунад, сони худи матнро пурра хонда мебароянд ва баъд менависад. «Машқ ва рақамашро навишта худи супориши онро рӯбардор намекунанд. Чунин таҷриба паҳн шудааст, ки бачаҳо тамоми ҷумлаҳои матнро рӯбардор намуда,баъд супориши грамматикӣ-имлоиро ба ҷо меоранд. Ин чандон қобили қабул нест: талаба баъди рӯбардори тамоми машқ «вазифа иҷро шуд» гӯён супориши иловагиро фаромӯш мекунад ё дасташро ба рӯйи сатрҳои навиштааш гузошта то иҷрои супориши иловагӣ дафтарашро ифлос менамояд.» [4, с.145-146]

Аз ин лиҳоз, талаб карда мешавад, ки баробари ба охир расидани рӯбардори ҳар як ҷумла супориши иловагиро ҳам иҷро карда, баъд ба ҷумлаи дигар гузарад.

Рафту вазифа хаттӣ навишта омадани ягон хел машқи эҷодӣ ( бо саволҳо ҷавоб навиштан, аз рӯйи нақша тартиб додани ҳикоя, иншои хонагӣ…) бошад, аввал онро дар дафтари сиёҳнавис навишта, иловаю ислоҳ карда, баъд рӯбардор кардан лозим.

Баъзан вазифаҳои хаттие супорида мешаванд, ки бе мушоҳидаи пешакӣ иҷро кардани онҳо мумкин нест. Масалан, навишта омадани номи меваҳои боғ- себ, нок, ангур, анҷир, анор, шафтолу, зардолу, биҳӣ….

Асбобҳои дуредгарӣ- арра, ранда, анбур, болқа, теша,парма,каҷкорд….

асбобҳои мӯзадӯз- чарм, мех, анбур, ресмон, сӯзан, ширеш,корд,….

Ашёҳои мағозаи хӯрокворӣ- нон, қанд, конфет, кулчақанд, чой, равған….

Дар ин мавридҳо бачаҳо аввал он ашё ва ё объектро мушоҳида намуда, баъд номҳои ашёҳоро менависанд.

Ба вазифаи хаттие, ки аз матнҳои китоби забони модарӣ , рӯзномаю, маҷаллаҳо ва дигар китобчаҳои бачагона супорида мешаванд, ном, рақам, сарлавҳа, ҳатто абзас нишон дода мешавад. Муаллим ҳамон китоб ( рӯзнома, маҷалла)-ро ба даст гирифта, ҷойи вазифа ва тарзи иҷрои онро нишон медиҳад, баробари ин таъкид менамояд, ки он ашёҳоро аз куҷо ва чӣ тавр бояд ёфт. Беҳтараш ба китобхонаи мактаб муроҷиат карда шавад. Муаллим ин гуна вазифаҳоро соле 4-5 маротиба ташкил карда, бо ҳамин шавқи маърифатҷӯии бачаҳо ва ҷустуҷӯ карда тавонистанро бедор менамояд, яъне худи вазифа, не, балки роҳ ва тарзи иҷрои он муҳимтар аст.

Ҳамаи вазифаҳои хаттӣ иҷрошаванда бомаънӣ, тоза ва зебо иҷро карда мешаванд. Муаллим аз рӯзҳои аввали вазифасупорӣ таъкид карда меистад, ки баъди иҷрои супориш зуд дафтарҳоро қатъ накарда, бори дигар онҳоро хонда бароянд ва ба аслаш муқоиса намоянд.

Вазифаҳои шифоҳиро аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хондан лозим. Агар сухан дар бораи аз ёд кардани қоида ва ё ягон хел матн равад, онро баланд-баланд хонда, аз ёд мекунем. Чи тавре ки психологҳо қайд мекунанд, дар мавриди аз ёд кардан нуқтаи ( калима, ибора) асосиро ёфта, ба он такя кардан лозим. Масалан, дар қоидаи «Исм» нуқтаи асосӣ калимаи «ашё», дар қоидаи «Сифат» «аломат» ё аломати ашё, дар «Феъл» « ҳаракат» ва ё «ҳаракати ашё», дар «Пешояндҳо» «алоқа» мебошад. Агар бачаҳо қоидаро ду бор хонда ҳамин калимаҳоро дар хотир нигоҳ доранду ба онҳо такя намоянд, қоида ба хотир омадан мегирад. Хатти бачаҳоро мунтазам таъкид карда истодан лозим аст, ки онҳо чашмҳоро пӯшида қоидаҳоро аз ёд накунанду калимаҳои асосиро ёфта, дар хотир нигоҳ доранд.

Талабагон бояд ба он одат кунонида шаванд, ки онҳо дар хусуси иҷрои вазифа дар назди падару модар ва ё дигар шахсони масъули оила ахборот дода истанд.

Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ, ки донишҳои дар синф гирифтаро ба кор меандозад ва ба рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол мусоидат мекунад, ба сатҳи дониш ва маърифати санҷишгар (омӯзгор) вобастагии мустаҳкам дорад. Агар омӯзгор аз усулҳои ташаккулдиҳандаи дониши талабагон бахурдор бошад, дар ҳар лаҳзаи гузаронидани санҷиши вазифаи хонагӣ аз усулҳои – ҳавасмандгардонии маънавии кӯдакон барои иҷрои супоришҳои мустақилонаи таълимӣ самаранок истифода мебарад.

Иҷрои ҳар як вазифаро, ки муаллим ба хона месупорад, албатта, месанҷад. Мунтазам тафтиш кардани вазифаи хонагӣ талаби умумӣ ва қатъӣ ҳам дар назди муаллим аст ва ҳам дар назди бачаҳо. Агар ин талаб риоя карда нашуда, ҳатто баъзан вайрон карда шавад, он гоҳ

ба хоҳиш табдил меёбад. Талаба аз дил мегузаронад: «Хоҳ-нохоҳ муаллим вазифаро ҳар рӯз намесанҷад, бинобар ин доимо тайёр кардан он қадар шарт нест». Дар таълим аз ин фикр хавфноктар чизе нест. Тадриҷан бача камфаъол шудан мегирад ва агар шахсони калонсоли оила мудохила карда наистанд, ҳатто вазифаашонро тайёр намекунанд.

Вазифаи хонагиро ҳар хел санҷидан мумкин аст. Аммо онро ба қавли К.Д.Ушинский,- набояд ба имтиҳон табдил дод. Мактаббачаи хурдсолро аз рӯзҳои аввал ба он одат мекунонем, ки дар назди аҳли синф на танҳо аз хусуси иҷрои вазифа, инчунин, дар бораи тарзи иҷрои он маълумот диҳад. Масалан, бачае ин тавр ахбор медиҳад: «Ман китобро кушода вазифаро ёфтам. Аввал супориши машқ ва баъд худи онро як бор хонда баромадам. Пас аз ин, ҳар як ҷумларо рӯбардор намуда, якбора супориши машқро ( ба ҷойи нуқтаҳо ҳарф, калимаи мувофиқ …) ба ҷо овардан гирифтам. Дар охир чизи навиштаамро ба асли матни китоб муқоиса намудам. Каме дам гирифтаму қоидаро хонда аз ёд кардам. Иҷрои вазифаро ба модарам нишон додам».Ин корро талаби имрӯзаи ҳаёт ба миён мегузорад: талаба на танҳо маҷмӯи муайяни дониш гирад, инчунин, тарз ва усули гирифтани онро ( донишро) ёд гирад.

Вазифаи хонагиро кай санҷидан мумкин аст? Вазифаи хонагиро дар аввали дарс, яъне пеш аз баёни мавзӯи нав, дар мобайни дарс, яъне баъди фаҳмондани мавзӯи нав ва дар хона метавон санҷид.

Тафтиши вазифаи хонагиро дар аввали дарс ҳамон вақт мегузаронем, ки агар мавзӯи нав давоми мавзуи гузашта набошад. Дар ин маврид мо аввал вазифаро санҷида, аз он хулосаи зарурӣ мебарорем ва баъд мавзуи навро меомӯзонем. Ин бештар дар ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки аз як мавзӯи нисбатан бутун ба дигараш мегузарем.

Агар мавзӯи нав давоми дарси гузашта бошад, он гоҳ вазифаи хонагиро баъди фаҳмондани мавзуи нав ва мустаҳкам кардани он месанҷем. Ин тарз бештар бо роҳи ташкили кори мустақилона, ки ба вазифаи хонагӣ монанд аст, гузаронида мешавад. Аҳамияти дидактикии ин тарз аз он иборат аст, ки фикр ва кори амалии бачаҳо аз равиши умумии дарси гузашта канда намешавад. Дарси гузашта аз таҳлили ҷумлаҳоюю қоида сар шуда, ба машқҳои гуногун тамом шуда буд. Имрӯз бошад мо аз машқ сар карда ба қоида меравем. Воситаи алоқаи вазифаи хонагию дарси нав дар ин маврид ягон хел машқ аст. Масалан, мавзӯи « Сифат» (синфи 3)-ро гирем.[1, с.151-152]

Омӯзгор дарси якум ба талабагон дар хусуси қоидаи сифат, саволҳо ва аҳамияти он дар нутқ маълумот дода буд. Дарси дуюм аз иҷрои машқҳо шуруъ мешавад, ки он давоми дарси аввал мебошад. Мисол, матни «Камол» [1, с.153]

Пас, бигузоред, аввал бачаҳо машқро иҷро кунанд, баъд дар асоси таҳлили он қоидаи заруриро аз талабагон пурсида гирем. «Камол решаи **ғафс**, баргҳои **нарм** ва гулҳои **зард** дорад. Камолро барои табобати дарди меда, ва дил истифода мебаранд. Шираи камол ранги **зардча** дошта, барои муоличаи санги гурда фиданок аст.»

Ҳангоми ҷавоби шифоҳӣ ба пуррагии қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ, инчунин, ифоданок баён кардани онҳо диққат дода, кӯшиш кардан лозим, ки бачаҳо қоидаҳоро бо мисолҳои худ мустаҳкам намоянд. Баъзан бачаҳо барои як калима шуда ҷумла мегӯянд ва фикрашонро ба охир нарасонда мунтазири саволи муаллим мешаванд.Мисол:

Муаллим: Канӣ, оид ба феъл мисол гуй!

Талаба: Ман аз мағоза қалам харидам. Харидам –феъл.

Ин аз нодурустии таълим ва маҳдудияти дониши талаба шаҳодат медиҳад. Бача бояд аз рӯзҳои аввали таълими забони модарӣ ашёҳои гуногуни атроф, аломат ва ҳаракати онҳоро бинад, мушоҳида кунад. Дар мавриди « Оид ба феъл мисол биёр!» гуфтан шарт нест, ки ӯ ҷумла гуфта аз он як калимаашро ҷудо кунад. Талаба ҳаракату амалиёти гуногуни ашёҳоро номбар карда қайд менамояд, ки ин калимаҳо ба саволи чӣ кор кард? ҷавоб шуда феъл мебошад ва баъд бо хоҳиши муаллим бо яке аз ин калимаҳо ҷумла тартиб дода таҳлил менамоем.

«Мақсади таълими фанни «Забони модарӣ» омӯхтани савод (хондану навиштан), инкишофи нутқи мураттаб, тарбияи шаҳрвандӣ, ахлоқию маънавӣ ва фаъолияти эҷодию фардии мактабиёни синфҳои ибтидоӣ мебошад» [5, с.36]

Аз ин лиҳоз, омӯзгор вазифаҳои хаттиро ҷамъ карда мегирад ва дар хона аз ҳар ҷиҳат санҷида мебарояд: а) аз ҷиҳати пуррагии матни машқ; б) аз ҷиҳати иҷрои супориши машқ( вазифа); в) аз ҷиҳати хатогиҳо; г) аз ҷиҳати тозагӣ ва риояи қоидаи навишт ( сархат, фосилаи байни ҳарфҳо, калимаҳо, то хати сурх расидан вале аз он нагузаштан).

Аз ин ҷиҳатҳо санҷидани вазифаи хонагии хаттӣ танҳо як тарафи кор аст, тарафи дигари хеле муҳим он аст, ки бояд талаба ҳар як таъкид ва ишораи муаллимро бифаҳмад ва ислоҳ кунад. Моҳият ва таъсири санҷиши дафтарҳои бачаҳо ҳам дар ҳамин аст.

«Дар шароити дарси ҳамгирои забони модарӣ донишҳои ҳосилкардаи шогирдон ҳамарӯза дар амалияи забони онҳо, чӣ дар дарс ва чӣ дар ҳаёти онҳо ( дар хона) татбиқ мегардад, муаллақ намемонад, ба захираи ғайрифаъол ( пасив ) табдил намеёбад. Дар натиҷа талабагон дар ҳар дарс ва хона фаъолона иштирок мекунанд, бошуурона ва бомақсад амал менамоянд, ки ин самаранокии дарс ва раванди педагогиро муайян хоҳад кард». [11, с.5]

Хулоса, вазифаи хонагӣ давоми кори синфи буда, яке аз шаклҳои ташкили омӯхтани забони модарӣ дар мактаб ва хона мебошад. Фаъолияти таълимии бачаҳоро баланд мебардорад, дар онҳо хислатҳои бо китоб ва дигар ашёҳо мустақилона кор карда тавонистан, вазифашиносию масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстию интизомнокиро мепарварад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев И. (гурӯҳи мураттибон) Забони модарӣ барои синфи 3./И.Абдуллоев, З.Абдуллоев-Душанбе, 2010. – 376 с.
2. Байзоев А. (гурӯҳи мураттибон) Забони модарӣ барои синфи 1./А.Байзоев, Г.Машокирова-Душанбе 2010.-167 с.
3. Зиёев М., Эрматова У., .(гурӯҳи мураттибон) Забони модарӣ барои синфи 4./М.Зиёев, У.Эрматова - Душанбе 2012.-343с.
4. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / М.Лутфуллоев - Душанбе, 1986-247с.
5. Лутфуллозода М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. / М.Лутфуллозода, И.Абдуллоев, М.Ҷалилова Душанбе,2020. - 265с.
6. Лутфуллозода М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. / М.Лутфуллозода - Душанбе,2007.-463с.
7. Ниёзов Ф. (гурӯҳи мураттибон) Маҷмӯи модулҳо оид ба низоми муносибати босалоҳият ба таълим. / Ф.Ниёзов, М.Зиёев - Душанбе 2016.-226с
8. Роҳнамои омузгор оид ба истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш.-Душанбе, 2019.-56 с.
9. Стандарти таҳсилоти ибтидоии забони моадрӣ ва математика барои синфҳои 1-4 ва раҳнамои омӯзгор.-Душанбе 2012.-110с.
10. Шарифзода Ф. Лутфуллозода М. (гурӯҳи мураттибон) Забони модарӣ барои синфи 2. / Ф.Шарифзода, М.Лутфуллозода - Душанбн ,2017.-327с.
11. Шарифзода Ф. Лутфуллозода М.(гурӯҳи мураттибон) Методикаи таълими забони модарӣ дар синф 2. / Ф.Шарифзода, М.Лутфуллозода - Душанбн ,2017.-327с.
12. Эшонҷонов А. Методикаи тахлими забонитоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ / Эшонҷонов А., М.Шукуров, А.Раҳмонов Душанбе,1964.-263с.


## МУСОИДАТИ МЕТОДИКАИ ИБТИКОРИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАГӢ ДАР РУШДИ ЗЕҲНИЮ ЗАБОНИИ ТАЛАБАГОНИ ХУРДСОЛ


*Мақолаи мазкур ба масъалаи ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол бахшида шуда, дар он қайд карда мешавад, ки дар раванди таълими забони модарӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона дар синф ва хона қобилияти зеҳнии талабагон ба таври зарурӣ ба инобат гирифта намешавад. Масалан, дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, ҳисоб кардан, (ҳалли мисолу масъала) вобаста ба талаботи барномаҳои таълимӣ анҷом дода мешавад. Вале ба вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳамият дода мешавад.*

*Дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон (ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ) ба масъалаи хондан, навиштан ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳамияти хоса дода, ба фаъолияти бозгӯӣ кардани мазмуни матни хонда (ҳикоя, афсона, шеър ё чистон) баҳогузорӣ менамоянд. Хонанда чизи тайёрро муддате дар хотир нигоҳ дошта онро нақл карда метавонад. Аммо нисбат ба воқеаҳои дар матн рухдода, сабабҳои ба вуҷуд омадани масъалаҳои ҳалталаби матн фикр намекунад. Яъне дар раванди таълими забони модарӣ дар хонанда, малака ва маҳорати фикр кардан, таҳлилу хулоса баровардан ба қадри зарурӣ рушд намеёбад.*

*Вазифаи хонагӣ давоми кори синфӣ буда, яке аз шаклҳои ташкили омӯхтани забони модарӣ дар мактаб ва хона мебошад, ки фаъолияти таълимии бачаҳоро баланд мебардорад, дар онҳо хислатҳои бо китоб ва дигар ашёҳо мустақилона кор карда тавонистан, вазифашиносию масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстию интизомнокиро мепарварад.*



***Калидвожаҳо:*** *таълиму тарбия, мустақилият, вазифашиносӣ, масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстӣ, рушди зеҳн, инкишофи нутқ, хондан, навиштан, ҳисоб кардан, намудҳои гуногуни фаъолияти мустақилона ва ғайра.*

## ВЛИЯНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ МЕТОДОВ ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ДОМАШНЕЙ УЧЕБНОЙ РАБОТЫ НА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЕ ЯЗЫКОВОЕ РАЗВИТИЕ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

*В данной статье особое внимание уделяется организации самостоятельной деятельности младших учащихйся, где отмечается, что в процессе обучения родному языку, самостоятельной работе на уроке и дома не учитываются интеллектуальные способности учащихся. Например, в начальных классах чтение, письмо, арифметические задания (примеры и задачи) выполняются в зависимости от требований учебной программы. Однако меньше внимания уделяется важнейшим задачам образования - развитию интеллекта учащихся, определяющего устойчивую основу интеллектуальной культуры и самостоятельного и творческого мышления личности.*

*При обучении родному языку в начальных классах учителя (при выполнении домашних заданий) особое внимание уделяют чтению, письму и развитию устной и письменной речи учащихся, оценивают умение пересказывать содержание текста (рассказа, сказки, стихотворения или рассказа). Ученик может запомнить историю на некоторое время и рассказать ее. Однако он не думает о событиях в тексте и причинах проблем в тексте. Иными словами, в процессе обучения родному языку у обучающегося не формируются необходимые навыки и умения мыслить, анализировать и делать выводы. Домашнее задание является продолжением классной работы и является одной из форм организации изучения родного языка в школе и дома, которая активизирует учебную деятельность детей, воспитывает в них умение самостоятельно работать с книгами и другими предметами, дежурную работу, ответственность, исполнительность и дисциплина.*

***Ключевые слова:*** *воспитание, самостоятельность, долг, ответственность, трудолюбие, интеллектуальное развитие, развитие речи, чтение, письмо, счет, различные виды самостоятельной деятельности и др.*

## THE INFLUENCE INNOVATIVE METHODS OF ORGANIZING INDEPENDENT HOME STUDY WORK ON INTELLECTUAL LANGUAGE DEVELOPMENT SCHOOL CHILDREN

*In this article, special attention is paid to the organization of independent activities of school children, where it is noted that in the process of teaching the native language, independent work in the classroom and at home, the intellectual abilities of students are not taken into account. For example, in elementary grades, reading, writing, arithmetic tasks (examples and tasks) are performed depending on the requirements of the curriculum. However, less attention is paid to the most important tasks of education - the development of the intellect of students, which determines the stable basis of intellectual culture and independent and creative thinking of the individual.*

*When teaching the native language in the primary grades, teachers (when doing homework) pay special attention to reading, writing and the development of oral and written speech of school children , assess the ability to retell the content of the text (story, fairy tale, poem or short story). The student can remember the story for a while and tell it. However, he does not think about the events in the text and the causes of the problems in the text. In other words, in the process of teaching the native language, the student does not develop the necessary skills and abilities to think, analyze and draw conclusions. Homework is a continuation of class work and is one of the forms of organizing the study of the native language at school and at home, which activates the learning activities of children, educates them in their ability to work independently with books and other objects, duty work, responsibility, diligence and discipline.*

***Key words:*** *education, independence, duty, responsibility, diligence, intellectual development, speech development, reading, writing, counting, various types of independent activities.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Бозоров Хушвахт****-номзади илмҳои педагогӣ, устоди кафедраи таҳсилоти томактабӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, тел: 985564121*

***Сведения об авторе:***

***Бозоров Хушвахт****-кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры дошкольного обучения Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, тел: (+992) 985564121*

***About the author:***

***Bozorov Khushvakht*** *- candidate of pedagogical sciences, teacher of the department preschool education, Kulyab State University named after A. Rudaki, phone: (+992) 985564121*

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҲИЯ КАРДАНИ КОРҲОИ КУРСӢ ВА РИСОЛАИ ХАТМ

***Баротзода К.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият, дар шароити навсозии системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намудани сифати тайёр кардани кадрҳои педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, барои ҷорӣ ва такмили минбаъдаи тағйироти илмию амалӣ масъалаи дарки моҳияти донишҳои илмию назариявӣ дар соҳаи омодагии касбӣ-методӣ ва илмӣ-тадқиқотии омӯзгори ояндаи биология дар низоми таълими кредитӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳои эҷодӣ нақши муҳим дорад.

Тайёр намудани омӯзгорони ояндаи табиатшиносӣ ҳамчун шахсияти мустақил ва соҳиби тафаккури интиқодӣ, ки қодир ба тавлиди системаҳои таълимии худро соҳиб аст, танҳо дар ҳолати соҳиби таҷрибаи корӣ ва фаъолияти эҷодӣ, ки онҳоро дар раванди таҳсили донишгоҳи омӯзгорӣ гирифтаанд, имконпазир аст. Аз ин рӯ, яке аз ғояҳои пешбарандаи тайёр кардани омӯзгорон дар донишгоҳи омӯзгорӣ ин ташаккул ва инкишофи қобилияти фаъолияти тадқиқотии онҳо мебошад.

Масъалаҳои тайёр кардани омӯзгори оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, такмили ихтисоси баъдидипломӣ ва масъалаҳои таълими муттасили педагогӣ аз тарафи О.А. Абдулина, В.И. Загвязинский, И.Ф. Исаев, В. Кан-Калик, Н.В. Кузмина, М. Нугмонов, У.З. Зубайдов, С. Холназаров, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифов, И.О. Обидов, А.М. Миралиев, Т. А. Шукуров, С. Бандаев, Ғ. Бобизода, Л. Подимова, В. Рындак, В. Сластенин ва дигарон дида баромада шуданд.

Усулҳои кори тадқиқотӣ, ки дар доираи фаъолияти тадқиқотӣ истифода бурда мешавад, аз ҷониби Б.Э. Райков, В. Натали, В.В. Висвятский, А.П. Пинкевич, К. Ягодовский ва ғайра муайян карда шудааст.

Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯгороне эҳтиёҷ дорад, ки усулҳои ташхис ва инкишофдиҳии шахсияти хонандагонро донанд, қодир бошанд ба мазмуну маводи мӯҳтавои таълим равшанӣ андозанд, ба хонандагон фикр кардан ва эҷодкорона амал намуданро ёд диҳанд. Дар баробари ин, нақши корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ дар ташаккули чунин сифатҳои мутахассис, ба монанди, маҳорати касбӣ ва бо салоҳиятии методӣ, мустақилият ва муносибати эҷодкорона ба фаъолияти касбӣ, ташаккули малакаҳои пайваста омӯхтан ва такмил додани дониш хеле калон аст.

Дар адабиёт мафҳумҳои «корҳои илмӣ-тадқиқотӣ» ва «корҳои тадқиқотии таълимӣ» мавҷуданд, ки онҳо ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Кори тадқиқотӣ фаъолиятест, ки дар он донишҷӯ мустақилонаву эҷодкорона ягон мавзӯъро дар асоси адабиёти соҳавӣ тадқиқот мегузаронанд. Дар раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар донишҷӯён малакаҳои эҷодкорӣ, мустақилият, кор ба адабиёт ва сарчашмаҳои гуногун, озмоишгузаронӣ, меҳнатдӯстӣ, қавииродагӣ ва дигар хислатҳои инфиродӣ ташаккул меёбанд. Кори таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ азхудкунии технологияи эҷодкорӣ, шиносоӣ бо техникаи таҷриба бо адабиёти илмӣ фаҳмида мешавад .

Ҳамин тариқ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии донишҷӯён ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки фарқияти назарраси байни онҳо дараҷаи мустақилият дар иҷрои вазифаҳои тадқиқотӣ аз ҷониби донишҷӯ ва навоварӣ натиҷаҳои ба дастомада мебошад [1.2.8].

Аз ин рӯ, мафҳуми «корҳои таҳқиқотии таълимии донишҷӯён»-ро метавон ҳамчун кори мустақилонаи онҳо аз рӯйи проблемаи тадқиқотӣ ва ташаккул додани малакаҳои фаъолияти таҳқиқотию эҷодӣ, ки марҳилаҳои ҷорӣ намудани унсурҳои таҳқиқоти илмиро ба раванди таълим дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дарбар мегирад, фаҳмидан мумкин аст.

Дар фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

-таҳлили омилҳо, робита ва муносибатҳои онҳо;

-огоҳ аз вазифаи тадқиқотӣ, мавҷудияти мушкилот, ҳадафи вазифаи тадқиқотӣ;

-муайян намудани ҳадафҳои ниҳоӣ ва мобайнӣ дар ҳалли масоили тадқиқот, ҳангоми амалигардонии вазифаҳои таҳқиқотӣ;

-пешниҳоди фарзияи илмӣ барои ҳалли масоили тадқиқотӣ ҳангоми амалигардонии вазифаҳои тадқиқотӣ;

-ҳалли вазифаҳои тадқиқотӣ, иҷрои вазифаи тадқиқотӣ бо асосноккунии назариявӣ ва исботи гипотеза;

-санҷиши амалии дурустии ҳалли вазифаҳои тадқиқотӣ, иҷрои онро бояд таъмин гардонад. Натиҷаҳои чунин корҳо: иштирок дар конференсияҳои илмии донишҷӯён, навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва нашри мақолаҳо мебошанд. Дар ҷараёни иҷрои онҳо вазифаҳои зерин ҳаллу фасл карда мешаванд: маҳорати омӯхтани адабиёти тахассусиву соҳавӣ барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва азхудкунии маҷмӯи донишҳо аз педагогика, психология ва методикаи таълими биология. Ба иҷрои чунин корҳо донишҷӯён ҷалб карда шуда, зимнан дараҷаи тайёрии илмӣ-методии омӯзгорони ояндаи биология таъмин карда мешавад [3.4.7].

Дар ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотии омӯзгорони ояндаи биология ба ғайр аз дарсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ иҷрои корҳои курсӣ ва анҷом додани рисолаи хатм нақши муҳим доранд.

Кори курсӣ шакли соддаи пешбурди кори илмӣ-тадқиқотии донишҷӯ маҳсуб ёфта, барои таҳияи рисолаи хатм заминаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Вобаста ба сохтори кори курсӣ бахшҳои таркибии онро ба тариқи зайл тасниф намудан мумкин аст:

**1. Муқаддима.** Ин бахши кори курсӣ дар асоси мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои асосии кор навишта мешавад. Дар ин бахш оид ба масоили зерин маълумот дода мешавад:

-гузориши масъала;

-мумрамият ва муҳиммияти мавзӯъ;

-мақсад ва ҳадафҳои мавзӯъ;

-дараҷаи омӯхташудани кор;

-методҳои тадқиқ.

Бахшҳои мазкурро бо тариқи зайл шарҳ додан мумкин аст:

-зимни гузориши масъала донишҷӯ дар кор таъкид мекунад, ки мавзӯи мазкур ҳамчун проблема дар соҳаи тадқиқ ҷой дорад;

-ҳангоми кушодани моҳияти бахши мумрамият ва муҳимияти мавзӯъ ӯ бо далелҳо исбот мекунад, ки таҳқиқи мавзӯъ барои ҳалли ягон масъалаи муҳимми соҳаи илм мусоидат карда метавонад;

-дар бахши мақсад ва ҳадафҳои мавзӯъ донишҷӯ қайд мекунад, ки ҳалли кадом паҳлӯҳои проблемаи мавзӯъро бевосита мустақилона худаш иҷро мекунад, ҳаҷми корро муайян менамояд;

-дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ донишҷӯ оид ба саҳми муҳаққиқони мавзӯъ дар кушоиши гиреҳҳои сарбастаи он ба овардани иқтибосҳои муҳим ва бо нишон додани манбаи фикр маълумот дода, баҳси илмӣ ташкил мекунад.

-дар бахши методҳои тадқидонишҷӯ вобастаба хусусияти мавзӯъ ба таври мушаххас бо истифодаи кадом роҳу усулҳои пажӯҳиш ба иҷрои масъалаи гузошташуда муваффақ шудааст, мулоҳизаронӣ мекунад.

Ҳаҷми муқаддимаи кори курсӣ бояд аз 5 саҳифаи чопӣ барои ҳама гуна навъи ихтисосҳо кам набошад [3.8].

**2. Қисми асосии кори курсӣ** на камтар аз ду боб иборат бошад. Дар боби аввал асосан проблемаҳои назариявии мавзӯъ барррасӣ ва тасниф карда мешаванд. Мундариҷаи ин бахш имконият медиҳад, ки сатҳи дониши назариявии донишҷӯ муайян карда шавад.

Дар боби минбаъда донишҷӯ роҷеъ ба баррасӣ ва таҳлили мавзӯъ тариқи таҷрибагузаронихои лабораторӣ, ҷустуҷу ва пажуҳишҳо маълумоту натиҷаҳои заруриро молик мегардад.

**3. Хулоса.** Муалифи кори курсӣ пешниҳоди матолиберо, ки гузориши онро дар муқаддимаи мавзӯъ салоҳ медонад, дар бахши асосии кор онро баррасӣ, таҳлилу тавсиф мекунад, натиҷаҳоро ботаҷрибаҳо исбот намуда, муқоисаву санҷиш мегузаронад. Ҳаҷми хулоса вобаста ба корҳои иҷрошуда на камтар аз 2 саҳифаро бояд ташкил кунад.

**4. Феҳристи адабиёти истифодашуда.** Пас аз анҷоми бахшҳои асосии кори курсӣ феҳристи адабиёти истифодашуда ҷойгир карда мешавад.

Иҷрои кори курсӣ аз фанни методикаи таълими биология қисми ҳатмии раванди тайёрии илмию методии омӯзгорони биология мебошад. Ин шакли мураккабтарини фаъолияти мустақилонаи тадқиқотии донишҷӯ буда, инчунин воситаи санҷиши тайёрии назариявӣ ва методии ӯ, ба фаъолияти касбии педагогӣ ифодагари қобилияти кор бо сарчашмаҳои соҳавӣ, мушоҳида, таҳлил ва омодагӣ ба таҷрибаи педагогӣ, гузаронидани тадқиқоти илмию педагогӣ дар доираи донишҳои педагогӣ аз рӯйи роҳнамоии омӯзгор мебошанд.

Яке аз вазифаҳои асосии кори курсӣ аз фанни методикаи таълими биология ташаккул додани малакаҳои ибтидоии тадқиқотӣ дар донишҷӯёни шуъбаи низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки онҳо метавонанд дар кори курсӣ натиҷаи фаъолияти амалии худро тадбиқ ва

такмил диҳанд. Ҳангоми иҷрои кори курсӣ пеш аз ҳама, интихоби объект ва мавзӯи тадқиқот аст. Мавзӯи пешниҳодшудаи кори курсӣ метавонад, барои фаҳмидани ин масъалаҳои омӯхташаванда кӯмак расонад. Объекти тадқиқот раванди таълими биология дар МТМУ ҳангоми омӯзиши мавзӯи мушаххаси интихобшуда аз биологияи мактабӣ мебошад. Мавзӯи тадқиқот бо унвони мавзӯи кори курсӣ алоқаманд буда, ба мундариҷаи он нигаронида шудааст.

Якчанд мисолро муоина менамоем.

1. Мавзӯъҳои корҳои курсӣ: методикаи омӯзиши мавзӯи "Биотехнология дар тиб","Биотехнология дар соҳаи кишоварзӣ", " Қонуниятҳои меросгузории аломатҳо", "Системаҳои экологӣ", "Биосфера", "Омилҳои экологӣ" ва ғайраҳо.
2. Дигар мавзӯи кори курсӣ: методикаи омӯзиши мавзӯи "Хок ва аҳамияти он барои рустаниҳо. Муҳофизати хок зимни тадқиқи муносибати босалоҳиятнокӣ"».
3. Объекти тадқиқот: раванди таълими биология дар МТМУ зимни омӯзиши "Таркиби хок ва намудҳои он".
4. Мавзӯи тадқиқот: имконияти истифодаи методи муқоиса барои таҳлили намудҳои хоки Тоҷикистон.
5. Пас аз муайян кардани объект ва мавзӯи тадқиқот вазифаҳои он аз инҳо иборат буда метавонад: муайян кардани моҳияти мафҳуми омӯзиш;
6. таҳлили барномаҳо ва китобҳои дарсӣ аз фанни ботаника барои синфҳои 5-6 ;
7. Омӯзиши вазъи масъала дар назария ва таҷрибаи МТМУ;
8. Санҷиши таҷрибавии самаранокии методҳо, воситаҳо ва шаклҳои таълим;
9. Таҳияи меъёрҳои фаъолият;
10. Таҳияи маводҳои дарс, инчунин супоришҳо барои омӯзиш ва санҷиш.

Мисоли дигар, омӯзиши мавзӯи муносибати инфиродӣ ба хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Реша ва навъҳои он» вазифаҳои зерини тадқиқотиро гузоштан мумкин аст:

Омӯзиши адабиёти психологӣ, педагогӣ, методӣ ва муайян кардани методҳои татбиқи муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар раванди таълим.

Мушоҳидаи дарсҳо доир ба мавзӯи «Реша ва навъҳои он», ки дар он истифодаи методҳои муносибати инфиродӣ ба хонандагон ба роҳ монда мешавад ва таҳлили дарс, инчунин дар ҷараёни дарс кори инфиродии якчанд хонандагони синфро мушоҳида кардан аз аҳамият холӣ нест.

Ҳалли мушкилоти пешниҳодшуда ба истифодаи методҳои гуногуни тадқиқоти педагогӣ алоқаманд аст, ки дар байни онҳо таҳлили назариявии адабиёт оид ба мавзӯи кори курсӣ мавқеи хоса дорад.

Ҳангоми таҳияи қисми назариявӣ ва амалии кори курсӣ баҳодиҳӣ карда мешавад:

1. Таҳияи дурусти нақшаи иҷрои кори курсӣ.
2. Омӯхтан ва таҳлил намудани адабиётҳои илмӣ оид ба мавзӯи тадқиқшаванда.
3. Таҳлили вазъи таълими мавзӯъ, фан дар таҷрибаи МТМУ.
4. Ташкилу баргузории кори амалӣ дар МТМУ роҷеъ ба мавзӯи кори курсӣ.
5. Хулоса ва натиҷагирӣ аз қисми назариявӣ ва амалии кори курсӣ.
6. Интихоби дуруст ва усулҳои истифодаи адабиётҳои истифодашаванда.

Дар баъзе донишгоҳҳо навиштани рисолаи хатм барои ҳама ҳатмӣ нест. Ин яке аз шаклҳои кори ниҳоии тахассусӣ мебошад, ки ҳамчун имтиҳони давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Дар шароити низоми кредитии таҳсилот навиштани рисолаҳои хатм ҳатмӣ ҳисобида мешавад. Дар фармони «Аттестатсияи ниҳоии давлатии хатмкунанда" санҷиш омодагии касбии омӯзгорони оянда аз намудҳои зерин иборат аст:

- имтиҳони ниҳоӣ аз фанҳои тахассусӣ;
- имтиҳони ҷамъбастии байнифаннӣ аз рӯйи самт (ихтисос);
-ҳимояи корҳои хатмии тахассусӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ муайян карда шуда.

Ба донишҷӯ ҳуқуқ дода мешавад, ки мавзӯи рисоларо мустақилона интихоб намояд. Вай инчунин метавонад мавзӯи худро ба асоснокии имконпазирии иҷрои кори таҳқиқотӣ пешниҳод намояд. Ҳангоми омода кардани кори хатми тахассусӣ ба донишҷӯ аз ҳисоби устодони кафедра роҳбар ва мушовир таъин карда мешавад [5.6.7].

Бояд гуфт, ки дар нақшаҳои таълимии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба таъмин намудани тайёрии касбии омӯзгорониояндаи фанҳои табиатшиносӣ, ки онҳо соҳиби донишҳои амиқи назариявии соҳавӣ ва маҳорату малакаҳои касбии педагогӣ соҳиб мегарданд ба ташаккул додани малакаҳои фаъолияти мустақилонаи илмӣ диққати махсус дода шудааст.

Ба ташаккули сифатҳои касбию методии омӯзгорониояндаи биология бештар тадқиқотҳои илмӣ, илмӣ-методии олимони соҳаи педагогика ва методикаи таълим мусоидат

мекунанд. Барои навиштани рисолаи хатмкунӣ бо баробари азхудкунии донишҳои назариявии педагогӣ, инчунин таҷрибаи кори устодон ва кормандони МТМУ, шинос шудан ба таҷрибаи пешқадам, инноватсияҳои педагогӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти интихоби варианти беҳтарини онҳо муҳим аст.

Барномаи таълимии донишгоҳ тадбиқи натиҷаҳо аз кори озмоиш ҳангоми иҷрои рисола, баргузоргардиҳоро пешбинӣ мекунад. Мавзӯи рисола барои тасдиқ ба омӯзгорон пешниҳод карда мешавад ва ба донишҷӯ пеш аз фиристодани ӯ ба таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дода мешавад.

Мутобиқи низомномаи навиштани рисолаҳои хатмкунӣ, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шудааст мутахассисон бояд дар заминаи омӯзиши мустақилона ба таҳияи рисолаи хатм оид ба масъалаҳои назариявӣ, илмӣ ва методии масоили фаъолияти касбии педагогӣ омода бошанд.

Таҳия, тадбиқ ва ҳимояи рисола инҳоро дарбар мегирад:

- азхуд намудани методологияи таҳқиқоти педагогӣ дар соҳаи таълими табиатшиносӣ, умумият ва баёни мантиқии мавод.
- ба низом даровардан, амиқсозӣ, тавсия ва муттаҳидсозии донишҳои назариявӣ аз фанҳои гуногун, татбиқи онҳо барои ҳалли масоили амалӣ ва касбӣ;
- такмили минбаъдаи малакаҳои кори мустақилона;

Азбаски рисола яке аз шаклҳои тадқиқот дар соҳаи таълими табиатшиносӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ин хусусиятҳои он аз рӯйи хусусиятҳои тадқиқоти илмии соҳавӣ муайян карда мешавад. Ба рисолаи хатм тамоми хусусиятҳои тадқиқоти илмӣ хос аст.

Вобаста ба такмил додани афзалиятҳо дар соҳаи маориф ва алалхусус дар таълиму тадриси фанни биология, зарурати иҷро намудани вазифаҳои нави он, муносибати инфиродӣ ба хонандагон, мураккабшавии мазмуни он, ҷустуҷӯ ва татбиқи технологияҳои пешрафти таълим, дарёфти роҳҳои самарабахши он ба миён меояд. Дар шароити ҳозира МТМУ варианти нақшаи таълимиеро таҳия ва интихоб мекунад, ки хизматрасониҳои иловагии таълимӣ ва технологияи муосири таълимро дар онҳо ҷорӣ намояд. Омӯзгор ҳуқуқ дорад, метод ва технологияи таълимии худ, курсҳои факултативӣ ва ғайраро таҳия ва пешниҳод намояд. Ҳалли самараноки проблемаҳои муҳими фаннӣ на танҳо ба таҷрибаи кори омӯзгор, балки ба қобилияти ҷустуҷӯи илмии ӯ вобаста буда онҳо зарурияти тадқиқоти педагогиро ба миён меоранд. Мақсади таҳқиқоти илмии педагогӣ андӯхтани донишҳои нави боэътимод дар бораи равандҳои таълиму тарбия, ошкор намудани моҳият, қонуниятҳои объективӣ ва робитаи байни онҳо мебошад. Чунин донишҳо имкон медиҳанд, ки раванди таълим бошуурона идора карда шавад ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ кафолат диҳанд [6.7.8].

Ҳамин тавр, мақсади рисолаи хатмкуниро ҳамчун ҷустуҷӯи илмӣ, ба даст овардани донишҳои нави соҳаи методикаи таълими биология дар шакли тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ ва методи асосноккардашуда, технологияҳои нави дарс, лоиҳаҳои дарсҳо, корҳои берун аз синфӣ, маҳфилҳои биологӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Дар ин маврид ҷустуҷӯ бо пайдарпаии амалҳои мантиқӣ анҷом дода мешавад, ки ба натиҷаҳои нави боэътимод оварда мерасонад. Дар илм дар бораи чӣ тавр инкишоф додани тадқиқоти илмӣ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Ин аз он сабаб аст, ки ҳар як масъалаи тадқиқотӣ мушаххас буда, мантиқи хоси худро дорад. Аз ин рӯ, аз муҳаққиқ эҷодкориро тақозо мекунад, аммо баъзе аз вариантҳои иҷрои онро метавон нишон дод. Аз ҷумла, се марҳилаи тарҳрезии мантиқии тадқиқот вуҷуд дорад:

Марҳилаи аввал ин муайянсозии масъала, мавзӯъ ва дастгоҳи илмии кори таҳқиқотӣ аст, ки онро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: *масъала – мавзӯъ – объект – предмет – далелҳои илмӣ – консепсияи ибтидоӣ – ғоя ва консепсияи пешбар – фарзия – ҳадафҳои тадқиқот*. Категорияхои интихобшуда дар айни замон хусусияти методии тадқиқот мебошанд.

Марҳила дуввум бо истифода аз таҳлили асосҳои назариявӣ-илмии масъала, интихоб ва баргузории таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ бо истифодаи методҳои илмии тадқиқотӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо.

Марҳилаи сейум, ки он ба натиҷаи кори таҳқиқотӣ муталик аст. Ин гузаронидани баромадҳо (дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорони биология, озмоиши педагогӣ, семинарҳо бо донишҷӯён ва ғ.), навиштани мақолаҳо, рефератҳо, тарҳрезии минбаъд дар амал татбиқ намудани натиҷаҳоро дарбар мегирад. Дар матни рисола қадамҳои мантиқии марҳилаҳои интихобшуда тавсиф карда мешаванд.

Тавсифи асосии рисолаи хатм. Марҳилаи кори тадқиқотӣ аз интихоби объекти тадқиқот оғоз мегардад, яъне он соҳаи воқеиятро (таълими биология), ки дар он мушкилоти муҳим ҷамъ шудаанд ва ҳалли онҳо муносибати илмиро тақозо мекунад. Дар рисолаҳои хатм

объекти таҳқиқот аз рӯйи талаботи кори озмоишӣ аз муайянсозии зиддиятҳо, проблемаҳои соҳаи таълими биология оғоз карда мешавад, ки барои ҳалли онҳо дар методологияи илмӣ ҷавобҳои тайёр мавҷуд нестанд. Ҳамин тавр, мушкилоте ба миён меоянд, ки тадқиқоти илмиро тақозо менамоянд.

Яке аз меъёрҳои асосии мавҷудияти мушкилот мавҷудияти зиддиятҳои ба таври объективӣ мавҷудбуда мебошад, ки бо роҳи тадқиқоти илмӣ ҳал карда мешаванд. Асоси ҳар як масъалаи илмиро зиддияти байни дониш, талаботи ҷомеаву натиҷаҳои озмоишӣ дар ҳалли мушкилоти муайяни методӣ ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ташкил медиҳанд. Дар тадқиқоти илмии рисола зиддиятеро, ки мушкилотро муайян мекунад, вобаста бо талаботи тараққиёти худи илм низ муайян кардан мумкин аст.

Ба ҳар сурат, шарти зарурии пешниҳоди мушкилот амиқсозии аҳамияти бартарафсозии он аст, яъне зарурати ҳал кардани он рушди минбаъдаи методикаи таълими биологияро ҳамчун илм ва таҷрибаи таълими биологияро дар бар мегирад. Тазоди мушкилот бояд бевосита ё бавосита мавзӯи тадқиқотро инъикос намояд. Дар навбати худ, мавзӯъ бояд ҳам мушкилотро инъикос намояд ва ҳам мушаххас бошад. Мазмуни тадқиқотӣ бояд ба мавзӯи он тобеъ гардонда шавад. Мавзӯи рисолаи хатм аксар вақт аз ҷониби мушовири илмӣ таҳияву пешниҳод карда мешавад, гарчанде худи донишҷӯ низ метавонад, онро пешниҳод кунад [2.8.9].

Вазифаи донишҷӯ аз он иборат аст, ки аҳамияти мавзӯъро асоснок намояд, объекти масъаларо муайян созад ва мушкилотро мураттаб намояд. Тартиб додани мушкилот аз инҳо иборат буда метавонад: муҳимияти мавзӯи тадқиқот, мақсад ва ҳадафҳои пажуҳиш, навгониҳои тадқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, методҳои тадқиқ, сохтори рисолаи хатм ва ғайра.

Тавре ки зикр гардид, кори тадқиқотӣ аз интихоби объекти тадқиқот оғоз мешавад. Аз ин рӯ, дар тавсифи кори ниҳоии тахассусӣ категорияҳо ба монанди объект ва мавзӯи тадқиқот муайян карда мешаванд. Объекти тадқиқот, чун қоида, раванде мебошад, ки новобаста аз субъекти маърифат вуҷуд дорад ва кори тадқиқотӣ ба он нигаронида шудааст. Мавзӯи тадқиқот ин муносибат ба объектест, ки мавриди омӯзиши махсус қарор дорад.

Вобаста ба вижагиҳои тадқиқот, объекти таҳқиқотро чунин ифода кардан мумкин аст: раванди таълими биология (ботаника, зоология, анатомия...) дар МТМУ (дар синфҳои тахассусӣ, аз рӯйи фанҳои интихобӣ, дар корҳои берунисинфӣ). Мавзӯи тадқиқот маҷмӯи методҳо (мақсадҳо, мазмун, методҳо, шаклҳо, воситаҳои таълим, робитаҳои мунтазами онҳо) барои ташкили такрори ниҳоӣ, тарбияи эстетикии донишомӯзон ҳангоми омӯзиши мавзӯи мушаххас, тарҳрезии курси факултативӣ ва ғайра мебошад.

Мушкилот ва предмети таҳқиқот ҳадаф ва вазифаҳои онро муайян мекунанд.

Ҳадафи тадқиқот ин фароҳам овардани фаҳмиши маълумотнок дар бораи натиҷаҳои умумии кори ҷустуҷӯӣ озмоишӣ мебошад.

Татбиқи мақсади умумӣ бо роҳи мушаххас гардонии он дар шакли маҷмӯи вазифаҳои тадқиқотӣ ва ҳалли онҳо сурат мегирад. Аз ин рӯ, он минбаъд дар маҷмӯи вазифаҳои таҳқиқотӣ таҳия карда мешавад. Барои намуна:

- таҳлили назариявии адабиёти психологию педагогӣ, методии биология ва матбуоти даврӣ (дар мавзӯи тадқиқот);

-таҳлили ҳуҷҷатҳои барномавӣ, китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

-омӯхтани вазъи проблемаи тадқиқшаванда дар амалияи кори МТМУ ;

- тарҳрезӣ кардани консепсияи назариявӣ ва методӣ дар асоси технологияи мувофиқи таълим;

-тадбиқи методҳои таҳқиқотӣ;

-гузаронидани санҷиши озмоишии тавсияҳои таҳияшуда ва ғайра.

Қадами навбатӣ дар мантиқи тадқиқот таҳияи фарзияи илмии он мебошад.

Фарзияи тадқиқот ин натиҷаҳои тахминии интизоршавандаи иҷрои кор мебошад. Дар ибтидо фарзия тахминан мураттаб карда мешавад ва дар ҷараёни тадқиқотӣ он такмил меёбад. Сипас, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда нишон дода мешаванд ва бо он муайян карда мешаванд, ки бояд дастурҳо, лоиҳаҳои дахлдор тартиб дода, дар амал санҷида мешаванд. Муқаррароти дифоъ навгониҳои рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии онро, ки қаблан дар илми методика ё озмоиши педагогӣ номаълум буд, муайян мекунанд. Онҳо мантиқан ва мухтасар таҳия шуда, ҳамзамон бояд бо далелҳо исботшуда, асосноку боэътимод бошанд.

Ҳамаи ҷузъҳои дар боло зикргардидаи корҳои илмии тадқиқотии назариявӣ ва методӣ дар соҳаи таълими биология бояд бо ҳам пайвасти мантиқӣ ва мувофиқ бошанд.

Чун қоида, мавзӯи рисола бо назардошти кори курсии қаблан иҷрошуда низ интихоб карда мешавад ва он имкон медиҳад, ки рисола дар доираи васеъ ва эҷодкорона ба анҷом расонида шавад, аммо ин бе коркард ва ғанигардонӣ кори курсиро дар рисола рӯйбардор кардан қобили қабул нест. Рисола он хулосаҳои асосии кори курсиро дар бар гирифта, метавонанд, ин барои фаъолияти илмии минбаъдаи донишҷӯ-хатмкунанда ҳамчун манбаи мавод хизмат мекунад.

Нақшаи намуначорабиниҳоро барои таҳияи рисола ба таври зайл пешниҳод кардан мумкин аст:

**Сохтори рисолаи хатм**

Рисолаи хатм аз муқаддима, қисми асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Ба масъалаи мазкур роҳбари илмӣ донишҷӯро зимни таҳияи нақшаи рисолаи хатм ошно месозад. Ҳар як қисми сохтор аз донишҷӯ мустақилона иҷро намудани масъаларо талаб менамояд. Ин бахшҳои сохтори кори илмӣ-тадқиқотии донишҷӯ дар навбати худ ҳадаф ва мақсадҳои муайян доранд. Муқаддимаи рисолаи хатм чунин ҳадафҳоро дар бар мегирад:

а) Гузориши масъала;

б) Муҳиммияти мавзӯи тадқиқ;

в) Мақсад ва ҳадафҳои пажуҳиш;

г) Навгониҳои кор;

д) Дараҷаи омӯхташудани мавзӯъ;

е) Методҳои таҳқиқ;

ё) Сохтори рисолаи хатм.

Қисми рисола метавонад аз якчанд боб иборат бошад. Дар Низомномаи соҳа мавҷудияти ҳадди аққал на камтар аз ду боб таъкид карда мешавад.

Ба сифати намуна сохтори боби якуми рисолаи хатмро дар мавзӯи “Робитаи байнифаннӣ дар раванди таълими биология” пешниҳод менамоем:

Муқаддима. “Робитаи байнифаннӣ дар таълим” ном дорад, ки таркиби он ба тариқи зайл мебошад:

§1.1. Аз таърихи амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ дар таълими биология

§1.2. Моҳият ва вазифаҳои робитаи байнифаннӣ

§1.3. Навъҳои дарсҳо бо амалигардонии робитаи байнифаннӣ.

§1.4. Дарси ҳамгироӣ ҳамчун воситаи амалисозии робитаи байнифаннӣ

Ба ҳамин монанд боби дуюми рисола аз фаслҳо ва зерфаслҳо иборат буда метавонад. Ҳар як боб муқаддима ва хулосаи мухтасари худро бояд дошта бошад.

Хулосаи сохтори рисолаи хатм низ сохтори махсуси худро дорад. Масалан, муаллиф бояд дар хулоса зикр намояд, ки ӯ ба ҳалли кадом масъалаҳои гузошташуда то кадом дараҷа муваффақ шудааст ва ё ин ки дар рисолаи пешниҳодшуда кадом боб ё фасли кор тавзеҳу тафсилоти иловагиро тақазо менамояд. Ба таври дигар, ӯ нишон медиҳад, ки:

-кадом проблемаҳо ҳалли худро бо пуррагӣ ёфтаанд:

- кадом проблемаҳо бо чӣ сабабҳо қисман иҷро шудаанд:

-кадом проблемаҳо бо чӣ иллат дар рафти баррасии мавзӯъ ҳал нашудаанд;

-кори иҷрошуда нисбат ба корҳои иловагӣ чӣ афзалияти илмию амалӣ дорад;

Феҳристи адабиёти истифодашуда низ сохтори хосаи худро дорад. Зимни ба тартиб даровардани он адабиёти марбут ба манбаи корро ҷудогона ва адабиёти назариявиро дар банди алоҳида бо тартиби алифбо дарҷ кардан мумкин аст.

Ба таври расмӣ феҳристи адабиётро ба чор бахш ҷудо мекунанд:

1. Қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ
2. Адабиётҳои илмӣ
3. Адабиётҳои бадеӣ
4. Адабиётҳои иловагӣ

Дар рисолаи хатм истифодаи маводҳои ҳисоботи хизматӣ, маълумотҳои оморӣ агар интишор шуда бошад, иҷозат дода мешавад [8.9].

**Талабот ба навиштани муқаддима**

**Муқаддима.** Ин бахши рисолаи хатм дар заминаи мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои асосии кор навишта мешавад ва он бештар хусусияти назариявӣ дорад. Ҷузъҳои таркибии мукаддимаро ба таври зайл шарҳу тавсиф медиҳем:

**а) Гузориши масъала.** Муаллиф дар ин бахш таъкид мекунад, ки мавзӯи мавриди назар пурра ё қисман аз ягон ҷиҳат омӯхта нашудааст, бинобарин, таҳқиқи он зарурат ҷой дорад.

**б) Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар ин ҷуз рисоланавис аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаи тадқиқро қайд мекунад. Ба рисоланавис имконият дода мешавад, ки агар рисола хусусияти техникӣ, технологӣ ва иқтисодиро молик бошад, аз ҳисоби ҷорӣ намудани он

корхона ё муассиса метавонад фойда ба даст орад, ки ин ҷиҳатро низ зикр кардан шарт мебошад. Баръакс, агар кор хусусияти гуманитарӣ дошта бошад, натиҷаҳои он бояд аз ягон ҷиҳат ба беҳдошти ҳаёти маънавии одамон мусоидат кунад.

**в) Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш.** Муаллиф дар ин қисмати муқаддима исбот мекунад, ки ҳалли мавзӯъ аз ягон ҷиҳат ба кушодани гиреҳҳои сарбастаи мушкилоти ҷомеа (дар бахши иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ) мусоидат менамояд. Агар домани мавзӯъ фаррох бошад, муаллиф ҳалли ягон паҳлӯи онро ҳамчун ҳадафи тадқиқ қарор медиҳад.

**г) Навгониҳо.** Дар ин ҷузъ доир ба умумияти мавзӯи тадқиқ бо мавзӯъҳои илмиии ба он монанд сухан ронда, ҳамзамон афзалияти мавзӯи пажуҳишро дар натиҷаи ҷорӣ намудани навгониҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ зикр мекунад. Навгониҳо аҳамияти илмӣ ва қимати амалии корро боз ҳам баландтар менамояд.

**д) Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ.** Яке аз қисматҳои муҳим ва ҳаҷман калонимӯкаддима дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ маҳсуб меёбад. Дар он рисоланавис пиромуни масъалаи мавзӯъ, ки аз тарафи муҳаққиқони дигар аз ин ё он ҷиҳат омӯхта шудааст, маълумот медиҳад. Гузориш муаллиф дар ин бахш ба хусуссияти хронологӣ, аналитикӣ ва муқоисавӣ бояд молик бошад.

**е) Методҳои тадқиқ.** Дар ин қисми мӯкаддима донишҷӯ аз методҳои объективӣ ва субъективии тадқик вобаста ба фанне, ки аз он пажуҳиш бурда мешавад, зимни баррасии масъала ба таври мухтасар ёдовар мешавад. Масалан, аз методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, таҷрибавӣ ва амсоли инҳо истифода бурда метавонад.

**ё) Сохтори рисолаи хатм.** Муаллиф оид ба ҳар як бахши рисола фишурдаи маълумот ва масъалаҳои дар кор баррасӣишударо ба таври мухтасар баён мекунад.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки ҳаҷми умумии мӯкаддима бо ҷӯзъҳои таркибии он барои ихтисоси равияи гуманитарӣ-ҷамъиятӣ:

-барои рисолаи хтм 6-8 саҳифа;

-барои рисолаи магистрӣ 10-12 саҳифа.

Барои ихтисосҳои равияи табиӣ- риёзӣ:

-барои рисолаи хатм то 4 саҳифа;

-барои рисолаи магистрӣ то 8 саҳифа

Рисолаи ба анҷомрасида бо имзои муаллиф ба роҳбари илмӣ пешниҳод карда мешавад. Тавсия дода мешавад, ки донишҷӯ ин корро на дертар аз се ҳафта пеш аз саршавии аттестатсияи хатм анҷом диҳад.

Рисолаи хатм дар якҷоягӣ бо тақриз ба мудири кафедра супурда мешавад ва дар асоси он маводҳо рисолаи омодакардаи донишҷӯ бо қарори ҷаласаи кафедра ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Дар Низомномаи аттестатсияи давлатии ниҳоии хатмкунандагон қайд карда шудааст, ки имтиҳони ниҳоии байнифаннӣ ва ҳимояи рисолаи хатми тахассусӣ ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки онҳо курси пурраи таҳсилро бо супоридани ҳамаи санҷишу имтиҳонҳои дар нақшаи таълимии пешбинишударо иҷро намудааст ва барномаҳои таълимии донишгоҳро бомуваффақият аз худ намудааст [8].

**Хулоса,** марҳилаи азхудкунии донишҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои касбӣ, ки инкишофи минбаъдаи шахсият ва эҷодкориро таъмин менамояд, дар тайёр кардани ҳар як омӯзгори фаннӣ марҳилаи зарурист. Ин марҳила, пеш аз ҳама, маҳорати эҷодиро ташаккул медиҳад, ки он бе омодагии методӣ ғайриимкон ва хеле душвор мегардад.

Ташаккули маҳорату малакаи корҳои илмӣ-методӣ ва тадқиқотӣ бештар дар раванди фаъолияти асосии омӯзгори оянда сурат мегирад.

Тартиб додани кори тадқиқотӣ ва муаррифии он вобаста ба шаклҳои фаъолияти таълимӣ, дарсҳои амалӣ, корҳои мустақилонаи таълимӣ, маърӯзаҳо, рефератҳо, кори курсӣ, иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ, дифои рисолаи хатм ва ғайраҳо амалӣ гардонида мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев В.И. Эвристическое программирование учебно-исследовательской деятельности. / В.И. Андреев – М.: Высшая школа, 1981. – 240 с.
2. Анисимов Н.М. Теоретические и экспериментальные основы технологии обучения студентов изобретательской и инновационной деятельности: дис. д- ра пед. наук / Н.М. Анисимов.-М., 1999.-574 с.
3. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования./ О.А. Абдуллина – М.: «Просвещение», 1984. – 208с.
4. Абульханова – Славская К.А. Деятельность и психология личности. / Абульханова – К.А. Славская – М.: «Наука», 1980. – 336 с.

5. Андреев В.И. Эвристическое программирование учебно-исследовательской деятельности. / В.И. Андреев – М.: Высшая школа, 1981. – 240 с.
6. Арбузова Е. Н. Общая методика обучения биологии. / Е. Н. Арбузова // Курс лекция. Омский государственный педагогический университет. 2010.
7. Верзилин Н.М., Корсунская В.М. Общая методика преподавания биологии. 3-е изд. / Н.М.Верзилин -М. Просвещение.1976.-384 с.
8. Низомнома оид ба тарзи таҳияи кори курсӣ ва рисолаи хатм дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2013.
9. Стандарти давлатии таълими таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.06.2006, №372.
10. Сердобинцев В.Я. Научная работа студентов одно из важных условий формирования мировоззрения и профессиональной подготовки // Система учебно-воспитательной работы в педагогическом институте как условие совершенствования качества подготовки специалистов. – Саратов, 1972. – С. 93-100

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҲИЯ КАРДАНИ КОРҲОИ КУРСӢ ВА РИСОЛАИ ХАТМ

*Аҳамияти тадқиқот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фаъолияти илмию тадқиқотии омӯзгорони оянда дар раванди анҷом додани корҳои курсӣ ва рисолаи хатми донишҷӯён дар донишгоҳи омӯзгорӣ мебошад.*

***Мақсади мақола:*** *ташаккули фаъолияти илмию тадқиқотии донишҷӯён дар раванди анҷом додани корҳои курсӣ ва рисолаи хатм .*

***Натиҷаҳои тадқиқот:*** *тарзи навишти кори курсӣ ва рисолаи хатм ва мушкилоти он пешниҳод шудааст.*

***Калидвожа:*** *муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, фаъолияти таълимӣ, фаъолияти тадқиқотӣ, кори курсӣ, рисолаи хатм, донишҷӯ, метод, усул.*

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ В ПРОЦЕССЕ ПОДГОТОВКИ КУРСОВЫХ И ДИССЕРТАЦИИ

*Значение исследования теоретико-методической основы формирования исследовательской деятельности будущих учителей в процессе выполнения курсовых и диссертационных работ студентов педагогического вуза.*

***Цель статьи:*** *формирование исследовательской активности студентов в процессе выполнения курсовых и выпускных работ.*

***По результатам исследования*** *предложены методика написания курсовую работу, выпускную работу и ее проблемы.*

***Ключевые слова:*** *общеобразовательные учреждения, воспитательная деятельность, научно-исследовательская деятельность, курсовые работы, выпускные работы, студенты, методы, методы.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE ORGANIZATION OF SCIENTIFIC-RESEARCH ACTIVITY OF FUTURE TEACHERS IN THE PROCESS OF PREPARATION OF COURSE WORKS AND DISSERTATIONS

*The significance of the study of the theoretical and methodological basis for the formation of the research activity of future teachers in the process of completing term papers and dissertations of students of a pedagogical university.*

***The purpose of the article***: *the formation of research activity of students in the process of completing term papers and theses.*

***According to the results*** *of the study, how to write a term paper and a dissertation and its problems.*

***Keywords:*** *educational institutions, educational activities, research activities, term papers, theses, students, methods, methods.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Баротзода Камолиддин Ашур*** *–номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Суроға 730043 ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 121, Тел: (+992) 987180562;*

***Сведение об авторе:***

***Баротзода Камолиддин Ашур –*** *кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии Таджикского*

*государственного педагогического университета имени С. Айни Адрес 730043 ш. г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, тел: (+992) 987180562;*
***About the author:***
***Barotzoda Kamoliddin Ashur** - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Address 730043 sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 121, tel: (+992) 987180562;*

**УДК: 372.853**

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ВА МЕТОДҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ ОН

***Ибрагимова М.А., Умаров У.С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Ба ақидаи Ш. Амонашвили мафҳуми «арзёбӣ» фаъолиятеро дар назар дорад, ки барои муқаррар намудани мутобиқати натиҷаҳои таълим ба талабот ва мақсадҳои таълимие, ки барнома муқаррар кардааст, нигаронида шудааст [2, с. 12]. И.Ю. Муштавинская [20] чунин таъкид кардааст: «арзёбии раванди таълиму натиҷаҳои маърифат яке аз проблемаҳои муҳими методика ба ҳисоб меравад ва ҳалли он имкон медиҳад, ки методу воситаҳои таълим таҳлилу баррасӣ карда шаванд. Натиҷаҳои арзёбӣ бояд хонандагонро ба фаъолияти хуби маърифатӣ ҳавасманд созанд. Арзёбӣ вазифаҳои назоратӣ, тарбиявӣ ва таълимиро иҷро менамояд [3, 8, 14, 18]. Ҳамзамон, тамоми вазифаҳои арзёбиро тибқи Стандарти давлатии таҳсилот ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: ба хонандагон нигаронидашуда (ангезанда, самтдиҳанда, танзимкунанда, иҷозатдиҳанда, тарбиявӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, ташкилӣ) ва ба омӯзгор нигаронидашуда (ташхисӣ, пешгӯйикунанда, ҳадафҳо) [21]. Дар баробари мафҳуми «арзёбӣ» мафҳумҳои «ташхис», «назорат» ва «мониторинг» низ истифода мешаванд.

Истилоҳи «ташхиси педагогӣ» бори нахуст аз тарафи К. Ингекамп барои ифода кардани ҷараёни мушоҳидаи раванди таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор муайян кардани заминаҳои зарурӣ, шароитҳои татбиқи самараноки ғояҳои педагогӣ, таҳлили натиҷаҳои онҳо, таҳлили рафтори хонандагон ва ғайра истифода шуда буд [10].

Дар Энсиклопедияи педагогӣ «ташхиси педагогӣ» ҳамчун «маҷмӯи роҳҳо ва методҳои арзёбии дастовардҳои таълим муайян карда шудааст, ки баҳри такмил додани раванди таълим, метод ва шаклҳои кор бо хонандагон, истифода мешавад» [19, с. 123].

Назорати дастовардҳои таълим ҳамчун методи муқоисакунии натиҷаҳои ба даст овардашуда бо натиҷаҳои пешбинишуда, ки дар барномаи таълим нишон дода шудааст, ба ҳисоб меравад [1, с.112].

Дар методикаи «пеш аз ислоҳот» (то соли 2000) дар амалияи педагогӣ мафҳуми «санҷиши дониш» ба таври анъанавӣ истифода мешуд [14, 18]. Тахти ин мафҳум арзёбии мутобиқати натиҷаҳои ба дастомадаи таълим (дониш, малака ва маҳоратҳои ташаккулёфта) ба натиҷаҳои дар барномаҳои таълим [19, с. 198] пешбинишуда фаҳмида мешуд. Дар доираи тадқиқоти мо санҷиши дониш, малака ва маҳоратҳои амалӣ, ташхис, назорат ва мониторинг ҳамчун ҳолатҳои махсуси ташкили як раванди ягона – арзёбии натиҷаҳои таълим, муоина карда мешавад.

Дар адабиёти муосири педагогӣ пас аз ҷорӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилот мафҳумҳои арзёбии ҷамъбастӣ (муайян кардани мутобиқати дониш, малака ва маҳоратҳои амалии хонандагон ба стандартҳои муқаррааргардида) ва арзёбии ташаккулдиҳанда ба амалияи педагогӣ ворид гардиданд.

Мавзӯи тадқиқотии мо таҳлилу баррасии методи арзёбии ташаккулдиҳандаи дастовардҳои таълимии хонандагон аз фанни физикаи синфҳои VII-XI дар заминаи ҷорӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилот мебошад. Дар пажӯҳиши мазкур имкониятҳои арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлилу баррасӣ карда мешаванд.

Стандарти давлатии таҳсилот, ки салоҳият ва парадигмаи фаъолияти таълимро муайян мекунад, барои арзёбии дастовардҳои таълимӣ муносибати дигарро тақозо мекунад. Масъалаҳои арзёбии натиҷаҳои таълими фаннӣ ва метафаннӣ дар тадқиқоти М.А. Шаталов таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар баробари ин, ба арзёбии сатҳи ташаккулёбии фаъолияти универсалии таълимӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини натиҷаҳои таълими метафаннӣ диққати асосӣ дода мешавад [24, 25].

Стандарти давлатии таҳсилотро таҳлилилу баррасӣ намуда, муносибатҳои методологиро ба: фаъолияти маҷмӯӣ (системавӣ), меъёрӣ-самтдиҳанда, эргономӣ, алгоритмӣ ва рейтингӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои ин таҳлилҳо дар шакли ҷадвали муқоисавӣ (ниг. ба ҷадвали 1) пешниҳод карда шудаанд.

*Ҷадвали 1. Муносибатҳои методологӣ ба таҳлили Стандарти давлатии таҳсилот*

| **Муносибатҳои методологӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Фаъолияти маҷмӯи (системавӣ)** | **Меъёрӣ – самтдиҳанда** | **Эргономӣ** | **Алгоритмӣ** | **Рейтингӣ** |
| Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки шахсро пайваста бо фаъолияташ, ки дар робита ба ҷаҳони беруна зоҳир мегардад, баррасӣ намоем. Ҷузъиёти ҳар як маҷмӯъ (система) дар робитаи байниҳамдигарӣ ва рушди онҳо муоина карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки хосиятҳои комплексӣ ва маҷмӯи арзёбӣ карда шаванд. | Муносибати мазкур барои ноил шудан ба натиҷаҳои муайяни ниҳоии таълим аз рӯйи нишондиҳандаҳои аниқи пешакӣ муайяншуда, ҳамчун ҳавасмандгардонии ба шахсият нигаронидашудаи дастовардҳои инфиродии таълим, пешбинӣ шудааст. | Ин муносибат тибқи ғояи азхудкунии пурраи дониш, натиҷаҳои таълим ба пуррагӣ ва суръати азхудкунии иттилоот асоснок карда мешавад. | Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки ҳиссаи кори мустақилонаи хонандагон афзун гардад. Он ба рушди малакаҳои рефлексионӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон мусоидат мекунад. | Эҳсосоти манфии арзёбиро бартараф месозад, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастовардаи хонандаро нисбат ба дигар хонандагони синф, ё гурӯҳ муайян намоем ва аз арзёбии тасодуфӣ канорагирӣ кунем. |

Мундариҷаи ҷадвал имкон медиҳад, ки арзёбии воқеии натиҷаҳои таълими фанни физика, бо истифода аз ҳама муносибатҳои методии номбаршуда, дар ҳамбастагӣ таъмин карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки аксари масъалаҳое, ки аз вазифаҳои дар назди низоми арзёбӣ гузошташуда бармеоянд, ҳал карда шаванд, ба монанди:

•мунтазам таъмин намудани робитаи баръакс;

• ба имкониятҳо ва дастовардҳои воқеии ҳар як хонанда аз рӯйи мутаҳаррикӣ баҳо додан;

• сатҳи воқеии рушди соҳаи фанниро муайян намудан;

•худбаҳодиҳии хонандагонро ба натиҷаҳои ба дастовардаашон ташкил кардан.

Ҳалли масоили мураттабшуда имкон медиҳад, ки низоми баҳодиҳӣ ташкил карда шавад. Ҳини баҳодиҳӣ на танҳо донишу малакаву маҳоратҳои хонандагон ва фаъолиятҳои универсалии омӯзишии таҳияшуда бояд назорат карда шаванд, балки инчунин, дар раванди азхудкунии барномаи таълим натиҷаҳои банақшагирифташуда бояд таҳлилу баррасӣ карда шаванд. Аз ин мавқеъ, фаъолияти баҳодиҳӣ на танҳо ҳамчун фаъолият оид ба арзёбии дастовардҳои таълимӣ ҳисобида мешавад, балки мақсадҳои дигари тартиби баҳодиҳиро низ пешниҳод менамояд. Масалан, ташкили шароит барои ифодаи мавқеи субъективии хонанда дар раванди баҳодиҳӣ, инъикос кардани дастовардҳои таълимӣ ва ғайраҳо.

Ба ақидаи А.В. Иванов фаъолияти арзёбӣ барои ноил шудан ба се ҳадафи асосӣ мусоидат менамояд: муқоисаи натиҷаҳои омӯзиш дар давраи ҷорӣ ба натиҷаҳои қаблӣ; аз ҷониби хонанда муқоиса кардани натиҷаҳои таълимии худ ба натиҷаҳои таълимии шахси дигар; аз ҷониби хонанда муқоиса кардани натиҷаҳои омӯзишии худ ба стандарти муқарраршуда (стандарти таълимӣ, натиҷаҳои таълимии ба нақша гирифташуда) [9, с. 59].

Тартиби фаъолияти назорат ва арзёбӣ бояд тамоми вазифаҳои асосии санҷиш ва арзёбии натиҷаҳои таълимро инъикос намояд: «назорат, таълим, тарбия» [4], «инкишофдиҳӣ, таҳлилӣ ва ислоҳӣ, ҳавасмандкунанда» [6], «иттилоот» [23], «муқоисавӣ, пешгӯйӣ» [7], «ташхисӣ, самтгирӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ» [15], «идоравӣ» [5].

Дар тадқиқоти худ мо аз он вазифаҳои арзёбӣ истифода мебарем, ки ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот (ташхисӣ, ташкилӣ ва мундариҷа, таълим, инкишоф) комилан мувофиқат мекунанд ва ба ташаккулёбии дониш, малака, маҳорат, фаъолияти универсалӣ, инчунин ба муносибати арзишманд байни хонандагон мусоидат менамоянд. Дар баробари вазифаҳои зикршудаи арзёбӣ вазифаҳои тавлидкунанда, эҷодӣ, ташаккулдиҳандаро низ бояд қайд намуд.

Мафҳуми «ташаккулдиҳанда» дар ҷараёни тавсиф ва баррасӣ намудани хусусиятҳои чунин категорияҳо, ба монанди «парадигмаи ташаккулдиҳандаи таълим» [12] ё «педагогикаи шаклгирӣ» [17] зикр мегардад. Арзёбии ташаккулдиҳанда бо назардошти робитаи зичаш ба ҷараёни таълим ва кӯшишҳое, ки донишомӯзон барои ба даст овардани натиҷаҳо сарф кардаанд, гузаронида мешавад.

Истилоҳи «арзёбии ташаккулдиҳанда» дар педагогика соли 1967 аз ҷониби Майкл Скривен ворид карда шудааст. Хронологияи инкишофи онро дар педагогикаи ватанӣ муоина менамоем (ниг. ба ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2. Арзёбии ташаккулдиҳанда дар педагогикаи ватанӣ*

| **Насабу номи омӯзгор** | **Сол** | **Аҳамият** |
|---|---|---|
| Тӯрақул Ҷумъаев | 2016 | Баҳодиҳии аҳамиятнокии нақшаҳои таълим |
| Бобониёзова Гулчеҳра Амондуллоевна | 2017 | Воситаҳои баҳодиҳӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташкили раванди таълим |
| Раҷабов Умед Хушвакович | 2018 | Барои ҳамаи соҳаҳои фаннӣ татбиқшавандагӣ ва робитаи бевосита ба ҳадафҳои таълим |
| Ашуров Ашурмаҳмад | 2019 | Арзёбии фаъолияти хонандагон, бо мақсади ташкили робитаи баръакс дар раванди таълим ва омӯзиш |
| Сафаралӣ Авлиёқул | 2020 | Раванди ҷамъоварии маълумот дар бораи донишомӯз ва барои коркарди ҳал дар раванди таҳсил |
| Умаров Умар Сулаймонович | 2021 | Арзёбии раванди таълим се аҳамият дорад: аз як тараф он ба мушоҳидаҳои омӯзгор ва хонандагон асос меёбад; аз ҷониби дигар ба донишҳо оид ба раванди омӯзонидан ва омӯзиш такя мекунад; ва ниҳоят, он ҳамкорӣ ва муколамаи мақсадноки байни омӯзгору хонандагон ва байни худи хонандагонро тақозо менамояд. |

Зимни тадқиқот ошкор гардид, ки мафҳуми «арзёбии ташаккулдиҳанда» дар корҳои муаллифон Г.Б. Голуб ва И.С. Фишман истифода шудааст. Онҳо нишон медиҳанд, ки арзёбии ташаккулдиҳанда барои муайян кардани мушкилот дар таълим нигаронида шудааст [22]. Дар баъзе тадқиқот хусусияти асосии арзёбии ташаккулдиҳанда эҷоди робитаи байни хонанда ва омӯзгор зимни омӯзиш мебошад [20, 21]. Қайд карда мешавад, ки мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда беҳтар намудани натиҷаҳои таълим, баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, ташаккул додани дастовардҳои нави таълимӣ мебошад. Вазифаи муҳими арзёбии ташаккулдиҳанда ташаккул додани маҳоратҳои хонандагон дар соҳаи арзёбии дастовардҳои таълимии худ, ба нақша гирифтани фаъолияти таълимӣ аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Мутобиқати баҳодиҳӣ ба принсипҳои муайян дар ҳар як марҳилаи раванди таълим самаранокӣ ва сифати ташаккулёбии натиҷаҳои таълимии хонандагонро таъмин мекунад. Натиҷаҳои баҳодиҳии ташаккулдиҳанда барои муайян кардани роҳу шаклҳои нави таълим истифода мешаванд. Е.К. Михайлова арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳамчун ташаккулёбии сатҳи инфиродии сифати дастовардҳои таълимӣ барои ҳар як хонанда таҳлил мекунад [16]. Мо нуктаи назари ба фикри Е.К. Михайлова наздикеро пешниҳод менамоем, ки мувофиқи он арзёбии ташаккулдиҳанда ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки вай мақсадҳои таълимро муқаррар намояд, ба онҳо ноил гардад ва натиҷаҳои инфиродии фаъолияти таълимияш ташаккул ёбад [8].

Ҷамъбасти таҳлилу баррасии адабиёти ба мафҳум ва вазифаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда бахшидашуда имкон дод, ки муқаррароти зерин муайян карда шаванд:

**1. Ҷузъиёти ҳатмӣ:**

• гузоштани ҳадаф;
• амалигардонии робитаи баръакс ;
• ташкили фаъолияти худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар;
• якҷоя бо хонандагон таҳия кардани меъёрҳои арзёбӣ;
• ҷузъиёт ва муоширот;

**2. Вазифаҳои асосӣ:**

•баланд бардоштани масъулият барои ба даст овардани натиҷаҳо;
•арзёбии мутаҳаррики (динамикаи) дастовардҳо ва нокомиҳо дар таълим;
• амалигардонии фаъолияти худбаҳодиҳӣ ва мулоҳиза.

**3. Тавсифот:**

•таваҷҷӯҳ ба хонандагон;

•дастгирии раванди таълим аз ҷониби омӯзгор;
•арзёбии маҷмӯии (комплексии) натиҷаҳо;
•ташаккул додани раванди таълим;
•мусалсалӣ;
• бефосилагӣ.

**4. Марҳилаҳои гузаронидани арзёбии ташаккулдиҳанда:**

•таҳияи нақша ва амсиласозии тартиби арзёбии ташаккулдиҳанда;
•ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумоти озмоишӣ барои гузаронидани арзёбии ташаккулдиҳанда;
• таҳлили маълумот ва таҳияи тавсияҳо аз рӯйи натиҷаҳои маълумоти ба дастомада;
•ташкил ва фароҳам овардани шароит барои тафсири фикру мулоҳизаҳо.

**5. Хусусиятҳои ташкилу гузаронидани арзёбии ташаккулдиҳанда:**

• Ҳангоми амалигардонии арзёбии ташаккулдиҳанда меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ аз ҷониби танҳо омӯзгор муқаррар карда намешавад, балки дар доираи ҳамкории «омӯзгор ва шогирд» якҷоя таҳия карда мешавад;
•натиҷаҳои дар ҷараёни арзёбии ташаккулдиҳанда ба дастовардашудаи хонанда бо натиҷаҳои ба дастовардаи хонандагони дигар ё стандарти муқарраршуда муқоиса карда намешаванд, балки дар муқоиса бо дастовардҳои пештараи худи ҳамон хонанда аз рӯйи мутаҳаррикӣ баҳо дода мешаванд;
• дар ташкил ва гузаронидани тартиби баҳодиҳӣ худи хонандагон фаъолона иштирок мекунанд;
• ҳам натиҷаҳои таълим ва ҳам худи раванди таълим баҳо дода мешаванд;
• барои баҳодиҳӣ воситаҳои электронӣ истифода карда мешаванд;
• ҳуҷҷатгузорӣ, ба низом даровардан ва арзёбии мутаҳаррикии дастовардҳои хонандагон ҳатмист.

Таҳлили тадқиқоти гуногун имкон медиҳад, ки баҳодиҳиро ташаккулдиҳанда ҳисобем, агар дар тартиби ташкилу гузаронидани он унсурҳои зерин мавҷуд бошанд:

1. банақшагирии натиҷаҳои ташкилу гузаронидани арзёбӣ (муқаррар кардани ҳадафҳои арзёбӣ);
2. мавҷудияти маҷмӯи робитаи баръакс, яъне имконияти дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ ба хонандагон пешниҳод намудани иқдомҳои навбатии имконпазир барои тағйир додани натиҷаҳои таълим;
3. мавҷуд будани унсурҳои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии якдигар;
4. якҷоя бо хонандагон таҳия кардани меъёрҳои мушаххас, ки дар асоси онҳо хонандагон доир ба натиҷаҳои дастовардҳои таълимиашон мустақилона хулоса баровarda метавонанд.

Унсурҳои номбаршуда барои дигар амсилаҳои баҳодиҳӣ низ хосанд, вале арзёбии ташаккулдиҳанда хусусиятҳои фарқкунандаи худро дорад, ки асоси онро таваҷҷӯҳ ба ташаккул додани малакаҳои банақшагирии мустақилонаи хонандагон ва хударзёбии самаранокии фаъолияти таълимии худ, ташкил медиҳанд. Дар «Луғати педагогӣ», ки муаллифони он Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров ҳастанд, ба худбаҳодиҳӣ чунин таъриф дода шудааст: – «ин арзёбии шахс ба хислатҳои худ, сифатҳо ва камбудиҳои шахсӣ, мавқейи ӯ дар байни одамон мебошад. Худбаҳодиҳӣ метавонад воқеӣ, ретроспективӣ, оинавӣ, хаёлӣ (идеалӣ) (истинодӣ дар бораи худ), рефлексивӣ (аз нуктаи назари шахс, одамони гирду атроф ба ӯ чӣ гуна баҳо медиҳанд)» бошад [11]. Ҳангоми баҳодиҳии худ хонандагон дар бораи муваффақият ва камбудиҳои таълимии худ фикр мекунанд. Пас аз иҷрои супориш ҳар як хонанда кори худро бо ҷавоби дуруст муқоиса карда, аз рӯйи меъёрҳо баҳо медиҳад. Дар рафти ин гуна корҳо хонандагон нисбат ба дониш, маҳорату малака ва арзишҳои худ объективӣ буданро ёд мегиранд. Муайян карда шудааст, ки яке аз сабабҳои дар таълим ақиб мондани хонандагон аз нуктаи назари интиқодӣ баҳо дода натавонистани натиҷаҳои фаъолияти таълимии онҳо мебошад. Вазифаҳои асосии худбаҳодиҳӣ инҳоянд:

•муқаддимавӣ – ҳангоми гузаронидани худназораткунӣ, баҳо додан ба фаъолияти худ (кадом маводи пешниҳодшуда азхуд карда шудаасту кадомаш ҳанӯз ба таври кифоя азхуд нашудааст);
•ҳавасмандкунанда (чиро омӯхтан мехостам, чиро фаҳмидан мехоҳам);
•тарҳрезикунанда (барои он ки минбаъд ба мушкилот дучор нашавам, ман бояд ҳатман такрор кунам...).

Дар амалияи педагогӣ барои ташкили арзёбии ташаккулдиҳанда якчанд муносибат истифода мешаванд. Таҳлили ин муносибатҳо дар ҷадвал оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 3).

*Ҷадвали 3. Муносибатҳо ба ташкили арзёбии ташаккулдиҳанда*

| Омӯзгор - тадқиқотчӣ | Марҳилаи 1 | Марҳилаи 2 | Марҳилаи 3 |
|---|---|---|---|
| Ҷумъаев Т. | Муайян кардани талаботи хонандагон ва меъёрҳои пешрафт | Ташкили фаъолияти самаранок дар дарс, ба вуҷуд овардани робитаи баръакс, ки пешрафти хонандагонро таъмин менамояд | Фаъол намудани кори хонандагон дар гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо; ташкил кардани фаъолияти худбаҳодиҳӣ ва арзёбии байниҳамдигарии хонандагон; ба хонандагон фаҳмонидани он, ки онҳо худашон ташкилотчии раванди таълим мебошанд |
| Бобониёзова Г.А. | Муайян намудани ҳадафҳо ва табдил додани онҳо ба натиҷаҳои ченшавандаи омӯзиш, муайян кардани сатҳи зарурии дастовардҳо ва интихоби стратегияҳои арзёбӣ | Интихоб ва татбиқи методҳои мувофиқи таълим | Гузаронидани арзёбӣ ва муайян кардани он, ки оё натиҷаҳои банақшаги-рифташуда ба даст оварда шудаанд ё на |
| Ашӯров А.Ҳ. | Муайян кардани натиҷаҳои мавзӯъ ва мета-мавзӯъ, ки баҳо дода мешаванд | Муайян кардани меъёрҳои баҳодиҳӣ аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон | Муайян кардани низоми баҳодиҳӣ |
| Сафаралӣ Авлиёқул | Муайян кардани натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи таълим | Ташкили фаъолияти хонандагон барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда | Ҳамбаста кардани раванди ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда бо робитаи баръакс |
| Умаров У.С., Раҷабов У.Х. | Муайян намудани ҳадафҳои азхудкунии малакаҳои фаннӣ ва метафаннии хонандагон | Муайян кардани сатҳҳои дастовардҳои таълимӣ, барои ҳар як сатҳ муайян кардани меъёрҳо, интихоби воситаҳо ва методҳои зарурии баҳодиҳӣ | Амалигардонии фаъолияти худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар аз ҷониби хонандагон |

Муҳаққиқон Крылова О.Н. ва Бойсова О.Г. марҳилаи чорум – иловагиро ҷудо мекунанд, ки барои таҳлили маълумоти бадастомада, муайян кардани мушкилоти ҳар як хонанда ва интихоби технологияҳо, методҳо ва роҳҳои рушди минбаъдаи натиҷаҳои таълим зарур мебошад.

Пас аз омӯхтану таҳлили муносибатҳои гуногуни муҳаққиқон ба ташкили арзёбии ташаккулдиҳанда, фаъолияти омӯзгорро дар шакли алгоритм пешниҳод кардан мумкин аст:

•муайян намудани натиҷаҳои пешбинишавандаи таълим;

•муайян кардани меъёр ва нишондиҳандаҳои ба даст овардани натиҷаҳои таълим;

•интихоби методҳо ва роҳҳои арзёбӣ;

•ташкил кардани фаъолияти хонандагон барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи таълим ва дастгирии ин раванд бо ёрии робитаи баръакс;

•ташкил кардани фаъолияти худбаҳодиҳиву арзёбии мутақобилаи хонандагон ва амалӣ намудани рефлексия;

•таҳлили натиҷаҳои арзёбии таълим аз ҷониби омӯзгор ва танзими ҷараёни таълим.

... Дар асоси хусусиятҳои арзёбии ташаккулдиҳанда гуфтан мумкин аст, ки стратегияҳои арзёбии раванд афзалият дорад. Масъалаи методҳо ва роҳҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар осори муаллифони гуногун баррасӣ шудааст. О.Н. Крылова ва Е.Г. Бойсова дар дастури худ [13] таснифи методҳо ва роҳҳои арзёбии ташаккулидиҳандаро чунин пешниҳод мекунанд (ниг. ба ҷадвали 6).

*Ҷадвали 6. Таснифи методҳо ва роҳҳои арзёбии ташаккулдиҳанда.*

| Методҳо ва роҳҳои арзёбии ташаккулдиҳанда | | | |
|---|---|---|---|
| *Мувофиқи мақсадҳои истифодабарӣ* | *Мувофиқи вақти гузаронидан* | *Мувофиқи имкониятҳои истифодабарӣ* | *Аз нуктаи назари иштироккунандагони раванди арзёбӣ* |
| •арзёбии натиҷаҳои раванди таълим, •арзёбии раванди метамаърифат | •Дар ҷараёни таълим мунтазам истифодашаванда •Пас аз омӯзиши бахши муайян истифодашаванда | •Универсалӣ (арзёбии натиҷаҳои фаннӣ ва метафаннӣ) •Фаннӣ (арзёбии натиҷаҳои фаннӣ) | •Арзёбӣ аз ҷониби омӯзгор •Худбаҳодиҳӣ • Арзёбии ҳамди-гарии хонандагон • Арзёбии омехта |

Дар тадқиқоти худ Е.К. Михайлова технологияи арзёбии ташаккулдиҳандаи дастовардҳои инфиродии хонандагонро таҳия ва аз ҷиҳати методӣ асоснок кардааст, ки панҷ унсурро дарбар мегирад: мақсаднокӣ (мақсади баҳодиҳӣ), мазмуннокӣ (муҳтавое, ки бояд баҳо дода шавад), мурофиавӣ (роҳҳо ва ташкили тартиби баҳодиҳӣ), меъёрӣ (меъёр ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ) ва баҳодиҳӣ-самаранокӣ. Дар ҷараёни унсури мақсаднокӣ натиҷаҳои таълим ба нақша гирифта мешаванд, дар ҷараёни унсури мазмуннокӣ тамаркузи маводи таълим дар шакли «нуктаҳои гиреҳӣ» пешниҳод карда мешавад, ки барои ташаккул додани ақидаҳои воқеии хонандагон дар бораи предмети омӯзиш, падидаҳо ва воқеъият заруранд. Унсури мурофиавӣ бо алгоритми фаъолияти омӯзгору хонандагон тавассути варақаҳои робитаи баръакс ва харитаҳои дониш муаррифӣ карда мешавад. Маҷмӯи меъёрҳо ба ташкили робитаи баръакс мувофиқи равиши ба меъёр нигаронидашуда асос ёфтааст. Унсури баҳодиҳӣ – самарабахшӣ-и арзёбӣ ташкили назорати ҷорӣ ва мобайнӣ дар асоси равиши дар боло зикршударо дарбар мегирад [16].

Дар тадқиқоти Крылова О.Н., Бойцова Е.Г. [13] арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун алгоритми муқарраршудаи ҳамкории омӯзгор ва хонандагон дар ташкили фаъолияти таълимӣ, ки аз 9 марҳила иборат аст, пешниҳод карда шудааст:

1. банақшагирии пешакии натиҷаҳои таълим, ки барои хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои курс ё модул фаҳмоанд;
2. дар ҳамкорӣ бо хонандагон ба нақша гирифтани ҳадафҳои дарс, ҳамчун натиҷаҳои минбаъдаи корҳои таълимии хонандагон;
3. дар ҳамкорӣ бо хонандагон таҳия кардани вазифаҳои дарсҳо ба шакли мини-нақшаҳои амалигардонии фаъолияти таълимӣ ҳамчун иқдоми минбаъдаи фаъолияти маърифатии онҳо;
4. дар ҳамкорӣ бо хонандагон таҳия кардани меъёрҳои барои онҳо фаҳмои арзёбии фаъолияташон дар дарсҳо ва (дар ҳолати зарурӣ) – дар машғулиятҳои берунисинфӣ;
5. ба фаъолияти хонандагон дар дарс аз рӯйи меъёрҳои таҳиякардашуда баҳо додан, ташкил кардани арзёбии байниҳамдигарии онҳо ва шароити худбаҳодиҳӣ;
6. ҳангоми машғулиятҳои таълимӣ ташкил кардани тартиби баҳодиҳӣ ва робитаи баръакс: омӯзгор-хонанда ва хонанда-хонанда;
7. муқоиса кардани дастовардҳои таълимии хонандаи мушаххас бо натиҷаҳои дастовардҳои илмии ҳамин хонанда дар давраи гузашта;
8. дар асоси натиҷаҳои дастовардҳои таълимӣ, ки зимни арзёбии ташаккулдиҳанда ошкор шудаанд, муайян кардани масири таълимии хонанда дар ҷараёни ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ ҳангоми фаъолияти минбаъдаи маърифатӣ;
9. дар асоси натиҷаҳои баҳогузории дастовардҳои таълимӣ зимни арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлилу дуруст кардани масири таълимӣ барои ҳар як хонанда.

Таҳлили таърифҳо ва хусусиятҳои арзёбии ташаккулдиҳанда имкон медиҳад ба хулоса оем, ки арзёбии ташаккулдиҳанда ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим мебошад, ки дар он хонанда субъекти фаъолияти таълимӣ ва арзёбӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорону хонандагон натиҷаҳои азхуд намудани фанни физикаро тавассути дарки ғояҳои пешбаранда ва дастурҳои арзишӣ-маъноии он дар асоси робитаи баръакси байни ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни таълим таҳлилу баррасиву баҳогузорӣ мекунанд.

**Хулоса**, арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун унсури ҳатмии фаъолияти омӯзгор ҳисобида мешавад, зеро он табиатан ҳавасмандкунанда буда, ба раванди гузоштани ҳадафҳо ва банақшагирии дарс алоқаманд аст. Арзёбии ташаккулдиҳанда имкон медиҳад, ки дар ҳамкорӣ бо хонандагон меъёрҳои баҳодиҳӣ муқаррар ва тавсиф карда шаванд, ки ин хонандагонро ба раванди арзёбии дастовардҳои таълимии худ ҷалб намуда, ҳавасмандии эшонро ба фаъолияти маърифатӣ бештар мекунад, мутаҳаррикии комёбиҳои таълимии хонандагонро инъикос менамояд. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба хонандагон ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳӣ амалҳои худро ислоҳ намоянд; фаъолияти худбаҳодиҳии хонандагонро ташаккул медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Азимов Э. Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – М.: Издательство ИКАР, 2009. – 448 с.
2. Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников: Экспериментально-педагогическое исследование/Ш.А. Амонашвили.–М.: Педагогика, 1984.–296 с.
3. Ананьев В. Г. Психология педагогической оценки / В. Г. Ананьев. – М., 1980.
4. Голуб Б. А. Основы общей дидактики. Учеб. пособие для студ. пед. вузов / Б.А. Голуб. - М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1999. - 96 с.
5. Ефремова Н.Ф. Тестовый контроль в образовании: учебное пособие / Н.Ф. Ефремова. - М.: Университетская книга; Логос, 2007. - 386 с.
6. Загвязинский В. И. Теория обучения: Современная интерпретация: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.И. Загвязинский. – М.: Издательский центр «Академия», 2001. – 192 с.
7. Звонников В. И. Современные средства оценивания результатов обучения: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В.И. Звонников, М.Б. Челышкова. – М.: Издательский центр «Академия», 2007. - 224 с.
8. Ибрагимова М.А. Тағйирёбии нақши омӯзгору хонандагон ва методҳои таълим зимни татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми омӯзиши физика/М.А. Ибрагимова, У.Х. Раҷабов, У.С. Умаров//Маводи конференсияи илмӣ – методии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши илмҳои табиӣ-риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар» бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», инчунин ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар.-Душанбе: ДДОТ, 2022. С. 16-19.
9. Иванов А.В. Школьная оценка: какая есть сегодня и какой она должна быть завтра? / А.В. Иванов // Директор школы. - 2009. - № 7. - С. 59-60.
10. Ингекамп К. Педагогическая диагностика / К. Ингекамп. – М.: Педагогика,1991. – 240 с.
11. Коджаспирова Г.М. Педагогический словарь для студентов высших и средних учебных заведений / Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. – М.: Академия, 2003. – 63 с.
12. Колесникова Л.И. Совместное проектирование как фактор развития профессиональной компетентности преподавателей педагогического колледжа: автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01 / Л. И. Колесникова. - Иркутск, 2002. - 21 с.
13. Крылова О.Н. Технология формирующего оценивания в современной школе: учебно-методическое пособие/ О. Н. Крылова, Е. Г. Бойцова. – СПб: КАРО, 2015. – 128 с.
14. Лернер И. Я. Качества знаний: пути их определения и обеспечения в учебном процессе. / Результаты новых исследований в педагогике. М., 1977. – С. 53-63.
15. Майоров А.Н. Мониторинг в образовании / А.Н. Майоров.– М.: «Интеллект-центр», 2001. – 424 с.
16. Михайлова Е.К. Технология формирующего оценивания как средство обеспечения качества индивидуальных учебных достижений школьников: дис....канд. пед. наук. – Братск, 2013.-164 с.
17. Орехова Н. В. Педагогические условия развития личностной спонтанности старшего школьника: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Н. В. Орехова. - Иркутск, 2002. - 22 с.
18. Перовский Е.И. Проверка знаний учащихся в средней школе / Е.И. Перовский. – М.: Издательство АПН РСФСР, 1960. – 512 с.
19. Российская педагогическая энциклопедия: В 2 тт./ Гл. ред В.В. Давыдов.– М.: Большая Российская энциклопедия, 1998. – 672 с. Т.2 – М-Я - 1999.
20. Современная оценка образовательных достижений учащихся: методическое пособие /Науч. ред.: И.В. Муштавинская, Е.Ю. Лукичева. – Санкт-Петербург: Каро, 2015. – 304 с.
21. Успенский В.Б. Вы ставите оценку / В.Б. Успенский // Ярославский Педагогический Вестник, 2003
22. Фишман И. С. Формирующая оценка образовательных результатов учащихся/ И. С. Фишман, Г.Б. Голуб: методическое пособие. - Самара: Издательство «Учебная литература», 2007. - 244 с.
23. Хуторской А. В. Современная дидактика: учеб. пособие / А. В. Хуторской. - 2-е изд., перераб. - М.: Высш. шк., 2007. - 639 с.

## АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ВА МЕТОДҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ ОН

*Дар пажӯҳиши мазкур имкониятҳои арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Истилоҳи "арзёбии ташаккулдиҳанда" дар педагогика соли 1967 аз ҷониби Майкл Скривен ворид карда шудааст. Хронологияи инкишофи он дар педагогикаи ватанӣ дар мақола пешниҳод карда шудааст.*

*Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда беҳтар намудани натиҷаҳои таълим, баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, ташаккул додани дастовардҳои нави таълимӣ мебошад. Вазифаи муҳими арзёбии ташаккулдиҳанда ташаккул додани маҳоратҳои хонандагон дар соҳаи арзёбии дастовардҳои таълимии худ, ба нақша гирифтани фаъолияти таълимӣ аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада мебошад.*

*Хусусиятҳои ташкилу гузаронидани арзёбии ташаккулдиҳанда:*

*• ҳангоми амалигардонии арзёбии ташаккулдиҳанда меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ аз ҷониби танҳо омӯзгор муқаррар карда намешавад, балки дар доираи ҳамкории «омӯзгор ва шогирд» якҷоя таҳия карда мешавад;*

*•натиҷаҳои дар ҷараёни арзёбии ташаккулдиҳанда ба дастовардашудаи хонанда бо натиҷаҳои ба дастовардаи хонандагони дигар ё стандарти муқарраршуда муқоиса карда намешаванд, балки дар муқоиса бо дастовардҳои пештараи худи ҳамон хонанда аз рӯйи мутаҳаррикӣ баҳо дода мешаванд;*

*• дар ташкил ва гузаронидани тартиби баҳодиҳӣ худи хонандагон фаъолона иштирок мекунанд;*

*• ҳам натиҷаҳои таълим ва ҳам худи раванди таълим баҳо дода мешаванд;*

*• барои баҳодиҳӣ воситаҳои электронӣ истифода карда мешаванд;*

*• ҳуҷҷатгузорӣ, ба низом даровардан ва арзёбии мутаҳаррикии дастовардҳои хонандагон ҳатмист.*

*Таҳлили тадқиқоти гуногун ва андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадем, ки баҳодиҳиро ташаккулдиҳанда ҳисобидан имконпазир аст, агар дар тартиби ташкилу гузаронидани он унсурҳои зерин мавҷуд бошанд:*

*1. банақшагирии натиҷаҳои ташкилу гузаронидани арзёбӣ (муқаррар кардани ҳадафҳои арзёбӣ);*

*2. мавҷудияти маҷмӯи робитаи баръакс, яъне имконияти дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ ба хонандагон пешниҳод намудани иқдомҳои навбатии имконпазир барои тағйир додани натиҷаҳои таълим;*

*3. мавҷуд будани унсурҳои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии якдигар;*

*4. якҷоя бо хонандагон таҳия кардани меъёрҳои мушаххас, ки дар асоси онҳо хонандагон доир ба натиҷаҳои дастовардҳои таълимиашон мустақилона хулоса баровper метавонанд.*

*Унсурҳои номбаршуда барои дигар амсилаҳои баҳодиҳӣ низ хосанд, вале арзёбии ташаккулдиҳанда хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки асоси онро таваҷҷӯҳ ба ташаккул додани малакаҳои банақшагирии мустақилонаи хонандагон ва хударзёбии самаранокии фаъолияти таълимии худ, ташкил медиҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *арзёбӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, тадқиқот, мафҳум, худбаҳодиҳӣ, стратегия, ақида, метод, дониш, маҳорат, малака.*

## ФОРМИРУЮЩЕЕ ОЦЕНИВАНИЕ И МЕТОДЫ ЕГО РЕАЛИЗАЦИИ

*В данном исследовании анализируются возможности формирующего оценивания. Термин «формирующая оценка» в педагогике был введен в 1967 году Майклом Скривеном. В статье представлена хронология его развития в отечественной педагогике.*

*Анализ показывает, что целью формирующего оценивания является улучшение результатов обучения, повышение эффективности образовательного процесса, формирование новых учебных достижений. Важной задачей формирующего оценивания является формирование у учащихся умений оценивать свои учебные достижения, планировать учебную деятельность на основе полученных результатов.*

*Особенности организации и проведения формирующего оценивания:*

*• в процессе реализации формирующего оценивания критерии оценки учебных достижений не устанавливаются учителем единолично, а разрабатываются совместно учителем и учеником;*

*• результаты, достигнутые учеником при формирующем оценивании, не сравниваются с результатами, достигнутыми другими обучающимися или установленным стандартом, а оцениваются в динамике при сравнении с предыдущими достижениями данного ученика;*

*• сами обучащиеся принимают активное участие в организации и проведении процедуры оценивания;*

*• оцениваются как результаты обучения, так и процесс обучения;*

*• используются электронные инструменты оценки;*

*• обязательно производится документирование, систематизация и оценка в динамике достиженний учащихся.*

*Обобщая анализ различных исследований и мнений, мы пришли к выводу, что оценку можно считать формирующей, если в порядке ее организации присутствуют следующие элементы:*

*1. Планирование результатов оценки (постановка целей оценки);*

*2. Наличие набора обратной связи, то есть возможность предоставления учащимся следующих возможных шагов по изменению результатов обучения на основе результатов оценивания;*

*3. Наличие элементов самооценки и взаимной оценки;*

*4. Вместе с учащимися разработать конкретные критерии, на основании которых учащиеся могут самостоятельно делать выводы о результатах своих учебных достижений.*

*Эти элементы также являются общими для других форм оценивания, однако формирующее оценивание имеет свои отличительные черты, в основе которых лежит направленность на формирование у учащихся навыков самостоятельного планирования и самооценки эффективности своей учебной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *оценивание, формирующее оценивание, исследование, понятие, самооценка, стратегия, мнение, метод, знание, умение, навыки.*

## FORMATIVE ASSESSMENT AND METHODS OF ITS IMPLEMENTATION

*This study analyzes the possibilities of formative assessment. The term "formative assessment" in pedagogy was introduced in 1967 by Michael Scriven. The article presents the chronology of its development in Russian pedagogy.*

*The analysis shows that the purpose of formative assessment is to improve learning outcomes, increase the efficiency of the educational process, and form new educational achievements. An important task of formative assessment is to develop in students the ability to evaluate their learning achievements and plan learning activities based on the results obtained.*

*Features of organizing and conducting formative assessment:*

*• in the process of implementing formative assessment, the criteria for assessing educational achievements are not set by the teacher alone, but are developed jointly by the teacher and the student;*

*the results achieved by the student during formative assessment are not compared with the results achieved by other students or the established standard, but are evaluated according to the mobile principle in comparison with the previous achievements of the same student;*

*• • the pupils themselves take an active part in the organization and conduct of the assessment procedure;*

*• both learning outcomes and the learning process are evaluated;*

*• Use of electronic evaluation tools;*

*• Mandatory documentation, systematization and mobile assessment of student performance.*

*Summarizing the analysis of various studies and opinions, we came to the conclusion that an assessment can be considered formative if the following elements are present in the order of its organization:*

*1. Planning the results of the assessment (setting the objectives of the assessment);*

*2. The presence of a set of feedback, i.e. the ability to provide students with the following possible steps to change learning outcomes based on assessment results;*

*3. The presence of elements of self-assessment and mutual assessment;*

*4. Together with students, develop specific criteria on the basis of which students can independently draw conclusions about the results of their educational achievements.*

*These elements are also common to other forms of assessment, however, formative assessment has its own distinctive features, which are based on the focus on developing students' skills of independent planning and self-assessment of the effectiveness of their educational activities.*

***Keywords:*** *assessment, formative assessment, research, concept, self-assessment, strategy, opinion, method, knowledge, skill, skills.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Ибрагимова Маҳина Ашурхоловна*** *– унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.: (+992) 935 88 10 21.*

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.: (+992) 935 94 93 28.*

***Сведения об авторах:***

***Ибрагимова Махина Ашурхоловна*** *– соискатель кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 935949328.*

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– доцент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 935881021.*

***About the authors:***

***Ibragimova Mahina Ashurholovna*** *– Applicant of the Department of Methods of Teaching Physics of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935 88 10 21.*

***Umarov Umar Sulaymonovich*** *– docent of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini.*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935949328.*

# ИЗУЧЕНИЕ ТЕМЫ ВИТАМИНОВ ПРИ ПОМОЩИ КЕЙС МЕТОДА В 10 КЛАССЕ КАК СРЕДСТВА РАЗВИВАЮЩЕГО НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

***Чариева С.А.***

*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*

В современном обществе в котором идёт переход от индустриальной к информационной культуре, стоит задача подготовить личность соответствующим требованиям современного общества.

Постоянно развивающиеся общества требует от учителя подготовить человека с такими качествами как развитым научным мировоззрением, с широким кругозором и высоком интеллектом.

Научная мировоззрения является наиболее сильным побудителем и высшим регулятором в поведении и деятельности человека. Поэтому формировать и развивать научного мировоззрения учащихся является одним из актуальных проблем в процессе обучении. В научно-педагогических исследованиях вопросам формирования научного мировоззрения учащихся общеобразовательных школ уделяется не так много внимания, как этого требует современные условия. В связи с этим возникает необходимость разработки эффективных путей и методов развивающий научное мировоззрение учащихся. Учителю важно использовать в своей работе современные технологии и методы обучения. Наиболее эффективным средством формирования научного мировоззрения учащихся общеобразовательной школы обеспечивается использованием ряд комплексных воздействие:

-обеспечение развития познавательных и учебных интересов

-использование кейс-метода обучения учащихся приизучении химии

-использование индивидуальных заданий для самостоятельной работы учащихся

Нужен индивидуальный подход к учащимся с учетом их способностей и возможностей для формирования познавательный интерес и его развитие в процессе обучения. Одним из эффективных методов является кейс-метод.

В основе кейс-метода обучения находится деятельность учащихся , содержанием которой являются теоретические знания, следовательно они будут являться и её потребностью. Особенность этого метода в том, что он создает условия для осознания и осмысления обучающимся. Способствует повышению мотивации учащихся к изучению химической понятий, теорий, законов, химического языка и закреплению изучаемой темы.

Исходя из этого в данной работе предпринято возможность использования кейс-метода при изучении витаминов с целью развитии научного мировоззрения учащихся 10 класса . Для этого необходимо было решить следующие задачи:

-провести экспериментальное обучение учащихся 10 класса посредством кейс-метода на примере изучении витаминов.

-определить эффективность кейс-метода в процессе обучения химии в 10- классе как одним из методов развивающего научного мировоззрения.

Цель метода – каждая группа обучающихся совместными усилиями анализирует ситуацию и принимает решение. В результате организуется деятельность по оценке предложенных решений и выбор самого хорошего в контексте поставленной проблемы.

Для проведения эксперимента мы выбрали среднеобразовательные школы (СОШ) № 11, № 15 и № 82 района Рудаки. Норма классы химико-биологического направления использовались в качестве экспериментальной базы . В эксперименте участвовали 148 учащихся 10 класса.

Вначале ученикам предлагается ознакомиться содержанием предлагаемого кейса по теме витамины. Имеющийся информация недостаточно для того чтобы учащихся приняли решения. Поэтому ученик должен собрать материал по теме кейса ссилаясь на интернет источники, учебный материал, лексии и раздаточный материал которые предлагает учитель. После рассмотрения материала и анализа проблемы в классе идет обсуждение и высказывание своих мнений.

**Кейс по теме: Витамины.**

Витамины –это вещества , без которых жизнь человека невозможна. Многие витамины не синтезируется в организме и недостаток в них удовлетворяется за счет продуктов питания. Бывает что даже полноценный рацион, в состав которого входит свежие фрукты и овощи, не может обеспечить нас необходимым количеством витаминов. Это связано с тем при хранении кулинарной обработке значительная их часть разрушается . Неблагоприятная экологическая ситуация, значительные физические и психоэмоциональные нагрузки, различные заболевания, длительное применение антибиотиков могут существенно повысить потребность в витаминах. Исследования показывает – что более 50 %всего населения мира имеют дефицит витамина D.

**ЗАДАЧА**

1.Что такое витамины?

2. Какие водорастворимые витамины вы знаете ?

3.Зачем нужны витамины ?

4.Какова суточная потребность витаминов?

5.Роль жирорастворимых витаминов?

6.Почему его не хватает и что делать, чтобы восполнить его недостаток?

7. Почему пребывания на солнце может быть недостаточно?

8. Какие пищевые источники витамина D вы знаете?

**Цель:** Общая характеристика, состав и структура витаминов. Суточная норма и основная функция витаминов. Водоростворимые ($B_1$,$B_2$, $B_6$ , $B_{12}$, PP, C, P ) и жирорастворимые (A,D.E, K) витамины. Роль витаминов в укреплении здоровья человека.

Общая характеристика. Витамины - это низкомолекулярные органические соединения, которые необходимы в малых количествах для нормальной жизнедеятельности организма. При этом человеческий организм большинство таких веществ синтезировать не может, до недавнего времени он получал их только с пищей. Роль витаминов в обеспечении нормальной жизнедеятельности организма человека очень значительна. Они являются биокатализаторами химических реакций, происходящих при построении и постоянном обновлении живых структур организма и при регулировании обмена веществ. Витамины представляют собой группу разнообразных по строению химических веществ, принимающих участие во многих реакциях клеточного метаболизма. Они не являются структурными компонентами живой материи и не используются в качестве источников энергии. Большинство витаминов не синтезируется в организме человека и животных, но некоторые синтезируются микрофлорой кишечника и тканями в минимальных количествах, поэтому основным источником этих весьма важных для процессов жизнедеятельности веществ является пища. Потребность человека и животных в витаминах неодинакова и зависит от таких факторов, как пол, возраст влияние среды обитания.

–ученики должны установить проблему, к чему приводит нехватка витаминов и чем опасно передозировка

-Формулирование проблемы: Зависимость организма от витаминов. гипервитаминоз и гиповитаминоз

-Выдвижение гипотетических ответов на проблемный вопрос (мозговой штурм внутри малых групп).

-Проверка информации сюжета и других доступных источников (групповая работа).

-Обучающимся предоставляется кейс, в котором описывается общая характеристика витаминов и их специфические свойства, роль витаминов в обеспечении нормальной жизнедеятельности организма человека. Потребность человека в витаминах.

-Учитель предоставляет распечатки с информацией, объем которой не должен превышать 1 страницы. Работа может идти по учебнику.

-Презентация решения. Не более 3 минут на группу.

- хода решения кейса.

-Учитель задает вопросы.

Экспериментальная проверка эффективности кейс-метода при обучения химии показала, что её использование в процессе обучения химии способствует повышению уровня усвоения мировоззренческих идей и знаний, химическая грамотность, расширяет знаний и умения по химии, у учащихся формируется понимание связи между познанием действительности(следствием которого является теория) и её изменением, практикой. При этом теория обеспечивает познание мира, а практика учит эффективно на него воздействовать. Изучение познавательной активности, степень усвоения изучаемого материала и формирования научного мировоззрения показывает, что использование кейс-метода способствует повышение вышеуказанных способности учащихся. Полученные данные приведены в виды таблиц и диаграмм.

Для оценивания усвоения учебного материала мы использовали письменный метод. Письменный опрос позволяет на одном уроке оценивать знания всех учащихся. Для каждого класса подготовили контрольные работы состоящие из 10 задач средних по трудности, требующих поиска обоснованного ответа.

При выставление оценок, оценка «5» выставлялась если 1 ошибка, оценка «4» выставлялась если 2 ошибка, оценка «3» выставлялась если 4 ошибка и неудовлетворительно более 5 ошибок.

**Таблица 1.Оценка усвоения материала учащихся по теме «Витамины» до проведения эксперимента и после эксперимента**

| Оценка Усвоения материала | СОШ№ 11 10А(Э) | СОШ № 11 10Б (К) | СОШ№ 15 10А(Э) | СОШ№ 15 10Б (К) | СОШ № 82 10А (Э) | СОШ № 82 10Б (К) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| «5»-отлично % | 40 | 32 | 45 | 34 | 42 | 28 |
| «4»-хорошо % | 52 | 40 | 46 | 46 | 48 | 44 |
| «3»удовлетворительно % | 8 | 28 | 9 | 20 | 10 | 28 |




Ряд 1 «5»-отлично %

Ряд 2«4» - хорошо%

Ряд 3 «3»- удовлетворительно%

До эксперимента из 148 учащихся у 10% наблюдался высокая степень познавательных способности, у 52 % средней степень и низкая степень у 38 % в контрольных группах. У экспериментальных у 9% наблюдался высокая степень познавательных способности, у 51% средней степень и у 40% низкая степень соответственно.

После эксперимента учащихся контрольных групп у 12% наблюдался высокая степень познавательных способности, у 56 % средней степень и низкая степень у 32 %. Учащихся экспериментальных группах у 18% наблюдался высокая степень познавательных способности, у 61% средней степень и у 21% низкая степень соответственно.

**Таблица. 2 Получение данные в ходе изучение познавательной способности учащихся до и после эксперимента (%)**

| | Контрольная группа (до эксперимента) | Экспериментальная группа (до эксперимента) | Контрольная группа (после эксперимента) | Экспериментальная группа (после эксперимента) |
|---|---|---|---|---|
| Высокая степень познавательных способности | 10% | 9% | 12% | 18% |
| Средней степень познавательных способности | 52% | 51% | 56%: | 61% |
| Низкий степень познавательных способности | 38% | 40% | 32% | 21% |




Ряд 1 –с высоким степенем познавательной способности
Ряд 2 –с среднем степенем познавательной способности
Ряд 3 –с низким степенем познавательной способности

Использование кейс-метода способствует улучшению такие показатели как творческие способности, познавательные способности, сообразительность.

Полученные нами результаты показывает что при использовании кейс-метода
-формируется научного мировоззрения учащихся
-Формируется творческих способностей учащихся
-Формируется познавательных способностей
-Развивается навыков самостоятельной творческой деятельности
- развивается мышления и памяти обучающихся
- проявляется сообразительность
-развивается гибкости мысли
-появляется настойчивость преодолении трудностей
-развивается сообразительность

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бандаев С.Г .Применение кейс метода на уроках химии при формировании химической грамотности / Бандаев С.Г., Хасенова М.Т..//Республиканская научно-теоритическая конференция «Лидерство и менеджмент: современные тенденции развития теории и практики »-Алмата.Каз НПУ, 2019. - С.-22.
2. Шутова, И.В. Методика оценивания функциональной грамотности учащихся в процессе обучении химии.(текст):дис…канд.пед. наук: 13.00.02:защищена 19.06.03 /Шутова Ирина Владимировна.-СПб.,2003.-183с. –Библиогр.:С.151-169
3. Бандаев С.Г. Роль методической компетенции учителя в рамках обновленной программы обучения / Бандаев С.Г., Хасенова М.Т.//Международная научно практическая конференция «v глобальная наука и инновации 2019».Астана .2019.-46с.
4. Педагогика: учебное пособие/под ред. П.И.Пидкасистого.-М.: Педагогическое общество России, 2000.-640с.
5. Михайлова Е.А.Кейс и кейс-метод: общие понятия// Маркетинг.-1999-№ 1.-с.109-117
6. Красикова, Е.Н. Кейс-метод в структуре и содержании методической компетенции лингвиста – преподавателя; дис. Кан.пед.наук: 13.00.02/ Ставрополь, 2009.-177 с.

7. Красикова, Е.Н. Кейс-метод как дидактическое средство в условиях профессиональной подготовки в ВУЗе/ Красикова, Е.Н//Вестник Ставропольского государственного университета. Ставрополь.Изд-во СГУ, 2007.-Вып.53-С.55-61
8. Стародубцева, Е.А. Кейс-стади как современный метод профессионально–ориентированного обучения иностранному языку студентов и аспирантов экономических специальностей./ Стародубцева, Е.А.//Труды МГТА.2012.-№ 3.С.25-30
9. Аргунова,Т.Г. Применение кейс-метода в образовательном процессе и методические Применение кейс-метода в образовательном процессе и методической работе. ССУЗА. научно-метод. пособие/ Т.Г Аргунова.М. 2007.-104.

## ИЗУЧЕНИЕ ТЕМЫ ВИТАМИНОВ ПРИ ПОМОЩИ КЕЙС МЕТОДА В 10 КЛАССЕ КАК СРЕДСТВА РАЗВИВАЮЩЕГО НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

*С целью изучения эффективности кейс-метода, как современной технологий обучения химии был проведен эксперимент. В ходе эксперимента было изучена эффективность кейс-метода как средства формирования научного мировоззрения учащихся. Доказано что использование кейс-метод при обучении в среднеоброзовательных школах является очень эффективным. Использование кейс-метод даёт хорошие резултаты сравнением с традиционным методом обучении. Эксперимент был проведён в среднеобразовательных школах. Для проведения эксперимента были выбраны СОШ №11, СОШ № 15 и СОШ №82 района Рудаки. При эксперименте приняли участие учащихся 10 классов. Эксперимент проводили в естественных условиях учебного процесса. Полученные нами результаты показывает что при использовании кейс-метода:*

*-формируется научного мировоззрения учащихся*
*-Формируется творческих способностей учащихся*
*-Формируется познавательных способности*
*-Развивается навыков самостоятельной творческой деятельности*
*- развивается мышления и памяти обучающихся*
*- проявляется сообразительность*
*-развивается гибкости мысли*
*-появляется настойчивость преодолении трудностей*
*-развивается сообразительность*

***Ключевые слова:*** *кейс-технология, научная мировоззрения, процесс формирования научного мировоззрения, познавательный способность, условия формирования познавательной способности.*

## ОМӮЗИШИ МАВЗӮЪИ ВИТАМИНҲО БО ИСТИФОДА АЗ МЕТОДИ КЕЙС ДАР СИНФИ 10 ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ТАЛАБАГОН

*Бо мақсади омӯхтани самаранокии методи кейс ҳамчун технологияи муосири таълими химия эксперимент гузаронида шуд. Дар рафти таҷриба самаранокии усули кейс ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён омӯхта шуд. Муайян карда шуд, ки барои инкишоф додани ҷаҳонбинии илмӣ ва қобилияти маърифати истифодаи кейс-метод дар таълим хеле самарабахш аст. Истифодаи кейс-метод нисбат ба усули анъанавии таълим самараи хуб медиҳад.Тадқиқот дар мактабҳои миёнаи МТМУ №11, МТМУ №15, МТМУ №82 ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд. Дар тадқиқот 148 хонандаҳои синфи 10 иштирок кардаанд. Тадқиқот дар шароити табии протсесси таълим гузаронида шуд. Натиҷаҳои мо нишон медиҳанд, ки ҳангоми истифода бурдани кейс-метод*

*- ҷаҳонбинии илмии хонандагон*
*қобилияти эҷодкории хонандагон*
*- қобилияти маърифати*
*- малакаи фаолияти мустақилонаи эҷодиро*
*- тафаккур ва хотираи хонандагон*
*- заковати хонандагон*
*- устувории фикрро инкишоф медиҳад*
*- субаткорӣ ҳангоми бартарафсозии мушкилот*
*- қобилияти ақлонии хонандагон*

***Вожаҳои калидӣ;*** *кейс-технология, ҷаҳонбинии илмӣ, раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, қобилияти маърифати, шароити ташаккули қобилияти маърифат*

**STYDYING THE TOPIC OF VITAMINS USING THE CASE METOD IN GRADE 10 AS A MEANS OF DEVELOPING THE SCIENTIFIC OUTLOOK OF STUDENTS**

*In order to stady the effectiveness of the case metod as a modern technology for teaching chemistry, an experiment was carried out.During the experiment, the effectiveness of the case method was studied as a means of forming the scientific worldview of students.It has been proven that the use of the case method in teaching in secondary schools is very tffective.The use of the case method gives good results compared to the traditional teaching method.The experiment was carried out in secondary schools.The experiment involed students in grads 10. Our results that when using the cfse method*

*-the scientific worldview of students is formed*

*- formed by the creative abilinies of students*

*-cognitive ability is formed*

*- develops skillis of inlependet creative activity*

*- develops thinking and memory of students*

*- shows ingenuity*

*- develops flexibility of thought*

*-intelligence develops*

***Key words:****case-technology, scientific worldview, conditions for the formation of cognitive.*

***Сведение об авторе:***

***Чариева Саида Алламуратовна*** *- кандидат химических наук, преподаватель кафедры «Методика преподавания химии» Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр-т Рудаки, 121.*

***About the author:***

***Charieva Saida Allamuratovna*** *- PhD in Chemistry. Lecturer Department of Methods of Chemistry Tajik State Pedagogical University named after. S. Aini,. E-mail: Mokhodinjan@gmail.com Phone: (+992) 907095575*

**ТДУ: 371.32:802.0 (575.3)**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЛЕКСИКӢ ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Гадоев К.Х.***

*Донишкадави давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода*

***Шамсова Б.Қ.***

*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

Яке аз мушкилтарин масъалаҳои таълими забонҳои хориҷӣ ташаккули малакаҳои лексикии нутқ мебошад. Самаранокии ташаккули ин малакаҳо аз он пурра муайян карда мешавад, ки омӯзгор мавзӯи дарсиро то чи андоза босалоҳият ва пайваста пешниҳод мекунад, маҳорати педагогиро дар асоси қобилияти ташаккули раванди таълим мувофиқи қонуниятҳои ин раванд, бо принсипҳои асосии дидактикӣ истифода мебарад. Барои халли ин масъала пеш аз ҳама асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯёнро омӯхтан лозим аст. Барои ин мо асарҳои муаллифони гуногунро (Зимняя И.А., Салистра И.Д., Соловова Е.Н., Рогова Г.В., Пасов Е.И., Хуторской А.В., Иванова О.В., Миняр-Белоручев Р.К., Мухаева Н.М., Ростовцева В.М., Рубинштейн С.Л., Мачхелян Г.Г., Шамов А.Н., Шатилов С.Ф. ва дигарон) оид ба масъалаи ташаккули малакаҳои лексикӣ ва таълими лексика мавриди омӯзиш қарор додем ва онҳоро барои баррасии масъалаи таҳқиқ истифода намудем.

Яке аз мафҳумҳое, ки вақтҳои охир дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мавриди таҳқиқу омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст, «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» мебошад. Мафҳуми «салоҳият»-ро Н.Хомский соли 1965 (Донишгоҳи Массачусетс, ИМА) дар робита ба назарияи забон, ба грамматикаи трансформатсионӣ пешниҳод карда буд. Дар аввал салоҳият маънои қобилияти зарурӣ барои анҷом додани фаъолияти муайян, асосан забоншиносиро ба забони модарӣ дошт [14, с. 135]. Баъдтар ин мафҳум доираи истифодашро васеъ намуда, шарҳу тавсифи нав касб кард.

Қобили қайд аст, ки дар илми муосир таърифҳои дурусти мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» вуҷуд надошта, ҳар як пажӯҳишгар онҳоро ба таври гуногун шарҳ медиҳад. Сабаб он аст, ки истилоҳи «competence» (аз забони англисӣ –

қобилият, аз лотинии compens, compentis – қобилиятнок, донишманд) ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ якбора ду мафҳум – "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ"-ро касб кардааст. Ин аст, ки дар тафсири ин мафҳумҳо баъзе равишҳо вуҷуд доранд:

1) ин истилоҳоти синонимӣ баррасӣ ва истифода мешаванд;

2) мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд.

Муҳаққиқони тоҷик аз қабили Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, С.Э. Неъматов, олимони хориҷӣ Т. Орҷӣ, М. Халстед, Н. Хомский, инчунин мутахассисони рус Н.В. Баграмова, В.И. Байденко, Г. Белицкая, Л.И. Берестова, Е.В. Бондаревская, Н. Гришанова, А. Деркач, А.К. Маркова, Н.В. Мясищев, А. Палферова, В.В. Сериков ва дигар муаллифон мафҳумҳои «салоҳият», «босалоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро синоними якдигар медонанд. Дар доираи раванди таълим мафҳуми салоҳият/салоҳиятнокиро онҳо ҳамчун «маҷмӯи дониш, малака ва маҳорате, ки дар раванди таълими фанҳои муайян ташаккул меёбанд, инчунин қобилияти иҷрои фаъолияти муайян дар асоси дониш, малака ва маҳорати ба даст овардашуда» мешуморанд [3, с. 114].

Аммо дар муҳаққиқони рус (Б.В. Авво, И.А. Зимняя, Д.А. Мещеряков, А.В. Хуторская ва дигарон) мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Мувофиқи тафсири пешниҳодкардаи И.А. Зимняя, «салоҳият» — талаботи пешакӣ муайяншудаи тайёрии таълимии донишҷӯ, хусусияти нақши касбии ӯ, «салоҳиятнокӣ» – меъёри риояи ин талабот, дараҷаи азхудкунии салоҳият, хислатҳои шахсии инсон дониста мешавад [7, с. 169].

Агар дар бораи он сухан ронем, ки мафҳумҳои салоҳият/салоҳиятнокӣ чиро дар бар мегиранд, пас, ба гуфтаи А.В. Хуторский моҳияти мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» чунин аст [15, с. 58-64.]: «салоҳият» талаботи муайяни мушаххас оид ба тайёрии таълимӣ ва «салоҳиятнокӣ» ин сифати шахсиест, ки аллакай ба вуҷуд омада, соҳиб шудааст, аз ҷониби шахс соҳиби салоҳияти дахлдор, муносибат ба он ва субъекти фаъолият мебошад. Салоҳиятҳои таълимӣ бо равиши фардӣ-фаъолиятӣ ба таълим шарт карда мешаванд, зеро онҳо танҳо ба шахс дахл доранд, танҳо дар ҷараёни иҷрои маҷмӯи амалҳое, ки бо роҳи муайян тартиб дода шудаанд, зоҳир ва санҷида мешаванд. Салоҳият (аз лотинии compentia) маънои маҷмӯи масъалаҳоеро дорад, ки шахс дар онҳо хуб огоҳ аст, дониш ва таҷриба дорад. Салоҳиятнокӣ (аз лотинии competens (competentis) — муносиб, қобилиятнок) дар соҳаи муайян шахс дорои донишу малакаҳои мувофиқе мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ин соҳа оқилона доварӣ кунад ва дар он самаранок амал кунад [15, с. 61]. Ба гуфтаи Б.В. Авво, барои фарқ кардани умумият ва гуногунӣ истилоҳҳои аксаран синоними «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро фарқ кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, салоҳият маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқаманди шахсро (дониш, қобилият, малака, усулҳои фаъолият) дар бар мегирад, ки нисбат ба доираи муайяни объектҳо ва равандҳо таъин карда шудаанд ва барои фаъолияти босифати истеҳсолӣ нисбат ба онҳо заруранд. Дар ҳоле, ки салоҳият ин соҳиб шудан, доштани салоҳияти дахлдор аз ҷониби шахс, аз ҷумла муносибати шахсии ӯ ба он ва предмети фаъолият мебошад.

Салоҳиятнокӣ категорияи фаъолият буда, он танҳо дар фаъолияти муайян зоҳир мешавад, вале вазъияти мушаххас низ нақши муҳим дорад, зеро дар як соҳаи фаъолият, вале дар шароитҳои гуногун шахс метавонад салоҳияти худро нишон диҳад ё надиҳад.

Салоҳияти забонӣ (лингвистӣ) азхудкунии воҳидҳои нави забонӣ аз ҷониби донишҷӯён мувофиқи мавзӯъҳои лексикии интихобшуда, самтҳои муошират, малакаю маҳорати истифодаи ин воҳидҳоро ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар бар мегирад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дониш, малака ва қобилиятҳои забонии ретсептивӣ (хондан ва тафоҳум) ва репродуктивӣ (гуфтан ва навиштан) ба даст оранд.

Бархе аз муаллифон (Н.В. Баграмова, Д.В. Агапова ва дигарон) салоҳияти лексикиро ҷузъи салоҳияти забонӣ медонанд, муҳаққиқони дигар (Т.М.Балыхина, Р.В.Дражан, Н.Н.Игнатова ва дигарон) салоҳияти лексикиро қисмати салоҳияти забонӣ медонанд.

Азбаски салоҳияти лексикӣ дорои компонентҳои мотиватсионӣ-психологӣ (муносибати мусбӣ ба фаъолияти забони хориҷӣ, зарурати худомӯзӣ ва ғ.), лингвистӣ (донистани сарбории услубӣ ва фарҳангии лексикаи луғат ва ғ.) ва рефлексивӣ-баҳодиҳӣ (умқи арзишу баҳодиҳӣ) мебошанд, пас ҷараёни ташаккули он бояд мураккаб буда, тамоми ҷиҳатҳоро фаро гирад. Салоҳияти лексикӣ бо дигар салоҳиятҳо робитаи ногусастанӣ дорад, ки мавҷудияти онҳо бидуни соҳиби салоҳияти лексикии донишҷӯ имконнопазир аст. Ин салоҳият дар ташаккули тамоми салоҳиятҳои дигар кор мекунад.

Масъалаи аз худ намудани ҷанбаи луғавии нутқи хориҷӣ ва ташаккули салоҳияти лексикӣ пайваста таваҷҷуҳи ҳам муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб мекунад. Дар методологияи ҷаҳонӣ таълими забонҳои хориҷӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи худ масъалаи таълими ҷанбаи лексикӣ дар корҳои олимону муҳаққиқон аз қабили A. Bruton, J.

Coady, B.H. Douglas, N. Ellis, M. Hyde, M. Lewis, M.H. Long, Н.В. Баграмова, М.П. Базина, Л.В. Банкевич, Б.В. Беляев, М.А. Бурлаков, Е.С. Бутакова, В.А. Бухбиндер, Т.П. Карпилович, Р.К. Миняр-Белоручев, Н.М. Мухаева, Е.Н. Соловова, Е.И. Соловцова, Н.Г. Соловьева, Г. Харлов, А.Н. Шамов, С.Ф. Шатилов ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Лексика ё худ луғат дар баробари грамматика ва фонетика яке аз ҷанбаҳои муҳими омӯзиши забон ба шумор меравад. Захираи луғавӣ яке аз ҷузъҳои асосии муошират дар дарсҳои забони хориҷӣ ба шумор рафта, воситаи муҳимтарини он ҳисобида мешавад. Д.Э. Розентал дар луғати истилоҳоти забоншиносии худ чунин таърифи вожаро додааст: «Лексика (аз юнонӣ lexikos – ба калима тааллуқдошта, lexis – калима, ифода) маҷмӯи вожаҳо, яъне захираи луғавии забон аст» [12, с. 322].

Аз рӯи таъриф, В.А. Кондратьев, луғат асоси забон буда, шахсе, ки захираи зиёди воҳидҳои луғавӣ дорад, дар намудҳои гуногуни фаъолияти нутқ ягон душворӣ намебинад. Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаю донишгоҳ ё дигар муассисаи таълимӣ ақалияи луғавии муассисаи таълимӣ муайян мегардад, ки муҳассилин бояд дар ҳар як зинаи таҳсилот ҳаҷми муайяншударо аз худ намояд [8, с. 163].

Мафҳуми лексикаи азхудкунии забони хориҷӣ хеле муҳим аст, зеро маҳз лексика бо вазифаи номинативии худ мавзӯи бевоситаи фикрро интиқол медиҳад. Малакаҳои лексикии сифатан ташаккулёфта яке аз шартҳои муошрати бомуваффақият дар омӯзиши забони хориҷӣ буда, вайрон кардани меъёри лексикӣ-семантикӣ боиси хатогиҳои семантикӣ мегардад. Ин ҳолат нутқи донишҷӯёнро ҳангоми муошират номукаммал ё тамоман нофаҳмо мегардонад.

Бояд дар хотир дошт, ки масъалаи омӯзиши луғат яке аз душвортарин масъалаҳои назария ва амалияи таълими забони хориҷӣ мебошад. Раванди азхудкунии дониш, малака ва маҳорати луғавӣ аз ҷониби донишҷӯён маҷмӯи масъалаҳоеро дарбар мегирад, ки яке аз он бисёрҷабҳа будани калимаҳо мебошад.

Азхуд кардани забони хориҷӣ бе малакаҳои лексикӣ имконнопазир аст. Дар адабиёти методӣ маҳорати лексикиро ҳамчун «амали автоматикунонидашудаи интихоби воҳиди луғавӣ, ки ба нақша мувофиқ ва пайвастагии дурусти он бо воҳидҳои дигар дар нутқи маҳсулнок, дарк ва робитаи автоматии худ бо маъно дар нутқи қабулкунанда» маънидод шудааст [1, с. 278].

Малакаро ҷузъҳои автоматикунонидашудаи фаъолияти бошуурона иҷрошуда, ки тавассути машқ ва омӯзиш ташаккул меёбанд, фаҳмида мешавад (В.А. Крутецкий, Р.К. Миняр-Белоручев, Е.И. Пассов, А.В. Петровский, С.Л. Рубинштейн, С.Ф. Шатилов). Маҳорат дар навбати худ, ҳамчун «фаъолияти бошуурона, ки ба системаи амалҳои зери шуурнокӣ асос ёфтааст» (дониш → малака → маҳорат) баррасӣ мешавад [10, с. 57].

Вобаста ба ташаккули малакаи лексикӣ (луғавӣ), марҳилаҳои он, роҳҳои ташаккули малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои лексикӣ тадқиқотҳои зиёде анҷом ёфтаанд. Натиҷаи он бошад дар амалияи таълими забони хориҷӣ истифода шудаанд.

С.Ф. Шатилов ҷараёни ташаккули малакаи луғавиро ба се марҳилаи пайдарпай ҷудо мекунад:

1. Марҳилаи тахминӣ-омодагӣ. Марҳилаи муқаддимавӣ, семантизатсияи калимаи нав ва такрори ибтидоии он. Зарурати ин марҳила дар он аст, ки алоқаҳои мантиқӣ ва ассосиативии калимаи навро бо дониши пештараи донишҷӯён, таҷрибаи нутқии онҳо ҳарчи бештар такмил дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки воҳидҳои луғавии нав ба сохторҳои семантикии қаблан муқарраршуда такрор карда шаванд ва ба ин васила стереотипҳои нав зудтар инкишоф дода шаванд.

2. Марҳилаи стереотипсозӣ-вазъиятӣ. Марҳилаи таълими вазъиятӣ ва ба вуҷуд овардани алоқаҳои мустаҳкамкунии луғавӣ дар доираи додашуда дар як навъ ҳолатҳои нутқ. Дар ин марҳила ҷузъҳои доимии амали нутқ автоматӣ карда мешаванд. Як ҷузъи ҷудонашавандаи марҳила ҷузъи инъикоскунандаи фаъолият мебошад, ки ба шарофати он автоматизатсия дар асоси бошуурона ташаккул меёбад.

3. Марҳилаи вазъияти тағйирёбанда. Марҳилаи эҷоди пайвандҳои динамикӣ, лексикӣ, яъне омӯхтани воҳидҳои лексикии шиносро дар контекстҳои гуногун дар ҳудуди додашуда. Мақсади ин марҳила ташаккули минбаъдаи автоматикунонӣ ва чандирии маҳорат мебошад [19, с. 81].

Азхудкунии воҳидҳои лексикӣ қобилияти дарк кардан ва фаъолона истифода бурдани онро дар назар дошта шудааст, ки боиси робитаи зич байни малакаҳои лексикии қабулкунанда ва экспрессивӣ мегардад.

Дониши хуби воҳидҳои лексикӣ ва қобилияти истифодабарии онҳо рушд ва ташаккули афкорро дар забони хориҷӣ таъмин менамояд. Дар натиҷа маҷмӯи вазифаҳои коммуникативӣ амалӣ мегарданд.

Муаллифони дар боло зикршуда ба маҳоратҳои асосии лексикӣ инҳоро ворид мекунанд:

а) маҳорати истифодаи воҳидҳои лексикӣ дар тамоми шаклу вазифаҳои хоси онҳо;

б) маҳорати сохтани калима ва таркибҳои лексикӣ, ки қаблан дар таҷрибаи нутқ дучор нашудаанд;

в) маҳорати интихоб кардани воҳиди лексикӣ аз рӯи вазъият аз шумораи воҳидҳои ба ҳам зид, аз ҷиҳати маъно наздик.

Ба маҳоратҳои ёрирасони лексикӣ бошад инҳо дохил мешаванд:

а) маҳорати бошуурона татбиқ намудани донишҳои лексикӣ: огоҳӣ аз истифодаи «қоидаҳои лексикӣ» дар шакли васеъ ё парокандаи онҳо; муқоисаи гуногуни бошуурона бо забони модарӣ; ба хотир овардани таҷрибаи мусбати истифодаи калимаҳо дар омезиш бо дигар калимаҳо (қиёси бошуурона); ба хотир овардани таҷрибаи манфии истифода ва мувофиқати калимаҳо; дар зеҳн пайдо шудани образи дохилии калима ва пайвастани воҳиди лексикӣ бо дигар калимаҳо; дониши меъёрҳои калимасозӣ барои эҷоди калимаи мустақил;

б) маҳорати эҷоди мафҳумҳои категориявӣ дар сатҳи луғавӣ;

в) маҳорати перифразавии лексикӣ (қобилияти истифодаи маводи маҳдуди забонӣ барои ифодаи фикр);

г) маҳорати зуд ба хотир овардани калимаҳо (дар асоси пайвандҳои семантикӣ-ассоциативии калимаҳо) [6, с. 163].

Рафти таълими луғат аз малакаю маҳорати касбии ҳар як омӯзгор вобаста аст, аммо набояд фаромуш сохт, ки нақши интихоб ва истифодаи методҳои муосир аҳамияти калон дорад. Истифодаи воситаҳои мултимедӣ ва маводҳои аудиовизуалӣ дар азхудкунии лексикаи нав ва ғанигардонии захираи луғавии донишвӯён муҳим ва манфиатбахш мебошад. Ҳангоми фаҳмондани калимаю ибораҳои нав бояд методу воситаҳои гуногунро бо назардошти хусусияти маводи таълимӣ, ҳолати руҳию равонии донишҷӯён, шароиту вазъияти мушаххаси аудитория ва ғайра ба ҳамдигар пайваст намоем. Дар раванди шарҳ додани калимаҳои нав муаллим бояд бо ҳар роҳ тасаввуроти оқилонаи забонии донишҷӯёнро сафарбар намояд. Дар баробари ин кушишҳои «тахмини» беасоси донишҷӯёнро пешгирӣ кардан зарур аст.

Дар ҷараёни ба таври муташаккил ва дуруст шарҳ додани мазмуни калима, донишҷӯ бояд дарк мекунад, ки барои азхудкунии доимии ин калима заминаи боэътимод ба вуҷуд овардан зарур мебошад. Аз ин рӯ, шарҳ бояд дар айни замон таҳкими аввалиндараҷаи калима бошад. Ғанигардонии захираи луғавӣ дар ҷараёни хониш, инчунин ҳангоми иҷрои машқҳои махсус барои ин таҳиягашта сурат мегирад. Дар ибтидо барои мустаҳкамкунӣ аз чунин машқҳо истифода бурдан лозим аст. Масалан, тарҷумаи матни дорои калимаю ибораҳои нав ба забони модарӣ; аз калимаю ибораҳои нави дохили матн ҷумла сохтан; холигиҳои дохили матнро бо калимаю ибораҳои нав пур кардан ва ғайра. Дар дарсҳои минбаъда такрори калимаю ибораҳои азхудшуда хеле муҳим мебошад. Ба чунин навъи машқҳо дохил мешаванд: гурӯҳбандии калимаҳо ва ибораҳо барои хотира, тарҷумаи ҷумлаҳо ба забони хориҷӣ, муайян кардани ибораҳо [9, с. 96]. Дар ҳар як машғулият мунтазам дониши лексикии донишҷӯёнро санҷидан зарур аст. Барои ин пурсишҳои инфиродӣ ва фронталӣ, инчунин гузаронидани корҳои махсуси хаттӣ, ки пас аз анҷоми омӯзиши матн ё пас аз гузаштани мавзӯи муайян анҷом дода мешаванд, истифода мешаванд. Муаллим бояд аз донишҷӯён ташкили дафтарҳои махсуси луғатро, ки онро метавон пайваста барои такрори лексика истифода баранд, талаб кунад [13, с. 11].

Ҷанбаи муҳими навбатии омӯзиши лексикаи англисӣ ин доштани маҳорати махсуси омезиш кунонидани маҷмӯи калимаҳои англисӣ мебошад. Яъне, маҳорати як калима бо калимаи дигар, ки мафҳуми наве пайдо мешавад, истифода карда тавонистани калимаҳо дар шакли ибора ва амсоли инҳо ба боло рафтани салоҳияти лексикии донишҷӯён мусоидат менамояд. Омезиши калимаҳо чунин муайян карда мешаванд:

1. Омилҳои грамматикӣ, яъне мансубияти калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ. Дар забони англисӣ, инҳо метавонанд таркиби тобеъкунандаи ду исм бошанд a hotelroom, a carpark; истифодаи калимаи ёридиҳанда a friendofmine.

2. Омилҳои лексикӣ (луғавӣ) – дуруст интихоб кардани лексемаҳо: масалан, to speak briefly/warmly, not greatly; to pull hard/gently, not deeply; хусусиятҳои назорати феълҳои to arrive at/to, to reach a place, to get to.

3. Омилҳои семантикӣ (маъноӣ), ки бо мувофиқати маъноии ҷузъҳо хос аст, масалан, to stay at home - to stand next to the house. Вайрон кардани меъёр метавонад ҳам ба таърифи маъно ва ҳам ба тағйироти услубӣ дар изҳорот оварда расонад.

Салоҳияти лексикӣ ҷузъи ҷудонашавандаи заминаи маърифатии донишҷӯён буда, маҷмӯи донишҳое мебошад, ки барои ҳамаи аъзои ҷомеа умумӣ мебошанд. Дар раванди таълим заминаи маърифатӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад:

• барои бомуваффақият аз худ кардани воҳидҳои забонӣ мусоидат мекунад;

• ба мо имкон медиҳад, ки изҳороти шахсии худро бо забони мавриди ҳадаф созем;

• ба мо имкон медиҳад, ки изҳороти иштирокчиёни дигар дар амалҳои муоширатро дуруст дарк ва баҳо диҳем.

Донишҳои лексикӣ дар навбати худ бомуваффақият азхуд намудани асосҳои ҳамаи намудҳои фаъолияти нуткро таъмин менамояд. Дониши лексикиро на танҳо маҷмӯи маълумоти забоншиносӣ дар бораи калимаи англисӣ, балки дониши барномаҳои амалӣ бо калима, яъне мавҷудияти стратегияҳои муайяни муносибат бо калимаи бегона ташкил медиҳад [17, с. 2-9].

Дар бораи салоҳияти лексикӣ сухан ронда, фарқи онро аз салоҳиятнокии лексикӣ нишон додан лозим аст. Тафовути куллии байни ин мафҳумҳоро метавон тавассути таҳлили истилоҳҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ, ки қаблан нишон дода бкдем, муайян кард.

Дар доираи салоҳияти лексикӣ А.Н. Шамов «қобилияти муайян кардани маънои дохилиматнии калима, муқоисаи доираи маъноҳои он дар ду забон, муайян кардани сохтори маънои калима, муайян кардани маънои махсуси миллии калима»-ро мефаҳмад [16, с. 67].

И.Л. Пересторонин ва А.Н. Шамов салоҳияти лексикиро маҷмӯи донишҳои забонӣ дар самти лексика, инчунин доштани малакаю маҳорати лексикӣ медонанд, ки истифодаи дурусти он имкон медиҳад, ки воҳиди луғавиро мувофиқи меъёрҳои забони омӯхташаванда аз ҷиҳати маъно дуруст интихоб ва истифода карда шавад [11, с. 70].

Т.М. Балихина салоҳияти лексикиро донистани захираи луғавии забон, ки воситаҳои лексикию грамматикии забон ва қобилияти истифода бурдани онҳо дар нутқ, яъне калимаҳои алоҳида ва гурӯҳҳои мавзӯии калимаҳоро (рӯзҳои ҳафта, воҳиди ченак) таркиби устувор, воҳидҳои фразеологӣ ва ғайраро дар бар мегирад, мефаҳмад [4, с. 28].

Мо дар тадқиқоти худ истилоҳи салоҳияти луғавиро истифода намуда, онро омодагӣ ва қобилияти донишҷӯён барои муайян ва дарки маънои калимаю ибора дар дохили матн, муқоисаи воҳидҳои луғавии забонҳои гуногун, баръало нишон додани хусусиятҳои фарҳангии вожаҳо ва истифода аз онҳо дар иҷрои ин ё он воҳид дар назар дорем. Салоҳияти лексикӣ як навъ салоҳиятҳои фанниест, ки барои амалисозии фаъолияти коммуникатсионӣ бо забони хориҷӣ заруранд.

Дар интиҳо ҳаминро мебояд қайд намуд, ки дар самти таълими забони англисӣ таваҷҷуҳ намудан ба рушду ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯён шарт ва зарур мебошад. Маҳз аз сатҳи дониши лексикии донишҷӯён, дуруст истифода кардани калимаю ибора ва истилоҳоти англисии тахассусашон ба онҳо имконият медиҳад, ки минбаъд ҳангоми фаъолияти касбӣ ва мушироти касбӣ бо забони англисӣ ба мушкилот дучор нашаванд.

Ҷалб гаштани донишҷӯён ба муошират бо забони англисӣ дар рафти дарс ва берун аз дарс аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Яке аз ин омилҳо метавонад салоҳияти лексикӣ бошад. Барои нафароне, ки дорои ин салоҳият мебошанд, дар муошират ба хатогиҳо кам роҳ медиҳанд ва барои муошират бо забони хориҷӣ ҳамеша омода мебошанд. Дар фаъолияти минбаъдаи касбии ҳар як мутахассиси оянда салоҳияти муошироти касбӣ, алалхусус бо забони хориҷӣ, ки бевоситаи бо салоҳияти лексикӣ робитаи зич дорад, хеле муҳим мебошад. Аз ҳамин лизоҳ, дар баробари дигар салоҳиятҳо, ташаккули салоҳияти лексикӣ масъалаи муҳим дар таълими забонҳои хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – СПб.: Златоуст, 1999. – 472 с.
2. Алиев С.Н. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Нашри дуюм, бо таҳриру иловаҳо / С.Н. Алиев. – Душанбе, 2018. – 350 с.
3. Баграмова Н.В. Лингвометодические основы обучения лексической стороне устной речи на английском языке как втором иностранном языке в педагогическом вузе: дис. … доктора пед. наук / Н.В. Баграмова. - СПб., 1993. – 504 с.
4. Балыхина Т.М. Структура и содержание профессиональной компетенции филолога: Методологические проблемы обучения русскому языку: дис. … доктора пед. наук / Т.М. Балыхина. – М., 2000. – 476 с.
5. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам / Н.Д. Гальскова. – М. АРКТИ, 2003. – 192 с.
6. Гурвич П.Б., Кудряшов Ю.А. Лексические умения, обусловливающие говорение на иностранном языке, и основные линии их развития // Общая методика обучения иностранным языкам: Хрестоматия / Сост. Леонтьев А.А. – М.: Русский язык, 1991. – 360 с.

7. Зимняя И.А. Основы педагогической психологии / И.А. Зимняя – М.: Логос, 2004. – 384 с.
8. Кондратьева В.А. Оптимизация усвоения лексики иностранного языка / В.А. Кондратьева. – М.: Высшая школа, 1994. – 356 с.
9. Мещерякова Т.М. Требования к построению лексических упражнений / Т.М. Мещерякова // Иностранные языки в школе. – 2011. – № 4. – С. 91-98.
10. Пассов Е.И. Основы методики обучения иностранным языкам/Е.И. Пассов-М.: Русский язык, 1977.-216 с.
11. Перестронина И.Л. Формирование языковой компетенции при обучении лексике второго иностранного языка: дис. …канд. пед. наук / И.Л. Перестронина. – М., 2003. – 198 с.
12. Розенталь Д.Э., Теленкова М.А. Словарь-справочник лингвистических терминов / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. – М.: Просвещение, 1976. – 543 с.
13. Салистра И.Д. За высокое качество обучения иностранным языкам в школе / И.Д. Салистра // Иностранные языки в школе. – 2010. – № 8. – С. 8-12.
14. Хомский Н. Язык и проблемы знания / Н. Хомский // Вестник МГУ. Филология, 1995. – №4. – С. 130-157.
15. Хуторской А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно- ориентированной парадигмы образования / А.В. Хуторской // Народное образование, 2003. – №2. – С. 58-64.
16. Шамов А.Н. Когнитивный подход к обучению лексике: моделирование и реализация: Монография / А.Н. Шамов. – Н. Новгород: НГЛУ им. Н.А. Добролюбова, 2006. – 277 с.
17. Шамов А.Н. Принципы обучения лексической стороне иноязычной речи / А.Н. Шамов // Иностранные языки в школе, 2009. – № 4. – С. 2-9.
18. Шарифзода Ф. (Шарифов). Интегрированное обучение: проблемы, поиски и размышления: в 2-х частях / Ф. Шарифзода. – Душанбе, 2000. – 245 с.
19. Шатилов С.Ф. Методика обучения немецкому языку в средней школе / С.Ф. Шатилов. – Изд. 2-е. – М.: Просвещение, 1986. – 221 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЛЕКСИКӢ ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

*Дар рафти таълими забонҳои хориҷӣ аввалан ба омӯзиши сохтори забон, баъдан ба рушди малакаю маҳорати фаъолияти нутқи донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур мебошад. Дар баробари ин боло бурдани салоҳиятнокии донишҷӯён аз чанд ҷиҳат ба манфиати кор хоҳад буд. Ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) дар донишҷӯён як зумра салоҳиятҳоро аз қабили салоҳияти забонӣ, фарҳангӣ, байнифарҳангӣ, муоширатӣ, лексикӣ ва амсоли инҳоро рушду ташаккул медиҳад. Интихоб ва истифодаи дурусти методҳои таълим, риоя намудани вақт ва давраи ҷудошудаи омӯзиш ва дигар омилҳо ҳангоми омӯзиши забони англисӣ метавонанд боиси самаранокӣ ва ташаккули ҳамаҷонибаи донишҷӯён гарданд.*

*Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳим, ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯён ҳангоми таълими забони англисӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ибтидо мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» шарҳу тавзеҳ дода шуда, давраҳои ворид шудани вожаҳои мазкур ба раванди таълим, ба ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ дарҷ гардидааст. Муаллифон дар ин хусус ба фикру ақидаҳои муҳаққиқони мамолики гуногун такя намуда, тавсифи ин мафҳумҳоро ба таври мушаххас пешниҳод намудаанд.*

*Зарурати салоҳияти лексикӣ, марҳилаҳои рушду ташаккули ин салоҳият, аҳамияти салоҳияти лексикӣ дар тадрис ва омӯзиши забони англисӣ дар мақола ба хубӣ дарҷ гардидааст. Маҳоратҳои асосӣ ва ёрирасони лексикӣ, ки барои ҳар як донишҷӯ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, дар қисми асосии мақола оварда шудааст. С.Ф. Шатилов ҷараёни ташаккули малакаи луғавиро ба се марҳилаи пайдарпай ҷудо кардааст, ки дар мақола онҳо хубӣ инъикос ёфтааст.*

*Баъди қисми назариявии масъалаи таҳқиқ, муаллифон тавсияҳои худро оиди тушуккули солоҳияти лексикӣ бо мисолҳо пешниҳод сохтаанд. Минбаъд низ ин масъала пайгирӣ гашта, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар рафти таълими забони англисӣ ва боло бурдани сатҳи сифат ва самаранокии дарсҳои забони англисӣ корҳои дигари тадқиқотӣ анҷом дода мешаванд.*

***Калидвожаҳо.*** *салоҳият, салоҳиятнокӣ, салоҳияти лексикӣ, рафти таълим, забони англисӣ, донишҷӯён, марҳилаҳо, маҷмӯи донишҳо, малака ва маҳорат, муошират, нутқ.*

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ЛЕКСИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ

*В процессе обучения иностранным языкам необходимо в первую очередь обращать внимание на изучение структуры языка, а затем уже на развитие у студентов навыков и умений речевой деятельности. В то же время повышение компетентности студентов*

*будет полезным по нескольким направлениям. Процесс изучения иностранного (английского) языка развивает у студентов ряд компетенций, таких как лингвистические, культурологические, межкультурные, коммуникативные, лексические и т.д. Правильный выбор и использование методов обучения, соблюдение времени и этапа обучения и других факторов при изучении английского языка может способствовать эффективности и всестороннему развитию студентов.*

*В статье рассматривается один из важнейших вопросов - формирование лексической компетенции студентов при обучении английскому языку. Вначале разъясняются термины «компетенция», «компетентный» и «компетентность», а также описываются этапы введения этих понятий в образовательный процесс, процесс обучения иностранным языкам. В связи с этим автор опирается на мнение исследователей разных стран и дает подробную характеристику этим понятиям.*

*В статье подробно описаны необходимость лексической компетенции, этапы развития и формирования этой компетенции, важность лексической компетенции в преподавании и изучении английского языка. Основные и вспомогательные лексические умения, которые очень важны для любого студента, приведены в основной части статьи. С.Ф. Шатилов делит процесс развития лексических навыков на три последовательных этапа, которые подробно описаны в статье.*

*После теоретической части исследования проблемы автор предлагает свои рекомендации по развитию лексической компетенции с примерами. Этот вопрос будет рассмотрен в дальнейшем, будет проведена другая работа по использованию результатов исследования в преподавании английского языка и для повышения качества и эффективности уроков английского языка.*

***Ключевые слова.*** *компетенция, компетеность, лексическая компетенция, учебный процесс, английский язык, студенты, этапы, совокупность знаний, навыков и умений, коммуникация, речь.*

## FEATURES OF THE FORMATION OF LEXICAL COMPETENCE IN TEACHING ENGLISH

*In the process of teaching foreign languages, it is necessary first of all to pay attention to the study of the structure of the language, and then to the development of students' skills and abilities of speech activity. At the same time, improving the competence of students will be useful in several areas. The process of learning a foreign (English) language develops a number of competencies in students, such as linguistic, cultural, intercultural, communicative, lexical, etc. The correct choice and use of teaching methods, compliance with the time and stage of training and other factors when learning English can contribute to the effectiveness and comprehensive development of students.*

*The article deals with one of the most important issues - the formation of students' lexical competence in teaching English. First, the terms "competence", "competent" and "competence" are explained, and the stages of introducing these concepts into the educational process, the process of teaching foreign languages are described. In this regard, the author relies on the opinion of researchers from different countries and gives a detailed description of these concepts.*

*The article describes in detail the need for lexical competence, the stages of development and formation of this competence, the importance of lexical competence in teaching and learning English. The main and auxiliary lexical skills, which are very important for any student, are given in the main part of the article. S.F. Shatilov divides the process of developing lexical skills into three successive stages, which are described in detail in the article.*

*After the theoretical part of the study of the problem, the author offers his recommendations for the development of lexical competence with examples. This issue will be considered in the future, other work will be carried out to use the results of the study in teaching English and to improve the quality and effectiveness of English lessons.*

***Keywords.*** *competence, competence, lexical competence, educational process, English, students, stages, set of knowledge, skills and abilities, communication, speech.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Гадоев Каримҷон Хайруллоевич*** *– н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,* ***Тел. моб.:*** *(+992) 98 76 79 400,* ***Суроға:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиева17/6,* ***Суроғаи эл.:*** *gkarimjon@mail.ru*

***Шамсова Бибихосият Қудратовна*** *– муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 63/3..* ***Тел. моб.:*** *(+992) 98 555 03 44*

***Сведения об авторе:***

***Гадоев Каримджон Хайруллоевич** – к.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, **Моб. тел.:** (+992) 98 76 79 400, **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6, **Эл. почта:** gkarimjon@mail.ru*

***Шамсова Бибихосият Кудратовна** – старший преподаватель кафедры иностранных языков Технологического университета Таджикистана. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н.Карабоева 63/3. **Моб. тел.:** (+992) 98 555 03 44*

***About the author:***

***Gadoev Karimjon Khairulloevich** – PhD (Pedagogical Science), docent, head of the department of teaching methods of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, **Phone:** (+992) 98 76 79 400, **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6, **E-mail:** gkarimjon@mail.ru*

***Shamsova Bibilhosiyat Kudratovna** – senior teacher of the Department of foreign Technological university of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karaboev Str. 63/3. **Phone:** (+992) 985550344*

**УДК: 510.6 (072)**

# ОБСУЖДЕНИЕ ПРОВЕДЁННЫХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА УСПЕВАЕМОСТИ СТУДЕНТОВ И УЧЕНИКОВ

***Собиров А.Ш.***

*Таджикский национальнный университет*

## § 1. Мы всегда находимся в центре эксперимента

В честь двадцатилетия изучения и развития естественных, точных и математических наук в области народного образования на период 2020 – 2040 г.г. особо предусматривается «дальнейшее развитие системы народного образования» в соответствии с требованиями научно – технического и образовательного уровня населения и трудящихся, усовершенствования подготовки квалифицированных кадров и специалистов.

Из этого объёмного и перспективного плана следует, что педагогическая наука должна всесторонне ускорить разработку научных основ повышения эффективности обучения и воспитания подрастающих поколений. Для этого необходимо дальнейшее совершенствование направлений, базовое содержание и методов исследования проблем дидактики, теории и практики воспитания и далее на службу педагогическому процессу надо поставить новейшие достижения человеческого познания и мастерства в самых различных областях.

Среди всех направлений педагогического поиска и эксперимента, связанных с кибернетикой, необходимое место занимает применение понятий и средств современной общей и математической логики, с целью решения теоретических и практических проблем обучения.

В процессе развития науки и его применения в жизни специалисты и неспециалисты знают, что с помощью применения и развития математической логики возникла направление кибернетики и оно бурно развивается как алгорифм разработки и программирования электронных цифровых вычислительных и управляющих машин.

Н. Винер – основатель кибернетики, как особенное направление исследований считал нужным отметить «фактор, который неоднократно появляется в истории кибернетики, – это влияние и помощь математической логики».

Следует отметить, что у некоторых народов и народностей любовь к братьям и родственникам, между детьми и родителями очень низка. Для нашего же народа дружба, братство и любовь между детьми и родителями – главный символ национального счастья. Многие научные, методические, учебные и практические проблемы повседневной жизни легко решаются с помощью символов дружбы и братства. Мир и покой, дружба и братство, плодотворный труд, изобилие материальных благ, делают жизнь людей более комфортной. Об этом свидетельствует высокопроизводительная работа Рогунской ГЭС, постепенно улучшающая жизнь населения нашей страны после непрерывной эксплуатации ее агрегатов. Это великое достижение национального богатства, являющееся результатом дружбы и братства, великого труда творческих деятелей. Строительство такой большой электростанции, работа каждого рабочего на своём участке, сама по себе является огромной экспериментальной, научной и практической проверкой надежности. Ведь с помощью мощности этой великолепной электростанции проводятся многолетние научные и практические опыты, что является источником радости для народа и государства.

Так как в каждой области проведено множество экспериментов, испытаний, измерений, сравнений всех научных и практических аспектов, нет необходимости проводить новые

эксперименты по их результатам, ведь можно потратить много времени и расходы. Для повышения эффективности испытаний и экспериментов необходимо всесторонне развивать учебный процесс, использовать нужную литературу, компьютерную технику и мотивацию, бытовые условия преподавателей, студентов и школьников.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Азаров И.Г. Искусство воспитывать. / И.Г. Азаров –Москва. –Просвещение.-1985. -448с.
2. Айвазян С.А. Статическое исследование зависимостей (Приминение методов корреляции и регрессионных анализов к обработке результатов эксперимента) ./ С.А Айвазян. –М. – Металлургия.-1968. -227с.
3. Андреев В.И. Педагогика высшей школы. Инновационный прогностический курс: Учебное пособие. / В.И. Андреев –Казань: Центр инновационных технологий.-2005. -500с.
4. Анисимов Н.М. Теоретические и экспериментальные основы технологии обучения студентов изобретательской и инновационной деятельности: / Н.М. Анисимов //дис. …д- рпед. наук Н.М. Анисимов. –М. -1999. -574 с.
5. Анцыфирова Л.И. Психология формирования и развития личности. / Л.И. Анцыфирова –М. -1981. -197 с.
6. Арбиб М. Мозг, машина и математика. Пер. с англ. / М. Арбиб–М. -«Наука». 1968. -224 с.
7. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы / С.И. Архангельский. –М.-Высш. шк. -1080. -368 с.
8. Грабарь М.И. Применение математической статистики в педагогических исследованиях: Непараметрические методы. / М.И. Грабарь, К.А. Краснянская. –М. –Педагогика.-1977. -136с.
9. Гуртовая Н.Г. Роль и место методов математической статистики в педагогических исследованиях: дис. .. канд. пед. наук. / Н.Г.Гуртовая. –Нижний Новгород.-2004. -200с.
10. Гуц А. Г. Математическая логика и теория алгоритмов. / А.Г. Гуц –Омск.-2003. -108с.
11. Загвязинский В.И. Педагогическое творчество учителя. / В.И. Загвязинский –М. –Педагогика.-1987. -160с.
12. Заглядина О.Н. Формирование педагогической культуры будущего учителя математики в образовательном процессе вуза: дис. канд. пед. наук. / О.Н.Заглядина. –М. –Уфа.-2009. -190с.
13. Злоцкий Г.В. Научно-педагогические основы формирования у студентов математиков университетов готовности к профессионально-педагогической деятельности. Дисс. … доктора пед. наук. / Г.В. Злоцкий. –Самарканд. -1994. -283с.
14. Иванов В.И. Исследовательская и экспериментальная работа в общеобразовательной школе:– Чебоксары: ЧГПУ.-2005. -44с.
15. Квинкина Л.Г. Научное творчество студентов (Роль научно – исследовательской работы в повышении качества подготовки специалистов)./Л.Г. Квинкина –М. –Изд-во.-МГУ.-1982.-110с.
16. Кедровский О.И., Соловей Л.А. Алгоритмичность практики, мышления, творчества. / О.И.Кедровский, Л.А. Соловей –Киев: -Высщая школа.-1980. -184с.


## МУҲОКИМАИ ОЗМОИШҲОИ ГУЗАРОНИДАШУДА ОИД БА ВУСЪАТ ДОДАНИ СИФАТИ АЗХУДКУНИИ ДОНИШҶӮЁН ВА ХОНАНДАГОН


*Дар қатори ҳамаи самтҳои касби омӯзгорӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ, педагогию эксперименталӣ ва вобаста ба равандҳои кибернетикӣ роли ҳалкунандаро дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия, татбиқи мантиқи умумӣ ва мантиқи математикӣ мебозанд. Дар раванди рушди илм ва татбиқи он оид ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, истеҳсолию ҳаётӣ, мутахассисон ва дигарон медонанд, ки бо истифода аз татбиқ ва инкишофи мантиқи математикӣ ва равиши кибернетикӣ ба миён омадааст, ки вай бо суръат инкишоф ёфта ҳамчун коркарди алгорифмӣ бо истифодаи МЭҲ амалӣ мегардад.*

*Бояд гуфт, ки мантиқи математикии ҳозиразамон дар ҳалли бисёр масъалаҳои илмӣ, техникӣ, истеҳсолӣ ва ҳаётӣ ёрӣ мерасонад. Барои ҳамин ҳам дар ҳалли масъалаҳои амалии таълиму тарбия ҳам вай натиҷаҳои баланд медиҳад.*

*Барои нигоҳ доштани ҳаёти муқаррарии осоишта, баланд бардоштани нақши тарбия ва таълим дар оила, тамоми мактабҳо, донишгоҳҳо ва дигар муассисаю корхонаҳо ҳарҷониба зарур аст. Ин масъулияти иҷрокунандагӣ ба зиммаи ҳамаи кадрҳои илмӣ, касбӣ, устодон, шогирдон, падару модарон, олимон, зиёиён ва роҳбарони муассисаҳо вогузор аст.*



***Калидвожаҳо:*** *озмоиш, кибернетика, критерия, тавсия, хизмат ва масъулият, кӯдак, мактабхон, донишҷӯ, омӯзгор, олим, духтур, ҳуқуқшинос, соҳибкор, варзишгар, сохтмончӣ, рӯнанда, тракторчӣ роҳбари корхона, директори мактаб, парвози ҳавопаймо.*

## ОБСУЖДЕНИЕ ПРОВЕДЁННЫХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА УСПЕВАЕМОСТИ СТУДЕНТОВ И УЧЕНИКОВ

*Среди всех направлений педагогического поиска и эксперимента, связанных с кибернетикой, необходимое место занимает применение понятий и средств современной общей и математической логики, с целью решения теоретических и практических проблем обучения. В процессе развития науки и его применения в жизни, производстве и экономики специалисты и все другие знают, что с помощью применения и развития математической логики возникла направление кибернетики и оно бурно развивается как алгорифм разработки и программирования электронных цифровых вычислительных и управляющих машин. Так как современная математическая логика оказывает большую помощь в решении многих научных, технических и жизненных задач, поэтому неизбежна она и в применении к вопросам совершенствования учебного процесса, который может дать высокие результаты.*

*Повышение роли воспитания и обучения во всех школах, вузах и других учреждениях должны всесторонне, входить в объязанности научных кадров, должностных лиц, учителей, преподавателей вузов, студентов, родителей, интелегенции и руководителей учреждений.*

***Ключевые слова:*** *эксперимент, кибернетика, критерия, рекомендация, забота и ответственность, ребенок, школьник, студент, преподаватель, учёный, врач, юрист, арендатор, спортсмен, строитель, водитель, руководитель предприятия, директор школы, рейс полёта самолёта.*

## DISCUSSION OF THE EXPERIMENTS CARRIED OUT TO INCREASE THE QUALITY OF STUDENTS AND PUPILS PERFORMANCE

*Among all areas of pedagogical research and experiment related to cybernetics, the application of the concepts and means of modern general and mathematical logic, with the aim of solving theoretical and practical problems of education, occupies a necessary place. In the process of the development of science and its application in life, specialists and non-specialists know that with the help of the application and development of mathematical logic, the direction of cybernetics arose and it is rapidly developing as an algorithm for the development and programming of electronic digital computers and control machines. Since modern mathematical logic is of great help in solving many scientific, technical and life problems, therefore, it is inevitable when applied to improving the educational process, which can give high results.*

*Increasing the role of education and training in all schools, universities and other institutions is needed comprehensively to maintain a normal safe life, since all scientific and professional personnel are trained in schools and universities.*

***Keywords:*** *experiment, cybernetics, criteria, recommendation, care and responsibility, child, schoolchild, student, teacher, scientist, doctor, lawyer, tenant, sportsman, builder, driver, tractor driver, enterprise manager, school principal, pallet flight aircraft.*

***Сведения об авторе:***

***Собиров Абдусабур Шукурович** – кандидат физико-математичеких наук, доцент кафедры алгебры и теории чисел Таджикского нақионалӣного университета . Республика Таджикистан, г. Душанбе, т: (+992) 907388038. E – mail: abdusabur-sobi@mail.ru;*

***About the author:***

***Sobirov Abdusabur Shukurovich** - Candidate of Physics and Mathematics, Associate Professor of the Department of Algebra and Number Theory of the Tajik National University. Republic of Tajikistan, Dushanbe, tel: (+992) 907388038. E – mail: abdusabur-sobi@mail.ru;*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯВӢ – ЭКОЛОГИИ ҶОМЕА ВА МАЪРИФАТИ ДАР ЗАМОНИ ИСТИКЛОЛИЯТ

***Сайдаҳмадзода Д.Л.***
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***Раҷабова Б.В.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Масъалаи ҳифз ва беҳдошти муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва муносибати хайрхоҳона ба табиат аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳалталаби экологӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар миқёси ҷаҳон ба шумор меравад, ки рушди ҷомеаи инсонӣ аз ҳалли мусбати он вобастагии зич дорад.

Табиат сарчашмаи ҳаёт, манбаи меҳнату зиндагӣ ва зебоиву саломатии инсон мебошад, табиат хонаи муштараки инсоният аст. Одам пайваста аз табиат нерӯи нав, бардамӣ, хушёрӣ ва кайфияти руҳӣ мегирад. Аз ин рӯ, саломатӣ, кобилияти корӣ, дарозумрӣ ва ҳаёти рӯзмарраи инсоният ба вазъи табиат вобастагӣ дорад.

Вале мутаасифона, таҷрибаи рӯзгор собит менамояд, ки инсоният на ҳамеша ба қадри ин манбаи фараҳбахши нерӯмандӣ сипогузорӣ мекунад. Бинобар ин ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиат яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир ба шумор меравад. Дар қарни XXI масоили экологӣ ба проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Омилҳои мухталиф: гармшавии эҳсосшавандаи иқлим, густариш ва афзоиши нақлиёти гуногун, воситаҳои техникӣ, иншоотҳои хурду азими шаҳрвандӣ ва саноатӣ, офатҳои техникӣ (сӯхторҳои ҷангалӣ, таркишҳои моддаҳои кимиёвӣ ва ҳаставӣ, садамаҳои иншоотҳо) ва табиӣ, ки ба муҳити атроф зарари бузург мерасонад.

Имрӯз Тоҷикистон ба ҳалли проблемаҳои экологӣ аҳамияти хоса медиҳад. Сохтмони иншоотҳои азим, зиёдшавии шумораи нақлиёт, гармшавии саросарии иқлим, албатта, ба муҳити атроф бетаъсир намемонанд. Тоҷикистон пайваста дар талош ва кӯшиши ислоҳи вазъи дар натиҷаи зуҳуроти проблемаҳои экологӣ ба вуҷудоамада мебошад.

Дар ҷодаи рафъ ва пешгирии оқибатҳои мушкилоти экологӣ муҳим аст, ки тамоми қишрҳои ҷомеа дар бораи онҳо тасаввуроти амиқ дошта бошанд, омилҳои пайдоиш, миқёси паҳншавӣ, оқибатҳо ва роҳҳои пешгирии онҳоро донанд. Дар ин кор нақши омӯзиш асосӣ ва муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Моҳияти ин масъала дар он зуҳур мегардад, ки баробари пешрафти ҷомеа ҷараёни таъсири фаъолияти инсон ба муҳити табиӣ васеъ шуда ва дар заминаи инқилоби илми-техникӣ босуръат идома меёбад. Дар ин росто Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят хирадмандона таҳаввулоти бӯҳрони экологии сайёраро мавриди назар қарор дода, дар мақолаи худ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXl» дурандешона чунин таъкид намуда буд: «Тағйир ёфтани табиат дар назди одамон талаботи қатъӣ мегузорад, ки ба ҳамдигар оқилона, хайрхоҳона ва эҳтиромона муносибат намоянд».[1]

Дар мамлакати мо заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи табиат таҳия ва қабул гардиданд, ки муносибатро дар соҳаи таъсири мутақобилаи ҷомеа ва табиат бо мақсади нигоҳ доштани боигариҳои табиӣ ва муҳити табиии зисти инсон, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, пешгирии таъсири зараровари экологии фаъолияти хоҷагӣ ва ғайра, солим ва беҳтар гардондани ҳолати муҳити зист, мустаҳкам кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои мазкур ба манфиати наслҳои ҳозираву ояндаи одамон танзим менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гирифта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки мамлакати мо эътироф намудааст, иборат мебошад.

Дар мамлакати мо барои ҳифзи муҳити зист натанҳо давлат, балки ҳар як шаҳрванд масъулият дорад. Аз ин ҷост, ки дар Конститутсия таъмини ҳифзи муҳити зист танҳо дар алоқамандӣ ва масъулиятшиносии аҳли ҷомеа ба назар гирифта шуда, чунин муайян гардидааст: «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таъриховиу фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст». [ 2]

Ҳамчунин дар қонунгузории ҷории мамлакат маърифати экологӣ раванди вазифаи таълим буда мақсади он аз маърифати экологӣ баҳравар кардан, дар рӯҳи маърифати экологӣ таълиму тарбия додан, пойдор гардонидани фарҳанги экологӣ, дуруст ва оқилона муайян кардани тамоили донишандӯзӣ, нишон додани қобилият ва ташаккули рафтори дурусти шахсони алоҳида ва аҳолӣ оид ба ҳифз ва истифодаи табиат шарҳ дода шудааст.

Аз ин рӯ барои ташаккулёбии дониш ва маърифати экологӣ дар шуур ва ахлоқи ҷамъиятии одамон дар тӯли ҳаёт ба роҳ мондани низоми муттасили таҳсили маърифати экологии аҳолӣ ниҳоят зарур аст.

Маҳз бо дарназардошти ҳамин зарурати ҳаётан муҳим дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ“ зинаҳои сохтори системаи маърифати экологии аҳолӣ чунин муайян гардидааст:

- маърифат ва тарбияи экологии томактабӣ (маърифати экологӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ);
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти умумӣ;
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти олии касбӣ;
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- маърифати экологӣ дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ;
- маърифати экологии табақаҳои васеи аҳолӣ, аз он ҷумла дар Қувваҳои Мусаллаҳ[3].

Мутаасифона гарчанде.ки заминаҳои ҳуқуқии маърифати экологии аҳолӣ ба таври саҳеҳ муайян гардидаанд, вале дар амал татбиқи он ба талаботи замон ҷавоб дода наметавонад. Дар ин самт чунин мушкилиҳо: дуруст ба роҳ монда нашудани раванди таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти экологии аҳолӣ, нарасидани мутахассисони соҳибкасб, муҳайё набудани заминаҳои таълимӣ – методӣ ва каммасъулиятии масъулони соҳа ба назар мерасанд.

Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ҳуҷҷати муҳими давлатӣ ба шумор рафта, самтҳои асосии рушди устувори ҷомеа, мувозинати захираҳои табиӣ ва истифодабарандагони он, ташкил ва ҳамоҳангсозии муносибати истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва худи табиат, рушди солими ҷомеа, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин роҳҳои барқароркунии фазои экологии вайроншударо муайян менамояд.

Дар Барнома ба иҷрои тадбирҳои ҳифзи муҳити зист ва ба роҳ мондани маърифатонии қишрҳои гуногуни аҳолӣ: тарбия намудани табақаҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз ақоиди сиёсӣ ва динӣ баҳри солимгардонии вазъи экологии мамлакат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, васеъ намудани майдони ҷангалзорҳо, боғҳо, минтақаҳои сабз ва таблиғоти истифодаи мақсадноки онҳо, таъмин намудани тозагии ҳавои атмосфера, об ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, бунёди фазои аз ҷиҳати экологӣ тоза ҷиҳати беҳтар намудани солимии аҳолӣ ва амсоли ҳамингуна масъалаҳо диққати ниҳоят муҳим дода шудааст. [4]

Табиат ва боигариҳои он манбаи ҳаёт ва ҳастии бошандагони кураи замин буда хонаи дуюми инсон ва сарчашмаи зиндагию фаъолияти вай ба ҳисоб меравад. Муътадилии муҳити зист на танҳо гарави муътадилии фаъолияти фаунаву флора (олами набототу ҳайвонот),балки муътадилии ҳаёти инсон ва фаъолияти меҳнатии ӯ низ мебошад.

Мушкилоти экологии муҳити зисти организмҳо яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва ҳалталаб буда, пас аз хавфи истифодаи силоҳи ҳастаӣ мавқеи дуюмро ишғол менамояд. Ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ натанҳо барои пешрафти саноат, нақлиёт, алоқа, илму техника, технологияи иттилоотӣ ва ғайра ҷидду ҷаҳд ба харҷ медиҳад, балки дар бораи ҳифзи муҳити зист ва ба наслҳои оянда боқӣ гузоштани муҳити экологии солим ҳам андеша мекунад. Аз рӯи он ки давлат ва шаҳрвандони вай барои ҳифзи муҳити зист чӣ тораҳо меандешиданд ва онҳо чӣ натиҷа медиҳанд, ба сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа баҳо додан мумкин аст. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳони хуб дарк мекунад, ки яке аз ҳуқуқҳои муҳими инсон ҳуқуқи зиндагӣ дар муҳити барои инсон мусоиди экологӣ мебошад. Масъалаҳои экологӣ имрӯзҳо тамоми аҳли башарро ба ташвиш овардааст ва аҳли башар имрӯз танҳо дар якҷоягӣ метавонанд табиати муҳити атрофро бегазанд ҳифз намуда, қонуниятҳои онро риоя ва такмил диҳанд. Ин ҳамкориҳо имконият медиҳад, ки инсоният барои наслиояндаи худ аз табиат чизе мерос гузорад. Ҳамин шароитҳо водор менамояд, ки ҷомеаи имрӯза ба омӯзиши экология ва ҳифзи муҳити зист ҳаматарафа омода бошад.

Проблемаҳои экологӣ дар маҷмӯъ дар самтҳои алоҳидаи тадқиқоти олимони соҳаҳои илмҳои табиӣ ва гуманитарӣ тавсифу тавзеҳ гардидаанд. Аз ҷумла саводнокӣ, пурдонӣ, маълумотнокӣ ва салоҳиятнокии экологӣ ҳамчун як натиҷаи ниҳоии ҳисса ва марҳалаи ташаккули маърифати экологии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта аз нигоҳи назарӣ масъалаҳои тарбияи экологӣ, маърифати экологӣ ва татбиқи амалии онҳо дар таҳқиқотҳои гузашта ва ҳозираи олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ: А.Н.Бердиев, Р.Ғ. Забиров, Т.Ҷ.Ғиёсов, Ю.Р. Толибов, С.С.Мирзоев, С.Н.Булгаков, В.Вильденбанд, Г.Риккерт, В.В.Розанов, С.С.Солавёв, П.А.Флоренский, С.Л.Франк, А.Швейцер, Л.Шестов ва дигарон тасдиқ шудааст.

Муҳофизати муҳити зист ва оқилона истифода бурдани боигариҳои он ҳамзамон ҷанбаҳои тарбиявию маърифати экологии ҷомеа аз қаъри асрҳо реша гирифтанд, ки дар ин бора академик Ғафуров Б.Ғ дар асари худ “Тоҷикон” чунин зикр намудаанд: “Таълимоти зардуштӣ шуғли деҳқонӣ ва чорводориро вазифаи муқаддас ва кори пуршуҷоат медонист ва

пайравони худро ба ин амр водор менамуд. Дар фасли сеюми “Видевдод” гуфта мешавад, ки макони хайру эҳсон ва шодию хуррами “ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Он гоҳ ба ин макон хайру барака рӯ оварда ҳайвонот ва саг, зан ва кӯдак, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат осуда ва эмин хоҳад буд. Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, набототу ва меваҳои хӯрданӣ мекоранд, замини хушкшударо шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд ва ин ҳайвонот поруҳои ниҳоят бисёре медиҳанд” [5]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ таҳти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала диқати ҷиддӣ дода саъю кӯшиш дорад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон меъёрҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи рушди устувори иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ риоя намояд. Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар даврони нави соҳибистиқлолӣ ва дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ, ки халқи тоҷик азоби гуруснагӣ мекашиданд бо як самимияти хос ва боварӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон муроҷиат намуда чунин қайд карда буданд, «Сари таъзим ба табиати бою ғании кишварамон, ки дар лаҳзаҳои душвори бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсие,ки ба души халқамон омад, ки имкони паси сар кардани онро таъмин намуд». [6]

Боиси ифтихор ва фараҳмандист, ки Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуда, аз минбари онҳо ташаббусу ибтикорҳои созандаи Президенти кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, маводди мухаддир, ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромиллӣ, масъалаҳои экологӣ ва амсоли он ба самъи ҷаҳониён расонида мешавад. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Пешвои миллат дар робита ба ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти мавзӯъ, боиси ба гунаи хос муаррифӣ шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардид. Ҳамчунин, ӯ пайваста аз паёмади номатлуби тағйирёбии иқлим бонги хатар зада, зимни таъкид бар зарурати омӯзиш ва ҳифзи пиряххо, рушди устувори кишварҳои кухсор ва таваҷҷуҳ ба рушди энергияи таҷдидшаванда ҷомеаи ҷаҳониро ба иқдому ҳамкории наздик даъват менамояд.

Санаи 28-уми сентябри соли 2015 Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар Конфронси 21-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим чунин иброз намуда буданд: “Тибқи мушоҳидаҳо,тайи 60 соли охир ба ҳисоби миёна ҳарорати солонаи ҳаво дар Тоҷикистон ба андозаи 1 дараҷа аз рӯйи селсия баланд шудааст; теъдоди рӯзҳои сербориш зиёд гардидааст ва ҳодисаҳои ғайриодии гидрометеорологӣ бештару шадидтар рух медиҳанд. Фақат ба иллати офатҳои табиии имсола ба иқтисоди кишвари мо ба андозаи садҳо миллион доллари амрикоӣ ҳисороти моддӣ расид. Мутаасифона, онҳо ба талафоти ҷонӣ низ боис шуданд”. [7] Ширкати сарони беш аз сад кишвари ҷаҳон дар Конфронси мазкур гувоҳи ҷонибдорӣ ва иродаи умумӣ дар самти пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии тағйирёбии глобалии иқлим мебошад, ки ин масъала яке аз мушкилиҳои асосии ҷаҳони муосир дар соҳаи экология ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо дар тамоми дунё оид ба масъалаи ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад, чунки аз он некуаҳволӣ ва саломатии одамон вобаста аст. Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зистро дар мадди аввали сиёсати давлатии хеш қарор дода, барои беҳбудии он ғамхории доимӣ зоҳир менамояд. Замони соҳибистиқлолии кишвар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки барои таъмини амнияти экологӣ ва шароити мусоиди зиндагии мардум заминаи боэътимод фароҳам оварданд. Яке аз онҳо Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 мебошад.

“Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020” ин системаи ҳадафҳои афзалиятнок, вазифа ва принсипҳое мебошад, ки асоси сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ ташкил дода, самтҳои асосии татбиқи он ва ташаккул додани маърифати экологии ҷомеаро муайян мекунад. Барнома ба рушди низоми бефосилаи тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ равона карда шудааст. Он барои тарбияи инсоне, ки муҳимияти мушкилоти муҳити зистро дарк мекунад ва дорои дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ буда, барои аз ҷиҳати экологӣ дуруст ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди мамлакат заруранд, пешбинӣ шудааст. Барнома дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист", "Дар бораи

маориф", "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия шудааст. Барнома ҳадафҳои дарозмӯҳлат,вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки татбиқи онро муайян менамояд. Он барои ҳамкории мутақобилаи самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, ҳифзи табиат,ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маърифати экологӣ хизмат мекунад. [8]

Ҳуҷҷати мазкур хусусияти ҷамъиятӣ дошта, барои мусоидат намудан ба танзими асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳуҷҷати дигаре, ки принсипҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодии сиёсати давлатиро дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ ба танзим медарорад, Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мебошад, ки доир ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифати экологии аҳолӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ба таъмини шароит барои амалӣ намудани омӯзиши экологии аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ ҷиҳати ташаккулёбии фарҳанги умумӣ ва тахассусии экологии шахс ва ҷомеа равона шудаанд мушаххас оварда шуданд. [9]

Бояд тазаккур дод, ки экология ва таълиму тарбияи экологӣ яке аз воситаҳои ташаккули маърифати экологии ҷомеа, асоси инкишофи маҳорату малакаҳои муносибати рафтор дар табиат, муносибати мунтазам бо боигариҳои он масъалаи ниҳоят муҳим ба шумор меравад.

Набояд фаромӯш кард, ки тарбияи экологӣ якчанд вазифаро талаб намуда тақозо менамояд, ки шахсро чунон бояд тарбия кард, ки вобастагии инсону ҷамъият ва табиатро дарк намояд ва нисбат ба ҳолату вазъи муҳити атрофаш масъулият ҳис кунад. Тарбияи экологӣ он вақт ба ҳадаф мерасад, ки бефосила бошад ва дар тамоми ҳаёт давом кунад. Ба андешаи донишманди тоҷик профессор Мирзоев С.С “Баҳри ташаккул додани ҳисси табиатдӯстӣ ва тарбияю маърифати экологии шаҳрвандон лозим меояд,ки ба тавсифи марҳалаҳои инкишофи таърихии экология, робитаю алоқамандии организмҳои зинда, нақш ва мақоми омилҳои экологӣ дар ҳаёти олами набототу ҳайвонот ва ҳатто одам, мақому мавқеи инсон ҳамчун мавҷудоти биологию сотсиалӣ дар ҳифзу нигаҳдории табиату боигариҳои он, дар бораи системаҳои экологӣ, биосенозҳою биосфера ва амсоли онҳо диққати ҷиддӣ диҳанд” [10]

Қобили зикр аст, ки доир ба такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои хеш пайваста таъкид месозанд, ки ин вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпараст буда аз ҳар як нафар муносибати ҷиддиро тақозо менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 чунин ибрози ақида намудаанд: “Ҳоло Тоҷикистон, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ доир ба истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад. Кишвари мо имконият дорад, ки баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аз лиҳози фоизи истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм барояд. Ин саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд. Дар робита ба ин, ҳамчунин, зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем. Хотирнишон месозам, ки ҳифзи муҳити зист, дар айни замон, яке аз роҳҳои асосии ҷалби сайёҳон мебошад” [11]

Дар ин замина ташаккул додани ҳисси табиатдӯстии шаҳрвандон,ба баррасии ҷанбаҳои инкишофи таърихии муҳити зист, мушкилотҳо, муаамоҳо ва садамаҳои экологӣ ва билохир истифодаи оқилонаи манбаъ ва захираю боигариҳои табиат низ бештар маълумотҳои мушахасси илмию назариявӣ додан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳар як шаҳрвандро зарур аст,ки доир ба масъалаҳои тавсифу тавзеҳи мафҳумҳои табиат-инсон-ҷомеа, урфу одат ва алоқамандии инсонро бо табиат, мавзеҳои зебою гуногунранги он муттаасилин шинос шуда, донишҳои возеху саҳеҳ пайдо кунанд.

Тоҷикистон алҳақ як неъмати худодод, як мӯъҷизаи табиат, як порча биҳишти рӯи Замин аст. Мисли сарзамини мо табиати нотакрор, обҳои софу зулол, чашмаҳои шифобахш, кӯҳҳои сарбаланди дорои сарватҳои зеризаминӣ дар ягон гӯшаи олам нест – пас месазад, ки шукри ҳар як замини ҳосилхез бикунем ва ин ҳама дороияшро, ки сарчашмаи ҳаёти мост, ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

**АДАБИЁТ**

1. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. / Р.Эмомалӣ Ҷилди сеюм.- Душанбе: “Ирфон”, 2002. – 473с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.-С. 11.
3. (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ“ //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010, №12, қ-1, мод. 832)
4. Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 № 123 тасдиқ шудааст.
5. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. / Б. Ғафуров Душанбе, “Нашриёти муосир” 2020. – 86с.
6. Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. / Эмомалӣ Раҳмон Душанбе,1994- с 185.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Париж, 28-уми сентябри соли 2015, Конфронси 21-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим.
8. Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020”
9. Қонуни ҶТ«Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» 29.12.2010, № 673.

С.С.Мирзоев, Сайдамадова Д.Л. Ҷанбаҳои тарбия ва маърифати экологии хонандагону донишҷӯён, С.С.Мирзоев, Д.Л. Сайдамадова - Душанбе 2016 – 3с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 26.12.2018.
11. twww.president.tj

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯВӢ – ЭКОЛОГИИ ҶОМЕА ВА МАЪРИФАТИ ДАР ЗАМОНИ ИСТИКЛОЛИЯТ

*Таваҷҷуҳи беандозаи Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба проблемаҳои экологӣ шаҳодати он мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш дорад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон меъёрҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи рушди устувори иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ риоя намояд. Ба имзо расидани як қатор Қонунҳо, Стратегияю Барномаҳо ва ташаббусҳои ҷаҳонӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоси сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи тарбия ва маърифати экологӣ ташкил дода, самтҳои асосии татбиқи он ва ташаккул додани маърифати экологии ҷомеаро муайян карда ба рушди низоми бефосилаи тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ равона карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *ҳифзи муҳити зист, экология, ифлосшавии муҳити зист, партовҳои истеҳсолӣ, гармшавии иқлим, тағйирёбии глобалии иқлим, нерӯи ҳастаӣ, маърифати экологӣ, фарҳанги экологӣ, донишҳои экологӣ.*

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРОСВЕТИТЕЛЬНО - ЭКОЛОГИЧЕСКИХ И ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ.

*Огромное внимание Главы государства Его Превосходительства Эмомали Рахмона к вопросам окружающей среды является свидетельством того, что Республика Таджикистан, как полноправный член мирового сообщества, стремится соблюдать нормы международного права в области устойчивого экономического развития и защиты окружающей среды. Подписание ряда законов, стратегий, программ и глобальных инициатив, подписанных Основоположником мира и национального единства, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном, составляет основу государственной политики Республики Таджикистан в области экологического образования. Он направлен на развитие непрерывной системы образования и экологического просвещения населения.*

***Ключевые слова***: *Охрана окружающей среды, экология, загрязнение окружающей среды, промышленные отходы, глобальное потепление, глобальное изменение климата, ядерная энергия, экологическое образование, экологическая культура, экологические знания.*

## SOME ISSUES OF EDUCATIONAL - ENVIRONMENTAL AND EDUCATIONAL PROBLEMS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

*The great attention of the Head of State, His Excellency Emomali Rahmon, to environmental issues is evidence that the Republic of Tajikistan, as a full member of the world community, strives to comply with the norms of international law in the field of sustainable economic development and environmental protection. The signing of a number of laws, strategies, programs and global initiatives signed by the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, forms the basis of the state policy of the*

*Republic of Tajikistan in the field of environmental education. It is aimed at developing a continuous system of education and environmental education of the population.*

***Key words:*** *Environmental protection, ecology, environmental pollution, industrial waste, global warming, global climate change, nuclear energy, environmental education, environmental culture, environmental knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Сайдаҳмадзода Дилором Лақаевна-*** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон"- и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир 33/803, Тел : (+992) 987212922, E-mail:* sdl6868 @mail.ru;

***Раҷабова Бибигул Воҳидовна*** *– муаллимаи калони кафедраи методикаи таълими химия, факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел: (+992) 904152541;*

***Сведение об авторе:***

***Саидахмадзода Дилором Лакаевна*** *- кандидат педагогических наук, доцент, директор Учебного центра Школы государственного управления им. Эмомали Рахмона Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Насира 33/803, тел: (+ 992) 987212922, E-mail: sdl6868@mail.ru;*

***Раджабова Бибигул Вохидовна*** *- старший преподаватель кафедры методики преподавания химии химического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Тел: (+992) 904152541;*

***About the author:***

***Saidahmadzoda Dilorom Laqaevna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Director of the Emomali Rahmon School of Statecraft Training Center of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nasir Street 33/803, Tel: (+992) 987212922, E-mail : sdl6868 @mail.ru;*

***Rajabova Bibigul Vohidovna*** *- senior teacher of the Department of Chemistry Teaching Methods, Faculty of Chemistry of the State Pedagogical University of Tajikistan named after S. Exactly. Tel: (+992) 904152541;*

**ТДУ 373:61(573.3)**

## ТАҲЛИЛ ВА РАФЪИ МУШКИЛОТ БА ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ТАБИӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бегимов Ҳ.Х.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Яке аз ин самтҳо ҳалли мушкилот оид ба ташаккул додани донишҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ ва ҷомеа мебошад. Робитаи байни фаннӣ дар раванди таълим – ин яке аз равияҳои муҳимми ҷустуҷӯйи методҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогӣ мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи коллективи омӯзгорони фаннӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, бо мақсади таъсири самараноки онҳо ба хонандагонро ифода менамояд. Робитаи байни фаннӣ ҳамчун раванд, пеш аз ҳама, дар илмҳои табиӣ амалӣ ва ба вукӯъ пайваста мегардад. Ин раванд дар баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди донишҳо талабҳои навро пеш меорад.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Яке аз шароитҳои зарурӣ барои татбиқи бомуваффақияти раванди омӯзиш таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои омӯзиш мебошад. К.Д. Ушинский мегӯяд: «Муаллим бояд фаромӯш насозад, ки таълимот маҳрум кардани ҳар гуна манфиат ва танҳо бо қувваи маҷбурӣ, ҳатто агар он аз беҳтарин сар- чашмаи муҳаббат ба муаллим бароварда шавад, бидуни дониш, омӯзиши хонандагонро мекӯшад, ки ин аз эҳтимол дур нест…» [24, - с. 236].

Дар адабиёти методӣ усулҳои гуногуни корҳо дида мешавад, ки ба ташаккули дониши ибтидоии фанҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Н.К. Крупская собит кард, ки ҳатто хонандагон бояд оид ба техникаю технологияҳо, воситаи робита ва хусусан қувваи барқ фаҳмиши одӣ дошта бошанд. Бо вучуди ин, ба таври қатъӣ иҷрои раванд

бо назардошти хусусиятҳои синну соли хонадагон, интихоби дурусти далелҳо барои ҳар як соли таҳсил, дар таърифи дуруст ва аниқи фарогирии дониш мебошад.

Ҳаҷми дониши илмӣ ва техникӣ аст, ки ҳоло Н.К. Крупская чунин навиштааст: «Натанҳо қувваи кӯдакон, валеягон қувваи инсон қодир нест, ки тамоми донишро ба даст оранд». Н.К. Крупская рушди қоби- лияти эҷодии хонандагони хурдсолро ҳимоя кард ва ӯ боварӣ дошт, ки кӯдакон аз гурӯҳҳои якум бояд ба онҳо риоя кунанд, натиҷаҳои муайяне бароранд, тарзи таҳқиқотро ба ҳар як падидае, ки мебинанд, таълим диҳанд.

Н.К. Крупская гуфтааст, ки: «Як усули таҳқиқот дар омӯзиши асос- ҳои илм ва бедор намудани хонандагони хурдсол таваҷҷуҳи аниқ дар муҳити зисти табиӣ, хоҳиши фаҳмиш ба омӯхтани зуҳуроти гирду атроф мебошад, ба кор истифода бурдани дониш, даст ба ҳалли мушкилоти амалӣ ва назариявӣ задан аст….» [13, - с. 436].

Ин имкон дод, ки мушкилоти асосии илми педагогӣ муайян карда шавад. Он дар васеъ кардани ҳаҷми дониш ва қобилияти таҳқиқи онҳо амалӣ карда мешавад. Мунтазам бояд барои ҷустуҷӯйи ҳалли масъала омода карда шавад. Муҳимияти бузург дар ин хусусияти умумӣ ва систематикии иттилоот мебошад. Дар ин соҳа, фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти таълимии муосир бояд ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дониши аниқи илмӣ, асосҳои илмӣ, ташаккул ва такмил додани донишҳои худ, инчунин қобилияти пур кардан ва татбиқи онро дар амалия дошта бошанд.

Қобилияти бештаре, ки доир ба донишҳои табиӣ доранд, ин ба даст овардани дониш, малакаю маҳорати касбӣ ва ба даст овардани маъ- лумот дар бораи истифодаи таҷҳизоти техникӣ ва маишӣ барои кӯмак кардани маълумоти техникӣ ва илмӣ, таъмини ташаккули бомуваффақияти ҷаҳонбинии хонандагони хурдсол мебошад. Имкониятҳои истисноӣ аз фанҳои табиатшиносӣ ҳамеша дар ташаккули шахсият намебошад. Он аз бисёр омилҳо вобаста аст. Дар асоси он, ки хонандагони хурдсол ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва макотиби олӣ барои омӯзиши илмҳои табиӣ, аз рӯзи аввал то ба маънои консепсияҳои нав ва азхудкунии маълумот, ки барои як қисми алоҳидаи хонандагони хурдсол пешниҳод карда мешавад, мушкилоти яқин аст. Баъзан дар бораи ягон ҳодиса фикри асосӣ ба дониши хонандагони хурдсол намерасад, онҳо маҷбуран механикӣ меомӯзанд ва онҳо манфиати худро гум мекунанд, инчунин ба онҳо муносибати манфӣ нисбати мавзуъ инкишоф меёбад.

Таҳқиқи таҷрибаи омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки сатҳи дониши хонанда- гон аз фанҳои табиӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Хонандагони хурдсол дар фаҳмонидани табиат ва ҳисси табиӣ, равандҳои одӣ, ки дар муҳити атрофи мо амал мекунанд, дар иҷрои вазифаҳои амалӣ ва таҷрибавӣ амал доранд, онҳо малакаҳои сусти истифодаи воситаҳои техникӣ, ченкунӣ ва дастгоҳҳои ёрирасон мебошанд. Ин дараҷаи муайяни он аст, ки набудани донишҳои зарурӣ дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз фанҳои табиӣ ва усулҳои таълими онҳо барои ташаккул додани дониши ибтидоӣ дар раванди омӯзиши маводи асосии таърихи илмҳои табиӣ, ботаника, география, физика, химия ва технология мебошад.

Ҳадафи зарурияти ташаккул додани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби А. Вигодский, А. Занков, В.С. Стреказозин ва А.В. Усова ифода карда шудааст. Дар қисми зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқоти С.А. Березюк, А.И. Грехова, Т.Я. Ишкова, К.И. Кортушов, П.Г. Кавалёв, П.И. Медведский, М.А. Пенжиева ва ёрӣ барои омӯзгорон Н.М. Бернер, М.С.Василева, В.Е. Гмурман, В.А Крутетский, В.Н. Мочанский, А.Ф. Мелчаков, Л.А. Осадчук ва дигарон сару кор бо ташаккули дониши асосӣ ва мафҳумҳо аз география, химия, биология, технология, математика ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Саволҳои ташаккул додани дониши ибтидоии фанҳои табиатшиносӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла бедор намудан ва ҳавасмандгардонӣ дар омӯзиши ин соҳа танҳо дар муалли- фони инфиродӣ ба амал меоянд.

Зарурати ташаккули мафҳумҳои илмҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ он аст, ки минбаъд барои беҳтар намудани шакл ва усулҳои таълими хонандагони хурдсол, баланд бардоштани сатҳи маориф ва муносибати ҳамаҷониба барои ҳалли мушкилот диққати ҷиддӣ дода шавад. Аз сабаби набудани таҳқиқоти бунёдӣ дар ҷумҳурӣ оид ба ташаккул додани дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва норасоиҳои маводи таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани дониши илмҳои табиӣ инкишофи фикрӣ имкониятҳои ба даст овардани малакаҳои касбӣ мебошад. Шакли дониши асосии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедории таваҷҷӯҳ ба онҳо дар асоси раванди давомнокӣ имконият барои беҳтар намудани сифати азхудкунии маводи барномаи таълими аст, ки он ба рушди мусоидат на танҳо таваҷҷӯҳ ба ин мавзуъ, балки ба илмҳои табиӣ низ мебошад. Рушди нокифояи самтҳои муайяни мушкилоти ташаккули дониши ибтидоии фанҳои табиӣ ба хонандагони

хурдсол дар назария ва амалияи дастурамали ҳалли ин мушкилот таъсири манфӣ мерасонад. [19, - с. 60-62]. Барои омӯхтани омилҳои асосии таркиби фанҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мо усулҳои гуногунро ҳамаҷониба истифода бурдем: омӯзиш ва таҳлили назарияи адабиёти педагогӣ ва методӣ, маводи омӯзиши педагогӣ дар мавзуи таҳқиқот, омӯзишҳо ва нақшаҳои таҳқиқотиро оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; мушоҳида кардан; пурсиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; гузаронидани озмоиш бо мақсади ошкор намудани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ доир ба илмҳои табиӣ мебошад.

Барои гирифтани маълумоти муфассалтар оид ба вазъияти ташаккул додани дониши аввалини фанҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои ҷумҳурӣ, мо дар байни омӯзгорони ин муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ пурсишнома гузаронидем. Бо ин мақсад 60 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои ш. Душанбе ба инобат гирифта шуданд. Саволҳое барои омӯзгорон интихоб карда шуданд, ки таҳлили ҷавобҳо ба онҳо якҷоя бо усулҳои дигари таҳқиқот имкон доданд, ки вазъиятро дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва сабабҳои пастшавии ҳалли онро ошкор гардад. Натиҷаҳои таҳлили ҷавобҳои омӯзгорон ба пурсишнома, ки бо мақсади омӯхтани омилҳои асосии фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронида мешавад.

Таҳлили саволномаҳои омӯзгорон ва натиҷаҳои иштирок дар синфҳо сатҳи пасти донишҳои ибтидоии фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо дар ҷумҳурӣ нишон доданд. Огоҳ намудани мавқеи муҳими ташаккули дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, барои боз ҳам беҳтар намудани шакл ва усулҳои таълими хонандагони хурдсол, баланд бардоштани дониши илмҳои табиӣ ва бо назардошти муносибати маҷмӯи ба ҳалли мушкилот дар асоси раванди идомаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хело кам (42,18%) истифода бурда шуд. Дар амал ин усул таҳқиқ карда шуд, ки омӯзгорон 30,00% аз он истифода намекунанд. Танҳо 16,14%-и омӯз- горони таҳқиқотӣ методикаи худро истифода мебаранд ва 16,67% аз ҳадди ақал, яъне имконпазиранд.

Ҳамин тавр, маълум шуд, ки бисёре аз омӯзгорон (58,32%) дониши кофии усули ташкили дониши ибтидоии фанҳои табииро дар синфҳои ибтидоӣ надоранд. Бештар вақт онҳо аз техникаи методологии зерин истифода мебаранд: ҳикоя (32,77%), баҳс (22, 66%), таҷрибаи намоишӣ (20,57%), таҷрибаи фароғати (14,60%) ва кори дигар (9,43%) аст. Ҳеҷ яке аз омӯзгорони мусоҳибшуда хондани адабиёти илмии машҳурро исти- фода намебаранд. Дар ҳақиқат, таҳқиқоти мо нишон дод, ки чунин адабиёт дар забони тоҷикӣ пурра нест. Ба саволи: Аз кадом манбаъҳо барои амалисозии амалия маслиҳат медиҳед? 45,60% пурсидашудагон посух доданд, ки онҳо аз адабиёти илмии маълум барои хонандагон бо забони русӣ буданд.

Ба саволи: Донишҳои ибтидоии фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз чӣ (кӣ) вобаста аст? Аксарияти омӯзгорони мусоҳибашуда (45,60%) ҷавоб доданд, ки омӯзгор бо адабиёти методӣ ва маъмулии илмӣ, инчунин хонандагон бо адабиёти илмӣ дар забони модарӣ таъмин карда нашудаанд. Тавре ки аз таҳлилу натиҷаҳои пурсиш 32,77% омӯзгоронро таҳқиқ намудем, роҳнамо оид ба ташаккули дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ дошта бошад, нест ва дар 55,56% омӯзгорон набудани адабиёти тоҷикиро зикр карданд.

Бояд қайд кард, ки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо дар ҷумҳурӣ ва омӯзгорони фанҳои табиӣ ба ин мушкилот диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ки бо натиҷаи саволнома тасдиқ карда шудааст. Аксар омӯзгорон (45,60%) мегӯянд, ки маъ- мурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ вазифаи ташаккул додани дониши ибтидоӣ дар соҳаи фанҳои табииро хонандагони синфҳои ибтидоӣ надоранд. Танҳо 12, 50% омӯзгорони назарсанҷ мегӯянд, ки муаллими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба илмҳои табиӣ дар як суҳбат бо онҳо дар бораи имконияти ташаккул додани дониши асосии илмҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузаронида 32,77%-и омӯзгорон гуфтанд, чунин мусоҳибаҳо танҳо дар ҷараёни мавзуъҳои муайян гузаронида мешаванд. Маълум аст, ки сатҳи пасти ташаккули дониши ибтидоии илмҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ ҳамчун сифати пасти дониши табиӣ-илмии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва макотиби олӣ пешниҳод карда мешавад. Ин натиҷаи таҳқиқотро хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва макотиби олии гуногуни ҷумҳурӣ тасдиқ карданд. Дар поён мо ба натиҷаҳои таҳқиқоти хонандагони синфҳои IV-ум оид ба фанни табиат- шиносӣ пешниҳод кардем. Дар маҷмӯъ 90 хонанда ба қайд гирифта шуданд. Саволҳои зерин ба онҳо пешниҳод карда шуд:

1. Дӯстдории табиатро чӣ гуна мефаҳмед?
2. Барои ҳифзи табиат чӣ кор кардан лозим аст?
3. Кадом ҳодисаҳои табиӣ ба одамон зарар мерасонад?
4. Ашёи табиӣ аз чӣ иборат аст?
5. Ашёи табиатро номбар кунед?
6. Ҳодисаи табиӣ чист?
7. Офтоб чӣ гуна шакл дорад?
8. Моҳ чӣ гуна шакл дорад?
9. Шумо дар бораи ситораҳо чӣ медонед?
10. Рӯз аз шаб чӣ фарқ дорад?
11. Чаро дар моҳ одамон зиндагонӣ намекунанд?
12. Санг аз хок чӣ фарқ дорад?
13. Аз санг чӣ месозанд?
14. Хок чист?
15. Хокро бо кадом мақсад истифода мебаранд?
16. Хок аз чӣ ҳосил мешавад?
17. Ба кадом навъи хок ҳаво хубтар дохил мешавад?
18. Дар бораи об, ҳаво, боришот, шамол маълумот диҳед?
19. Борон ва барф чӣ аҳамият доранд?
20. Борон аз барф чӣ фарқ дорад?
21. Оё Шумо тиру камонро дидаед?
22. Тиру камон аз кадом рангҳо иборат аст?
23. Неруи барқ дар куҷо ҳосил мешавад?
24. Чаро дар роҳи яхшуда хок мепошанд?
25. Аз таъсири чӣ ҷинсҳои кӯҳӣ вайрон мешаванд?
26. Кӯҳ аз кадом қисмҳо иборат аст?
27. Дар бораи ағба маълумот диҳед? …

Дар интихоби саволҳо мо кӯшиш намудем, ки ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамон саволҳоеро пешниҳод намудем, ки бо онҳо ҳар рӯз вомехӯранд. Маълумот дар бораи сифатҳои дониши табиӣи хонандагони хурдсол оварда шудааст. Сарфи назар аз арзиши олии таълимӣ, рушд ва таълими ташаккули дониши ибтидоии фанҳои табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ҳалли ин мушкилот ҳанӯз дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, диққати махсус дода шудааст. Ин мавод дар раванди омӯзиши ин масъала тасдиқ шудааст.

Солҳои зиёде омӯзиши кори омӯзгорони фанҳои табиӣ, суҳбат бо омӯзгорон ва хонандагон, пурсидани саволҳо дар бораи сифати пасти илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ сабабҳои асосиро медиҳанд, таҳлили ҳолати мушкилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки методологияи барои ташаккули дониши ибтидоӣ дар соҳаи фанҳои табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Таҷрибаи педагогӣ ва дониши бисёре аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки системаҳои маълумоти ибтидоӣ дар бораи фанҳои табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ дар синфхонаҳо ва дигар чорабиниҳо таҳия карда шаванд.

Суҳбат, таҳқиқи ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ, пур- сиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 7, 10, 34 ва гимназияҳои № 4, 55-и ш. Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 19, 50, 70-и ш. Ҳисор ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 24, 53-и н. Варзоб нишон дод, ки роҳҳои истифодаи ташаккули дониши ибтидоии илмҳои табиӣ бесамар ё суст мебошад, хонандагон ташаббуси каме ба омӯзиши ин мавод нишон медиҳанд.

Фаъолияти бештари хонандагон ҳангоми баёни мавзӯйи нав аз талаботи муҳими муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Омӯзгор бояд дарсро тавре ташкил намояд, ки худи хонандагон калимоти қофия ва радифро муайян кунанд. Дар ин амал омӯзгор бояд назорагару довар ва ёрирасонанда бошад.

Шарти дигар дар таҳлили шеър, бино ба таъкиди методистон, «шинохти калимоту таъбироти душвори матн ва шарҳи онҳо"-ст. Дар байти аввал ё худ матлаъи ғазали мавриди назар танҳо ду калимаи душвор ба назар расид: шариф ва одамият. Мувофиқи талаботи низоми босалоҳият хонандагон набояд танҳо бо китоби дарсӣ маҳдуд шаванд, истифода аз луғату фарҳангҳо, асарҳои бадеӣ, дастурҳои таълимӣ, маводи интернетӣ ва монанди инҳо аз ҷумлаи талаботи ин низми таълим аст. Ҳало луғатҳои электроние ҳастанд, ки бо истифода аз онҳо дар ду дақиқа метавон шарҳи дилхоҳ калимаро пайдо кард, аммо истифода китоби луғату фарҳангҳо мувофиқи мақсад аст. Талабагон ҳангоми ёфтани маънии калимаҳо дар баробари истифодаи луғатҳои электронӣ бояд аз "Фарҳанги забони тоҷикӣ"низ истифода баранд. Дар китоби "Фарҳанги забони тоҷикӣ" калимаи "шариф" чунин маънидод шудааст: "1. асил, наҷиб; 2.бошарофат, шарофатманд, баланддараҷа, соҳиби ифтихор, соҳиби обрӯ"[568]. Калимаи " одамият"-ро муаллифони фарҳанги номбурда чун ин шарҳ додаанд: "1. Мардумӣ, инсонӣ, одамӣ.2. киноя аз некхислатӣ, хушхулқӣ, соҳиби беҳтарин хислатҳои инсонӣ будан, инсондӯстӣ, раҳмдилӣ"[900].

Баъд аз шарҳу тафсири калимоти душвори байти матлаъ методистон ёфтани санъатҳои бадеиро, ки дар байт ба кор рафтааст, зарур медонанд. Хонандагони синфи 9 дар синфҳои поёнӣ аз санъатҳои бадеӣ огоҳӣ доранд. Ин байт дорои чанд санъати бадеӣ аст, аз ҷумла, ҳусни матлаъ, бароати истиҳлол ва таносуби сухан. Омӯзгор бо ёрии хонандагон бояд ҳар яки ин санъатҳоро шарҳ диҳад. Чаро ин байтро ҳусни матлаъ мегӯянд? Кадом ҷиҳати ин байт санъати истиҳлол аст? Кадом калимоти ин байт инсиҷом ё худ таносуби маъноӣ доранд?

Масалан, дар мавриди санъати бароати истиҳлол Турақул Зеҳнӣ дар китоби "Санъати сухан" меоварад: "Шоир дар аввали маснавӣ ё қасида ва ғайра байтеро зикр менамояд, ки дар он аз чӣ иборат будани мундариҷаи манзумаро баён мекунад, ё ба иборати дигар, ишорате доир ба мундариҷаи асар меорад ва онро бароати истиҳлол мегӯянд" [143]. Хонандагон тибқи барнома дар синфи 9 санъати бароати истиҳлолро меомӯзанд. Хонандагон аз китоби "Санъати сухан" шарҳи ин санъатро баён мекунанд ва омӯзгор савол мегузорад, ки оё шоир дар ин байт ишорате доир ба мундариҷаи ғазалаш кардааст ва агар карда бошад, мундариҷаи ғазал доир ба кадом мавзӯъ аст? Бешубҳа, хонандаи зирак дармеёбад, ки шоир мехоҳад, ки дар бораи одамият- беҳтарин хислатҳои инсонӣ, инсондӯстӣ, раҳмдилӣ сухан гӯяд. Ба ҳамин минвол санъатҳои дигарро низ хонандагон бо ёрии омӯзгор бо истифода аз фарҳангу китобҳои илмӣ, монанди "Санъати сухан"-и Т. Зеҳнӣ меёбанд. Муайян кардани ғояи асари бадеӣ, ки марбут ба ҷаҳонбинии шоир аст, аз талаботи дигари методикаи тафсири каломи мавзун мебошад. Шарҳи калимоти душвор, дарёфтани санъатҳои бадеӣ хонандагон ба дарёфтани ғояи асар наздик мекунад. Хонандагон ба мазмуни байт наздик шудаанд ва медонанд, ки шоир доир ба кадом масъала сухан мегӯяд. Ғояе, ки шоир дар ин байт ба хонандаи худ талқин кардани аст, рисолати инсонӣ, инсон будани инсонвор зистан ва дорои хислатҳои беҳтарини инсонӣ будани ба касе бадӣ накардан аст.

Баъд аз иҷро кардани шартҳои методикаи таълими каломи мавзун ва талоботи муносибати босалоҳият муаллим ҳамроҳ бо хонандагон аз байт натиҷагирӣ мекунанд. Ин байтро муаллифони "Шарҳи бист ғазали Саъдии Шерозӣ" чунин шарҳ додаанд: "Бузургию қадри шахс, фарзанди одам ба сабаби каромоти рӯҳи мардумӣ ва одамияти ӯст, ин либоси зебо ва зоҳири ороста намудори одамигарӣ нест. Саъдӣ мегӯяд, ки тани одамӣ вобаста ба

нафсу ҷони одамият шариф аст, одамӣ дар сурате шарифу арҷманд буда метавонад, ки одамият, одамгарӣ ва эҳсону саховат дошта бошад. Тани одам ба сари худ чизе нест, арзише надорад, онро одамгарӣ арзишманд мегардонад. Либоси зебо ҳанӯз ба одамият будани инсон, ба одамгарии ӯ далел буда наметавонад» [9]. Байтҳои дигари ғазалро метовон бо ҳамон шартҳое, ки пешниҳод шудаад, метавон шарҳу тафсир кард.Мутахассисони низоми муносибати босалоҳият таъкид кардаанд, ки омӯзгор ҳангоми дарс бояд кӯшиш намояд, то хонандагон ба чаҳор унсури асосии муносибат босалоҳият ба таълим: *донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал тадбиқ намояд* ноил гарданд. Яъне, ҳангоми таълими мавзӯи «Шарҳи ғазали «Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият» хонандагони салоҳиятҳои донистан, тавонистан, азхуд кардан ва дар амал тадбиқ кардани донише, ки аз ин мавзӯъ гирифтаанд, ноил гарданд.

Қутбиддин Мухтори дар мақолаи худ таъкид мекунад, ки ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ дар дарси адабиёт ба чаҳор марҳала сурат мегирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн ва таҳияи матни худ [7]. Ин марҳалаҳо, ки мутахассисони муносибати босалоҳият таъйин кардаанд, аз шартҳое, ки методистон барои шарҳи каломи мавзун пешниҳод намудаанд, мухолиф нест. Ба марҳалаи якуму дувум, яъне дарки матн ва баҳодиҳӣ ба он шаш шарти пешниҳоднамудаи методикаи суннатии шарҳи каломи мавзунро дар бар мегирад. Чунонки мушоҳида кардем, нахуст хонандагон бо матни ғазал ошно шуданд, бо ёрии муаллим матнро дурусту саҳеҳ қироат карданд, бо мазмуни он ошно шуданд, перомуни он мулоҳиза намуданд, сонияи,вазн, ва калимоти қофияву радифро мушаххас намуданд, калимоти душворфаҳми онро аз луғат ёфтанд, ғазалро байт ба байт шарҳ доданд, матнро ба қисматҳо ҷудо намуда, ғояи асосии онро муайян намуданд, мақсади шоирро дарк намуда, андешаҳои худро атрофии он баён карданд. Дар марҳалаи севум, тағйир додани матн ва чаҳорум, таҳияи матни худ малакаи эҷодкории хонанда ташаккул меёбад. Тағйир додани матн ба маънои он нест, ки хонанда монанди шоир ғазал нависад, балки хаёлоти худро доир ба такмили ғазал вобаста ба замони имрӯза ва талаботи он менависад. Дар марҳалаи чаҳорум, яъне таҳияи матни худ хонанда идеяи худро доир ба гуфтаҳои Саъдӣ доир ба мавзӯи «одамият» пешниҳод мекунад. Ин матни таҳиякардаи хонанда метавонад ба шакли иншо ё худ эссе пешниҳод шавад.

Чӣ хеле ки мушоҳида мешавад, марҳалаи чаҳоруми пешниҳодкардаи методистони низоми босалоҳият ва марҳалаи шашум, ки мо дар нақша тибқи талаботи методикаи шарҳи шеър пешниҳод наменамем, яксон аст. Яъне, баъд аз шарҳи комили ғазал хонандагон бояд аз ғазал натиҷагирӣ кунад, ки шоир чӣ мехоҳад гуфтан ва чӣ ғояеро талқин мекунад. Дар низоми анъанавии талқин омӯзгорон дар ин мавзӯъ навиштани иншоро талаб мекарданд.

Бояд зикр кард, ки дар низоми муносибати босалоҳияти ба таълим ҳам барои фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим ва ҳам барои фаъолияти маърифатии хонандагон шартҳо пешниҳод шуда, ки иҷро онҳо ҳатмист. Масалан, фаъолияти омӯзгор танҳо бо додани дониш дар асоси барномаву китоби дарсӣ ва назорати азхудкунии донишҳо маҳдуд намегардад. Омӯзгор бояд раҳнамои хонандагон бошад, имкон фароҳам оварад, ки хонандагон малака ва маҳорати худро нишон дода тавонанд ва ҳамзамон дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккуули салоҳиятҳоро мушоҳида намояд.

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дониш на танҳо омӯзгор, балки хонандагон низ бояд фаъол бошанд. Саволу ҷавобҳо, ки байни омӯзгору хонандагон ва хонанда бо хонанда ташкил мешавад, имкон медиҳад, ки мавзӯъ хубтар таҳлил гардад ва хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил гарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик (қисми 1), / М. Аҳмадов Хуҷанд: Ношир 2012.-324 с.
2. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х. Муҳаррирони масъул Х.Шарифов ва У.Тоиров, Душанбе, 2007.-72 с.
3. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун.// Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) с.,146-150.
4. Исрофилниё Ш.Р. Бобоева З. Методикаи таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар курси таърихи адабиёт\З. Бобоева \\ Паёми АТТ, 2019, №1(30),-С.,47-52.
5. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании. – www.nekrasovspb.ru\rublikation\cgi-bin\ cgi? event=3&id=22.
6. Леонова Г.Л. Формирование ключевых компетенций на уроках литературы в старших классах.\Г.Л. Леонова.// http://pandia.ru.
7. Миров Т., Давлатзода С. Адабиёти тоҷик. Китоби дарси барои синфи 9 \ Т. Миров, С. Давлатзода-Душанбе: Маориф, 2014.-352с.
8. Мухторӣ Қ., Сафин Д., Кабиров Н. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ \ Қ.Мухторӣ ва диг.-Душанбе, 2018.-60 с.

9. Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми. / Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ : Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, “Ирфон”-2018 - С.58-66.
10. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода,Д. Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. Душанбе: Ирфон, 2018.-72 с.

## УСУЛИ ТАЪЛИМИ ЯК ҒАЗАЛИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВОБАСТА БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ

*Дар мақолаи мазкур оид ба усули таълими як ғазали Саъдии Шерозӣ вобаста ба муносибати босалоҳият дар курси таърихи адабиёт сухан меравад. Воқеан, бо воситаи таълими адабиёт мақсади асосии таълим ва тарбия амалӣ гардонида мешавад. Бояд зикр кард, ки дар низоми муносибати босалоҳияти ба таълим ҳам барои фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим ва ҳам барои фаъолияти маърифатии хонандагон шартҳо пешниҳод шуда, ки иҷро онҳо ҳатмист. Муаллиф дар мақолаи худ фаъолияти омӯзгорро танҳо бо додани дониш дар асоси барномаву китобҳои дарсӣ ва назорати азхудкунии донишҳо амиқ менамояд, то ки таълими додаи ӯ маҳдуд набошад. Масъалаи асосии мақолаи мазкур таълими ғазалиёти Саъдии Шерозӣ вобаста ба муносибати босалоҳият дар курси таърихи адабиёт мебошад, ки муаллиф тамоми паҳлуҳои онро баррасӣ ва таҳлил намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *усул, таълим, адабиёт, шеър, ғазал, муносибати босалоҳият, таърихи адабиёт, омӯзиш, таҳлил, дарс, китоб, назорат, азхудкунӣ, дониш, малака, маҳорат, масъала, ғазал, китобҳои дарсӣ, Саъдии Шерозӣ, фаъолият, мақсад, тарбия, мушоҳида, хонанда, марҳала, низом, метод, ташаккул, санъати сухан.*

## МЕТОД ОБУЧЕНИЯ ГАЗАЛИ СААДИ ШЕРОЗИ НА ОСНОВЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ В КУРСЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ ИСТОРИИ

*В статье рассматривается способы преподавания газели Саади Шерози в связи с грамотным подходом к курсу истории литературы. В самом деле, основная цель обучения и воспитания достигается через преподавание литературы. Следует отметить, что система грамотного подхода к обучению обеспечивает условия как для активности учителя в учебном процессе, так и для познавательной активности студентов, реализация которой является обязательной. В своей статье автор углубляет работу учителя только путем передачи знаний на основе учебных программ и учебников, а также наблюдения за усвоением знаний, так что обучение не ограничивается. Основной темой данной статьи является преподавание газелей Саади Шерози относительно грамотного подхода в курсе истории литературы, который автор рассмотрел и проанализировал во всех его аспектах.*

***Ключевые слова:*** *метод, обучение, литература, поэзия, газель, грамотное отношение, история литературы, учеба, анализ, урок, книга, контроль, мастерство, знания, умения, мастерство, проблема, газель, учебники, Саади Шерози, деятельность, цель, образование, наблюдение, читатель, этап, система, метод, формирование, искусство речи.*

## METHOD OF LEARNING GAZHALI SAADI SHEROZI BASED ON COMPETENCE IN THE COURSE OF HISTORY OF LITERATURE

*This article deals with the method of learning gazhali Saadi Sherozi based on competence in the course of history of literature . In a fact, the main goal of training and education is achieved through the teaching of literature. It should be noted that the system of a competent approach to teaching provides conditions both for the teacher's activity in the educational process and for the cognitive activity of students, the implementation of which is mandatory. In his article, the author deepens the teacher's work only by transferring knowledge based on curricula and textbooks, as well as observing the assimilation of knowledge, so that learning is not limited. The main topic of this article is the teaching of gazelles by Saadi Sherozi regarding a competent approach in the course of literary history, which the author reviewed and analyzed in all its aspects.*

***Keywords:*** *method, teaching, literature, poetry, gazelle, competent attitude, history of literature, study, analysis, lesson, book, control, skill, knowledge, skills, skill, problem, gazelle, textbooks, Saadi Sherozi, activity, goal, education, observation, reader, stage, system, method, formation, art of speech.*

***Маълумот оид ба муаллиф:***

***Иброҳимов Эҳсон*** *– унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими адабиёти факултети филологияи тоҷикӣ Донишгоҳи далатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

***Сведение об авторе:***

***Иброхимов Эхсон** – соискатель кафедры методики преподавания литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.*
***About the author:***
***Ibrohimov Ehson** – an applicant in the Department of Literature Teaching of Methods, Faculty of Tajik Philology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

**УДК. 13.00.02**

# ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ ГРАФИКСОЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ VII ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ФУНКСИЯҲО ВА ГРАФИКҲОИ ОНҲО» ТАВАССУТИ КОМПЮТЕР

***Назаров Д.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи муҷаҳҳазонидани синфхонаҳои фанҳои табиӣ-риёзӣ бо воситаҳои техникии таълими муосир, аз ҷумла бо тахтаи электронӣ, компютери ба шабакаи Интернет пайваст ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, талаботи замони имрӯза омӯзгорони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриро водор месозад, ки аз пешравию комёбиҳои илму техника ҳамаҷониба бархӯрдор бошанд ва дар раванди таълим аз воситаҳои техникии таълим истифода намоянд. Таҳқиқоти мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ собит месозад, ки то ҳол на ҳамаи омӯзгорони фанни математика дар раванди таълим аз ӯҳдаи истифодаи барномаҳои компютерӣ мебароянд ва агар бо компютер кор карда тавонад, ҳам, аз имкониятҳои самараноки он баҳри ташаккул додани қобилияти эҷодию фаъолияти дарккунӣ ва маърифатии хонандагон бархӯрдор нестанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки ба масоили истифодаи компютер дар таълими математика таҳқиқоти олимон Е.В. Ашкунизе [1], Б.Б. Беседин [2], Ю.Г. Гузин [3], И.В. Дробышева [4], А.П. Ершов [5], О.И. Журавлёва [6] , А.А. Кузнецов [8], Э.И. Кузнецов [9], М.Н. Марюков [10], В.М. Монахов [11], Р.Я. Рижняк [12], Е.В. Скрыльникова [13], А.В. Якубов [15] ва дигарон бахшида шудаанд. Новобаста аз оне, ки масоили истифодаи компютер дар таълими математика аз ҷониби олимон ҳаматарафа таҳқиқ шуда бошад, ҳам, якчанд паҳлӯҳои ин масоил то ҳол на он қадар амиқ омӯхта шудаанд ва дар фаъолияти амалии омӯзгорон хуб татбиқ наёфтаанд. Аз ҷумла, масоили «Таҳқиқи имкониятҳои истифодаи компютер ва таҳияи воситаҳои дидактикии электронӣ барои ташаккул додани тафаккури хонандагон дар ҳалли масъалаҳои графикӣ» ва «Баҳодиҳии самаранокии истифодаи компютер ҳангоми ташаккул додани тафаккури хонандагон тавассути ҳалли масъалаҳои графикии алгебраи синфҳои 7-9» таҳқиқ нашудаанд. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем масоили истифодаи компютер дар ҳалли масъалаҳои графикии алгебраи синфи 7-ро муоина намоем.

**Графикҳо** - яке аз воситаҳои аёнии ифодакунандаи вобастагии функсионалии байни бузургиҳо мебошанд. Онҳоро дар илм ва техникаи муосир хеле зиёд истифода мебаранд, бинобар ин хонандагонро барои кор кардан бо графикҳо омода намудан зарур аст. Кор бо графикҳо тафаккури хонандагонро доир ба вобастагии функсионалии байни бузургиҳо инкишоф дода, шавқу ҳаваси онҳоро барои таҳқиқи ҷанбаҳои миқдории ҳодисаҳо бедор карда, ташаккул медиҳад. Истифодаи графикҳо дар ҷараёни баёни мавзӯи нав аз ҷониби омӯзгор ва аз тарафи хонандагон иҷро шудани корҳои гуногуни графикӣ, барои ҳосил кардани саводи графикӣ ва амиқтар азхуд намудани робитаи миқдории байни ҳодисаҳо ва равандҳо аҳамияти калон дорад [14, с.102]. Хонандагон дар синфи V ҳангоми омӯхтани математика доир ба графикҳо маълумоти аввалин ҳосил мекунанд, бинобар ин ҳамин донишҳоро дар курси алгебраи синфи 7 васеъ истифода бурдан имконпазир аст.

Мувофиқ ба мавзӯи алгебраи синфи 7 «Функсияи $y=x^2$ ва графики он» [7, с. 99] бо истифода аз барномаи компютерии Microsoft Office Excel сохтани графики функсияро муоина мекунем.

Барномаи Microsoft Excel – ҷадвали электрониест, ки тавассути он графики функсияи дилхоҳи математикиро сохтан мумкин аст. Омӯзгори математика дар ҳамкорӣ бо омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ баҳри ташаккул додани маҳорати графикии хонандагони синфи 7 дар синфхонаи компютерӣ доир ба сохтани графики функсияҳои хаттӣ, квадратӣ ва кубӣ дар ҳамбастагӣ бо мавзӯи «Сохтани диаграммаҳо (графикҳо) дар Microsoft Excel» машғулияти амалӣ гузаронида метавонанд.

Тавсия дода мешавад, ки пеш аз оне ки хонандагон ба сохтани графики функсия шурўъ намоянд, аввал таърифи функсия ва хосиятҳои онҳоро ба хотир оранд.

Тавассути компютер дар ҷадвали электронии Microsoft Excel чӣ тавр диаграмма ва графикҳоро месозанд? Намунаи сохтани графики функсияро дар ҷадвали электронӣ меорем.

*1. Графики функсияи $y=x^2-3$-ро дар барномаи Microsoft Excel созед.*

***Тартиби иҷрои кор*** чунин мешавад: ҷадвалро месозем, сатри якумро тағйирёбандаи *x* (ячейкаи A1) ва дуюмашро тағйирёбандаи y (ячейкаи A2) номгузорӣ мекунем. Барои осонӣ дар ячейкаи A2 худи функсияро менависем, чунки фаҳмо бошад, ки кадом намуди графикро месозем. Дар ячейкаҳои B1 ва C1 қиматҳои -4, -3 – ро дохил мекунем, ҳардуи ячейкаро ҷудо намуда, онҳоро нусхабардорӣ мекунем. Пайдарпайии аз -4 то 4 бо қадами 1 –ро ҳосил мекунем.




Акнун қимати функсияро дар нуқтаҳои додашуда ҳисоб кардан лозим аст. Барои ин дар ячейкаи B2 формулаеро, ки ба функсияи додашуда мувофиқ аст, тартиб медиҳему ба ҷойи *x* қимати онро, ки дар ячейкаи B1 ҷойгир аст, дохил мекунем, яъне формулаи =B1^2-3-ро навишта, аз клавиатура тугмаи Enter-ро пахш мекунем. Тавассути тугмаи чапи муш аз гўшаки ячейкаи B2 дошта, онро то ячекаи J2 меғеҷонем. Дар ин ячейкаҳо натиҷаи ҷавоби функсияи $x^2$-3 барои ҳар як қимати *x* пайдо мегардад. Барои бо ёрии барномаи компютерии MS Excel ҳосил кардани графики функсияи $y=x^2-3$ чунин амал мекунем:

- ячейкаҳои аз B2 то J2-ро ҷудо мекунем;
- фармони: Вставка → Мастер диаграмм → График –ро интихоб мекунем;
- номи графикро менависем.

Дар натиҷа графики функсияи мазкур ҳосил мешавад.




**Расми 2**

*2. Графики функсияи $y=x^3+15$-ро дар барномаи Microsoft Excel созед.*

***Тартиби иҷрои кор*** чунин мешавад: амалиёте ки дар мисоли 1 иҷро намудем онро такрор мекунем. Дар ячейкаи A2 худи функсияро менависем. Дар ячейкаҳои B1 ва C1 қиматҳои -4, -3 – ро дохил мекунем, ҳардуи ячейкаро ҷудо намуда, онҳоро нусхабардорӣ мекунем.

Пайдарпайии аз -4 то 4 бо қадами 1 –ро ҳосил мекунем.




Акнун қимати функсияро дар нуқтаҳои додашуда ҳисоб мекунем. Барои ин дар ячейкаи B2 формулаи =B1^3+15-ро навишта, аз клавиатура тугмаи Enter-ро пахш мекунем. Тавассути тугмаи чапи муш аз гўшаки ячейкаи B2 дошта, онро то ячекаи J2 мегеҷонем. Дар ин ячейкаҳо натиҷаи ҷавоби функсияи $x^3+15$ барои ҳар як қимати $x$ пайдо мегардад. Барои бо ёрии барномаи компютерии MS Excel ҳосил кардани графики функсияи $y=x^3+15$ чунин амал мекунем:

- ячейкаҳои аз B2 то J2-ро ҷудо мекунем;
- фармони: Вставка → Мастер диаграмм → График →График с маркером и наклонением-ро интихоб мекунем;
- номи графикро менависем.

Дар натиҷа графики функсияи мазкур ҳосил мешавад.

Пас аз фаҳмонидани тарзи сохтани графики функсияи квадратӣ, кубӣ кори мустақилона ташкил карда мешавад. Ба сифати кори мустақилона супоришоти зайлро пешниҳод намудан мумкин аст:

а) Графики функсияи $y=x^2$-ро дар порчаи [-5, 5] созед.

б) Графики функсияи $y=2x^2-2$ -ро дар порчаи [-10, 10] созед.

в) Графики функсияи $y=x^3$ -ро дар порчаи [-7, 7] созед.

г) Графики функсияи $y=3x^3-4$ -ро дар порчаи [-10, 10] созед.

Хулоса, тавассути барномаҳои компютерӣ, ба монанди Microsoft Excel ҳал кардани масъалаҳои графикии алгебраи синфи 7 аз манфиат холӣ нест. Он имкон медиҳад, ки тафаккурии мантиқии хонандагон, қобилияти эҷодии онҳо ташаккул дода шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Ашкинузе Е.В. Формирование основных понятий математического анализа в школе с использованием вычислительной техники: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. / Е.В. Ашкунизе. – Москва, 1987. - 183 с.
2. Беседин Б.Б. Изучение функций в курсе алгебры 7-9 с использованием компьютера: дис. ...канд. пед. наук:13.00.02. / Б.Б. Беседин. М.: 1992.111 с.
3. Гузун Ю.Г. Персональный компьютер как средство коррекции знаний по математике: дис. канд. пед. наук:13.00.02. / Ю.Г. Гузин. -М.: 1992.131 с.
4. Дробышева И.В. Индивидуализация процесса обучения математике спомощью компьютера, как средство повышения уровня знаний: дис...канд. пед. наук: 13.00.02. / И.В. Дробышева.-М.: 1991.-191с.
5. Ершов А. П. Компьютеризация школьного и математического образования /А.П. Ершов // Математика в школе. 1989. - №1. - С. 14-31.
6. Журавлева О.И. Методика обучения алгебре в неполной средней школе с использованием компьютера: дис. ...канд. пед. наук М.: 1992.
7. Қодиров Н. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 7. / Н. Қодиров. Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2005. – 216 с.
8. Кузнецов А. А. ЭВМ на уроках математики // Математика в школе 1985,-№6. -С. 44-46.
9. Марюков М.Н. Научно-методические основы использования компьютерных технологий при изучении геометрии в школе: дис. ... докт. пед. наук: 13.00.02./М.Н. Марюков. –Брянск, 1998.-244 с.
10. Монахов В.М. Перспективы развития новой ИТ обучения на уроках математики // Математика в школе. 1991. - №3. - С. 58-62.
11. Рижняк Р.Я. Формирование у учащихся 5-6 классов умения решать задачи по математике с использованием персональных компьютеров: автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. / Р.Я. Рижняк. – М.: 1990. – 19 с.
12. Скрыльникова Е.В. Компьютерные средства контроля знаний по математике: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. / Е.В. Скрыльникова. -М.: 2000. – 135 с.
13. Умаров У.С. Комплекси таълимию методӣ аз фанни «Методикаи таълими физика». Қисми I (Масъалаҳои умумӣ) / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, А. Сафаралӣ.-Душанбе: ДДОТ, 2017.-247 с.

## ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ ГРАФИКСОЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ VII ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ФУНКСИЯҲО ВА ГРАФИКҲОИ ОНҲО» ТАВАССУТИ КОМПЮТЕР

*Дар мақолаи мазкур тадқиқоти дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ гузаронидаи муаллиф бо мақсади ошкор намудани истифодаи мақсаднок ва самараноки компютер ҳангоми ҳалли масъалаҳои графикӣ дар синфи ҳафт муоина мегардад. Тадкиқот нишон дод, ки на ҳамаи омӯзгорони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ маҳорату малакаҳои кор кардан бо техникаи компютериро доранд. Онҳое ки бо компютер кор карда метавонанд барои сохтани графики функсия дар барномаи Microsoft Excel донишҳои зарурӣ надоранд. Дар мақолаи мазкур истифодаи барномаи компютерии Microsoft Excel ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Функсияҳои $y=x^2$, $y=x^3$ ва графикҳои онҳо» (алгебраи синфи ҳафт), инчунин тавассути ин барнома сохтани графики функсияи мазкур муоина мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *маҳорати графиксозӣ, барномаи компютерӣ, таҳқиқот, ҳалли масъалаҳо аз алгебра, ҷадвали электронӣ, графики функсия, функсияи квадратӣ, функсияи кубӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ГРАФИЧЕСКИХ УМЕНИЙ УЧАЩИХСЯ СЕДЬМОГО КЛАССА ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ: «ФУНКЦИИ И ИХ ГРАФИКИ» ПОСРЕДСТВОМ КОМПЬЮТЕРА

*В статье рассматривается исследование проведённое автором в средних общеобразовательных учреждениях республики с целью выявления плодотворного, целенаправленного использования компьютера при решении графических задач в седьмом классе. Исследование показало, что не все учителя средне общеобразовательных учреждений республики имеют навыки владения компьютерной техникой. Даже те кто умеет пользоваться компьютером не обладают необходимыми знаниями для построения графиков функций в программе Microsoft Excel. В данной статье рассматривается использование компьютерной программы Microsoft Excel при изучении теми «Функции $y=x^2$ , $y=x^3$ и их графики» (алгебра седьмого класса), а также посредством этой программы построение графика данной функции.*

***Ключевые слова:*** *графические умения, компьютерная программа, исследование, решение задач по алгебре, электронная таблица, график функции, квадратная функция, кубическая функция.*

## THE FORMATION OF THE GRAPHIC SKILLS OF STUDENTS OF THE SEVENTH GRADE IN THE STUDY OF THE TOPIC: "FUNCTIONS AND THEIR SCHEDULES" BY COMPUTER

*The article discusses the study conducted by the author in secondary educational institutions of the republic in order to identify the fruitful, targeted use of a computer in solving graphic problems in the seventh grade. The study showed that not all teachers of the SDA of the republic have computer skills. Even those who know how to use a computer do not have the necessary knowledge to plot functions in Microsoft Excel. This article discusses the use of the computer program Microsoft Excel when studying those "Functions $y = x^2$, $y = x^3$ and its graph" (seventh grade algebra), and also using this program the graphing of this function.*

***Keywords:*** *graphic skills, computer program, research, solving algebra problems, spreadsheet, function graph, square function, cubic function.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Назаров Довар Амонович*** *– муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

***Адрес:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудакӣ 121. Тел.: (+992) 000102882. dovarn@inbox.ru*

***Сведения об авторе:***

***Назаров Довар Амонович*** *– ассистент кафедры методики преподавания начального образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 000102882. dovarn@inbox.ru*

***About the author:***

***Nazarov Dovar Amonovic*** *– assistant of the Department of primary edication methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini.*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 000102882. dovarn@inbox.ru*

**ТДУ 51+372.8**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ МАФҲУМҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР СИНФҲОИ 5-6

***Ҷабаров М.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Мафҳум яке аз ифодакунандаҳои асосии мундариҷаи фанни дилхоҳи таълимӣ аз ҷумла математика мебошад.

Яке аз мафҳумҳои нахустини математикӣ, ки кӯдак дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо он шинос мешавад мафҳум дар бораи адад мебошад. Агар ин мафҳум аз худ карда нашавад, ҳангоми омӯзиши минбаъдаи математика дар толибилм проблемаҳои ҷиддӣ пайдо шуда метавонад.

Аз ибтидо шиносои бо мафҳумҳо дар хонандагон ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногуни математикӣ ба амал меояд. Масалан, ба омӯзиши геометрия шуруъ карда истода хонандагон яку якбора бо мафҳумҳои нуқта, хат, кунҷ ва баъдтар бо системаи кулли мафҳумҳои бо намудҳои объектҳои геометрӣ алоқаманд, дучор мешавад.

Вазифаҳои омӯзгор - таъмини пурраи аз худкунии мафҳумҳо мебошад. Аммо дар амалияи мактабӣ ин масъала он қадар бобарор, мувофиқи ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳал карда мешавад. «Камбудии асосии азхудкунии мактабии мафҳумҳо ин – формализм мебошад» - изҳор мекунад, равоншинос Н. Ф. Талызина, моҳияти формализм аз он иборат аст, ки хонандагон мавриди мафҳумҳоро дурурст тасвия намуда, яъне мазмуни онро дуруст фаҳмида гирифта, ҳангоми ҳалли масъалаҳо оид ба тадбиқи ин мафҳумҳо аз он дуруст истифода бурда наметавонанд.

Пас, ташаккули мафҳумҳо – ин проблемаи муҳим ва рӯзмара мебошад.

**Мафҳумҳои математикӣ, мазмун, ҳаҷм ва таснифи мафҳумҳо**

Мафҳум – шакли тафаккур дар бораи маҷмӯи яклухти хосиятҳои муҳим ва ғайримуҳими объект мебошад [14].

Маҳфумҳои математикӣ дорои хусусиятҳои хоси хеш мебошанд: онҳо аксар вақт аз талаботҳои илм пайдо шуда, дар олами воқеъӣ монандии худро надоранд: онҳо дорои дараҷаи калони абстраксия мебошанд. Ба туфайли ин ба хонандагон нишон додани пайдоиши мафҳуми омӯхташаванда (ё аз талаботи амалия ё аз талаботи илм) мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳар як мафҳум бо ҳаҷм ва мазмуни худ шарҳ дода мешавад. Мазмуни мафҳум ин маҷмӯи аломатҳои муҳими мафҳум мебошад. Ҳаҷм – маҷмӯи объектҳое мебошад, ки ба он мафҳуми додашуда тадбиқшаванда мебошад. Робитаи байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳумро дида мебароем. Агар мазмун (мундариҷа) ба воқеият мувофиқ буда, зиддияти аломатҳоро дар бар нагирад, онгоҳ ҳаҷм – ин маҷмӯи ғайри холӣ мебошад, ки ҳангоми дохил нашудани мафҳум ба хонандагон нишон додани он муҳим мебошад. Пас тағйирёбии яке аз онҳо ба тағйирёбии дигараш оварда мерасонад. Агар мазмун афзояд ҳаҷм кам мешавад [14].

Мазмуни мафҳум бо таърифи он мувофиқ карда шуда, ҳаҷм ба воситаи тасниф кушода дода мешавад. Тасниф - тақсимкунии маҷмӯъ ба таҳтмаҷмӯъҳое мебошад, ки онҳо талаботҳои зеринро қаноат мекунанд:

-тасниф бояд аз рӯи аломат гузаронида шавад;

-классҳо бояд буридашаванда набошанд;

-муттаҳидкунии ҳамаи классҳо бояд тамоми маҷмӯъро диҳад;

-тасниф бояд бе фосила бошад (мафҳумҳои наздикӣ намуди нисбат ба мафҳум, ки бояд тасниф карда шавад, бояд классҳо бошанд) [14].

Намудҳои зерини таснифро фарқ мекунанд:

1. Аз рӯи аломати намуд тағйирёфта объектҳои таснифшаванда метавонанд якчанд аломат дошта бошанд, бинобар ин, ҳар хел тасниф кардан мумкин аст.

Мисол мафҳуми «секунҷа»

| Мувофиқи кунҷҳояш | Се тарафаш баробар | Ду тарафаш баробар | Тарафҳояш баробар нестанд |
|---|---|---|---|
| Тезкунҷа | баробартараф | баробарпаҳлӯ  |  |
| Росткунҷа | -  | баробарпаҳлӯ  |  |
| Кундкунҷа | - | баробарпаҳлӯ  |  |

Дихотомӣ. Тақсими ҳаҷми мафҳум ба ду мафҳуми намудие, ки яктои он барои аломати додашуда буда, дигараш не. Мисол:




Мақсадҳои таълимии таснифро ҷудо мекунем:

1. Инкишофи тафаккури мантиқӣ;
2. Тафовутҳои намудиро омӯхта истода мо дар бораи мафҳуми авлодӣ тасаввуроти аниқтар ҳосил мекунем.

Ҳар ду намуди тасниф дар мактаб истифода бурда мешавад. Чун қоида, аввал дихотомӣ ва пас аз он аз рӯи аломати шаклдигар кардашуда.

**1.2. Муайянкунии мафҳумҳои математикӣ, мафҳумҳои ибтидоии тасвирро маънидодкунанда.**

Муайян намудани объект – аз хосиятҳои муҳими он интихоб намудани ҳамин хел ва ҳамон қадар хосиятҳо, ки ҳар яки онҳо зарурӣ буда, ҳамаашон якҷоя барои ин объектро аз объектҳои дигар фарқ кардан, кифоя мебошанд. Натиҷаи ин амал дар таъриф қайд карда мешавад [14].

Чунин тасвия таъриф шуморида мешавад, ки он мафҳуми навро ба мафҳумҳои аллакай маълуми ин соҳа оварда мерасонад. Чунин овариниш беохир давом ёфта наметавонад, бинобар ин, илм дорои мафҳумҳои ибтидоӣ мебошад, ки онҳо ошкор муайян карда нашуда, ғайримустақим (ба воситаи аксиомаҳо) муайян карда мешаванд. Номгӯи мафҳумҳои ибтидоӣ яккимата нест, бо тафовут аз илм дар курси мактабӣ мафҳумҳои ибтидоӣ хело зиёд мебошанд. Усули асосӣ барои маънидодкунӣ, дохилкунии мафҳумҳои ибтидоӣ – ин тартибдиҳии насабномаҳо (шаҷара) мебошад.

Дар курси мактабӣ на ҳамеша ба мафҳумҳо додани таърифи қатъӣ мувофиқи мақсад мебошад. Баъзан тасвияи тасаввуроти дуруст кифоя мебошад. Ин бо ёрии тасвирҳои маънидодкунда тасдиқотҳои барои хонандагон дастрас, ки дар онҳо як образи аёниро пайдо мекунанд ва дар аз худкунии мафҳум кӯмак мерасонанд, ба даст оварда мешавад. Дар ин ҷо талаботи ба мафҳуми пеш омӯхташуда овардани мафҳуми нав дар пеш гузошта намешавад.

Азхудкунӣ бояд то ҳамин дараҷа бурда расонида шавад, ки минбаъд тасвирро ба хотир наоварда, хонанда объекти ба мафҳуми додашуда мансубро шинохта гирифта тавонад.

**1. 3. Тарзҳои муайянкунии мафҳумҳо [14].**

Аз рӯи сохтори мантиқӣ таърифҳо ба конъюктивӣ (аломатҳои муҳим бо бандаки “ва” пайваст карда мешаванд) ва дизъюнктивӣ (аломатҳои муҳим бо бандаки “ё” пайваст карда мешаванд) ҷудо мешаванд.

Ҷудокунии аломатҳои муҳими дар таъриф қайдкардашуда ва робитаҳои қайдкардашудаи байни онҳо таҳлили мантиқӣ - математикии таъриф номида мешавад.

Ҷудокунии таърифҳо ба дескриптивӣ ва конструктивӣ мавҷуд аст.

Таърифҳои дескриптивӣ - таърифҳои ғайримустақим ва тавсифии чун қоида дорои намуд мебошанд: “Объект ном дорад, агар он дошта бошад”. Аз чунин таърифҳо далели мавҷудияти объекти додашуда барнашояд, бинобар ин, ҳамаи чунин мафҳумҳо исботи мавҷудиятро тақозо мекунад. Дар байни онҳо тарзҳои зерини муайянкунии мафҳумҳо фарқ карда мешаванд:

-Ба воситаи ҷинси наздиктарин ва тафовути намудӣ. (Ромб гуфта, параллелограмеро меноманд, ки ду тарафи ҳамсояи он баробар аст. Ба сифати таърифи ҷинсӣ мафҳуми параллелограмм баромад мекунад, ки аз он мафҳуми муайянкардашаванда ба воситаи як тафовути намудӣ ҷудо карда мешавад).

-Таъриф – созишнома – таърифест, ки дар он хосиятҳои мафҳум ба воситаи баробарӣ ё нобаробарӣ ифода карда мешавад.

-Таърифи аксиоматикӣ. Дар худи илми математика аксар вақт, дар мактаб баъзан мафҳумҳои аниқи индуктивӣ истифода бурда мешавад. (Масоҳати фигура – бузургие мебошад, ки қимати ададии он шартҳои зеринро қаноат мекунанд: $S(F) > 0;\ F_1 = F_2 \Rightarrow S(F_2);\ F = F_1 \cup F_2,\ \ F_1 \cap F_2 = \varnothing \Rightarrow S(F) = S(F_1) + S(F_2);\ \ S(E) = 1.$

-Таърифҳо ба воситаи абстраксия. Ба ин намуди таърифи мафҳум ҳамон вақт рӯй оварда мешавад, ки агар дигараш душвор ё амалигардониданаш ғайриимкон бошад (масалан адади натуралӣ).

- Таъриф – инкор – таърифест, ки дар он на мавҷудияти хосиятҳо, балки набудани он қайд карда мешавад (масалан, хатҳои рости параллел).

- Таърифи конструктивӣ (ё генетикӣ) – ин таърифе мебошад, ки дар он тарзи ба даст овардани объекти нав нишон дода мешавад (масалан, сфера гуфта, сатҳеро меноманд, ки дар натиҷаи дар атрофи диаметр давр задани нимдавра ҳосил мешавад). Дар байни чунин таърифҳо баъзан таърифҳои рекурсивӣ ҷудо карда мешаванд, ки онҳо ягон элементи ба ҷисми ягон класс ва қоидаеро, ки аз рӯи он объектҳои нави ҳамон классро ба даст овардан мумкин аст, нишон медиҳанд (масалан, таърифи прогрессия).

**1.4. Талаботҳои методӣ ба таърифи мафҳумҳо.**

-Талаботи илмӣ будан.

-Талаботи дастрас будан,

-Тлаботи ченшавандагӣ (ҳаҷми мафҳуми муайянкардашаванда бояд ба ҳаҷми мафҳуми муайянкунанда баробар бошад). Вайрон карда шудани ин талабот ё ба таърифи хеле васеъ ё ба таърифи хеле танг оварда мерасонад.

-Таъриф бояд саҳви мантиқиро дар бар нагирад.

-Таъриф бояд аниқ, фаҳмо буда, ифодаҳои маҷозиро дар бар нагирад.

-Талаботи минималӣ будан.

**1.5. Дохилкунии мафҳумҳо дар курси мактабии математика**

Ҳангоми ташаккули мафҳумҳо фаъолияти хонандагонро оид ба азхудкунӣ ду усули мантиқии асосӣ ташкил намудан лозим аст: ба мафҳум бурда расонидан ва баровардани натиҷаҳо аз далели ба мафҳум тааллуқ доштани объект.

Амали ба мафҳум оварда расонидан дорои сохтори зерин мебошад:

1) Ҷудокунии ҳамаи хосиятҳои дар таъриф қайд кардашуда.

2) Барқароркунии робитаҳои мантиқӣ байни онҳо.

3) Санҷиши мавҷудияти хосиятҳои ҷудокардашуда ва робитаҳои онҳо дар объект.

4) Ба даст овардани хулоса дар бораи мутаалиқияти объект ба ҳаҷми мафҳум.

Баровардани натиҷаҳо - ин ҷудокунии аломатҳои муҳими ба мафҳуми додашуда мутаалиқи объект мебошад.

Дар методика се роҳи дохилкунии мафҳумҳоро ҷудо мекунанд:

1) Конкретӣ-индуктивӣ:

-дида баромадани объектҳои гуногуни ба ҳаҷми мафҳум мутааллиқ ва ҳам ба он тааллуқ надошта;

-аниқкунии аломатҳои муҳими мафҳум дар асоси муқоисаи объектҳо;

-дохилкунии истилоҳ,тасвияи таъриф;

-ташаккули маҳорати ба мафҳум бурда расонидани объект ва баровардани натиҷаҳои ибтидоӣ;

2) Абстрактӣ - дедуктивӣ:

-дохилкунии таъриф аз тарафи омӯзгор:

-дида баромадани ҳолатҳои махсус ва хусусӣ;

-ташаккули маҳорати ба мафҳум бурда расонидани объект ва баровардани натиҷаҳои ибтидоӣ.

Ҳангоми бо роҳи якум дохил намудани мафҳум хонандагон мақсади дохилкуниро беҳтар фаҳмида, сохтани таъриф ва фаҳмидани муҳимияти ҳар як калимаро дар он ёд мегиранд. Ҳангоми бо роҳи дуюм дохил кардани мафҳум вақти зиёд сарф карда мешавад, ки ин хеле муҳим мебошад.

3) Омехта. Барои мафҳумҳои мураккабтари таҳлили математикӣ истифода бурда мешавад. Дар асоси миқдори зиёди мисолҳои конкретӣ таърифи мафҳум дода мешавад. Пас аз он бо роҳи ҳалли масъалаҳо, ки дар онҳо аломатҳои ғайри муҳим тағйир дода мешаванд ва муқоисаи мафҳуми додашуда бо мисолҳои конкретӣ ташаккулдиҳии мафҳумҳо давом дода мешавад.

**1.6. Мафҳумҳои асосӣ ва омӯзиши онҳо дар мактаб**

Дар адабиёт се марҳилаи асосии омӯзиши мафҳумҳо фарқ карда мешавад:

1. Ҳангоми дохил намудани мафҳум аз яке аз се тарзҳои дар боло зикркардашуда, истифода бурда мешавад. Дар ин марҳила инро ба инобат гирифтан лозим аст:

-Пеш аз ҳама мотиватсияи (мақсади) дохилкунии мафҳуми додашударо таъмин намудан лозим аст.

-Ҳангоми сохтани системаи масъалаҳо оид ба бурдан ба мафҳумҳо ҳаҷми бештар пурраи мафҳумҳоро таъмин намудан лозим аст.

-Нишон додани он, ки ҳаҷми мафҳум - маҷмӯи ғайрихолӣ аст, муҳим мебошад.

-Кушода додани мундариҷаи мафҳум, кор бо аломатҳои муҳим бо ҷудокунии аломатҳои ғайримуҳим.

-Ба ғайр аз донистани таъриф, аз тарафи хонандагон доштани тассаввуроти биноӣ дар бораи мафҳум мувофиқи мақсад мебошад.

-Азхудкунии терминология ва символика.

Натиҷаи ин марҳила тасвияи таъриф мебошад, ки азхудкунии он – мазмуни марҳилаи минбаъда мебошад. Азхудкунии таърифи мафҳум маънои ба даст овардани амали шинохта гирифтани объектҳои ба мафҳум мутааллиқ, баромадани натиҷаҳо аз мутааллиқияти объекти мафҳум, сохтани объектҳои ба ҳаҷми мафҳум мансубро дорад.

2. Дар марҳилаи аз худкунии таъриф кор оид ба дар хотир нигоҳ доштани таъриф давом дода мешавад. Инро бо ёрии усулҳои зерин ба даст овардан мумкин аст:

-Дар дафтар навиштани таърифҳо.

-Гуфтан, қайд кардан ё ягон рақамгузории хосиятҳои муҳим.

-Истифодаи контрмисолҳо барои иҷрои қоидаҳои ҳамҷояшавандагӣ (муқоисашавандагӣ).

-Интихоби вожагиҳои нокифоя дар таъриф, ёфтани вожаҳои зиёдатӣ.

-Таълими овардани мисол ва силсиламисолҳо.

-Таълими тадбиқи таъриф дар ҳолатҳои содa, чунин такрори якчандмаротибаи таъриф бе ҳалли масъалаҳо камсамара мебошад.

-Нишон додани имконияти таърифҳои гуногун исботи эквивалентнокии онҳо, аммо барои дар хотир нигоҳ доштан интихоб намудани яктои он.

-Омӯзонидани моҳияти таъриф, барои ин истифода намудан аз насабномаҳо (шаҷараҳо) бо маънидодкунии сохтори мантиқӣ; шиноскунӣ бо қоидаҳои моҳияти таърифҳо.

-Ҷуфтҳои монанди таърифро бо ҳамҷоякунӣ ва муқоиса пешниҳод намудан.

Ҳамин тариқ, ҳар як хосияти муҳими мафҳум дар таъриф истифода бурдашаванда, дар ин марҳила объекти махсуси омӯзиш гардонида мешавад.

3. Марҳилаи минбаъда – мустаҳкамкунӣ. Мафҳумро тасвияшуда ҳисобидан мумкин аст, агар хонандагон онро дар масъала якуякбора, бе ягон ҷудокунии аломатҳо шинохта гирифта тавонанд, яъне ҷараёни ба мафҳум бурда расонанда ба итмом расида бошад. Ба ин мақсад бо роҳҳои зерин ноил гаштан мумкин аст:

-Тадбиқи таъриф дар ҳолатҳои мураккабтар;

-Дохилкунии мафҳуми нав ба робитаҳои мантиқӣ, муносибат бо мафҳумҳои дигар (масалан тартибдиҳии насабномаҳо, таснифҳо);

-Нишон додани он, ки таъриф на барои худи он, балки барои "кор кардани он" ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва сохтани назарияҳои нав дода мешавад, мувофиқи мақсад мебошад.

**3. Ҷанбаҳои психологии ташаккули мафҳумҳо**

Ба адабиёти психологӣ рӯй оварда, мавқеъҳои асосии консепсияи ташаккули мафҳумҳои илмиро аниқ мекунем.

Дар дастури таълимии [20] сухан дар бораи ғайримкон будан дар намуди тайёр интиқол карда шудани мафҳумҳо меравад. Хонанда онро фақат дар натиҷаи фаъолияти шахсии худ, ки на ба калима, балки ба он ашёҳое, ки мо мафҳуми онҳоро дар ӯ ташаккул додан мехоҳем, равона карда шудааст, ба даст оварда метаванад.

Пайдошавии мафҳумҳо - ин ҷараёни ташаккули на фақат намунаи махсуси олам, инчунин системаи муайяни амалҳо мебошад. Амал, амалиётҳо механизми психологии мафҳумҳоро ташкил медиҳанд. Ба онҳо мафҳум на аз худ кардашуда метавонад, на минбаъд дар ҳалли масъалаҳо тадбиқ карда шуда метавонад. Вобаста ба ин хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳо бе мурочиат ба амалҳо фаҳмида намешавад. Намудҳои зерини амалҳоро, ки ҳангоми омӯзиши мафҳумҳо истифода бурда мешаванд, ташаккул додан зарур аст: [20].

- Амали шинохта гирифтан ҳамон вақт истифода бурда мешавад, ки мафҳум барои шинохтани объектҳо аз худ карда мешавад ва он ба класси додашуда мансуб мебошанд. Амали додашударо ҳангоми тасвияи мафҳумҳои дорои сохтори мантиқии конъюнктивӣ ва дизъюнктивӣ тадбиқ намудан мумкин аст.

-Баровардани натиҷаҳо.

-Муқоисакунӣ.

-Тасниф.

-Амалҳои бо барқароркунии муносибатҳои иерархӣ дар дохили системаи мафҳумҳо алоқаманд ва ғайра.

Дар [20] инчунин нақши муайянкунии мафҳумҳо дар ҷараёни азхудкунии он дида баромада мешавад. Таъриф – асоси тамоюли барои баҳодиҳии ашёҳое, ки хонанда бо онҳо сару кор дорад, мебошад. Масалан, таърифи кунҷро ҳосил намуда истода, хонанда метавонад, акнун ашёҳои гуногунро аз нуқтаи назари дар онҳо мавҷуд будан ё набудани аломатҳои кунҷ таҳлил кунад. Чунин кори воқеъӣ дар майнаи сари хонанда образи ашёҳои класси додашударо барпо мекунад. Ҳамин тариқ, ба даст овардани таъриф – ин фақат қадами нахустин дар роҳи азхудкунии мафҳум мебошад.

Қадами дуюм – шомилкунии таърифи мафҳум ба он амалҳои хонанда мебошад, ки онҳо ба объектҳои мувофиқ иҷро карда шуда, бо ёрии онҳо хонандагон дар майнаи сари худ мафҳумҳоро дар бораи ин объектҳо барпо мекунанд.

Қадами сеюм аз он иборат аст, ки ба хонандагон тамоюл ба мазмуни таъриф ҳангоми иҷрои амалҳои гуногун бо объектҳо омӯзонида шавад. Агар ин таъмин карда нашавад, он гоҳ хонандагон дар як ҳолат ба хосиятҳое, ки худи онҳо дар объектҳо ҷудо кардаанд, такя намуда, дар ҳолатҳои дигар кӯдакон аз як қисми хосиятҳои нишондодашуда истифода бурда метавонанд; дар ҳолати сеюм - онҳо метавонанд ба таърифҳои нишондодашуда таърифҳои худро ҳамроҳ кунанд.

**Шароитҳои таъминкунандаи идоракунии ҷараёни азхудкунии мафҳумҳо**

1. Мавҷуд будани амали мувофиқ: вай бояд ба хосиятҳои муҳим равона карда шавад.

2. Донистани таркиби амали истифодакардашаванда. Масалан, амали шонохтагириро дар бар мегирад: а) актуализатсияи системаи хосиятҳои зарурӣ ва кифоягии мафҳум;

б) тафтиши ҳар яки онҳо дар объектҳои пешниҳодкардашаванда; в) баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои ба дастовардашуда.

3. Пешниҳодшавии ҳамаи элементҳои амалҳо дар шакли зоҳирии моводӣ.

4. Ташаккули марҳилавии амали дохилкардашуда.

5. Мавҷудияти назорати амалиётӣ ҳангоми азхудкунии шаклҳои нави амалҳо.

Н. Ф. Талызина ташаккули марҳилавии мафҳумҳоро муфассал дида баромадааст. Пас аз иҷрои 5 - 8 супоришҳо бо ашёҳои воқеӣ ё моделҳо хонандагон бе ягон азёдкунӣ ҳам амалҳои мафҳум ва ҳам қоидаи амалҳоро дар хотир нигоҳ медоранд. Пас аз он амал ба шакли берунӣ нутқӣ гузаронида мешавад, ки дар он супоришҳо дар намуди хаттӣ додашуда, аломати мафҳумҳо, қоидаҳо ва нишондодҳо номбар карда мешаванд ё аз тарафи хонандагон дар хотира навишта мешаванд.

Дар ҳолате, ки амал дар шакли берунинутқӣ осон ва дуруст иҷро карда мешавад, онро ба шакли дохилӣ гузаронидан мумкин аст. Супориш дар шакли хаттӣ додашуда, номбаркунии

аломатҳо, санҷиши онҳо, муқоисаи натиҷаҳои ҳосилшударо бо қоидаҳо хонандагон худ ба худ иҷро мекунанд. Аввал дурустии ҳар як амалиёт ва ҷавоби интиҳоӣ назорат карда мешавад. Тадриҷан назорат фақат аз рӯи натиҷаи интиҳоӣ ҳангоми зарурият гузаронида мешавад.

Агар амал дуруст иҷро карда шавад, он ба марҳилаи ақлӣ гузаронида мешавад: хонанда худаш ҳам амалро иҷро мекунад ва ҳам назорат мекунад. Назорат аз тарафи омӯзанда фақат барои маҳсулоти интиҳоии амал пешбинӣ карда шудааст. Омӯзанда кӯмакро фақат ҳангоми ба душвориҳо дучор омадан ва нобоварӣ ба дурӯстии натиҷа мегирад. Акнун ҷараёни иҷро пӯшида буда, амал пурра ақлӣ мешавад.

Ҳамин хел тадриҷан табдилдиҳии амал аз рӯи шакл ба амал меояд. Табдилдиҳӣ аз рӯи умумгардонӣ бошад, ба интихоби махсуси супоришҳо таъмин карда мешавад.

Табдилдиҳии минбаъдаи амал бо такроршавандагии супоришҳои якнамуда ба даст оварда мешавад. Ин кор дар марҳилаҳои охирин мувофиқи мақсад мебошад. Дар ҳамаи марҳилаҳои дигар фақат ҳамин хел шумораи супоришҳо дода мешавад, ки он азхудкунии амалҳоро дар шакли додашуда таъмин мекунад.

**Талаботҳо ба мазмун ва шакли супоришҳо**

1. Ҳангоми тартибдиҳии супоришҳо бо он амалҳои нав, ки ташаккул дода мешаванд, аҳамият додан лозим аст.

2. Талаботи дуюм ба масъалаҳо - ин мувофиқати шакл ба марҳилаи азхудкунӣ мебошад. Масалан, дар марҳилаҳои аввалин объектҳое, ки хонандагон бо онҳо кор мекунанд, барои табдилдиҳиҳои воқеӣ бояд дастрас бошанд.

3. Миқдори супоришҳо аз мақсад ва мураккаби фаъолияти ташаккулёбанда вобаста аст.

4.Ҳангоми интихоби супоришҳо онро ба инобат гирифтан лозим аст, ки табдилдиҳии амал на фақат аз рӯи шакл, инчунин ба дараҷаи умумӣ гардонидашавандагӣ, автоматизатсия ва ғайра гузаронида мешавад.

Бисёр аз озмоишҳо гузаронидашуда, шароитҳои нишондодашуда амалӣ гардонида шудаанд.

Н.Ф. Талызина изҳор мекунад, ки дар ҳамаи ҳолатҳо мафҳумҳо на фақат бо мазмуни додашуда тасвият карда шудаанд, инчунин нишондиҳандаҳои баланд аз рӯи характеристикаҳои зерин ба инобат гирифта шудаанд:

-Оқилонагии амалҳои озмудашавандагон;

-Азхудкунии бошуурона;

-Боварии хонандагон дар дониш ва амалҳо;

-Набудани алоқамандӣ бо хосиятҳои ҳиссаи ашёҳо;

-Умумияти мафҳум ва амалҳо;

-Мустаҳкамии мафҳум ва амалҳои тавсия кардашуда.

Инак, дар кӯдак тадриҷан образи муайяни ашёҳои класси додашуда ташаккул меёбад. Мафҳумро дар ҳақиқат дар намуди тайёр додан мумкин нест, вайро фақат худи хонанда бо ёрии иҷрои системаи амалҳо бо ашёҳо барпо карда метавонаду халос. Омӯзгор бо хонанда дар ташаккули ин образ бо мазмун, ки пеш аз хосиятҳои муҳими ашёҳои класси додашуда меояд, ва нуқтаи назари ҷамъиятӣ кор карда баромадашударо ба ашёҳое, ки хонанда бо онҳо сару кор дорад, медиҳад, кӯмак мерасонад. Мафҳум – ин маҳсули амали аз тарафи хонанда бо ашёҳои класси додашуда иҷрокардашаванда мебошад.

**4. Хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳои математикӣ дар синфҳои 5-6**

Ҳар гуна мафҳум, аз ҷумла мафҳуми математикӣ абстраксия аз маҷмӯи объектҳои конкретӣ, ки бо онҳо тасвир карда мешаванд, мебошад. Дар мафҳум хосиятҳои устувори объектҳо, зуҳуроти омӯхташаванда инъикос мешаванд. Ин хосиятҳо дар ҳамаи объектҳои бо мафҳум муттаҳид кардашаванда такрор мешаванд. Аммо ҳар як объекти воқеъӣ боз баъзе хосиятҳои барои он хосро дорад. Тафовут дар хосиятҳои ғайримуҳим хосиятҳои муҳимро қайд мекунад.

Агар дар синфҳои ибтидоӣ таълим асосан дар дараҷаи айёнӣ образӣ бурда шавад, дар синфҳои 5-6 тафаккурӣ вожагӣ - мантиқӣ чукуртар инкишоф меёбад. Мазмуни чунин тафаккур мафҳум мебошад, ки моҳияти он “аллакай на аломатҳои зоҳирӣ, конкретӣ, аёнии ашёҳо ва муносибатҳои онҳо, балки хосиятҳои муҳимтари ашё ва зуҳуротҳо ва таносуби байни онҳо” мебошад.

Доир ба таълими математика бо ёрии ҳал кардани масъалаҳо дар илми методикаи таълими математика таҳқиқотҳои зиёде иҷро карда шуда- анд. Махсусан таҳқиқотҳои Д. Пойя, Л.М. Фридман, Ю.М. Колягин, А.М. Пишкало, А.А. Фетисов, В.И. Крупич ва дигарон оид ба ин масоил ниҳоят арзишманд мебошанд.

Дар таълими синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ҳал кардани масъалаҳои мазмуни табиидошта роҳу усулҳои гуногун истифода бурда мешавад. Ҳангоми ҳал кардани масъалаҳои мазмуни

табиидошта дар баробари истифодабарии усулҳои алгебравӣ, аз усулҳои якҷоякунии онҳо, яъне усули омехта низ самаранок истифода бурдан мумкин аст. Бо истифодаи ин усул ҳал кардани масъалаҳои мазмуни табиидошта ҳангоми таълими математика бисёр ба маврид аст [3]. Омӯзиши фанҳои табиӣ барои амиқ ва васеъшавии дониши аз бар намудаи математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намуда, барои мустақилона иҷро кардани ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта ёрӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, зарурати ташаккули ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта ва эҳёи фазои дар ҷузъиётҳои фанҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ он аст, ки минбаъд барои беҳтар намудани шакл ва методҳои таълими математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, барои баланд бардоштани сифати таълим ва муносибати ҳамаҷониба ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Ин замина низ бо сабаби набудани таҳқиқоти бунёдӣ дар ҷумҳурӣ оид ба ташаккул додани ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедории фазои дар фанҳои табиӣ ҳангоми таълими математика, норасиҳои маводи таълимӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта барои назорат ва омӯзиши амалӣ бо мақсади баланд бардоштани дониши табиӣ, инкишофи фикрӣ имкониятҳои ба даст овардани малакаҳои касбӣ ҳидоят менамояд.

Шакли дониши асосии фанҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бедории таваҷҷӯҳ ба онҳо дар асоси раванди дарс, имконият барои беҳтар намудани сифати азхудкунии маводи барномаи таълимӣ, ки он ба рушди таълими математика мусоидат менамояд. Рушди илми математика самтҳои муайяни ташаккули ҳалли масъалаҳои мазмуни табии- дошта ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар назария ва амалияи дастур амали ҳалли ин мушкилот таъсири мусбат мерасонад [6].

Барои омӯхтани омилҳои асосии фанҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мо аз методҳои гуногун ҳамаҷониба истифода кардан ба маврид аст. Яъне, омӯзиш ва таҳлили назарияи адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ, маводҳои омӯзиши фанҳои табиӣ дар мавзуи таҳқиқот, омӯзишҳо ва нақшаҳои таҳқиқотӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ дар синфҳои ибтидоӣ, пурсиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта, гузаронидани озмоиш бо мақсади ошкор намудани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта ва ғайра мебошад.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта истифода кардани роҳу усулҳои гуногун ба маврид аст ва ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод намудани якчанд маслиҳатҳои содаи умумии намуди зерин ёрии беандоза мерасонад:

**Маслиҳати 1.** Шарти масъаларо рӯяки нахонда, онро дақиққорона хонед. Ҳаракат намоед, ки маълумоти гирифтаатонро дар намуди схема, ҷадвал ё бо навишти кӯтоҳи шарти масъала дарҷ намоед.

**Маслиҳати 2.** Интихоби номаълумҳои масъала - дар масъалаҳои оид ба мафҳуми ҳаракат (суръат, вақт, масофа) ва масъалаҳои доир ба кор бошад, ин маҳсулнокии меҳнат ва ғайра.

**Маслиҳати 3.** Аз бисёрии шумораи номаълумҳо ё муодилаҳо ҳаро- сидан лозим нест. Муҳим он аст, ки онҳо ба шарти масъала мувофиқат намоянд ва бо ёрии онҳо модели математикии мувофиқаткунандаи онҳоро (муодила, нобаробарӣ, системаи муодилаҳо ё нобаробариҳо) тартиб дода тавонем.

**Маслиҳати 4.** Табдилдиҳии «тарҳи математикӣ» ва ҳал кардани он -

ҳангоми тартиб додани «тарҳи математикӣ» (муодила, нобаробарӣ, системаи муодилаҳо ё нобаробариҳо) шарти масъаларо боз як бори дигар бодиққатона хонед. Ба он диққат диҳед, ки дар ҳар як ҷумла матни масъала навишти математикӣ тартиб додашуда ва ҳар як «нишона» мувофиқат мекунад ё не (номаълумҳо, амалҳо бо номаълумҳо, муодилаи ҳосил карда шуда, нобаробарӣ ё системаи онҳо) .

Зарур аст, ки натанҳо муодила, нобаробарӣ, системаи муодилаҳо ва ё нобаробариҳоро тартиб дод, балки онро бояд ҳал кард. Агар ҳал кардани онҳо имкон надошта бошад, он гоҳ бояд боз шарти масъаларо такроран хонда, масъаларо таҳлил бояд намуд.

Дар бештари ҳолатҳо кифоя аст, ки номаълумҳоро наҷуста, балки комбинатсияи онҳоро бояд ҷуст.

Мисол: на x ва y, балки x+y, $\frac{x}{y}$, $\frac{1}{x}$ ва ғайра.

Агар тарҳи ҳосилнамуда ифодаи мураккаб бошад, он гоҳ ҳаракат кардан лозим аст, ки бо дохилкунии номаълумҳои нав тарҳи содатари онро ҳосил намоем.

Дар бештари мавридҳо номаълумҳои масъалаҳо бо ададҳои бутун ифода карда мешаванд, аз ин лиҳоз ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои мазмуни табиидошта аз хосиятҳои ададҳои бутун истифода бояд бурд.

**Маслиҳати 5.** Ҳал намудани масъалаи мазмуни табиидошта ин чораёни эҷодӣ мебошад. Ҳангоми зарурият лозим мешавад, ки ба ибтидои масъала бо ба инобат гирифтани натиҷаҳои ҳосилнамуда баргашта, натиҷаҳои ҳосилнамуда таҳлил карда шаванд.

Ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои мазмуни табиӣ навишти кӯтоҳи матни онро бо ёрии расм ва ҷадвалҳо тартиб додан низ мумкин аст. Усули бо ёрии ҷадвал тартиб дода ҳал кардани масъалаҳои мазмуни табиидошта барои ҳал кардани шумораи зиёди масъалаҳои аз рӯйи ғоя назик усули бештар татбиқшаванда мебошад. Барои ҳал намудани масъалаҳои мазмуни табиидоштаро оғоз намудан, ба саволҳои зерин ҷавоб додану онҳоро шарҳ додан, мақсади дуруст ёфтани натиҷаи талаботи масъала дар бештар мавридҳо ёрӣ мерасонанд:

Инҳо: а) Сухан дар бораи кадом ҳолат меравад? Ин ҳолат бо кадом бузургиҳо ифода ёфтааст? (Шумораи бузургиҳо бо сутунҳои ҷадвал мувофиқат намояд). б) Дар масъала чанд ҳолат мавҷуд аст? (Шумораи ҳолатҳо ба шумораи сатрҳои ҷадвал мувофиқ аст). в) Кадоме аз бузургиҳо маълуманд? Чиро бояд ёфт? (Ҷадвал бо додашудаҳои масъала пур карда мешавад, аломати савол гузошта мешавад). г) Бузургиҳо дар масъала чи гуна алоқамандандӣ доранд? (Навиштани формулаҳои асосӣ, муайян кардани алоқамандӣ ва мувофиқати онҳо бо бузургиҳои дар ҷадвал ҷойдошта). ғ) Кадом бузургиро ба сифати номаълум қабул кардан мумкин аст? (Катакҳои ҷадвал дар мувофиқат бо номаълуми интихобгардида пур карда мешавад). д) Кадоме аз шарт барои тартибдиҳии тарҳи масъала истифода бурда мешавад? (Тарҳи ҳосилшуда навишта мешавад). е) Оё натиҷаи ҳосилшударо ҳал кардан мумкин аст? (Агар ҳал кардан душвор бошад, аз дохил намудани номаълумҳои нав ё мувофиқатҳои дигар истифода бурдан мумкин аст).

Ба ақидаи мо, малакаю маҳорати ҳал карда тавонистани масъалаҳои мазмуни табиидошта ҳангоми таълими математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ сатҳи дониши математикии хонандагонро ташаккул медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарзи ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидоштаро нишон медиҳем:

**Масъалаи 1**. Пиёдагарди якум бо суръати 8 км/соат равон аст. Суръати пиёдагарде, ки аз паси ӯ меравад 10 км/соат буда, масофаи байни онҳо 12 километр мебошад. Онҳо баъди чанд соат вомехӯранд?

**Ҳал:** Агар вақти вохӯрии онҳоро бо t ишорат намоем, он гоҳ дар ин вақт пиёдагарди якум масофаи 8×t ва пиёдагарди дуюм масофаи 10*t-ро тай менамоянд. Ҳангоми вохӯрӣ масофаи тай намудаи пиёда- гарди дуюм 12 километр зиёд аст. Яъне 10×t - 8×t=12 мешавад. 2×t=12, аз ин ҷо t-ро меёбем: t=12:2=6 аст. **Ҷавоб:** Пиёдагардҳо баъди 6 соат бо ҳамдигар вомехӯранд.

**Масъалаи 2**. Велосипедсавор соати якум 10 км, соати дуюм 15 км ва соати сеюм 11 км масофаро тай намуд. Велосипедсавор ба ҳисоби миёна чанд километр масофаро тай намудааст?

**Ҳал:** 1) 16+15+11 = 42 км дар 3 соат.

2) 42:3=14 км дар 1 соат ба ҳисоби миёна. **Ҷавоб:** 14 км/ст.

**Масъалаи 3.** Ҳавз ба воситаи ду қубур бо об пур карда мешавад. Қубури якум ҳавзро дар 6 соат ва қубури дуюм дар 9 соат бо об пур мекунад, ҳарду қубур якҷоя ҳавзро дар чанд соат бо об пур мекунанд?

**Ҳал**. 1) аз 6−1 ҳисса бо қубури якум дар 1 соат;

2) аз 9−1 ҳисса бо қубури дуюм дар1 соат;

3) аз 18−5 ҳисса бо ҳарду қубур дар 1 соат;

4) дар 3 соату 36 дақиқа бо ҳарду қубур.

**Ҷавоб**: 3 соату 36 дақиқа

**Масъалаи 4.** Мактаб барои хонандагони синфҳои сеюм ва чорум 120 дона китоби бачагона харид. Дар синфҳои сеюм 80 нафар хонанда ва дар синфҳои чорум 64 нафар

хонанда таҳсил мекунад. Ин китоб- ҳоро байни хонандагон чӣ тавр тақсим кардан мумкин аст?

**Ҳал:** Агар китобҳоро дар байни синфҳо ҳамон тавре тақсим намоем, ки нисбаташон ба нисбати хонандагони дар синфҳо буда, якхела бошад. Яъне, 80:64=3:2 аст. Дар ин ҷо 120 дона китобро ба нисбати 3:2 тақсим кардан лозим аст. Ҳамагӣ 3+2= 5 ҳисса ҳаст ва ба ҳар як ҳисса 120:5=24 дона китоб рост меояд. Бинобар он ба хонанда- гони синфи сеюм 24×3=72 дона китоб ва ба хонандагони синфи 4-ум 24×2=48 дона китоб ҷудо кардан лозим аст. **Ҷавоб:** Барои синфҳои сеюм 72 дона китоб ва барои синфҳои чорум 48 дона китоб ҷудо кардан лозим аст.

**Масъалаи 5.** Мошин аз шаҳр бо суръати 40 км/соат равон шуд. Баъди 3 соат аз паси он мошини дуюм бо суръати 60 км/соат ба роҳ баромад. Аз шаҳр дар кадом масофа онҳо вомехӯранд?

**Ҳал:** Боз вақти вохӯриро бо х-ишорат мекунем. Мошини якум то вохӯрӣ х+3 соат дар ҳаракат буд. Ҳангоми вохӯрӣ масофаи тайкардаи мошинҳо якхела мебошад. Бинобар ин муодилаи 40 (х+3)=60 х-ро ҳосил мекунем. Муодилаи ҳосил шударо ҳал менамоем: 40х+120=60х;

120=60х-40х; 120=20х; х=120:20; х=6. Яъне, мошинҳо пас аз 6 соат воме- хӯранд. Акнун масофаи матлубро меёбем: S=$\vartheta$t=60 км/соат×6 соат=360 км. **Ҷавоб:** Аз шаҳр дар 360 км масофа онҳо вомехӯранд.

**Масъалаи 6.** Қатора масофаи 876 км-ро дар муддати 12 соат бояд тай кунад. Пас аз 5 соати ҳаракат қатора ба муддати 20 дақиқа боз дошта шуд. Акнун вай бо кадом суръат бояд ҳаракат намояд, то ки дар мӯҳлати тайншуда ба ҷойи зарурӣ омада расад?

**Ҳал:** Аввал суръати қатораро меёбем: S=$\vartheta$t; $\vartheta$=S:t=876 км/соат=12 соат=73 км/соат. Дар муддати 5 соат қатора масофаи 73 км/соат×5 соат = 365 км роҳро тай мекунад. Боқимондаи роҳе, ки $S_1$=876 км-365 км=511 км аст, вай на акнун дар муддати 12 соат - 5 соат = 7 соат, балки бояд дар муддати $t_1$ = 7 соат-20 дақиқа = 6 соату 40 дақиқа = 6,6 соат тай намояд. Суръати қатора дар ин муддат ба $\vartheta$= S/$t_1$=511 км / 6,6 соат = 76,65 км/соат мешавад. **Ҷавоб:** Акнун вай бо суръати 76,65 км/ст бояд ҳаракат намояд, то дар мӯҳлати тайншуда ба ҷойи зарурӣ омада рассад.

**Масъалаи 7.** Киштӣ дар 3 соат ба равиши ҷараёни дарё масофаи 48 км ва дар ҳамин муддат ба муқобили ҷараёни дарё 36 км масофаро тай мекунад. Суръати киштиро дар оби ором ва суръати ҷараёни дарёро ёбед?

**Ҳал:** Бо х$\frac{км}{соат}$ - суръати киштиро дар оби ором ва бо у$\frac{км}{соат}$ - суръати ҳаракати ҷараёни дарёро ишорат мекунем. Ҳангоми ба равиши ҷараёни дарё ҳаракат кардани киштӣ суръати ҳаракати он ба суммаи суръатҳои киштӣ дар оби ором ва суръати ҷараёни об, ба (х+у)$\frac{км}{соат}$ ва ҳангоми ҳаракат ба муқобили ҷараёни дарё ба фарқи ҳамин суратҳо, ба (х-у)$\frac{км}{соат}$ баробар мешавад. Мувофиқи шарти масъ- ала ба муодилаҳои (х+у)×3=48 ва (х-у)×3=36 доро мешавем. Қисмҳои чап ва рости ин масъалаҳоро ба ҳамдигар ҷамъ намуда, ҳосил мекунем: (х+у)×3+(х −у)×3=48+36=84. Қавсҳоро кушода, аъзоҳои монандро ислоҳ менамоем: 3х+3у+3х-3у=84; 6х=84; х=84:6; х=14. Акнун қимати х-ро дар яке аз муодилаҳо гузошта қимати у-ро меёбем. Барои, ин аз муодилаи якум истифода мебарем: (х+у)×3=3х+3у= =3×14+3у=48; 42+3у=48; 3у=48-42; 3у=6; у=6:3; у=2. **Ҷавоб:** Суръати киштӣ дар оби ором ба 14$\frac{км}{соат}$, суръати ҳаракати ҷараёни дарё ба 2$\frac{км}{соат}$ баробар аст.

**Масъалаи 8.** Ду киштӣ аз ду бандар ба пешвози ҳамдигар ба роҳ баромада баъди 2 соат вомехӯранд. Суръати ҳаракати онҳо дар оби ором 14 км/соат ва 20 км/соат буда, суръати ҷараёни дарё 4 км/соат мебошад. Масофаи байни бандарҳо чанд километр аст?

**Ҳал:** Ин масъала ҳам ба монанди масъалаи 19 ҳал карда мешавад. Яъне, масофаи матлуб (20+4)×2+(14-4)×2=24×2+10×2= =48+20=68 км аст. Мо масъаларо бо фарзияи он ки киштии суръаташ 20 км/соат буда ба равиши ҷараёни дарё ҳаракат мекунад, ҳал намудем. Агар ин киштӣ ба муқобили ҷараёни дарё ҳаракат кунад, он гоҳ масофаи ду бандар ин тавр ёфта мешавад: (14+4)×2+(20-4)×2= =18×2+16×2=36+32=68 км аст. **Ҷавоб:** Масофаи байни бандарҳо 68 км аст.

**Масъалаи 9.** Автобус аз ноҳия бо суръати 60 км/соат ҳаракат кард. Баъди 2 соат аз паси он автобуси дуюм бо суръати 70 км/соат ба роҳ баромад. Аз ноҳия берун дар кадом масофа онҳо вомехӯранд?

**Ҳал:** Вақти вохӯрии онҳоро бо t ишорат мекунем. Автобуси якум то вохӯрӣ бо (t+2) соат дар ҳаракат аст, вақти вохӯрӣ масофаи тайкардаи автобусҳо якхела мебошад. Бинобар ин, мо муодилаи 60 (t+4)=70 t-ро пайдо мекунем ва муодилаи ҳосил шударо ҳал мекунем: 60 (t+2)=70 t, 60 t + 120=70 t, 120=70 t-60 t, 120=10 t, t=120:10, t=12. Яъне, автобусҳо пас аз 12 соат вомехӯранд. Акнун масофаи тайкардаи автобусҳоро меёбем: S= $\vartheta$t = 70 км/ст×12 соат=840 км аст**. Ҷавоб:** 840 км.

**Масъалаи 10.** Мотосиклрон 4 соат бо суръати 80 км/соат ҳаракат кард. Вай чӣ қадар масофаро тай кардааст?

**Ҳал:** S = $\vartheta$t=80 км/соат×4 соат = 320 км масофаро тай кардааст. **Ҷавоб:** 320 километр.

**Масъалаи 11.** Дар 3 соат қатора 210 километр масофаро тай кард. Суръати қатора ба чӣ баробар аст?

**Ҳал:** $\vartheta$ = S : t = 210 км : 3 соат = 70 км/соат. **Ҷавоб:** 70 км/соат.

**Масъалаи 12.** Шикорчӣ 28 километр роҳро аспакӣ бо суръати 14 км/соат тай кард. Шикорчӣ чанд соат роҳ рафтааст?

**Ҳал:** t = S : $\vartheta$ = 28 км : 14 км/соат = 2 соат. **Ҷавоб:** 2 соат.

**Масъалаи 13.** Қитъаи замини роскунҷашакл дорои ченаки 218×275 метр мебошад. Агар 1 гектар замин 15 тонна картошка ҳосил диҳад, аз қитъаи мазкур чӣ қадар картошка ҷамъоварӣ карда мешавад?

**Ҳал:** Масоҳати қитъа S=a в= 218 м × 275 м= 59950 $м^2$ мешавад. Ин масоҳатро бо гектар ифода менамоем. Агар онро бо х-гектар ишорат кунем, он гоҳ аз таносуби 59950:10000=x:1 меёбем. Аз ин ҷо

x= 59950:1000=5,995 га мешавад. Акнун барои ёфтани миқдори ҳосили картошка масоҳатро бо ҳосилнокии 1 гектар замин зарб мезанем. Яъне 5,995×15 тонна = 89,925 тонна = 89 т 925 кг. **Ҷавоб:** Аз қитъаи мазкур 89т 925 кг картошка ҷамъоварӣ кардан мумкин аст. ….

**Хулоса,** мо бо ёрии ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта маҷмуи донишҳои математикӣ ва маҳорату малакаҳои заруриро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул медиҳем, хонандагонро ба фаҳмидани ҳодисаю қонунҳои табиат омода месозему татбиқи онҳоро меомӯзонем, яъне мазмуни донишҳоро васеъ мегардонем, малакаҳои мустақилона ҳал кардани масъалаи математикиро инкишоф медиҳем.

Дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳои мазмуни табиидошта ҳангоми таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мақсадҳои таълим ва тарбия амалӣ карда мешаванд. Ҳал намудани масъалаҳои мазмуни табиидошта дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташаккулёбии донишҳояшон мувофиқи талаботи барномаҳои синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд. Масъалаҳои мазмуни табиидошта ҳангоми таълими математика имкон медиҳад, ки назарияро ба амалия пайваст намоем ва мо бо ёрии онҳо системаи донишҳои математикиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул диҳем.

**АДАБИЁТ**


1. Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои мате -матикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х,Бегимов, А. Раззоқов, Д.Акбаров / Маърифати омӯзгор. 2007, №10, - С. 45-49.
2. Бегимов Ҳ.Х. Имкониятҳои шинос кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо илми физика. //«Паёмӣ Донишгоҳи омӯзгорӣ», 2005, №3, - С. 44-47.
3. Бегимов Ҳ.Х. Маҷмӯи кор бо мактаббачагони хурдсол доир ба шинос кардани онҳо бо ҷузъиёти физика. (Дастури методӣ). / Х.Ҳ. Бегимов. – Душанбе: ДДОТ, 2007. -50 с.
4. Бегимов Ҳ.Х. Шавқу рағбати хонандагони хурдсол ба физика. // «Паёмӣ Донишгоҳи омӯзгорӣ», 2006, №6, - С. 82-84.
5. Бурҳонов Қ.Т, Юсупова Н.Қ. Маҷмӯи мисолу маъалаҳо доир ба методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Т.Қ. Бурҳонов. – Хуҷанд: 2020. – 84 с.
6. Бурова Л.И. Формирование у младших школьников первоначаль- ной системы знаний о природе: Учеб. пособ. к спецкурсу. / И.М. Бурова. - М.: Прометей, 1996. - 123 с.
7. Колягин Ю.М, Оганесян В.А. Учись решать задачи. - М.: 1980. – 96 с.
8. Осимов Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои мате- матикӣ. // У.Қ. Осимов, Л.М. Фридман.-Душанбе: 1987.- 207 с.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019.
10. Пойа Д. Как решать задачи. / Д. Пойа. - М.: 1961. – 207 с.

11. Покулова В.М, Кузнецова В.И. Методика преподавания при- родоведения: учеб. для студентов пед. институтов по спец. 1221 «Педа- гогика и методика нач. обучения». // М.В. Покулова. - М.: Просвещение, 1990. - 192 с.
12. Фридман Л.М, ОсимовҚ.У. Масъалаҳои арифметикӣ ва тарзи ҳалли он. // М.Л. Фридман. – Душанбе: 1969. - 185 с.
13. Фридман Л.М. Как научиться решать задачу. / М.Л. Фридман. - М.: 1984. – 240 с.
14. Хинчин А.Я. Педагогические статьи. / А.Я. Хинчин. - М.: 1978. – 204 с.

## РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ТАБИИДОШТА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Дар мақолаи мазкур асоснок кардани роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ коркард карда шуда, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.*

*Гуфтан бамаврид аст, ки мо роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои мазмуни табиӣ доштаро ба хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ҳангоми таълими математика муайян карда, роҳҳои амалисозии ин имкониятҳоро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ нишон додан ба маврид аст. Дар асоси ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта ҳангоми таълими математика хусусияти фикрронии хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишоф меёбад.*

*Нишон дод, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар ташаккули донишҳои табиӣ истифодаи чунин шакл ва методҳои таълим, фаъолнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои дарки ҳиссиёт ва мушаххасгардонӣ барои ташкили маводҳои таълими математика аз ҷиҳати дониш ёрӣ мерасонад.*

*Мо меҳоҳем муайян кунем, ки яке аз роҳҳои ташаккул додани дониш, малака ва маҳорати хонандагони хурдсол – ин ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар раванди дарси математика ҳосил- гардида, бедоршавии шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанҳои табиӣ пайдо мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *дониш, малака, маҳорат, таҳлил, раванди таълим, фанҳои табиӣ, робитаи байни фанҳои таълимӣ, масъала, масъалаҳои мазмуни табиидошта, ҳалли масъалаҳо, таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаи таҳсилоти таълимӣ.*

## ПУТИ РЕШЕНИЯ ЗАДАЧ С ЕСТЕСТВЕННЫМ СОДЕРЖАНИЕМ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

*В данной статье обрабатывается, изучается и анализируется обоснование способов и методов решения задач с естественным содержанием у учащихся начальных классов на уроках.*

*Стоит сказать, что мы определили пути и методы решения задач с естественным содержанием у учащихся начальных классов общеобразовательных учреждений, лицеев, гимназий при обучении математике, и показать способы реализации этих возможностей для учащихся начальных классов путем организации и проведения уроков. На основе решения задач с естественным содержанием при обучении математике формируется характер мышления младших школьников.*

*Показал, что при решении задач с естественным содержанием в формировании естественнонаучных знаний, использование таких форм и методов обучения, деятельности учащихся начальных классов способствует пониманию чувств и уточнению для организации учебного материала по математике. с точки зрения познания.*

*Нам хотелось бы определить, что одним из способов развития знаний, умений и навыков младших школьников является решение ими задач с естественным содержанием в процессе уроков математики, пробуждение у них интереса к изучению естественных наук.*

***Ключевые слова****: знание, умение, навыки, анализ, учебный процесс, естественные предметы, связь между учебными предметами, задача, задачи с естественным содержанием, решение задач, обучение математике в начальных классах, учащиеся начальных классов, учителя начальных классов, образовательное учреждение.*

**WAYS OF SOLVING PROBLEMS WITH NATURAL CONTENT IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS IN PRIMARY SCHOOL**

*This article processes, studies and analyzes the substantiation of methods and methods for solving problems with natural content for primary school students in the classroom.*

*It is worth saying that we have identified the ways and methods for solving problems with natural content for primary school students of general educational institutions, lyceums, gymnasiums in teaching mathematics, and to show ways to implement these opportunities for primary school students by organizing and conducting lessons. On the basis of solving problems with a natural content in teaching mathematics, the nature of thinking of younger students is formed.*

*Showed that when solving problems with a natural content in the formation of natural science knowledge, the use of such forms and methods of teaching, the activities of primary school students contributes to the understanding of feelings and clarification for the organization of educational material in mathematics. in terms of knowledge.*

*We would like to determine that one of the ways to develop the knowledge, skills and abilities of younger students is to solve problems with a natural content in the process of mathematics lessons, to awaken their interest in the study of natural sciences.*

***Key words**: knowledge, skill, skills, analysis, educational process, natural subjects, connection between academic subjects, task, tasks with natural content, problem solving, teaching mathematics in primary grades, primary school students, primary school teachers, educational institution.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович**-унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагоги- каи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: (+992) 934086664,* ***E-mail: jamshedrahimov6664@gmail. com***

***Сведения об авторе:***

***Рахимов Джамшед Худжамуродович**-соискатель кафедры методики начального образования факультета педагогики Государственного педагогического университета Таджикистана имени Садриддина Айни. Тел: (+992) 934086664, E-mail: jamshedrahimov6664@gmail. com*

***About the author:***

***Rakhimov Jamshed Khujamurodovich**-Competitor of the Department of Methods of Primary Education of the Faculty of Pedagogy of the State Pedagogical University of Tajikistan named after Sadriddin Aini. Tel: (+992) 934086664, E-mail: jamshedrahimov6664 @gmail. com*

## ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ МИСОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХӢ

***Бобоқулов М. А.***

*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав*

Дар мақолаи мазкур омӯзиши математика тавассути мисолу масъалаҳои таърихӣ барои хонандагони синфҳои IV-VI мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ғайр аз хонандагон, инчунин барои омӯзгорони фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамаи ҳаводорони “маликаи фанҳо” – математика муфид хоҳад буд. Мақола дар ҳамгироии фанҳои математика ва таърих навишта шуда, пеш аз ҳама барои мутахассисони таърихи илм нигаронида шудааст.

Омӯзгор дар ибтидои дарс дар бораи ташаккул ва инкишофи математика каме маълумоти таърихӣ дода қайд мекунад, ки қадимтарин фаъолияти математикӣ ҳисобкунӣ буд. Масалан, аввалин унсурҳои математикӣ, ки мо имрӯз онро “арифметика” меномем, барои ҳисоб кардани савдо ва чорво зарур буд. Агарчанде вожаи “арифметика” аз калимаи юнонии қадим “ἀριθμητική” (“арисмэтикэ”) пайдо шудааст ва як бахши математика буда, мафҳуми адад ва хосиятҳои ададҳоро меомӯзад, ҳанӯз қабл аз Юнони Қадим дар кишварҳои Шарқи Қадим маълум буд. Дар арифметика ченакҳо, амалҳои ҳисоббарорӣ ва усулҳои ҳисоббарорӣ баррасӣ мешаванд. Арифметикаро ниёгони мо “шуморнома” меномиданд, ки воқеан бо шумори ашё тавассути ададҳо маъно дорад.

Баъд маълумот дар бораи геометрия (ҳандаса) ва алгебра ва таърихи пайдоишу ташаккули он меравад.

Аввалин дастовардҳои геометрия бо чунин мафҳумҳои оддӣ, ба монанди хати рост ва доира алоқаманданд. Инкишофи минбаъдаи математика тадриҷан вобаста ба сохтмони каналҳо, анборҳои ғалла ва дигар корҳои ҷамъиятӣ проблемахои сершумори арифметикӣ ва геометрӣ ба миён омаданд. Яке аз вазифаи хеле муҳими математика ҳисоб кардани тақвим буд, зеро тақвим барои муайян кардани вақти корҳои кишоварзӣ ва идҳои динӣ истифода мешуд. Тақсими доира ба 360 дараҷа ва ғайра ҳанӯз аз математика ва астрономияи Бобулистон сарчашма мегирад.

Ҳамагон андеша доранд, ки фанни математика яке аз фанҳои ҷолиб ва шавқманд буда, ба ҳамаи фанҳои табиатшиносиву ҷамъиятшиносӣ татбиқ карда мешавад. Воқеан дуруст аст, аммо набояд фаромӯш кард, ки дигар фанҳо низ барои ташаккулу пешрафти математика нақши муҳим доранд. Яке аз ҳамин гуна донишҳои ҳамгиро "таърихи математика" ба шумор меравад, ки нафақат барои саргармии математикӣ, балки барои васеътару комилтар ва амиқтар омӯхтани донишҳои математикӣ низ хизмат мекунад.

Масалан, теоремаи бузурги Ферма, ки дар таърихи илм баъзан бо номи теоремаи охирини Ферма низ ёд мешавад, яке аз маъмултарин теоремаҳои математикӣ ба шумор меравад ва шарти он ба таври оддӣ, дар сатҳи математикаи мактабӣ мураттаб шудааст, аммо бисёре аз риёзидонҳо дар тӯли беш аз сесад сол дар ҷустуҷӯи исботи ин теорема умри худро сипарӣ кардаанд.

Тибқи талаботи теорема барои ҳар як адади натуралии калон аз 2 ($n > 2$) муодилаи $a^n + b^n = c^n$ барои ададҳои ғайринулии $a, b, c$ ҳал надорад.

Бояд гуфт, ки дар таърихи математика аввалин маротиба чунин теоремаро математик ва астрономи маъруфи тоҷик Абумаҳмуд Ҳомид ибни Хизри Хуҷандӣ (930-999) бидуни формула, ки он замон ихтироъи формулаҳои математикӣ вуҷуд надошт, баён карда буд. Баъд аз ӯ то асри XVIII математикҳои бисёре кӯшиши исботи ин муаммои, гуфтан мумкин аст, таърихиро кардаанд. Масалан, ҳолатҳои хусусиро барои $n = 3$ соли 1770 математики швейтсариягӣ Леонард Эйлер (1707-1783), барои $n = 5$ соли 1825 математики олмонӣ Петер Густав Лежён Дирихле (1805-1859) ва математики фаронсавӣ Андриен Мари Лежандр (1852-1833), барои $n = 7$ математики фаронсавӣ Габриел Ламе (1795-1870) ва риёзидони дигари олмонӣ Эрнст Эдуард Куммер (1810-1893) барои ҳамаи ададҳои соддаи хурд аз 100 ба ғайр аз ададҳои 37, 59, 67 исбот кардаанд.

Худи ҳамин мавзӯъ аҳамияти маводи таърихиро барои пешравии математика исбот мекунад. Дар ҳамин росто ёдоварии сухани яке аз математикҳои маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ Готфрид Лейбнитс (1646-1716) хеле ба маврид аст: «Касе, ки мехоҳад бидуни донишҳои гузашта бо донишҳои муосир маҳдуд шавад, ҳеҷ гоҳ ба дарки он намерасад». [5, с. 8]. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи математика ба насли ҷавони кишвар имкон медиҳад, ки ба мазмуну мундариҷаи ин дониши ҷолиб, ба истилоҳ, "маликаи донишҳо" пурратар сарфаҳм бираванд.

Чӣ тавре ёд кардем, мақола барои синфҳои IV-VI муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус нигаронида шуда, барои комилтар кардани дониши математикии онҳо нақши муҳим дорад.

Масалан, омӯзгор ҳангоми таълими ададҳои бисёррақама ба хонандагони сирфҳои поёнӣ бо истифодаи маводи таърихӣ-кишваршиносии математикӣ мисоли зайлро метавонад матраҳ намояд:

Агар, фаразан, масофаи байни Бохтар ва Леваканд 15 км ва масофаи байни Леваканд ва Данғара 60 км бошад, он гоҳ масофаи байни Бохтар-Данғара тавассути Леваканд чанд сантиметр аст?

Дар ҳалли мисоли муайян хонандагон ҳам роҷеъ ба маҳалҳои Бохтару Леваканду Данғара маълумот мегиранду ҳам доир ба масштаб ва аз як система ба дигар система гузаштан дониш азхуд мекунанд. Омӯзгори фанни математика метавонад ба хонандагон ба ҳамин монанд чанд вазифаи хонагӣ супорад, ки онҳо масофаи байни маҳалли зисташонро то маркази шаҳр бо километр, метр, детсиметр ва сантиметр муайян карданро биомӯзанд.

Мисоли дигар. Дар хонаи Аҳмад 8 гусфанд ва якчанд мурғ мавҷуд аст, ки шумораи пойҳои онҳо ба 52 баробар буда, шумораи сарҳояшон ба 18 баробар аст. Дар хонаи Аҳмад чанд мурғ мавҷуд аст? Барои ҳалли ин мисол, хонандаи закӣ ба ҳисоб мегирад, ки гусфанд чаҳор ва мурғ 2 пой доранд ва 8 гусфанд (8х4) 32 пой доранд. Миқдори умумии пойҳо 52 бошад, 52-32=20 мебошад, ки ин адар миқдор пойҳои мурғҳоро нишон медиҳад. Азбаски мурғ 2 пой дорад, шумораи мурғҳо 10 адад будааст.

Ин мисол барои инкишофи завқи ҳисобкунии ва такмили мантиқи математикии хонандагон кӯмак мерасонад.

Маълум аст, ки сатҳи мисолҳо барои азхудкунии дониши математикии хонандагон мантиқан мураккабтар мешавад. Мисоли дигари математикӣ, ки ҳангоми омӯзиши мавзӯи муодилаҳои квадратӣ ба таърихи кишвар ва масъалаи ватандӯстии хонандагон вобаста мебошад, чунин аст:

Рақами рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рақами моҳи қабули он 5 воҳид камтар буда, ҳосили зарби онҳо ба 66 баробар аст. Агар соли қабули Конститутсия аз рӯзи қабули он $332\frac{1}{3}$ зиёд бошад, пас Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон кадом рӯзу моҳу сол қабул шудааст? Ҳал:

$x$ - рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$x + 5$ – рақами моҳи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$332\frac{1}{3}x$ – соли қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Мувофиқи шарти масъала:

$x(x + 5) = 66$

$x^2 + 5x - 66 = 0$

Баъд аз ҳал кардани муодилаи квадратии зерин ҳосил мекунем, ки решаи мусбии он адади 6 мебошад. Яъне

$x = 6$ – рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

$x + 5 = 6 + 5 = 11$ – рақами моҳи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ва ниҳоят

$332\frac{1}{3}x = 332\frac{1}{3} \cdot 6 = 1994$ – соли қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Пас аз ҳал кардани мисоли мазкур хонандагон дармеёбанд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми моҳи ноябри соли 1994 қабул шуда будааст.

Бад-ин минвол, нақши математика барои азхудкунии маводи таърихӣ, кишваршиносӣ ва ватандӯстии хонандагон дар мисолҳои муайян муҳокима гардид.

Ҳамин тариқ, омӯзгор метавонад бифаҳмонад, ки фанни математика дар дилхоҳ соҳаҳои илму фан татбиқ карда мешавад ва бад-ин васила натанҳо дониши математикии хонандагон афзун мегардад, балки ҷаҳонбинию худшиносии онҳо тавассути маводи таърихию кишваршиносӣ всеъ мегардад.

Ба сифати мисол як-ду масъалаи шавқовари математикиро, ки бар мабнои маводи таърихӣ-кишваршиносӣ асос ёфтааст, барои хонандагони синфҳои IV-V баррасӣ хоҳем кард.

Масъала. Дарозии дарёи Ому, ки бо номҳои Амударё ва Ҷайҳун маълум аст, 2 540 км мебошад. Дарёи Ому ва Сир, ки бо номи Сирдарё ва Сайҳун низ маълум аст, якҷоя 4 796 километрро ташкил медиҳанд. Дарозии дарёи Сир чанд км аст? Масъала ба ҷамъу тарҳ бахшида шуда, барои ёфтани фарқи зарурии ҳосили ҷамъ хонандагони ҷӯянда фавран аз суммаи дарозии дарёҳо (4 796), дарозии дарёи Ому (2 540)-ро тарҳ карда, дарозии дарёи Сирро пайдо мекунанд, ки 2 256 км мебошад.

Нақши омӯзгор дар он аст, ки ба хонандагон роҳҳои тартиб додани масъалаҳои математикиро тавассути рамзиёти математикӣ меомӯзонад. Масалан, омӯзгор мегӯяд, ки бигзор мо дарозии дарёи Омуро ба рамзи *x* ва дарози дарёи Сирро бо рамзи *y* ишора созем.

Он гоҳ, мисоли зерини математикиро ҳосил менамоем:

$$x = 2540$$
$$y = ?$$
$$x + y = 4796$$
$$y = 4796 - x$$
$$y = 4796 - 2540 = 2256$$
$$y = 2256 \text{ км}$$

Масъалаи дигар барои хонандагони синфҳои IV-V. Сайёҳони дӯстдори табиати кишвари Тоҷикистон баъд аз истироҳат дар яке аз истироҳатгоҳҳои ҷумҳурӣ – “Хоҷа Оби гарм”, дар деҳот ва атрофи он бо якҷоягии роҳҳои кӯҳӣ масофаеро пиёда сайр карданд, ки ба нисфи масофаи Душанбе - Варзоб баробар аст. Масофаи байни Душанбе – Варзоб бошад, 8 маротиба камтар аз масофаи Душанбе – Истаравшан аст. Агар масофаи Душанбе-Истаравшан 224 км бошад, сайёҳон чанд километр масофаро пиёда тай кардаанд. Дар навбати аввал хонандагони фаъол масофаи Душанбе – Истаравшан, ки бинобар шарти масъала 224 км аст, яъне адади 224-ро ба 8 тақсим карда, масофаи Душанбе – Варзобро пайдо мекунанд, ки 28 км мебошад. Баъд масофаи Душанбе – Варзоб (28 км)-ро ба ду тақсим карда, масофаи тай кардаи сайёҳонро пайдо мекунанд, ки 14 км мебошад.

Омӯзгор барои инкишоф додани маҳорати тартибдиҳии мисол ва баланд бардоштани завқи математикии хонандагон мисоли матраҳшудаи дорои унсурҳои таърихӣ-кишваршиносиро бо чанд роҳ

мебошад. Ва аз ин ҷо маълум мегардад, ки $\frac{x}{2} = \frac{28}{2} = 14$ км ҳосил мегардад, ки метавонад шарҳ медиҳад, ки чунин аст:

Бигзор масофаи тайкардаи сайёҳонро бо рамзи $x$ ишорат кунем. Он гоҳ масофаи Душанбе – Варзоб $2x$ ва масофаи Душанбе – Истаравшан $16x$ мебошад. Азбаски аз рӯи шарти масъала $16x = 224$ км ва $\frac{16x}{2x} = 8$ аст, он гоҳ $\frac{224 \text{ км}}{8} = 2x$ ва $2x = 28$ ва $x = 14$ км, яъне масофаи тайкардаи сайёҳон ба 14 км баробар будааст.

Роҳи дигари татибдиҳии масъала:

Масофаи тайкардаи сайёҳон $x$;

Масофаи Душанбе – Варзоб $2x$;

Масофаи Душанбе – Истаравшан 224 км;

Азбаски $\frac{224 \text{ км}}{2x} = 8$ мебошад, он гоҳ $2x = \frac{224}{8} = 28$ ва $x = 14$ км

Роҳи дигари тартибдиҳии масъала:

Бигзор масофаи Душанбе – Варзоб $x$ бошад, он гоҳ масофаи тайкардаи сайёҳон $\frac{x}{2}$ ва масофаи Душанбе – Истаравшан $8x$ мебошад.

Азбаски $8x = 224$ км аст, $x = \frac{224 \text{ км}}{8} = 28$ км масофаи тайкардаи сайёҳон мебошад.

Албатта, роҳҳои гуногуни ҳалли мисолу масъалаҳои таърихӣ-кишваршиносии математикӣ вуҷуд доранд, ки фаҳмонидани он ба хонандагон бидуни методикаи таълими математика аз ҷониби омӯзгор душвор аст.

Боз як мисолро барои хонандагони синфҳои V-VI аз таърихи математика, ки ҷанбаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ дорад, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Соли 980, дар замони таваллуди Шайхурраис Абӯалии Сино тоҷири сарватманде аз шаҳри Бухоро ба шаҳри Макка сафар кард. Дар он ҳангом ӯ 40 сол дошт. Баъд аз сафари тӯлонӣ ва адои маросими ҳаҷ баъди 5 сол ӯ ба хонааш баргашт. Як сол қабл аз сафараш ӯ соҳиби писаре гардида буд. Дар кадом сол худи тоҷир таваллуд шуда буд ва дар кадом сол писараш таваллуд шудааст ва кадом сол ӯ аз сафар ба хонааш баргашт?

Барои ҳалли масъалаи мазкур ду рақами калидӣ 980 ва 40 дода шудааст, ки танҳо ба воситаи ду амали арифметикӣ: ҷамъ (+) ва тарҳ (-) ҳал карда мешавад.

Ҷавоб:

980-40=940 (соли таваллуди тоҷир)

980-1=979 (соли таваллуди писараш)

980+5=985 (соли бозгашти тоҷир)

Барои маълумоти бештаре роҷеъ ба таърихи илм омӯзгор ба хонандагон метавонад таъкид кунад, ки соли 940 соли таваллуди яке аз бузургтарин риёзидони форс-тоҷик Абулвафо Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ибни Исмоил ибни Аббоси Бузҷонӣ (940-998) буда, соли 985 соли таваллуди бародари хурдии Шайхурраис Абӯалии Сино – Маҳмуд ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Сино мебошад. Чунин маълумоти таърихӣ шавқу завқи хонандагонро ба таърихи риёзиёт ва кишваршиносии риёзӣ зиёд мекунад.

Дар охир як масъалаи дигари таърихиро марбут ба математика муоина хоҳем кард, ки он дар таърихи математика бо номи “масъалаи Ибни Сино” собит шудааст.

Ин масъала “нишонаи тақсимшавии ададҳо ба адади нӯҳ (9)” дорад. Он ба монанди нишонаи тақсимшавӣ ба 3 аст. Яъне агар суммаи рақамҳои адади додашуда ба 9 бе бақия тақсим шавад, пас худи адад ҳам ба 9 бе бақия тақсим мешавад. Мисол. 144 ба 9 бе бақия тақсим мешавад, зеро 1+4+4=9 ва 9 ба 9 тақсим мешавад. Ё адади 9873 ба 9 бе бақия тақсим мешавад, зеро 9+8+7+3=27 ва 27:9=3, яъне 27 ба 9 бе бақия тақсим мешавад. Аммо 4597 ба 9 бе бақия тақсим намешавад, зеро 4+5+9+7=25 ва 25 ба 9 бе бақия тақсим намешавад.

Як нуктаи дигар қобили ёдоварист, ки Шарафулмулк Бӯалии Сино дар асари ҷовидонааш “Донишнома” [1; 2] дар бораи нишонаи тақсимшавии ададҳо фикрҳои ҷолиб баён карда, хусусан дар бораи нишонаи тақсимшави ададҳо ба 9 чанд масъала тартиб додааст, ки он дар таърихи риёзиёт бо номи “масъалаи Ибни Сино” маълум аст ва он чунин аст:

1. Агар адади ба 9 тақсимшаванда бақияаш 1 ва ё 8 бошад, он гоҳ квадрати (мураббаъи) он ҳангоми ба 9 тақсим гардиданаш, 1 бақия мегузорад.

2. Агар адади ба 9 тақсимшаванда бақияаш 2 ва ё 7 бошад, он гоҳ квадрати он ҳангоми ба 9 тақсим гардиданаш, 4 бақия мегузорад

3. Агар адади ба 9 тақсимшаванда бақияаш 1, 4 ва ё 7 бошад, он гоҳ куби (мукааби) он ҳангоми ба 9 тақсим гардиданаш, 1 бақия мегузорад

4. Агар адади ба 9 тақсимшаванда бақияаш 2, 5 ва ё 8 бошад, он гоҳ куби он ҳангоми ба 9 тақсим гардиданаш, 8 бақия мегузорад

5. Агар адади ба 9 тақсимшаванда бақияаш 3 ва ё 6 бошад, он гоҳ куби он ба 9 бе бақия тақсим мешавад [7, с. 34].

Омӯзгор метавонад аз ҳар як масъалаи Ибни Сино барои қонеъ гардидани эътиқоди хонандагон якчанд мисолҳо биоварад.

Масалан, адади 10 ҳангоми тақсим ба адади 9, 1 бақия мемонад. Он гоҳ $10^2 = 100$ ва $100/9 = 11(1)$.

Мисоли дигар, $17/9 = 1(8)$. Он гоҳ, $17^2 = 289$ ва $289/9 = 32(1)$
Мисоли дигар, $20/9 = 2(2)$. Он гоҳ, $20^2 = 400$ ва $400/9 = 44(4)$
Мисоли дигар, $25/9 = 2(7)$. Он гоҳ, $25^2 = 625$ ва $625/9 = 69(4)$
Мисоли дигар, $10/9 = 1(1)$. Он гоҳ, $10^3 = 1000$ ва $1000/9 = 111(1)$
Мисоли дигар, $22/9 = 2(4)$. Он гоҳ, $22^3 = 10648$ ва $10648/9 = 1183(1)$
Мисоли дигар, $16/9 = 1(7)$. Он гоҳ, $16^3 = 4096$ ва $4096/9 = 455(1)$
Мисоли дигар, $11/9 = 1(2)$. Он гоҳ, $11^3 = 1331$ ва $1331/9 = 147(8)$
Мисоли дигар, $14/9 = 1(5)$. Он гоҳ $14^3 = 2744$ ва $2744/9 = 304(8)$
Мисоли дигар, $17/9 = 1(8)$. Он гоҳ, $17^3 = 4913$ ва $4913/9 = 545(8)$
Мисоли дигар, $12/9 = 1(3)$. Он гоҳ, $12^3 = 1728$ ва $1728/9 = 192$
Мисоли дигар, $15/9 = 1(6)$. Он гоҳ, $15^3 = 3375$ ва $3375/9 = 375$

Омӯзгор метавонад, шарҳ бидиҳад, ки барои осонии тақсим ва ба квадрату куб бардоштани ададҳо, амдан ададҳои хурд интихоб шудаанд, вагарна масъалаҳои Ибни Сино дар доираи дилхоҳ ададҳои изҳордоштаи ӯ иҷрошавандаанд. Овардани мисолҳо, дар навбати худ шавқу завқи хонандагонро афзун мегардонад ва тааҷҷубовар он аст, ки Шарафулмулк Абӯалии Сино чунин масъалаҳоро, ки дар таърихи математика ба номи худаш собит шудааст, бештар аз ҳазор сол аз рӯзгори мо мавриди баррасӣ қарор дода буд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки соҳаи таърихи математика соҳаи донишест, ки дар ҳамгироии математика, методикаи математика ва таърихи математика ва кишваршиносии математикӣ мавриди пажӯҳиши муҳаққиқон қарор мегирад.

Бо роҳҳои омӯзонидани тартибдиҳии мисолу масъалаҳо бар мабнои маводи таърихӣ омӯзгор шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши математика афзун мегардонад.

Омӯзиши маводи таърихӣ тавассути мисолу масъалаҳои математикӣ нафақат завқи математикӣ ва маҳорати тартибдиҳии хонандагоро ташаккул ва инкишоф медиҳад, балки ҷаҳонбинии умумии онҳоро васеъ мегардонад.

**АДАБИЁТ**


1. Абуали Ибни Сино. Донишнома. – Абӯалӣ ибни Сино./Абуали Ибни Сино Осори мунтахаб. Ҷ.1.- Душанбе: «Ирфон», 1980 – 480 с.
2. Ибн-Сина, Абу Али. Математические главы / Абуали Ибни Сино/«Книги знания» (Донишнома). – Душанбе: Ирфон, 1967. – 180 с.
3. Ахадова М.А. Физико-математические сочинения Ибн Сины на таджикском языке. / М.А.Ахадова Автореферат кандидатской диссертации. – Ташкент, 1965.
4. Брейдо И.С. Великий таджикский ученый Ибн Сина./ / И.С.Брейдо – Л., 1952. – 34 с.
5. Комилӣ Абдулҳай. Калиди риёзиёт (Мифтоҳу-р-риёзиёт)./А. Комилӣ–Душанбе: ЭР-граф, 2018.-76 с.
6. Комили Абдулхай. Абу Али ибн Сина - гений, перешагнувший века. // Абдулҳай Комилӣ – Душанбе: ПРОМЭКСПО, 2020. – 160 с.
7. Попов Г.Н. Сборник исторических задач по элементарной математике./Г.Н.Попов – М.-Л.: Государственное технико-теоретическое издательство, 1932. – 223 с.
8. Шодиев М.С. Нравственное воспитание в процессе изучения история математики в контексте идей средневековых персидско-таджикских ученых./М.С.Шодиев–М.: МБА, 2014.
9. Яглом И.М. Математика и реальный мир. / И.М. Яглом – М.: Знание, 1978. – 64 с.
10. دیعس یسیفن. یگدنز و راک و هشیدنا و راگزور روپ انیس , نارهت , ۱۳۳۳
11. لیئاخیم یروخ. مولعلا دنع برعلا , تورییب - نانبل , ناریزح (هیئوی) ۱۹۷۰


## ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ МИСОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХӢ


*Дар мақолаи мазкур омӯзиши математика тавассути мисолу масъалаҳои таърихӣ барои хонандагони синфҳои IV-VI мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ғайр аз хонандагон, инчунин барои омӯзгорони фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамаи ҳаводорони "маликаи фанҳо" – математика муфид хоҳад буд. Мақолаи дар ҳамгироии фанҳои математика ва таърих навишта шуда, пеш аз ҳама барои мутахассисони таърихи илм нигаронида шудааст.*



***Калидвожаҳо**: математика, таърих, масъала, омӯзгор, хонанда, Ибни Сино.*

## ИЗУЧЕНИЕ МАТЕМАТИКИ НА ИСТОРИЧЕСКИХ ПРИМЕРАХ И ЗАДАЧАХ

*В данной статье речь идет об изучении математики на примерах исторических задачах для учащихся IV-VI классов. Она будет полезна не только школьникам, но и учителям математики общеобразовательных учреждений, но и всем любителям математики – «царицей науки». Статья написана в русле интеграции математики и истории и рассчитана в первую очередь, специалистам историкам науки.*

***Ключевые слова**: математика, история, задача, учитель, ученик, Авиценна.*

## STUDYING MATHEMATICS ON HISTORICAL EXAMPLES AND TASKS

*In this article, we are talking about the idea of studying mathematics through examples and historical tasks for students in grades IV-VI. It will be useful not only for schoolchildren, but also for teachers of mathematics in general educational institutions, but also for all lovers of mathematics - the "queen of science". The article is written in line with the integration of mathematics and history and is intended primarily for specialists in the history of science.*

***Key words**: mathematics, history, task, teacher, student, Avicenna/*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Бобоқулов Маҳмуд Аҷикович** – унвонҷӯи Донишгоҳи давлтии Бохтар ба номи Носири Хусрав; Тел.:(+992) 907340757. E-mail: mahmudbobokulov7@gmail.com*

***Сведение об автора:***

***Бобокулов Махмуд Аджикович** – соискатель Бохтарский государственного университета им. Насира Хусрава Бахтара. Тел.: (+992) 907340757. E-mail: mahmudbobokulov7@gmail.com*

***About the author:***

***Bobokulov Makhmud Adzhikovich** - competitor of the State University. Nasir Khusrav Bakhtar. Tel: (+992) 907340757. E-mail: mahmudbobokulov7@gmail.com*

## МАСОИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ

***Норов Р.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Яке аз масъалаҳои муҳими аз ҷиҳати методӣ ҳалталаб истифодаи элементҳои таърихии математика, бахасус инкишофи геометрия, дар машғулиятҳои дарсӣ, лексионӣ ва амалии омӯзиши геометрия (элементарӣ, аналитикӣ ва проективӣ) дар макабҳои ҳамагонию донишгоҳҳои педагогӣ мебошад. Истифодаи унсурҳои таърихии инкишофи геометрия дар раванди таълими ин ёрирасони шавқу завқи хонанда (донишҷӯ) ба фан ва донишҳои иловагӣ ба онҳо мебошад.

Барои ин пеш аз ҳама дар ҳар дарс (дар ҳаҷми 5-10 дақиқа), моҳе як маротиба (шабнишинии математикӣ) ва соле як маротиба гузаронидани маҳфили математикӣ (саволу ҷавоби байни дставӣ) гузаронидан аз манфиат холи нест. Ин чорабиниҳо ба дониши хонанда (донишҷӯ) донишҳои иловаги зам намуда, ба қобилияту завқи илмомӯзии онҳо роҳнамо мегардад.

Геометрия, монанди илмҳои дигар, аз талаботҳои амалии одамон ба вуҷуд омадааст. Дар асоси тайёр кардани олоти меҳнат, сохтмони бошишгоҳҳо зарурияти муайян намудани шаклу андозаи ашё пайдо мешавад.

Таҷрибаи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ собит менамояд, ки ҳангоми дар хонандагон ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю тасвирҳои геометрӣ ба мундариҷаи дарс дохил намудани маводи таърихӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид истифода бурдани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки хонандагон доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи геометрияро бо техникаву истеҳсолот ва ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанни таълимӣ ташаккул ёбад.

Таърихи илмро донистан барои ҷавонон, баҳри онҳое, ки моҳият ва аҳамияти муваффақиятҳои ҳозиразамони илмӣ-техникиро донистан мехоҳанд, хеле муҳим аст. Бинобар ин, дар таълими геометрия фақат бо маълумоти таърихие, ки дар китоби дарсӣ мавҷуд аст, маҳдуд шудан лозим нест. Вақти берун аз дарсро моҳирона истифода карда, дар раванди таълим аз сарчашмаҳои гуногун маводи таърихиро дохил намудан мувофиқи матлаб аст. Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи геометрия шинос намудани хонандагон - ба онҳо

нишон додани динамикаи инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот, фаҳмонидани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳими тарҷумаи ҳоли олимони намоён мебошад [2].

Геометрия ва маълумот доир ба ҳандаса дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Дар таърихи илми ҷаҳонӣ таърихи геометрия ва методикаи таълими он дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва дар минтақаҳои муайяни географӣ ба қадри кофӣ омӯхта шудааст.

Мутафаккирони тоҷику форс бо осори гаронбаҳои худ на танҳо дар ганҷинаи илми ҷаҳонӣ нақши бузург доранд, балки барои коркарди методҳои таълиму тарбияи шогирдон низ саҳми босазо гузоштаанд [3].

Мутафаккирони тоҷику форс дар марҳилаҳои аввали эҷодиёти худ ба тарҷумаи осори донишмандони пешина, асосан олимони юнонию румӣ ва ҳиндию суриёни қадим иктифо карда, сипас ба таҳлили интиқодии осори эшон пардохта, дар асоси тарҷумаю омӯзиш ва таҳлилу шарҳу баррасии афкори геометрии онҳо дар рушду нумӯи донишҳои геометрӣ саҳми босазо гузоштаанд. Боиси зикр аст, ки онҳо дар баробари донишмандони маъруфи замони худ будан, инчунин ба ҷараёни таълиму тарбия ва коркарди методҳои омӯзиши маводи геометрии ҳамон давра маълумбуда, диққати махсус додаанд. Бад-ин васила ба нақши илм ва маърифати илмӣ дар ҷомеа аҳамияти хос додаанд.

Дар шароити муосири ҷараёни рушду ташаккулёбии муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷомеаи кишвар, арзишҳои таърихию фарҳангӣ, тибқи афкори пешқадами донишмандони оламшумули тоҷику форс ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи насли наврас аҳамияти хос дорад. Аз ин рӯ, низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бояд бо афкори илмию педагогии ниёгони маъруфамон тавъам ба роҳ монда шавад, зеро ақидаҳои мутафаккирони риёзидону табиатшиноси миллати мо, ки дар замони зиндагиашон ҳамчун ақидаҳои пешқадам оламшумул буда, барои пешрафти илму фарҳанги инсоният такони бузурге дода буданд.

То ба ҳол доир ба методикаи истифодаи осори илмию педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими геометрия, алалхусус зимни ҳамгирокунии маводи назариявию таърихӣ дар ҷумҳурӣ ягон тадқиқоти мукаммали илмӣ вуҷуд надорад. Боиси зикр аст, ки дар таърихи тамаддун тадқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ доир ба таърихи математика (риёзиёт), табииёт, кимиё ва нуҷум (ситорашиносӣ) ба нашр расидаанд ва баъзе аз онҳо ба ақидаҳои ин донишмандон, ки оид ба геометрия пешниҳод гардидаанд, таваҷҷӯҳ намудаанд. Аз ҷумлаи мутахассисони таърихи илм, ки ба тадқиқи осори илмии мутафаккирони тоҷику форс пажӯҳишоте анҷом додаанд, ёдоварии ному насаби Х.Ф. Абдуллозода, М. Аҳадова, М. Нугмонов, А. Ахмедов, У.К. Шерматова, Х. Бобоев, К. Броккелман, Э. Видеман, Д. Кинг, А.Ш. Комилӣ, А. Кубесов, А. Қурбонӣ, Г.П. Матвиевская, И.Р. Мухаммадиев, М.М. Рожанская, Р.С. Сафаров, Г. Собиров, И. Хоҷиев, А.П. Юшкевич ва дигаронро зикр кардан бамаврид аст.

Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ баҳри инкишофи фарҳанги миллатҳо, барои шинос шудан бо мероси маданӣ ва илмии ҳар як халқу миллат шароити мусоид фароҳам оварда шуда буд.

Дар амал татбиқ намудани масоили ташаккул додани ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмӣ, ки назди муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ гузошта шудааст, бо такомули минбаъдаи раванди таълиму тарбия, ҷустуҷӯи восита ва имкониятҳои нав барои ғанӣ гардонидани мазмуну мундариҷа ва баланд бардоштани самаранокии он алоқаманд аст. Дар шароити муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ чунин воситаю имкониятҳо кам нестанд. Фақат зарур аст, ки онҳоро муайян сохтаву аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, дар раванди таълиму тарбияи хонандагон моҳирона истифода карда шаванд.

Бо таърихи рушди геометрия шинос намудани хонандагон, тавассути ҳамгирокунии маводи таълимиву таърихӣ барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ-материалистӣ ва тафаккури илмии насли навраси кишвар, тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстӣ кӯмак мерасонад.

Ватандӯстӣ ва башардӯстӣ ин муҳаббати бошууронаву мақсаднок ва таъсирбахш ба Ватани соҳибистиқлол мебошад, ки ба амиқ фаҳмидани ифтихори миллӣ асос ёфтааст. Ҷиҳатҳои фарққунандаи ифтихори миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ дар он аст, ки он аз маҳдудиятҳо озод буда, истисноии нажодӣ, миллатчигиву шовинизм, бадбинӣ ва беҳурматӣ нисбат бадигар халқу миллат бегона аст [3].

Ҳисси баланди ватандӯстӣ ва башардӯстӣ дар хонандагон, пеш аз ҳама зимни амалигардонии онҳо дар дарсҳо ва машғулиятҳои берунисинфӣ аз фанни таълимӣ тарбия карда мешавад. Ақидаҳои ватандӯстӣ, шуури ватанпарвариву башардӯстӣ дар хонандагон тавассути омӯхтани донишҳои амиқ ва ҳамаҷониба доир ба гузаштаи дурахшони он

ташаккул дода мешавад. Донистани гузаштаю имрӯзаи мамлакат ва халқу миллати худ ба он мусоидат менамояд, ки хонандагон бартариҳои соҳибистиқлолиро фаҳманд ва ба он дуруст баҳо дода тавонанд.

Омӯзгори фанни геометрия на бояд аз ин масъала дур бошад. Вай бояд таърихи математика, алалхусус таърихи рушди илми геометрияро донаду онро ба хонандагон фаҳмонида тавонад. Дар ин зимн, ӯ пеш аз ҳама бояд нақши мутафаккирони тоҷику форсро дар инкишофи на танҳо илми ватанӣ, балки илми ҷаҳонӣ низ нишон диҳад. Зимни истифодаи маводи аниқи таърихӣ дар таълими фанни геометрия муҳаббат ва эҳтироми хонандагонро нисбат ба эҷодкорони илм пайдо намуда, ташакул диҳад.

Мо ҳақ дорем бо мутафаккирони халқамон, осори илмии эшон, алалхусус бо олимони соҳаҳои риёзиёту табииёт ва кашшофони ҳодисоти табиӣ фахр кунем. Ин мутафаккирон дар шароити душвор на бахри шӯҳрати шахсӣ ва ё сарватмандӣ, балки ба манфиати халқи худ исроркорона меҳнат карданд, заҳмат кашиданд, чунки ба ояндаи дурахшони ватан боварӣ доштанд. Ин ҷо як қатор мутафаккирон, ба монанди: Абурайҳони Берунӣ, Насируддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Сӯфӣ, Абдураҳмони Хазанӣ, Умари Хайём, Абӯмаҳмуди Хӯҷандӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Муҳаммад Мӯсои Хоразмӣ, Суғонии Устурлобӣ ва дигаронро мисол овардан мумкин аст, ки дар шароити душвори он замон зиндагӣ кардаанд. Масалан, Умари Хайём дар рисолаи алгебравии худ доир ба мавқеи олимон сухан ронда, аз шароити бади зиндагӣ ва таъқиби донишмандан шикоят кардааст: «Мо шоҳиди ҳалок гардидани олимон будем. Аз онҳо шумораи ками хеле азиятдида мондаанд. Дар ин давра барои такомул додани илм тақдири сахт ба онҳо монеъ мешуд. Қисми зиёди онҳо, ки шакли зоҳирашон олимсимо буд, ҳақиқатро рупӯш намуда, дар илм сохтакорӣ мекарданд ва худро донишманд меҳисобиданд ва агар онҳо шахсеро дучор оянд, ки ҳақиқатро дӯст медораду онро ҷустуҷӯ дорад, мекӯштанд ва шахсе, ки дурӯғ ва риёкориро рад мекунад, онҳо вайро манбаи таҳқир ва масхараи худ мепиндоштанд» [5, с. 70].

Чунин ҳолат на танҳо барои замони Умари Хайём хос буд. Масалан, Насруддини Тӯсӣ дар асри XIII чунин навиштааст: «Ман аксарияти бобҳои китобамро дар шароити ниҳоят вазнин, ки аз он бадтар набояд шавад, дар ҳолати ошуфтагӣ навиштам. Ман китоби мазкурро дар чунин шароите навиштам, ки ҳар лаҳза он ғазаби фаришта оташи дӯзахро меафрӯхтанд ва аз болои он оби ҷӯшон мерехтанд. Дақиқае нест, ки ҳолати ошуфтагӣ ва ноором̄ӣ маро афзун накунанд. Ҳақиқатан шоир ҳақ буд, ки чунин гуфтааст: «Ман худро дар ҳалқаи бадбахтӣ мебинам. Ман сангам дар миёни ин ҳалқа». Ман чӣ кор ҳам мекардам, вақте ки дар тӯли тамоми ҳаётам ғайр аз ҳодисаҳои пушаймонӣ ва андӯҳи доимӣ вақти холиро надидаам» [4, с. 25]. Доир ба чунин ҳолати ҳаёту фаъолияти мутафаккирони гузаштаи халқамон, ки эҷодиёти онҳо дар шароити ниҳоят вазнин гузаштааст, мисолҳои зиёд овардан мумкин аст.

Айни замон омӯзишу таҳлилу баррасии таърихи илми ватанӣ нишон медиҳад, ки мутафаккирони ватандӯсти мо бо тафаккур, мардонагӣ, истодагарӣ, сабурӣ ва матонати худ ҳамаи душвориҳоро паси сар карда тавонистанд ва дар замони худ доир ба тадқиқу омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла геометрия мавқеи намоёнро ишғол намудаанд.

Омӯхтани осори илмии мутафаккирони тоҷику форс, саҳми арзандаи эшон дар рушду нумуи илми геометрия дар хонандагон ифтихори миллӣ ва ҳисси ватанпарастиро тарбия мекунад. М.И. Калинин дар [1] навишта буд: «Тарғиби ватандӯстӣ аз таърихи гузаштаи халқи худ ҷудо буда наметавонад. Он бояд барои корнамоии халқи худ комилан ифтихори ватандӯстӣ бошад. Охир ватандӯстӣ мероси бевоситаи эҷодкориҳои гузаштагон мебошад, ки инкишофи халқи моро пеш мебурд» [1, с. 63].

Ана, барои ҳамин ҳам муассисаҳои таълимӣ бояд ғояи ватандӯстии насли наврасро ташаккул дода, комёбиҳои азими мамлакати мо, халқи моро дар гузашта ва ҳозира нишон диҳад, хизматҳои мутафаккирони пешқадамро ошкор намояд. Ҳар як омӯзгори геометрия ва муҳаққиқе, ки доир ба ягон соҳаи фанни мазкур тадқиқот мебарад, бояд доир ба пайдоиш ва инкишофи ягон мафҳуми геометрӣ маълумоти мухтасари таърихӣ диҳад ва ҳамзамон нақши мутафаккирони гузаштаи халқамонро бояд нишон диҳад.

Маълумоти таърихии дар раванди таълими геометрия истифодашаванда бояд барои дар хонандагон ташаккул додани фаҳмиши диалектикии моҳияти масоили омӯхташаванда, бахри инкишоф додани ҷаҳонбинии илмӣ - материалистӣ мусоидат намояд [2, 3].

Дар таълими геометрия маводи таърихиро истифода намуда, мисолҳои дурахшони мероси фарҳангии халқи худ, комёбиҳои мутафаккирони алоҳидаи ин сарзаминро ба хонандагон нишон дода, ҳамеша робита ва мақоми онҳоро дар илми ҷаҳонӣ қайд кардан аз манфиат холӣ нест. Чунин ақидаро қайд кардан ниҳоят муҳим мебошад, ки мероси фарҳангӣ ва илмии ҳар як халқу миллат, аз ҷумла миллати тоҷик меросу хазинаи тамоми халқҳои

ҷаҳон, пеш аз ҳама халқҳои Осиёи марказӣ ба ҳисоб меравад. Тамоми халқи ҷаҳон аз ин мероси гаронмоя фаровон истифода мекунанд.

Ниҳоят, яке аз методҳои асосии истифодаи маводи таърихӣ зимни омӯзиши фанни геометрия дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин барқарор намудани робитаи байни фанҳои геометрия ва таърих мебошад. Моҳияти барқарор намудари робитаи байни фанҳои геометрия ва таърих аз он иборат аст, ки маводи таърихи геометрия ба раванди омӯзиши фанни мазкур на ҳамчун фанни мустақил, балки дар ҳамбастагӣ бо маводи барномавӣ дохил карда мешаваду ҳамзамон заминаҳои таърихии рушди геометрия, сабабҳои инкишоф ва таназзули илм дар ин ё он давраи таърихи халқамон нишон дода мешавад. Ба ҳамин васила диалектикии инкишофи геометрияро чун илм ошкор намудан, таърихи геометрияро бо вазъи имрӯзаи он дар кишварамон ва тамоми ҷаҳон алоқаманду муқоиса кардан аз манфиат холӣ нест.

Истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми омӯзиши фанни геометрия ба ташаккулёбии ҳисси ифтихори миллӣ, ҳисси ватандӯстиву башардӯстӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмию материалистии муҳассилини муассисаҳои таълимии кишварамон кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои ҷудогона аз ҳаёт ва фаъолияти илмии олимон ва мутафаккирони гузаштаи ватанамон мисолҳо оварда, хизматҳои шоёни онҳоро дар тараққиёти илми ҷаҳонӣ, ҷамъияти инсонӣ фаҳмонида, бо ҳамин васила дар шахсияти ҳар як хонанда ҳисси муҳаббат ба ватан, ба халқу миллати худро парваридан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Калинин М.И. О коммунистическом воспитании и обучении. / М.И. Калинин М.:-Л.: 1948-648-63с.
2. Собиров Г.С. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV-XVII)./Г.С. Собиров – Душанбе: Ирфон, 1972.
3. Собиров Г.С., Шерматова У.К. Асосёбии математика ва ҷиҳатҳои философии мафҳумҳои математикӣ. Дар маҷмӯаи «Вопросы истории и методики элементарной математики», вып. III, т. 56, / Г.С. Собиров – Душанбе: 1967.
4. Туси Муҳаммад Насирэддин. Сборник по арифметике с помощью доски и пыли. Перевод С.А. Ахмедова и Б.А. Розенфельда./Туси Муҳаммад Насирэддин/«Историко математические исследования», вып. XI, 1963, - 25 с.
5. Хайём О. Первый алгебраический трактат. Перевод С.А. Красновой и Б.А. Розенфельда. «Историко-математические исследования», вып. XV, - 70 с.


## МАСОИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ

*Яке аз масъалаҳои муҳими аз ҷиҳати методӣ ҳалталаб истифодаи элементҳои таърихии математика, бахасус инкишофи геометрия, дар машғулиятҳои дарсӣ, лексионӣ ва амалии омӯзиши геометрия (элементарӣ, аналитикӣ ва проективӣ) дар макабҳои ҳамагонию донишгоҳҳои педагогӣ мебошад. Истифодаи унсурҳои таърихии инкишофи геометрия дар раванди таълими ин ёрирасони шавқу завқи хонанда (донишҷӯ) ба фан ва донишҳои иловагӣ ба онҳо мебошад.*

*Барои ин пеш аз ҳама дар ҳар дарс (дар ҳаҷми 5-10 дақиқа), моҳе як маротиба (шабнишинии математикӣ) ва соле як маротиба гузаронидани маҳфили математикӣ (саволу ҷавоби байни даставӣ) гузаронидан аз манфиат холи нест. Ин чорабиниҳо ба дониши хонанда (донишҷӯ) донишҳои иловаги зам намуда, ба қобилияту завқи илмомӯзии онҳо роҳнамо мегардад.*

*Геометрия, монанди илмҳои дигар, аз талаботҳои амалии одамон ба вуҷуд омадааст. Дар асоси тайёр кардани олоти меҳнат, сохтмони бошишгоҳҳо зарурияти муайян намудани шаклу андозаи ашё пайдо мешавад.*

*Таҷрибаи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ собит менамояд, ки ҳангоми дар хонандагон ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю тасвирҳои геометрӣ ба мундариҷаи дарс дохил намудани маводи таърихӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид истифода бурдани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки хонандагон доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи геометрияро бо техникаву истеҳсолот ва ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанни таълимӣ ташаккул ёбад.*

*Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи геометрия шинос намудани хонандагон - ба онҳо нишон додани динамикаи инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот,*

*фаҳмонидани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳими тарҷумаи ҳоли олимони намоён мебошад.*

*Дар шароити муосири ҷараёни рушду ташаккулёбии муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷомеаи кишвар, арзишҳои таърихию фарҳангӣ, тибқи афкори пешқадами донишмандони оламшумули тоҷику форс ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи насли наврас аҳамияти хос дорад. Аз ин рӯ, низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бояд бо афкори илмию педагогии ниёгони маъруфамон тавъам ба роҳ монда шавад, зеро ақидаҳои мутафаккирони риёзидону табиатшиноси миллати мо, ки дар замони зиндагиашон ҳамчун ақидаҳои пешқадам оламшумул, барои пешрафти илму фарҳанги инсоният такони бузурге дода буданд.*

*Бо таърихи рушди геометрия шинос намудани хонандагон, тавассути ҳамгирокунии маводи таълимиву таърихӣ барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ-материалистӣ ва тафаккури илмии насли навраси кишвар, тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстӣ кӯмак мерасонад.*

***Калидвожаҳо:** китоби дарсӣ, маводи таърихӣ, таърихи геометрия, низоми таълиму тарбия, муассисаҳои таълимӣ, химия, нуҷум, шавқу ҳавас, мутафаккирони тоҷику форс, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, башардӯстӣ, осори илмӣ, ҷаҳонбинии илмӣ-материалистӣ, тафаккури илмӣ, муҳаққиқ, мероси фарҳангӣ, робитаи байни фанҳо.*

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСТОРИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ В ПРЕПОДАВАНИИ ГЕОМЕТРИИ

*Одним из важнейших методических вопросов является использование исторических элементов математики, особенно развития геометрии, при преподавании, чтении лекции и практических занятий геометрией (элементарной, аналитической и проективной) в колледжах и педагогических вузах. Использование исторических элементов развития геометрии в учебном процессе является подспорьем для интереса читателя(учащегося) к предмету и дополнительным знаниям к ним.*

*Для этого, прежде всего, целесообразно проводить математический кружок (вопрос-ответ между командами) раз в месяц (математическая вечеринка) и раз в год на каждом уроке (в объеме 5-10 минут). Эти занятия дополняют знания читателя (студента) и становятся ориентиром в его способности и вкусе к научному изучению.*

*Геометрия, как и другие науки, возникла из практических подробностей людей. На основании подготовки орудий труда, строительства лагерей возникает необходимость определения формы и размеров предметов.*

*Опыт преподавания геометрии в средних общеобразовательных учреждениях республики показывает, что включение исторического материала в содержание урока при формировании у учащихся научных понятий и представлений очень важно. При этом использование исторической информации, относящейся к учебным материалам, позволяет учащимся получить представление о методах научного исследования, понять связь геометрии с техникой, производством и жизнью общества, развить у них интерес к изучению предмета.*

*Основная цель ознакомления учащихся с материалами по истории геометрии - показать им динамику развития науки, ее связь с техникой и производством, объяснить роль науки в жизни общества, выявить особенности работы ученых, важные факты биографии выдающихся ученых для воспитания учащихся.*

*В современных условиях формирования и развития новых социально-экономических связей жизни страны, историко-культурных ценностей, на основе ведущих идеи таджикско-персидских мыслителей, особое значение приобретает налаживание процесса образования и воспитание подрастающего поколения. Поэтому систему воспитания и обучения в учебных заведениях республики необходимо дополнить научными и педагогическими идеями наших знаменитых предков, ибо идеи математиков и естествоиспытателей нашего народа, которые еще при жизни как ведущие идеи мира, дал большой толчок прогрессу науки и культуры человечества.*

*Знакомство учащихся с историей развития геометрии путем интеграции учебных и исторических материалов способствует формированию научно-материалистического ,мировоззрения и научного мышления подрастающего поколения страны, воспитанию чувства национальной гордости, патриотизма и гуманизма.*

***Ключевые слова:** учебник, исторический материал, история геометрии, система воспитания и обучения, учебные заведения, химия, астрономия, интерес, таджикско-персидские мыслители, патриотизм, национальная гордость, гуманизм, научные труды,*

*научно-материалистическое мировоззрение, научное мышление, исследователь, культурная наследия, междпредметные связи.*

## METHODOLOGICAL ISSUES OF USE HISTORICAL MATERIALS IN THE TEACHING OF GEOMETRY

*One of the most important methodological issues is the use of historical elements of mathematics, especially the development of geometry, in teaching, lecturing and practicing geometry (elementary, analytical and projective) in colleges and pedagogical universities. The use of historical elements of the development of geometry in the educational process is a help for the interest of the reader (student) in the subject and additional knowledge to them.*

*To do this, first of all, it is advisable to conduct a mathematical circle (question-answer between teams) once a month (math party) and once a year at each lesson (5-10 minutes). These classes complement the knowledge of the reader (student) and become a guide in his ability and taste for scientific study.*

*Geometry, like other sciences, arose from the practical details of people. Based on the preparation of labor tools, the construction of camps, it becomes necessary to determine the shape and size of objects.*

*The experience of teaching geometry in secondary educational institutions of the republic shows that the inclusion of historical material in the content of the lesson in the formation of scientific concepts and ideas in students is very important. At the same time, the use of historical information related to educational materials allows students to get an idea about the methods of scientific research, understand the relationship of geometry with technology, production and social life, and develop their interest in studying the subject.*

*The main goal of introducing students to materials on the history of geometry is to show them the dynamics of the development of science, its connection with technology and production, explain the role of science in society, identify the features of the work of scientists, important biographical facts of prominent scientists for the education of students.*

*In modern conditions of the formation and development of new socio-economic ties in the life of the country, historical and cultural values, on the basis of the leading ideas of the Tajik-Persian thinkers, the establishment of the process of education and the upbringing of the younger generation is of particular importance.*

*Therefore, the system of education and training in educational institutions of the republic must be supplemented with the scientific and pedagogical ideas of our famous ancestors, because the ideas of mathematicians and natural scientists of our people, who during their lifetime as the leading ideas of the world, gave a great impetus to the progress of science and culture of mankind.*

*The results of the study are used by teachers of pedagogical universities and teachers of secondary educational institutions in their practical activities and create a favorable basis for improving the level and quality of knowledge of students and pupils.*

***Keywords:*** *textbook, historical material, history of geometry, education and training system, educational institutions, chemistry, astronomy, interest, Tajik-Persian thinkers, patriotism, national pride, humanism, scientific works, scientific and materialistic worldview, scientific thinking, researcher, cultural heritage, intersubjective communications.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Норов Раҷабалӣ Саломович****-муаллими калони кафедраи методикаи Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Варзоб деҳаи Кулиҳавоӣ, Тел: (+992) 915251453*

***Сведения об авторе:***

***Норов Раджабали Саломович*** *- старший преподаватель кафедры методика преподования математика Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Адрес: Республика Таджикистан, Варзобский район, село Кулиховои, Тел: (+992) 915251453*

***About the author:***

***Norov Rajabali Salomovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Mathematics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address: Republic of Tajikistan, Varzob district, Kulikhovoi village, Phone: (+992) 915251453*

# МЕТОДИ ГОМОТЕТӢ ДАР СОЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ГЕОМЕТРӢ

***Гадоева И.С.***
*Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб*

Дар ҳаёт бисёр масъалаҳое вомехӯранд, ки тадбиқи калон доранд. Масалан нақшаи ягон бино ё шаҳрро дар рӯйи қоғаз мекашанд ва онро бо тарҳи якчанд маротиба калонтар месозанд. Ё сурати хурдро якчанд маротиба калонтар намуда ба он монанд сохтан мумкин мебошад. Масъалаҳое, ки оид ба созиш дар амалия тадбиқи зиёд доранд ба ингуна масъалаҳо меоранд. Ингуна масъалаҳоро масъалаҳои гомотетӣ оид ба созиш меноманд. Акнун якчанд мисолҳои одиро дида мебароем, ки ба масъалаи гомотетӣ оид ба созиш меоранд.

Ба хонандагон чунин супориш дода мешавад. Дар дафтаратон хатти рост кашед ва дар он нуқтаи ихтиёриро интихоб намоед. Аз нуқтаи интихобкардашуда дар ягон масофа нуқтаи дигарро гузоред ва порчаи ҳосилшударо ҳамчун коэффисиент ҳисоб намоед бо ҳарфи $к$=OA ишора мекунем. Дарозии порчаи интихобнамударо воҳиди коэффисиент интихоб мекунем. $k = OA = 1$.




Агар нуқтаи A боя ягон нуктаи дигар иваз кардани шавем, аз нуқтаи A масофаи $k = OA = 1$ гузошта нуқтаи дигарро ҳосил мекунем ва онро бо $A_1$ ишора мекунем.




Нуқтаи $A_1$ тасвири нуқтаи A ё ин ки нуқтаи $A_1$ гометети ба нуқтаи A мебошад.

Мақсади созишҳо бо методи гомотетӣ ин ҳосил намудани шакли ба шакли додашуда монанд мебошад.

Аз рӯйи ин мисоли оддӣ гомотетияро чунин таъриф додан мумкин аст:

**Таърифи 1**. *Нуқтаи O ва* $k \neq 0$ *адад дода шуда бошад.Аз нуқтаи O дигар нуқтаи A, ки ба он нуқтаи* $A_1$ *мувофиқ гузошташуда шартҳои зеринро қаноат мекунад, гомотетия номида мешавад.*

1.Нуқтаи $A_1$ дар хатти рости OA мехобад.

2. $OA_1 :: OA = k$ ё ин, ки $OA_1 = |k| OA;$

3.Агар $к$ мусбат бошад, нуқтаҳои A ва $A_1$ дар як тарафи нуқтаи O мехобанд ва агар к манфӣ бошад нуқтаҳои A ва $A_1$ дар тарафҳои гуногуни нуқтаи O мехобанд.

Нуқтаи O марказ ва адади $к$ - коэффисиенти гомотетия номида мешавад. Гомотетия чунин ишора карда мешавад.

$$\Gamma |A|_O^K = A_1$$

Бо методи гомотетӣ ҳал намудани масъалаҳо оид ба созиш нисбат ба методҳои дигар душвортар мебошад. Бо ин метод ҳал намудани масъала, аз тарафи якум аз шартҳои масъала ҷудо намудани намуди шакл ва бузургии он бошад, аз тарафи дуюм барои ёфтани намуди шакл ва бузургии он баъзе корҳо бурда мешавад, аз тарафи сеюм бо ин метод типҳои масъалаҳои ҳал шавандаро ҳал намудан, ҳал ва типҳои масъалаҳои дигари созишро донистан лозим мебошад.

Барои пурра мукамал азхуд намудани методи гомотетия мо бояд ба хонандагон кадом мафҳумҳои масъалаҳо оид ба созишро хотирасон кардан лозим мебошад. Аломати монандии секунҷаҳо, бисёркунҷаҳо, параллелограм ва монандии намудҳои хусусии он ва баъзе масъалаҳои созишҳо оид ба ин шаклҳо ҳал кардан лозим мешавад. Методи гомотетиро бо хонандагон шинос намудан ва ин методро бо таффакури онҳо ҷой намудан ба омӯзгор чунин тавсияҳо дода мешавад.

Аломати монандии секунҷаҳоро ба ёд оварда масъалаҳои зеринро ҳал намудан лозим меояд.

1. Секунҷаи нисбати ду тарафи тараф ва кунҷи байни онҳо дода шулааст, сохта навад.

2.Секунҷаи ду кунҷаш дода шудааст, сохта шавад.

3.Секунҷаи се тарафаш дода шудааст, сохта шавад.

4.Секунҷаи нисбати ду тараф ва кунҷи муқобили тарафи калон дода шудааст, сохта шавад.

Барои он,ки масъалаҳои 1,2,3,4 ва моҳияти онҳо фаҳмонда шавад, бояд масъалаҳои зеринро ки онҳоро дар мавзуҳои пешаки ҳал карда будем як бори дигар ба хонандагон шинос менамоем.

Масъала. Секунҷаи ду тараф ва кунҷи байни онҳо дода шудааст, сохта шавад.

Созиш:

Мувофиқи шарти масъала, бигузор секунҷаи ABC, ки $CB=a$, $CA=в$ ва $\angle C=\alpha$ дода шудааст.

Ба кунҷи $\angle C=\alpha$ баробар кунҷ месозем ва дар як тарафи он порчаи $CB=a$, ва $CA=в$ – ро мегузорем. Нуқтаҳои A ва B – ро бо хаткашак пайваст мекунем. Секунҷаи ABC ҳосил мешавад.



**расми 1**

Масъалаи 2. Секунҷаи як тараф ва ду кунҷи ба он часпида дода шудааст сохта шавад.

Ҳалли ин масъала ҳам маълум мебошад ва онро бе таҳлил ҳал менамоем.

Созиш.

Дар хатти рости ихтиёрии MN нуқтаи B қайд намуда, порчаи $BC=a$ мегузорем. Дар ду нуги ин порча кунҷҳои $\angle NBP=\alpha$ ва $\angle MCQ=\gamma$ ро мегузорем ва хатҳои рости $BP$ ва $CQ$дар ягон нуқтаи A якдигарро мебуранд ва секунҷаи ABC лозимӣ ҳосил мешавад. (расми 3.)

Аломати монандии секунҷаҳо на ин, ки ин чор аломати монандиҳо мебошад, балки дигар аломатҳои монандии секунҷаҳо мавҷуд мебошанд, ки ҳамаи онҳоро ба хонандагон хотирнишон намудан лозим мебошад. Ду секунҷаҳои $ABC$ ва $A'B'C'$ монанд мебошанд, агар шартҳои зерин иҷро шаванд.

1. $a:b:m_c=a':b':m'_{c'}$ 5. $a:h_c=a':h_{c'}$ ва $\angle A=\angle A'$.
2. $c:m_a:m_b=c':m'_{a'}:m'_{b'}$ 6. $c:h_c=c':h_{c'}$ ва $\angle A=\angle A'$
3. $m_a:m_b:m_c=m'_{a'}:m'_{b'}:m'_{c'}$ 7. $m_a:m_b=m'_{a'}:m'_{b'}$ ва $\angle(m_a,m_b)=\angle(m'_{a'},m'_{b'})$
4. $h_a:m_a:m_b=h'_{a'}:m'_{a'}:m'_{b'}$ 8. $a:m_a=a':m_{a'}$ ва $\angle A=\angle A'$.

Баъди иҷро намудани ин корҳои дар боло нишондодашуда хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст.

1.Ҳар як шакли геометрӣ аз рӯйи бузургӣ ва шакл муайян карда мешавад.

2.Шакли ҳар гуна бисёркунҷаи содда аз рӯйи бузургиҳои кунҷӣ ва муносибати байни элементҳои хаттии он муайян карда шуда, бузургии шакл бошад аз рӯйи элементҳои хаттӣ ва масоҳати он муайян карда мешаванд.

**Моҳияти методи гомотетия.**

Ҳалли масъала доир ба созиш, ки бо табдилдиҳии гомотетӣ ҳал карда мешавад, методи гомотетӣ ном дорад. Моҳияти ин метод аз он иборат аст, ки аввал дар масъала намуди шакли геометрӣ ва баъд бузургии он муайян карда шуда, аз шакли дода шуда шакли ба он гомотетӣ бо ёрии табдилдиҳии гомотетӣ ҳосил карда мешавад. Агар дар масъала ягон шарти он афтида бошад ва бо шартҳои боқимонда масъала ҳал карда шавад, масъаларо ҳал мекунем. Дар бисёр ҳолатҳо шарти афтида ин ягон элементи хаттии шакл мебошад. Масъалае, ки бо методи гомотетӣ ҳал карда мешаванд ду кори асосие, ки дар боло байён намудем бо тарзи зерин иҷро карда мешавад.

1.Аз шартҳои дар масъала додашуда чунин шарт ҷудо карда гирифта мешавад, ки шартҳои боқимонда намуди шакл ва шарти ҷудокардашуда бузургии онро муайян кунад.

Шартҳои намуди шакли муайянкунанда ин бисёр вақт муайян намудани кунҷҳои шакл ва баъзан нисбати элементҳои хаттии он, ё ин ки номи шакл масалан (квадрат,

секунҷаи баробартараф ва ғайраҳо) шуданаш мумкин мебошад. Барои муайян намудани бузургии шакл аз рӯйи бузургиҳо элементи хаттии он, ё аз рӯйи масоҳат ва дигар бузургиҳои элементҳои он муайян карда мешаванд. Шартҳои масъала ана ҳамин хел бо ду гуруҳ ҷудо карда мешаванд. Якум муайян намудани намуди шакли лозима ва дуюм бузургии шакл. Аз инҷо масъалаи додашуда бо ду масъалаи ёрирасон ҷудо карда мешавад. Инро таҳлили масъала меноманд.

2.Баъди таҳлил намудани масъала, масъалаи ёрирасони он ҳал карда мешавад, яъне шакли ба шакли масъала лозима монанд ва бузургии ба бузургии шакл монанд тахминан интихоб карда мешавад.

3.Дар таҳлил масъалаи дуюми содда ҳал карда мешавад, яъне ба шакли интихоб карда шуда монанд ва шарти масъаларо қаноаткунанда ёфта мешавад. Ин кор бо тартиби зерин иҷро карда мешавад:

А.Барои муайян кардани бузургии шакли лозима аз рӯйи элементи хаттии шакл ва элементи бо он монанд нисбати он ҳамчун коэффисиенти монандӣ қабул карда мешавад. Агар барои муайян кардани бузургии шакли лозима дигар шартҳо дода шуда бошад, аз ин шартҳо ва аз монандии шакли лозима истифода бурда ягон элементи шакл ёфта шуда ва баъд элементи ба он мувофиқ аз рӯйи шакли ёрирасон коэффисиенти монандӣ муайян карда мешавад.

Б.Ягон нуқтаи мувофиқ ба сифати маркази монандӣ қабул карда шуда, аз коэффисиенти монандии ёфташуда истифода бурда нисбат ба маркази интихобкардашуда иваз карда мешавад. Дараҷаи қулайтари табдилдиҳии гомотетӣ ин вобаста ба интихоби маркази гомотетия мебошад. Бо методи табдилдиҳии гомотетӣ ҳал намудани масъалаҳо аз 5-тип иборат мебошад.

1.Ба масъалаҳои типи якум масъалаҳое дохил мешаванд, ки аломатҳои монандии шакл ва яке аз лементҳои хаттӣ дода мешаванд.

2.Ба масъалаҳои типи дуюм масъалаҳое дохил мешаванд, ки яке аз элементҳои монандӣ, бузургӣ ва якҷанд элементҳои хаттии он мебошанд.

3.Масалаҳое, ки шаклҳои дохил ва берункашидашуда бо методи гомотетӣ ҳал карда мешаванд.

4.Масъалаҳое, ки буришҳои баъзе элементҳоро ёфта мешавад.

5.Масъалаҳои типи панҷум ин масъалаҳое мебошанд, ки ба се талаботи кашидани давраҳо бо се расанда ва ғайраҳо дода ҷавобгуй мебошанд.

Акнун масъалаи бо типҳои додашударо дида мебароем.

**Масъалаи 1**. Аз рӯйи кунҷҳои A, B ва биссектрисаи $b_c$ секунҷаро созед.

**Таҳлил**. Шартҳои додашуда кунҷҳои A ва B шакли секнҷаро ва биссектрисаи $b_c$ бузургии секунҷаи матлубро муайян мекунад. Ҳамин тариқ масъала ба ду масъалаи ёрирасон ҷудо мешавад:

1). Аз рӯйи кунҷхои A, B секунҷа сохта шавад.

2). Ба секунҷаи ABC монанд, аз қулаи C баромада ба порчаи биссектрисаи $b_c$ баробар сохтани порча.

**Созиш.** Кунҷҳои $A_1$ ва $B_1$ ба кунҷҳои A ва B баробари секунҷаи ёрирасони $A_1CB_1$ – ро месозем. (Расми 4.)




расми 4.

Масъалаи якуми ёрирасон дар ин масъала маълум нест. Бинобарин ин намуди сохтани секунҷа ихтиёрӣ секунҷаи бузургии ихтиёрӣ буда, ба секунҷаи ба мо лозима монанд мебошад. Аз инҷо мебарояд, ки ҳалли масъалаи якуми ёрирасон ин муайян

намудани шакли секунҷа мебошад. Барои ҳалли масъалаи дуюми ёрирасон секунҷаи $A_1CB_1$ бо ягон коэффисиенти монандӣ ба секунҷа иваз кардан лозим мешавад. Ин корро чунин иҷро кардан мумкин мебошад.

Табдилдиҳиинамудиякум.

Дар секунҷаи сохташудаи $A_1B_1C$ биссектрисаи $CD_1 = b_c$ гузаронида қулаи C – ро ҳамҷун маркази гомотетия қабул мекунем. Нисбати порчаҳои мувофиқро яъне $k = b_c : b'_c$ ба сифати коэффисиенти монандӣ қабул мекунем. Секунҷаи $A_1B_1C$ – ро бо маркази C ва коэффисиенти *к* табдил медиҳем. Инро чунин иҷро кардан мумкин аст: Дар болои биссектрисаи $CD_1 = b_c$ аз нуқтаи C саркарда биссектрисаи $b_c = CD$ - ро мегузорем. Гомотетияи марказаш дар нуқтаи C нуқтаи $D_1$ – ро ба нуқтаи D табдил медиҳем. Аз нуқтаи D ба тарафи $A_1B_1$ хатти параллел мегузаронем. Ин хатти рост давоми тарафҳои $CA_1$ ва $CB_1$ – и секунҷаи ёрирасонро дар нуқтаҳои A ва B мебурад, аз инҷо секунҷаи лозимаи ABC – ро ҳосил мекунем.

Табдилдиҳиинамудидуюм.

Акнун, дар секунҷаи ёрирасони $A_1B_1C_1$ нуги дуюми биссектрисаи $C_1D_1 = b'_c$ нуқтаи $D_1$ ҳамҷун маркази гомотетия қабул мекунем, секунҷаи ёрирасонро бо коэффисиенти *к* табдил медиҳем. Ин корро чунин иҷро мекунем. Дар болои биссектрисаи $D_1C_1$ аз нуқтаи $D_1$ саркарда порчаи ба биссектрисаи дода шуда баробари $D_1C$ – ро мегузорем. Марказаш дар нуқтаи $D_1$ ва нуқтаи $C_1$ ба нуқтаи $C$ ивазкунанда табдилдиҳии гомотетӣ ба мо лозим мешавад. Аз нуқтаи $C$ ба тарафҳои $C_1A_1$ ва $C_1B_1$ хатҳои параллелӣ мегузаронем, ин хатҳо тарафи давоми сеюми секунҷаи ёрирасон $A_1B_1$-ро мувофиқан дар нуқтаҳои $A$ ва $B$ мебуранд, дар натиҷа секунҷаи лозимаро ҳосил мекунем. (расми 5)




расми 6

Табдилдиҳиинамудисеюм.

Дар ин ҳолат яке аз қулаҳои аз қулаи $C_1$ фарққунандаро, масалан $B_1$ ҳамчун маркази гомотетия интихоб мекунем ва табдилдиҳии монандиро иҷро мекунем. Барои ин секунҷаи ёрирасони $A_1B_1C_1$ – ро гирифта дар давоми тарафи $A_1B_1$ нуқтаи ихтиёрии E – ро интихоб мекунем ва аз ин нуқта ба хатти $D_1C_1$ хатти рости параллелӣ $EF$ – ро яъне $EF \| D_1C_1$ мегузаронем, порчаи $CD_1$ биссектрисаи кунҷи $C_1$ мебошад. Минбаъд дар EF порчаи $EK = b_c$ ҷудо менамоем, хатти рости $KL \| A_1B_1$ мегузаронем. Хатти рости $KL$ бо давоми тарафи $B_1C_1$ бурида мешавад ва нуқтаи буришро бо ҳарфи C ишора мекунем ва аз нуқтаи C хатти рости параллелӣ $CM \| C_1A_1$ мегузаронем, хатти рости CM давоми тарафи $B_1A_1$ дар нуқтаи A мебурад, дар натиҷа секунҷаи матлуб ҳосил мешавад. (расми 6).

Табдилдиҳиинамудичорум.

Секунҷаи ёрирасони $A_1B_1C_1$ бо коэффисиенти $k = b_c : b'_{c'}$ бо секунҷаи дигар лозим боз чунин иҷро карда мешавад. Аз нуқтаи ихтиёрии C ҳамвори порчаҳои $CD \| C_1D_1$ мегузаронем. Баъд хатҳои $CC_1$,$DD_1$ мегузаронем ва нуқта буриши ин хатҳоро бо S ишора мекунем ($CD \neq C_1D_1$ фарз карда мешавад) маркази гомотетия ҳисоб карда мешавад. Аз нуқтаи D бо тарафи $A_1B_1$ хатти $MN$-ро параллел мегузаронем ва онро бо нурҳои $SA_1$ ва $SB_1$ мебурем. Ба нуқтаҳои $A_1$ ва $B_1$ нуқтаҳои мувофиқи A ва B – ро

меёбем. Нуқтаи C ро бо нуқтаҳои A ва B пайваст намуда секунҷаи ABC – ро ҳосил мекунем.




расми 7.

Табдилдиҳиинамудипанҷм.

Секунҷаи ёрирасони $A_1B_1C_1$ месозем ва бо коэффисиенти монандии *k* нуқтаи ихтиёрии S– и ҳамвориро марказ ҳисоб намуда, секунҷаи $A_1B_1C_1$ – ро ба секунҷаи ABC табдил медиҳем. Ин чунин иҷро карда мешавад. Аз нуқтаи S ва қулаи $A_1$ хатти рости $SA_1$ мегузаронем ва нуқтаи A – и ба нуқтаи $A_1$ мувофиқро месозем. Барои ин порчаи SA порчаҳои маълуми $b_c, b'_{c'}$ ва $SA_1$ ба сифати таносуби чоруми порчаи $SA=\frac{SA'\cdot b_C}{b'_C}$ ёфта, онро бо нури $SA_1$ аз нуқтаи S гузошта мешавад, баъд нурҳо бо параллел гузаронидан қулаҳои B ва A ёфта мешавад. Бо ин роҳ секунҷаи ABC сохта мешавад.




расми 5

**Исбот:** Бо панҷ роҳе, ки секунҷаи ABC ёфта шуд ба талаботҳои масъала ҷавобгуй мебошанд, барои он, ки ду кунҷҳои A ва B баробар буда, биссектрисае, ки аз кунҷи C ба порчаи $b_C$ баробар мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Александров И.И. Сборник геометрических задач по построение с решениями. Учпедгиз, 1950.
2. Аргунов Б.И. и Балк М.Б, Геометрические построение на плоскости, Учпедгиз, 1955.
3. Воронец А.М. Геометрия циркуля М.1934.
4. Смоорженский А.С. Линейка в геометрических построениях, Гостехздат, М, 1955.


## МЕТОДИ ГОМОТЕТӢ ДАР СОЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ГЕОМЕТРӢ


*Дар ҳаёт бисёр масъалаҳое вомехӯранд, ки тадбиқи калон доранд. Масалан нақшаи ягон бино ё шаҳрро дар рӯйи қоғаз мекашанд ва онро бо тарҳи якчанд маротиба калонтар месозанд. Ё сурати хурдро якчанд маротиба калонтар намуда ба он монанд сохтан мумкин мебошад. Масъалаҳое, ки оид ба созиш дар амалия тадбиқи зиёд доранд ба ингуна масъалаҳо меоранд. Ингуна масъалаҳоро масъалаҳои гомотетӣ оид ба созиш меноманд. Акнун якчанд мисолҳои одиро дида мебароем, ки ба масъалаи гомотетӣ оид ба созиш меоранд.*



***Калидвожаҳо.*** *аломати шабоҳати секунҷаҳо, тараф, усули гомотетикӣ, масъала, секунҷа, фигураи геометрӣ, усули гомотетия*


## ГОМОТЕТИЧЕСКИЙ МЕТОД В РЕШЕНИИ ГЕОМЕТРИЧЕСКИХ ЗАДАЧ

*В жизни есть много вопросов, которые имеют большое применение. Например, рисуют на бумаге план здания или города и увеличивают его в несколько раз. Или вы можете увеличить маленькую картинку в несколько раз и сделать ее похожей. Вопросы, которые имеют большое практическое применение в соглашении, приводят к таким проблемам. Такие проблемы называются гомотетическими проблемами согласия. Теперь давайте рассмотрим несколько простых примеров, которые приводят к гомотетической проблеме согласия.*

***Ключевые слово*** *признак подобия треугольников, сторона, гомотетический метод, задача, треугольник, геометрическая фигура, метод гомотетии*

## HOMOTHETIC METHOD IN SOLVING GEOMETRIC PROBLEMS

*There are many questions in life that are of great use. For example, they draw a plan of a building or a city on paper and enlarge it several times. Or you can enlarge a small picture several times and make it look similar. Issues that are of great practical use in an agreement lead to such problems. Such problems are called homothetic agreement problems. Now let's look at some simple examples that lead to the homothetic agreement problem.*

***Keywords.*** *sign of similarity of triangles, side, homothetic method, problem, triangle, geometric figure, homothety method.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Гадоева Илолби Саидовна*** *– омӯзгори калони кафедраи математикаи олии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Суроға 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб хиёбони И.Сомонӣ 27/1, маҳаллаи Борбад, Тел: (+992) 918685908*

***Сведения об авторе:***

***Гадоева Илолби Саидовна*** *– старший преподователь кафедры высшая математики Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, Адрес: 735140 Республики Таджикистан город Куляб проспект И. Сомони 27/1 микрорайон Борбад, Тел: (+992) 918685908*

***About the author:***

***Gadoeva Ilolbi Saidovna*** *– Senior Lecturer teacher of the Department of higher mathematics Kulob Institute of Technology and Innovation Management, Address: 735140 Republic of Tajikistan city Kulob avenue I. Somoni 27/1 Borbad microdistrict, Phone: (+992) 918685908*

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**2022. № 4 (14)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 80 усл. п.л.40
Подписано в печать 01.10.2022 г. Заказ №77
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.